143720
14378



гоздих
рвозэи
хова

ромн

# Ҷалол Икромӣ

ҶИЛДИ

2

АСАРҲОИ МУНТАХАБ ИБОРАТ АЗ ЧОР ҶИЛД

# Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро

(РОМАН)

НАШРИЁТИ
„ИРФОН"
Душанбе
1969

КАФЕДРА
общественно-политической
литературы

143780
Тоҷик 2
И 25

Материали романро инқилоби соли 1920-ӯми Бухоро ва воқеаҳои хафтаю моҳҳои аввалини баъд аз инқилоб ташкил мекунанд. Персонажҳои асосии роман мардҳо ва занҳо иштирокчиёни инқилоби соли 1920, фаъолони партиявӣ, советӣ ва ҷамъиятии Республикаи Советии навзоди Бухоро мебошанд.

Романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» дар эҷодиёти романнависи номии тоҷик Ҷалол Икромӣ ва дар такмили баъдинаи маҳорати вай қадаме ба пеш аст. Ин китоб бешубҳа писанди хонандагон хоҳад шуд.

7—3—22
11—68

## 1.

Яке аз рӯзҳои аввали тирамох, лаъли зарини офтоб ба канори ғарбии дастурхони нилгуни осмон расида, хароратащ хеле кам шуда буд. Аз поён, аз тарафи дарьёи Зарафшон шамоли фораме вазид. Ёбони васеъ, ки дарахтони қатори санҷид, зардолу ва тут онро ба қисматхо ҷудо мекарданд, нафаси фориғболонае кашидагӣ барин шуд. Рӯзи серкор ва пур аз ташвиш ба охир мерасид. Деҳқонҳо каланду бел дар даст, ҳайвоноти кориро пеш андохта, ба қишлоқ бармегаштанд. Онҳо монда шудагӣ, гурусна ва кӯфтаҳол буданд. Аксарият, ғӯё ҳамин соат, ҳамин ба охир расидани рӯзро мунтазир буданд, хар чӣ зудтар аз кор даст кашиданд, ба сӯи қишлоқ шитофтанд. Фақат якто-дутоҳо, дар он қатор Саидпаҳлавон бо писарчааш ҳанӯз ба кори деҳқонии худ машғул буданд. Онҳое ки ба қишлоқ бармегаштанд, аз пеши полизи Саидпаҳлавон гузашта истода, ӯро табрик мекарданд:

— Монда нашавед, Паҳлавон, полизатон обод!

— Саломат бошед, бародар! — мегуфт Паҳлавон ва аз ҷӯяке ба ҷӯяке мегузашт.

Вақто ки офтоб фурӯ рафту ба рӯи замин осори шаб намоён гашт, Паҳлавон аз кор даст кашиду ба канори замин, ба пеши тӯдаи харбузаҳои кандашуда баромад.

— Хайр, биё бас! — гуфт вай ба писараш, ки Мирак ном дошт.— Барои пагоҳ ба бозор бурдан ҳаминаш ҳам кифоя. Агар ҳаминро ҳам фурӯшӣ, кори калон мешавад.

— Насиб! — гуфт Мирак калонҳо барин. Дар чаш-

мони сиёхи бодомшакли вай оташи умеду орзу дармегирифт: — Пагох, насиб бошад, бозорамон омад мекунад.

Падар риши мошу биринчи кулўтаашро сила карда истода, ба чомаи садьямоки аз каламй дўхташудаи писараш нигарон сар чунбонид.

— Ким-дия, худо медонад! — гуфт вай. — Имсол дар хама чо харбуза нагз шудагй, ту барин ба бозори тез умед мекардагихо бисьёранд, писарам!

— Лекин, — гўфт Мирак худбоварона, — каллабўрию амирихои мо барин, хеч кас надорад! Баъд, ман сахари барвакт меравам, дада. Насиб бошад, аз хама аввал ба бозор даромада, хамаи харбузахоро пул карда, бармегардам.

Пахлавон нобоварона сар чунбонида монд. Лекин Мираки хушхол ноумед набуд:

— Ина як тамошо кунед, лекин харбуза хам харбуза-дия! Ба худо ки кўр хам бошад, як танга дода, лутоашро гирифта мебарад.

— Солу замонахо сахт шуда мондагй бачем, — гуфт Пахлавон, андешамандона. Дар симои окилонаи ў аломати хузн намоён гашт. — Одамхо кампулу кашшок шуда мондагй. Ин вактхо ту мегуфтагй калонхарчхо нестанд. Мардум хайрон ки рўзашонро чй тавр гузаронанд.

— Хайр, ба Бухоро барам чй?

— Э, Бухоро гуфта мегарди-мй?! Аввалаш ин ки халки Бухоро аз халки Когон нагзтар зиндагй надорад. Дар ин чо мардикорхои[1] заводхо ва рохи охан ба хар хол, каму беш даромаде доранд ва тинчтар зиндагй мекунанд, хар чй барй, гап нозада мехаранд. Сонй, амир бо Русия душман шудан боз, гирду пеши Бухоро нотинч шуда мондагй: мегўянд, ки аскархои поштои афгон ва шербачахои амир, ки дар тарафи кишлоки Карй ва Ширбадан истикомат доранд, ба рохгузарон рўз нишон намедиханд, хусусан ту барин бачахоро бинанд, мисли магас ба шира, часпида мегиранд. Бо онхо дастбагиребон шудан хам мушкил; хушта партоянд хам касе гап зада наметавонад. Ха-

---

[1] Максадаш: коргархо.

мин Ҳогони худамон амон-амонӣ, ба ҳамин ҷо бурда фурӯш.

— Хуб шудааст, дада, ба Қогон мебарам,— гуфт Мирак ва пас аз андаке фикр кардан пурсид:— Амир чӣ гуфта бо урус душман шуда бошад-а? Охир, урусҳо одамҳои ганда не-ку?!

— Э, писарам,— гуфт ба атроф чашм давонда истода, Саидпаҳлавон,— ту ҳанӯз ҷавонӣ, аз дунё хабар надорӣ, намедонӣ, ки урус чи мақсад дорад ва амир чӣ мехоҳад. Калон шавӣ мефаҳмӣ... Дуньёдорӣ, халқпарварӣ, доду-адл гуфтанӣ гапҳо ҳаст, ки дар замони мо тухми анқо шуда мондагӣ. Барои мо фуқаро, ҳукумати адолатпарвар, додрас ва ба инсоф лозим аст. Такка бошаду шир диҳад, мегуфтанд мардум!.. Ба ҳар ҳол амир кори нағз накард, муллоҳо ба вай ақл нашуданд... Илоҳи охири кор ба хайр шавад! Ана, ҳоло халқи Бухоро бе газвор, бе гӯгирд, бе равғани лампа, бе қанду шакар шуда монд. Ҳамаи ин чизҳои зарурирo аз Русия мегирифтем. Ана, акнун нест! Хайрият ки дар дӯконҳои Қогон ину он ёфт шуда меистаду мо мехарем, набошад дар мо ҳам ҳеҷ чиз набуд.

— Мо харбуза дорем, гандум дорем, ҷуворӣ дорем...— гуфт ба таври худаш падарашро тасалло дода, Мирак.

— Мо қарз ҳам дорем! — гуфта монд Паҳлавон.

— Агар ҷанг шавbooду ҳуррият шавад, қарзхоҳатон нест мешавад!

— Инро аз куҷо фаҳмидӣ?

— Бачаҳо мегӯянд...

Паҳлавон бо тааҷҷуб сар ҷунбонда монд.

— Да-да, хо дада! — гуфт, диққати паҳлавонро ба худ ҷалб карда, Мираки маҳмадонō,— Бачаҳо мегӯянд, ки ҷанг мешавад, рост бошад-мӣ?

— Худо медонад,— гуфт андешамандона Паҳлавон ва илова намуд: — Ҷанг шавад, хунрезӣ мешавад, ба гуноҳи як кас, сад кас кушта мешавад...

— Амир зӯр бошад, ё ки урус?

Ба ин суоли писараш Паҳлавон ҳанӯз ҷавоб надода, дар он қарибӣ овози сулфа кардани касе шунида шуду баъд худаш аз байни торикӣ чун сояи ҳавлангез омада баромад.

— Албатта урус зӯр-дия! — гуфт вай ба падару писар наздик шуда.

Паҳлавон, ки ба қавли худаш аз тарс як рӯз пештар зоида шуда буд, ин овозро шунида ва ин зодаи зулматро дида як дараҷа ваҳмида монд. Шахси омада аз оламони қишлоқ набуд ва ин хел касеро Паҳлавон дар он гирду атроф надида буд. Вай марде буд миёнақад, газгӯшт, дарозру ва кулӯтариш. Чашмони гирдаи калон-калони вай дар торикӣ гӯё оташ мепошиданд. Ба сар саллаи сафед муллоёна баста шудагӣ, ба тан ҷомаи нимдошт аз алочаи каждумакӣ багӣ, ба тан ҷомаи нимдошт аз алочаи каждумакӣ бари матое, аз зери он, гӯё, кулӯчаю шалвор дошт ва ба пояш кафшу масҳӣ буд. Қамчине, ки дар даст дошт, хабар аз савора буданаш медод, лекин аз ҳолати кӯфтаю хаста ва бемадорона по дароз карда, ба рӯбарӯи падару писар нишаста монданаш маълум буд, ки ин мард хеле пиёда роҳ гаштааст. Овозаш дағал ва нофорам, ҳаракатҳояш асабонӣ ва бебокона буд.

— Ассалому алайкӯм!— гуфт вай пас аз нишастан ба Паҳлавон даст дароз карда.— Мунтазири меҳмон набудед, албатта! Ана, худо меҳмонро расонид. Омин, хайру барака диҳад, оллоҳуакбар!

Паҳлавон бо нӯки даст вохӯрӣ карду омин гуфт. Мирак бошад, даҳанаш воз, ҳайрон нишаста монда буд.

— Ман ба сӯҳбати ширини сариполизии шумо халал расонидам?

— Сӯҳбати ширини деҳқони меҳнатӣ — ғами зиндагӣ мешавад, бародар! — гуфт Паҳлавон.— Бача бояд пагоҳ, саҳар ин харбузаҳоро бурда фурӯшад, аз тарси замона намедонад, ба куҷо барад... ана, бинобар он ҳамин суолҳои бемаънии бачагонаро дода, сари касро гаранг мекунад.

— Аз ман натарсед ҳам мешавад,— гуфт бо ҳамон бебокӣ, марди ношинос.— Ман вокеанавис несам, ман ба шумо ва сӯҳбати шумо коре надорам. Нотам, ман ба шумо ва сӯҳбати шумо коре надорам. Ҳохост, беихтиёр суоли писаратонро шунида монда, шӯхӣ кардам, маъзур.

Ва пас аз дақиқае хомӯшӣ илова намуд:

— Ман як роҳгузар ҳастам, аз дур меоям. Аспамро навкарҳои амир зада гирифтанд, худам базӯр гурех-

та халос хўрдаму қариб як... се санг роҳ пиёда омадам. Ин кишлоқи Қўли Хавок не?

— Қўли Хавок.

Мардак осуда як нафас гирифт.

— Наими Талх дар ҳамин қишлоқ зиндагӣ мекунад?

Ин суол шубҳаи Паҳлавонро нисбат ба марди ношинос хеле афзуд. Зеро ки Наими Талх, яке аз шўрапуштон ва авбошони номии ин гирду атроф ба ҳисоб мерафт. Азбаски сахтгап ва талхзабон буд, мардум ба вай лақаби «талхӣ»-ро дода, аксарият аз вай ҳазар мекарданд. Ба хонаи вай ба ғайр аз дуздон ва авбошон каси дуруст меҳмон намешуд. Наими Талх худаш бевосита дуздӣ ва роҳзанӣ намекард, лекин ба ҳама шоеъ буд, ки вай бо дуздон ва одамкушон ҳамдаст аст ва молҳои ғоратшударо «обу лой» карда мегардад... Ин аст, ки ин мард агар одами дуруст мешуд, Наими Талхро суроғ намекард... Боз, худо медонад...

— Бале, Наими Талх дар ҳамин қишлоқ,— гуфт Паҳлавон.— Шумо меҳмони вай-мӣ?

— Не, меҳмони чӣ?! — гуфт ба мақсади Паҳлавон пай бурдагӣ барин шуда, марди ношинос.— Ман гуфтам-ку, роҳгузар шуда ба ин ҷо афтода мондам, хеле монда шудам... дар ин қишлоқ ба ғайр аз Наими Талх дигар шинос надорам. Шабро дар хонаи вай гузаронида, аввали рўз ба Когон равам мегўям.

— Нағз мекунед,— гуфт Паҳлавон,— Наимбой одами дасткушод ва меҳмондўст аст. Ҳавлии вай дар кўчаи калон, аз масҷид болотар, аз ҳар кас пурсед нишон медиҳад.

— Истед ки,— гуфт марди ношинос,— Наими Талх дар хонааш ягон меҳмон-пеҳмон-ку надорад?

— Не, ба гумон меҳмон надошт-ку...— гуфт Паҳлавон зудтар аз меҳмони ногуфт халос шудан хоста, ҳарчанд ки аз ҳавлии Наим хабаре надошт.— Агар меҳмон дошта бошад ҳам чӣ, боз як меҳмони дигардия!

— Хайр,— гуфт ба суханони Паҳлавон аҳамият надода, марди ношинос,— дар қишлоқ навкарҳои амир-ку нестанд?

— Не, нестанд,— гуфт Паҳлавон ва ба таври қатъӣ қарор дод, ки ин мард ягон гуреза ё дузди машҳур аст, ки ин қадар пурсуков карда, аз навкарҳои амир ҳазар мекунад.

— Аз ман шубҳаи беҷо накунед,— гуфт зуд шубҳаи Паҳлавонро пай бурда, марди ношинос.— Ман дузд ва ё роҳзан нестам, навкарҳои амир, ки аспамро зада гирифтанд, акнун маро ҷадид гуфта, бо тӯҳмат ҳабс карданашон мумкин, ана аз барои ҳамин мепурсам. Хайр, пагоҳ илоҳӣ бозоратон омад кунад!

— Илоҳӣ омин! — гуфт Паҳлавон.— Хайр, шинед охир, дам гиред, якта харбуза кушам...

— Не, раҳмат! — гуфт марди ношинос базӯр аз ҷояш хеста ва ба сари тӯдаи харбуза наздик рафта илова намуд:—Харбуза накушеду лекин якто аз амирӣ марҳамат кунед, ба хонаи Наим гирифта барам, хасис, албатта, харбуза надорам, мегӯяд.

— Гиред, кадомаш маъқул шавад, гиред!

Марди ношинос як харбузаи калони амириро ҷудо карда гирифта ба сӯи кишлоқ равон гашт ва дигар хайру маъзур ҳам накард. Пас аз рафтани вай падару писар ба рӯи ҳамдигар нигоҳ карданд.

— Дада, ин мардак кӣ бошад, таппонча дорад?

— Таппончаашро аз куҷо дидӣ, маҳмадоно?!

— Дидам, дар кисаи ҷалвораш буд, тасмеш аз кифташ, аз даруни ҷома гузаронидагӣ.

— Хайр, бошад, будан гирад,— гуфт Паҳлавон бепарвоёна.— Ин вақтҳо дар дасти ҳар кас таппонча ҳаст, дар Бухоро дӯкони таппончафурӯшӣ кушода шудааст, мегӯянд. Ин танҳо, дар дашт гаштан ҳафвнок аст.

— Худаш кӣ бошад, ки танҳо дар дашт мегардад?

— Нашинохтам,— гуфт мухтасар карда, Паҳлавон ва аз ҷо бархост.— Хез бачем, харата ҳай карда биёр, харбузаҳоро бор карда ба ҳавлӣ барем. Бевақт шуда монд, очет пиёбеша пухта тайёр кардагист.

Мирак аз ҷо бархоста, ба сӯи юнучқазори дарави дашуда рафту харро ҳай карда овард. Баъд, падару писар, харбузаҳоро ба ҷувол андохта, ба хар бор карданду роҳи кишлоқро пеш гирифтанд. Дар тамоми ин фурсат дар хаёли Саидпаҳлавон як суол ҷавлон

мезад: ин марди ношинос кӣ бошад? Ба сараш саллаи муллоёна, дар кисаи шолвораш таппонча?! Гапзаданҳояш муллобачаҳо барин, ҳаракат ва рафтораш авбошона?! Саидпаҳлавон дар ин гирду пеш ин хел одамро ёд надорад. Чашмони парма барин сӯрохкунандааш, аз зери пешонаи тангаш, ба одам ки дӯхта шуданд, гӯё тамоми асрори даруни ӯро фаҳмида мегиранд. Бо вуҷуди он ки ҳаво торик шуда меомад, симои ин мард, ки лабҳои тунук, бинии борику рост дошт, дар хаёли Саидпаҳлавон сахт нақш баста монд. Вай гумон дошт, ки пас аз бист сол ҳам, агар ин мардро дар торикӣ бинад, мешиносад. Оё ин кӣ бошад? Аз куҷо ба куҷо рафта бошад? Бо Наими Талх чӣ сару корс дорад?

Инҳо, суолҳое буданд, ки Саидпаҳлавон бо вуҷуди зудфаҳм ва зирак буданаш, ҷавоб ёфта натавонист. Фақат умед дошт, ки рӯзи дигар бо Наими Талх вохӯрда, аз ҳақиқат пай хоҳад бурд. Хусусан ин ки Наими Талх барои дуруст кардани милтиқи шикастаи шикории худ ба назди ӯ бояд биёяд...

Ҳаво говгум шуда буд. Дар осмони беғубор ситораҳо пайдо гашта, ба замин чашмак мезаданд. Домани уфуқ дар тарафи Қоғон сафедча тофта, лапида меистод. Гӯё ки дар он сӯ сӯхтори калоне давом карда истода бошад. Дар саҳро аз ҳар тараф овози чирчиракҳо, малаху ҳашаротҳо баланд гашта, дар кӯлмакҳои гирду атроф қурбоққаҳо базме ороста буданд. Вақте ки Мирак бо падараш ба қишлоқ расиданд, аллакай пода аз чаро баргашта, бачаҳои шӯхи қишлоқ низ хона ба хона шуда буданд. Дар назди масҷид ба онҳо сӯфию имом рӯ ба рӯ гаштанд, ки намози шомро хонда шуда, дари масҷидро баста мерафтанд.

— Ассалому алайкум! — гуфт Саидпаҳлавон ба онҳо даст пеш гирифта.

— Ваалайкум!..— гуфт имом.— Ҳа, Паҳлавон, монда нашавед?

— Саломат бошед, таксир!

— Даракатон нест! Ҳубдур камнамо шуда рафтед?! — Имом ҷиддӣ нигоҳ карда гуфт.— Қорубори ин дунё гуфта, роҳи хонаи худоро ҳам гум карда мондед?!

— Гум накардем, роҳашро медонам...

— Чиба дар намозхонӣ мусоҳила мекунед?

— Тақсир!

— Қаҳри худо меояд, ба ғазабаш гирифтор мекунад!

— Худо лакбахш, тақсир! — гуфт ниҳоят ба ҷавоб Саидпаҳлавон ва гузашта рафтан гирифт. Имом гиребонашро гирифту сар ҷунбонид ва дигар чизе гуфта натавонист. Аммо ҷавоби падараш ба Мирак чунон маъқул шуд, ки аз камоли завқ ханда карда фиристод ва якбора пеши даҳонашро бо кафи дасташ гирифт, ки мабодо ба имом сахт расад.

## 2.

Дар ин дам Наими Талх дар даст чойник ва дастурхон аз ҳавлии дарун ба меҳмонхонааш мебаромад ва аз рангу рӯяш маълум буд, ки хеле хурсанду фараҳнок аст. Дар меҳмонхонаи ҳафтболори вай, ки гилеми нимдошт фарши онро мепӯшид ва дар атроф кӯрпачаҳои даврихона, дар пешгоҳ ду-се қабат кӯрпача ва болишт партофта ва гузошта шуда буду бо як лампаи даҳӯми овеза равшан мешуд, меҳмонаш — ҳамон марди ношинос, дар дами дари боло, ба болишт такья карда менишаст.

— Гӯй ки аз мехӯрдагӣ чӣ фармудӣ? — пурсид соҳиби хона аз меҳмон.— Мабодо шӯрбо нашавад, ки ман намехӯрам...

— Шумо чӣ мехоҳед, Махсумҷон? — пурсид Наими Талх.— Ҳар чӣ хоҳед, янгаатон пухта медиҳад. Ман гӯспанд кушам, гову шутур кушам меарзад! Афсӯс ки...

— Гапа кашол накун Наим! — гуфт дилтангона он мард, ки «Махсумҷон» ном гирифт.— Агар ҳеҷ чиз нафармуда бошӣ, дастурхонро мону рафта гӯй ки зудтар як даҳон ош пазад, серравған кунад. Натарс, ба ҳар як биринҷат даҳ палав мехӯрӣ!

— Палав? Ҷонам қатӣ! Ман, худатон медонед, ки аз он хел зотҳо нестам, хусусан барои шумо ҷонамро дареғ намедорам. Шумо чой хӯрда шинед, ман ҳозир...

— Баъд... май-пай дошта боши, гирифта барор!

— Май?! — ҳайрон шуда Наим пурсиду зуд илова намуд: — Ҷонам қатӣ! Лекин шумо... Хайр, майлаш, шумо май хӯред агар, аз таки замин бошад ҳам, ёфта мебарорам.

Махсумҷон ҳайрон шуд, ки Наими Талх чӣ тавр ширинзабон шуда мондааст. Ё ки лаънатии шабрав ягон хабари некро шунида бошад? Охир, пештар вай агар ба меҳмонҳояш ош диҳад ҳам, пас аз гуфтани як ҷувол суханони талху тунд медод. Аммо ҳоло ҳатто бе гапу ҳарф май баровардани шуд. Пас, ягон мӯъҷизае бояд воқеъ гашта ва ё воқеъ шуданаш лозим. Махсумҷон дар ин фикрҳо буд, ки Наими Талх дар даст шишаи чорраҳаи майи дастӣ ба меҳмонхона даромада омад, дастурхонро кушода, нон шикаст ва харбузаи Махсумҷон овардагиро бурида, се коса карда монд ва баъд ба ду пиёла май кашида гуфт:

— Худоё шукр!.. Гиред, барои сиҳат ва саломат ба дидори ҳамдигар расиданамон!

«Дидоратро Бобо Алӣ бинад!» — гуфт ба дилаш Махсум ва ҳамин тавр, як сар ҷунбониду пиёлаи пурмайро даркашид. Абрувонаш қадаре чин шуданду ба дилаш як ҳарорати фараҳбахше ҷорӣ гашт.

— Намепурсӣ, ки,— гуфт Махсум пиёларо ба рӯи дастурхон гузошта,— майнӯширо аз куҷо омӯхтед?

— Ман ҳайрон,— гуфт Наим,— пештар ба даҳон намегирифтед? Пурсам гуфтам, боз ибо кардам...

— Ҳозир ҳам майхӯр нестам,— гуфт таъкид карда Махсум.— Лекин имрӯз май нанӯшидан гуноҳ аст... Худат медонӣ, ки ман ҳар корро хоҳам, карда метавонам, майхӯриро ҳам! Имрӯз мехӯрам, пага не!

— Худи ният кардагӣ барин,— гуфт Наими Талх,— ин майро пас аз охирин бор дар Қогон, дар элчихона аз ҳамдигар ҷудо шуданамон омада андохта будам, ана ҳамин рӯз ба шишаҳо бардоштаму шумо ҳам омада мондед. Хӯш, канӣ гап занед, дар куҷо будед, чиҳо кардед? Қариб ду сол боз ҳамдигарро надидем...

— Ният накарда ҷонат мебаромад, беҳтар буд! — гуфт Махсумҷон.— Канӣ, рез... аз ман ният кардагиат, баттол!

Наим фаҳмид, ки суханаш ду маъно дода, талх шуда рафтааст, бинобар он узр хоста, дарҳол ба пиёлаҳо май рехт.

— Барои даврy давронамон менӯшем! — гуфт Махсум, ки аз пиёлаи аввал каме сархуш шуда буд.

— Давру даврони мо! — гуфт Наим ва пас аз пиёларо ба сар кашидан илова намуд: — Қай бошад, охир?!

— Пага, ё фардо! Инро дониста мон! — гуфт Махсумҷон ва майро бардошт.— Пага, ё фардо ҳукуматро ба даст мегирем, даврy даврони мо мешавад! Лекин тую Ҳафиз тарсида гурехтед, ҳаққи шумо парронидан, ба дор овехтан буд, лекин ман аз гуноҳатон гузаштам. Майлаш зинда монед. Лекин бояд гуноҳатонро бо хизмат ва садоқат харида гиред!

Наим воқеаи ду сол пеш аз инро ба ёд овард:

Ду сол пештар аз ин Махсумҷон дар мадрасаи Ҳоҷӣ, дар як ҳуҷраи назарнографак истиқомат карда, дарс мехонд. Он вақтҳо Наим тез-тез ба Бухоро рафта, баъзе колоҳои аз дигар шаҳрҳо овардашударо пул карда, бармегашт ва аксаран лозим меомад, ки ду шаб-се шаб хоб кунад. Аслан барои ҳамин мақсад ҳам бо Махсумҷон шинос шуда буд, ки дар ҳуҷраи ӯ баъзе чизҳоро гузошта ва дар мавриди шаббошӣ хобидан, аз меҳмондӯстӣ ва ҷӯрабозии ӯ истифода бурдан мумкин мешавад.

Махсум аслан аз Бойсун ва номаш Асад буд. Аммо ҷӯраҳо ба тарзи эҳтиром ӯро Махсум ва ё Махсумҷон мегуфтанд. Наими Талх гумон карда буд, ки ин Махсумҷони «содда»-ро бардор-бардор карда, хуб истифода кардан мумкин мешавад. Вале пас аз ҷӯра шуда гирифтан, оҳиста-оҳиста ҳис кард, ки Махсумҷон аз вай мегуфтагӣ соддаҳо набуда, баръакс, худи ӯро ба зери дасташ мутеъ ва фармонбардор карда гирифтааст.

Ба ҳуҷраи Махсум ба ғайр аз вай боз ду-сетаҳо омада мерафтанд ва ҳама хизмати ӯро карда, ба фармонҳои ӯ итоат менамуданд. Яке аз ин қабил одамҳо — Ҳафиз буд. Вай марди бечораи косибе буд, ки кулолгарӣ мекард ва ҳар дам ба ҳуҷраи Махсум омада, кору борашро карда, аз марҳамати вай истифода ме-

бурд. Наими Талх баъдтар донист, ки Ҳафиз дар вакташ ҳаммактаби Махсум будааст.

Махсум дасткушод, ҷӯрабоз ва айшу ишратпараст бошад ҳам, хеле бадчахл, тундмизоҷ ва беандеша буд. Аз ҳеҷ кас наметарсид, аз ҳеҷ кас ибо намекард, шартакигӯй, бебок ва худраъй буд. Назар ба гуфтаи Ҳафиз аз падараш чандон маовунат, пулу чиз намегирифт. Лекин ҳар шаб палав, ҳар шаб зиёфат ва хароҷот дошт. Наими Талх ҳайрон буд, ки вай аз куҷо даромад дорад. Ҳафиз мегуфт, ки Махсумҷон бо ҷадидҳо ҳамдаст мебошад, ба доираи онҳо рафту омад дорад. Хусусан, Мирзо Муҳиддинбой, ки сардори ҷадидҳо аст, ба Махсум муҳаббат дошта, ҳамеша дастгирӣ карда меистад...

Ин хабарро шунида Наими Талх як дараҷа хӯсида монд, лекин дуруст бовар накард. Зеро ки Махсум ба фикри вай ба ҷадидҳо монандӣ надошт. Аввалаш ин ки писари қозӣ, муллобача, намозхон ва худопараст, сониян ин ки урусиро намедонад, газет намехонад, арақ намехӯрад, ҳеҷ вакт «ҳуррият, мусовот, яшасун...» нагуфтааст, чӣ хел карда вай ҷадид мешудааст?! Наими Талх ва бисьёрии аҳолии Бухоро ақида доштанд, ки ҷадид бояд ҳамин хусусиятҳоро албатта дошта бошад, мақсадаш моли мардумро гирифтан, зани мардумро бефаранҷӣ карда, ба миён гузоштан бояд бошад. Аммо Асад Махсум ин хусусиятҳоро надошт ва мақсадаш ҳам моли мардум, зани мардумро миёнагӣ кардан набуд. Баръакс, вай одами бадрашк, пулдӯст ва хайрхоҳи одамони бадавлат ва савдогар барин менамуд.

Наим чанд рӯз дар байни шакку шубҳа ва боварию ҳайрат азоб кашида гашт. Вай ҷадидҳоро бад медид, мarому мақсади онҳо ба вай намефорид ва аз тарафи дигар медонист, ки ҷадидҳо маҳкуми марг шудаанд ва наздикону ёру дӯстони ҷадидҳоро низ муллоҳо гирифта ба болои арк мекашанд ва дар он ҷо ба ҳавлича даровaрда, сар аз тан ҷудо мекунанд. Аммо Наим аз сараш ҳанӯз безор нашуда буд. Бинобар он ба худ қарор дод, ки ин масъаларо бевосита бо худи Махсум гап зада ҳал кардан лозим.

Як бегоҳӣ, пас аз хӯрдани оши палав, Наим як

Наим фаҳмид, ки суханаш ду маъно дода, талх шуда рафтааст, бинобар он узр хоста, дарҳол ба пиёлаҳо май рехт.

— Барои давру давронамон менӯшем! — гуфт Махсум, ки аз пиёлаи аввал каме сархуш шуда буд.

— Давру даврони мо! — гуфт Наим ва пас аз пиёларо ба сар кашидан илова намуд:— Кай бошад, охир?!

— Пага, ё фардо! Инро дониста мон! — гуфт Махсумҷон ва майро бардошт.— Пага, ё фардо ҳукуматро ба даст мегирем, давру даврони мо мешавад! Лекин гуё Ҳафиз тарсида гурехтед, ҳаққи шумо парронидан, ба дор овехтан буд, лекин ман аз гуноҳатон гузаштам. Майлаш зинда монед. Лекин бояд гуноҳатонро бо хизмат ва садоқат харида гиред!

Наим воқеаи ду сол пеш аз инро ба ёд овард:

Ду сол пештар аз ин Махсумҷон дар мадрасаи Ҳоҷӣ, дар як ҳуҷраи назарногирак истиқомат карда, дарс мехонд. Он вақтҳо Наим тез-тез ба Бухоро рафта, баъзе қолоҳои аз дигар шаҳрҳо овардашударо пул карда, бармегашт ва аксаран лозим меомад, ки ду шаб-се шаб хоб кунад. Аслан барои ҳамин мақсад ҳам бо Махсумҷон шинос шуда буд, ки дар ҳуҷраи ӯ баъзе чизҳоро гузошта ва дар мавриди шаббошӣ хобидан, аз меҳмондӯстӣ ва ҷӯрабозии ӯ истифода бурдан мумкин мешавад.

Махсум аслан аз Бойсун ва номаш Асад буд. Аммо ҷӯраҳо ба тарзи эҳтиром ӯро Махсум ва ё Махсумҷон мегуфтанд. Наими Талх гумон карда буд, ки ин Махсумҷони «содда»-ро бардор-бардор карда, хуб истифода кардан мумкин мешавад. Вале пас аз ҷӯра шуда гирифтан, оҳиста-оҳиста ҳис кард, ки Махсумҷон аз вай мегуфтагӣ соддаҳо набуда, баръакс, худи ӯро ба зери дасташ мутеъ ва фармонбардор карда гирифтааст.

Ба ҳуҷраи Махсум ба ғайр аз вай боз ду-сетаҳо омада мерафтанд ва ҳама хизмати ӯро карда, ба фармонҳои ӯ итоат менамуданд. Яке аз ин қабил одамҳо— Ҳафиз буд. Вай марди бечораи косибе буд, ки кулолгарӣ мекард ва ҳар дам ба ҳуҷраи Махсум омада, кору борашро карда, аз марҳамати вай истифода ме

бурд. Наими Талх баъдтар донист, ки Ҳафиз дар вақташ ҳаммактаби Махсум будааст.

Махсум дасткушод, чӯрабоз ва айшу ишратпараст бошад ҳам, хеле бадҷаҳл, тундмизоҷ ва беандеша буд. Аз ҳеҷ кас наметарсид, аз ҳеҷ кас ибо намекард, шартакигӯй, бебок ва худраъй буд. Назар ба гуфтани Ҳафиз аз падараш чандон маовунат, пулу чиз намегирифт. Лекин ҳар шаб палав, ҳар шаб зиёфат ва харочот дошт. Наими Талх ҳайрон буд, ки вай аз кучо даромад дорад. Ҳафиз мегуфт, ки Махсумҷон бо ҷадидҳо ҳамдаст мебошад, ба доираи онҳо рафту омад дорад. Хусусан, Мирзо Муҳиддинбой, ки сардори ҷадидҳо аст, ба Махсум муҳаббат дошта, ҳамеша дастгирӣ карда меистад...

Ин хабарро шунида Наими Талх як дараҷа хӯсида монд, лекин дуруст бовар накард. Зеро ки Махсум ба фикри вай ба ҷадидҳо монандӣ надошт. Аввалаш ин ки писари қозӣ, муллобача, намозхон ва худопараст, сониян ин ки урусиро намедонад, газет намехонад, арақ намехӯрад, ҳеҷ вақт «хуррият, мусовот, яшасун...» нагуфтааст, чӣ хел карда вай ҷадид мешудааст?! Наими Талх ва бисьёрии аҳолии Бухоро ақида доштанд, ки ҷадид бояд ҳамин хусусиятҳоро албатта дошта бошад, мақсадаш моли мардумро гирифтан, зани мардумро бефаранҷӣ карда, ба миён гузоштан бояд бошад. Аммо Асад Махсум ин хусусиятҳоро надошт ва мақсадаш ҳам моли мардум, зани мардумро миёнагӣ кардан набуд. Баръакс, вай одами бадрашк, пулдӯст ва хайрхоҳи оламони бадавлат ва савдогар барин менамуд.

Наим чанд рӯз дар байни шакку шубҳа ва боварию ҳайрат азоб кашида гашт. Вай ҷадидҳоро бад медид, марому мақсади онҳо ба вай намефорид ва аз тарафи дигар медонист, ки ҷадидҳо маҳкуми марг шудаанд ва наздикону ёру дӯстони ҷадидҳоро низ муллоҳо гирифта ба болои арк мекашанд ва дар он ҷо ба ҳавлича даровардa, сар аз тан ҷудо мекунанд. Аммо Наим аз сараш ҳанӯз безор нашуда буд. Бинобар он ба худ қарор дод, ки ин масъаларо бевосита бо худи Махсум гап зада ҳал кардан лозим.

Як бегоҳӣ, пас аз хӯрдани оши палав, Наим як

чой кабуди талх дам карду, онхо хар ду ба сӯхбат нишастанд:

— Когон чӣ тавр? — гуфт Махсум,— тинҷ-мӣ?

— Ха, тинч,— гуфт Наим, аз ин тавр сар шудани сӯхбат хурсанд шуда.— Бухоро барин серғавғою дӯлоб не.

— Ха, дӯлобии Бухоро ҳам кам монд...— гуфт Махсум, боҳузур чой нӯшида истода,— пага, фардо осуда шуда мемонад... Насиб, насиб!

— Хамаи ҷадидхоро кушта шудан баъд, будагист?

— Ҷадидхоро кушта тамом кардан, осон не! — гуфт Махсум.— Решаи ҷадидхо мустаҳкам! Сабр каргда ист, ҷадидҳо пага, фардо ба муллохоят нишон медиҳанд!

— Шумо аз куҷо медонед?!

— Исто ки, ту вокеанавис-ку не? Чукур-чукур пурсида, аз ман гап гирифта истодӣ?

— Худо накунад! — гуфт дархол касам хӯрда Наим ва чашмони оташини ба сӯяш пармашудаи Махсум ӯро маҷбур кард, ки икрор шавад:— Наход, ки ман ба шумо вокеанавис бошам? Ба шумо соҳибдавлатам-а? Худо накунад! Пурсидани ман аз дигар сабаб...

— Аз чӣ сабаб? Ё ки бо кадом фармон?

— Бо фармони худам! — гуфт талх карда,— Наим.— Шумо, Махсумҷон аз ман шубҳа накунед, ман ҳеҷ кори ганда накардаам... беҳтар ки аз худатон шубҳа кунед!

— Хӯш? Хӯш?

— Чӣ, хӯш-хӯш?! Одамхо мегӯянд, ки шумо бо ҷадидхо шарик ҳастед, бо Мирзомуҳиддин рафтуой доред... Охир, ин овозахоро шунида, ман ки як дӯсти холиси шумо ҳастам, осуда гашта наметавонамдия!

— Ин гапро аз кӣ фаҳмидӣ? Наход ки дар шаҳр овоза?

— Не, дар шаҳр не-ку; шарикхои худамон мегӯянд, ман номи он касро намегӯям. Лекин ба хакки худо, ки рост мегӯям. Наход, ки ин шунидагиҳои ман ҳакикат дошта бошад-а?

— Ҳақиқат дорад! — гуфт Махсум бепарвоёна.— Аммо ту натарс, ба ту ҳеҷ гап намешавад. Бисьёр налаққӣ шуд, олам гулистон!

— Шумо ҷадид?

— Ҷадиднамо! Ҳа, аз ҷадидҳо чӣ бадӣ дидӣ, ки ин тавр талхӣ мекунӣ?

— Бадӣ надидему... лекин мегӯянд, ки ҷадидҳо...

— Ба гапи одамҳо гӯш накун, ту мана дон! Ҷадидҳо давлатро ки ба даст гирифтанд, он вақт буҷули ману ту олчӣ!

— Давлатро аз амир гирифта мешудааст-мӣ? Гапҳое мезанед, ки дар қуттии аттор ёфт намешавад!

— Хайр, бо гап ба ту фаҳмондан мушкил! Овози қарсу дойраро шунавида, ҳунари кӣ буданашро гуфта метавонию, ба кунҳи ин хел масъалаҳои ҳаётӣ расида наметавонӣ! Пагоҳ шаб як ҷо меравем, ки худат фаҳмида мегирӣ.

— Ба куҷое, ки шумо гӯед, ман рафтан мегирам, лекин худо медонад...

— Худо ҳам медонад, ту ҳам медонӣ! — гуфт Махсум.— Лекин нафас ях! Фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам! — гуфт Наими Талх ва хомӯш монд.

Он шаб бо ҳамин, дар ин мавзӯъ сӯҳбат ба охир расид. Шаби дигар, онҳо се каса (Ҳафиз ҳам ҳамроҳ буд) ба маҷлиси ҷадидҳо (худи калимаи «маҷлис»-ро Наими Талх ҳамон рӯз аввалин бор шунида буд), бале, ба маҷлиси пӯшидаи ҷадидҳо рафтанд. Дар қарибии дарвозаи Саллоҳхона, дар пасқӯча ва долони назарногир, як дарвозаи пастакро тақ-тақ заданд. Аз дарун овози бачае пурсид:

— Кист?

— Ошно,— гуфт Асад Махсум.

— Ба кӣ кор доред?

— Ака Мирзо ҷеғ зада буданд, ман шогирд.

Дарвоза кушода шуд. Кушоянда бача набуда, як ҷавони қадбаланди сиёҳчеҳра буд. Асад Махсумро бо ҳамроҳии касони бегона дида, вай як дараҷа даступо гум карда монд:

— Ассалом, ака Махсум,— гуфт вай зуд.— Сиҳат, саломат ҳастед? Хуш омадед! Ман ҳозир... медонед-

мӣ... Ака Мирзо камтар нотоб... Ман даромада хабар диҳам канӣ... Табиб омада буд... Ҳозир...

Аммо Асад Махсуми бебокро доштан мумкин набуд. Вай табассуми писхандомезе карду ба дарун даромад ва шарикони тарроӣ ӯ низ аз вай қафо намонданд.

— Натарсед, Ҳакимҷон! — гуфт вай. — Инҳо азони худӣ.

Ҳакимҷон дид, ки намешавад, маҷбур шуду хилофи ҳурмат ва одоб худаш зуд пеш гузашту қариб давида аз роҳрав ба ҳавлӣ ва пас ба меҳмонхонаи калон рафта даромад. Асад Махсум хандиду ба шариконаш нигоҳ кард:

— Шумо нагбатҳо, меҳмони ноҳонда, ки ҳастед, дар ҳар куҷо ана ҳамин хел шуморо пешвоз мегиранд. Лекин, дар ҳақиқат ин маҷлиси мо махфӣ, бинобар он шарикҳо метарсанд. Ман барои шумо қасам мехӯрам, ки асрори маҷлис махфӣ мемонад. Чӣ гуфтед?

— Сар меравaду сир намеравад, Махсумҷон! — гуфт Ҳафиз.

— Ба мо боварӣ надошта бошанд, гӯр сарашон! — гуфт Наими Талх. — Даромадани мо зарур-мӣ?

— Зарур! — гуфт Махсум. — Хусусан ба ту қаланфури талх ба ин хел маҷлис иштирок кардан зарур. Кӣ будани ҷадидҳоро мефаҳмӣ. Лекин дониста мон, ки дар ин бораҳо ҳатто ба занат, ба модарат ҳам ғингӣ намекунӣ, сарат меравад! Ту ҳанӯз зарби дасти маро насанҷидӣ!

— Хуб, хуб! — гуфт Наим. — Шумо ҳам гӯё, ки будани маро намедонед! Пеш дароед!

Махсум мамнунона табассум карда, ба рӯи Наим нигоҳ карда пеш даромад, вай бо вуҷуди тундмизоҷӣ ва зудранҷ буданаш, талхзабонии Наимро дӯст медошт. Талхӣ ҳам мазаи махсус дорад, ки, мегуфт вай, ҳар кас фаҳмида наметавонад...

Онҳо ҳар се ба рӯи суфа баромада, бе пӯшт-пӯшт ба даҳлезн хонаи калон рафта даромаданд. Дар он ҷо онҳоро соҳиби хона — ака Мирзо ва Ҳакимҷон пешвоз гирифтанд. Ака Мирзо як мардаки қадпаст, ғалча, гирдарӯй, кулӯтариш, бо чашмони калон-калони меҳ-

рубон ва бо даҳони пур аз табассум, бaадаб ва меҳмоннавоз буд. Бо ҳамроҳии меҳмонҳои нохонда омадани Махсум, гӯё баръакс ӯро шод карда бошад, хурсандона гуфт:

— Марҳабо, марҳабо, хуш омадед! Сарфароз кардед. Бо шарофати шумо хонаи бечорагии мо аз қудуми ин дӯстон мунаввар мегардад.

— Саломат бошед! — гуфт Махсум.— Инҳо одамҳои наздики ман, даркорӣ! Ба худи ман чӣ қадаре, ки боварӣ дошта бошед, ба инҳо ҳам ҳамон қадар бовар карда метавонед.

— Бешак, бешак! Аз ҳар чӣ меравад сухани дӯст хуштар аст, пайғоми ошно сухани рӯҳпарвар аст...— гуфт ака Мирзо аз шеъри Саъдӣ ёд карда (афсӯс, ки инро на Махсум фаҳмид ва на ёрони ӯ) ва меҳмонҳоро ба хона даъват кард.

Дар хонаи калони сездаҳболор, ки таҷҳизоти казоӣ надошта бошад ҳам, озода ва босалиқа ороста шуда буд, панҷ тани дигар нишаста буданд. Ду нафари онҳо — яке қоқинаи қадбаланд ва бузриш, дигаре, баръакс, фарбеҳи қадпаст, зардмӯи айнакӣ — рӯ ба рӯ нишаста шатранҷ бозӣ мекарданд. Он се дигар ба гирди онҳо ғун шуда, тамошо мекарданд ва маслиҳатҳо медоданд. Онҳо, гӯё, чунон ба бозӣ машғул буданд, ки ба хона даромадани Махсум ва шариконашро ҳатто пай набурданд. Аз ин муомила Асад Махсум мисли коғази оташрасида даргирифта бошад ҳам, овоз набаровард. Аммо ака Мирзо, ки аз ҳама баъд ба хона даромада буд, гуфт:

— Дӯстони азиз! Дӯстамон Махсумҷон бо рафиқони наздикашон ташриф фармудаанд!

Аз онҳое, ки бозиро тамошо мекарданд, ду нафар сар бардошта, ба омадагон нигоҳ карданду аз ҷо нимхез шуданд. Аз онҳое, ки бозӣ мекарданд, қоқинаи шатранҷбоз, чашмаш ба тахтаи шатранҷ, сар ҷунбонида:

— Хуш омадаанд, хуш омадаанд! — гуфта монду пиёдаеро пеш ронд.

Айнакии мӯзард бошад, аз болои айнакаш як нигоҳ карду барои чӣ бошад кӣ:— Бале! — гуфта монд. Тамошобини сейӯм, ҳатто сар набардошт.

Тоқати Асад Махсум тоқ шуд, дигар худдорӣ карда натавонист ва гапе назада ба нидоюю ҳайрати ёрон аҳамият надода, рост рафту донаҳои тахтаи шатранҷро бо дасташ рӯфта партофт ва гуфт:

— Охир, одамгарӣ ин тавр нашудааст!

— Бале, бале! — гуфт марди айнакии мӯзард.— Одамгарӣ ҳамин тавр аст, ки Махсумҷони мо мекунанд!

— Албатта,— гуфт Махсум,— боиси беилтифотии шумо шатранҷ буд, гирифта партофтам, ҷон халос! Ҳамеша боиси дардро ёфта дармон кунед, муҷарраб мешавад!

Ҳама хандиданду аз ҷо бархоста бо омадагон вохӯрдӣ карданд. Махсум шарикони худашро шиносонид:

— Инҳо одамҳои даркорӣ... Ҳар ду ҳам одамҳои боақл...

— Лекин тухмро ҷӯҷа гуфтан нашояд! — гуфта монд шатранҷбози фарбеҳ ва табассум кард.

— Инҳо хурӯс шудагӣ, афандӣ! — гуфт сахт карда Махсум ва гапашро давом дод: — Инаш Абдуҳафиз, ҷӯраи ҷонӣ ва қадрдони ман. Мур гӯям мемурад; зӣ гӯям мезияд. Ана инаш Наим, Наими Талх... Камтар талхзабонӣ дорад, ки беаҳамият аст... Гоҳ-гоҳ пӯрти карда мепартояду худаш бехабар мемонад...

— Бош нодон, то ба базми рӯзгорат ҷо диҳанд. Мекунанд аз ҷаннатат берун, агар одам шавӣ! — гуфта монд бо табассум соҳиби хона — ака Мирзо.

— Лекин худаш доно, донои зӯр! — гуфт ба гапаш давом карда Махсум: — Одами боэътимод ва даркорӣ... Аз қишлоқи Кӯли Хавоки Қогон... Бинобар он, аз инҳо мулоҳиза накунетон ҳам мешавад.

— Майлаш, майлаш! — гуфт қоқинаи дароз.— Нағз кардед, ки овардед. Ҳар чӣ зиёдтар шавем, ҳамон қадар нағз! Канӣ, марҳамат!

Ҳама нишастанд. Ҳакимҷон ду чойник чой овард. Аввал дар асноӣ чойнӯшӣ сӯҳбатҳои муқаррарӣ буд. Соҳиби хона — ака Мирзо шӯхиҳо кард, меҳмонҳоро хандонд:

— Айб на дар он аст, ки одам иштибоҳ мекунад,— мегуфт вай,— айб дар он аст, ки одам иштибоҳро

пай набарад! Ана, домуллои мактабдори мо ҳам иштибоҳ мекарду ҳам иштибоҳашро пай намебурд. Як рӯз ба мактаб ба ҷои тасбеҳ ҳамели пистаро бардошта омадааст. Инро дида, як бачаи шӯх аз кисааш ҳимели пистаеро гирифта рӯ ба рӯи домулло нишаста, бозӣ кардан гирифтааст. Домулло дар дасти шогирди худ «тасбеҳ»-ро дида, гуфтааст, ки тасбеҳи ту ба тасбеҳи ман монанд будааст. Инро шунида ҳамаи бачаҳо хандидаанд, аммо домулло онҳоро коҳиш мекардааст, ки чаро ба гапи рост механданд... Ана ҳамин хел домуллоҳо дорем...

— Рост,— гуфт Асад,— домуллои мактабдор бисьёр вақт содда!

— Бародарони азиз! — гуфт, ба масъалаи асосӣ гузашта истода, марди қоқинаи бузриш.— Мурод аз ин ҷамъомади мо дар бораи як масъалаи бисьёр муҳим маслиҳат гирифтан аст. Ба худатон маълум аст, ки сиёсати мустабидонаи қушбегӣ ва қозикалон кори худро кард: ҳамон ду-се мактаби усули наве, ки мо ташкил карда будем, баста шуд, талаба ва муаллимҳои онҳо пароканда гардиданд. Лекин миллатро бе мактаб, бе маориф ва бетаолӣ мондан аз инсоф нест. Ҳеҷ як инсони андак виҷдоннок ба ин ҳол созиш карда наметавонад, ки наслиояндаи вай кӯр, бесавод ва аз ҳамаи камолоти олам бенасиб бошад...

— Мактабҳои бисьёре ҳаст ва қариб ҳамаи бачаҳои шаҳру қишлоқ мехонанд-ку! — гуфт сухани гӯяндаро аз миён бурида, Асад Махсум.

Ҷадидҳо ба ҳамдигар нигоҳ карда аломати тааҷҷуб нишон доданд.

— Ба ин суоли Махсумҷон тааҷҷуб нашояд,— гуфт ака Мирзо дарҳол.— Зеро ки Махсумҷон ба давраи мо нисбатан наванд ва аз он маҷлисҳое, ки мо ба мактабу маориф бахшида будем, бехабаранд.

— Хайр, ба ҳар ҳол ҳам, охир...— гуфта монд касоме.

— Марому мақсади асосии ҷавонони тараққипарвари Бухоро,— гуфт аз зери айнак ба Махсум ва ёрони ӯ нигоҳ карда, мӯзард,— мактабу маориф аст! Он мактабе, ки ҳасту шумо мегӯед, моро қаноат кунонида наметавонад. Зеро ки замони мо — замони тарақ-

қи ва таолӣ аст, замони вусъатъёбӣ ва пешрави савдою тиҷорат, замони доду муомила бо халқҳои олам аст. Бе дониши васеъ ва ҳаматарафа мо бо мардуми мутараққии олам дар муносибат шуда наметавонем. Мактабҳои усули қадимаи мо он донишеро, ки мо мегӯем, дода наметавонанд. Масалан, бачаҳо аз илми ҳисоб, ҷуғрофия, ҳандаса, фароиз ва дигар илмҳои зарурии замонавӣ маҳрум мемонанд. Баъд, худи усули таълим ҳам кӯҳна шудагӣ. Даҳ-бист сол лозим, ки як бачаи боистеъдод фақат хату савод, ё ки фақат савод барораду каму беш аз аҳкоми шаръ бохабар шавад. Аммо дар мактаби нав, дар мактаби усули ҷадид ҳамаи инро дар шаш моҳ ва як сол меомӯзанд. Дидед, фарқ дар куҷо!

Ҳамаи ҷадидҳо ба ақлу мантиқ ва дониши мӯзард қоил шуда, сар ҷунбониданд ва суханҳои ӯро тасдиқ намуданд. Аммо Асад Махсум заҳрханде кард.

— Ташаккур ва миннатдорам, ки фаҳмонида додед! — гуфт вай киноямез.— Аммо суол додани ман барои он буд, ки ҷаноби мушӣ (марди қоқинаи бузришро мегӯяд), насли ояндаи мо бесавод мемонад, гуфтанд... Ин, албатта нодуруст аст. Шукр, алҳамдулиллоҳ, ки илм аз Бухоро ба дунъё паҳн мешавад. Бухоро ба турку тоҷик маърифат нашр мекунад. Худи дар ҳамин ҷо нишастагон, худи мо дар Бухоро хонда, мулло шудаем. Мо баринҳо, шукр кам не... Аммо барои чӣ бошад, ки мо ба хавфу ҳарос афтода, ба болои як андак масъалаи беаҳамият ғаши муллоҳо ва дарборро оварда истодаем. Беҳтар не-ми, ки ин ҷанҷолро монда истода, ба зиёд кардани сафи худ кӯшем, ҳаракат кунем, ки фирқаи ёшбухориҳо пурзӯр бошад, яктану якҷон бошад, далеру тавоно бошад... то ки зада давлатро ба дасти худаш гирифта тавонад! Ана, он гоҳ...

— Ба мо давлату ҳукуматдорӣ лозим не! — гуфт мушӣ.— Ҳамин давлати ҷаноби олӣ барои аморати Бухоро хеле муносиб ва басанда аст, фақат як андак гузашт карда, ба фирқаи мо роҳ кушояд, ба тараққии миллат имконият диҳад ва инчунин пеши роҳи муллоҳои ҷоҳилро гирад, мешавад. Мо миллатро хононда, босавод ва аз олам бохабар кунем, насли оянда, ху-

даш фикри худашро мекунад. Вазифаи авлоди мо ана ҳамин аст! Ба фикри ман, Махсумҷон, гапро ба тарафи дигар накашед, биёед, имшаб, ки роҳбарони мо ҳама ҷамъ омада натавонистанд, мо фақат дар бораи мактаб гап занем.

— Майлаш, майлаш! — гуфт Махсум.— Ман фақат бо эҳтиёткор шавем, бедарак бо мустабидҳо дастбагиребон нашавем, гуфтам... Боз аҳли маҷлис медонанд.

— Эҳтиёт шарт аст, албатта! — гуфт ака Мирзо.— Ягон роҳи корро ёбем, ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад!

— Ха, офарин! — гуфт муншӣ.— Мурод аз ин сӯҳбат ҳам, ҳамин-дия! Мо мехоҳем машварат кунем, ки пас аз ин чӣ бояд кард? Мактабҳои усули ҷадидиро ба тариқи пинҳонӣ кушоем, ё не? Агар кушоем, хароҷоташ чӣ мешавад? Тартиби кори махфии он чи тавр мешавад? Ана ҳамин!

Наими Талх сӯҳбатро то ба охир нишаста, гӯш карда натавонист, чилимкаширо баҳона карда, берун баромаду бо Ҳакимҷон аз ину аз он сӯҳбат карда, чақ-чақ карда нишаст. Вақте ки маҷлис тамом шуду аз ҳама аввал Асад Махсум бо Ҳафиз ва соҳиби хона берун баромаданд, Наим пинак мерафт.

— Хез, рафтем! — гуфт ба вай Асад,— ин ҷо ҷои хоб не!

— Ҷои чӣ буд набошад?! — гуфт ғурунгос зада Наим.

Асад лаб газида сар ҷунбонид ва зуд аз даҳлез берун шуд. Дар кӯча Наими Талхро ҳақорат дода сарзаниш кард.

— Соҳиби хона шунидагеш не! — гуфта, Ҳафиз ҷанҷолро басанда кард. Дар ҳуҷра нону чой хӯрда истода, Асад Махсум аз Наим пурсид:

— Хӯш, ҷадидҳоро дидӣ? — Шоҳ доштаанд, ё не?

— Шоҳ надоранду,— гуфт Наим андешамандона,— лекин ман ҳайрон...

— Ба чӣ ҳайрон мешавӣ?

— Ба ҳамин ҳайрон мешавам, ки,— гуфт Наим,— акнун бо ҳамин ҷанобон шумо мехоҳед, ки дуньёро чаппа кунед?! Яшасун гӯед?! Ба ақли норасои ман

мерасад, ки инҳо хари худашонро аз лой бароварда наметавонанд, на ин ки бо амир даст ба гиребон шудан!

— Ин гапат як дараҷа ҷон дорад,— гуфт Махсум.— Дар ҳақиқат бо ин касоне ки ту дидӣ, атола пухта намешавад, чӣ ҷои он ки яғон кори калон! Лекин ҷадидҳои дуруст ҳам ҳастанд, ки онҳо дар сари кор истода ҳам хари худашонро аз лой мебароранд, ҳам хари ману туро!

— Хари ман аз об баромадагӣ! — гуфт Наим.— Ман ба ҷадидҳо кор надорам.

— Номаъқул накун! Ҳар ҷо ки ман меравам, лобуд ту ҳам меравӣ!

— Ба ҳар ҳол эҳтиёт кунед Махсумҷон! — гуфта монд Абдуҳафиз.

Махсум маънои сухани ӯро фаҳмида табассум кард ва гуфт:

— Қори ҳар кас нест мактаб хондану мулло шудан! Ту ҳам Ҳафиз ва ту ҳам Талх, ба сиёсат, ки сарфаҳм намеравед, ҳамин тавр мегӯед. Ба шумо, ҳамин рӯзатон гузарад, шудагеш! Хайрият, ки шумо баринҳо кам нестанду мо баринҳо сиёсатбозӣ карда, ба буни ялкаи шумо сувор шуда мегардем.

— Хар карда, гӯед! — гуфт бо захр Наим.

— Ҳа, хар карда! — гуфт Махсум ҳам қасдан.

— Дуруст...

— Чӣ дуруст?

— Хар,— гуфт Наим,— ҷониварй борбардор, хилахӯр... Лекин ба ҷонҷиқараш, ки расидед, чунон аз буни ялкааш гирифта мепартояд, ки нақши замин мешавед! Гуфтаи Абдуҳафиз ҷон дорад, эҳтиёт бошед! Сиёсатбозӣ мекунед, сиёсатбозӣ мекунеду мардумро ба лаби ҷарии фалокат, ки расонидед, метарсам ки худатонро ба фано гирифта напартояд!

Табассум аз чеҳраи Махсум ғоиб шуд.

— У-у-у-нобобе! — гуфт вай ба таври ҷиддӣ.— Гапат ҷон дорад! Инро ба ҳисоб гирифтан лозим.

— Бале, бале! — гуфта монд Наим...

Қариб як соли баъди ин воқеа, як рӯз Асад Махсум хурсанду шод аз берун ба ҳуҷра омада даромаду

ба Абдухафизу Наими Талх, ки дар тараддуди оши палав буданд, хитоб кард:

— Монед,— ош-пош даркор не! Меравем!

— Хуш-хуш, ба кучо? Ин қадар саросема чаро?— пурсид Наими Талх.

— Ҳозир ба Когон меравем... Кани, хезетон!

— Балота гирам Махсумчон,— гуфт Наим шўхи карда,— агар ба ҳавлии ман, ба Кўли Ҳавок мерафта бошем, ҳамин масолеҳи палавро ҳам бо худамон гирем, чунки ҳавлибудагиҳо аз омадани мо бехабар, мошоба пухтагиянд...

— Ҳавлиат ба сарат фурў равад!— гуфт Махсум ҳам нимҳазлу ним чиддй.— Дар Когон бояд тўи калон сар шавад, мо ба тўй меравем.

— Базм ҳам мешавад?

— Эҳе, чунон базм шавад, ки дар умрат надида бошй! Воқеан, шояд худат дойра мезанй!

— Набошад, аз дўст як ишорат, аз мо ба сар давидан!

Ҳар се аз ҳучра баромаданду бо супориши Махсум, номаълумак худро ба кўча гирифтанд. Аз пеши мадрасаи Говкушон ба сўи лаби ҳавзи Девонбегй баргашта, равон шуданд...

Аввали навбаҳор, оғози рўзҳои хушу хуррами наврўзй ва офтобй буд. Дар осмони беғубор ва лочувардй лиққаи абре набуд. Ҳаво форам ва соф, кўчаҳо пур аз одам буданд. Хусусан дар растаи Сесў ва таи тоқи Саррофон ҳаёт мечўшид, савдо ва хариду фурўш дар авч буд. Таи тоқи Саррофон ва растаҳои гирду пеши он маркази савдою тичорати Бухоро ба шумор мерафт. Ҳама магазинҳои нав, ҳамаи калонтарини саройҳои тичоратй, ҳамаи банку пассажу ғайра дар ҳамин гирду атроф чо гирифта буданд. Бинобар он дар вақти нимирўзй дар ин растаҳо роҳ гаштан мушкил буд. Ба илован мардуми пиёда, фойтунҳо, аспакиҳо ҳам бисёр буданд. Аз байни ин издиҳом, ки мечўшиду мехурўшид, номаълумак гузашта рафтан мушкил набуд.

Се дўсти ба мо маълум аз байни издиҳоми мардум номаълумак гузашта, ба зўр худро ба Бозори алаф расониданд, ки дар он чо, дар паси девори мадрасаи

девонбегӣ истгоҳи фойтунҳо буд. Онҳо фойтуни дуаспаеро киро карда, сувор шуданд ва ба вокзали Бухоро баромаданд. Он вақтҳо ба Бухоро аз Қогон се бор «поездча» меомад: аввали пагоҳ, нимирӯзӣ ва бегоҳӣ. Вақто ки се рафиқ ба вокзал расиданд, поездчаи нимирӯзӣ ба рафтан тайёр шуда меистод. Асад Махсум фармуд, Абдухафиз зуд се билет гирифту ба поезд сувор шуданд. Дар вагонҳо одам кам буд. Хусусан онҳо ба вагоне баромада буданд, ки ба ғайр аз ду-се пирсиёни савдогар, дигар касе набуд. Онҳо нишастанду поезд ба роҳ даромад.

— Алҳамду лиллоҳ! — гуфт Асад Махсум нафаси осуда гирифта.— Ман метарсидам, ки ба ин дам расида наметавонам. Модоме ки поезд роҳ гашт, дигар касе ба мо дахл карда наметавонад.

Ранг аз рӯи Наими Талх парид.

— Чӣ, ягон кас ба мо дахл карданӣ буд магар? — пурсид вай ҳайрон шуда.

— Не... натарс, ба ту ҳеҷ кас дахл намекунад!— гуфт Махсум ӯро осуда карда.— Мумкин буд, ба ин тӯе ки ҳоло мо рафта истодаем, маро рафтан намонанд ва ҳатто ки дастгир карда, ба ҳавличаи болои арк баранд.[1]

— Наход? Барои чӣ? — ҳайрон шуд ин дафъа Абдулҳафизи фориғбол ҳам.

— Ба ман хабар доданд, ки эҳтиёт шавам, не, хайрият, ки гузашт...

— Чӣ хел гузашт? Охир, боз гашта меомадагӣ ҷоятон Бухоро-ку! — гуфт Наими Талх.— Арк дар ҷояш, ҳавлича ҳам!

— Кӣ медонад,— гуфт фориғболона Махсум,— шояд то омадани мо арк аз ҷояш кӯчад ва ҳавлича ҳам вайрон шавад.

— Хезед, ки хобатон!—гуфт, талхеш омада, Наим.

— Майлаш, бовар накун, ана мебинӣ!

— Истед, ки мо ба тӯй меравем, ё ки ба азо?

— «Гуфт ки ҳар ду!» — гуфт хандида Махсум ва хомӯш монд, дигар то ба худи Қогон ба пурсишҳои Наим ҷавобе надод. Наим ҳар дафъа, ки ба поезд са-

---

[1] Дар ҳавличаи болои арк ҷадидҳоро баровարда мекуштанд.

вор мешуд, мисли кӯдакон дар назди тирезаи вагон нишаста, берунро тамошо мекард ва ба ин кор хуше дошт. Лекин ин бор аз хаяҷон ва кунҷковӣ ба Когон расидани худро надониста монд ва ягон бор ҳам ба манзараҳои навбаҳории беруни шаҳри Бухоро диққат накард.

Дар Когон аз байни эшелонҳои вагонҳои сурх гузашта истода, диданд, ки дар яке аз онҳо аскарҳои гуногунлибос милтиқҳояшонро равған карда, соз каргда нишастаанд. Наим онҳоро дида, ҳайрон шуду лекин гап назад, аз паси Махсум роҳ гашта ба кӯчаи калони шаҳрчаи Когон баромаданд ва ба сӯи элчихона равона шуданд.

— Дидед, ин аскарҳо амакатон намешаванд! — гуфт Асад Махсум.— Ман аз будани инҳо хабар доштам ва бино бар он шуморо ба тӯй хабар карда овардам.

— Эшонҷон, Махсумҷон, мавлозода! — гуфт Наим ба зорӣ даромада.— Ман як модари муштипар, сеҷор бача дорам, ки ба онҳо нигоҳубин мекардагӣ кас нест. Чӣ шавад, ки ман овози дойраи ин тӯйро аз дур шунавам?!

— Натарс, буздил! — гуфт Махсум сахт карда.— Ҳоло ҳеҷ гап маълум не. Ба элчихона равем, мефаҳмем!

Онҳо ба элчихона рафта даромаданд, ки дар он ҷо, ба рӯи ҳавлӣ одами бисёре ҷамъ шуда буданд ва дар дегҳои калон, ҳақиқатан чун дар тӯйҳо, ош, кабоб мепухтанд ва тараддуд калон буд. Аз дарвоза, ки ба дарун даромаданд, Махсум ба онҳо гуфт, ки дар болои кати рӯи ҳавлӣ ба вай мунтазир шаванд ва худаш ба даруни иморати боҳашамати хиштини элчихона даромада рафт. Наиму Абдулҳафиз ба болои кат нишастанду ба одамони дар он ҷо ғуншуда диққат карданд. Дар он миён рус ҳам буд, тотор ҳам буд, турк ҳам буд, ӯзбаку туркман ҳам буд. Аксарияти онҳо бо таппонча, шамшер ва милтиқҳо мусаллаҳ буданд, баланд механдиданд ва гӯё, ки ба тӯй омада бошанд, бепарво — чақ-чақ карда менишастанд.

Дар байни онҳое, ки ба даруни иморат даромада

мебаромаданд. Наим ака Мирзо ва Мунширо дида, шинохт ва давида рафта, онҳоро боздошту пурсид:

— Ассалом, Акамирзо! Акнун амир катӣ даст ба гиребон мешавем, мегӯянд, рост-мӣ? Кай бошад, он соат?

— Иншооллоҳ, анқариб! — гуфт Акамирзо ва ба даруни иморат даромад.

— Медонед, худи Колисуф омадагӣ! — гуфт Мунишӣ,— илоҳӣ охири кор ба хайр шавад!

— Колисуфаш кӣ? — пурсид Наим.

— Калони Туркистон!— гуфт Муншӣ.— Сардори инқилобчиҳои он ҷо будаст! Лекин ҳарчи ҳам бошад, охири кор бахайр шавад!

— Бале, бале — гуфт Наим ба ӯ ҳамовоз шуда,— илоҳӣ охири кор бахайр шавад!

— Бо амир ҷанг кардан, кори ҳазил не! — гуфт Муншӣ хитоб карда ва ба даруни иморат даромад.

Наим ба рӯи кат баргашту бо Абдулҳафиз маслиҳат кард:

— Чӯрачон,— гуфт вай,— ту ҳар чӣ хоҳӣ, майлат, ихтиёрат, лекин ман ба ҷанг ҳамроҳ шуда наметавонам. Ҳоло аз дуньё умедам бисьёр!

— Ман ҳам ба ҳавлӣ хабар надода омада будам, нағз намешудагист...— гуфт Абдулҳафиз, гӯё ки ҷанг бо рухсати ҳавлии вай мешуда бошад.

— Як ғап занам? — гуфт бо овози паст, Наим.— Биё, чӯра, оҳиста аз ин ҷо баромада, ба фикри кори худамон шавем. Чӣ гуфтӣ, ха?

— Майлаш!

Чӯраҳо номаълумак аз элчихона баромаданду рост ба вокзали Когон рафтанд. Абдулҳафиз пиёда ба Бухоро рафт. Наим бошад, роҳи қишлоқро пеш гирифт...

Рӯзи дигар «воқеаи Колесов» рӯй дод. Ба қишлоқи Кӯли Хавок одамҳои Наими Талх хабар овардаанд, ки дар байни Бухоро ва Когон ҷангу балво бархостааст, милтиқпарронӣ, тӯппарониҳо шудааст... Лекин боз пас аз ду-се рӯзи дигар хабар омад, ки ҷадидҳо шикаст хӯрдаанд, одамҳои амир шаҳрчаи Когонро зада гирифтаанд, дар гирду атрофи Когон одамкушӣ, хунхӯрӣ... Чанд рӯз дар он атроф мардум аз хона баромада натавониста монданд... Наими Талх

ҳам аз кишлоқ берун нарафт. Ниҳоят, пас аз як ҳафта-даҳ рӯз, пас аз амон-амон шудан, Наим ба аспаш савор шуду оҳиста-оҳиста, бо роҳҳои байни кишлокҳо ба шаҳри Бухоро рафт. Поездча намегашт, вокзали Бухороро аламон зада шикаста, роҳи оҳанро ҳам канда, бошандагони руси он ҷоро кушта нобуд карда буданд.

Наим ба Бухоро даромаду рост ба ҳавлии як ошнои деринааш, ки чарчинфурӯш буд, рафт. Дар он ҷо аспашро монда, оҳиста-оҳиста ба ҳавлии Абдулҳафиз рафт. Абдулҳафиз бо сад тарсу ваҳм ӯро ба ҳавлии дарунаш дароварда гуфт, ки Наим бедарак ба Бухоро омадааст! Ба ҷадидҳо ҳамроҳ будани Асад Махсум ошкор шудааст. Худи вай, дигар аз Когон барнагаштааст, ҳуҷраашро муллоҳои шӯришгар яғмо карда, чизу-чораашро ӯлча бурдаанд. Ҳоло маълум не ки ба вай, ба Асад Махсум чӣ шуда бошад; мурда бошад, асир афтода бошад, ё ки дар зиндон бошад? Ба ҳар ҳол, беҳтар мешавад, ки вай, Наим, дигар ба ҳавлии Ҳафиз омадурафт накунад...

Наим худи ҳамон рӯз ба кишлокаш баргашту дигар ёди Бухороро накард. Деҳқонии бесоҳибмондан худро ба даст гирифту одами кишлоқ шуда монд...

Аз он дам ҳоло зиёда аз ду сол мегузарад. Дар ин муддат Наими Талх қариб номи Асад Махсумро ҳам фаромӯш карда буд. Аммо ҳоло вай дар рӯ ба рӯи ӯ нишастааст, сиҳат ва саломат. Фақат андак лоғартар шудагӣ, ранги рӯяш тиратар гашта, ба саҳроиҳо монанд шудааст, риши кулӯтаи сиёҳи ӯ дарозтар шудааст. Аммо чашмони бодомии тезаш ҳоло ҳам мисли аввала ҳушьёр ва бозӣ карда меистанд, феълу хӯяш ҳамон аввала барин, балки дӯғаш баландтару, дағдағаш зиёдатар шудааст. Як навигарӣ дар хислати ӯ ҳамин, ки ман дастиро бемалол бардошта истодааст...

— Ба шумо содиқ будани ман ба худатон маълум,— гуфт Наим лаганбардорӣ карда.— Ягон бор хилофи раъйи шумо кор накардем, ягон сари мӯ аз хатти кашидаатон берун нарафтем... Лекин он рӯз раҳматӣ Абдулҳафиз маро аз роҳ зад, ба ҳолу ҷонам намон-

ла аз элчихона бароварду баъд илоҷам нашуд. Охир, мардаки катта калон, қариб хунгос зада гирья мекард, худо гўрашро пурнур кунад, илохо!..

— Чӣ? Абдулхафиз мурд-мӣ? — кайфаш парида пурсид Асад.— Кай?

— Ягон моҳ шудагист... нохост, одами сип-сиҳат ба ҷоғаҳ даромада хоб кардаасту дигар нахестааст. Ман баъд аз як ҳафтаи қазо карданаш фаҳмида, рафта фотиҳа хондам.

— Худо раҳмат кунад! — гуфт Асад даст ба фотиха бардошта.— Одами нағз буд!.. Аҷал — гулчин, мегўянд, рост! Ана, ману ту барин талху тундхо намурда гаштем...

— Умр дигар, аҷал дигар! — гуфта монд Наим ва пас аз андаке илова кард: — Хайр, шумо гўед канӣ, ин қадар вақт дар куҷо будед? Чӣ кор кардед?

— Як сол зиёдатар мешавад, ки,— гуфт Махсум,— майро ба даҳон нагирифта будам... Лекин ин бегоҳ нанўшидан гуноҳ! Алҳақ ту лаънатӣ ба май тайёр кардан той надорӣ! Маят гирифт...

— Сарам ба осмон расид, Махсумҷон! — гуфта монд Наим.

— Бале, кайф шуд!..— гуфт Махсум.— Худоба шукр! Ба ҳамин рўз ҳам расидем! Хайр, ош чӣ шуд?

— Ҳозир, ҳозир! — гуфт Наим ва мехост аз ҷо бархезад, Асад Махсум бо даст ишора карда, шин гуфт.

— Як сол зиёдатар мешавад, ки ман ба ягон кас дарди дил нагуфтаам... Аммо дил мехоҳад, ки... дил мехоҳад, ки гўям... Саргузашти пурмашаққат ва аҷоиби худро гўям!

— Монед, гуфта чӣ мекунед! — гуфт қасдан Наим, ки феъли Махсумро нағз омўхта буд. Батар худатона хафа, мана ғамгин накунед!

— Не, мегўям! — гуфт зўъмӣ карда, Махсум.— Набошад дилам торс мекафад, азоб мекашам! Мефаҳмӣ, азоб мекашам! Канӣ, аввал як пиёла рез!..

— ...Ту ва Абдуҳафиз гурехтед, лекин мо... Ман, Қолисов, Файзулло, Мирзомуҳиддин, Абдуқодир, Муинҷон, Ҳоҷигадоӣ ва боз дигарҳо... (Наими Талх ме-

донист, ки Махсум дар муболиға асло паст намефаровад ва ҳамеша номи худашро дар аввали рӯихат мемонад). Мо, ҳаман ёшбухориҳои дар он ҷо будагӣ қарор додем, ки бо амир ҷанг мекунем. Ту ҷангарагии маро ва тир задани мерганонаи маро медонӣ! Ман аз худо мехостам, ки ҷанг шаваду ман як бор маҳорати ҷангии худамро санҷида бинам. Лекин дигарҳо гумон доштанд, ки сарбозҳои амирро бехабар мононда, ногоҳ ҳуҷум мекунанд ва бо дӯгу ҷазаба, хун нарехта, шаҳрро зада мегирем...

Ҳама ба ҳамин қарор розӣ шуданд. Лекин ман боварӣ доштам, ки ҷанг мешавад ва ҷанги сахте мешавад... Зеро, медонистам, ки аскарҳои амир аз тайёрии мо бохабар ҳастанд ва онҳо ҳам нағз тайёр шуда, моро пешвоз хоҳанд гирифт. Чӣ? Инро аз куҷо медонам? Чунки ман намедонистагӣ гап нест!

Дар хотирам ҳаст, вақте ки аз Бухоро баромада, ба поездча савор шудему поездча роҳ гашт, ман ба худо шукр кардам ва халос шудем, гуфтам. Ин гапам сабаб дошт, ки он дам шумо каллаварамҳо нафаҳмидед ва фаҳмида ҳам наметавонистед! Бале, ман он дам аз таги теғи ҷаллод халос шудагӣ барин будам, аз теғи ҷаллод! Воқеаи ин ҳамин ки... ду рӯз пеш аз он ман ба Когон омада, хабардор шуда будам, ки ҷадидҳо бо ёрии Колисов, ки аз Туркистон аскару аслиҳа гирифта омадааст, ба Бухоро ҳуҷум кардан мехоҳанд. Ба ман фармоиш шуд, ки зуд ба Бухоро баргашта, ба ҳамаи ҷадидҳои медонистагиам хабар диҳам, ки ҳушьёр бошанд, агар тавонанд, аз Бухоро баромада, ба Когон паноҳ баранд, ғами зану бачаҳояшонро хӯранд...

Ман супоришро қабул карда ба Бухоро омадаму лекин ноҳушьёрӣ кардам... Бале, аз қазою қадар гурез набудааст! Одамҳои қушбегӣ дар паси дарвозаи Қавола поида истода будаанд, ҳамин ки ба Бухоро қадам гузоштам, маро дошта, рост ба болои арк, ба пеши қушбегӣ бурданд. Қушбегӣ маро ва падарамро нағз мешиносад. Дидан замон ҳақорат доду гуфт, ки садақаи он падар шавам, садақаи номи махсумҷонӣ шавам... Ман худам намедонам, барои чӣ бошад, ки дар он дам тавба кардам...

Аммо кушбегӣ тавбаи маро ба инобат нагирифт:

— Туро хоҳанд пурсид, ки амалат чист ва нагӯянд, ки падарат кист! — гуфт вай сухани Саъдиро далел оварда.— Гирудори ту ба мо маълум! Мо аз ҳамаи номаъқулиҳои ту хабардор ҳастем... Дар Когон чӣ кор мекардӣ? Агар рост гӯӣ, ҷонат халос, набошад ба ҳавлича гирифта мебаранд!

Ман хостам ҳеҷ гап назада, мункир шавам, лекин аз дасти онҳо дигар халосӣ набуд. Пас, фикр кардаму гуфтам, ки ба Қогон барои нева харидан рафта будам. Худат медонӣ, ки дар ҳақиқат оби ҷав оварда будам. Одамҳои қушбегӣ ҳам инро тасдиқ карданд. Баъд гуфтам, ки дар Когон аскарҳоро дидам, Қолесов омадагӣ гуфта шунидам, дигарашро намедонам... Аммо дар дилам ба худ тасаллӣ медодам, ки ин гапҳоро ман нагӯям ҳам худашон медонанд, фаҳмида мегиранд. Охир, ҷашмашон ҳаст, аскар омаданашро дар Когон ҳама дида истодааст, Когон дур не, воқеанависҳо ҳам кам не!

Қушбегӣ фармон дод, ки маро озод кунанд, лекин шарт монд, ки гуфтаҳои маро санҷида мебинад, агар дурӯғ бароярд, он гоҳ ба дор меовезад. Ба гумонам қушбегӣ мехост, ки маро озод монда, ҳамин тавр барои худаш воқеанависи бепул карда гирад, ҳар вақт хоҳад, маро чеғ зада, бо марг ва чӯбаи дор тарсонда, гап гирифтан гирад... Аммо ман аз вай ҳам шайтонтар баромадам. Баъд худи воқеа ҳам чунон печ дар печ шуда рафт, ки ҳамаи ин гапҳо хобу хаёл шуда монд. Он хиҷолате, ки аз дастгир шуданам, ба ман рӯй дода буд, оҳиста-оҳиста бархам хӯрд ва фаромӯш гардид...

Мо ба ҳуҷум сар кардем... Тахмини ман рост баромад, одамҳои амирро дар ғафлат дошта натавонистем, ҷанги ҳақиқӣ сар шуда рафт...

Ман ба калонҳо муроҷиат кардам, ки ба ман як миқдор аскар диҳанд, ман роҳро медонам, аз рӯ ба рӯ нею аз паҳлӯи чапи душман, ба нохост ҳуҷум карда, мезанам. Не, гуфтанд, бовар накарданд, аскар надоданд! Он вақт ҷои гап набуд. Ман дар ғазаб шуда, як милтиқу як қаторвазнаи пур аз тирро гирифта, баробари солдатҳо ба ҷанг даромадам. Аз Бухоро

сарбозу тӯбу тӯбхона ва аламони бисёре аз муллобачаҳо ва косибҳо баромада буданд, ба мурданашон аҳамият надода, ё оллоҳ гӯён ба мо ҳуҷум мекарданд. Миқдори онҳо аз мо чандин баробар зиёд буд. Лекин тӯбхонаи урусҳо нағз кор кард. Аламони ҳуҷумкунанда аз воҳима ба қафо баргашт. Солдатҳо нотарсона «урра» гӯён ба ҳуҷум даромаданд. Онҳо мавҷи тӯфон барин ба пеш медавиданд, ман гумон кардам, ки онҳо ба ҳамон шӯру қиём то ба охири дунъё зер карда рафта метавонанд. Аскари амир ин қиёматро дида шикаст хӯрд ва рӯ ба гурез ниҳода, ба шаҳр баргашт, дарвозаҳоро баста, ба ҷанги паси қалъагӣ нишаст. Мо пеш рафтем, қариб буд, ки ба қалъа наздик шуда, зада ба даруни шаҳр дароем... Лекин қушбегӣ, худаш байраки сафед гирифта баромад. Ба вай ва одамони вай кордор нашуданд. Дар фаэтони махсус ба Коғон гузашта рафтанд. Намедонам чӣ шуд, чӣ монд, ки ҳуҷум бас карда шуд ва фармон омад, ки ақиб гардем. Ақиб гаштем. Ман ба Коғон ба пеши Мирзо Муҳиддин рафта пурсидам, ки худаш чӣ гап? Гуфт, ки амир таслим мешавад. Ман хандидам. Гуфт: барои чӣ механдӣ. Шумо содда, гуфтам, ба фиреби қушбегӣ бовар кардед!

Не, амир ба аҳднома имзо ва муҳр монда фиристодааст, гуфт. Дигарҳо ҳам гуфтани ӯро тасдиқ карданд. Аммо ман ба гапи худам истодан гирифтам: қушбегӣ шуморо фиреб додааст!.. Ҳақиқатан гуфтани ман шуд. Дар шаҳр вакилони моро торумор карданд. Рӯзи дигар боз ҷанг кардем. Боз қариб буд ба сарбозҳои амир шикаст медодем, ки якбора тири мо тамом шуда монд. Ба гумон инро душман медонист ва ҳаминро мепоид. Бо вуҷуди он ман ва солдатҳо аз ҷанг рӯ натофтем. Лекин фармондеҳи аскарҳо, суст шудани қуввааи худро фаҳмида, ба қафо гаштан фармон дод. Аскарҳо қафо гаштанд. Ман бошам ба болои як теппа баромада гирифта, душманро тут барин мерезондам. Агар командир дӯғ зада маро ба қафо намебурд, танҳо худам нишаста ҷанг кардан мегирифтам. Солдатҳо ба гирди шаҳрчаи Коғон шинак нишастанд. Коргарҳои заводҳо ва роҳи оҳан милтиқ гирифта ба ҷанг баромаданд. Аммо, мо бо ҳамроҳии

3—4468

Қолесов ба поезд сувор шудем. Ба ғайр аз гурехтан дигар чора набуд...

Дар вагон калонҳо ба машварат нишастанд:

— Агар мо аскарҳоро гирифта равем,— гуфт яке аз калонҳо,— мардуми шаҳри Коғон чӣ кор мекунанд? Аскарҳои амир омада ҳамаро аз дами теғ мегузаронанд.

— Не, ҳамаро не! — гуфт дигаре.— Ба фикри ман коргарони депо, мутахассисҳо, коркунони вокзал ва зану бачаҳои онҳоро кӯчондан лозим. Ҳамаи аҳолиро кӯчондан мумкин не, баъд одамони амир ба аҳолӣ чӣ кор доранд.

— Бале, бале,— гуфт Қолесов,— одамҳои зарурӣ ва монданашон хатарнокро, занҳо, бачаҳои онҳоро кӯчондан лозим. Баъд бонки давлатӣ бо ҳамаи пулу тиллояш бояд бо мо равад.

Дар натиҷаи ин гуфту шунид ба вагонҳои бисьёре мардум, аспобу анҷом, пулу тиллои давлатӣ, дафтару васиқаю коғазҳо, хӯрокворӣ бор карда ва дар чандин вагонҳои обкашонӣ об гирифтанд ва поездҳо паси ҳам ба роҳ баромаданд. Вале, камтар аз Коғон гашта будем, ки истода мондем. Маълум шуд, ки роҳи оҳанро одамони амир вайрон кардаанд. Хайрият, ки саркардаҳо инро пешбинӣ карда, як вагон аспоби оҳангарӣ ва устою мардикор ҳамроҳ гирифта будаанд... Ба худо ки урус бало-куя! Агар инро пешбинӣ намекард, устухони мо дар даҳони гургони дашт буд! Аскароне ки моро мушойиат мекарданд, зуд аз вагонҳо фаромада, ба дашт рафтанду пеши роҳи душманро гирифтанд. Сардор моро ҳам аз вагонҳо фароварда, ба кор андохт. Ду чақрим дуртар аз мо ҷанг мерафт, милтику пулемёт ғазал мехонд... Мо бошем, роҳи оҳан, чӯби зери роҳ, сангу даҷғол мекашондем. Устою мардикорҳо роҳ месохтанд...

Ба ҳамин тариқ, ваҷаб ба ваҷаб роҳро дуруст карда, гоҳ аз пеш, гоҳ аз қафо бо одамони амир ҷанг карда, лабташна, шикамгурусна, сабру тоқат карда пеш мерафтем. Қири Момо Ҷурғотӣ, Қуюқмазор ҳама дашту санглох буд, об набуд, соя набуд, ҳаво ҳам гарм буд...

Ҳам монда буд, ки аскарҳои амир моро зер мекарданд, ҳамаи моро нобуд мекарданд, лекин хайрият, ки аз тарафи Тошкант ба мо ёрӣ расиду мо халос шудем...

Масофаи байни Когон ва Зирабулоқро, ки сарҳади амороти Бухоро ва Туркистон аст, дар замони осоиштагӣ, дар поезд кас дар муддати чор соат тай мекунад, аммо ин масофаро мо, дар муддати даҳ-дувоздаҳ рӯз, роҳ сохта-роҳ сохта тай кардем. Чӣ роҳи пурмашаққат ва пуразоб, чӣ роҳи сахт ва пурҷафо буд он роҳ! Ман чунон монда шудам, чунон ба ҷонам расида буд, ки бо ҳама ҷанг мекардам, ҳама ба назарам бало барин менамуданд. Ба ҷадид шудану г... хӯрданам сад пушаймон будам, лекин суд намекард. Он рӯзҳо, хайрият, ки аз дасти ман милтиқу таппончаро гирифта буданд, набошад, дар сари ҷаҳл чанд касро мепаррондам...

Лекин ба урус, ба халқи урус қоил шудам, шаҳрама додам. Ба сахтию машаққат тоб овардан, меҳнат кардан ва аз бемуваффақиятӣ маъюс нашуда, корро пеш бурданро аз урус омӯхтан лозим будааст. Рӯзу шаб кор мекунад, дуруст хӯрок нахӯрад ҳам, оби нӯшокӣ ба қадри лоямут бошад ҳам, аммо ҳеҷ парво намекунад... Агар андак фурсати дамгирӣ пайдо кунад, махӯркеша кашида, ашӯлеша хондан мегирад. Ҳоҳ рӯи санг, хоҳ ба рӯи реги тафсон, ба ҳар ҷо ки сар монад, бо ҳузур хоб мекунад. Аз хоб табассум карда мехезад, машқи тарбияи бадан мекунад, якта махӯрка кашида, ба кор сар мекунад... Мо бошем, дуруст кор намекунем, баҳона меҷӯем, ҳамеша менолем, бо ҳамдигар ҷанг мекунем, ба ҳамдигар ҳасад мебарем, аз паси якдигар иғво мекунем, бинобар он корамон пешрав не, дуруст хоб ҳам карда наметавонем, мондаю шалпар гашта, аз дунъё безор мешавем...

Биё, гуфтам, бо ин шарикҳо ба Самарқанду Тошкент рафта чӣ кунам! Дар Каттақӯрғон Тӯхтабой ном як одами қадрдон дорам, хизматгори кӯҳнаи падарам буд. Вай баъд ҷавоб гирифта, ба шаҳраш,— ба Каттақӯрғон рафту ба боғбонӣ ва мевафурӯшӣ машғул шуд. Ҳалим ном як писараш буд, ки чанд гоҳ дар мадраса хизмати маро карда, баъд ба Каттақӯрғон

баргашта буд. Ана, ба ҳавлии вай меравам, то як фурсат меҳмон мешавам, он тарафаш худо подшоҳ!

Бо ҳамин қарор ба вагони калонҳо, ба пеши Мирзо Муҳиддин ва Файзуллоиво рафта даромадам. Салом додаму гуфтам, ки ба ман иҷозат диҳанд, ба Каттақӯрғон фаромада монам.

— Барои чӣ? — гуфт Мирзо Муҳиддин.— Сӯҳбати мо гаронӣ кард-мӣ?

— Гаронӣ нею,— гуфтам,— ба ҷонам расид! Як камтар дам гирам, шумо ҳам ба як ҷо қарор гиретон, боз мебинем...

— Ғайрат ва ҷасорати шумо ҳамаи моро мафтун кард,— гуфт Абдуқодир.— Мо аз шумо умедҳои бисьёре дорем. Инқилоби Бухоро шумо барин фидокорҳоро талаб мекунад.

— Ман миннатдорам,— гуфтам,— ҳар вақт, ки лозим шавам, ҷеғ занед, ба хизмат тайёрам... Лекин ҳозир....

Қалонҳо машварат карда, ба рафтанам розӣ шуданд, не нагуфтанд. Ба фикрам: «Худам дар ба дарам, туро ба дари кӣ барам» шиорашон буд. Лекин ҳамин қадар гуфтанд, ки ба Тошканд хат навишта ҷои иқоматамро маълум кунам, то ки дар фурсати лозима маро ҷеғ зада тавонанд. Бисьёр хуб, гуфтам, аммо дар он дам ба дилам гуфтам, ки саломатиатон даркор! Бе шумо ҳам рӯзам мегузаштагист!

Поезд ба Каттақӯрғон расида буд, ки фуромадам, бо ҳама хайрухӯш карда, пиёда-пиёда ба шаҳр равон шудам. Фикр мекардам ки ҳавлии Тӯхтабойро аз кӯчо ёбам, аз кӣ пурсам, нохост ба дӯкони манзфурӯше расида мондам. Ба худ гуфтам, ки дараки манзфурӯшро аз манзфурӯш донистан лозим! Дар ҳақиқат саҳв накарда будам. Манзфурӯш бо ман саломуалайку пурсупос карду ба гумон афтам одами ин шаҳр барин набуд, баъд хабар дод, ки Тӯхтабой раҳматӣ як сол пеш аз ин аз ҷаҳон гузашта, дар ҳавлии писараш Ҳалимҷон истиқомат мекардааст. Пас, аз рӯи даракдоди он шахс суроғу пай карда ҳавлии Тӯхтабойро ёфтам ва дарвозаашро тақ-тақ задам. Ба дилам мегуфтам, ки э дареғ! Чархи гардунро бинед, ки ман, писари фалонча, Махсумҷони мӯътабари Бухоро гаш-

та-гашта ба дари хизматгори худам мӯҳтоҷ шуда омадам!..

Бори дуюм тақ-тақ зада будам, ки аз дарун «кист» нагуфта дарвозаро кушоданду дар рӯ ба рӯям як келинчаи моҳпайкар, сарвқад, мӯрчамиён, ороми ҷон, ширинзабон... намоён гашт. Росташро гӯям, ки бо ҳамаи хастагӣ ва мондагӣ, бо ҳамаи абгорӣ ва кӯфтагии роҳ он зан ақламро бурд, моту мабҳут карда монд. Чӣ гуфтанамро надониста, ба рӯи зебояш нигарон мондам. Занак ҳам маро дида дасту по гум кард, баъд якбора бо остинаш рӯяшро пӯшида, ба қафо гашта рафт ва аз хамгашти роҳрав овозашро шунидам, ки мегуфт:

— Ба шумо кӣ лозим?

— Ҳавлии Тӯхтабой ҳамин-мӣ?

— Ҳа, ҳамин. Ба кӣ кор доред?

— Писарашон, Ҳалимҷон ҳастанд-мӣ?

— Ҳастанд, дароед! — гуфт занак ва шунидам, ки роҳ гашта ба ҳавлии дарун рафт. Ман боз андак сабр карда, баъд бисмиллоҳ гуфта ба ҳавлӣ даромадам, то аз роҳрав гузашта, ба миёни рӯи ҳавлӣ расидам, ки аз меҳмонхонаи он ҳавлӣ, Ҳалимҷон давида баромаду маро дида, бародарвор ба оғӯш гирифт ва қариб поямро ба замин норасонида, ба хона даровард.

— Як ду рӯз нотоб шуда будам,— гуфт вай дар меҳмонхона,— келинатон Ҳалимаҷон бисьёр тарсид. Не, шукр, зуд сиҳат шуда хестам, имрӯз ба кор рафта, навакак баргашта будам, меҳмонхонаро кушода, дукаса ғундошта истода будем, ки шумо дарвозаро тақ-тақ задед. Ҳамин қадар кардам, ки ту шин, ман худам баромада хабар мегирам, қабул накард, ту касал бисьёр нагард гуфту худаш ба роҳрав баромад. Албатта Муллодӯст омадагист, гуфта гумон кардем, ин ҷо як ҷӯраи аракхӯр дорам, келинатон ӯро бад мебинад, агар Муллодӯст бошад, нестанд, мегӯям, гуфт. Ина тамошо кунед, ки худо шуморо фиристод. Хуш омадед, ҳар қадам мондед, болои дида, тоҷи сар! Ин офтоб аз куҷо баромад, кадом шамол парронд?

— Шамоли инқилоб! — гуфтам ва мухтасар саргузаштамро баён кардам...

Ҳалимҷон, маълум шуд, ки дар мактаби шӯрой

хонда, муаллим шудааст ва ҳоло худаш ба бачаҳо дарс медодааст. Қобилият ва заковати ӯро ман дар Бухоро фаҳмида гирифта будам. Бачаи доно пас аз марги падараш дарнамемонад. Ғайрат мекунад ва дар шароити озодии ҳукумати шӯрой зуд ба як даҳан нон соҳиб мешавад...

Вай бо чашмҳои калон-калони зиракаш ба ман хурсандона нигоҳ мекард ва бо шамоли инқилоб ба ҳавлии вай расида монданамро шунида, сараш ба осмон расида буд... Бале, бале! Охир, ман иқилобчӣ, ман мубориз ва фидокори роҳи озодӣ будам-ку! Ба ҷавоне, ки дар шароити ҳукумати нави шӯрой тарбия гирифта бошад, ин сифатҳо аз сифатҳои авлиёгӣ ҳам нағзтар метобанд! Ту, Наим, ҳоло ба ин гапҳо дуруст сарфаҳм намеравӣ, чунки чӣ будани ҳукумати шӯроиро намедонӣ!... Хӯш ки бошад, Ҳалимҷон намедонист, ки чӣ гӯяд, чӣ хел маро иззат кунад!

«Ҳавлӣ-ҳавлии худатон, ман ғуломатон, келинатон канизак! — гуфт вай фараҳмандона.— Ҳар чӣ ки мехоҳед, ҳар чӣ ки дилатон меҷӯяд, фармоед, худоба шукр рӯзгорамон фаровон, аз ҳеҷ чиз камӣ надорем. Раҳматӣ падарамон пас аз Бухоро омаданашон ҳавлию боғу роғ карданд, нағз меҳнат карда, нағз даромад карда, хонадонамонро обод карданд. Баъд сари маро дута карда, тӯю тамошоҳо карда ба муродашон расиданд. Лекин умрашон кӯтоҳ будааст, як сол пеш нохост қазо карданд. Ман якбора бекас шудам. Лекин Ҳалимахон — келинатон касам шуд. Ҳақиқатан ба таъриф меарзидагӣ зан шуда баромад. Мо зану шӯ не, мо ошиқу маъшуқ барин зиндагӣ мекунем. Ҳалимахон ба мактаби шабонаи занона мехонад, хату савод дорад, мехоҳад, ки фаранҷиро партофта, ба озодӣ барояд. Лекин ҳозир шароити шаҳри мо нағз не, кӯҳнапарастон, иғвогарон, аҳли хурофот як дараҷа гапашонро мегузаронанд... Хайр, ин чандон дер намепояд, инқилоб ба тухму решаи хурофот табар мезанад! Аммо келинатон дар хона аз ёру дӯстони ман намегурезад. Мо ҳурриятпараст, мегӯяд»...

«Бисьёр нағз! — гуфтам.— Мақсади мо инқилобчиҳо ҳам ҳамин-дия! Занҳо озод шаванд, баробари мардҳо кор кунанд, бохату савод бошанд, хушбахту

хуштолеъ бошад... Ин бисёр нағз, ҳардуи шуморо табрик мекунам!».

Аммо дар дилам мегуфтам, ки аз инқилоб гардам, ки хушрӯйҳоро бефаранҷӣ мекунад ва мо барин дилсӯхтагон бемалол тамошо мекунем...

Ҳалим ба ҳавлии даруи рафту хеле ҳаял кард ва ниҳоят як бӯғча либос дар даст, бaромада омаду гуфт:

«Ҳозир як кабобча хӯрда, баъд ба ҳаммом меравем. Ана ин сару либоси шумо. Айб намекунед, ҳар чӣ ки нав ва напӯшидагӣ доштам, ҷудо карда овардам... Хайр, муваққатан мешудагист... Боз навашро мехарем»... Ман ҳатто хиҷил шудам.

«Додари азизам! — гуфтам ба чашмам об гирифта, аз чӣ буд, ки дилам нарм шуда рафт.— Саломат бош, сад раҳмат! Ин некиҳои туро фаромӯш намекунам. Насиб бошад, ба ватан, ки баргаштам, як бар даҳ карда, қусурашро мебарорам!»

«Ҳеҷ боке не, ҳеҷ боке не!» — гуфта монд Ҳалим.

Ман аз хурсандӣ намедонистам, чӣ гӯям. Ҳамаи машаққату азоби роҳ дар пеши ин меҳмоннавозиҳо фаромӯшам шуд. Рост аст, ки гапи нағз морро аз хонааш мебарорад! Гоҳ, ту ба ман ош нате, май нате, лекин бо гапи нағз дилама бардор, димоғамро чоқ кун — ҳамин сад тилло! Аммо Ҳалимҷон бошад, ҳам гапи нағз мезад, ҳам тавозеу ҳурмати моро ба ҷо меовард. Он дам, мо хуб ба иштиҳо наҳорӣ кардему ба ҳаммом рафтем. Дар гармхонаи ҳаммом, арақ карда нишаста, азобҳои дидагиамро муфассалтар ба дӯстам нақл карда додам. Вай бо таассуф сар меҷунбониду маро ходимӣ мекард ва мегуфт:

«Хайр, умри золим ду рӯзи дигар! Насиб бошад инқилоб ғалаба мекунад, халқи Бухоро ҳам аз банду асорат озод мешавад ва ба рӯзҳои нек мерасад».

Аз ҳаммом баромада, либосҳои нав пӯшидаму ба ҳавлӣ баргаштам, ки оши палав тайёр буд... Шаб бароҳат хобидам. Рӯзи дигар қаймоқчойро хӯрда, бозорҳоро тамошо карда баргаштем, баъд Ҳалимҷон ба кор рафту ман боз хоб кардам... Хулоса дар бадали дусе рӯз ҷон гирифта, ба ҳол омадам, ҳатто бо Муллодӯст ном ошнои арақхӯри он хонадон ҳамроҳ шуда май ҳам нӯшидам...

Бале, шароби нағзи ангурӣ, ба марди ҷилои ватан кардагӣ давои ҷон будааст! Ба ин кор дар ҳамон ҷо одат кардам. Худат медонӣ, ки пештар ман май наменӯшидам ва ба ту қавли мардӣ медиҳам, ки ана ҳамин охирин пиёлаи майхӯрии ман мешавад, рез!..

Даҳ рӯз гузашт. Ман дар меҳмонхонаи Ҳалим бемалол зиндагӣ кардан гирифтам. Дар ин муддат аз Бухоро хабарҳои пурдаҳшат меомад. Шунидем, ки амир ва муллоҳо ба ғазаб омада, ҷадидкушӣ ва хунрезиро сар кардаанд. Рафту омаду муносибати байни Русия-Туркистон ва Бухоро қатъ шудааст... Ман ба худ гуфтам, ки хайрият аз Бухоро баромада, халос шудаам, набошад, ҳоло аз ҳавличаи болои арк дар ароба мефаровараданд.

Ҳалимҷон рӯзе ду ё се соат рафта ба бачаҳо дарс дода меомад, дигар ҳамеша бо ман буд... Ҳар рӯз ба як ҷо зиёфат, ҳар рӯз сӯҳбат ва чақ-чақ... Қоре мекард, ки ман ҳафа намонам, зиқ нашавам. Боре ман гуфтам, ки ин тавр накун, меҳмонии ман кифоя! Ту аз корат намон, ман зиқ намешавам, машғулиятам ҳаст!

Аз бозор як-ду китоби дарсӣ харидам, рӯзонаҳо камтар-камтар мехонам, баъд агар ёфт шавад, ба ягон кор медароям.

Аммо Ҳалимҷон аз ман бехабар намемонд. Фақат як шаб ба маҷлис рафт. Ман дарди сар будам, ба кӯча набаромада, хоб кардам. Як вақте Ҳалимахон аз ҳавлии дарун омада баромад. Ба танаш куртаи шоҳии хонатлас пӯшида буд, ки аз ранги сули он хонаи торик мунаввар мешуд. Қамзӯлчаи бахмали сурх, ки сари синаи ӯро мегирифт, ба куртааш хеле шинам афтода буд. Рӯяш мисоли кулчаи ширмоли Каттақӯрғон сурху сафед, абрувонаш сиёҳу дароз, чашмонаш хуммор ва дилкаш, дар лабони тунук ва нафисаш ҳамеша табассуми ширин намуда меистод... Қисса кӯтоҳ, ки духтари одамӣ набуд, малоикаи осмонӣ буд, дар ҳусну малоҳаташ қувва ва ҷозибаи илоҳӣ буд...

— Тобатон не, дарди сар шудед, гуфтанд,— гуфт вай ғамхорона ба ман нигоҳ карда,— омадам, ки ҷоятонро партофта монам... агар лозим бошад, чой дам кунам.

Худат медонӣ, ки ман дар ин дуньё аз ҳеҷ касе наметарсам, лекин он дам дасту поям якбора ях барин шуду дилам задан гирифт ва чӣ гуфтанамро надониста, ҳайрон мондам.

— Охир,— гуфтам,— бедарак ташвиш кашида баромадед... Ман худам...

— Шумо меҳмони азизи мо,— гуфт вай бо забони ширин,— Шумо додари киёматии Ҳалимҷон ҳастед, наход, ки... ташвиш бошад! Асло мулоҳизае накунед!

Ин суханҳои меҳрубонона ба дилам марҳам шуданд.

— Бале,— гуфтам,— ман додари киёматии Ҳалимҷон ҳастам, барои ин ҳам хушбахт ману ҳам бадбахт!

— Худо накунад, аз бадбахтӣ! — гуфт вай.— Барои чӣ бадбахт мешудаед?

— Чунки,— гуфтам,— ба висоли шумо, азизам, муяссар шудан имкон надорад!

— Чӣ, чӣ? — гуфт вай дар сонияи аввал сухани маро сарфаҳм нарафта,— висоли ман? Ин чӣ гуфтагетон?

— Росташро гӯям, гардам,— гуфтам, бо таваккал партофта,— Дар як дидани рӯи шумо, диламро бой додам. Дар ин дуньё шумо барин...

— Бас кунед, бешарму ҳаё! — гуфт вай сахт карда ва ба сӯи дар баромада рафт.— Ман шуморо одам гумон карда будам, не ҳайвон будед. Лоақал ҳурмати нону намак не?! Мардаки ман як нонреза ёбад бе шумо аз гулӯяш намегузарад, шумо ба вай ҳамин тавр рафтор мекунед?! Айб, айб, айб! Э, ҳайфи одамият!

Вай мехост ба ҳавлии дарун даромада равад, аз дари миёна давида баромада, пеши роҳашро гирифтам:

— Мебахшед, узр, узр! — гуфтам хандида.— Ин як имтиҳон буд, ин як санҷиш буд. Не, маълум шуд, ки шумо зани бовафо, зани покдоман будаед. Азбаски Ҳалимҷон шуморо таъриф кард, аз бас ки ба озодӣ ва фаранҷипартоӣ ҳавас доштанатонро гуфт, ман шубҳа пайдо кардаму ба худам гуфтам, ки як санҷида бинам. Худоба шукр, ки шумо зани муносиб ва ҳақиқатан ба таъриф меарзидагӣ будед!

— Санчиш ин хел намешавад! — гуфт вай аз ҷаҳл нафаромада.— Ман аз рӯзи аввал медонистам, ки шумо ба ман номаҳрам ҳастед, нигоҳҳои шумо ҳаромананд! Лекин шавҳарамро рӯю хотир кардам... Ана, имрӯз маълум шуд.

— Чӣ маълум шуд? — гуфтам ман ҷиддӣ шуда.— Наход ки ман ба хоҳари худам, ба зани Ҳалимҷон бо чашми бад нигоҳ кунам?! Айб аст, Ҳалимахон, айб! Маро маъзур доред, аз гуноҳам гузаред ва дар ин хусус ба Ҳалимҷон лаб накушоед, ки ҳам маро сарпаст мекунед, ҳам ҳаёти худатон талх мешавад.

— Барои чӣ ҳаёти ман талх мешудааст?

— Чунки ҳар чӣ бошад ҳам, Ҳалимҷон аз шумо дар гумон мешавад, «ягон қилиқ кардагист, ки аком хушомад задааст, мегӯяд». Бинобар он, хоҳари азизам, ин гап дар байни мо монад. Ман дар бадали як рӯз-ду рӯз аз ин ҷо меравам, хотирҷамъ бошед!

— Майлаш,— гуфт ниҳоят вай.— Ман ба Ҳалимҷон гап намезанам. Лекин шумо ҳам доништа монед, ки ман аз шумо мегуфтагӣ занҳо нестам!

Инро гуфту ба ҳавлии дарун рафт ва шунида шуд, ки дарвозаи ҳавлии даруниро аз қафояш занҷир кард.

Ман ба хона баргаштаму ба кори худ ҳайрон мондам... Нағз нашуд. Лаънатии Ҳалима ба гап нафаромад. Илоҳӣ ба Ҳалим нагӯяд!.. Пас, чӣ бояд кард? Фикр мекардам: шайтон мегуфт, ки хез карда ба ҳавлии дарун дарою кори ин «покдоман»-ро карда, ба муроду мақсадат расида баро, канӣ, ба кӣ дод мегуфта бошад! Лекин, раҳмон мегуфт, ки нағз не, дар хонаи дӯст чун ту маҳрам гаштӣ, дасту дилу дидаро нигаҳ бояд дошт! Худат мусофир шуда омадӣ, ҷои мерафтагӣ надорӣ, пушту паноҳ надорӣ, чӣ даркор ки ба валинеъмати худ хиёнат мекунӣ! Беҳтар ки бо ёрии вай ягон коре ёбу аз ин хонадон дур шав, ҳаминаш нағз!

Ман ба маслиҳати раҳмон гӯш кардам, шайтонро ҳай задам ва ба худ гуфтам, ки аз ин ҷо меравам! Чӣ? Афсӯс, ки ҳамеша кас ба гапи раҳмон гӯш карда, шайтонро ҳай зада наметавонад! Намедонам, гоҳо раҳмон ба хоб мемонад-мӣ, шайтон кори худашро ме-

кунад, баъд, ки рахмон омада сарзаниш мекунад, бефоида!

Хуллас ки пас аз як рӯзи дигар, бо маслиҳати Ҳалимҷон ба як қишлоқи дурдасти Каттакӯрғон рафтам, ки оқсаққоли он ҷо ошно ва қадрдони Ҳалимҷон будааст. Ҳалимҷон худаш бо ман рафт, як шаб дар хонаи оқсаққол меҳмон шудем. Ба толеъи ман домулло имоми он қишлоқ касал шуда, ба шаҳр омада будааст, ба ҷояш муваққатан сӯфӣ имоматӣ мекардааст. Оқсаққол маро ба масҷид бурда ба қавмҳо шиносонид, муллозодаи бухорой, гуфт. Ҳама розӣ шуданд, ки ман имоматӣ кунам. Худат медонӣ, ки ин хел корҳоро ман дӯст намедорам. Лекин он вақт дигар илоҷ набуд.

Имоми қишлоқ шуда, ба як ҳуҷраи нимзаҳ истиқомат кардам. Нағз қуръон мехондам, панҷ вақт намоз тарк набуд ва ба илова ҳар бегоҳ ба қавмҳо панду насиҳат карда, аз гӯру охират ҳикояҳо гуфта медодам. Ман ба онҳо, онҳо ба ман маъқул шудем. Дере нагузашту Ҳалим ба дидани ман омаду хабар овард, ки байни амир ва ҳукумати Туркистон сулҳ шудааст ва роҳи рафту омад кушода гаштааст. Аз ин хабар шод шудам ва илтимос кардам, ки агар ягон кас ба Бухоро равад, ба ҳавлии Абдулҳафиз меҳмон шуда, уро бо худаш гирифта биёрад. Ҳалимҷон ваъда доду рафт...

Ман интизор шудам.

Дар мусофират ва ғарибӣ чӣ будани интизориро ту намедонӣ! Шаб мешавад, рӯз мешавад, чашми ман дар роҳ!.. Намози бомдодро хонда шуда, гумон мекунам, ки чоштгоҳ хабаре мешавад... Не! Баъд фикр мекунам, ки шояд пас аз намози пешин биёяд... боз не! Хайр, мегӯям бегоҳӣ, пас аз намози аср, ё пас аз намози шом меомадагист... дарак намешавад! Намози хуфтанро ҳам ба андак умеде хонда мешаваму то дергоҳ дар масҷид интизорӣ мекашам... Ниҳоят ба байтулэҳзони худ мераваму бо сад малол сар ба болишт мегузорам...

Гӯянд сабр кун ки туро сабр бар диҳад,
Оре диҳад, валек ба умри дигар диҳад!
Мо умри хешро ба сабурӣ гузоштем,
Умре дигар бибояду то сабр бар диҳад!

Ин буд, вирди забони ман!

Ниҳоят аз Бухоро Абдулҳафиз омад. Аз қадами вай ҳуҷраи торикам равшан гашт, ҷонам даромадаги барин шуд.

> Ман агар комраво гаштаму хушдил чӣ аҷаб,
> Мустаҳиқ будаму инҳо ба закотам доданд...

Медонӣ, қадру қимати Ватан дар мусофират маълум шудааст! Қас дар оғӯши нози ватанаш, аз лутфу эҳсони вай баҳра бурда истода, дуруст намедонистааст, ки вай чӣ хушбахт аст, ки Ватан дорад ва дар канори он масъудона зиндагӣ ба сар мебарад! Ҳамаи инро кас, дар ғурбат ҳис мекардааст. Абдуҳафиз худаш кӣ? Ба ман чӣ мешавад?! Аммо ман ӯро дидам, гӯё падарам, додари ҷониамро дида бошам, аз сару ҷонаш мегаштам, аз Бухоро гап мепурсидам, аз либосҳояш бӯи Бухороро шамиданӣ мешудам, дар симои вай — симои Бухоро, симои хешу табор ва ёру дӯстони худро диданӣ мешудам...

Ӯро ба пешгаҳи хона шинонда, ба пешаш дастурхон гирифтам ва аз аҳволи Бухоро пурсидам. Гуфтам, ки гап зан, ҳамаи воқеаҳоро гӯй, руст накарда, бекаму кост гӯй!

Абулҳафиз гуфта дод: падарам вафот кардаанд, модарам аз Бойсун ба Бухоро омадаанд, аҳволашон бад будааст, сахтӣ мекашидаанд, бекасӣ ва нодорамӣ он касро ҳам ба бистари беморӣ партофтааст... Амир ва муллоҳон ҷоҳил хунхӯрӣ ва истибдодро дучанд кардаанд. Ҷадидкушӣ дар авҷ будааст...

Ин хабарҳоро шунида дилам хун шуд, ғазабам омад, оташ гирифтам. Ба худо, гуфтам, агар дасти қудрат диҳад, чунон қасос гирам, ки олам ҳайрон монад! Чунон хун резам, ҷаллоди амир ба воҳима ояд! Ман ҳанӯз қувва, зӯрӣ ва тавонамро ба мардум нишон надодаам, халқ намедонад, ки ман ба чӣ корҳо, ба чӣ амалҳо иқтидор дорам! Сабр карда истед!

Ба худо сад ҳазор бор шукр, ки ана имрӯз ба арафаи рӯза қасос омада расидам. Насиб бошад, пагоҳ дасти қудрати ман баланд мешавад ва шароите ба вуҷуд меояд, ки осмони муроди худро сохта, дар байни ситораҳои дурахшони дастнишонам, чун моҳ, чун

офтоб сайр мекунам. Дигар пеши роҳи маро гирифта наметавонанд. Қасос мегирам, хун мехурам, ҷон меситонам!

Натарс, ту барииҳо, аз нонрезаи дастурхони ман ҷида, ба муродатон мерасед. Аз пушти шолӣ курмак об хӯрдааст! Агар ман шамшер занам, ту шамшербардор, агар ман айш кунам, ту дурдахори ман мешавӣ, Талх! Давру даврони мо мерасад! Мерасад! Мерасад!

Хӯш, гап дар болои чӣ буд... Ҳа, Абдулҳафиз...

Абдулҳафиз бисьёр наистод, худо раҳмат кунад илоҳӣ! Ду шаб хоб карду рафт. Аз вай ман донистам, ки ҷадидҳо дар Тошканд, Самарқанд, Каркӣ ва Чаҳорҷӯй барин шаҳрҳо боз ба ҳаракат омадаанд. Амир бошад, сарбозашро боз ҳам афзунтар карда, аз Афғонистон филҳои ҷангӣ, яроқу аслиҳа ва аскар гирифтааст. Ин хабарҳо боз ба дили ман оташ афрӯхт, боз ҳамон мағалу ғавғоҳо маро ба худашон кашиданд, ҷалб карданд...

Боре оқсаққоли қишлоқамон ба Тошканд рафтанӣ шуд. Ман ба воситаи вай ба Мирзо Муҳиддин ва Абдуқодирино хат навишта, ҷои истиқоматамро маълум карда фиристодам. Дере нагузашту аз онҳо ҷавоб омад, тайёриамон зӯр, ҳукумати Россия ба мо ёрӣ мерасонад. Ленин шогирдони худашро мефиристонад... Ленин кӣ гуфта мепурсӣ? Ленин бисьёр одами калон, оқпошшоро аз тахт афтондагӣ, Керенскийро ҳам, ҳозир дар Москав фармонраво худаш! Шогирдҳои вай ба ҳама кор усто ва моҳир будаанд. Ду нафар аз ҳамон шогирдҳои Ленин ҳоло дар Тошкант будаанд... Мирзо Муҳиддин гуфтааст, ки ба зудӣ бо қувваи калон ба Бухоро мезанем. Ту ҳушьёр ва омода бош, вақташ шавад, ба ту хабар дода, ҷеғ мезанем...

Ман ҳушьёр ва омода шудам, ман ҳозир будам, ки дар ҳар дақиқаи шабу рӯз бе ҳеҷ тараддуд ба роҳ бароям ва худро ба маркази корузор расонам... вале ҳеҷ хабаре нашуд. Боз интизорӣ, боз уммеду ноумедӣ асабҳои маро ба ларза оварданд, боз ба ҷонам расид, боз девона шудам... Тангдилии маро дида, оқсаққол бо калоншавандаҳои қишлоқ маслиҳат кардааст ва ба нею нестони ман гӯш нокарда, як сайнбаро ба занӣ

ғирифта доданд. Домод шудам! Зан нагирифта-нагирифта, охир ба як сайибаи қишлоқӣ соҳиб шудам. Ҳамаи орзу ва умедҳои худам ва падару модарам барбод рафта буд. Дигар ба он шароите, ки худам ва падару модари ман гумон доштем, зан гирифтани ман намешуд. Умед он тараф истад, ки худи падару модар набуданд...

Бале, дар қишлоқи дурдасти Қаттақӯрғон домод шудам. Дар ҳавлии келин тӯйчае карда, маро гирифта бурданд. Ба таки чимилиқ даромада бинам, занаки бад не, дар мусофирӣ мешавад.

Зандор шуда, аҳволам андаке беҳтар шуд, асабият пасттар шуд, хеле фаромад. Шавҳари аввалаи занак пештар элнукар будааст, баъд аз инқилоб милиция шуда кор мекунад. Лекин се-чор моҳ кор накарда, нохост касал мешаваду мемурад. Занаш бебача бева мешавад, хонаю ҷояш бесоҳиб мемонад. Ман шавҳари дуюм шуда, ки ба хонааш даромадам, ба вай хеле маъқул шудам. Занак ба ман садақаю қурбон буд. Ҳар чӣ гӯям мекард, ҳар чиз пурсам медод. Ҳамаи чизҳои шавҳари аввалаашро ба ихтиёри ман дод. Ана ҳамин кулӯча-чолвор, ана ҳамин таппонча, камар ҳамааш азони ҳамон мардаки милиция аст. Тапончаро аз ҳукумати нав нею аз ҳукумати пештара гирифта, руст карда, монда будааст. Дар қишлоқ ин чизҳо ба ман даркор набуданд. Дар он ҷо худи занак ба ман тасаллои хотир буд. Лекин баъд, нохост хат омада монд, ки дар моҳи август, дар охиртарҳояш ба Бухоро ҳуҷум сар мешавад, албатта ба Когон расида биё.

Ин хабар ба ман ҷон бахшид, руҳам тоза шуд. Ба худ қарор додам, ки зуд рафтан лозим. Бинобар он ба назди оқсаққол рафта, баҳона кардам, ки дар Бухоро модарам ҷонканон будаанд, як рафта, хабар нагирам намешавад. То баргаштани ман, худи сӯфӣ имоматӣ кардан мегирад. Оқсаққол розӣ шуд, ҳатто як миқдор пул ҷамъ карда дод.

Занам барои роҳ озуқа тайёр кард, дута мурғ пӯхта дод, гӯшти яхнӣ, нон, қанд ва бӯсаҳои ширину оби чашми бисьёре... Ман гуфтам, ки хафа нашав, аз бист рӯз дер намемонам.

Баъд аз ин, аз так кулӯча-чолвор, аз болояш ҷомма пӯшида миёнамро бастам ва аз болои он яктаҳ пӯшида гирифтам. Тапончаро дар кисаи так, дар чолвор гузошта, пинҳон кардам ва ба кӯча баромадам. Қавмҳо маро ба ароба бор карда, то ба шаҳри Каттақӯрғон оварда расониданд. Дар шаҳр ба ҳеҷ ҷо нарафта рост ба станция баромадам. Мехостам, ки поезд савор шуда, ба Когон биёям. Аммо ба толеи ман поезд гузашта рафта будааст ва дигар то пагоҳ ҳеҷ як поезд намешудааст. Маҷбур шудаму ба ҳавлии Ҳалимҷон равона шудам. Ҳаво торик шуда меомад, дар кӯчаҳо равандаҳо кам монда буданд... Дар бораи ноомади кори худ хаёлкунон ба пеши дарвозаи ҳавлии Ҳалимҷон расиданамро надониста мондам. Дарвоза аз дарун руст буд, тақ-тақ задам. Аввал ҳеҷ кас ва ҳеҷ садое набаромад, баъд касе ба паси дарвоза омаду овози бегонае пурсид:

— Кист?

— Ман,— гуфтам,— Ман ошнои Ҳалимҷон, фалонӣ, дарро кушоед!

— Ҳалимҷон нестанд! — гуфт занак.

— Ҳалимахон чӣ? — пурсидам.

— Тобашон не!

— Э, афсӯс,— гуфтам.— Хайр, майлаш кушоед, ман имоми фалон қишлоқ, қадрдони ҳамин хонадон мешавам, мехостам, ки хайру маъзур карда, ба Бухоро равам...

Пурсанда хомӯш шуда рафту баъд омада, занҷири дарвозаро боз кард. Ман сабр кардам, то ки вай ба ҳавлии дарун рафта даромад, баъд дарвозаро кушода ба ҳавлӣ қадам мондам ва ба таи дарвозаи ҳавлии дарун рафта овоз баровардам:

— Ҳалимахон, хоҳарам, ба шумо чӣ шуд?

Аз рӯи суфаи ҳавлии дарун овози хастаҳолонаи Ҳалимахон шунида шуд:

— Ду рӯз шуд, ки таб дорам, аҳволам вазнин... Додаратон бо кори мактаб ба қишлоқ рафтагӣ... Ох, ман қудрати аз ҷо хестан надорам. Ин кас ҳамсояамон... ба ман нигоҳубин мекунанд...

— Илоҳо, худо шифо диҳад! — гуфтам.— Ман ба Бухоро баргаштанӣ шуда омада будам, лекин дер

мондем, поезд рафта мондааст. Акнун пагоҳ-пешин поезд мешудааст. Хайр; гуфтам, ба ҳавлии Ҳалимҷондодарам рафта, шаброро мегузаронаму пагоҳ хайру хӯш карда, ба станция мебароям. Толеъ пастӣ карду додарамро надида мондам... Хайр, боке не, ман худам, дар ҳамин ҷо, дари хонаро кушода хоб мекунам...

— Хайр... Ман маъзур... Ба ҳузур хоб кунед, меҳмонхона худатон будагӣ барин... тахт карда мондагӣ... насиб бошад, пагоҳ сарам сабук шавад... наҳорӣ пухта медиҳам.

— Э, асло парво накунед, ман аз қишлоқ омадам, озуқаам бо худам... Лекин, хоҳарам, шуморо як хонда мондан лозим буд. Даму нафаси маро дар қишлоқ бисьёр таъриф мекарданд. Беморе набуд, ки аз даму нафаси ман сиҳат нашавад! Аввал худою, лекин баъд даму нафас ҳам гапи калон будааст...

— Овора нашавед, мулло-поччо! — гуфт занак,— то пагоҳ сабук мешудагем...

— Не, овораи чӣ?! — гуфтам.— Ҳозир як таҳорат карда, намози шомро мехонаму баъд даромада куфу суф карда монам, ту дидӣ, ман надидам, мешавад, иншооллоҳ!

Ҳалима гап назад. Ман гумон кардам, ки «сукут аломати ризост!». Ва зуд офтобаро гирифта таҳорат кардаму намози шомро хондам. Дар вақти намоз хонда истоданам, писари ҳамсоя омада, модарашро гирифта бурд. Инро ҳам ман барои худ фоли нек шумуридам. Зуд намозро хонда ба охир расонидаму бисмиллоҳ гуфта ба ҳавлии дарун даромадам. Ҳалима дар ҳақиқат ба рӯи ҳавлӣ ҷою ҷогаҳ карда хобида буд. Оҳиста рафта, дар пеши ҷогаҳаш нишастам. Шаб чандон торик набуд. Моҳи шомхӯрда акнун аз паси дарахтони қатори сафеддол, ки дар паси ҳавлӣ баланд шуда буданд, баромада меомад. Ҳалима бо вуҷуди гармии ҳаво ба болояш ҷойпӯш гирифта хоб мекард. Мӯҳои сиёҳи дарозаш ба рӯи болишт парешон шуда буданд. Чашмонаш нимпӯш, рӯяш тафс баровардагӣ, дар ҳамин ҳолати беморӣ ва хастагӣ боз ҳам дилбар, боз ҳам зебо ва малоика барин буд... Бисмиллоҳ гуфта, дасташро, ки ба паҳлӯяш бемадорона

афтода буд, гирифтам. Якбора ҳушьёр шуду «кист» гуфт ва нолида, дасташро кашид. Ман дарҳол ӯро осуда кардани ва ба хондану куфу суф сар кардани будам, нашуд. Баланд-баланд нолида, гап задан гирифт:

— Равед, равед! Даркор не! Равед! Равед!

Ман гумон-кардам, ки ин нозу адои занона аст ва бинобар он далертар шуда, дасташро гирифтам, ба сари синааш ҳам шудам ва хостам, ки аз рухсори гулгунаш бӯсае гирам, вале вай талвоса карда, аз ҷо хестаниӣ шуд ва ҳатто дод гуфт. Хостам даҳонашро пӯшам, ки як дасти пурзӯр аз китфам сахт дошта, ба қафо гирифта партофт. Ба поёни суфа афтода рафтам. Лекин ҳеҷ ҷоям зарар надид. Бо ҳавли ҷон давида аз ҷо хеста бинам, Ҳалимҷон харсосзанон мехоҳад, ки худро ба болои ман партояд ва намедонам чӣ мешуд, агар ман дар сари вақт сангеро, ки ба дастам афтода буд, гирифта ба сари дили вай ҳаво намедодам... Ҳалимҷон овозе бароварду афтод. Ҳалима нолаи ҷонхароше кард... Ман зуд давида, ба ҳавлии берун баромадам. Бинам, асп нобастагӣ, дар пеши дарвоза хас хӯрда истодааст. Ба худо шукр кардаму аз лаҷомаш гирифта берун баровардам ва ҳанӯз аз доду фарьёд касе бохабар ношуда, дар кӯча худро ба болои зин гирифтаму ба роҳи калон аспро давондам. Дам нагирифта, қариб як соат рондам ва ниҳоят ба як чакалакзор расидам, андак дам гирифтам ва мондам, ки асп ҳам аз кафку арақ пок шавад. Баъд, боз ба асп сувор шуда ба роҳи калон баромадам ва толеи некро тамошо кун, ки роҳ, роҳи Қаттақӯрғон ва Кармина будааст. Рӯз сафед шуда буд, ки ба хоки поки Бухоро, ба сарҳадди вилояти Қармина дохил шудам ва ба шукрони неъмат аспро ба буттае баста, ба рӯи реги дашти Қармина намоз хондам. Дар айни намоз хонда истоданам ду сарбози сарҳаддии амир ба сарам расида омаданд. Ман қасдан ба онҳо аҳамият надода, ба намозхонӣ давом кардан гирифтам.

Намоз мехондаму фикр мекардам: оё чӣ кунам? Оҳиста таппончаро аз киса бароварда ҳардуро кушта партоям? Ё ки якбора ҷаҳида, ба асп сувор шаваму гурезам? Не... ин ҳарду кор ҳам намешавад! Чунки

овози таппончаро шунида, шариконашон меоянд, ройгон кушта мешавам. Гурехтан ҳам намешавад, аз пасам расида, дастгир карданашон мумкин. Аспам ноозмуд!

Ман дар ин фикру андешаҳо будам, ки яке аз сарбозҳо дилтанг шуда гуфт:

— Биё рафтем, мон, намозашро хонда гирад!

— Набошад, аспашро аз гарав мебарем. Агар аз асп даркорӣ дошта бошад, ба қаровулхона омада, як чиз дода, аспашро гирифта меравад.

— Ин маслиҳати нағз!

Онҳо аспи маро бо худ гирифта бурданд. Ман боз ду ракъати дигар намози шукр адо кардам, ки асп сарашонро хӯрад, худам озод мондам. Набошад, кулӯчаҷолвор ва таппончаи маро дида, агар накушанд ҳам, эсир карда, ба зиндони Бухоро мефиристоданд. Дар Бухоро қушбегӣ ба ваъдааш, албатта, вафо мекард ва охирин чӯбаи дор азони ман мешуд...

Пас аз адои намоз пиёда-пиёда, бо пастхамиҳо, руст шуда, ба Қармина надаромада, рост ба ин тараф гаштам. Се шабу се рӯз орому карор надоштам. Хайрият дар кисаам ҳамон пули оқсаққол ҷамъ карда додагӣ будааст, аз қишлоқҳо нону мева, ширу ҷурғот харида хӯрдам. Худоба шукр, дигар рӯи наҳси одамони амирро надида, ба Кӯли Хавок расида омадам, ана хайрият боз сиҳат-саломат ҳамдигарро дидем. Қанӣ, хез ошро гирифта биёр, ки ланҷ шуда рафтагист!

— Э, ман қоил! — гуфт қиссаи Асад Махсумро шунида Наими Талх.— Аз аввал буҷули шумо ҳамеша олчӣ мехест, ҳолӣ ҳам олчӣ!

— Насиб бошад, акнун давру даврони мо сар мешавад! — гуфт Асад Махсум ва бо мамнуният хандид.

## 3.

Қишлоқи Кӯли Хавок ҳашт чақрим аз Қогон ба тарафи шимоли ғарбӣ буда, дар доманаи дашт воқеъ гардидааст. Мардуми ин қишлоқ аксарият деҳқонон буда, ба замини арақи ҷабин рехта ризқу рӯзӣ мееёфтанд. Бо вуҷуди он ки бисьёрии заминҳои ин ҷоро шӯ-

ра мезанад ва об намерасад, деҳқонҳо ҳунар кор фармуда, аз хоки шӯр ҳосили ширин меруёниданд. Саид Паҳлавон яке аз ҳамин хел деҳқонҳои ҳунарманд ва пурдон ба шумор мерафт.

Дар ҷавонии худ, дар айёми зинда будани падараш вай гӯштингирӣ ва баҳодурӣ карда мегашт. Дар ҳар ҷо ки маъракаи гӯштингирие шавад, аз тобиоти Когон пеш аз ҳама Саид Паҳлавон даъват карда мешуд. Вай дар ҷавониаш ҷандон сергӯшту чорпаҳлу набошад ҳам, лекин чака ҷандир ва пурзӯр буд. Паҳлавонҳои машҳурро, ки аз худаш ду баробар калон буданд, бардошта мезад ва рӯз аз рӯз ном мебаровард.

Боре дар Бухоро Қарокӯлибой тӯи калоне дода, ҷандин рӯз кӯбкорӣ-бузкашӣ ва гӯштингирӣ эълон кард. Ба он маърака аз Когон, аз қишлоқи Кӯли Ҳавок Саид Паҳлавони ҷавон ҳам даъват карда шуд.

Дар беруни дарвозаи Қарокӯл, дар майдони васеъ одами бисьёре ҷамъ омада буданд. Дар маркази маърака, дар болои ҷавкандие худи Қарокӯлибой меҳмонҳои олиҷоҳаш — Қозикалон, раис ва миршаби Бухороро зиёфат карда менишаст. Аз ҷоҳои дур паҳлавонҳои номиро чег зада оварда буданд ва тамошобинҳо ҳам тараф-тараф шуда менишастанд. Дар он маърака Саид Паҳлавон ду касро бардошта ба замин зад ва ҷомаю каллақанду пул инъом гирифт. Ниҳоят ӯро ба Ҷавкандӣ, ба назди калоншавандаҳо даъват карданд. Худи Қарокӯлибой пурсид, ки аз куҷой, чӣ ном дорӣ, касбат чист. Вай гуфта дод. Баъд Қарокӯлибой гуфт, ки вай Ҳайдаркул ном як моҳипаз дорад, агар Саидпаҳлавон ҳамон моҳипазро афтонад, соҳиби як асп мешавад!

Он рӯзҳо ба рӯзғори онҳо як асп аз ҳар чиз ҳам заруртар буд. Бинобар он, ин ваъдаро шунида, Саидпаҳлавон дарҳол розӣ шуду гуфт, ки як моҳипаз не, ду моҳипаз бошад ҳам мезанад. Бале, ҳамин тавр мағрур буд, Саидпаҳлавон!

Вақте ки дар майдон бо Ҳайдаркули моҳипаз рӯбарӯ шуд, ба ғалабаи хуб бовариаш ҷандин бор афзуд. Ҳайдаркул марди газгӯшт, қоматбаланд ва ҳеҷ ҷояш ба паҳлавон монанд набуд — моҳипаз буду бас! Саидпаҳлавон вақте ки дастонашро ба мисли болҳои

ђаррандагон алвонҷ дода-алвонҷ дода, ба моҳипаз наздик мешуд, аспи ваъдагиро дар зери поҳояш медид. Лекин аввалин даст баҳам задани ду паҳлавон маълум кард, ки асп ҳанӯз хеле дур аст ва ба болои он баромада сувор шудан чандон осон набудагӣ барин... Саидпаҳлавон хост, ки як харпанҷа андохта, Ҳайдарқулро аз болои сараш бардошта партояд. Лекин зӯраш нарасиду қариб буд, ки аз такони додани Ҳайдарқул худаш афтода равад. Вале, вай зуд худро дошта гирифту боз ҳуҷум кард, боз ҳунар ва зӯрӣ нишон доданӣ шуд, ки ба Ҳайдарқул асар накард. Маълум шуда меистод, ки Ҳайдарқул ҳуҷумҳои ӯро бартараф карда истода, худаш барои афтондани вай ҳаракати ҷиддӣ намекунад. Инро пай бурда, вай боз зӯр зад, боз тамошобинон ғулғула бардоштанд, вале боз фоида набахшид. Ҳайдарқул гӯё бо қадди баландаш ба замин мехкӯб шуда буд, ки афтодан намехост. Оҳиста-оҳиста Саидпаҳлавон аз ғурур афтод ва ҳатто ба вай маъюсӣ рӯй дод. Дар айни китф ба китф ва бозу ба бозу монда давр зада истодан, вай бо овози паст ва маъюсона ба Ҳайдарқул гуфт:

— Ман ба шумо кони, шаҳрама додам, ака! Майлаш ҳунаратонро кор фармоеду маро занед.

— Ту паҳлавони зӯр ҳастӣ, писар! — гуфт Ҳайдарқул.— Туро задан осон не!

— Ба ман нахандед, ака! Бой ба ман асп ваъда карда буд... Барои ҳамон...

— Магар ту ба аспи бой мӯҳтоҷӣ?

— Мӯҳтоҷ ҳам гап-мӣ! Деҳқониамон пеш нарафта истодааст.

— Ин тавр бошад, боз як зӯри ҳайдарӣ зан, ба асп соҳиб мешавӣ!

— Не, ман шуморо афтонда наметавонам.

— Метавонӣ!

Тамошобинон дилтанг шуда ғулғула бардоштанд:

— Ҳа, Саидпаҳлавон, суст набиё!

— Бардошта зан!

— Аз болои сарат гирифта парто, охир!

— Ҳайдарқул-ака!

— Қанӣ, ҳа!

Ҳатто овози бой ҳам баланд шуд, ки мегуфт:

— Ҳайдарқул, кашол накун! Бардошта зан!

Ҳайдарқул гӯё, зӯр зада, Саидпаҳлавонро афтондаӣ шуд. Мардум шавқун бардоштанд, вале «натавонист» ва ҳарсасзанон ба Саидпаҳлавон гуфт:

— Бахтатро боз озмой!

Саидпаҳлавон ҳамаи қувваташро ғун карда, боз як зӯр зад ва Ҳайдарқулро бардошта ба замин зад. Ғиреви мардум баланд шуд. Бой ки зӯрии Ҳайдарқулро медонист ва ба калоншавандаҳо таъриф карда истода буд, аз ин шармандагӣ дар хиҷил шуд ва барои дафъи хиҷолат бо овози баланд Саидпаҳлавонро офарин гуфту фармуд, ки асперо, ки зину лаҷом зада, муҳайё дошта меистоданд, ба даруни маърака дароранд. Аммо Саидпаҳлавон аз ғалабаи худ шод набуд. Вай ба ҳеҷ кас нигоҳ накарду давида аз маърака берун шуд ва аз ҷашми мардум ғоиб гашт.

Пас аз ин чанд гоҳ мардум номи Саидпаҳлавонро дар маъракаҳо нашунида монданд ва ӯ ба даъватҳои соҳибони тӯйҳо узр мегуфт ва ба ҳеҷ ҷо намерафт. Тарафдорон ва дӯстонаш ӯро сарзаниш мекарданд, аммо вай ба ҳеҷ кас сир намедод. Фақат як рӯз ба пурсидани падараш, ки барои чӣ аспи мукофот додашударо нагирифта омадааст, ҷавоб дода гуфт, ки:

— Ман дӯст пайдо кардам ва аз баҳри асп гузаштам.

— Нағз кардӣ писар! — гуфт падараш.— Агар сад асп медоданд ҳам ба қадри як дӯст намерасид. Лекин агар дӯсти ҳақиқӣ бошад.

— Дӯсти ёфтагии ман, дӯсти ҳақиқӣ! — гуфт вай.

Дар ҳақиқат Ҳайдарқул ба вай дӯсти ҳақиқӣ шуд. Роҳи зиндагӣ ва одаму оламро ба вай шиносонид... То ба дами ҳабс ва бадарға шудани Ҳайдарқул онҳо ҳамеша аз ҳоли якдигар хабаргирон меистоданд.

Пас аз вафоти падараш, бори гарони рӯзгор ба сари Саидпаҳлавон афтод ва ӯ маҷбур шуд, ки ҳавою ҳавасро тарк карда, ба як порча замини аз падар миросмонда худро барбандад. Рӯзғораш калон шуда монд: ду духтар, се писар, хоҳар ва додарҳо ҳама ба вай нигоҳ карда монда буданд. Ҳамаи онҳоро хӯронидан, пӯшондан ва ба ҳавлию хона нигоҳубин кардан лозим буд. Азбаски вай одами ориятнок, ҳубби наф-

саш баланд ва оиладӯст буд, мӯҳтоҷӣ ва ба дасти кас нигарон шудани худаш ва аҳлу аёлашро намехост ва бинобар он ҳамаи дилхушӣ ва ҳавою ҳавасро тарк гуфта, худро ба меҳнат зад. Шабро шаб, рӯзро рӯз намегуфт, бо ғайрати калон кор мекард ва то метавонист аз замин ҳосили бисьёр мерӯёнид. Лекин худи замона ба вай имкон надод, роҳи бахту саодатро баст. Пас аз тӯи писари калониаш қарздор шуда монд ва акнун бисьёрии даромаде ки аз ҳосили замин ба даст медаромад, ба қарз ва фоидаи он мерафт...

Он бегоҳие, ки Саидпаҳлавон бо писараш — Мирак дар замини харбуза кор мекарданд ва харбуза меканданду шоҳиди ба қишлоқ омадани Асадмахсум шуда буданд, ҳаво хеле гарм шуд. Онҳо ҷуволи харбузаро ба хар бор карда, ба ҳавлӣ даромада омаданд, ки модари Мирак дар рӯи ҳавлӣ, дар сари оташдон машғули пиёбапазӣ буд.

— Ин қадар дер кардетон?! — пурсид занак, ба пешвози онҳо бархоста.

— Писарат сусткор-дия! — гуфт табассум карда, паҳлавон. — То аз як ҷӯя ба ҷӯяи дигар гузаштанаш шаб шуда монд.

— Гап-дия! — гуфт модар, сари писарро сила карда. — Худатон сусткор шуда мондагед! Писаракам арақ кардааст, рав, дасту рӯятро шӯй! Ман ба шумо як пиёбаи бомаза пухтам, ки кас хӯрад, ҳалокиаш даррав мебарояд.

Падару писар бо оби ҳунук шусту шӯй карда, тоза шуда, ба рӯи суфа, ба сари дастурхон омада нишастанд. Пас аз меҳнати рӯзона ва дар ҳавои софи саҳро кор кардан, иштиҳои падару писар қозғир шуда буд. Онҳо як косагӣ пиёбаро, хуб нон зер карда хӯрданду пас дар ҳавои салқини бегоҳии саҳрозамин, дар рӯи ҳавлӣ роҳат карда, ба чойнӯшӣ нишастанд. Дар сари чой сӯҳбати ширини оилавӣ сар шуда рафт:

— Пагоҳ писарат ба бозор як ҷувол харбуза бурда, — гуфт Саидпаҳлавон, ба занаш бо шӯхӣ, — як халта пул гирифта мебиёрад, лекин ба ҳамин шарт, ки як оши палави бомазаи мурғин пухта медиҳӣ!

— Илоҳӣ аз забонакатон!.. — гуфт занак ва боз сари писарашро навозишкорона сила карда монд. —

Писарам ба ман пул меовардаасту ман оши палав накунам?! Поҳоямро ҳезум, дастҳоямро отащков мекунам, барои писари пульёбам.

— Агар акем як халта пул биёрад, ба ман ҳалқаи нуқрагин харед, дадачон,— гуфт хоҳари Мирак эркағи карда.— Сӯрохи гӯшҳоям қариб аст, ки баста шаванд.

— Ҳо, албатта! — гуфт бо табассум падар.— Ба ту ҳалқаи нуқра не, ҳалқаи тилло, ба очет куртаи шоҳӣ, ба акет як асп, ба худам як носкаду мехарам.

— Чиба якта носкаду?! — гуфт Мирак ҳам табассумкунон,— ба худатон якта мӯза, якта каланди нағз ва якта доси нав харед... Баъд барои ҳама як модагов ҳам харед, ки дар як шабонарӯз понздаҳ коса шир диҳад.

— Хайр, майлаш, «орзу дар ҷавонӣ айб не» гуфтаанд,— гуфт падар ва пас аз андак фурсат илова намуд: — Акнун очеш, ҷойхоби моро парто, писарат барвақттар хобад, ки пагоҳ саҳар ба бозор меравад.

Он шаб ҳар яке аз аҳли оила бо як фикре ва бо як хаёле хобиданд. Мирак хаёл мекард, ки харбузаҳои ӯро мардум талош карда, харида истодаанд ва ба даруни халтаи кушоди ӯ борони пул меборад. Модар бошад, ҳақиқатан, орзуи модаговро мекард. «Қошкӣ,— мегуфт вай,— як модагов мехаридем, ки шири бисьёр медод. Ҷӯши саҳарии онро ба рӯзгор сарф карда, ҷӯши бегоҳонии онро мефурӯхтем ва каму кости зиндагиро дуруст мекардем». Хоҳари Мирак бошад, дар гӯшҳояш ҳалқаҳои зарринро медид...

Аммо падар — Саидпаҳлавон тамом дар бораи чизи дигар фикр мекард: зимистон дар пеш, барои бачаҳо сару либос, барои рӯзгузаронӣ як андак қути лоямут захира кардан даркор. Ҳосили яксола меҳнатро ба қарз диҳад, ё ба рӯзғор сарф кунад?! Зиндагӣ рӯз аз рӯз сахт шуда истодааст. Дар бозор ҳама чиз гарону қимат, агар шумо харидани шавед, аммо ҳосили меҳнати ҳалолро фурӯхтанӣ шавед муфту арзон мехаранд... Ба болокорӣ, мардум мегӯянд, ки ҷанг мешавад, боз ҷадидҳо сар бардоштаанд, боз амир сарбоз ҷамъ кардааст... Дар гирду атроф кимчи хел одамҳои ношинос мегарданд, воқеанависӣ

мекунанд... Ба тӯҳмату бало гирифтор кардаташон мумкин!.. Оё, мардаки ин шаба кӣ бошад? Чаро ба сари полизи онҳо пойда омад? Як намудаш ба муллобачча монанд, лекин аз таки ҷома кулӯча чорвор дорад? Мирак таппончаашро ҳам дидааст. Шояд рост бошад. Бедарак набуд, ки вай хонаи Наимро мепурсид. Аз дасти ин Наими Талх ҳар кор меояд. Хайр, пагоҳ рӯз шавад, насиб бошад, кӣ будани меҳмони шабравро аз Наим мепурсад...

Саидпаҳлавон аз ҳама дер хобид ва аз ҳама барвақттар бедор шуд. Дар оби равон дасту рӯ шуста истода буд, ки аз дур ба гӯшаш овози тӯбпарронӣ расид. Одатан дар рӯзи шанбе аскарҳои амир машқ карда, дар беруни дарвозаи Самарқанд, дар яланги тӯбпарронӣ мекунанд. Лекин овози он то ба Кӯли Хавок ҳеҷ гоҳ намерасид. Шояд имрӯз тӯбҳои калон ва овозаш баландро парронда истода бошанд, гуфта гумон карду аҳамият надод. Аз харбузаҳои барои худашон ҷудокардамондагӣ яктаашро гирифта бурид ва се коса карда, баъд Миракро бедор кард.

Хез бачем, бевақт шуда мондааст аз афташ, овози тӯбпарронии сарбозҳои амир омада истодааст.

Мирак саросема аз хоб чашм кушода, гӯш карду шунид, ки ҳақиқатан гоҳ-гоҳ аз дур овози тӯбпарронӣ ба гӯш мерасад.

— Ҳаво равшан нашуда машқ мекунанд-мӣ? — гуфта пурсид вай хоболуд.

— Кӣ медонад,— гуфт паҳлавон,— ҳар рӯз як нағмаи нав! Хез, тахтӯд кун, баъд ба роҳ баромадан лозим.

Мирак дасту рӯ шуста омаду бо падараш нону харбуза хӯрд ва баъд омин гуфта, ҳарду аз ҷо бархостанду харро тӯкум зада, ҷуволи харбузаро ба он бор карданд.

— Хайр, писарам, сиҳат-саломат рафта, биё! — гуфт паҳлавон.— Аз худат эҳтиёт бош, пулата надузданд!

— Хотирҷамъ бошед! — гуфт Мирак ва харро ба роҳ андохт. Рӯз сафед шуда бошад ҳам, ҳанӯз офтоб набаромада буд. Лекин дар тарафи Шарқ домани уфуқ даргирифта буд...

«Нагз! — гуфт Мирак худ ба худ. — Ба бозор аз ҳама аввал рафта медароям...».

Хари Мирак, ки шаб дам гирифта, бардам шуда буд, бемалол йўрғакунон қадам мезад. Мирак бошад, аз паси хараш тез-тез роҳ гашта, бо шавқ ашўла мехонд:

Давидаму давидам,
Ба сари чорсу расидам,
Як хари нағза дидам,
Пулаша дода, харидам... Их!

Дар осмони нилгуни беғубор фароштурукҳо бозӣ карда мегаштанд. Дар фазои васеъи саҳро боли онҳоро нури офтоб бо шўълаҳои аввалини худ зартоб мекард. Андак насими форам вазида, баргони дарахтони зардолу ва санҷидро, ки дар гирдогирди заминҳои корам қад барафрошта буданд, ба рақс меовард. Ба замин, ба рўи майсаҳо андак шабнам нишаста буд. Саҳро аз хоби роҳат бедор шуда, нафаси рўҳбахш мекашид. Хоҳ дар замин, хоҳ дар осмон тозагӣ, бардамӣ ва навқиронӣ чарангос мезад. Барои истиқболи офтоби ҷаҳонтоб, шабо-шаб; гўё ҳамаи ашьёу мавҷудотро шуста, тоза карда, ҷило дода монда буданд... Аз сўи қишлоқ, ки ба қафо монда буд, овози ҳайвонот — бузу гўсфанду гову хару асп шунида мешуд. Подабонҳо пода меғундоштанд. Дар саҳро бошад, ҳур-ҳури насими пагоҳӣ ва чаҳ-чаҳи мурғони хушилҳон шунида мешуд. Рўзи муқаррарии охирҳои тобистон ва аввалҳои тирамоҳи Бухоро сар мешуд...

Аммо он рўз рўзи оддӣ набуд!

Рўзи муқаррарӣ набудани он рўзро Мирак намедонист. Вай дар ғами зудтар ба бозор бурда фурўхтани харбузаҳои худ, аз паси хараш тез-тез қадам мемонд ва аз роҳи бекас, хомўш ва хушбаҳр ба сўи Қогон раҳсипор буд. Зиндагӣ ва меҳнат ин бачаи чордаҳсоларо, ки ҳоло айни бозӣ карда гаштанаш буд, ба ҷавони соҳибраъй ва рўзғордоре табдил дода буд, ки аз ваҷоҳаташ андешамандӣ ва тафаккур намоён буд. Қадаш чандон баланд набуд, дасту бозуи ўро кору меҳнат аз ҳоло пухта ва чака-чандир карда буд. Дар пояш як мўзачаи нукборики кампошнаи даридагӣ,

эзорпочаҳои карбоси рангаш номаълум, ё сафеди чиркиншуда, аз болои соқи кӯтохи мӯза овезон, дар танаш аз болои куртаи гиребонпаҳни карбос, яктаи қаламӣ, бо миёнбанд аз миёнаш баста шудагӣ, дар сар калапӯши бахмали сиёҳи рангаш паридагӣ... Бо ҳамин ҳайъату либос, вале бо лабони пур аз табассум (аз хаёлу шавқи муваффақияти бозор), бо чашмони шӯхи сиёҳ, ки дар онҳо оташаки умед баръалоёна барқ мезананд, вай аз паси хараш қадам мезад.

Пас аз пули наҳрчаи Кӯрак, роҳ ба тарафи шарқ майл карда, ба хатти роҳи оҳани Қогон-Самарқанд хеле наздик мешавад. Дар ин ҷо аввалин нурҳои офтоби хуррам ба сару рӯи Мирак пошида шуданд. Офтоби ҷаҳонтоб, гӯё либоси зардӯзии нави худро махсусан барои он рӯз пӯшида, чунон бо чеҳраи кушод ба дашту саҳро назар афканд, ки якбора атроф ҳама ба шодӣ ғарқ шуд. Сояи хар ва сояи дарози Мирак аз тарафи рост, гоҳо каноҳи роҳро зер карда, гоҳо ба даруни ҷӯйчаи алафзеркарда афтода, пеш мерафтанд. Пас аз каме ба ин сояҳо боз сояҳои дигар илова шуданд. Дар роҳ равандаҳои дигар низ пайдо шуда буданд. Як деҳқон се хар коҳ мебурд, дигараш ду хар алаф, сейумин як сабад анҷирро пуштора карда мерафт. Пас аз каме роҳ гаштан, аз сӯи Қогон ба ароба чизе бор карда, аробакаше намоён шуд. Деҳқоне, ки коҳ мебурд, бо аробакаш салому алейк карду пурсид:

— Гузаргоҳ кушода бошад-мӣ?

— Ҳа, як гузаргоҳ мондагию бас! — гуфт аробакаш ва гузашта рафт.

Мирак ба ин суолу ҷавоб аҳамияте надод. Вай хурсанд, буд, ки ба ғайр аз ӯ касе ба бозор харбуза намебарад, танҳо вай, Мирак як ҷувол харбуза бурда истодааст ва аввалин шуда, ба бозор медароянд.

— Их, эй ҷонивар! — мегуфт вай харашро огоҳ карда ва боз ҳам тезтар қадам мемонд. Вақте ки аз қишлоқи Гачкаш гузашт, станцияи Қогон ва станцияи Амиробод баралоина намоён гашт. Ана, қатори вагонҳои сурхи бисьёре, ки як тарафаш ба сӯи Амиробод, тарафи дигараш ба сӯи Қогон кашол ёфтааст. Ана,

паравозҳо ҳуштак кашида, ба осмон болиштҳои бисьёре аз дуд сар дода гаштаанд. Эҳе, вагонҳои қатор чи қадар бисьёр! Вай дар умраш ин қадар бисьёр ҷамъ шудани эшелонҳои вагонҳои сурхро надида буд. Гӯё ҳамаи хатҳои роҳҳои оҳанро вагонҳо банд кардаанд. Мирак як дараҷа ҳайрон шуда, лаҳзае дар як ҷо истода монд.

— Ин қадар поезди бисьёр ҷамъ шудааст,— гуфт вай ба деҳқоне, ки ба се хар ҷуволҳои коҳро бор карда мебурд.— Магар аз Когон он тараф поезд намегузарад?

— Аскар омадагӣ мегӯянд,— гуфт деҳқон.— Ин вагонҳои сурх ҳама аз аскар пур будааст. Лекин хайрият, ки гузаргоҳи моро набастаанд, навакак ароба гузашта рафт.

— Рост мегӯед,— гуфт Мирак.— Ана ба он сӯ як нигоҳ кунед, аскарҳо поймашқ карда, рафта истодаанд. Эҳе, чӣ қадар бисьёр!..

Дар ҳақиқат аз эшелонҳои қатори бисьёре, ки ҳамаи роҳҳоро банд карда меистоданд, аскарҳо фаромада, милтиқу пулемётҳоро ба даст гирифта, ба сӯи станцияи Когон ва қишлоқи Ӯбачӯлӣ, ки ба наздикии роҳи Бухоро буд, мерафтанд. Деҳқони коҳкаш камтар нигоҳ карда истоду ба роҳаш рафтан гирифт, ӯро дида Мирак ҳам мехост, ки ба роҳаш давом кунад, аз ақиб, аз тарафи қишлоқ асп тохта омада истодани шахсеро дида, истода монд. Он шахс ҳанӯз ба вай наздик нашуда, Мирак шинохт: вай ҳамон мардаки дирӯз бегоҳӣ ба сари полизи онҳо омадагӣ буд. Дар зери пояш аспи Наими Талх, ҳамон саллаю ҷома, вале дар пояш мӯза буд. Сувор ба Мирак аҳамияте надода, зада гузашта ба сӯи Когон рафт. Пас аз бартараф шудани чанг, ки аз зери суми аспи даванда бархоста буд, Мирак ҳам харашро ҳай карда, ба роҳ даромад. Дар гузаргоҳ аз байни қатори вагонҳо ва хатҳои роҳи оҳан гузашта, бо роҳи байни заводи пахта ва сарои чой ба сӯи бозори Когон харашро ҳай кард. Дар бисьёрии вагонҳо аскарбачаҳо буданд. Баъзе аз онҳо ба русӣ, баъзеашон тоҷикӣ, як қисмашон ба туркӣ сухан мекарданд. Инро дида Мирак ба хотир овард, ки бачаҳои қишлоқ дар бораи ҷанг гап

мезаданд, шояд ки ин аскарҳо барои ҷанг кардан омада бошанд?

Ҷанг!.. Сарбозҳои амир ҳам машқи ҷангро мекунанд, аскарҳои афғон бо филҳои ҷангӣ омадагӣ... Ҷанги сахт мешудагист... Агар имкони тамошо кардан мешуд, Мирак албатта рафта тамошо мекард. Аммо дар куҷо ҷанг мешуда бошад? Албатта дар майдони Кӯли Шағолон, ё ки дар Ялангии беруни дарвозаи Самарқанд мешудагист... Барои ҷанг ҷои васеъ, майдони калон даркор, албатта?..

Мирак ғарқи ин хаёлҳо, аз паси хараш оҳистаоҳиста мерафт, ки якбора овози ғар-ғари сахте, ки аз болои сар, аз сӯи осмон шунида мешуд, ӯро як қад паронд, ҳатто хари бегами вай гӯшҳояшро сих карда монд. Мирак ба осмон нигоҳ карда, самолёти дуболаи калонеро дид, ки ба сӯи қишлоқи онҳо парида рафта истодааст. Самолёт дар зери болҳояш аломати ситораи сурх дошт ва аз шамол мелаппидагӣ барин, лаппида-лаппида мерафт. Мирак пеш аз ин ҳам чанд бор самолётро дида, одат карда монда буд ва медонист, ки он аз болои қишлоқи онҳо баланд парвоз карда мегузарад ва баъд ба сӯи ғарб тоб мехӯрад ва ба Бухоро меравад ва низ медонист, ки ин мурғи фӯлодболро «айроплан» меноманд, зеро, ҳар боре ки самолёт ба болои қишлоқ пайдо шавад, тамоми бачаҳои қишлоқ бо овози баланд ин мисраъҳоро такрор мекарданд:

Аэроплон — мурғи калон,
Мурғи калон — аэроплон!
Ош нахӯрӣ — дон нахӯрӣ,
Ситора чин аз осмон!

Лекин, ҳоло аэроплан чунон паст парида буд, ки вай ҳатто ронандаи айнакдори онро низ дида тавонист ва табиӣ овози ғар-ғари он ҳам хеле баланд буд, ки бинобар он Мирак нохост тарсида монд.

Аэроплан гузашта рафт. Мирак ҳам ба майдони назди сарои чой расида омад. Дар ин майдон, ки аз як тарафи он сарои чой ва аз тарафи дигараш заводи пахта ҷой гирифта буд, ҳамеша одами бисьёр ҷамъ мешуд ва аз фурӯшандаҳои майда, як бозорчае таш-

кил мееёфт. Мирак ба бозори калон нарафта, аксар вақт харбуза ва сабзавоти худро дар ҳамин ҷо мефурўхт. Имрўз майдони назди сарои чой аз ҳад зиёд серодам буд ва бисьёрии онҳо аскарҳо буданд. Вақто ки Мирак хари худро ба дарахте баста, ҷуволашро ба замин гузошту якчанд харбуза баровард, ба сари ў дарҳол аскарбачаҳои харидор ҷамъ шуданд.

— Харбузаҳоят чандӣ? — гуфта як аскар ба забони туркӣ пурсид.

— Ҳар чӣ ки диҳед, ихтиёратон! — гуфт Мирак ҳам ба забони туркӣ.

Аскарбачаҳо ба ҳамдигар нигоҳ карда хандиданд. Ту фурўшандаи нағз-ку! — гуфт яке аз онҳо ба забони тоҷикӣ,— нархи молатро намедонӣ!?

— Ин чизи деҳқонӣ, амак,— гуфт Мирак, суханҳои як бор гуфтаи падарашро ба ёд оварда,— нарх надорад, қиматаш обу замини худо додагию араққи пешонаи деҳқон!

— О, шайтоне!— гуфт аскарбача ҳайрон шуда, — ба гап ҳам хеле усто будай!

— Агар харбузаҳояш ҳам таърифӣ бошанд...

— Деҳқон нархро надонад, бозор арзон мешавад.

— Набошад, надонистанаш хуб будааст.

Ба гапу хандаи аскарбачаҳо як нафар марди миёнсин, вай ҳам аскар, иштирок карда монд:

— Нархи бозорро надонистанаш ҳам, аҷаб не,— гуфт вай ба забони шикастаи тоҷикӣ, гўё ки руси забондон буд.— Деҳқонбача ҳозир омад, нархи бозорро намедонад, шумо бошед, йовмут барин ба сараш рехтед ва чӣ гуфтанашро надониста, ихтиёр ба худатон гуфта монд.

— Ана ба ҳамин сетояш як сўм диҳам? — гуфт мардаки айнакии ришу мўйлабнок.

— Як сўм? — гуфта Мирак ҳайрон шуда монд.

— Ҳа, як сўм кам-мӣ? — боз пурсид он мард.

— Не, еэ,— гуфт дарҳол Мирак,— ба як сўм даҳто гиред ҳам майлаш...

— Э, бале! — гуфт харидор,— ту деҳқонбачаи ҳақиқӣ будай! Ба ман даҳто харбуза лозим не, ҳамин сетояш кифоя!

Ва се харбузаи калон-калони нағзро ҷудо карда

гирифта, як сўм партофта рафт. Дигарҳо ҳам аз вай мондани надоштанд. Якаш ба панҷ харбуза як сўм дод, дигараш ба ду харбуза ду тангаи калон партофт ва ҳамин тавр карда, дар як дам зиёда аз ним ҷувол харбуза фурўхта шуд. Мирак бошад, ба чашмонаш бовар намекард, ҳар замон ба пулҳои бисьёр ҷамъ шуда истода нигоҳ карда, чашмонашро молида мемонд. Охир, нархи як харбузаи калон зиёд бошад, панҷ тин — як мирӣ мебошад. Ҳеҷ савдогар дар Бухоро ҳатто ба даҳ тин ҳам харбуза нафурўхтааст... Не, ин хоб будагист!

Мирак дар ҳамин хаёл буд, ки як савдогари персиён омада монд ва ба ин дараҷа қимат рафта истодани харбузаҳо нигоҳ карда, ҳушаш париду дастонашро дароз карда, харидорҳоро боз дошт:

— Ҳой мардум! — гуфт вай.— Истед, шумо чӣ кор карда истодаед?! Нархи харбузаи ин бачаро ин қадар боло бардошта, хонаи аҳли савдоро сўзонидан мехоҳед магар?! Нархи як харбузаи ин аз панҷ тин — як мирӣ зиёд не, шумо бошед...

— Мо бошем, ба пули худамон хўҷаин ҳастем,— гуфт як солдат ба забони персиёнӣ, гўё вай ҳам персиён буд.— Мо аз кисаи ту пулатро нагирифтаем, ки ин қадар фарьёд кунӣ!

— Ба пул рафтани харбузаҳои бача ғаши ўро овардааст! — гуфтэ хандид дигаре.

— Ҳасад мебарад!— гуфт сейўмин.

— Агар ин харбузаҳо азони вай мешуд, овозаш намебаромад.

— Пулносери аз ҳасад мемурдагеш ана ҳамин!

Овози гулдурроси хандаи умум баланд шуду савдогар чӣ кор карданашро надониста, зуд аз байн баромаду ба як сў давида рафт.

— Ҳозир вай ҳам барои харбуза овардан рафт,— гуфт як аскарбача, ки харбузаи буридашударо қалам карда мехўрд.— Лекин харбузаи ин бача барин ширин намешавад.

— Майлаш харбуза биёрад, ҳар кадомаш як тинӣ савдо мекунем! — гуфт дигаре, боз ҳамаро хандонда.

Дар ин дам аз миёни майдон овози карнай баланд шуду аскарҳо давон-давон ба сўи сафҳои худашон

рафтанд. Аз дарвозаи сарои чой ва заводи пахта ҳам одами бисьёре коргарҳо, ҳаммолҳо, хизматчиёни идораҳо баромада, ба сӯи майдон рехтанд. Дар як дақиқа Ялангӣ аз одам пур шуд.

Мирак ҳам, ки харбузаашро фурӯхта тамом карда буд, ҷуволи холиро лӯнда карда, ба даст гирифту ҳамьёни пур аз пулро ба киҷабағали куртааш (ки онро модараш махсусан дӯхта монда буд) гузошта, аз болои он яктаи қаламиро ба худ сахт печонида, миёнбандашро баст. Вақте ки аз пулу аз ҷувол хотирҷамъ шуд, ба майдон диққат карда дид, ки ба болои суфаи баланде чандин шахсони шабканок, шамшернок ва босалобат баромадаанд, гӯё ки онҳо ба мардуми ҷамъомада ва ба аскарҳои бисьёре, ки ба гирду атрофи он баландӣ саф баста буданд, чизе гуфтан мехоҳанд.

Яке аз онҳо, ки қади баланд, танутӯшнок, рӯяш паҳн ва чашмонаш калон-калон буд, мӯҳои сиёҳи ҷингила дошт ва он мӯйҳо аз ду тарафи шапкаи ситораи сурхдораш зада баромада истода буданд. Вай дар тан либоси ҳарбӣ — гимнастёрка ва шалвори галефӣ дошт, лекин шамшеру таппончааш наменамуд.

Дар паҳлуи он марде истода буд, ки аз ӯ андаке пасттар, боқувват ва босалобат ба назар метофт, дар сари вай ҳам шапка буд. Лекин он мард ришу мӯйлаби қаҳваранг дошт. Чашмонаш гӯё табассум карда меистоданд. Аз китфаш тасмаи шамшер ҳамоил, дар камараш таппонча дошт. Дар гирду пеши ин ду нафар, боз чандин касони дигар ҳам буданд, ки Мирак ба онҳо дуруст диққат накарда, волаи ҳамон ду нафар шуда монд.

— Ҳа, Мирак, ба хайр? — ин овоз ӯро ба ҳуш овард. Мирак баргашта нигоҳ кард, ки дар паҳлӯяш яке аз дӯстони қадрдони падараш, ки пештар ба хонаи онҳо чандин бор омада рафта буд ва номаш Ҳайдарқул амак буд, рост истодааст. Мирак ба сару либоси Ҳайдарқул амак нигоҳ карда, боз ҳам ҳайронтар шуд. Зеро ки вай ба ҷои ҷомаю яктаи оддии бечорагӣ (ки ӯ пештар мепӯшид) ҳоло дар тан кулӯчаҷолвори аскарӣ, дар миён тасма баста ва ба он тап-

поччаи калони куттипок овехта буд, ба сараш телпак, хамон телпаки персиёнӣ буд.

— Амаки Ҳайдаркул,— шумо-мӣ? пурсид Мирак ба чашмонаш бовар накарда.

— Ман-ку, ман! — гуфт Ҳайдаркул мӯйлабҳои дарози мошубиринчашро сила карда,— аммо ту дар ин чо ва дар ин вакт чӣ кор карда гаштӣ? Дадет канӣ? Наход ки танҳо омадӣ?

— Ҳа, ман саҳар қатӣ харбуза оварда будам,— гуфт Мирак.— Ҳозир фурӯхта шудам.

— Танҳо омадӣ? — боз пурсид Ҳайдаркул.— Дадет медонад-мӣ, ки ту дар ин ҷо?

— Э, ҳа! — гуфт Мирак аз суолҳои Ҳайдаркул амак ҳайрон шуда,— Чӣ шудааст? Худи дадем мана узот карданд... Харбуза хуб пул шуд... Боз биёрам-мӣ?

— Не, акнун дадет намемондагист! — гуфт Ҳайдаркул ва мехост чизе пурсад, Мирак он маъракаи аскарҳо ва дар болои баландӣ будагонро нишон дода пурсид:

— Амакчон, дар ин чо чӣ гап? Инҳо киҳо, бошанд-а?

— Инҳо сардорҳои калони аскари сурх! — гуфт Ҳайдаркул .— Ҳозир ваъз мегӯянд, дар бораи инкилоби Бухоро гап мезананд.

— Хайр,— гуфт Мирак «сипоҳӣ»-ро аз даст надода, гӯё ба сухани Ҳайдаркул сарфаҳм рафта бошад, илова намуд: — Ман ҳайрон, ки чӣ гап бошад... Аскарҳо машқ мекунанд-гӯед?!

Ҳайдаркул табассум карду аз дасти Мирак гирифт ва ӯро пештар, ба сӯи минбар наздиктар кашида гуфт:

— Машқ не, гап мезананд, ваъз мегӯянд, ба аскарҳо фотиҳа медиҳанд, ки рафта нағз ҷанг кунанд?

— Чӣ хел ҷанг?

— Бо амир! Ҳозир бо амир ҷанг шуда истодааст. Инкилоб шуда истодааст... Наход, ки дар кишлоқ хабар нашуд?

— Не, мо ҳеҷ хабар надорем,— гуфт Мирак ва зуд илова намуд:— Лекин бачаҳо ҷанг мешавад, мегуфтанд, ман намедонистам, ки ҷангаш ҳамин хел мешавад. Охир аскарҳои амир қатӣ ҷанг намекунанд?

— Бале, аскарҳои амир қатӣ, дар пеши калъаи

Бухоро ҷанг шуда истодааст. Овози тӯпро нашунидӣ-магар?

— Шунидам, шунидам. Э, ман гумон кардам, ки аскарҳои амир машқ карда истодаанд... Набошад, сар шуд гӯед? Хайр, инҳо чӣ мекунанд?

— Ҳа, сар шуд! — гуфт Ҳайдарқул бо табассум, ба вай суолҳо ва пурсупоси Мирак маъқул шуда буданд. — Ман гуфтам-ку, ин аскарҳо ҳам ба ҷанг мераванд, пеш аз ҷанг фармондеҳони калони аскарҳои сурх ба онҳо насиҳат медиҳанд, чӣ будани инқилобро мефаҳмонанд. Ана вай ҷингиламӯяш Куйбышев ном дорад. Одами базарба. Ваяш, шамшернокаш, Фрунзе,— фармондеҳи калони ҳамаи аскарҳои фронти Туркистон. Ҳозир суханро ба Куйбышев доданд. Ана, дидӣ пеш гузашт, шапкаашро ба даст гирифт. Ҳозир чунон гапҳо мезанад, ки кас ҳайрон мемонад...

— Дар бораи чӣ?

— Дар бораи инқилоб, дар бораи инқилоби Бухоро, дар бораи ҷанг... Аз ду сар ту намефаҳмӣ бачем, беҳтар ки дӯлоб нашудан пештар ба қишлоқ баргард! Дадет агар сар шудани ҷангро фаҳмида бошад, хавотир мешавад.

— Аскарҳо машқ намекунанд-мӣ, амак? — боз пурсид Мирак ба шавқ омада.

— Не,— гуфт Ҳайдарқул.— Ҷанг тамом шавад, баъд машқ мекунанд, ту тамошо мекунӣ. Ҳозир, биё ман туро гузаронида, ба роҳ тӯғрӣ карда монам.

Ҳайдарқул Миракро ба хараш сувор карду аз майдон бароварда монд ва гуфт:

— Ба дадет гӯй, ки инқилоб сар шуд, имрӯз не, пагоҳ тахти амир ба замин яксон мешавад!.. Хотирҷамъ бошад. Боз гӯй, ки агар мумкин бошад, барои аскарҳо мева, харбуза тайёр кунад...

— Ман мебиёрам! — гуфт сухани Ҳайдарқулро бурида Мирак.

— Не,— гуфт Ҳайдарқул.— Ҳоҷат не. Дадет бо оқсаққол гапзанон карда мева, харбуза инчунин ба аспҳои аскарҳо алафу ҷав ёфта монад, мо одам мефиристонем, пулаша дода мехаранд. Қанду шакару читу газвор мебаранд.

— Хуб шудааст.

— Гӯй, ки воҳима накунанд, ба гапи ҳар кӣ бовар накунанд, инқилоб ғалаба мекунад, мо зӯр мебароем, озодӣ мешавад, насиб бошад!

— Хуб шудааст.

Ҳайдаркул ба майдон баргашт, Мирак аз кӯчаи байни иморатҳои хиштин рафта истода буд, ки чашмаш ба як расме афтод; ки ба коғази калоне кашида шуда ва ба девор часпонида шуда буд. Мирак ҳарро ба он девор наздик бурду ба сурат диққат кард. Дар он коғаз сурати як марди деҳқон як устои оҳангар ва як аскар кашида шуда буд, ки даст ба ҳам дода, байраки сурхи калонеро мебардоштанд ва дар зери пояи байрақ одамҳои бадафти салланок ва шикамкалон мачақ шуда хобида буданд. Дар байрақи сурх ва дар поёни сурат ким-чиҳо навишта шуда буд. Мирак ғарқи тамошо буд, ки аз қафояш овози бадҳайбати мардеро шунид, ки мегуфт:

— Ӯ саҳроибача! Ҳай кун харата! Ин чӣ номаъқулӣ, ки ба пеши шиори инқилобӣ ҳар қатӣ омадӣ!

Мирак баргашта нигоҳ карду дид, ки боз ҳамон мардаки шабанкӣ, бо ҳамроҳии як нафар камзӯли чарминпӯш ба сӯи ӯ бо қаҳл нигоҳ карда, рафта истодааст. Мирак гап назаду харашро ҳай кард, аммо мардаки шабрав бо рафиқаш ба сӯи хонаи персиёни савдогар баргаштанд. Инро дида Мирак худ ба худ гуфт:

— Ӯҳ, кӯр-кӯрро дар торикӣ шинохтааст!

Ва харашро их гуфта хала доду ба сӯи қишлоқ давонд...

Саидпаҳлавон пас аз гуселонидани Мирак каландашро ба китфаш гузошта, ба сӯи ёбон равон гашт ва тамом фаромӯш карда буд, ки бояд Наими Талх биёяд, бояд аз вай гап пурсида, муаммоҳои дилшабаро ҳал кунад ва милтиқи ӯро дуруст карда диҳад. Ҳоло тамоми хаёли вай ба об додани як порча замине, ки ба он пиёз корида буд, банд буд. Лекин ҳанӯз аз қишлоқ берун нашуда буд, ки аз қафо овози Наими Талхро шунид, ки ӯро чеғ мезанад. Саидпаҳлавон каландашро ба замин гузошта, ба омада расидани вай мунтазир шуда истод.

Офтоб баланд шуда, нурҳои хуррамонаи худро ба болои қишлоқ мепошид. Дар оби равони ҷӯе, ки аз он кӯча мегузашт, гӯё алмоспораҳо дар мегирифтанд. Дар ҳавои софу форам бӯи хуши хасу беда, чанги намолуд пахн шуда буд, ки машоми деҳқонро менавохт.

— Монда нашавед паҳлавон, ба куҷо? — пурсид Наим наздик расида.

— Навбати обдорӣ нагузарад гуфта, рафта истода будам, — гуфт Саидпаҳлавон, — фаромӯш кардаам, ки ба шумо ваъда дода будам.

— Ҳа, милтиқи шикорӣ?..— гуфт матлаби Саидпаҳлавонро фаҳмида, Наим. — Зарар надорад, вақти дигар дуруст мекунед. Ҳозир милтиқи ҷангӣ даркор шуда монд, Паҳлавон, милтиқи ҷангӣ!

— Барои чӣ?— гуфт Саидпаҳлавон ҳайрон шуда.

— Чунки ҷанг сар шуд. Овози тӯбро намешунавед?!

Ин сухани Наим мисли соиқа барқ заду чашмони Саидпаҳлавонро во кард, вай якбора ба худ омадагӣ барин шуд. Дар ҳақиқат овози тӯбпарронӣ ҳанӯз ҳам қатъ нашуда буд ва гулдур-гулдур давом дошт... Гӯё дар паси уфуқ раъду барқ шуда истода бошад.

— Ҷанг сар шуд? Дар куҷо? Дар Коғон-ку не?

— Не, дар Бухоро-дия! Шумо ҳам эмарӣ-мӣ? Ҷанг бо амир сар шуд, дар Коғон большевикҳо аскар ҷамъ кардагӣ... Чи тавре, ки Асад Махсум мегӯянд ин дафъа ҷонобӣ олетон аз тахт мефаромадагӣ барин!

— Асад Махсуматон кӣ? Шабангӣ меҳмонатон магар?

— Бале, бале,— гуфт Наим аввал, вале баъд ҳайрон шуда пурсид:— Шумо аз куҷо медонед?

— Омаданашро дида будам, аз ҷош якто харбуза додам...

— Ҳа, ҳамин тавр гӯед! Шумо ӯро дидед?! Бисьёр нағз. Ана ҳамин одами дидагетон — Асад Махсум ном дорад. Вай калони ҷадидҳои Бухоро, хеле одами базарба!

— Хайр, аҷиб! — гуфта монд Саидпаҳлавон, вале хаёлаш ба ҷои дигар, ба Мирак банд буд...

— Асад Махсум ба ман таъин карда рафт, ки тайёр шуда истам ва ба атрофи худам одамҳои дилпур

мешудагиро ҷамъ кунам. Ҳамин ки Бухоро ба даст дароянду ҷанг тамом шавад, вай моро чеғ зада, ба ҳар кадом як мансабу як вазифа месупорад... Ман ҳоло ба ғайр аз шумо ба каси дигар боварӣ надорам. Чунки шумо паҳлавони гузаштагӣ, ҷабр дидагӣ, камбағал!

— Саломат бошед, бародар! — гуфт Саидпаҳлавон ва дар дилаш хандид. — Канӣ, ҷанг тамом шавад, баъд ягон гап мешудагист...

— Албатта! Албатта! — гуфт худбоварона Наим. — Хотирҷамъ бошед, давр даври мо камбағалон мешавад! Ба мову шумо ҳам навбат мерасад!

— Хайр, илоҳӣ ҳамин тавр шавад-ку, лекин, — гуфт мулоҳиза карда истода Саидпаҳлавон. — Лекин ҳозир, беҳтар, ки ба фикри кори худ шавем ва... ҷон бародар, аз шумо хоҳиши ман ҳамин, ки ин гапҳоро ба каси дигар нагӯед, гӯед ҳам, ки маро ном набаред!

— Натарсед, Паҳлавон! — гуфт Наими Талх, — мо ҳам йигит ном дорем! Ба шумо ҳамин қадар хабар дода мондам, ки дар хотиратон бошад! Хайр, ман ба қишлоқи Ӯбачӯлӣ меравам, корам ҳаст.

Наими Талх дигар гапе назаду гузашта рафт. Саидпаҳлавон бошад, дар ҷои истодагиаш камтар хаёл карда монду баъд ба тарафи ёбон нарафта, ба қишлоқ баргашт. Гуфтаҳои Наими Талх ба дили Паҳлавон воҳима андохт, хаёли ӯро парешон кард.

Вақте ки Саидпаҳлавон ба маркази қишлоқ — ба сари масҷид расид, дар он ҷо аллакай мардуми бисьёре ҷамъ гашта, дар бораи ҷанг, дар бораи ғазо, дар бораи даҳшату фоҷиаҳо сухан меронданд. Ҳарчанд, ки ҷанг аз қишлоқ даҳ-понздаҳ чақрим дур буд, ҳарчанд, ки ғулғулаи ҷанг ва шарораи он ба ин қишлоқ бевосита намерасид, лекин мардум ба воҳима афтода мегуфтанд: ҷанги қаттол сар шудааст... Аз ду тараф ҳам кушта манора шудааст... Ба Бухоро офат намерасидаст, то модоме, ки як хишти мазори хоҷа Баҳоуддин боқист!.. Мардуми қишлоқҳои атрофи Бухоро ба по хестаанд, ба шаҳр зада даромадаанд.... Қишлоқҳои атрофи Бухоро хароб шудааст... ҳоказо ва ҳоказо...

Аз ин хабарҳо баъзеҳо ба воҳима афтода ғусса мехӯрданд, баъзеҳо ҳайрон буданд, баъзеҳо шодӣ мекарданд... ва ҳар кадом ба таври худ тарҳу нақшаи кори

худро мекашиданд. Баъзе аз давлатмандон ва боёни қишлоқ чизу чораҳои қиматбаҳои худро руст мекарданд ва дар фикри ба ҷоҳои дур гурехта рафтан буданд. Имому сӯфии қишлоқ мардумро ба ғазот даъват мекарданд. Камбағалҳо аз таҳти дил хурсандӣ мекарданд ва ғалабаи инқилобро чашм доштанд...

Саидпаҳлавонро пеш аз ҳама як фикр, як ғусса печонида гирифта буд: вай дар фикри писараш, дар фикри кенҷаписараш буд. Мираки вай ба Когон, ба маркази ҷанг, ба маркази ҷидол рафта буд. Кӣ медонад, ба вай чӣ шуд? Ба дасти ягон тараф афтоду гирифта ҳабс карданд? Ё, ҳай карда ба майдони ҷанг бурданд? Харбузаашро тала карданд? Ҳайр, гӯр харбуза шавад, илоҳӣ худаш сиҳат-саломат бошад! Бачаи бечора бо чӣ уммеду орзуҳо харбуза канд, саҳар аз хоби ширин монда, гирифта бурд, фурӯхта, як халта пул гирифта мебиёрам гуфта буд... Ҳеҷ кадомаш нашуд, ҷанг пеш омад... Тавба, «Ман омадам ба дилхушӣ, аз пеш баромад ғӯзакашӣ!».. Илоҳӣ бача саломат бошад, охири кор ба хайр шавад!

Вай то чоштгоҳи калон дар хона ва дар кӯча бо ину бо он сӯҳбат карда, фикр гирифта гашт, то тавонист сабр кард ва худро бо ҳар хел сӯҳбату маслиҳат сокӯл карда гашт, лекин баъд натавонист, аз қишлоқ баромада, ба канори ҷӯйчае нишасту чашм ба роҳи Когон дӯхт. Роҳи Когон холӣ ва хомӯш буд. Барои чӣ буд, ки имрӯз оиндаю равандагон наменамуданд. Гӯё ҳама аз воқеаи имрӯзаи ҷанги Бухоро хабар доштанд ва пешо-пешакӣ саранҷоми кори худро дида, дар хонаҳояшон нишаста бошанд!

Офтоб қариб ба қиём расида буд, лекин ҳаво он қадар гарми бад набуд, шамоли форамe мевазид. Оби ҷӯйча шилдирросзанон ҷорӣ буд. Мурғони бисёре аз ҳар тараф нағмасарои мекарданд. Як кур-кури каррок ба болои деворчаи ҳотае, ки дар он қарибӣ буд, нишаста, беист кар-кар мекард. Фохтаке ба шохи дарахте нишаста, ғӯё ба вай ҷавобан, беғамона гоҳ-гоҳе ку-ку гуфта мемонд. Фароштурукҳо виҷирросзанон дар фазои хуррами қишлоқ бозӣ ва парвоз мекарданд. Як села кафтарҳои хонагӣ парвозкунон муаллақ мезаданд ва ҳунарнамоӣ мекарданд. Мусичаҳо — ин ҷонварак-

хои факир ҳам аз чӣ буд, ки ба шавқ омада, бо ҳамдигар гап зада, ку-кугӯӣ мекарданд... Аз дур гӯсолае «ма-о» гуфта монд, модагове аз он қарибӣ ӯро таскин дода, ман дар ҳамин ҷо, натарс, гуфтагӣ барин, «маъос» зад. Баъд аз тарафи қишлоқ овози ҳангос задани харе шунида шуд ва дар заминаи ҳамаи ин садоҳо аз дур овози осмони паси уфуқ барин, гулғулаи ҷанги пурдаҳшат якзайл ба гӯш расида меистод...

Мардум ҷанг мешавад-ҷанг мешавад гуфтанд, ана, охир ҷанг ҳам сар шуд. Кӣ медонад, дар ин ҷанг дасти кӣ боло мешавад. Агар дафъаи гузаштагӣ барин боз амир зӯр бароянд, хонаи мардум хароб! Боз хунрезӣ, боз ҷадидкушӣ!.. Илоҳӣ ҳамин тавр нашавад, худо раҳми бандагонашро хӯрад, ба халқи бечора рӯзу рӯшноӣ ато кунад, дар қатор мо ҳам нафаси осудае кашем... Наход, ки худо оҳи бечорагонро нашунавад?!

Аммо, ин Мирак чӣ шуд? Чаро ин қадар дер кард? Фурӯхтани як ҷувол харбуза ин қадар мушкил, магар? Ё ки ӯро бандӣ карда монданд? Бачаи бегуноҳро-а? Беҳтар, ки ба Коғон рафтан, хабар гирифтан лозим, дигар илоҷ нест!

Саидпаҳлавон дар ин хаёлҳо банд буд, ки ногоҳ ба гӯшаш садои суми харе расид. Вай зуд аз ҷо нимхез шуда, ба роҳи Коғон нигоҳ кард, ки холӣ буд ва ҷонзоде наменамуд. Лекин пас аз дақиқае аз тарафи қишлоқ деҳқоне ба хар савор шуда омада расид.

— Ҳа, Саидпаҳлавон! — гуфт вай.— Дар ин ҷо ниншаста мондед? Ба роҳи касе интизор ҳастед,мағар?

— Ҳа,— гуфт паҳлавон,— писарам, Мирак ба Коғон рафта буд... Пичӣ ҳаял кард, дилам хавотир!

— Э, хавотир нашавед! — гуфт беғамона деҳқон.— Омада мемонад, ҳолӣ рӯз барвакт...— Ва хост, ки гузашта, аз паси кораш равад, лекин Саидпаҳлавон ӯро боздошт:

— Нос дорӣ, бародар?

— Ҳа, мекашед?

— Ин ҷо гир!

Саидпаҳлавон носкадуро гирифта, як «отим» ба зери забон партофту боз як-ду «отим»-и дигар ба рӯи барги дарахте гирифта монд ва носкадуро ба соҳибаш баргардонид.

— Чор сол ин тараф намекашидам.— гуфт вай ба деҳқон.— Ҳозир нохост хумораш гирифт. Хайр бародар, саломат бош!

Шумо ҳам саломат бошед! — гуфт деҳқон ва пас аз каме илова намуд.— Ҳа, асло парво накунед, писаратон ба куҷо меравад, омада мемонад!

— Илоҳӣ, аз забонакат! — гуфта монд Саидпаҳлавон.

Деҳқон аз паси кораш рафт. Саидпаҳлавон боз танҳо монд. Носи тез зери забони ӯро андаке сӯзонда, асабҳои таранггаштаашро камтар қитиқ карда монд. Ин ҳол ба вай каме кайф доду каме ҳушьёр кард. Пас аз панҷ-шаш дақиқа носро туф карда, даҳонашро бо оби соф ғар-ғара карду боз ба рӯи сабзаҳо паҳлу зад ва ба сӯи роҳи Когон чашм дӯхт. Дар роҳ касе набуд. Аммо дар байни майсаҳо ҷондорҳои бисьёре ба кору бори зиндагии худ машғул шуда мегаштанд. Мӯрчаҳои аспакии тезрав ба даҳони худ донаеро газида чорхез ба сӯи хонаи худ медавиданд, дар роҳ аз шарикони худ роҳро суроғ мекардагӣ барин, ба ҳамдигар як тумшуқ-ба тумшуқ зада мегирифтанд... Малахҳои ҷаҳанда ҷак-ҷаккунон ҳамдигарро пеш карда мегаштанд. Аҷабо ин малахҳои беғам хонаю ҷо, зану фарзанд дошта бошанд? Фарзанд надоштан ҳам мушкил, вале ғаму ғуссаи фарзанд боз ҳам мушкилтар!

«Аммо, ин Мирак чӣ шуда бошад?! — гуфт Паҳлавон худ ба худ ва чӣ кор карданашро надониста, боз ба зери забонаш як «отим» нос партофт.— Охир, офтоб ба қиём расид, то ба ин дам се ҷувол харбузаро ҳам фурӯхтан мумкин буд. Ё ки бачаи нодон, қиматтар фурӯшам, бисьёртар пул кунам, гуфта истод-мӣ? Хабар надорад, ки дар Бухоро ҷанг сар шудагӣ. Ҳеҷ кас ҳам нест, ки ба вай инро гӯяд!...»

Пас аз чор-панҷ дақиқа носро туф карда, боз даҳонашро бо оби софи ҷӯйча ғар-ғара кард. Ин дафъа, вақте ки ба роҳ нигоҳ кард, аз дур сиёҳиеро дид, ки ба сӯи қишлоқ меояд. Ба чашмонаш бовар накарда, аз ҷо нимхез шуду бо диққат нигоҳ кард. Бале, бале одами харсуворе омада истодааст. Ба Мирак монанд... Ҳа, худаш, худи Мирак омада истодааст. Шукр, сад ҳазор бор шукр!

Саидпахлавон хост, ки боз як «отим» носи мондагиро ба зери забон партояд, вале якбора худро нигох дошту носро дур андохт ва дасташро шуст. Мирак бошад, аз дур падарашро дида, хушхолона фарьёд кард:

— Дада, хо дада! Корхо ванг! Корхо калон!

Саидпахлавон ба суханхои хурсандона ва бесару нўг гуфта шудаи писараш гўш накарда, ўро аз болои хар бардошта гирифт, бўсид ва ба сари дилаш пахш кард, хатто аз чашмонаш якчанд катра об рехт...

Мирак ин вазъияти падарашро хеч вакт надида буд, бино бар он хайрон шуду пурсид:

— Ха, дада, ба шумо чй шуд?

— Хайрият омадй писарам, набошад пиёда ба Когон суроғ карда мерафтам.

— Барои чй?

— Ту нашунидй, магар? Дар Когон ғазот шудааст, чанг шудааст!

— Когон хотирчамъй! — гуфт Мирак ва харашро пеш андохта, ба сўи кишлок рохравон, ба падараш дидагй ва шунидагихояшро як-ба як накл карда дод.

— Дар Когон чанг нест,— гуфт Мирак ба гапаш давом намуда,— чанг дар Бухоро шуда истодааст... Хайф ки дида наметавонем!.. Дар Когон аскарбачахо тўп шудагй, харбуза биёр мегўянд.

— Ту чй гуфтй? — пурсид Саидпахлавон аз часорати писараш фахре карда.

— Ман хуб гуфтам,— гуфт Мирак.— Албатта мебиёрам гуфтам. Хама бачахои худамон, аскарбачахои мусулмон. Яктеш мана ука гуфт, яктеш ўғлим (писарам) гуфт, яктеш чиян номид... Ба худо, ки рост мегўям. Як халта пул шуд. Хамекаш пули аскарбачахо. Урусаш хам хаст, нўғаяш хам хаст... Як хелаш урус барину лекин ба забони худамон гап мезанад, точикй... Онхо тарафи маро гирифта бо персиёни чаллоб чанг карданд...

— Кадом персиён?

— Ху, персиёни чаллоби бакколи фиребгар хастку, ришнок... ба шумо карз додагй... Хамонро... расвою масхара карданд... Ха, дада! Ман дидам, ки хамо

мардаки шаб омадагӣ... Ху, мардаки таппончанокн ба ҳавлии Наим амак рафтагӣ... Ана ҳамон мардак, боз як мардаки камзӯли чарминпӯш ба ҳавлии персиённ чаллоб рафтанд... Мардаки таппончанок ба ман дод зад...

— Барои чӣ?

— Не, ман як сурати ғалатиро тамошо карда истода будам, харата ҳай кун, саҳрой, гуфт.

— Чӣ хел сурат?

— Ба як коғази калон кашида, ба девор часпонда мондаанд... дар кӯча. Хайр, тамошо кардам чӣ шуд?!

— Агар дар кӯча бошад, барои тамошо кардан часпонда мондагиянд-дия! Аммо вай мардак ба ҳамин ҳам хасисӣ карда, ба ту дод задааст. Хайр, бало ба пасаш, ҳар чӣ сиҳат омадӣ шукр! Вай одами хеле бад барин буд... Боз мардаки камзӯли чарминпӯш мегӯӣ? Тавба кардам худо! Хайрият ба ту кордор нашудаанд! Хайр, боз киро дидӣ?

— Ҳа, Ҳайдаркул амакро дидам... Либосҳои аскарӣ пӯшидагӣ, бо аскарҳо якҷоя машқ мекунанд магар... таъин карданд, ки барои аскарбачаҳо мева, харбуза, барои аспҳояшон ему беда тайёр кунед будааст, омада пулаша дода, газвору қанд ҳам дода, харида мебурдаанд.

— Майлаш, майлаш,— гуфт ба андеша фурӯ рафта падар.— Ба оқсаққол гуфтан лозим, не намегуфтагист.

Саидпаҳлавон ба қишлоқ даромада, рост ба сӯи ҳавлии худ равон шуд. Лекин Мирак ба сари роҳ истода, ба падараш хитоб намуд:

— О, харбуза чӣ?

— Қадом харбуза?

— Аскарҳо гуфтагӣ... Биёед, ба сари полиз рафта, харбуза канем!.. Боз як ҷувол харбуза барам, як ҷуволи дигар пул карда мебиёрам.

— Биё, мои бачем,— гуфт ба таври қатъӣ падар.— Нимтаи нон, роҳати ҷон, гуфтаанд. Барои ин рӯз ҳаминаш ҳам кифоя! Ба худо сад бор шукр, ки ба ту осебе нарасидааст, набошад ин ҷанг ҳазил не, бачем!

Мирак ҳайрон ва музтар шуда монд.

— Мебурдам нағз мешуд...

— Ба ҳаминаш шукр кун!

Сухани қатъии падар ӯро маҷбур кард, ки ба сӯи ҳавлӣ равад....

Панҷ рӯз гузашт... панҷ рӯзи пурҳаяҷон, панҷ рӯзи ваҳму ҳарос, панҷ рӯзи яъсу умед... Оё чӣ мешуда бошад? Наход ки амири Бухоро бо ҳамин қадар дабдабаю савлаташ мағлуб шавад? Наход ки инқилобчиҳои Бухоро ғалаба карда, амирро банд мекунанд, амирро ба дор меовезанд? Пас муллоҳо чӣ кор мекунанд? Мансабдорон ва тиллокамарон куҷо мераванд?

Саидпаҳлавон носкадуи чор сол пеш аз ин партофта мондаи худро аз кадом кунҷу бахилаҳо кофта, ёфту боз ба носкашӣ сар кард. Шабҳо кам хоб мекард. Аз кори саҳро дилхунук шудагӣ барин, ҳар рӯз як-ду соат рафта, ба Мирак кор мефармуду боз ба қишлоқ бармегашт, дар пеши даромади масҷид нишаста, ба ҳар хел хабарҳои аз тарафи Бухоро меомадагӣ гӯш медод. Шабҳо ба хона омада, чизе мехӯрду баъд ба носкашӣ давом медод...

— Ин қадар, чӣ ғусса мехӯред, дадеш! — мегуфт модари Мирак.— Ҳар чӣ шавад аз тақдирамон, қатори кӯб! Мо чизу чораи казой надорем, ки ғами онро хӯрем...

— Э, чизу чора?! — гуфт даст афшонда, бо овози хаста Саидпаҳлавон.— Ман дар ғами духтарамон!.. Бухоро сӯхта истодааст. Шабҳо шӯълаи алангаро аз болои тал баҳузур дидан мумкин, мегӯянд... аланган Бухоро! Ба духтари мо чӣ шуда бошад?

— Худо худаш паноҳашон!

— Худо паноҳашон... Лекин...

— Ҳавлии духтари мо дар Бозори Чӯб, ҷои васеъ ва ялангтар,— гуфт зани пурдон.— Аз арк ҳам дур, аз лаби ҳавзи девонбегӣ[1] ҳам. Большевик ба бечораҳою камбағалҳо кор надорад, мегӯянд. Сӯзонда бошад ҳам, аркро сӯзондагист... Ҷои баланд, алангааш аз дур менамояд. Худо хоҳад, бачаҳои мо сиҳат ва саломат ҳастанд.

— ...Лекин,— гуфт паҳлавон сухани саркардааш-

---

[1] Арк ва лаби ҳавзи девонбегӣ — ду маркази серодами Бухорои пеш аз инқилоб. *Муаллиф.*

ро давом дода,— ба умеди худо нашав, бутгаро дор! гуфтаанд. Ҳар чӣ бодо бод, пага ман худам ба Бухоро меравам, хабар гирифта бармегардам.

— Охир,— гуфт занак ғамхорона.— Ҷанг мегӯед, Бухоро сӯхта истодааст, мегӯед, боз рафтанатон чӣ хел мешуда бошад?

— Бухоро наравед, дада! — гуфт ба суҳбат ҳамроҳ шуда, Мирак.— Агар хайр гӯед, ман ба Когон меравам, боз як ҷувол харбуза мебарам. Агар Ҳайдаркул-амакро дида монам, аз аҳволи Бухоро мепурсам. Он кас аз ҳама гап хабар доранд, гуфта медиҳанд.

Саидпаҳлавон бо ифтихор ва фараҳмандӣ ба сӯи писараш, ки ҳоло соҳибмаслиҳат шудааст, нигоҳ карда истоду тамом чизи дигар гуфт:

— Очеш, писарам, писари дуруст мешавад. Акнун мурам ҳам беармон меравам.

Мирак хиҷолат кашиду сар ҳам кард ва дигар чизе нагуфт.

— Писарам рост мегӯяд,— гуфт модар.— Майлаш, Когон наздик, ин писарчаи назарнагирак, ба ин ҳеҷ кас кордор намешавад. Рафта, хабар биёрад мешудагист.

— Не, очеш, намешавад! — гуфт Паҳлавон ба таври қатъӣ.— Мирак ба ҳеҷ ҷо намеравад!

Гап ва маслиҳат бо ҳамин тамом шуд. Лекин Саидпаҳлавон то хеле вақт хоб накарда, фикр мекард, роҳ меҷуст, андеша мекард...

Рӯзи дигар ба қишлоқ якчанд нафар аскарҳои сурх бо як сардорашон омаданд. Ба онҳо мева, харбуза ва барои аспҳояшон алаф даркор будааст. Сардори онҳо, ки марди айнакии ришдор буд, Миракро шинохт ва бо ӯ дӯстона вохӯрдӣ кард:

— Ҳа, писари нағз! — гуфт вай.— Дигар харбуза набурдӣ? Ҳамон рӯз бачаҳо ба ту хеле чашмдарроҳ шуданд, харбуза наовардӣ, лабташна ба ҷанг рафтанд. Хайрият, ки ғалаба карданд, набошад, гуноҳашон ба гардани ту буд!

— Аскарбачаҳо Бухороя гирифтанд-мӣ?

— Ҳа, дар Бухоро Ҳукумати Советӣ ғалаба кард, амир гурехт!

— О-о-о-о! Нағз шудааст! — гуфт Мирак хурсан-

дона ва ба падараш муроҷиат кард:— Ана, фаҳмидед, амир гурехтааст, аскарбачаҳо зўр баромадаанд!

— Фаҳмидам, фаҳмидам, писарам,— гуфт Паҳлавон ва ба сардор муроҷиат кард.— Муборак шавад зафар!

— Раҳмат!

— Ин кас ҷўраи амаки Ҳайдаркул! — гуфта шиносонид Мирак,— аз ман харбуза харида буданд...

— Бисьёр нағз! — гуфт паҳлавон.— Қанӣ, набошад, меҳмонҳоро ба сари полиз хабар кун, хуб харбуза зиёфат кун!

— Марҳамат! — гуфт Мирак.— Сари полизи мо дур не!

Лекин меҳмонҳо узр гуфтанд. Оқсаққоли қишлоқ илоҷ надошт, ки хоҳиши аскарҳоро иҷро накунад. Вай бо ёрии Саидпаҳлавон ва дигар камбағалҳои қишлоқ ба аскарҳо се-чор ҷувол харбуза, ду ароба юнучка, чанд ҷувол коҳ ғундошта дод. Сардори аскарҳо ба онҳо аз нархи он чизҳо зиёдтар пул, чой, қанд доду хайру хўш карда, ба роҳ даромаданд. Онҳоро гусел карда истода, Мирак пурсид, ки агар вай пагоҳ ба Бухоро равад, ҳеҷ гап намешавад. Сардори аскарҳои сурх гуфт, ки рафтан мумкин, лекин беҳтар, ки пас аз панҷ-шаш рўзи дигар равад, хотирҷамъатар мешавад ва баъд ба як коғаз чизе навишта ба дасти ў дод, ки дар вақти ба шаҳр рафтанаш агар дар ягон ҷой касе ўро чигоҳ дорад, ҳамин коғазро нишон диҳад.

Мирак хурсанд шуда, ба хона баргашт ва бо ифтихор коғазро ба падару модараш нишон дода, сўҳбати шудагиро гуфта дод. Он шаб қарор доданд, ки пас аз як ҳафтаи дигар падару писар ба Бухоро меараванд ва аз аҳволи наздиконашон хабар гирифта бармегарданд...

Ҳафтаи дигар, Саидпаҳлавон саҳари барвақт аз хоб бедор шуду Миракро, ки сахт мехобид, хору мол карда, базўр бедор кард ва андак нонушта карда, ба сари полиз рафтанд. Аз полиз якчанд харбузаи пухтагии калон-калонро канда, ба хўрҷини гузошта, падару писар пиёда-пиёда, харро пеш андохта, ба роҳи Бухоро даромаданд.

— Аз роҳи калон намеравем, гуфт Саидпаҳлавон.—

Беҳтар, ки бероҳа-бероҳа ба болои қишлоқи Қарӣ меравем, аз Қарӣ гузашта, бо Ҷӯгихона ба дарвозаи Мазор меравем. Дарвозаи Қавола хароб шудагӣ, мегӯянд.

— Майлаш, дадаҷон,— гуфт Мирак ва пас аз андак фикр карда роҳ гаштан пурсид; — дарвозаи Қавола хароб шудагӣ мегӯед-мӣ? Акнун боз чанд дарвозаи Бухоро монд?

— Э, ҳоло дарвозаҳои Бухоро бисьёр — гуфт андешамондона Саидпаҳлавон.— Дарвозаи Мазор, дарвозаи Самарқанд, дарвозаи Намозгоҳ, дарвозаи Уғлон, дарвозаи Тали Поч, дарвозаи Қарокӯл, дарвозаи Шайх Ҷалол, дарвозаи Қаршӣ ва ҳоказо... Ҷамъ ёздаҳ дарвоза. Лекин мегӯянд, ки боз як дарвоза, дарвозаи дувоздаҳӯм ҳам ҳаст, ки он хеле солҳо боз маҳкам ва қир шуда рафтагӣ...

— Хайр, барои чӣ баста шуда бошад? Ҳамин дарвозаи Қавола барин, дар ҷанг хароб шуда бошад?

— Надонам! — гуфт Саидпаҳлавон ва хомӯш монд. Баъд фикр кард, ки роҳ дур, фурсат бисьёр, беҳтар, ки Миракро бо гап андармон карда, гузаштани фурсат ва тайи манзилро осон намояд. Бинобар он ба ҳамин мавзӯъи дарвозаҳои Бухоро гапро давом доданӣ шуда гуфт:

— Аслан дарвоза ба ҳамон ҷои қалъа мешавад, ки роҳ бошад. Масалан роҳи Қарокӯл аз дарвозаи Қарокӯл сар мешавад, роҳи Қаршӣ аз дарвозаи Қаршӣ сар мешавад, роҳи Самарқанд аз дарвозаи Самарқанд ва ғайра... Агар роҳ набошад, дарвоза ҳам даркор намешавад. Эҳтимол роҳе, ки дар вақташ ба дарвозаи дувоздаҳӯм мерасидааст, ба чӣ сабабе баста шудааст ва дар натиҷа дарвозаи дувоздаҳӯм ҳам лозим нашуда монда, маҳкам ва қир шуда рафтагӣ.

— Бухоро ҳамин қадар дарвоза, ҳамин қадар роҳҳо доштаасту ман бехабар! — гуфт калонсолҳо барин, Мирак.

— Ҳа,— гуфт падараш суханашро давом дода,— Бухоро роҳҳои бисьёре дорад. Аз ин роҳҳо омадурафти зиёде мешавад. Савдогар меояд, ҳаннот ҳам, олим ҳам меояд, дузд ҳам, урус ҳам меояд, мусулмон ҳам, ҳар кас бо роҳи худаш, ҳар кас бо кори худаш бо мак-

саду нияти худаш... Баъзеҳо ба Бухоро илму файзу равнақ меоранд, баъзеҳо аз Бухоро молу пулу давлат мебаранд; баъзеҳо ба обод кардани ин шаҳр меоянд, баъзеҳо барои боз ҳам хароботар кардани он... Баъзеҳо меоранд, баъзеҳо мебаранд... Ҳамин тавр аст, зиндагӣ, писарам! Ин дувоздаҳ дарвозаи Бухоро — мисли дувоздаҳ моҳи як сол аст! Ҳар моҳ ба худ нағзӣ ҳам дорад, бадӣ ҳам. Понздаҳ шаби моҳ торик, понздаҳ шабаш равшан. Акнун инқилоб шуд, акнун кӣ медонад, аз ин ёздаҳ дарвоза киҳо меояну чиҳо меоранд ва мебаранд?

— Акнун ҳуррият меомадагист — гуфта монд Мирак.

— Ту аз куҷо медонӣ? — ҳайрон шуда падараш пурсид. — Ҳуррият!

— Бачаҳо мегӯянд, ки — гуфт Мирак,— баъд дар Когон шунидам... Амир ки рафт ҳуррият мешудааст. Худи ҳуррият чӣ бошад, дада?

Саидпаҳлавон худаш намедонист, ки ин калимаи арабӣ чӣ маъное дорад.

— Намедонам,— гуфт вай, чадидҳо баровардагӣ як гап! Эҳтимол маъноаш озодӣ бошад.

— Озодӣ бошад, нағз — гуфт хурсандона Мирак.— Кас озод мегардад, хуб тамошо мекунад...

Одатан вай Бухоро рафтанро дӯст медошт. Шаҳри калони қадима бо ҳамаи растаю бозорҳояш, арку касрҳояш, мадрасаю манораҳояш ҷои тамошо буд. Кӯчаҳои сангфарш, растаҳои васеи барҳаво ва болопӯшида, лаби ҳавзи Девонбегӣ, фойтунҳои дуаспа, сарбозҳо, машқи онҳо, ғайра ва ғайра ҳамеша дар пеши назари ӯ буданд. Хусусан ин бор, хусусан ин дафъа, ки дар Бухоро инқилоб шудааст! Оё пас аз инқилоб, пас аз ҷанг дар Бухоро чиҳо шуда бошад? Чӣ дигаргуниҳо воқеъ шуда бошад? Арк дар ҷояш бошад? Манор наафтода бошад? Сарбозҳои амирро чӣ хел бандӣ карда бошанд? Худи амир ба куҷо гурехта бошад? Қӯрхонаи поёни арк будагӣ чӣ шуда бошад? Ин ҳама суолҳо аз вай ҷавоб мехостанд. Вай дар даст халачӯб, аз паси ҳар роҳравон ба фикру андешаи кӯдаконаи худ банд буд...

Аммо Саидпаҳлавонро ғаму ғуссаи зиндагӣ ба худ

банд карда буд: ана, инқилоб шуд, амир гурехт, ҳукумат нав шуд, мегӯянд... Бисьёр нағз! Аммо ба вай, ба зиндагии вай чӣ навигарӣ мешуда бошад? Ҳеҷ! Ҳамон замини қоқ, ҳамон оби андак, ҳамон қашшоқӣ... Кӣ ба вай ёрӣ мерасонад, ки аз қашшоқӣ ва нодорамӣ берун шавад? Кӣ ӯро дастгирӣ мекунад, ки аз панҷаи сахти судхӯр яку якбора раҳой ёбад? Кӣ ба вай мадад мерасонад, ки соҳиби як ҷуфт гов шавад? Кӣ ба вай имкон медиҳад, ки беғаму ғусса, беташвиш шабе хоб кунад ва саҳаре хандида бедор шавад? Ҳеҷ кас!

Онҳо дар қарибии қишлоқи Қарӣ ба роҳи калон баромаданд. Роҳ тақрибан холӣ буд. То ба ҳамгашти роҳ фақат ду аспакӣ-аскари урусро диданд, ки тез гузашта рафтанд ва ба онҳо нигоҳе ҳам накарданд, дигар касе набуд. Аз Қарӣ ба чӯгихона гузашта, аз роҳи калони Файзобод ва аз байни пуштаҳо гузашта ба таги дарвозаи Мазор расиданд. Қалъа по бар ҷо, дарвозахона ва дарвоза низ дар ҷояш, мисли аввалангӣ истодааст. Фақат дар девори қалъа осори тир ва дар пояи он андаке осори ҷанг боқӣ буд: патронҳои холӣ, милтиқҳои шикаста, латтапуттаҳо, чархҳои шикастаи тӯбҳо, оҳанпора ва ғайра рехтагӣ буд, лекин на мурдаи касе, на осори хуне.

Дар дами дарвозаи шаҳр посбонҳо истода буданд, оянда, равандагонро тафтиш карда медиданд. Хусусан онҳое, ки аз шаҳр мебаромаданд. Хоҳ зан ва хоҳ мард, ба тафтиши сахт гирифтор мешуданд. Саидпаҳлавон бо писараш ба даруни дарвоза даромада буд, ки касе ба вай салом дод:

— Салом, амаки Саид, биёед, хуш омадед!

Саидпаҳлавон диққат карда гӯяндаро шинохт: вай Асо буд, ки ҳоло дар тан кулӯча-шолвори аскарӣ, дар сар телпаки баррагӣ, дар миён таппонча, дар байни роҳ рост истода, ба аскарҳо ёрӣ медод. Саидпаҳлавон аз ин вохӯрӣ шод шуд. Зеро ки Асо наздиктарин одами Ҳайдарқул буд ва Ҳайдарқул барои Саидпаҳлавон ҳоло аз обу ҳаво ҳам заруртар буд. Вай мехост дӯсташ, Ҳайдарқулро дида, ҳамаи воқеаҳоро, ки Бухоро аз сар гузаронидааст, ба тафсил аз вай фаҳмад ва ба кунҳи инқилоб пай барад.

— Салом Асоҷон!— гуфт паҳлавон.— Сиҳат-сало-

мат ҳастед, тану ҷон сиҳат? Ба ин сарулибос ман шуморо нашинохтаам. Фирӯзаҷон дуруст-мӣ?

— Саломат бошед, ана, худи Фирӯза ба шумо салом гуфта истодааст.

Дар зери айвони қаровулхонаи таи дарвоза зани фаранҷиноке рост меистод, ки дар баробари ба сӯяш назар кардани паҳлавон, андак хам шуда, таъзим карду салом дод:

— Салом, амакҷон! Биёед, дар ин ҷо камтар дам гиред! — гуфт Фирӯза.

— Ҳа, марҳамат ба қаровулхонаи мо!—гуфт Асо.— Камтар дам гирифта меравед. Ҳозир Ҳайдарқул-амак ҳам омада мемондагистанд...

— Ба ростӣ-мӣ?— хурсанд шуда, пурсид Саидпаҳлавон.— Ман аз ту ҷои он касро пурсам гуфта истода будам. Хайр, набошад, Мирак, харата баста мон, камтар дам гирифта равем.

Мирак хари худро дар беруни дарвоза, ба рӯ ба рӯи посбонҳо баста монду ба пеши падараш омад, баъд падару писар якҷоя ба қаровулхона даромаданд, ки рӯфта шудагӣ, озода, гилему кӯрпаю кӯрпачаҳо партофта шудагӣ, дар як сӯ як чорпояи майда ва ду курсӣ меистод. Он ҷо ҳуҷрае буд, ки дар девори қалъа сохта шуда, як дари даромад дошт ва рӯшноӣ аз тобадони болои шифт мерасид, он дудбаро шуда ҳам хизмат мекард.

Фирӯза бефаранҷӣ, бо рӯмоли калони фарангӣ сару гарданашро пӯшонида, дар пояш мӯза, дар танаш куртаи сатини гулдор буд ва даст пеш гирифта меҳмонҳоро пешвоз мегирифт.

— Бисмиллоҳ! — гуфта Саидпаҳлавон аз дар даромаду ба рӯи кӯрпача нишаста, омин гуфт.

— Хуш омадед,— гуфт Фирӯза.— Холем сиҳат-саломат-мӣ?

— Шукр, шукр! —гуфт паҳлавон.— Аҳволи шумо чӣ тавр? Ҳар чӣ, аз ҷангу бало сиҳат-саломат ба рӯзу рӯшноӣ баромадед?

— Бале, худоба шукр, ҳарчӣ хуррият шуд, осуда нафас гирифтем.

— Шуморо ба ин ҷо овардаанд-мӣ?

— Ҳа, ман катӣ Асоро барои тафтиш карда, гузаронидани одамҳо таъин карданд. Ин ҷо қаровулхона.

— Ҳа, медонам,— гуфт Паҳлавон.— Лекин, агар ҳамон милтиқҳои кунҷи девор набошанд, кас гумон мекунад, ки ин ҷо хонаи нишаст аст. Хайр, ин ҳам кору вазифа гӯй?! Бисьёр нағз. Мардҳоро Асо, занҳоро ту, духтарам кофту ков карда мебинед? Нағз... Чиро мековед?

— Ҳеҷ... мабодо яроқ набошад, чизҳои қиматбаҳо набошад...

— Наход, ки одамҳо аз ярок безор нашуданд? Магар, ин қадар хунрезӣ бас набуд, ки боз ярок медоранд?

— Баракс, ҷанг ҳаваси одамҳоро бедор кард,— гуфт хандида Фирӯза.— Ҳар рӯз ду кас-се касро медорем...

— Ярок катӣ?

— Ярок катӣ, милтиқ, таппонча, тир... баъд моли дуздӣ катӣ...

— Чӣ хел моли дуздӣ?

— Моли хазина, тилло-оло, ҷавоҳирот...

— Мардум дар ғами ҷону зиндагӣ, дуздҳо кори худро мекунанд, тавба!

— Имрӯз қариб буд, ки ба ман корд мезаданд...

— Худо накунад, барои чӣ?

— Як саркардаи амир либосҳои занона пӯшида, ба сараш фаранҷӣ гирифта, аз шаҳр баромаданӣ буд, ки худам дошта гирифтам. Корд катӣ ҳамла кард, натавонист. Хайрият Асо дар паси дар будааст, бо кундоқи милтиқ зада афтод.

— Ӯх, лаънатии мурдор! — гуфт оташин шуда паҳлавон.— Хайрият, ки Асо ҳушьёрӣ кардааст.

Дар ин дам Асо корҳояшро андак саранҷом карда ба хона даромаду ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд:

— Ҳушьёр нашавем, намешудагӣ барин, амак. Аксульинқилобчиҳо боз сар бардоштан мехоҳанд.

— Ин, аксҳо гуфтагет киҳо бошанд, ки сар бардоштан мехоҳанд?

Асо ва Фирӯза ба ҳам нигоҳ карда табассум карданд.

— Аксҳо, яъне ки тарафдорҳои амир! — гуфта фаҳмонид Асо.

— Акси инқилоб! — гуфта монд Фирӯза.

— Фаҳмидам,— гуфт паҳлавон.— Ҳамин ҷангу хунрезӣ ва ба замин яксон шудани тахти амир ба онҳо сабақ нашудааст-дия?!

— Баракс, онҳо боз амирашонро овардан мехоҳанд!

— Дар хоби шабашон! — гуфта Фирӯза аз ҷо бархост.— Самовори ман ҷӯшидагист?

— Ҷӯшида истода буд,— гуфт Асо ва ба Мирак хитоб кард:— Канӣ, ту нағз-мӣ ука? Ба тамошои шаҳр омадӣ? Нағз кардӣ!

— Шумо ҳам инқилобчӣ-мӣ? — далертар шуда пурсид Мирак аз Асо. Асо табассум карду гуфт:

— Ба инқилобчигӣ тақлид мекунам, аммо намедонам монанд мешавам, ё не?

— Монанд,— гуфт Мирак, гӯё ки медониста бошад,— кулӯча-чолвор ба шумо зебидааст. Худди аскарҳо барин. Таппончаатон ӯқ [1] дорад-мӣ?

— Ана, акнун ба бало мондӣ, Асо!— гуфт паҳлавон,— Агар ҳай-ҳай нагӯӣ, аз ту якта тапонча ҳам пурсида мегирад. Тавба!

— Замони инқилоб-дия! — гуфт Асо.— Бачаҳо хушьёр! Хӯш дар қишлоқ чӣ гап? Хотирҷамъӣ-мӣ?

— Хотирҷамъӣ! — гуфта монд паҳлавон.

— Аскарҳо омада буданд,— гуфт Мирак,—Мо харбуза додем, алаф додем...

— Хайр,— гуфт хурсандона, Асо,— нағз кардетон. Ба аскарҳо ёрӣ дода бошетон, набошад шумо ҳам инқилобчӣ!

— Агар харбузаю алаф додан катӣ кас инқилобчӣ мешуда бошад, осон будааст-ку! Барвақттар намегӯӣ!— гуфт хандида паҳлавон. Асо ҳам шавқ карда хандид.

Фирӯза, ки дар ин дам дар даст чойнику пиёла, аз берун медаромад, ҳайрон шуда пурсид:

— Хӯш, худо аз ханда фармояд, боз чӣ гап шуд?

— Ҳеҷ гап не,— гуфт Асо.— Амаки Саид аз гапи

---

[1] Ӯқ (ӯзб.) — тир.

худам, худамро зада, панч рафтанд. Аз барои ҳамон механдем. Дар таи дарвоза чӣ гап?

— Хотирҷамъӣ,— гуфт Фирӯза ва чойнику пиёларо ба назди шавҳараш гузошта, дастурхон паҳн кард.— Чанд рӯз нонвойҳо кор накарданд, худам нон пухта, гармқоқ карда монда будам, айб намекунед!

Дар сари нону чой Саидпаҳлавон вазъияти қишлокро гуфта дод.

— Бухоро ҳам бад не,— гуфт Асо.— Мардум оҳиста-оҳиста ба хонаҳояшон баргашта истодаанд, дӯконҳо кушода шуда, озуқавқот харидан мумкин шуда монд. Худо хайри деҳқонҳоро диҳад, ки ба шаҳр мева-чева, ширу ҷурғот оварда истодаанд.

— Одамҳои амир, қозию муфтию амлокдорҳоро чӣ карданд? — пурсид Саидпаҳлавон.

— Аз мансабдорҳои калон ҳар кӣ ба даст афтод, ҳабс шуд, гурехтагеш гурехт, бисьёрашон бо амир рафтанд...

— Амирро дошта натавонистанд?

— Чапғалат дода, ба тарафи Бойсун гурехтааст. Аз пасаш аскар рафтагӣ, пага-фардо ба даст меафтад. Қозикалону қушбегию раису миршабу дигар золимҳо ба даст афтодагӣ. Агар онҳоро дидан хоҳед, метавонед дар Регистон, ё ки таи манор, ё ки дар сесӯ бинед.

— Чӣ тавр? Магар озод мегарданд?

— Не, ҳукумати нав ба дасти онҳо белу чорӯб дода, мефармояд, ки кӯчаҳоро рӯбанд, ахлотҳоро тоза карда, ғундоранд... вақташ расад, суд карда, ҷазояшонро медиҳанд.

— Судаш чӣ?

— Мурофиа барин гап. Акнун қозию қозихона намешавад. Ба ҷои вай суд, трибунал шудагӣ. Се кас ҳайъати суд; тафтиш карда, пурсу пос карда, гуноҳашонро ба гарданашон монда, мувофиқи қонун ҷазо медиҳанд.

— Хайр...

Ҳамаи ин гуфтаҳои Асо барои Саидпаҳлавон қиссаю афсона барин менамуданд. Вай ҳанӯз дарк карда наметавонист, ки инқилоб чӣ корҳоро карда метавонад. Вай ҳанӯз дуруст сарфаҳм намерафт, ки чӣ тавр

он сохти ҳазорсолаи аморат, ҳокимияти пулу давлат сарнагун мешаваду пора-пора мегардад ва ба ҷои он як ҳукумати нав, тартибу қоидаи нав, муомилаи нав ва одамони нав мебароянд... Ба назари вай Асо ва Фирӯза ҳанӯз ҳам ҳамон Асо ва Фирӯзаи қашшоқ, заҳматкаш ва нотавон менамуданд, ки вай онҳоро пеш аз инқилоб дар ҳамон ҳолат дида буд ва дар ҳамон ҳолат мешинохт. Ошноии онҳо ба воситаи Ҳайдаркул шуда буд ва борҳо Саидпаҳлавон ба хонаи бечораҳолонаи Асо меҳмон шуда, бо Ҳайдаркул вохӯрда буд. Ана, ҳоло онҳо инқилобчӣ, одами нав шудаанд... Аммо ба назари Саидпаҳлавон, ки ҳамин ҳоло аз кишлоқ омада буд ва ҳоло ба даруни ин шаҳри инқилобӣ надаромада буд, онҳо ҳамон бетағьир менамуданд, Фирӯза чӣ? Зан! Зани камбағал ва нодорам, зани меҳнатӣ, хизматгор! Лоақал ягон хешу табор, қавму авлоди ба эътибор ҳам надорад! Доштан катӣ ҳам вай, занаки бечора чӣ қурбу манзилат дошта метавонист! Ақаллан шавҳараш — Асо ягон каси калонтар, ба эътибортар мешуд. Вай ҳам як машкоббачаи бекас! Ба инқилоб хизмат карда, кулӯча-чолвор пӯшидааст ва шояд ба воситаи Ҳайдаркул ба ин ҷо, ба тафтиш кардани одамҳои аз шаҳр мебаромадагӣ ва ба шаҳр медаромадагӣ таъин шуда бошад... Дигар ҳеч!

Лекин Саидпаҳлавон дарк карда наметавонист, ки Асо ва Фирӯза, дигар он истисморшавандагон, он муздурон нанд. Онҳо одамони нав, одамони озоданд, ки инқилоб ҳуқуқи пурраашонро ба дасташон гирифта дода ва соҳибихтиёр кардааст. Онҳо ба давлати нав, ба ҳукумати инқилобии нави худ хизмат мекунанд. Барои онҳо ин вазифа — вазифаи муқаддас, вазифаи муҳим, вазифаи зарурӣ ба шумор меравад. Онҳо дуруст ақида доранд, ки будан, ё набудани ҳокимияти нав, пойдорӣ ва ё маҳвияти инқилоб то як дараҷа ба кори онҳо низ тааллуқ дорад. Онҳо дарвозабон, онҳо гӯё, ҳокими шаҳранд. Намегузоранд, ки душманони ин шаҳр — бадқасдони ин шаҳри инқилобӣ суиқасде тайёр кунанд, моддаи таркандае даророранд ва ё ки боигарии онро бароранд. Намегузоранд, ки душман рустӣ-рустӣ баромада, халос шуда равад... Ҳам Асо, ҳам Фирӯза худро зодагони инқи-

лоб — зодагони оташи пок медонанд. Онҳо ҷавру ҷафо дида, шаби зулмонии бедодро аз сар гузаронида, ба ин саҳари пурлатофат расидаанд. Бинобар он хушбахт, хуштолеъ ва фирӯз ҳастанд. Онҳо ҳоло орому қарор надоранд. Аз субҳ то шом, то ба даме, ки дарвозаҳои шаҳр баста мешаваду даромад-баромад манъ мегардад, вазифаи дарвозабониро адо мекунанд, баъд ба маҷлисҳо мераванд, агар лозим шавад, ба даст ярок гирифта ба посбонии ягон маҳалли муҳим мераванд ва тайёранд, ки шаб низ нахобида, ба инқилоб хизмат кунанд.

Саидпаҳлавон инро намедонист, ҳанӯз вай аз ҳавои шаҳри инқилобӣ кам нафас гирифта буд. Вай ба ҷавонҳо бо меҳру муҳаббат нигариста, шод буд, ки онҳо шоданд, онҳо масруранд ва аз кору вазифаи худ фахре доранд.

Чой қариб ба охир расида буд, ки Ҳайдарқул омад. Вай дар тан ҳанӯз ҳам либосҳои аскарӣ, дар по мӯза ва дар сар шабкаи ҷармин дошт. Дар ин ҷандрӯза ташвиш хеле лоғар гашта, чашмонаш ба косахона фурӯ нишаста ва ришаш сихча зада баромадагӣ буд. Лекин, ба ҳар ҳол чеҳрааш кушод, дар лабонаш табассум гул мекард. Бо ҳозирон гарму ҷӯшон воҳӯрдӣ карду ҳолу аҳвол пурсид, баъд гуфт:

— Бисёр нағз шуд, ки паҳлавон, ман туро дар ин ҷо дидам. Ту ба ман зарур. Агар намеомадӣ, аз пасат ба қишлоқ одам рафт.

Саидпаҳлавон ҳайрон шуд:

— Хӯш, хӯш? — гуфт вай.— Наход ки ба шумо, «саҳрой»-ҳо ҳам даркор шуда мондаанд?

— Даркор!— гуфт ба таври ҷиддӣ Ҳайдарқул.— Саҳрой ҳам даркор, шаҳрӣ ҳам даркор! Ҳукумати нави шӯроии мо иборат аз ҳукумати коргару деҳқон! Асоси ин ҳукуматро иттифоқи коргару деҳқон ташкил мекунад. Бинобар он, ман «саҳрой» гуфта худатро қафо накаш! Як олам кор ҳаст, ки бе ёрии шумо илоҷи буд кардан нест!

— Ин тавр бошад,— гуфт Саидпаҳлавон ҳам ҷиддӣ,— марҳамат, мо ба хизмат тайёр! Лекин, агар аз ӯҳдаи кор бароем...

— Аз ӯҳдаи кор мебарой, ба ин шубҳа нест! Наме-

бинӣ, ки дар кори мо занҳо ҳам иштирок доранд... ту боши паҳлавони номдорӣ!

— Паҳлавонии ману худи ман! — гуфт Саид.— Номи калону деҳи вайрон, барин!

— Ин тавр нагӯй бародар! — гуфт Ҳайдарқул.— Ҳоло ману ту паҳлавон ҳастем, паҳлавони номдор! Хӯш, Асо, чӣ хабарҳои нав дорӣ?

— Хотирҷамъӣ...— гуфт Асо.— Имрӯз як саркардаи аскари амирро доштем. Фаранҷию чашмбанд карда, зан шуда гузашта рафтанӣ будааст, не, Фирӯзаҷон шинохт. Тафтиш карда бинем, аз тан ду қабат ҷома таппонча овехтагӣ, дар хӯрҷинаш, аз байни қуттии набот ана ин хат ёфт шуд.

Асо аз кисаи куртаи аскарӣ коғазеро бароварда, ба Ҳайдарқул дароз кард. Ҳайдарқул коғазро гирифта дид, ки чунин навишта шудааст:

«Махсумҷон, дорандаи ин мактуб шахси боэътимоди мо аст. Хоҳишмандам ба кор қабул карда, барои таълим додани шербачаҳои худатон истифода мебаред. Аддой, дӯсти шумо».

— Аҷиб! — гуфт Ҳайдарқул.— Ин «Махсумҷонаш» дар куҷо будааст, ки вай фаранҷию чашмбанд карда, аз шаҳр баромаданӣ шудааст? Охир, ҳаман «Махсумҷонҳо» дар даруни шаҳр-ку!... «Таълими шербачаҳои худатон»... Маълум! Аксулҳаракат ором намеистад. Ба фикрам одамҳои амир дар атрофи Бухоро босмачӣ ташкил карданӣ, дар Фарғонаю Тошканду Самарқанд будагӣ барин... Хайр, мебинем. Саркардаро чӣ кардед?

— Ба чека фиристодем,— гуфт Асо.

— Нағз кардед! — гуфт Ҳайдарқул ва ба Фирӯза муроҷиат кард:— Ба ману ту, духтарам, боз як кори калон супурданд. Ман омадам, ки ба ту хабар диҳам. Ӯрдаи амирро аз музофоти Вобканд, аз Ӯндарӣ, аз чорбоғи Олимбой гирифта оварданд ва дар гузари Қоплон, дар ҳавлии подшоҳӣ ҷойгир карданд. Акнун ману ту дар бадали ҳамин як ҳафта-даҳ рӯз бояд рӯйхат тартиб дода, онҳоро ҷо ба ҷо кунем.

— Магар боз ба ҷоҳои дигар мекӯчонанд? — Мақсади Ҳайдарқулро нафаҳмида, Фирӯза пурсид.

— Не,— гуфт Ҳайдарқул,— ту медонӣ, ки дар ӯр-

да, ба ғайр аз пошшобибӣ ва ойимҳо, аксарият хизматгорҳо, асираҳо ва канизакҳо буданд. Мо рӯйхат мекунем, канӣ аз ҳамин хизматгорҳо, кӣ ба куҷо рафтан мехоҳад. Баъд ҳар киро ба ҷояш бурда мемонем...

— Бехонаю ҷойҳо ҳам дар байни онҳо будагиянд?— гуфта монд Саидпаҳлавон.

— Албатта ҳастанд,— гуфт Фирӯза.

— Барои онҳо ва умуман барои занҳо клуб кушода мешавад, клуби занҳо! Дар клуб мактаб мешавад, занҳоро мехононанд, ҳунар меомӯзанд, тарбия мекунанд. Рафиқ Куйбышев ҳамин тавр маслиҳат доданд.

— Куйбышев?— пурсид Саидпаҳлавон — калонатон-мӣ?

— Ҳа,— гуфт Ҳайдарқул,— намояндаи Русия, аъзои шӯрои ҳарбии Туркистон, одами калон, мудаббир ва доно... Барои озодии халқи Бухоро бисьёр корҳои калон кард ва ғамхории бисьёре ҳам карда истодааст...

— Дада, ман дидагӣ, Куйбышев дар Қогон ваъз гуфт...— гӯён ба гап ҳамроҳ шуд Мирак.

— Рост, рост!— гуфт Ҳайдарқул.— Мирак дида буд.

Аз ин сӯҳбат Мирак хурсанд шуд, падараш мамнунона табассуме карда монд.

— Ин тавр бошад, бисьёр нағз,— гуфт Фирӯза риштаи суханро давом дода.— Клуб кушоянд, кори занҳо хеле сабук мешавад.

— Ха, бале!— гуфт Ҳайдарқул.— Клуб барои занҳо ҷои ҷамъомад, ҷои гуфтушунид... Клуб бояд ба озодии занҳо хизмати калон кунад. Насиб бошад, ту аввалин мудираи клуби занҳо мешавӣ!

— Ҳа, ёфтед! — гуфт Асо.— Фирӯза-бону мудири клуб шавад, озодии занҳо сад фоиз мешавад, чунки дар байни зану марди Бухоро ин кас барин тарафдори занҳоро ёфтан мушкил!

— Гап мезанед-дия шумо! гуфта монд Фирӯза ба Асо.

— Не, рост! — гуфт Ҳайдарқул.— Кумитаи марказии фирқа ва роҳбарони ҳукумат хизматҳои Фирӯзаро фаромӯш накардаанд. Воқеан, ман нохост оймуллои Танбӯрро дида мондам... дурусттараш ин ки

он кас маро шинохта саломатии туро пурсиданд. Ба ту салом гуфтанд ва дар орзуи дидори туанд.

— Рост? — хурсанд шуд Фирӯза.— Дар куҷо дидед? Наход ки бо аҳли ӯрда?

— Ҳа, дар ҳамон ҷо,— гуфт Ҳайдаркул.— Фурсати гап набуд, ман чӣ карданамро надониста мондам... Ту равӣ, пурсида мувофиқи хоҳиши худошон амал мекунем... Албатта ба хонаи худашон баргаштан мехостагиянд!

— Албатта! — гуфт таъкид карда Фирӯза.— Бобо заргар аз ғаму ғусса шабҳо хоб намекунанд, рӯзҳо кор карда наметавонанд... Ҳамеша аз ман, аз Асо мепурсанд, ки ӯрдаи амир куҷо шуд, ба ӯрда чӣ карданд... Хайрият ки оймуллом ёфт шудаанд. Он касро ҳар чӣ зудтар ба хонаашон фиристодан лозим.

— Боз беҳтар! — гуфт Ҳайдаркул ва илова намуд: — Гуфтагӣ барин, ту метавонӣ он касро ба клуб даъват кунӣ, муаллима таъин кунӣ...

— Рост, рост,— гуфт Асо ҳам.— Бисьёр нағз мешавад, оймуллои нав, оймуллои танбӯрӣ нею, оймуллои клубӣ мешаванд!

— Нахандед! — гуфт ба шавҳараш Фирӯза.— Оймуллои танбӯрӣ бошанд ҳам, дар инқилоб, дар халосии занҳои бадбахти болои арк хизматашон аз ману шумо калонтар аст!

— Ман нахандидем,— гуфт Асо.— Дар омади гап гуфтам. Ҳақиқатан оймулло барин зани босавод камтар ёфт мешавад!

— Бале,— гуфт Ҳайдаркул.— Аз оймулло истифода бурдан мумкин, зани боақлуҳуш аст. Баъд, боз гапи дигар: исто ки ту Ойими шоҳро мешиносӣ-а?

— Набошад, чӣ? О, зани сардодагии амир-мӣ?

— Бале. Ҳавлии онҳо дар гузари Арабон буд, медонистагистӣ?

— Не, намедонам,— гуфт Фирӯза.— Ман ба ҳавлии онҳо рафтуой накардаам.

Саидпаҳлавон ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд:

— Ин, Ойими шоҳ гуфтагетон, агар духтари Шоҳмуродбеки додхоҳ бошад, ҳавлии ӯро Мирак медонад.

— Кадом? — пурсид Мирак, ки то ҳоло аз сӯҳбати дуру дарози калонҳо зиқ шуда нишаста буд.

— Ҳавлии додхоҳ чӣ? Дар гузари Арабон, ҳамсояи Қаҳҳор чӯрет!

— Э, ха, медонам! — гуфт Мирак.— Ҳавлии Ҳамроҳ холеминно-мӣ?

— Ха, ҳа, ёфтӣ! — гуфт сари Миракро навозишкорона сила карда Ҳайдаркул.— Номи ҳақиқии Ойим Шоҳ Ҳамроҳхон аст. Ту, Фирӯзаҷон, рафта шинос шав, ҳолу аҳвол пурс..

— Ман шинос! — гуфт Фирӯза.— Дар вақти зани амир буданаш, дар боло (арк) оймуллом катӣ хеле дӯстӣ мекард. Ба ман пул медод, ки аз поён газетаи «Бухорои Шариф» харида барам. Ман чанд бор газета оварда додам. Бинобар он маро дӯст медошт.

— Бисьёр нағз,— гуфт Ҳайдаркул.— Рафта ҳолу аҳвол пурс, баъд фаҳм канӣ, шавҳари охиринаш Саидбек дар куҷо бошад?

— Албатта бо амир гурехта рафтагист! — гуфт паҳлавон, ки ӯро нағз мешинохт.— Муқарраби даргоҳ буд...

— Ин, ба мо маълум не, ки бо амир рафтагӣ ё не,— гуфт Ҳайдаркул.— Ойими шоҳ бояд донад... Албатта ба ту даракашро мегӯяд!

— Надонам,— гуфт Фирӯза,— мепурсам, албатта... Аммо кай равам?

— Худи ҳамин рӯз! Дар ин ҷо корҳоятро сабуктар куну ҳамроҳи Миракҷон баромада рав! Ман Саидпаҳлавон катӣ камтар кор дорем. Баъд, агар фурсат шавад ба Қоплон рафта ба рӯйхати занҳо сар мекунем.

Ҳайдаркул аз ҷо бархост, ҳама ба ӯ тақлид карданд. Фирӯза онҳоро то ба таи дари ҳуҷра гусел карду пурсид:

— Миракҷон, ту меистӣ, ё меравӣ?

Мирак ҳайрон шуда ба рӯи падараш нигоҳ кард. Саидпаҳлавон аз Фирӯза пурсид:

— Шумо ҳозир намерафтагиед?

— Не, бегоҳтар...— гуфт вай.

— Набошад,— гуфт паҳлавон,— Мирак ҳам дар ин ҷо зиқ шуда нашинаду як соат ба ҳавлии хоҳараш рафта биёяд, майлаш-мӣ?

— Майлаш, майлаш! — гуфт аз ҷониби Фирӯза,

Ҳайдаркул ва ба Мирак муроҷиат кард: — Харатба сувор шав, рост бо роҳи калон ҳай кун! Аз ман ба хоҳарат ва язнет салом гӯй. Дадет як-ду соат баъд рафта мерасад.

Ҳайдаркул пеш-пеш, Саидпаҳлавон, Мирак ва Асо аз кафои вай ба пеши дарвоза, ба роҳи калон фаромаданд. Ёрдамчиҳои Асо — ду аскар ва як машкоб, ки ҳама либосҳои ҳарбӣ доштанд ва ба бозувонашон латтаи сурх баста шуда буд, посдорӣ мекарданд. Яке аз аскарҳо ба пурсиши Асо гуфт, ки хотирҷамъӣ аст, ҳодисае рӯй надодааст.

Дар ҳамин вақт аз беруни дарвоза овози суми асп ба гӯш расиду се сувор намоён шуданд. Аскарҳо чанд қадам берун баромаданд, ки суворонро огоҳ кунанд. Вале суворон ба аскарҳо аҳамият надода, рост ба сӯи даруни шаҳр асп рондан гирифтанд.

— Истед! — гуфтанд аскарҳо милтиқҳоро ба даст гирифта.

Суворҳо ба дами дарвоза расида, маҷбуран истоданд.

— Чӣ гап, чаро моро медоред? — бо дағдаға пурсид суворе, ки дар пеш меистод.

Мирак гӯяндаро шинохта, ба падараш муроҷиат кард:

— Таппончаноки ба сари полизи мо омадагӣ!

— Шинохтам бачем! — гуфт паҳлавон. — Наими Талхро намебинӣ, вай ҳам «инқилобчӣ» шудааст!

Асо, ки ба пеш гузашта буд, ба суоли сувор ҷавоб дод:

— Рухсатнома дошта бошед, марҳамат, набошад, як сари қадам фаромадан лозим мешавад. Қоида ҳамин!

— Рухсатнома?.. Худи ман! — гуфт боз дағдаға карда, сувор.

— Ҷаноби Асадмахсум! — гуфт Наими Талх соҳибдавлати худро нишон дода.

— Мон гузаранд! — гуфт Ҳайдаркул ба Асо. Асо рухсат дод, суворҳо ба аспҳо қамчин зада, бо карру фар гузашта рафтанд. Асо бо назари суол ба Ҳайдаркул нигоҳ карда монд. Ҳайдаркул сар ҷунбонида гуфт:

— Ин кас бояд одами калон шаванд. Шинохта

мон! Ту ҳам паҳлавон, бояд ӯро шинохта монӣ! Ман ҳозир ба ту баъзе чизҳо мегӯям... Биё, рафтем!

Ҳайдарқул ва Саидпаҳлавон рост ба тарафи лаби ҳавзи девонбегӣ рафтанд. Мирак аз беруни дарвоза харашро гирифта овarду хӯрҷинро ба болояш партофт ва баъд худаш ҳам аз рӯи суфаи пеши дарвоза ба хар савор шуду бо Асо хайрухуш кард.

Мирак бо роҳи калони Қалобод харашро оҳиста-оҳиста ронда, ба тарафи маркази шаҳр мерафт. Шаҳри Бухоро, ба тасаввури вай, бузургтарин, зеботарин ва аҷоибтарини шаҳрҳост. Ин кӯчаҳо, ин ҳавлиҳо, ин дарвозаю дарвозахонаҳо, ин қалъаи баланди қадима, ин роҳи сангфарши калонро вай шабҳо дар хобаш медид. Пештар аз худи тан дарвозаи шаҳр сар карда, дар ин кӯчаҳо одам пур буд. Аробаҳо, фаэтонҳои бисьёре роҳ мегаштанд, пиёдаҳо роҳи гузар намеёфтанд, муллоҳо, саллакалонҳо, бойбачаҳо, сарбозҳо пур буданд... Ҳозир, кӯчаҳо — ҳамон аввалаанкӣ барин, ана, ҳамон кӯчаи Қалобод, ҳавлиҳо, гӯё ҳама барҷо, фақат баъзе деворҳоро тири милтиқ «лесида» гузашта, ё ки тири тӯб сӯрох кардааст ва баъзе деворҳо афтодагӣ, аммо дигар аломати ҷанг наменамояд. Одамҳо ҳастанд, лекин одамҳои пеш аз инқилоб барин не. Домуллоҳо, саллакалонҳо камтар менамоянд, аммо кулӯчачолвор пӯшидагиҳо, ба бозу ва гиребони худ латтаи сурх бастагиҳо, мӯзапӯшҳо, телпакдорҳо бисьёр шудаанд. Бачаҳо ҳам ҳастанд, ана, бозӣ карда гаштаанд... Лекин мактаббачаҳо наменамоянд. Пештар онҳо ба гардани худ халта карда, қуръон овехта мегаштанд. Ба гумон мактабҳо руст, бачаҳо намехонанд. Пештар дар пеши масҷиду мадрасаҳо муллобачаҳо бисьёр буданд, гулғула карда менишастанд, ҳозир наменамоянд. Ана, мадрасаи Қалобод,[1] дар болои саҳни васеъ ва баланди он фақат се-чор кас, се-чор муллобачанамо одамҳо намуданду бас. Онҳо ҳам ғулғула намекарданд. Ба рӯ ба рӯи мадраса, дар тарафи рости роҳ ҳавзи Қалобод буд, ки мисли пештара обаш паст фурӯ рафта, машкобҳои бечора аз таки замин об мебаро-

---

[1] *Мадрасаи Қалобод* — дар Бухоро яке аз қадимтарин мадрасаҳо буд.

вардагӣ барин, машкҳоро бағал карда, то ба болои зинаҳо,— ба болои суфаи машкбардорӣ мебароварданд. Дар гирди ҳавз, ба рӯи суфачаҳои таи дарахтони тут бекорхочаҳо нишаста, ба оби ҳавз чашм дӯхта буданд. Мирак аз пеши мадраса гузашта андак пеш рафта буд, ки як манзараи ҳузноватерo дида истода монд. Дар он ҷо, дар сари роҳи калон ду ҳавлӣ тамом валангор шуда, хонаҳо сӯхта, деворҳои бокимонда сиёҳ шуда буданд. Чанд кас дар даст замбару белу калапд, роҳро аз сангу хоку чӯбу чахси он вайронаҳо тоза мекарданд. Ҳавлии вайроншуда, магар азони ягон давлатманд будааст, ки деворҳои накшин ва гулу-гулбуррии он кисман ҳанӯз ҳам боқӣ буданд. Аз байни сангу кулӯху хок, шикастапораи зарфҳои чинӣ, латта-путтаҳо ва шишамайдаҳо намуда меистоданд.

Ин манзара авзои Миракро дигаргун сохт, дили шоди ӯро пардаи ғаму андӯҳ печонида гирифт. Вай, ки ҷангро ҳанӯз чун бозӣ, чун машқи ҳарбии сарбозӣ, чун заду хӯрди муқаррарӣ ва чун кӯрашгирӣ медонист, (ҳар чанд овози тӯбу милтикро шунида буд, вале таъсири харобовариии онҳоро намедонист), оҳиста-оҳиста даҳшат ва фалокатоварии онро ба дарк кардан сар кард. Ҳоло аз ҷанг қариб даҳ рӯз гузаштааст, дар ҳеҷ ҷо тӯб намепарронанд, милтиқ намепарронанд, аммо аломати он ҳанӯз боқист... Одамҳо, соҳибони ин ҳавлиҳо чӣ кор карда бошанд? Наход, ки ҳамаашон ба зери хок мондагӣ?!

Мирак харашро хала дода, зуд аз пеши харобазор гузашту боз дар байни иморатҳои дуруст ва осебнадида ба роҳаш давом дод. Дар сари чорроҳаи Қалафарҳод, ки растачаи он ҳанӯз ҳам боқӣ ва беосеб буд, харашро боздошт. Ҳавлии хоҳари вай дар Бозори чӯб буд, ки ҳоло мебоист вай ба тарафи рост, ба сӯи дарвозаи Самарқанд мерафт. Лекин кунҷковӣ ва орзуи дидани арк ӯро ба сӯи худ кашид. Ба хараш хала дода, ба сӯи растаи заргарон ва таи токи заргарон ҳай кардан гирифт.

Ду мадрасаи рӯ ба рӯй, ки пеш аз растаи заргарон буданд ва Мирак номи онҳоро намедонист,[1] низ побар-

[1] Мадрасаҳои Азизхон ва Улуғбек.

ҷо буданд. Лекин дар саҳни яке аз он мадрасаҳо ҳоло якчанд деҳқон харбузаҳои худро чида, фурӯхта истода буданд. Растаи заргарон холӣ, дӯконҳои бетахтабандаки он луч меистоданд. Заргарҳо, ки бо тилло-оло кор доранд, аз тарс набаромада буданд. Дар таи тоқ бошад, як-ду баққол дӯкон кушода буданду рафтуомади мардум бисьёр буд. Дар ин ҷо ба назари Мирак растаи дӯлоби пеш аз инқилоб каме намоён шуда монд. Лекин аз таи тоқ як дусад қадам рафта буд, ки ҳайрон шуда монд.

Масҷиди калону манору мадрасаи Мирнараб дар ҷояш буд, фақат чӯндаки манор, як тарафаш афтода, вайрон шуда буд. Аммо ҳавлию хонаҳои рӯ ба рӯи масҷиди калон — як қисм ҳавлиҳои гузари мирақон сӯхта, хокистар шуда буданд. Ҳатто роҳ набуд. Одамҳо аз байни сангу кулӯху чӯбу чахс каме пайроҳа карда гузашта буданд. Мирак мехост, ки аз дур бошад ҳам як бор ба арк назар кунад, канӣ чӣ шуда бошад. Бинобар он ҷуръат пайдо карда, харашро ҳай кардан гирифт, вале чандон дур нарафт.

Растаҳои ҷомафурӯшӣ, қандалотфурӯшӣ ва мисгарон, ки аз пеши девори Масҷиди Калон то ба таи тоқи мисгарон (дар қарибии Регистон) ҳар се қатор, кашол шуда мерафтанд, тамом сӯхта, валангор гашта буданд. Аскарҳо, одамони бисьёре дар он ҷо кор мекарданд, роҳ тоза мекарданд. Дар баъзе ҷоҳо ҳанӯз ҳам дуд фаввора мезад. Арк бошад, мӯйсафеди дандонҳояш афтодагӣ барин, бо кунгураҳои харобшудааш ба ин манзараи фалокатбор менигарист ва дуди вай ҳам аз сараш мебаромад. Мирак хеле пакар шуд. Сари харро ба сӯи гузари Тӯбхона баргардонид, ки аз назди зиндон гузашта, ба бозори чӯб равад.

Дар он кӯчаи бекас, қариб сад қадам гашта буд, ки аз рӯ ба рӯяш як одами кулӯча-шалворпӯше баромад, ки дар танаш аз болои курта камзӯлчаи чармине ва дар по мӯзаи нав дошт. Он мардак як бари камзӯлчаашро бардошта, дар даст медошт ва гӯё ки дар он доманаш чизҳои вазнинро мебурда бошад, оҳиста-оҳиста ва хастаҳолона қадам мезад. Мардак аз пеши Мирак гузашта, лоақал ба тарафи ӯ як нигоҳе ҳам накард, аз қошу қавоқаш, гӯё барф мебориД...

«Ин мардакро дар кучо дидам-а?» гуфта, худ ба худ андешид Мирак ва якбора ба хотир овард: ин ҳамон шахсе буд, ки дар Когон бо Асад махсум ба тарафи хонаи персиёни судхӯр мерафт.

Мирак бо тааҷҷуб аз қафои ӯ нигоҳ карда истода буд, ки аз домани он шахс чизе шорида ба замин афтод, вале мардак инро дарк накарда ба роҳаш рафтан гирифт. Ба чашми Мирак чунин тофт, ки он чизи афтода, қабчуқ барин буд... Бале, қабчуқ-қабчуқи калони чармин. Мирак камтар нигоҳ карда истоду мардак аз афтодани қабчуқ бехабар, дур шуда истодааст. Бинобар он зуд аз ҳар фаромаду давида рафта қабчуқро гирифт. Дид, ки хеле вазнин аст. Кушода ба дарунаш нигоҳ карду якбора тарсида монд. Даруни қабчуқ пур аз тиллои сиккаи Бухоро — тиллоҳои зарду сурхчатоби кӯтури чашмхиракунандаи бисьёре буд.

Мирак беихтиёр фарьёд карда:

— Таго, ҳо таго! — гуфт. Лекин «таго» ба хитоби ӯ аҳамияте надода рафтан гирифт. Мирак ҳайрон шуду дар сонияи аввал чӣ кор карданашро надонист, баъд аз паси ӯ давида, боз фарьёд кард:

— Таго, истед! — гуфт вай.— Ин қабчуқ аз домани шумо афтод. Ин қабчуқ...

Инро шунида, мардак истоду фақат сарашро баргардонида, ба сӯи Мирак як нигоҳи заҳролуде партофт ва гуфт:

— Чӣ, ин қадар дод мезанӣ, саҳрои аҳмақ?!

— Қабчуқ!..— ин дафъа бо овози паст гуфт Мирак, гӯё ки вай дар назди он шахс гунаҳгор бошад.— Қабчуки шумо...

Мардак қабчуқро аз дасти ӯ гирифта, ба ҳамон домани чиздораш гузошту ба роҳаш рафтан гирифт. Дигар на ҳа гуфт, на не. Гӯё, ки Мирак зӯран бори ӯро вазнин карда, қабчуқро дода бошад...

«Одами ғалатӣ...— гуфт худ ба худ Мирак,— чизи гумкардагешро ёфта додам, боракаллоҳ ҳам нагуфт. Садақаи одамгарӣ шав! «Вай дар паси мардаки дуршаванда нигоҳ карда истоду даст афшонд ва ба хараш савор шуда, роҳи хонаи хоҳарашро пеш гирифт...

Гузари Бозори Чӯб, ба тарафи дарвозаи Самарқанд, дар ҷиҳати шимол — шимоли ғарбии Бухоро

вокеъ гашта, яке аз гузарҳои камбағалнишин ба шумор мерафт. Ҳавлии язнаи Мирак дар охиртари гузар, ба девори қалъаи Бухоро наздик буд. Мирак хоҳараш ва бачаҳои ӯро сиҳат-саломат ёфт. Ба онҳо ҳеҷ осебе нарасида буд. Дар хонаашон, ҳама ҷамъ, бемалол нишаста буданд. Омадани Мирак, харбузаю мева тӯҳфа овардани ӯ, хусусан ба бачаҳо маъқул шуд.

— Чунон ҷанги сахт шуд, ки мондан гир! — гуфт ба пурсиши Мирак, язнааш: — Чор шабу чор рӯз аз хона баромадан ҳам хавфнок буду дар хона нишастан ҳам. Одамҳои таххона доштагӣ ба таххонаҳо ҷо шуданд, ҳавличаи мо на таххона дораду на болохона, бинобар он мо таваккал карда нишастан гирифтем. Бойҳо, давлатмандҳо ва амалдорҳо дар рӯзи сейӯми ҷанг тиллою-олояшонро қисман гӯр карда, қисман бо худашон бардошта, аз шаҳр гурехта, ба боғот ва ҷоҳои беруни шаҳриашон рафтанд. Мо ба куҷо мерафтем? Ба тарафи қишлоқи шумо, ба Қогон рафтан ҳеҷ мумкин набуд — ҷанг дар ҳамон сӯ буд. Бинобар он, ҳарчӣ шавад, шудан гирад, гуфта, бепарво нишастан гирифтем... Аз осмон тир меборид, ҳама ҷо аз қӯрғошиммайда пур шуда рафт. Арк месӯхт, растаҳо месӯхтанд... Хайрият ба тарафи мо тири тӯб наомад, ин тараф хотирҷамътар буд.

— Қамбағал будани шуморо медонистааст-дия! — гуфта монд Мирак, нимҷиддию нимҳазл.

— Надонам,— гуфт язнааш.— Ё медонистааст, ё ки ин тарафи шаҳр дурӣ мекард, чап буд... Ҳарчӣ бошад ба ин сӯ тири тӯб хеле кам омад. Рӯзи панҷшанбе амир гурехту рӯзи шанбе аскари сурх ба шаҳр зада даромад. Баъд аз омадани Аскари Сурх шаҳр андак осуда шуд. Одамҳо ба кӯча баромаданд ва аз беруни шаҳр баргашта омаданд, дӯконҳо кушода шуданд. Лекин ҳозир ҳам ҳар рӯз сӯхторҳо шуда истодааст. Ҳама ҳайрон, ки ин сӯхторҳо аз чӣ мешуда бошад...

— Ҳа, ман дидам,— гуфт Мирак.— Ҳозир ҳам баъзе ҷоҳо сӯхта истодааст.

— Ин аз тӯбу бомба не,— гуфт язнаи Мирак.—

Ин сўхторҳоро худи одамҳои падарлаънати ҳамин шаҳрамон, дуздҳо, одамҳои амир карда истодаанд.

— Қасдан мекунанд,— гуфта монд хоҳари Мирак.

— Ҳамаи машкобҳоро ва аҳолии шаҳрро ба оташхомўшкунӣ кашида истодаанд. Ҳоло аз ҳавз мо худамон об мекашонем. Бар падари ин дуздҳо лаънат! Дўкону ҳавлию хонаи мардумро ғорат мекунанду баъд оташ мезананд. Лекин агар аскарҳои сурх бинанд, ки ягон кас дуздӣ карда истодааст, дар ҳамон ҷояш паронда мемонанд.

— Ҳукумати нав ба мо нон, гўшт, қанд дод,— гуфт хоҳари Мирак.— Бе пул...

— Ба дигарҳо чӣ?

— Ба дигарҳо ҳам. Мардум гузар-гузар рафта, гирифта оварда истодаанд. Касе, ки ба либос, ба пойафзол мўҳтоҷ бошад, ариза медиҳад, зуд чизи хостагеша мегирад.

— Нағз-ку! — гуфт Мирак.— Агар мо дар шаҳр мешудем, ман албатта, якта мўза мегирифтам.

Мўза даркор бошад,— гуфт хоҳараш,— мо ариза медиҳем, то ин дафъа омаданат тайёр карда мемонем.

— Э,— гуфт ногоҳ чизеро ба хотираш оварда Мирак,— фаромўш кардам, Фирўза-апем ба ман мунтазир!.. Хайр, ман меравам. Баъд, корамро тамом карда мебиёям.

— Исто, ман як дастурхон гирам! — гуфт ба ҳолу ҷони Мирак намонда хоҳараш ва аз гўшту нони ҳукуматӣ шикамн додарашро сер кард.

— Тезтар биё, ки дилам ҳавл мекунад! — гуфт хоҳараш ба Мирак, вақте ки вай ба кўча мебаромад.

— Дадем биёянд, гўед, ки ман ба пеши апа Фирўза рафтам, дилашон ҳавл накунад! — гуфт Мирак ва аз дарвоза берун шуд.

Дар кўчаҳо равандагон хеле кам менамуданд. Гашти рўз буд, гармии ҳаво хеле паст фаромада, кўчаҳо сероя шуда буданд. Мирак аз гузари Сарои Сабзӣ гузашта, рост ба таи тоқи заргарон ва баъд бо растаи Сўзангарӣ ба таи тоқи телпак расидаӣ буд. Лекин дар қарибии тоқи телпак, дар он ҷое ки ба тарафи Сарои чой ва қозихона роҳ буд, ба сўхтор вохўрда

монд. Мардум бо ёрии аскарони сурх чандала мекарданд, ки оташро хомӯш кунанд. Мирак ҳам ба ғайрат омад, давида рафту ба қатори одамони даст ба даст обмекашондагӣ истода, об додан гирифт. Мардум обро аз чоҳи ҳаммоми бозори корд мекашонданд. Сатилу кӯзаю машку ҳар чӣ меёфтанд, аз об пур карда, даст ба даст медоданд. Мирак қариб даҳ-понздаҳ сатилу кӯза об дода буд, ки оташ хеле паст шуда монд. Дар ин дам як автомобили болояш кушод омада истоду аз он ду-се нафар командирҳои аскарҳои сурх фаромаданд. Онҳо кори оташхомӯшкуниро аз назар гузаронида, дар байн чизе машварат карданд ва ба аскарҳо чӣ супоришҳое доданд. Дар ин миён яке аз онҳо, ки ба назари Мирак хеле гарм метофт ва гӯё, ки дар кучое дида буд, ба вай нигоҳ карда монд ва табассум намуда, ӯро ба сӯи худ даъват кард.

— Ин чо биё! — гуфт вай ба забони русӣ ва баъд ба забони тоҷикӣ тарҷима кард: — Ин чо биё!

Ин суханҳо чунон бо лутфу навозиш гуфта шуда буданд, ки Мирак бе ҳеҷ ибо ва мулоҳиза ба назди он шахс рафт ва даст пеш гирифта салом дод. Он кас, ки қади баланд, пешонаи васеъ, чашмони ҷозибадори осмониранг дошт, дасти худро ба сӯи ӯ дароз кард. Мирак ҳам даст дод. Онҳо дӯстона вохӯрдӣ карданд.

— Ман Қуйбышев ҳастам, номи ту чӣ?

— Номи ман Мирак.

— Бисьёр нағз. Ана, ошно шудем. Хӯш, исто ки Мирак, туро кӣ маҷбур кард, ки ба оташхомӯшкунӣ ҳамроҳ шавӣ?

— Ман худам... Чӣ, мумкин не-мӣ?

— Мумкин, албатта, лекин аз ин кор дида, бозию тамошо карда гардӣ нагз не, магар?

— Охир, ин чо сӯзад майлаш-мӣ?

— Не, албатта! Оташро хомӯш кардан зарур... Лекин...

Мирак нохост маҳмадоногӣ карда, сухани Қуйбышевро бурид:

— Зарур ки бошад, ман ҳам аз баҳри тамошо гузаштам. Дӯкону ҳавлии мардум месӯзад, шаҳр месӯзад...

— Ту шаҳратро дӯст медорӣ?

— Дӯст медорам. Кӣ шаҳрашро дӯст намедорад?

Куйбышев аз сухани Мирак мамнун шуду ба тарафи рафиқонаш, дидетон-мӣ, гуфтагӣ барин нигоҳ карда монд ва баъд бо ҷиддият гуфт:

— Ҳастанд, шаҳри худ, Ватани худ, модари худро, фарзанди худро дӯст намедоштагиҳо, бадзотҳо ҳастанд. Ана ҳамонҳо ба ин ҷоҳо оташ мезананд, хонаи мардумро ғорат мекунанд, модарҳоро бо фарзандҳояшон мекушанд. Лекин мо ба онҳо роҳ намедиҳем, онҳоро дошта нест мекунем!

— Онҳоро зудтар доред, ки,— гуфт Мирак бо одати маслиҳатдиҳандагии худ,— набошад шаҳрро хароб мекунанд.

— Бале, офарин писар! — гуфт Валериян Владимирович, сари Миракро сила карда.— Хеле дуруст гуфтӣ! Онҳоро зудтар доштан лозим, ки хонаи мардумро насӯзонанд. Оташ чизи бозӣ не! Аз як дӯкон ба дӯкони дигар, аз як ҳавлӣ ба ҳавлии дигар гузашта, шаҳрро хароб мекунад. Дар ин шаҳр оби ҷорӣ нест. Бинобар он сӯхтор хеле хавфи калон дорад.

Дар ин дам ду солдат ҳамон одами камзӯлчаи чарминпӯшро дастгир карда, гирифта оварданд ва бо вазъияти низомӣ даст ба чакка бурда, ба Куйбышев чунин арз карданд:

— Ин шахси номаълумро дар асնои хазинадуздиаш доштем. Аз болои арк чизҳои қиматбаҳоро дуздида бурда истодааст.

— Албатта, худашро инқилобчӣ меномидагист ва аз номи инқилоб моли халқро ғорат мекардагист?

— Бале, ҳамин тавр!

— Бурда ба Чека супоред, тафтиш карда, ба ҷазои олӣ маҳкум кунанд. Пас аз ин ҳам ҳар касеро, хоҳ аз худӣ ва хоҳ аз бегона дидед, ки дуздӣ мекунад, моли мардум, ё ки моли давлатро ба ғорат мебарад, доред у ба ЧЕКА, ё ба трибунал супоред, ки ба сахттарин ҷазо гирифтор намоянд. Чизҳои ба ғорат бурдаи ӯро ёфтед?

— Ҳамаашро гирифта ба хазина супоридем.

— Қабчукро чӣ? — пурсид Мираки беқарор.— Як қабчуқи чармини калони пур аз тилло буд?

— Қабчукро ҳам супоридем! — ҷавоб дод як солдат.

— Ту аз куҷо медонӣ? — бо тааҷҷуб пурсид Куйбышев.

— Ман ӯро дида будам,— гуфт Мирак.— Як доман чиз мебурд, ки нохост қабчуқ афтод. Ман аз замин бардошта, бурда додам. Ба ҷои раҳмат гуфтан, саҳроӣ гуфта ҳақорат дод.

— Мол, ки дуздӣ буд, тарсидааст!— гуфт Куйбышев ва ба солдатҳо муроҷиат кард: — Офарин, рафиқон! Аз номи ман ба фармондеҳатон гӯед, ки шуморо ба мукофот пешниҳод мекунам!

— Ба халқи меҳнаткаш хизмат мекунем! — гуфтанд ҳар ду солдат баробар.

— Баред, ӯро! — хитоб кард Куйбышев.

Солдатҳо ғоратгарро пеш андохта бурданд.

— Ту, Мирак,— гуфт Куйбышев,— бачаи нағз ҳастӣ, бачаи бағайрат, бачаи софдил, бачаи хушбахт! Инқилоб ва Ҳокимияти Советӣ ба ту барин бачаҳои меҳнаткаш тамоми шароитро ба вуҷуд меорад, ки сабзед, нашъунамо ёбед ва дар оянда соҳиби мамлакат гардед. Хайр, то бори дигар! Ба падару модарат аз ман салом гӯй! Хайр рафиқон, раҳмат ба шумо!

Куйбышев бо ҳозирон хайрухуш карда, ба мошина савор шуду ба сӯи Регистон раҳсипор гардид.

Мирак ба таи дарвозаи мазор қариби намози аср омада расид. Фирӯза дар интизори ӯ по месӯхт. Аз дур омадани ӯро Асо дида, ба Фирӯза хабар дод, вай ба пешвози ӯ тохт:

— Омадӣ, додарам? Чаро ин қадар ҳаял кардӣ?

— Ба оташхомӯшкунӣ ёрӣ додам, командири калон — Куйбышевро дидам...

— Наход? — гуфт Фирӯза.— Дар куҷо?

— Дар таи растаи сӯзангарон,— гуфта Мирак мехост воқеаро баён кунад, ба гап Асо ҳамроҳ шуда, шаҳди ӯро шикаст.

— «Балага иш буюр, кетидан югур!»[1] — гуфт вай зарбулмасали ӯзбекиро тамсил оварда.— Кори заруррро ва муҳимро ба бача бовар кардан хуб набуд!..

[1] Ба бача кор фармо, ба ҷояш худат дав!

— Гап дар сари кор не! — гуфт Фирӯза.— Кор ҳар вақт мешавад. Ман аз худаш хавотир шудам... Чӣ шуда бошад, гуфта ваҳмидам...

— Хайр, зарар надорад! Камтар дам гирад, баъд меравед.

Ҳамаи ин гуфтугӯҳо ба Мирак сахт мерасид. Зеро, ки вай то ба ин дам худро ба арши аъло медид, хурсанду баифтихор буд, ки бо худи Куйбышев, бо калонтарини камандирҳо во хӯрда, сӯҳбат карду таъриф шунид. Ин кори ҳазил не! Куйбышев вохӯрдӣ карда, ҳолу аҳвол пурсид, ба падару модарат салом гӯй, гуфт! Шояд Асо Куйбышевро аз дур ҳам надидааст, шояд овозашро ҳам нашунидааст!.. Аммо ӯро, Миракро писанд накарда гап мезанад, ӯро «бала» (бача) мегӯяд!.. Ана, Фирӯза-хола нагз, меҳрубон, гапфаҳм... Ана, маъюс шудани ӯро дида ба наздаш омад ва пурсид:

— Ҳа, укаҷон, чиба хафа шудӣ? Ё ки ба оташхомӯшкунӣ ёрӣ дода, монда шудӣ? Биё, шин, чой хӯр, дам гир!

— Не, ҳеҷ гап не,— гуфт Мирак.— Биёед, меравем, бевақт шуд... дадем ҷанг мекунанд.

— Хайр, майлаш, ҳозир меравем. Ман як ба хона даромада мебароям.

— Хайр, ман дар ҳамин ҷо мешинам! — гуфт Мирак.

Фирӯза ба ҳуҷраи таи айвони дарвозахона даромад, Мирак ба рӯи суфаи таи айвон нишаст. Аз беруни шаҳр ояндагон кам буданд, лекин аз даруни шаҳр ба берун мебаромадагон бисьёр буданд. Аксарият деҳқонҳо буданд, ки чизҳои овардагиашонро фурӯхта, мехаридагиашонро харида, ба хару аспҳо ва аробаҳояшон бор карда, баромада ба қишлоқҳояшон мерафтанд. Бисьёрии онҳоро Асо ва одамони вай тафтиш намекарданд, ҳамин тавр, як нигоҳ мекардаанду гузаронида мефиристоданд. Вақте ки дар фойтуни дуаспа як мардаки бадвоҳима, дар тан аз болои кулӯча-чолвори хокистаранги моҳут, ҷомаи алочаи астаршоҳӣ, дар по мӯзаи амрикоӣ пӯшида, ба сар аз болои мӯи мошу биринҷ саллачаи сафед баста, бо виқору ғурур гузашт, Асо ва аскарҳо даст ба чака бурда,

саломи низомӣ доданд. Мирак ҳайрон шуда, аз Фирӯза, ки дар ин дам фаранҷӣ гирифта баромада буд, пурсид:

— Ин кас кӣ буданд?

— Ин кас раиси Чека, Ҳоҷӣ Ҳасанбек мешаванд,— гуфт Фирӯза.— Одами калон, ҳукми куш дар дасташон!

— Ҳукми куш?!— ҳайрон шуда пурсид Мирак.— О, инқилоб шуд-ку! Боз ҳукми куш чиба?

— Инқилоб ҳам ҳукми куш дорад,— гуфт Фирӯза ба роҳ даромада истода.— Аксульинқилобчиҳо, тарафдорони амир, босмачиҳо ба даст афтанд, Чека, трибунал ҳукми куш мебарорад.

Мирак аз ин эзоҳоти Фирӯза қаноат ҳосил кард, ё не, маълум нашуд. Зеро ки вай дигар гапе назада, аз паҳлӯи Фирӯза, бо роҳи имрӯза рафтан гирифт. Фақат пас аз хеле хомӯшӣ гуфт:

— Ҳоҷӣ Ҳасанбек мӯйсафеди бадқавоқ будааст, одами ганда!

Фирӯза аз паси чашмбанд қиқиррос зада хандид ва зуд ба атрофаш нигоҳ кард, ки касе хандаи ӯро шунид, ё не. Хайрият, ки кӯча бекас буд.

Дар гузари Арабон Мирак ҳавлии Шоҳмуродбек додхоҳро ба Фирӯза нишон доду худаш гузашта, ба гузари Бозори Чӯб рафт. Фирӯза ба даруни дарвозахонаи калон ва ҳангомадор даромада, донист, ки додхоҳ ба меросхӯрони худ, дурустакак молу давлат монда рафтагӣ ва ин ҳавлӣ ба чунон касоне тааллуқ дорад, ки дар бораи нони фардо фикре ҳам намекунанд.

Пеш аз оне ки Фирӯза аз ҳавлии берун гузашта, ба ҳавлии дарун дарояд ва бо Ойими Шоҳ сӯҳбат кунад, мо мехоҳем, ки ба хонандагони мӯҳтарам Ойими Шоҳро шинос кунем ва каме дар бораи ҳаёти ин оила сӯҳбат намоем.

## 4.

Дар аҳди ҳукмронии амир Музаффар, дар санаи 1285 ҳиҷрӣ, ки мутобиқи санаи 1869 милодӣ аст, волии Хӯқанд — Худоёрхон маҷбур мешавад, ки аз иттишо-

ши дубораи дохили мамлакат саргурез шуда, ба амири Бухоро паноҳ барад. Он вақтҳо дар дарбори Худоёрхон сипоҳи ҷавоне хизмат мекард, ки Шоҳмуродбек ном дошт ва бинобар ҷасорат ва балоғаташ аз волии Хӯқанд мартаба гирифта, дар қатори муқаррабони вай даромада буд.

Шоҳмуродбек бо вуҷуди ҷавониаш (он вақтҳо 25-сола буд) одами дурандеш, боақлу тамиз ва мудаббир шуда, айёшӣ ва беақлиҳои Худоёрхонро маъқул намедонист ва ҳамеша дар ин бора ба хон маслиҳатҳо дода, ӯро аз роҳи бад баргардонданӣ мешуд. Аммо маслиҳат ва насиҳатҳои ӯ ба санги хоро таъсире доштанду ба Худоёрхон не...

Аз ин ҳол Шоҳмуродбек хафа мешуд, бо маъюсӣ ба хонааш бармегашт.

— Нағз накардем, занак! — мегуфт вай бо димоғи сӯхта ва маҳзунӣ ба занаш.— Аз дарбори хон нон хӯрдан — заҳр хӯрдан будааст, муқарраби хон будан — ба аҷал ҳамнишин гаштан катӣ баробар будааст... Афсӯс, ки ба ин ҳақиқат дер пай бурдам! Ғурури ҷавонӣ ва мансабпарастӣ пеши чашмамро гирифта буданд...

Зани Шоҳмуродбек, ки духтари яке аз хешовандонаш буд, хеле оқила, босавод ва шоира буда, ҳамеша дар даст куллиёти Саъдию «Хамса»-и Низомию девони Навоӣ буд ва ба шавҳараш мӯнису ғамхор ва соҳибмаслиҳат буд.

— Боз чӣ шуд, ки ин қадар ғусса мехӯред? — пурсид занак ба аҳволи шавҳараш пай бурда.— Гуфторатон ба тамсили шоирон монанд шуда рафт, магар ягон ҳодисае рӯй дод?

— Бале! — гуфт бо табассум ба занаш нигоҳ карда Шоҳмуродбек.— Бале, азизам! Вақтҳои охир, намедонам аз нашъаи шароб, ё ки аз таъсири фалокатбори дигаре, аз чист, ки хони мо латта, латтаи бекора шуда мондааст. На он ҷасорат ва ғайрати пештара, ки маро ба худ мафтун карда буд, на он ақлу тамиз, ки сазовори ҳукмронии мамлакат буд... Нест, латта. Душманҳо аз ин ҳолати вай нағз истифода бурда истодаанд. Метарсам, ки ба сараш боз балое нахезонанд.

Занак байти Саъдиро ба хотир оварда гуфт:

Саъдӣ агар ҷазаъ кунӣ, вар накунӣ чӣ фоида,
Сахткамон чи ғам хӯрад, гар ту занифҷавшанӣ!..

...Ғусса хӯрдани шумо, магар фоидае мерасонад?! Садақаи саратон, ки душманаш ба сараш бало хезонад! Ба шумо чӣ?!

— Саъдидони ман, бепарвои ман! — гуфт занашро навозиш карда Шоҳмуродбек.— Охир, ба сари хон бало хезад, ману ту ҳам ба бало мемонем.

— Худо подшоҳ аст! — гуфт занак.— Насиб бошад, воқеае намешавад. Лекин ҳушьёр будан лозим. Ҳушьёрӣ ва ақли расо касро аз бало мераҳонад. Ба қавли Низомӣ:

«Ки дониш ба шаб посбони ман аст,
Хирад тоҷ, бедорӣ ҷони ман аст!

— Бале,— гуфт Шоҳмуродбек,— ҳушьёр будан лозим, хусусан дар замонаи мо!

— Беҳтар ки аз сӯҳбати хон дурӣ ихтиёр кунед!

Ин маслиҳати занашро қабул карда, Шоҳмуродбек, то метавонист аз сӯҳбати хон дурӣ меҷуст ва ба чашми аҳли дарбор низ камтар менамуд. То ҷег назананд ва то зарур набошад ба ӯрда намерафт. Гӯё ба сиёсати давлат ҳамроҳ набуд... Лекин дер шуда буд. Дар вақти иғтишош, Шоҳмуродбек низ маҷбур шуд, ки зану фарзандҳояшро бардошта, бо кӯчу-кӯчман ба Бухоро сафар кунад.

Рӯзҳои аввал Бухорои шариф бо вуҷуди ҳамаи «шарофаташ», бо ҳамаи масҷиду мадрасаҳояш, бо ҳамаи растаю бозорҳояш, бо ҳамаи шукӯҳу ҷалолаш, ки бешубҳа аз Хӯқанд борҳо калонтар ва борҳо бошукӯҳтар буд, ба Шоҳмуродбек ва ба зани ӯ маъқул нашуд. Лекин ду писари вай, ки мактабхон шуда буданд, аз ин сафар ва аз ин макони нав беҳад шоду мамнун буданд.

Амир Музаффар хост, ки Шоҳмуродбеки ҷавонро ба кор кашад ва аз ҷасорату диловарии ӯ истифода барад, лекин вай бо сад баҳона узр оварда, аз таклифи амир сар кашид. Худоёрхон ҳам дар ин боб ба вай гӯё мадад расонид: ба амир гуфт, ки ба ҳурмати

хотири вай ба Шоҳмуродбек кордор набошад, монад, ки вай осуда бошад. Ба ҳар ҳол амир Музаффар ба Шоҳмуродбек мансабе доду ротифае муайян кард ва ҳар гоҳ ба дарбор омада истодани ӯро хоҳиш намуд.

Шоҳмуродбек дар гузари Арабон ба як ҳавлии подшоҳӣ ҷо гирифта, аз рӯзҳои аввали истиқоматаш ҷоҳ канонида об баровард ва дар поёни суфаи ҳавлии берун ва ҳавлии дарун гулу гулзор барпо кард, ток шинонда, хавозаи ангур бардошт ва каме ҳам бошад, он ҳавлиро ба ҳавлии Хӯқанди худ монанд кард. Рӯзҳову ҳафтаҳо аз ҳавлӣ берун намебаромад, дар даст каланд, дар гулзор кор мекард, бо сатил об мекашонид, токбуррӣ ва гулбозӣ мекард. Вақте ки занаш ба ёрии ӯ мешитобид, мамнунона ба вай нигоҳ карда мегуфт:

> — Ба чор гӯшаи девори худ ба хотири ҷамъ,
> Қасе нагӯяд ин ҷо нишину он ҷо рав.
> Ҳазор бор накӯтар ба назди доноён —
> Зи фарри мамлакати Кайкубоду Кайхисрав!

— Набошад, Бухороро наҳ назанед-дия! — мегуфт занаш.— Агар ба Хӯқанд равед, боз хонатон ба ӯрда мебурд, боз «мамлакати Кайкубоду Кайхисрав» сар мешуд.

— Гапат дуруст,— мегуфт Шоҳмуродбек.— Аз ҳамин ҷиҳат ба ман Бухоро маъқул! Баъд мардуми ин ҷо ҳам ба ман маъқул шуданд. Одамҳои доно бисёр. Ба забони тоҷикии худамон гап мезанем, гӯё ки Рошдон ҳамин ҷо бошад.

Ана, ҳамин тавр, Шоҳмуродбек тӯқсабои рошдонӣ дар Бухоро муқими доимӣ шуд ва аз дарбори хони Хӯқанд тамоман халос гашт. Дар даври амир Абдулаҳад писарҳои вай мансабҳои мироҳӯрӣ ва амлокдорӣ гирифта: ба туманҳои Бухоро ба кор рафтанд, дар ҳавлии бисёр озода ва бисёр хуштарху, сабзу хуррами гузари Арабон Шоҳмуродбек бо занаш танҳо монданд. Зани ӯ, ки бекориро дӯст намедошт, ду-се нафар духтарони ҳамсояро оварда, ба онҳо сабақ медод, китоб мехононд ва бегоҳонӣ дар равшании лампаи давраpилта кашида дӯхта истода, ба шавҳа-

раш қиссаҳои ишқӣ мегуфт. Шоҳмуродбек сад бор ба худо шукр мекард, ки соҳиби ҳамин тавр зани бамаънӣ шудааст ва медонист, ки доштани ин тавр зан, ин тавр рафиқаи ҳаёт,— худаш як дуньёст!

— Не,— мегуфт вай,— ба ман дигар чизе лозим не. Ризқу рӯзиро худо мерасонад, бачаҳо калон шуда, роҳу равиш, чою мақоми худашонро ёфтанд, ба ман ту бошӣ ва сӯҳбати ту кифоя!

— Гапатон дуруст,— мегуфт занак.— Лекин одамгурез шуда, тамом тарки дуньё кардан ҳам хуб нест. Мегӯянд, ки амир Абдулаҳад, худаш шоир аст, шеърро дӯст медорад... Майлаш, гоҳ-гоҳ ба рикобаш рафта, худатона нишон дода биёед, бад намешавад.

— Бад мешавад! — гуфт ба таври қатъӣ мардак ва хомӯш монд. Занак ҳам кашида дӯхта истода чанд дақиқа хомӯш монд ва баъд гуфт:

— Ҳиҷлат ном шоир будааст, кадом рӯз дар як баёз як байти ӯро хондам. Мегӯяд, ки:

> Ҳеч кас Ҳиҷлат, насиби доғи бенафъӣ мабод,
> Чатри шоҳӣ гар набошӣ, сояи девор бош!

— Ман на чатри шоҳӣ шудан мехоҳам, на сояи девор! Ман вола ва шайдои ту ҳастам, ҳамин бас!

Дар баҳори соли 1896, дар оилаи Шоҳмуродбек боз як фарзанди дигар — як духтар пайдо шуд, ки номи ӯро Ҳамроҳхон монданд.

— Духтар надоштӣ,— гуфт хурсандона, Шоҳмуродбек,— ҳамроҳ надоштӣ, ана акнун ҳамроҳнок шудӣ! Худат барин зебо, чашму абрӯяш аз ҳоло каса мафтун мекунад.

— Кадом араб дӯғи худро турш гуфтааст?! — гуфт бо табассум, занак.— Шумо ҳам духтари худатона таъриф мекунед.

— Не, худат як нигоҳ кун! Ин паридухтар мешавад.

Дар ҳақиқат Ҳамроҳхон паридухтар шуда монд. Дар синни даҳсолагиаш ҳар кӣ ӯро бинад, беихтиёр ҳайрон шуда мемонд. Табиат гоҳо чунон саҳӣ мешавад, чунон аъзоҳо ба майдон меорад, ки кас гумон мекунад, гӯё, қасдан ва махсусан карда шуда бошад. Набошад, чаро як касро ин қадар баднамо, ин қа-

дар нафратовари халқ мекунад, ки мардум қариб аз ӯ ҳазар мекунанд ва баъзан касеро чунон оро медиҳад, чунон ба ӯ ҳусну малоҳат мебахшад, ки ақлҳоро вола, дилҳоро шайдо мегардонад. Ба вай ҳамаи зебоиҳо, ҳамаи ҳусну малоҳатро якбора мебахшад, ҳеҷ чизро дареғ намедорад ва гӯё, ба рассоми даҳр нишон додан мехоҳад, ки тарҳи зебо, ҳусни накӯ ва малоҳати инсониро чӣ тавр бояд дод...

Инак, дар хонадони Шоҳмуродбек ҳамин эъҷози табиатро дидан мумкин шуда монд. Шояд обу ҳавои Бухоро ва муҳити ин ҷо аз мардуми Фарғонанажод, қасдан парӣ мерӯёнад? Ба ҳар ҳол, Ҳамроҳхон эъҷози табиат, саховати обу ҳавои Бухоро ва бахту саодати падару модараш буд.

Қадаш мавзун ва дар синни даҳсолагиаш, ҳатто намоён буд, ки вай сарвқомат мешавад. Чашми сиёҳ, дилфиреб, ҷозибадор ва нигоҳаш афсункор, абру сиёҳ, пайваста ва мисли камон, ки садсолҳо боз шоирон абрӯи дилдори худро ҳамин тавр тасвир кардаанд, даҳон мисли ғунча, лабҳо тунук, хусусан як холи сиёҳ, ки дар кунҷи лаби болояш ҷо гирифта буд, ба ҳуснаш ҳусн шуда меистод. Шоир гӯё ба васфи ҳусну ҷамоли ӯ ин байтро гуфтааст:

> Пеши рӯят дигарон сурати бар деворанд,
> На чунин сурату маънӣ, ки ту дорӣ доранд![1]

Зани Шоҳмуродбек ба духтараш таълим дода, дар андак муддат ӯро босавод кард. Ҳамроҳхон ба модари худ тақлид карда, ба шеъру суруд дода шуд. Овози форам ва дилнишини ӯ дугонаҳояшро лол мекард. Шеърдонӣ ва нуктасанҷии ӯ, ҳатто калонсолонро гаранг мекард. Ҳамеша дар сӯҳбати дугонаҳо ба ғайр аз байтбарак, сурудхонӣ ва қиссагӯӣ, дигар шуғл набуд. Ҳамроҳхон, ки духтари эрка буд, аз чизе камбудие надошт ва касе ба ӯ сухани сахте гуфта наметавонист. Ҳам падар ва ҳам модар ӯро нозукона, бо лутфу навозиш ва суханҳои нарм тарбия мекарданд ва ба болои вай «ҳафтларзэ» буданд.

Вақте ки синни Ҳамроҳхон ба дувоздаҳ расид, як

---

[1] Шеъри Саъдӣ.

рӯз Шоҳмуродбек аз берун ба ҳавлии дарун, ба хонаи духтараш даромада дид, ки вай гирья карда хобидааст. Падар ҳайрон ва саросема шуд, дасту по гум кард:

— Ҳамроҳхон, Ҳамроҳхон! — гуфт вай.— Ба ту чӣ шуд? Барои чӣ гирья мекунӣ?

Ҳамроҳхон ба ҷои ҷавоб боз сахттар гирист. Воҳимаи падар боз афзуд.

— Гап зан, дилама нахарош! — гуфт вай.— Чӣ ҳодиса рӯй дод? Модарат кани?

— Ҳаммом рафтанд,— гуфт гирьяолуд, Ҳамроҳхон.

— Барои ҳамин ҳам гирья-мӣ?

— Не! — мисли бачаҳо пояк зад Ҳамроҳхон ва аз падараш ранҷида, пушташро гардонид.

— Хайр, чиба гирья мекунӣ? Фаҳмон!

Ҳамроҳхон муддате ҳуқ-ҳуққунон гиристу баъд аз ҷо бархоста нишаста ва обҳои чашмашро пок карда, ба рӯи падараш табассум кард:

— Лайлӣ мурд!...

— Кӣ мурд? Кадом Лайлӣ? — боз ҳайронтар шуд Шоҳмуродбек.

— Лайлӣ-дия! — гуфт, боз сахт карда, Ҳамроҳхон.— Маҳбубаи Маҷнун!

Вай ҳам шуда, аз рӯи болишт китоберо, ки афтода хоб мекард, ба даст гирифт. Шоҳмуродбек ба маънои сухани духтараш пай бурда, аввал оҳиста ва баъд бо қоҳ-қоҳ хандид.

— Э, илоҳӣ зинда бош-дия! — гуфт вай ниҳоят аз ханда худдорӣ карда,— кас барои ҳамин ҳам гирья мекунад-мӣ? Вай як қиссаю афсона-дия! Ба таъсир бояд гуфта, ҳамин хел менависанд. Ин кадом Лайлию Маҷнун? Навоӣ-мӣ? Ха, Низомӣ! Нагз. Низомӣ хеле ба таъсир менависад. Дар вақташ модарат ҳам гириста-гириста китоб мехонд. Хусусан Низомиро:

> Лайлӣ сари зулф шона мекард,
> Маҷнун дури ашк дона мекард...

— Ха,— гуфт бо сарзаниш ба падараш хитоб карда Ҳамроҳхон,— шумо ҷои нағзаша мегӯед... Ана ин... ана ин ҷоҳояшро хонед, гирья накарда наметонед!

Вай китобро варақ зада, як саҳифаро ба падараш нишон дод. Шоҳмуродбек китобро гирифта дид, ки духтараш ба модар васият кардани Лайлиро ба ӯ нишон медиҳад.

Эй, модари меҳрубон чӣ тадбир.
Қ-оху бара заҳр хӯрда бо шир...

— Бас, бас, бас! — гуфт аз дасти падараш китобро гирифта Ҳамроҳхон.— Боз мехоҳед, ки гиръя кунэм!

Ин дафъа падар ба чашм об гирифт. Ин оби дида аз таъсири хондани Низомӣ набуд, ин оби дида аз шодӣ буд — ин ашки шодӣ буд... Бале, Ҳамроҳхон айнан модараш барин шуда истодааст. Шеърдонӣ, ҳассосӣ, нозуксанҷӣ ва нозукадоӣ, ҳама, ҳамааш ба модараш монанд!

— «Ба худои пок, ба эзиди ламьязал сад бор шукр!» — гуфт ба дилаш Шоҳмуродбек ва духтаршро бо меҳру муҳаббат дар оғӯш гирифта, аз рухсораҳои тафсон ва ашколуди ӯ бӯсаҳо гирифт.

— Хӯш,— гуфт Шоҳмуродбек, чизеро ба хотир оварда,— ин гапҳоро мону, аз тӯй гап зан!

— Кадом тӯй?

— Тӯйи гаҳворабандони ҷиянат-дия! — гуфт Шоҳмуродбек хурсандона.— Тӯйи ҷиянчаи пирмастиат!

— Ҳа, ба ростӣ, тӯй мешавад-а? — гуфт якбора шодикунон Ҳамроҳхон.— Созандаҳо хуб базм мекардагиянд? Ман нағз мебинам.

— Ҳа, насиб! Онет гуфт, ки созандаи Тилло мешавад, созандаи Қаркигӣ мешавад, баъд... гӯё ки худи Анбари Ашк ҳам меомадааст...

— Анбари Ашк? Вай кӣ будааст?

Анбари Ашк, ё ки хола Анбар аз созандаҳои болои арк, аз муқаррабони пошшобибӣ ва ойимпошшоҳо ба шумор мерафт. Вай зане буд, қадбаланд, миёнзунқомат, гандумгун, бодомқавок, чашму абрӯсиёҳ, рӯйдароз ва газгӯшт. Ӯро зани ба ҳусну ҷамоли парирухсор гуфтан мумкин набуд, лекин баднамо ҳам набуд, ситорагарм ва ҷозибанок буд. Дар дидани аввал ба кас маъқул мешуд ва гумон мекардед, ки

ӯро пештар ҳам дар кӯчое дидаед, ё ки бо вай шинос ҳастед. Ҳамин ки бо табассум ба ширинзабонӣ сухане чанд гуфт, тамом мафтуни ӯ мешудед. Овози баланди равғанӣ дошт, агар сарояд, бисьёр форам месуруд. Дойра мезад, рақс мекард, дар боби санъат ба қавли кӯҳнаҳо: той надошт. Хусусан дар айёми ҷавониаш серҳаракат, бағайрат ва «дасту понок» буд.

Чала саводе дошт, аз баёзҳо шеърҳои ба худаш даркориро хонда, зуд аз ёд мекард, ё ки аз касе чизеро шунавад, тақрибан дар як шунидан аз бар мекард ва баъд он шеърро ба суруде мос карда, бо оҳангу тарона месуруд. Чақ-чақӣ буд. Суханҳои хуб мегуфт, зарбулмасал ва мақолҳои бисьёреро медонист. Ба ҳар даврае, ки вай ҳозир бошад, хомӯшӣ ва сукунат аз он ҷо дур мешуд. Ҳикояе мегуфт, ҳазле мекард, тамсилеро баён карда шунавандагонашро механдонид ва худаш ҳам шод мешуд. Зане буд, хайрхоҳи ҳама, то метавонист ҳоҷатбарорӣ мекард, беғараз буд. Вале, гӯё, тақдир нахост, ки вай малоикасифат, то ба охири умраш мақбули ҳама бошад, касе аз вай шикоят накунад!

Ӯро ба болои арк кашидаанду ба номи покаш сифатҳои тира ва лаккаолуд часпонданд...

Анбари ашк зани марди қашшоқе буд, хизмати ину онро карда, осуда рӯз мегузаронид. Боре дар тӯи ҳамсоя созандаҳо писанд накарда, наомаданд. Мардум, занҳо ҷамъ шудагӣ, вале бесозанда тӯйхона ба тӯйхона монанд набуд. Анбар, ки келинчаи шӯх ва серҳаракат буд, дар он тӯй хизмат карда мегашт. Аз барои наомадани созандаҳо малӯл ва маъюс шудани соҳиби тӯйро дида, зуд дугонаҳояшро ҷеғ заду ба дасти онҳо дойра дод ва худаш куртаи шоҳии якеро, сарбанди фарангии дигареро ба орият гирифта ғазалхонон ба рақс даромад. Вай чунон рақсу бозӣ кард, чунон нағмаю усулҳо кард ва чунон сурудҳо сароид, ки ҳама ҳайрон шуданд ва бисьёриҳо шод буданд, ки хайрият созандаҳо наомаданду худи Анбар ҳунарнамоӣ кард.

Баъд аз ин кайвонии гузар ӯро ва дугонаҳояшро ба чандин тӯйҳо хабар карда бурда, ба рақс даровард ва бо ҳамин оҳиста-оҳиста ном ва овозаи созандаи

навбаромад — Анбархон ба шаҳр паҳн шуд. Бойзанҳо ва хонадонҳои калоншавандаҳо ӯро хабар карданд ва торафт ба ҳама маъқул шудан гирифт. Касби созандагӣ ба худи Анбар ҳам маъқул буд. Лекин ба хонаю рӯзгораш дуруст нигоҳ карда наметавонист. Овозаи ӯ чунон паҳн шуд, ки ҳама мехостанд ба тӯи худ Анбарро чег зананд.

Азбаски як дандони пешаш камтар аз лабаш баромада меистод, кадом як зарифа ба ӯ лақаби «ашк»-ро доду бо ҳамин Анбар — Анбари Ашк шуда монд. Он вақтҳо дар Бухоро ба созандаҳо, ба оймуллоҳо, ба бибихалифаҳо ва ба одамони машҳур, албатта, ягон лақаб медоданд ва бо ҳамин онҳоро аз якдигар фарқ мекарданд. Анбари Ашк ҳам лақаби худро фаҳмида, чандон наранҷид, ҳатто худаш ҳам гуфтан гирифт.

Вақто ки Анбар бо даъвати болоиҳо ба ӯрдаи амир рафт, аз худи базми аввал ба пошшоҳонҳо ва пошшобибиҳо маъқул шуд. Оҳиста-оҳиста Анбари Ашк яке аз муқаррабони модари амир — одами хоси пошшобибӣ гашту ба поён, ба тӯйҳои фуқаро камтар мефаромадагӣ шуда монд. Рафту агар фаромада монад ҳам, як қисми мардум аз вай метарсидагӣ шуда монданд. Дар байни мардум овоза паҳн шуда рафт, ки Анбари Ашк вазифаи духтарьёби амирро иҷро мекунад. Лекин дар ҳақиқат ин нодуруст буд. Вай ин корро ба хеҷ вачҳ намекард ва карданӣ ҳам набуд. Фақат як бор воқеае рӯй доду вай маҷбур шуд, ки духтари саркардаеро навишта диҳад ва баъд аз он ба ин кор шуғл накард.

Воқеа ҳамин тавр шуда буд: дар айёми аввали ба ӯрда кашида шуданаш (дар охирҳои салтанати Абдулаҳад), боре дар ҳавлии яке аз саркардаҳои сипоҳии мӯътабари амир тӯи калтачапӯшони яктаю ягона духтари он хонадон барпо мешавад. Азбаски он вақт Анбари Ашк машҳур шуда буд, духтар мехоҳад, ки ба тӯяш албатта Анбари Ашк бошад. Бинобар он ба Анбари Ашк кас мефиристонанд, аммо вай қабул намекунад, узр гуфта, баҳона меорад. Лекин духтар ду пояшро ба як мӯза чой карда, хошо Анбари Ашк мегӯяд ва тӯйхонаро ба сараш мебардорад. Дар он ҳол худи саркарда маҷбур мешавад, ки ба болои арк

баромада, ба эшонбибӣ (модари амир) арз кунад. Модари амир Анбари Ашкро ҷеғ зада, хоҳиш мекунад ва амр медиҳад, ки ба ҳавлии саркарда равад ва тӯи онҳоро обод кунад. Анбари Ашк гириста истода, ба Эшонбибӣ таъзим мекунад ва замин бӯсида, фармонбардории худро баён мекунад.

Вақте ки вай бо ду нафар дойразанҳои худ, барои ба тӯй рафтан тайёрӣ медид, яке аз онҳо пурсид:

— Келин, ҳо келин! Чиба аввал ба ин тӯй рафтан нахостед?

— Илоҳӣ тӯяш ба азо гардад! — гуфт Анбар.— Ман агар дасти он медоштам, ин хел саркардаҳоро ба дор мекашидам.

— Чиба? Чиба? — гуфтанд ҳар ду дойразан якбора.

— Писари ҳамсояи моро зӯрану зулман ба сарбозӣ кашид. Модари бача касе надошт, аз ғаму ғуссаю бенавоӣ мурд. Хонаашон подшоҳӣ шуд... Илоҳӣ хонаи ин хуинхор гӯраш шавад! Ман асло намехостам ба тӯяш равам, лекин чӣ кор кунам, ки худам бечора ҳастам.

— Хайр, худо ҷазояшро медиҳад, ғам нахӯред!

— Хафа нашавед, келин! Созанда, ки ҳастем, ба ҳар ҷо рафтан мегирем, хоҳ тӯи золим, хоҳ тӯи мазлум...

— Бале, бале! — гуфт Анбар ва фаранҷиро ба сар гирифт.

Дар тӯйхона онҳоро бо хурсандию меҳмоннавозӣ пешвоз гирифтанд. Дар хонаи калони болои суфа меҳмонҳо пур буданд. Ҳама занҳои калоншавандаҳо ва қозо ва қозоҳо, ҳама бойзанҳо ва авлоди сипоҳон буданд. Анбари Ашк бо дойрадастҳояш ба поёни хона нишаста, соҳибони тӯйро муборакбод кард ва баъд аз даҳон ширин карда, нафас рост гирифтан, як пайт базм карда дод. Ҳама аз рақсу суруду санъати ӯ ба шавқ омада буданд. Лекин дар охири базм, вақте ки вай дар миёнҷои хона рост истода, мувашшаҳхонӣ мекард ва кадом зани ишқия ба ӯ ҷавоб медод, духтари соҳиби хона, ки ин тӯи калтачапӯшони ӯ буд, аз назди дугонаҳояш омада ба хона даромаду дар

баробари дидани Анбари Ашк қаҳқаҳзанон хандид ва баланду барҳаво гуфт:

— Ибй, Анбари Ашкаш ҳамин-мӣ? Дандони ашкаш канӣ?

Анбар шеъри хонда истодагешро дар ними сатр аз миён буриду хомӯш шуд ва бо чашмони пур аз қаҳру ғазаб ба рӯи духтари шаттоҳ ва бемаъни нигарон монд. Модари духтар, ки дар даҳлез буд, давида ба хона даромаду хост, ки духтарашро кашида барорад. Лекин духтар ба ӯ тан надод:

— Ба чият ин қадар менозӣ?! — гуфт вай бо тамасхур ва таҳқир ба рӯи Анбар нигарон.— Ба ҳамин дандони ашку рӯи дарозат-мӣ? Бечора дадем аз пасат хеста рафтанд...

— Ҳай; ҳай, пошшо духтар! — мегуфтанд кайвониҳо.

— Дам шав, дам шав, берӯй! — мегуфт модари духтар.

— Э, рӯям хуш шавад! — мегуфт холаи духтар.

Аммо бисьёриҳо механдиданд ва духтари шаттоҳро маъқул медонистанд.

Анбари ашк худро ба даст гирифту ғазабро фурӯ нишонд ва бо табассуми заҳрин гуфт:

— Дандони ашку рӯи дарозам катӣ ман созанда шудам, пошшодухтар, ба худо сад бор шукр мекунам. Лекин бо ин ҳусну малоҳат ва бо ин тарзи гуфтор, ман боварӣ дорам, ки шумо лоиқи амир, лоиқи худи ҷаноби олӣ мешавед! Шукр кунед!

— Вой мурам, ин тавр нагӯед холеш! — гуфт модари духтар.

Хонангиҳо ҳама якбора хомӯш шуданд ва лаб аз ханда бастанд. Дар он ҳол Анбари Ашк бо сарфарозӣ ба поёни хона рафту сарбандашро гирифт ва бо ҳамроҳии дойразанҳо аз хона берун шуд.

Вақте ки фаранҷӣ бар сар дар кӯчаю растаҳои серғавғои Бухоро ба сӯи хонаи худ мерафт, Анбари Ашк гӯё, чизеро намедид ва чизеро намешунид. Чанд бор суворон маҷбур шуда аспу хари худро доштанд, ки ӯро зер накунанд ва аз кафояш кӯр намонд, кар намонд, гаранг намонд, ҳар чӣ буд гуфтанд. Вай дар умраш ба ин дараҷа худро таҳқиршуда, ба ин дараҷа

хор, ба ин дарача аламзада хис накарда буд. Ба вай чӣ шуд? Бо ҳамин қадар гапдонӣ, бо ҳамин қадар маҳмадонӣ; бо ҳамин қадар ҳозирҷавобӣ, чаро дар назди як духтари шаттохи беномус хомӯш шуда монд? Чаро бо суханони заҳрин ва нешдор, бо тамасхури кушандаи худ ӯро зеру забар накард? Расво накард? Чаро?! Чунки қаҳру ғазабаш аз он дарачаҳо гузашта рафта буд. Аламу номус барқосо майнаи ӯро ба кор андохтанд ва ӯ ба роҳи интиқом афтод. Интиқоми сахт, интиқоми бераҳмона! Интиқом аз ин духтари беҳаё, интиқом аз падари золими вай, интиқом аз ҳамаи он зумрае, ки дар он ҷо ӯро таҳқир карданд. Бале, вай чунон мекунад, ки як умр ин хонадон ва ин духтар заҳри задаашонро фаромӯш накунанд, талхии онро дар коми худашон чашанд, дарди онро дар дили худ хис кунанд!

Вай он шаб хоб накард.

Пас аз як моҳи ин ҳодиса духтари шаттохро барои амир кашида гирифта бурданд ва дар шаҳр, хусусан дар байни бойзанҳо овоза шуд, ки Анбари Ашк духтарёби амир аст. Ин овоза ва ин номи бад аз як ҷиҳат ба Анбар сахт мерасид, виҷдони ӯро ба азоб мегузошт, аз мардум шарм мекард... Аз ҷиҳати дигар як дараҷа шод буд, ки аз вай метарсиданд ва ҳамаи занҳои амалдор ва қозо ва қозоҳо ба вай хушомад мезаданд, ҷуръат надоштанд, ки ғайри хоҳиши ӯ коре кунанд. Вай аз ин «афзалият»-и худ истифода бурда, баъзан ба беваю бечораҳо ёрмандӣ мекард, онҳоро аз бедодӣ халос мекард...

Анбари Ашк бо модари Ҳамроҳхон дар тӯйҳо шинос шуда, бо вай хеле улфат гирифт ва қариб дугона шуда монда буданд. Модари Ҳамроҳ ба вай шеърҳои хуби шоирони классикро ёфта медод, аз илму адаб сӯҳбат мекард, нозукиҳои сухан ва лутфу киноярo шарҳ медод ва ҳамаи ин ба Анбар дилписанд ва мақбул мешуд. Лекин иттифоқ чунон рост омада буд, ки вай ягон бор ҳам меҳмони ин хонадон нашуда ва Ҳамроҳхонро надида буд. Вақте ки модари Ҳамроҳ Анбари Ашкро хабар карда омад, ҳамсояҳо ва ёру ошноҳо ӯро таъна карданд:

— Бедарак кардед,— гуфтанд,— дар хона духтари

кадрас дореду боз Анбари Ашкро хабар мекунед. Худо накарда хабар дода монад, аз духтаратон маҳрум мешавед.

— Ҳеҷ гап намешавад! — мегуфт худбоварона, модари Ҳамроҳхон.— Анбари Ашк он хел одам не, агар бошад ҳам ба хонадони мо хиёнат намекунад. Баръакс, вай кайҳо боз орзу мекард, ки дар ягон тӯи мо хизмат кунад...

Шоҳмуродбек ҳам, ки аз худаш ва обрӯяш дилаш пур буд ва ҳеҷ гумон намекард, ки амирони Бухоро ҳурмат ва эътибори ӯро ба назар намегиранд ва хонадони ӯро ба ташвиш меандозанд. Бинобар он аз даъват карда шудани Анбари Ашк норозӣ нашуд, баръакс ба духтараш таъриф карда, аз омадани вай хабар дод...

Писари калонии Шоҳмуродбек дар Пиримаст амлокдор буд. Аз ҳар ҷиҳат димоғаш чоқ бошад ҳам, дер гоҳ рӯи фарзандро надид. Занаш ба авлиёҳо назру ниёзи бисьёре мебурд, шабу рӯз аз худо фарзанд мехост. Зеро, вай нағз медонист, ки агар назояд, шавҳараш ба болои вай зан мегирад ва рӯзаш сиёҳ мешавад. Ниҳоят толеаш мадад кард, пас аз орзу ва умедҳо як писарча зоид, ки номашро Умедҷон монданд. Падар ва бобо, модар ва бибикалон ба болои он писар ҳафтларз буданд ва хостанд, ки ба муносибати гаҳворабандони бача, як тӯи калоне бидиҳанд. Тӯи калон мебоист дар Бухоро, дар ҳавлии калони гузари Арабон будагӣ мешуд. Дар ин бора ба Шоҳмуродбек мурочиат карда, нияти худро гуфтанд. Шоҳмуродбек ҳам аз ин нияти онҳо шоду мамнун шуд ва зуд ба тараддуди тӯй афтод.

Одатан гаҳворабандон тӯи занона аст ва чандон ҳангомадор намешавад. Лекин он тӯи гаҳворабандон, ки ҳоло мо дар садади нақли он ҳастем, ҳақиқатан ҳангомадор буд. Дар берун мардҳо ҷамъ шуда, ҳофизҳо суруда, дегҳои дахманӣ меҷӯшиданд.

Дар ҳавлии дарун занҳои бисьёре, аз ҳар табақа ҷамъ шуда, дар чандин хонаҳо созандаҳо соз мекарданд ва суруд месуруданд. Дар хонаи калон пас аз рақсидани созандаи Тилло, созандаи Каркигӣ бо суруду таронаҳо ҳунарнамоӣ кард ва ниҳоят Анбари

Ашк ба миёни хона баромада чунон рақсид ва чунон ғазалхонӣ кард, ки ҳама ба шавқ омаданд. Дар ин тӯй ва дар ин базм, вай ҳамаи ҳунарҳои худро намоиш додан мехост ва бе ҳеҷ сохтагӣ, аз дилу ҷон кор мекард. Ҳозирон, ки дер боз ӯро надида буданд, аз ин ҳунарнамоӣ ва санъати ӯ гарангу ҳайрон шуданд.

Чи тавре ки дар тӯйҳои калон мекарданд, дар ин гаҳворабандон-ҳам ба меҳмонҳо лаълиҳои ширабор бо мураббоҳои заъфарнок, нишаллоҳои гулобнок, қандалотҳои пистагӣ, рустаҳои қаршигӣ ва ҳалвоҳои лавз... кабоб, ош ва тӯқуз-тӯқуз нону қанду набот гузоштанд. Пас аз хӯрдану ошомидану рақсиданҳо, дар хонаи калони болои суфа, ки зани зоида дар он ҷо буд, маросими гаҳворабандон сар шуд.

Гаҳвораи нави рангин, ки гӯшакҳояш саводкорӣ карда шудагӣ барин медурахшид ва бо гаҳворапӯшҳои бахмалу шоҳию фарангӣ ва бо тахтпӯшу попӯшу, тубаку сумакҳои нав оро дода шуда буд, ба миёни хона гузошта шуд. Дар як тарафи гаҳвора зани зоида нишаст ва дар тарафи дигараш момодоя ва кайвонии гузар ҷо гирифтанд. Пеш аз ҳама якто нони равғании назаракиро оварда ба зани зоида доданд. Вай аз як лабаш газиду аз даруни гаҳвора гузаронида, онро ба момодоя дод. Аз дасти момодоя чанг зада кайвонии гузар гирифту аз дасти кайвонии гузар духтарбачаи шӯхе, ки дар он ҷо ҳозир истода буд, нонро рабуда, ба рӯи ҳавлӣ тохт, аз паси вай бачаҳо тохта рафтанд... Ниҳоят, писарчаи ҳамсоя, ки фотеҳи майдон шуда, нонро то ба пеши дарвозаи берун бурда тавониста буд, ҳарсосзанон баргашта омад. Аз болои сари вай қанду қандолот пошида, ба дасташ тангаҳо доданд. Пас, ба саргаҳ, миёнҷо ва поёни пои гаҳвора пахта гузошта, оташ доданду момодоя ким-чӣ дуоҳоро хонда, «эиёну заҳматҳоро дур кард». Пас ба дастаки гаҳвора ҳар хел тӯморҳо, шабаҳои чашм, саримсоқу сиёҳдона овехтанд, ба болои дастаки гаҳвора ҷормағз шикастанд, як каллаи гӯсфандро, ки дар он тӯй куштa буданд, пухта оварда, кафониданд... Пас аз ҳамаи ин корҳо бачаро яке аз кампирҳо гирифта, қасдан чап-

на, пояшро ба ҷои сар ва сарашро ба ҷои пой гузошта пурсид:

— Ҳамин тавр монем-мӣ?

— Не! — гуфтанд ҳозирон.

Баъд, бачаро кӯндалангнокӣ монда пурсид:

— Ин тавр монем-мӣ?

— Не! — гуфтанд, боз ҳама.

Ниҳоят бачаро чи тавре ки лозим аст, гузошта пурсид:

— Хайр, ин тавр монем-мӣ?

— Ҳа, ҳа! — гуфтанд ҳама ва муборакбод карданд.

Аммо кампир боз ҳам бачаро нагузошт, пеш аз дуруст гузоштан, дуоҳо хонда, зиёну заҳматҳоро ҳай карда, омадани соҳиби гаҳвораро хабар дода, баъд монду дасту пои бачаро баст ва ними поёнии гаҳвораро пӯшонид. Дар он ҳол аз сари зани зоида ва гаҳвораи бача боз канду қандалот, пистаю магзу чормагз пошиданд, тангаҳои бисьёре нисор карданд, ки ҳозирон бо ният ва орзуҳои калон он чизҳо ва тангаҳоро тала карда гирифтанд.

Пас аз ин зани зоида ва гаҳвораро ба пешгаҳи хона ҷо дода, созандаҳо боз ба базм сар карданд. Ин дафъа сурудҳо ба бачаю модари бача бахшида шудагӣ буданд.

— Бача-бача ҷони бача,
Худо нигаҳбони бача...

Анбари Ашк, ки ба ин ҳавлӣ ва ба ин хонадон бори аввал омада буд, то ба ҳол Ҳамроҳхонро надида буд. Ҳамин ки чашмаш ба ҳусну ҷамоли вай афтод, маҳву мот шуда монд.

— Ин кӣ? — ба модари духтар хитоб карда.— Ин паризоди боғи Ирамро аз куҷо ёфтед? Не, одамизод ин тавр намешавад!

— Туф, туф, туф, ба гиребонатон туф кунед! — гуфт модари духтар.— Ба яктаю ягона духтари азизи ман чашм накунед, холеш!

— Ман чашм надорам! — гуфт Анбар.— Ҳаман хосиятҳои чашмро худо ба ин паридухтар додааст. Илоҳӣ умраш дароз, бахташ сафед бод!

Ҳамроҳхон, ки ин ҳама таърифро мешунид, хиҷолат кашиду бо рӯмолаш рӯяшро пӯшонид ва хост, ки аз назди Анбари Ашк гурехта равад.

— Шарм накун духтарам! — гуфт модар.— Ин Анбар холаат ҳамин хел, одами шӯх. Ту мехостӣ, ки рақсу усулро омӯзӣ, ана, устоди ин корҳо ҳамин холаат-дия!

— Ҷонам қатӣ, ҷонам қатӣ! — гуфт Анбар.— Аз ҳу пага сар мекунем. Духтарама чунон кунам, ки ба як даст бардоштанаш олам қурбон шавад!

— Майлаш пагоҳ биёед! — гуфт Ҳамроҳхон ва ба пеши дугонаҳояш рафт.

— Худо аз чашми бад нигаҳ дорад! — гуфта монд, аз паси вай Анбари Ашк.

— Илоҳӣ, илоҳӣ! — гуфт модар ва ба Анбар муроҷиат кард.— Аз ҳеҷ кас хавфам нesту аз Гулшан метарсам-дия, холеш!

— Барои чӣ? Магар вай Ҳамроҳхонро дида буд?

— Дида буд,— гуфт маҳзун шуда, модар.— Душманҳо ба вай роҳ нишон додаанд. Қадом рӯз бо баҳонае даромада омад. Меҳмон кардам ва рӯйрост набошад ҳам, аз дур партофта мақсадашро пурсидам, нагуфт. Лекин чанд бор маро дар боло дида, ва хеле ҳурмат мекардагӣ шуда мондааст.

— Парво накунед,— гуфт Анбар,— Ман ӯро дида гап мезанам, хабар намерасонад.

Аммо дер шуда буд.

Рӯзи дигар Гулшан — занъёби амир дар болои арк, дар хонаи хоссае, бо тӯраи валиаҳд — Олимхон сӯҳбат мекард:

— Чашмони ҳамаи канизонатон дар роҳи шумо чор буд,— мегуфт Гулшан ба тӯра.— Шабу рӯз аз худо сиҳатӣ ва саломатии шуморо хоста, орзу мекарданд, ки боз як бори дигар дида ба ҷамоли шумо кушоянд ва қурбон шаванд.

Олимхон ба рӯи нимтахт ёзида нишаста, китоби суратноки русиро медид.

— Ту ҳам ба гап усто шудӣ! — гуфт вай аз китоб чашм наканда.— Саломатии хушку холиро ман чӣ кунам?

— Ҷони мо фидои...

— Бас, бас! — гуфт Олимхон сухани Гулшанро бурида ва аз ҷо нимхез шуда.— Ҷони шумо ҳам ба ман даркор не, фаҳмидӣ? Ба ман ҷони дигар лозим, ҷоне ки ҳақиқатан ҷон бошад, ҷоне ки фидояш шавӣ, арзад! Ин зочабозиҳо ба дилам зад!

— Вой мурам!— гуфт Гулшан.— Як не, ду ҷуфти пок доред, ки ҳар кадомашон ба хироҷи мамлакат меарзанд, ҳар кадомашон дурру гавҳар! Боз, агар ҳар кадом аз канизони пошшобибиро хоҳед, ба хизмат тайёр... Наход, ки ҳамаи ин зочабозӣ бошад?

— Ҳа, зочабозӣ! — гуфт ба таври қатъӣ тӯра.— Дил мехоҳад, ки ба ягон паризод ошиқ шавад, меҳр бандад, мефаҳмӣ?! Не, ту намефаҳмӣ!

— Агар, ман, худам аз меҳру муҳаббат бенасиб бошам ҳам,— гуфт Гулшан айёрона.— Лекин чӣ буданашро нағз медонам. Паризод, ки дили шуморо бо меҳру муҳаббаташ баста гирад, ҳам дар ҳусну ҷамол, ҳам дар ақлу камол ягонаи даҳр бошад, магар аз ҷаноби олӣ боқӣ мемонад?! Ҳар як «чизҳои» ғалатӣ ҳаст ки...

— Наход ки ҷаноби олӣ ғоибдон шудаанд?! Аз Кармина истода медонанд, ки ба рӯйхати ту кӣ ҳасту кӣ нест?!

— Бале, медонанд! — гуфт Гулшан.—Чашму гӯшҳои бисьёре ҳастанд, ки аз равғану шираи давлатхона тезбину шунаво гаштаанд.

— Ба ҳамаи он чашму гӯшҳо хок мепошем! Асло парво накарда гуфтан гир!

— Метарсам тӯра! — қасдан суханро лаҷоҷ медод Гулшан. — Якта сар дорам...

— Аз қимати сарат даҳ бор зиёдатар карда мегирӣ, Мир Саид Олимхон мегӯяд!

Гулшан давида аз ҷо бархосту таъзиме кард, зеро ки тӯра омирона ва амирона ба ӯ хитоб намуда буд.

— Духтари Шоҳмуродбек тӯқсабои фарғонагӣ!— гуфт Гулшан.— Ҳозир дар ин так-так мислу монанд надорад. Синнаш акнун ба сездаҳ-чаҳордаҳ расида бошад ҳам, қадаш сарв барин, миёнаш борик, суринаш фарбеҳ, чашмонаш мисли чашмони ғизоли рамида, бо як нигоҳ дилро пора мекунад, мӯяш хурмоиранг,

ки ба пўсти сафеди ў шинам гаштааст. Ба гумонам парӣ ҳам ин қадар зебо, ин қадар дилбар намешавад. Ақлу камолу донишу заковаташро намегўед! Агар бовар накунед, аз хола Анбар пурсед, вай ба шумо дурўғ намегўяд.

— Хола Анбар азони худӣ! —гуфт тўра.— Лекин хабари ин дилоромро ту ба ҷос нарасондай?

— Ҳанўз не! Бинобар он арз кардам-дия! Фақат хола Анбар медонаңду бас.

Олимхон аз ҷо бархосту сандуқчаи симкорин зебоеро, ки дар токи он хона буд, кушоду аз даруни он ангуштарини алмосеро гирифта ба Гулшан дароз кард.

— Ин барои хабари хушат! — гуфт вай.— Агар гуфтаат барин бошад, зиёдатарашро мегирӣ!

Гулшан давида рафта ангуштаринро гирифту ба чашмонаш молид.

— Ҷонам фидои тўрем бод!

— Рав, хола Анбарро чеғ зан!

Хола Анбар аз ин даъвати ногаҳонӣ ҳайрон шуд. Вай ҳарчанд, ки ба Олимхону модари ў маъқул буд ва ҳамеша, дар вақти ба Бухоро будани онҳо хизматашонро карда, бо сўҳбати ширини худ онҳоро мамнун мекард, лекин аз феъли тўра ҳамеша дар ҳазар буд. Медонист, ки вай чандон дурандеш ва ботадбир не, гўсоламизоҷ аст. Мабодо Гулшани фиребгар нағаққида бошад, гуфта бо андешаю мулоҳиза ба хонаи хоси тўра дохил шуду таъзим кард.

— Илоҳо худо ба умру давлати валиаҳди замон барака диҳад! Чӣ соати нек будааст, ки ин каминаи камтарин сазовори хотири ҷанобашон гаштаам!

Олимхон китоби суратнокро тамошо карда менишаст, ба суханони Анбар гўш дода истоду табассум кард.

— Ту валӣ ҳастӣ, хола Анбар!— гуфт вай аз китоб чашм канда.— Ҳақиқатан ҳам дар соати неку саъд ту ба хотири мо расидӣ. Биё, ба ин парипайкар нигоҳ кун!

Анбар даст пеш гирифта пеш рафту ба китоб нигоҳ карда, сурати як зани нимлучро дид, ки бо кокул-

ҳои тиллоранги ғулӯ ва зебои худ синаҳояшро пӯшониданӣ шуда истодааст.

— Дидӣ? Ин лабу даҳон, ин рӯи зебо, ин чашму абрӯ дар кӣ ҳаст? Баданро намегӯӣ?

— Имони кас мепарад! — гуфт Анбар нимҳазлу нимҷиддӣ.

— Ин хелашро бинӣ аз имон даст шустан гир!

— Наузанбиллоҳ!— гуфт боз шӯхӣ карда Анбар.— Лекин ҳақиқатан чизаки ғалатӣ будааст...

— Мегӯянд, ки ту аз ин нағзтарашро медонӣ! Ҳам дар ҳусну ҷамол, ҳам дар ақлу камол мислу монандаш набудааст!

— Ман бисьёр чизҳоро медонам,— гуфт шӯхӣ карда Анбар.— Дар афсонаю қиссаҳои ман чунон паризодҳо ҳастанд, ки ин луччаки шумо ба дасти оиҳо об дода наметавонад.

— Дар афсона не, дар ҳақиқат! — гуфт китобро ба токи хона партофта, Олимхон.— Барои чӣ дар бораи духтари Шоҳмуродбек гап намезанӣ?!

— Аввалаш ин, ки тасаддуқи саратон шавам, духтари Шоҳмуродбек тӯқсабо ҳанӯз ҷавон аст, акнун дувоздаҳро пур кард. Баъд худи тӯқсабо одами мӯҳтарам, меҳмони баизати падару бобоятон... Чи тавр мешавад ки...

— Ин гапҳо маза надоранд! — гуфт Олимхон даст афшонда.— Ту ба ман гӯй ки духтар ҳақиқатан арзанда, ё не? Дил меҳоҳад, ки асири як парипайкари нозанин шавад... Нозанине, ки ба парастидан сазовор бошад.

— Дар ҳарам ва дар қаламрави худатон (мақсадаш Қаршӣ) ҳар чӣ хоҳед, ёфт мешавад...

— Ту, Анбар хола, медонӣ ки дар назди мо азиз ҳастӣ...— гуфт Олимхон ранҷидагӣ барин.— Лекин ҳар чиз ҳадду худуд дорад! Ман аз ту духтари Шоҳмуродбекро мепурсам, ту ба ман ким-чиҳо мегӯӣ!

Анбар донист, ки дигар ҳеҷ илоҷ нест, Гулшан рози ниҳонро ошкор кардааст... Ҳоло, агар ин гӯсоларо ором кардан муяссар шавад ҳам, гови калонӣ, албатта, хонадони Шоҳмуродбекро ликкадор мекунад. Беҳтараш, дарди бадро давои бад кард!

— Аз гуноҳам гузаред, тӯрем! Тавба кардам! —

гуфт Анбар.— Духтари Шоҳмуродбек ҳақиқатан ҳам арзанда аст, аз ҳар гуна таъриф ҳам зиёдтар аст. Ман худам ӯро зери чашм карда монда будам, ки андак калонтар шавад, ба тӯрем арз мекунам, кирои зан карда гирифтан ва бо вай умр басар бурдан мекунад.

— Зери чашм карда будӣ?! Хо, хо, хо! — хандид Олимхон.— Агар ман намепурсидам, агар ман намедонистам, чӣ мешуд?!

— Ҳеҷ чиз намешуд! — гуфт ба таври қатъӣ Анбар, ки феъли тӯраро нағз медонист.— Агар ман дар назди тӯрем зарра барин қадру қимат дошта бошам, қасам ба худо, ки ҳар чӣ арз кардам ҳақ асту рост.

— Хайр, хафа нашав! — гуфт дарҳол тӯра.— Мо коре мекунем, ки на сих сӯзаду на кабоб! Мефаҳмӣ?! Лекин, агар ту, ё Гулшан лаб кушоед, аз ман гила накунед, тухму авлодатон катӣ қир мекунам.

— Қасам ба худо! — гуфт замин бӯсида, Анбар.— Лекин агар гуфтан ин канизи беқадратон камтар ҳам писанд афтад, маслиҳат медодам, ки ин хонадон ба ҳар гуна иззату ҳурмат меарзад ва ин гулғунчаи ин гулшан зеби дастори шоҳона аст!

— Майлаш, майлаш! — гуфт Олимхон ва аз ҷо бархоста берун баромад.

Пас аз ин сӯҳбат чанде нагузашту дар Бухоро чунон ҳодисаҳое воқеъ гардиданд, ки дарбори аморат чанд гоҳ ба ларза омад ва на ин ки тӯра, балки худи амир Абдулаҳад низ маҷбур шуд, ки баъзе як ниятҳои худро муваққатан таъхир диҳад.

Бо дасисаи полиси махфии губернатори Тошкент, дар Бухоро ҷанги шиаю суннӣ рӯй дод, ки қариб буд ҳукумати подшоҳӣ амирро гирифта партофта, Бухороро ба Россия илҳоқ мекард. Фақат муқобилияти вазирони баландмартабаи Петербург ин корро муваққатан мононда истод. Як сол пас амир Абдулаҳад вафот карду ба ҷояш Олимхон ба тахт нишаст ва ин тахтнишинӣ аз тарафи императори Россия низ тасдиқ ва мақбул дониста шуд, ки амири нав худро тамом комрон ва осуда шуморида, ба «доду адл» сар кард. Сиёсатмадорони Россия ин дастпарварди худ «Олими гӯсола»-ро нағз медонистанд ва боварӣ доштанд, ки

вай аз гуфтаашон даҳ бор зиёдтар карда, супоришотро ичро мекунад ва ҳеҷ гоҳ фикри дигаре ба каллааш намеояд.

Яке аз аввалин корҳое, ки вай пас аз ба тахт нишастан кард, ба Ҳамроҳхон — ба духтари Шоҳмуродбек кас фиристода, ба таври расмӣ, тӯю тамошо карда, ӯро ба никоҳаш даровардан буд. Номи Ҳамроҳхон ба амир маъқул нашуд, бинобар он ӯро «Ойими Шоҳ» лақаб доданд ва барояш ӯрдаю хизматгорҳо ва тамоми карру фарр и подшоҳиро бахшиданд. «Олими гӯсола», ки акнун «гов» шуда буд, Ойими Шоҳи нозанинро дида, хеле маъқул донист. Вай якчанд рӯз қариб буд роҳи дигар ӯрдаҳоро фаромӯш кунад, ҳатто ба боздиди модараш кӯшиш намекард. Агар ба ҳарам даромаданӣ бошад, рост ба ҳарами Ойими Шоҳ мерафт, лекин ин ҳол дер давом накард. Ойими Шоҳ ҳам ба қатори занҳои муқаррарӣ гузашт.

Аммо Ойими Шоҳ аз ин «бахту» салтанати худ розӣ набуд. Аввалҳо шабу рӯз мегирист ва ғам мехӯрд. Зеро ки табиати шоиронаи вай ин тавр «бахту салтанат»-ро намеписандид. Вай ки аз хурдӣ нозук ва эрка калон шуда, дар китобҳои ошиқонаи классикон, бо навозиши шеърҳои нафиси Низомӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз тарбия ёфта буд, зиндагӣ, тартибу қоидаи ҳарами амир ба вай дағалӣ мекард. Дили нозуки вай ишқи пок ва лутфи сухан мехост, орзу ва умедҳои бисьёре карда буд... Худро Ширин мепиндошту Фарҳодро меҷуст, худро Лайло гумон мекарду дар ҷустуҷӯи Маҷнун буд... Дар олами хаёлу орзуҳо қасрҳои бошукӯҳ бино карда буд, ки ҳамааш зеру забар шуданд, ҳамааш несту нобуд гаштанд ва ба хоҳишу иродаи амир мутеъ шуда монданд...

Борҳо Анбархоларо сарзаниш кард, ба домани вай ашки ҳасрат рехт, дили ӯро хун кард, аммо ба ғайр аз фузунии алам, ба ғайр аз ошуфтагии беҳад чизе ба даст надаромад. Анбар хола, ки ҳамаи дарду аламҳои ин духтари оқила ва зеборо медонист, низ ашки надомат мерехт ва мегуфт:

— Мурoди ман ин набуд, духтарам! Ба ту дигар гуна бахту саодат мехостам, аммо чӣ илоҷ?! Тақдир дар дасти кас набудааст. Майлаш, шукр кун, ки ами-

ри чавон туро зани расмӣ карда гирифт. Агар зӯрану зулман гирифта оварда, ба чилдухтарон ҳамроҳ мекард, чӣ мекардем?

— Ман худамро мекуштам!

— Э, — гуфт оҳи чуқуре кашида Анбари бечора,— ту ҳоло кӯдакӣ, зиндагиро намедонӣ! Агар толеат бармегашт, ачалро чӯй ҳам намеёфтӣ! Шукр кун, духтарам, шукр кун!

Ойими Шоҳ шукр накарда бошад ҳам, ҳаёт худаш мачбур кард, ки вай ба тақдираш тан диҳад. Оҳиста-оҳиста Ойими Шоҳ чун зани никоҳӣ ва дӯстдори амир, худро каму беш ба ин ҳаёт омӯхта истода буд, ки ғавғои дигаре, чи тавре ки лозим буд, аз ҳарам бархост. Аввал занҳои амир ва баъд модари амир ба вай рашк бурданд ва ӯро дида наметавонистагӣ шуданд. Он ишқи сӯзон ва муҳаббати амир, ки дар рӯзҳои аввал Ойими Шоҳро бар дигарон тарчеҳ дода буд, ҳар се зани калонӣ ва модари амирро бар зидди ӯ муттафиқ намуд... ва сар карданд ба дасисаю игво, ба заҳрпошӣ, ба тиратар кардани ҳамин рӯзи тираи ӯ!

Ба вай салом намедоданд, ӯро писанд намекарданд, ба сӯҳбатҳо ва шабнишиниҳо, ба чамъомадҳо ӯро хабар намекарданд, агар хабар кунанд ҳам, бо писханду тамасхуру таъну лаън ӯро аз чонаш безор мекарданд. Модари амир ҳар гоҳ ки бинад, ба вай пичинг мезад ва ҳеч илтифоте намекард ва чунон нописандона назар мекард, ки Ойими Шоҳ об мешуд... Бадии кор дар ин чо буд, ки вай ба саломи модари амир нарафта ҳам наметавонист, хоҳ ноҳоҳ ба ӯрдаи вай мерафт ва пас баргашта, дар хонаи танҳо мегирист...

Боре гириста нишаста буд, ки ноҳост амир даромада омад.

— Хӯш, хӯш,— гуфт вай табассумкунон.— Боз чӣ шуд? Барои чӣ ин чашмҳои сиёҳи зеборо аз об пур кардай? Нағз не!

Ойими Шоҳ аз чо бархоста таъзиме карду хомӯш ба каноре нишаст. Амир ба рӯи нимкати зарнигор нишаста, боз пурсид:

— Гап зан, ба ту чӣ шуд? Кӣ озор дод?

— Шеъри Бедил ба ёдам расид...— гуфт Ойими Шоҳ.

— Ман Бедилро хондагӣ,— гуфт амир шӯхӣ карда, — вай ягонта шеъри гирья мекардагӣ надорад-ку?

— Дорад! — гуфт ба таври қатъӣ Ойими Шоҳ.

— Кадом шеър? Канӣ гуфта те, шояд ман ҳам гирья кунам!

— Ин ба шумо дахл надорад,— гуфт Ойими Шоҳ. — Шумо гирья ҳам намекунед! Шумо худатон...

— Чӣ?

— Подшоҳ!

Амир хурсанд шуду боз хоҳиш кард, ки шеъри Бедилро ба вай гуфта диҳад. Ойими Шоҳ ҳам нотарсона ин байтро хонда дод:

—Замона качравишонро ба бар кашад Бедил,
Касе ки рост бувад хори чашми афлок аст!

Амир хандид:

— Ин ба ману ту дахл надорад-ку!

— Ба шумо не,— гуфт Ойими Шоҳ,— лекин ба ман дахл дорад. Агар ман Ойимчаҳои калонии шумо барин качравиш мешудам, ба ҳама азиз будам, ҳам ба пошшобибиатон!

Боз амир хандид:

— Ба ман ту азизӣ! — гуфт вай ва аз дасти Ойими Шоҳ гирифта, ба сӯи худ кашид.— Ҳамин эркагии ту ҳам ба ман маъқул!

Ойими Шоҳ дасташро аз дасти амир кандани шуда истода гуфт:

— Эрка нашуда равам, ки Пошшобибӣ саломамро алейк намегӯянд, ҳар рӯз ба ман хун медиҳанд!

— Ман медонам,— гуфт амир дасти Ойими Шоҳро сар дода.— Ман медонам, ки ҳазрати волида ва дигарон ба муқобили ту бархостаанд... Чӣ илоҷ, худи ту гунаҳгор!

— Ман чӣ гуноҳ дорам?

— Гуноҳи ту ки ин қадар дилбар шудаӣ! Ҳама аз ту ҳасад мебаранд, ҳама рашк мекунанд, ки ман ошиқи ту ҳастам...

Вақте ки Ойими Шоҳ ин гуфтаҳои амирро ба Ан-

бари ашк нақл кард, вай дар ҳақиқат ҳайрон шуда монд.

— Тавба! — гуфт Анбар.— Ошиқ шудани амири Бухоро ба зан, чаппа ҷорӣ шудани оби ҷӯй қатӣ баробар! Ман ҳайрон, ман гаранг!..

— Ҳайрон нашавед,— гуфт Ойими Шоҳ хандида,— дар Бухоро ҷӯи чаппа ҳаст!

— Рост, ҷӯи чаппа ҳаст,— гуфт хаёл карда истода, хола Анбар.— Илоҳӣ чашми гову гӯсола нарасад!

Анбар, Олимхонро нағз медонист, ишқу муҳаббати бесуботи ӯро ҳам медонист. Бинобар ин Ойими Шоҳро аз чизи дигар барҳазар кард:

— Лекин аз палонҷҳо ва аз пошшобибӣ ҳамеша бохабар будан лозим! — гуфт вай.

— Бохабар шуда, бохабар шуда, қариб аз худам бехабар шуда будам! — гуфт Ойими Шоҳ.— Ба амиратон арз кардам, ханда мекунад, дигар чӣ кор кунам?! Имрӯз аз Хоҷа Ҳофиз фол дидам, ҳамин хел маслиҳат доданд:

> Ризо ба дода бидеҳ, в-аз ҷабин гиреҳ бикшой,
> Ки бар ману ту дари ихтиёр накшодаст.

— Ӯ-ӯ-ӯ... ҷонам фидои ҳазрати Хоҷа Ҳофиз! — гуфт Анбархола.— Ҳар чӣ ки он кас мегӯянд, рост ва дуруст аст. Парво накун, насиб бошад, ҳамаи душманҳоят мағлуб мешаванд. Лекин нотарсу далер бош! Андак суст биёӣ, мағлуб мешавӣ!

Аз он рӯз сар карда Ойими Шоҳ низ ба муқобили душманҳояш,— ба муқобили модари амир, ба муқобили палонҷҳояш кор бурда, гӯё ба онҳо ҷанг эълон кард. Оҳиста-оҳиста ин хусумат ба дараҷае расид, ки онҳо рӯйнодид шуданд ва воқеае рӯй дод, ки тақрибан дар тамоми таърихи арки Бухоро рӯй надода буд, дар ҳарам ӯрдае ба майдон омад, ки ба дигар ӯрдаҳо муносибат намекард ва ба дигар ӯрдаҳо ҷанг эълон карда буд. Ҳамаи онҳое, ки ба амир, ба модари амир ва ба дигар Ойим-пошшоҳо хусумат доштанд, тарафдори ин ӯрда, тарафдори Ойими Шоҳ буданд. Азбаски ин хел касон аксариятро ташкил медоданд, бинобар он Ойими Шоҳ ҳамеша ғолиб буд.

Ҷанг, аввал дар байни хизматгорҳо сар мешуд,

баъд ба он кайвониҳо, маҳрамҳо ва муқаррабони Ойимҳо иштирок мекарданд ва ниҳоят худи Ойимҳо мебаромаданд ва дилсиёҳ, хафагии бисёре мешуд. Лекин Ойими Шоҳ ҳамеша бо хандаи заҳрин душманонашро мекушт. Дар солҳои охир Фирӯза ва Оймуллои Танбӯр ҳам ба қатори тарафдорони Ойими Шоҳ гузаштанд. Оймуллои Танбӯр аввалҳо бо мақсади сулҳу салоҳ рӯйрост рафту омад карда бошад ҳам, баъд ба таври махфӣ, ба пошшобибӣ нафаҳмонида, бо Ойими Шоҳ вомехӯрд ва аз сӯҳбати ширинии вай лаззат мебурд. Вақте ки онҳо сӯҳбат мекарданд, Фирӯза посбонӣ мекард ва кӯшиш менамуд, ки ба сӯҳбати онҳо халал нарасад.

Як рӯз модари амир ба боғи Ситораю моҳи хосса, ба боздиди амир рафту аз он ҷо дар бевақтии шаб хурсанду шод баргашт.

— Оймуллои Танбӯрро ҷеғ занед! — гуфта фармон доду худашро ба сандалӣ зад. Зеро ки он дам ҳаво хунук буд; моҳи ҳут бошад ҳам, барф борида буд ва тирезаҳои хона гулу гулкорӣ гашта буд. Чи тавре ки мегӯянд: Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампира дар қуттӣ кунад! Инчунин пошшобибии пир дар кодоки пешкаи сандалӣ, ба болои ҳафт қабат кӯрпаи шоҳию зарбофт, дасту пояшро ба олав тофта менишаст ва бо вуҷуди он аз хунукӣ шикоят мекард. Оймуллои Танбӯр омад ва бо омадани вай хизматгорҳо ду манқал олави чӯғро оварда ба рӯи хона гузоштанд, ки модари амир фармуда буд.

— Шумо ки худатон гарм ҳастед,— гуфт ба вай илтифот карда пошшобибӣ,— омаданатон катӣ ба хона гармӣ омад.

— Сари мубораки пошшобибӣ саломат бошад,— гуфт Оймулло таъзим карда,— гармии он ҳазрат аз ман акс ёфтагист, набошад, камина куҷою гармӣ куҷо! Аммо бо манқали оташ омадани ман сабаб дорад:

> Чунон ки ҳамраҳии бахти бад сиёҳрӯзам,
> Ки сӯи хонаи хуршед бо чароғ равам.

— Шоир ки ҳастӣ, дар ҳар гапат шеър мегӯӣ! — хитоб кард модари амир.— Лекин ягон бор ана

вай ўзнкелдни лаънатиро масхара карда, шеър нагуфтӣ!

— Ман агар шеър гўям, фақат дар борам шумо мегўям, ба дигарон коре надорам.

— Насиб бошад, худо вая расво мекунад! — гуфт хурсандона кампир.— Ҷаноби олӣ гуфтаҳои маро шунида, дар ғазаб шуд, агар хотири падараш намешуд, худи ҳамин рўз аз ўрда ба сад хорию зорӣ ҳай мекарданд... Ту фаҳмидӣ, ё не, ба одамҳояш гуфтааст, ки амир ба як тори кокули ман садта модарро фидо мекунад... Ба ин гап тоқат накардаму аз амир пурсидам, ки рост аст, ё дурўғ? Номаъқул кардааст, гуфт ва дастамро бўсида узр хост, ки камтар мўҳлат диҳам, андеша карда, ҷазои ўро доданӣ шуд.

— Ҳай-ҳай, чӣ тавр нағз! — гуфт Оймулло.— Уммеди ҳамаи канизонатон ҳамин буд.

— Баъд, ҷаноби олӣ гуфтанд, ки дар шаҳри урус инқилоб шудааст, оқпошшоро аз тахт афтондаанд, бальшавой ном одам ба тахт нишастааст. Акнун аз фурсат истифода бурда, амир ҳамаи сарзамини меросии худашро аз дасти урус кашида мегирифтааст, Самарқанду Тошканд ҳам азони мо мешудааст... Боз ким-чиҳо гуфт, дуруст нафаҳмидам, бинобар он ана ин газетаро ба амир нафаҳмонда гирифта омадам, ҳаман он гапҳо дар ин ҷо навишта шуда будааст, худат хонда, дурусттар фаҳмонда медодагистӣ, гуфтам... Баъд, боз як кори дигар мекунем...

— Ҷонам катӣ,—гуфт Оймулло ва аз дасти модари амир газетаи «Очиқ сўз»-ро гирифта, чашм давонд. Ин газетаи туркӣ, ки дар Боку мебаромаду ба Бухоро ба таври ғайри расмӣ, ба воситаи савдогарҳо ва баъзе касони дигар паҳн мешуд, ба оймулло мушкилфаҳм буд, лекин вай бо ёрии ақли расо ва зиракӣ, аз маоли сухан маънӣ мебаровард.

— Чӣ будааст? — дилтангона пурсид модари амир.

— Ҳар чӣ фармудед, ҳақ асту рост! — гуфт Оймулло.— Дар ин ҷо хабар додаанд, ки дар Петербург коргарҳо, деҳқонҳо ва солдатҳо бо сардории большевикҳо зимоми давлатро ба дасти худ гирифтаанд. Ҳукумат ба дасти советҳо гузаштааст.

— Сафедҳо киҳо бошанд? — гуфт модари амир.

— Большевикҳо будагиянд,— гуфт оймулло.
— Большовой як кас не-мӣ, охир? Подшоҳи навбаромад?
— Не барин-ку,— гуфт Оймулло.— Ҳукуматро советҳо ба даст гирифтаанд, гуфта навиштаанд, пас як кас набудаанд...
— Хайр, бало ба пасашон! Сари ҳамдигарро хӯранду давлати ҷаноби олӣ барқарор бод!
— Омин! — гуфт Оймулло,— насиб бошад ҷаноби олӣ ҷаҳонгир мешаванд.
— Илоҳӣ, илоҳӣ! — гуфта монд, кампир хамъёза кашида.— Хайр, рав, газетаро гиру бурда бо як баҳона ба хонаи ана вай ӯзикелдӣ партофта биё! Лекин ин гап дар байни мо монад, ба ҳеҷ кас сир надеҳ!.. Мо медонем, ки вай газет мехонад, аммо ба гарданаш дайн кардан лозим... Фаҳмидӣ?
— Фаҳмидам! — гуфт оймулло,— фаҳмидам... газетахонӣ хуб не...
— Хайр, рав гуфтан маро кун!.. Ман хоб мекунам...
Оймулло таъзиме карду қафо-қафо рафта, берун баромад ва ба оймии дастурхонҷӣ гуфт, ки пошшобибӣ хоб карданд.
Шаб торик шуда буд, аз ҳаво барф мебориbudget. Арк ва ӯрдаҳои он, гӯё ором гашта, хомӯшона ба зери пардаи барф пӯшида мешуданд. Барои оймулло, дигар мунтазири фармоише будан лозим набуд. Оймии дастурхонҷӣ маслиҳат дод, ки, ӯ ҳам рафта хоб кунад. Лекин, оймулло рафта хоб накард... Дар роҳрави ӯрда ӯро Фирӯза мунтазир буд.
— Оймии Шоҳ ба шумо интизор,— гуфт вай.— Ба гумонам, хабари инқилоби Руссияро пурсидан мехоҳад.
— Вай аз куҷо шунида бошад? — пурсид, ҳайрон шуда, Оймулло.
— Аз газета хондагист...— гуфт Фирӯза табассум карда.
— Газетаро аз куҷо меёбад?
— Ҷӯянда ёбанда аст! — гуфт боз Фирӯза табассум карда.
— Оймии Шоҳ ҳам аз дасти ту намонд! — гуфт,

хитоб карда Оймулло.— Мехоҳӣ ки вай ҳам ҷадид шавад?

— Ҷадид шуданаш шарт не,— гуфт Фирӯза.— Газетахон шавад, ба худаш нағз.

— Ба худаш нағзу агар эҳтиёт мешуд!

— Чӣ шудааст?

— Кампир фаҳмидааст, ки вай газета мехонад. Ана ин газетаро аз Ситорамоҳи хосса дуздида овардааст, ки ман бурда, ба хонаи Ойими Шоҳ партоям...

Дар ин дам чӣ овози пое шунида шуду Оймулло хомӯш монд ва ҳар ду аз он ҷо дур шуда ба ӯрдаи Ойими Шоҳ рафта даромаданд.

«Ҳилаи» модари амирро фаҳмида, Ойими Шоҳ хуб хандид.

— Бо ин чӣ кардан мехостааст? — пурсид вай.

— Ба гардани шумо дайн мекардааст, ки газета мехонед...

— Чӣ тавр? Ман ба Ситораю моҳихосса нарафта бошам, аз хонаи амир газетаро нагирифта бошам... Хайр, бало ба пасаш! Гапи навро шунидагистед?

— Шунидам: инқилоб шудааст, аммо ба ману шумо чӣ фоида дошта бошад, намедонам.

Фирӯза ки хомӯш менишаст, ба гап ҳамроҳ шуд:

— Оташе, ки тахти калонро сӯзонид, ба ин курсичаҳо нарасида намемонад. Дағдаған золим то ба он дам мешавад, ки пушту паноҳ дошта бошад. Оқпошшо пушту паноҳи ҷаноби олӣ буд, пушту паноҳ ки нашуд...

— Он тарафаш маълум! — гуфт Оймулло.

— Кай бошад он рӯз, ки ман ҳам аз ин қафаси тангу тори заррин халос мешуда бошам! — гуфта монд Ойими Шоҳ.

— Худо подшоҳ! — гуфт Оймулло.— Лекин ба коратон эҳтиёт шавед! Фирӯза, ту ҳам! Агар амир ба корҳои калон даст зада монад, феълаш мегардаду тақсири мо майдагонро намебахшад.

— Ман медонам,— гуфт Фирӯза,— мори захмхӯрда даҳшатноктар мешавад...

— Ман наметарсам! — гуфт Ойими Шоҳ.— Аз ин хел зиндагии зинда дар гӯр мурдан беҳтар аст. Лекин ман ба осонӣ ҷон додан намехоҳам... Кошкӣ ҷа-

— Большевикҳо будагиянд,— гуфт оймулло.

— Большовой як кас не-мӣ, охир? Подшоҳи навбаромад?

— Не барин-ку,— гуфт Оймулло.— Ҳукуматро советҳо ба даст гирифтаанд, гуфта навиштаанд, пас як кас набудаанд...

— Хайр, бало ба пасашон! Сари ҳамдигарро хӯранду давлати ҷаноби олӣ барқарор бод!

— Омин! — гуфт Оймулло,— насиб бошад ҷаноби олӣ ҷаҳонгир мешаванд.

— Илоҳӣ, илоҳӣ! — гуфта монд, кампир хамъёза кашида.— Хайр, рав, газетаро гиру бурда бо як баҳона ба хонаи ана вай ӯзикелдӣ партофта биё! Лекин ин гап дар байни мо монад, ба ҳеҷ кас сир надеҳ!.. Мо медонем, ки вай газет мехонад, аммо ба гарданаш дайн кардан лозим... Фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам! — гуфт оймулло,— фаҳмидам... газетахонӣ хуб не...

— Хайр, рав гуфтан маро кун!.. Ман хоб мекунам...

Оймулло таъзиме карду қафо-қафо рафта, берун баромад ва ба ойими дастурхончӣ гуфт, ки пошшобибӣ хоб карданд.

Шаб торик шуда буд, аз ҳаво барф мебориад. Арк ва ӯрдаҳои он, гӯё ором гашта, хомӯшона ба зери пардаи барф пӯшида мешуданд. Барои оймулло, дигар мунтазири фармоише будан лозим набуд. Ойими дастурхончӣ маслиҳат дод, ки, ӯ ҳам рафта хоб кунад. Лекин, оймулло рафта хоб накард... Дар роҳрави ӯрда ӯро Фирӯза мунтазир буд.

— Ойими Шоҳ ба шумо интизор,— гуфт вай.— Ба гумонам, хабари инқилоби Руссияро пурсидан мехоҳад.

— Вай аз куҷо шунида бошад? — пурсид, ҳайрон шуда, Оймулло.

— Аз газета хондагист...— гуфт Фирӯза табассум карда.

— Газетаро аз куҷо меёбад?

— Ҷӯянда ёбанда аст! — гуфт боз Фирӯза табассум карда.

— Ойими Шоҳ ҳам аз дасти ту намонд! — гуфт,

хитоб карда Оймулло.— Мехоҳӣ ки вай ҳам ҷадид шавад?

— Ҷадид шуданаш шарт не,— гуфт Фирӯза.— Газетахон шавад, ба худаш нағз.

— Ба худаш нағзу агар эҳтиёт мешуд!

— Чӣ шудааст?

— Кампир фаҳмидааст, ки вай газета мехонад. Ана ин газетаро аз Ситорамоҳи хосса дуздида овардааст, ки ман бурда, ба хонаи Ойими Шоҳ партоям...

Дар ин дам чӣ овози пое шунида шуду Оймулло хомӯш монд ва ҳар ду аз он ҷо дур шуда ба ӯрдаи Ойими Шоҳ рафта даромаданд.

«Ҳилаи» модари амирро фаҳмида, Ойими Шоҳ хуб хандид.

— Бо ин чӣ кардан мехостааст? — пурсид вай.

— Ба гардани шумо дайн мекардааст, ки газета мехонед...

— Чӣ тавр? Ман ба Ситораю моҳихосса нарафта бошам, аз хонаи амир газетаро нагирифта бошам... Хайр, бало ба пасаш! Гапи навро шунидагистед?

— Шунидам: инқилоб шудааст, аммо ба ману шумо чӣ фоида дошта бошад, намедонам.

Фирӯза ки хомӯш менишаст, ба гап ҳамроҳ шуд:

— Оташе, ки тахти калонро сӯзонид, ба ин курсичаҳо нарасида намемонад. Дағдаған золим то ба он дам мешавад, ки пушту паноҳ дошта бошад. Оқпошшо пушту паноҳи ҷаноби олӣ буд, пушту паноҳ ки нашуд...

— Он тарафаш маълум! — гуфт Оймулло.

— Кай бошад он рӯз, ки ман ҳам аз ин қафаси тангу тори заррин халос мешуда бошам! — гуфта монд Ойими Шоҳ.

— Худо подшоҳ! — гуфт Оймулло.— Лекин ба коратон эҳтиёт шавед! Фирӯза, ту ҳам! Агар амир ба корҳои калон даст зада монад, феълаш мегардаду тақсири мо майдагонро намебахшад.

— Ман медонам,— гуфт Фирӯза,— мори захмхӯрда даҳшатноктар мешавад...

— Ман наметарсам! — гуфт Ойими Шоҳ.— Аз ин хел зиндагии зинда дар гӯр мурдан беҳтар аст. Лекин ман ба осонӣ ҷон додан намехоҳам... Кошкӣ ҷа-

— Большевикҳо будагиянд,— гуфт оймулло.

— Большовой як кас не-мӣ, охир? Подшоҳи навбаромад?

— Не барин-ку,— гуфт Оймулло.— Ҳукуматро советҳо ба даст гирифтаанд, гуфта навиштаанд, пас як кас набудаанд...

— Хайр, бало ба пасашон! Сари ҳамдигарро хӯранду давлати ҷаноби олӣ барқарор бод!

— Омин! — гуфт Оймулло,— насиб бошад ҷанобн олӣ ҷаҳонгир мешаванд.

— Илоҳӣ, илоҳӣ! — гуфта монд, кампир хамьёза кашида.— Хайр, рав, газетаро гиру бурда бо як баҳона ба хонаи ана вай ӯзикелдӣ партофта биё! Лекин ин гап дар байни мо монад, ба ҳеҷ кас сир надеҳ!.. Мо медонем, ки вай газет мехонад, аммо ба гарданаш дайн кардан лозим... Фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам! — гуфт оймулло,— фаҳмидам... газетахонӣ хуб не...

— Хайр, рав гуфтан маро кун!.. Ман хоб мекунам...

Оймулло таъзиме карду қафо-қафо рафта, берун баромад ва ба ойими дастурхончӣ гуфт, ки пошшобибӣ хоб карданд.

Шаб торик шуда буд, аз ҳаво барф меборид. Арк ва ӯрдаҳои он, гӯё ором гашта, хомӯшона ба зери пардаи барф пӯшида мешуданд. Барои оймулло, дигар мунтазири фармоише будан лозим набуд. Ойими дастурхончӣ маслиҳат дод, ки, ӯ ҳам рафта хоб кунад. Лекин, оймулло рафта хоб накард... Дар роҳрави ӯрда ӯро Фирӯза мунтазир буд.

— Ойими Шоҳ ба шумо интизор,— гуфт вай.— Ба гумонам, хабари инқилоби Руссияро пурсидан мехоҳад.

— Вай аз куҷо шунида бошад? — пурсид, ҳайрон шуда, Оймулло.

— Аз газета хондагист...— гуфт Фирӯза табассум карда.

— Газетаро аз куҷо меёбад?

— Ҷӯянда ёбанда аст! — гуфт боз Фирӯза табассум карда.

— Ойими Шоҳ ҳам аз дасти ту намонд! — гуфт,

хитоб карда Оймулло.— Мехоҳӣ ки вай ҳам ҷадид шавад?

— Ҷадид шуданаш шарт не,— гуфт Фирӯза.— Газетахон шавад, ба худаш нағз.

— Ба худаш нағзу агар эҳтиёт мешуд!

— Чӣ шудааст?

— Қампир фаҳмидааст, ки вай газета мехонад. Ана ин газетаро аз Ситорамоҳи хосса дуздида овардааст, ки ман бурда, ба хонаи Ойими Шоҳ партоям...

Дар ин дам чӣ овози пое шунида шуду Оймулло хомӯш монд ва ҳар ду аз он ҷо дур шуда ба ӯрдаи Ойими Шоҳ рафта даромаданд.

«Ҳилаи» модари амирро фаҳмида, Ойими Шоҳ хуб хандид.

— Бо ин чӣ кардан мехостааст? — пурсид вай.

— Ба гардани шумо дайн мекардааст, ки газета мехонед...

— Чӣ тавр? Ман ба Ситораю моҳихосса нарафта бошам, аз хонаи амир газетаро нагирифта бошам... Хайр, бало ба пасаш! Гапи навро шунидагистед?

— Шунидам: инқилоб шудааст, аммо ба ману шумо чӣ фоида дошта бошад, намедонам.

Фирӯза ки хомӯш менишаст, ба гап ҳамроҳ шуд:

— Оташе, ки тахти калонро сӯзонид, ба ин курсичаҳо нарасида намемонад. Дағдағаи золим то ба он дам мешавад, ки пушту паноҳ дошта бошад. Оқпошшо пушту паноҳи ҷаноби олӣ буд, пушту паноҳ ки нашуд...

— Он тарафаш маълум! — гуфт Оймулло.

— Кай бошад он рӯз, ки ман ҳам аз ин қафаси тангу тори заррин халос мешуда бошам! — гуфта монд Ойими Шоҳ.

— Худо подшоҳ! — гуфт Оймулло.— Лекин ба коратон эҳтиёт шавед! Фирӯза, ту ҳам! Агар амир ба корҳои калон даст зада монад, феълаш мегардаду тақсири мо майдагонро намебахшад.

— Ман медонам,— гуфт Фирӯза,— мори захмхӯрда даҳшатноктар мешавад...

— Ман наметарсам! — гуфт Ойими Шоҳ.— Аз ин хел зиндагии зинда дар гӯр мурдан беҳтар аст. Лекин ман ба осонӣ ҷон додан намехоҳам... Кошкӣ ҷа-

дидҳо маро ҳам ба худ ҳамроҳ мекарданд, дар як шаб ҳам арку ҳам Ситораю моҳи хоссаро оташ мезадам!

Оймулло табассум карду гуфт:

— Барои ҳамин ҳам ҷадидҳо шуморо ба худашон ҳамроҳ намекунанд! Қори оташзании шумо ба кирдори ошиқи бесабр монанд аст:

Панҷа зад ишқат, либоси порсой пора шуд,
Тоати садсолаам торочи як наззора шуд!

— Э, гап мезанед-дия! — гуфт Ойими Шоҳ, ки ба ваҷд омада буд.— Возеҳро хондам, дар ҳаққи ману шумо нағз гуфтааст:

Булбул, осудагӣ аз ҷон на ту дорию на ман,
Сабр бе он гули хандон на ту дорию на ман.
Зоҳидо, таъни ман аз ишқи накӯён то чанд?
К-ин ҳама тақвию ирфон на ту дорию на ман!

— Сабру таҳаммул! — гуфт боз Оймулло.— Вақташ мерасад, осуда ҳам мешавед, гул кардани ишқатонро ҳам мебинед. Хайр, акнун ман меравам, ин газетаро, мувофиқи супориш, монда меравам. Шумо ихтиёр доред, хоҳед, нест мекунед, хоҳед мемонед.

— Не, ман нест намекунам, омада, кофта ёбанд, майлаш! Ана баъд айби худашонро ба гарданашон монда чунон кунам ки...

Лекин Ойими Шоҳ саҳв карда буд. Шоеъ шудани газетахонӣ ва гӯё, ба ҷадидҳо «ҳамдаст» будани ӯ амирро хӯсонда монд. Вай бо Ойими Шоҳ хеле сахт муомила карда, аз куҷо ва чӣ хел расидани газетаҳоро пурсид. Ойими Шоҳ гуфт ва исбот карданӣ шуд, ки ин ҳама тӯҳмат ва игвои модари вай аст, душманӣ ва бадкирдории пошшобибӣ аст... Лекин амир суханҳои ӯро нашунид, ба исботу далелҳояш аҳамият надод, баръакс, таҳдид карда гуфт, ки агар Ойими Шоҳ боз ҳамин корашро давом диҳад, агар боз аз хонаи вай газета ёбанд, корашро ганда мекунад. Ойими Шоҳ бо қаҳру ноз муҳаббати амирро баргардониданӣ буд, нашуд. Амир ба таври ҷиддӣ қаҳр карда, баромада рафт...

Ойими Шоҳ аз ин рафтори амир на ин ки ба воҳима ва тарс афтод, балки дар ғазаб шуд, чун оташ

даргирифт ва ҳамаи кинаю аловати ӯ аз сари нав ба ҷӯш омад. Хизматгорҳо хабар доданд, ки амир пеш аз ба ӯрдаи ӯ омадан, ба назди модараш даромадааст... Пас, боиси қаҳру ҷаҳли амир, ин дафъа ҳам модараш шудааст. Агар ҳамин хел давом кардан гирад, ин кампир ба ҳаққи ӯ корҳои бисёре карда метавонад. Амир ақли казой надорад, гӯсола барин, гуфтаҳои кампирро ба оби тилло менависад ва ба ҳаққи ӯ ҷафо мекунад. Не, вай ба осонӣ ҷон додан намехоҳад! Беҳтар, ки аввал модари амир ҷон диҳад, сӯхта мурад, хокистар шавад!..

Бо ҳамин ақидаю бо ҳамин ғазаб, наздиктарин хизматгордухтари худро, ки ба ӯ эътимод дошт, ҷеғ зад.

— Ҳамин шаб гуфтагиамонро мекунем!

— Сӯзондан?

— Бале, сӯзонда, хокистар кардан! — гуфт Ойими Шоҳ. — Сабр карда исто, ними шаб шавад, ҳама хоб кунанд, ҳама ҷо осуда шавад, ана баъд оҳиста-оҳиста, ба хонаи дубаҳра медаророй, дар он ҷо касе нест. Аз хонаи дубаҳра ба воситаи мадонаш ба хонаи баланди рӯ ба боло медаророй. Дар он хона паттӣ-саттӣ, кӯрпаю кӯрпачаҳои бисёре ҳаст, ки дониста бош, мабодо дакка хӯрда наафтӣ! Дари мадони хонаи пошшобибӣ, албатта аз даруи занҷир мешавад. Майлаш. Ту, латтаи равғании бо худат мебурдагиро даргирону аз таки дар ба даруи парто... тамом! Гашта биё, ду тилло азони ту.

— Хуб шудааст! — гуфт хизматгордухтар, ки номаш Саломат буд.

Он шаб дастурхончӣ ойим, ки муқарраби модари амир ва одами боэътимоди вай буд, низ ба худ баъзе тарҳу нақшаҳо дошт. Баъд аз хӯроки бегоҳӣ пошшобибӣ зуд намози хуфтанро хонду фармуд, ки ҷогаҳи ӯро дуруст кунанд.

— Намедонам, барои чӣ ин қадар хоболуд шудем, — мегуфт вай бадани равғанинашро хорида истода, — ё ки баҳор каса хоболуд мекунад?

— Аз баҳор... — ҷавоб дод дастурхончӣ ойим. — Одами сиҳат дар баҳор хоболуд мешавад, мегӯянд. Ҳазрати пошшобибӣ ҳам, ки танашон, ба худо сад

ҳазор бор шукр, сиҳат ва саломат аст, дар баҳор майли хоб мекунад. Ин, бисьёр нағз! Оймуллои Танбӯрро ҷег занам-мӣ, камтар танбӯр навохта...

— Не, даркор не! — гуфт хамьёза кашида, модари амир ва куртаҳояшро бо ёрии Ойими дастурхончӣ кашида, бо як «кӯйлакча»-и[1] зерин ба ҷогаҳ даромад ва тани фарбеҳу равғанини ӯ ба байни кӯрпаҳои пари қу ғутида рафт...

Ойими дастурхончӣ ба хизматгор ва духтархонаҳо гуфт, ки ба хонаи поён рафта хоб кунанд, фақат як нафар аз занҳои наздик ва дилпур мешудагии худро дар даҳлиз нигаҳ дошт ва бо вай то ба қарибии ними шаб лаққида нишаст. Баъд аз ҷо бархосту ба хонаи калон даромад. Нӯг-нӯги по роҳ гашта ба назди ҷогаҳи пошшобибӣ расид, дид ки вай фаххос зада хобидааст. Пас ба дари мадон наздик шуду онро оҳиста кушод. Дилаш сахт метапид, дастонаш меларзиданд. Зеро ки бе иҷозати пошшобибӣ ҷонзоте ҳаққу ҳуқуқи ба ин мадон даромаданро надошт. Ойими дастурхончӣ ҳам бо фармоиши худи кампир медаромад, чизи лозимаро мегирифт ва зуд мебаромад, ки ҳар дафъа ҳадафи нигоҳҳои шубҳаангези модари амир мегашт... Ин дафъа, пеш аз ба даруни мадони торик даромадан, боз як бори дигар баргашта ба ҷогаҳ нигоҳ кард. Кампир осуда хоб мекард. Ойими дастурхончи ҳар чӣ бодо бод гуфту худро ба даруни мадон гирифт. Дар ин мадони васеъ ва гунҷоишдор хазинаи асосии пошшобибӣ — сандуқу сандуқчаҳои бисьёре пур аз ҷавоҳирот ва тилловорӣ ҷо гирифта буд. Ойими дастурхончӣ дар куҷо чӣ буданашро мисли панҷ панҷаи худ нағз медонист ва бинобар он, барои эҳтиёт, торик шавад ҳам, дари мадонро боз гашта пӯшид... Лекин ё аз саросемагӣ ва ё аз тарс, бо дасташ табақаи дарро сахттар тела дод магар, ки ба табақаи дигараш рафта расида тараққос зад. Аз ин овоз модари амир бедор шуд магар, ки хобу хоболуд «Қист? Ҳа... Қист?» гуфта монд. Ойими дастурхончӣ дар ҷои истодагиаш шах шуду монд. Чӣ кор карданашро намедонист, ҳазор бор худашро сарзаниш мекард, ки бо duздиҳоя

[1] *Кӯйлакча* — куртаи зерин. (*ӯзб.*)

рӯзона қаноат накарда, ба шабравӣ сар кардааст ва аз барои тӯи духтараш ягон чиз — тилловории гаронбаҳотар гирифтанӣ шуда ба мадон даромаду ба бало монд. Агар кампир тамом бедор шуда, ӯро ҷеғ занад, фарьёд занад, одамҳо омада ба мадон дароянду ӯро ёбанд, чӣ кор мекунад?! Баъд на ин ки аз ҳамаи мартаба ва мансабаш маҳрум мешавад, балки ҳабс ва бадарға шуданаш ҳатмист...

Дақиқаҳо мисли сол мегузаштанд. Қампири бадбахт баданашро хориду гӯё ба паҳлӯи дигар баргашт ва боз фах-фах нафаси осуда гирифтани вай шунида шуд. Худоё шукр, гуфт дастурхончӣ ва як нафаси осуда кашид. Лекин ҳанӯз ҳам ба ҷунбидан ҷараса надошт ва ҳатто аз баланд нафас кашидан метарсид. Худди дар ҳамин дам аз тарафи дари дигари мадон, ки ба хонаи баланд кушода мешуд, овози шиб-шиб роҳ гашта, наздик шудани касе шунида шуду дасте дарро тела дод, ё ки кашида дид. Дар аз дарун занҷир буд, кушода нашуд. Пас, овози зада шудани гӯгирд шунида шуду дақиқае баъд, даруни мадони торикро шӯълаи чизи сӯзоне равшан кард...

Ойими дастурхончӣ аввал ба чизе сарфаҳм нарафта, мисли мурда шах шуда монда буд. Лекин баъд, якбора майнааш кор карду аз қасди бад огоҳ гашт ва фарьёди ногаҳонӣ кашида, бо кафшонаш латтаи сӯзонро кушт ва занҷири дарро кушода худро ба хонаи баланд гирифт, ки нимторик буд ва андак равшании аз тирезаҳо дохилшаванда, ба чашми дар торикӣ омӯхташудаи вай, шахси гурезандаро нишон дод.

— Исто! Исто! — гуфт вай фарьёд карда.

Шахси гурезанда дар қарибии дари даҳлиз ба чизе пешпо хӯрда афтод ва ойими дастурхончӣ ҷотарсона худро ба болои вай партофт... То ба ин дам овозҳоро шунида, модари амир ҳам бедор шуда буд ва аз фарьёди вай хизматгорзанаки дар даҳлиз будагӣ давида омад ва Ойими дастурхончӣ дукаса шуда занаки бадқасдро доштанд ва кашида, ба хонаи калон — ба поёни ҷогаҳи пошшобибӣ оварда партофтанд. Дар он ҷо, дар равшании лампаи даврапилтаи сийӯм ҳама

диданд, ки он зан хизматтори хоссаи Ойими Шоҳ будааст.

— Худаш чӣ гап? Ин чӣ ҳодиса? — гуфта пурсид кампир, ки аз тарс ҳанӯз ҳам меларзид.

— Тасаддуки сари мубораки пошшобибем ша-вам,— гуфт аз воқеаи ногаҳонӣ руҳ гирифта Ойими дастурхончӣ.— Ба толеи мо чӣ некие навишта шуда будааст... Агар ман як дақиқа дер мекардам, хонаю ҳавлӣ сӯхта буд...

— Барои чӣ месӯхтааст? Дурусттар фаҳмон! Ин кӣ, худаш? — гуфта кампир дилтангона пурсид.

— Ин,— гуфт дастурхончӣ,— хизматгори хоссаи Ойими Шоҳ аст. Ба қасди Шумо, ба қасди ҷони Шу-мо — ҳазратам омадааст!

Инро шунида, хуш аз сари кампир париду хӯсида, дар ҷогаҳ худро болотар кашид.

— Тавба кардам, тавба кардам худо! — гуфт боз кампир.— Охир ба ман дурусттар, якта-якта гуфта фаҳмонед, ки худаш чӣ гап?

— Ҷонам катӣ, ҷонам катӣ!— гуфт дастурхончӣ ва чунон фаҳмонида дод, ки гӯё вай аз чизе рамида ба хона даромадааст ва аз пошшобибӣ хабар гирифта, дар поёни ҷогаҳ нишастааст, ки ҷаро пошшобибӣ чан-дон осуда хоб накарда, дар хобашон беқароранд. Дар айни фикру хаёл нохост фаҳмидааст, ки касе дари мадонро аз тарафи хонаи баланд мекашад. Инро шу-нида охиста ба мадон даромадааст ва хайрият ки даромадааст. Зеро ки латтаи оташини ин занак пар-тофтагӣ, аллакай ба алангазанӣ сар карда будааст. Албатта, ҷонсипорона кӯшиш карда, оташро хомӯш карда, занаки бадқасдро бо ҳазор машаққат дошта овардааст...

— Хуш, гап зан канӣ, ту худат чикора ва бо чӣ мақсад ин корро кардӣ? — пурсид кампир аз занак.

Хизматгори Ойими Шоҳ, ки ҳар чанд ба вай со-диқ ва бовафо буд, лекин дигар ба ғайр аз эътироф кардан ҷорае надошт:

— Тавба кардам, пошшобибиҷон! — гуфт вай.— Аз гуноҳи мани нодон ва бадбахт гузаред, як умр канизатон мешавам!

— Баъди ба даст афтодан, тавба мекунӣ?!— ором

намешуд дастурхончӣ.— Агар ман хабардор намешудаму оташи ту партофтагиро хомӯш намекардам, медонӣ чӣ мешуд?!

— Медонам, медонам! Ман гунаҳгор, ман...— мегуфт занак ва мегирист, зорию тавалло мекард, ки пошшобибӣ аз гуноҳи вай гузарад.

Пошшобибӣ ваъдаҳои дурӯғ дода, занаки ба воҳима афтодаро иқрор кунонид ва аз қасди Ойими Шоҳ дуруст бохабар гашта, чунон дар қаҳр шуд ва чунон ба ғазаб омад, ки ҳама ҳайрон шуданд. Вай дар ҷояш ором нишаста натавониста, ҷаҳида хест, куртаашро худаш пӯшид, чанд мушт ба бuни ялка ва сари он бадбахти соддалавҳ зад ва баъд фармуд, ки ӯро ба обхона баранд. Занак доду фарьёд мекард, зорию тавалло мекард, фоида набахшид. Ниҳоят кампир фармон дод, ки зуд Оймуллои Танбӯрро чеғ зананд. Оймуллои Танбӯр хобу хоболуд, ҳайрон ва гаранг аз ҷогаҳаш хеста омад.

— Нависед! — гуфт ӯро дида кампир.— Ба Олимхон, ба ҷаноби олӣ нависед!

Оймулло таъзиме карду қаламу коғази дастурхончӣ муҳайё кардаро ба даст гирифт ва бо назари суол ба рӯи кампир нигоҳ кард. Аз камоли ғазаб чашмони кампир тоси пурхун шуда буданд, рангаш сафед канда, лабони бехунаш пир-пир мепариданд. Вай ба писараш арз кард, ки Ойими Шоҳи бадгуҳар акнун ба ҷон ва ҳопумони вай қасд кардааст. Агар бо шунидани ин хабари пурдаҳшат, амир аз баҳри ин кофираи бадкеш ва манҳус нагузарад, кампир тоқат карда наметавонад, аз ғусса мемурад ва хуни ӯ ба гардани писари нофармонбардораш хоҳад буд... Ба поёни мактуб кампир мӯҳри худро гузошту фармуд, ки онро зуд ба Ситорамоҳихосса фиристонанд.

Рӯзи дигар амир хатти талоқи Ойими Шоҳро ба худаш фиристоду пас аз як ҳафта ӯро ба Саидбек ном саркарда, ки аз қабилаи «Ёвкочдӣ» буда, марди бадбуриш, ифлос, баднамо, дағал ва фосиқ буд, ба занӣ бахшид...

Тиратарин айёми зиндагии Ойими Шоҳ панҷ моҳи зинда дар гӯр будани вай, дар хонаи Саидбек буд. Дар ин муддат падари Ойими Шоҳ ба ғаму ғуссаи вай тоқат оварда натавониста, вафот кард. Саидбек Ойими Шоҳро барои азодорӣ ба ҳавлии падараш бо худаш мебурд ва бегоҳонӣ боз ба фойтун бор карда ба ҳавлиаш гирифта меовард ва се рӯз ба ҳамин навъ Ойими Шоҳ ба мурдаи падараш дар хонаи худашон гиристу боз ба ҳавлии мардаки наҳс рафта қаба шуд. Дар он як ҳавлӣ ҳар се зани Саидбек яктой хона доштанд. Пас аз омадани Ойими Шоҳ, Саидбек дигар ба хонаи занҳои аввалааш намерафтагӣ шуд. Он занҳо аз рашку ғазаб месӯхтанд ва рӯзонаҳо, ки Саидбек ба даргоҳи амир мерафт, занҳои калонии ӯ рӯзи Ойими Шоҳро сиёҳ мекарданд. Ҳарчанд, ки Ойими Шоҳ боақлу тадбир ва донишу мантиқ палонҷҳояшро ба қафо мешинонид, лекин дили худаш хун мешуд.

— Бикаҷонҳо! — мегуфт вай.— Худатон шоҳид ва гувоҳ ҳастед, ки маро ба ин хонадон зӯран оварда, бадбахти аввалину охирин карданд. Шавҳари Шумо ҳар чӣ қадар аз ман дур бошад, ман ҳамон қадар шодам; ман ҳар чӣ ки аз дастам ояд мекунам, ки рӯи наҳси вайро камтар бинам.

Ба хурсандии вай амир Саидбекро ба тарафи Ҳисор бо коре фиристод. Вай дар он ҷоҳо тақрибан ду моҳ гумном шуда рафт. Баъд омаду боз ба ҷони Ойими Шоҳ бало шуд. Ойими Шоҳ як моҳи дигар зӯрану зулман сабр карду ниҳоят инқилоб шуд...

— Гардам Фирӯзаҷон,— мегуфт Ойими Шоҳ рӯзҳои охирини саргузашти худро баён карда,— ҳанӯз инқилоб нашуда, ҳанӯз ҷанг сар нашудан пештар ман аз дасти Саидбек худамро халос карданӣ шудам. Дар он гӯрхона ман на ин ки аз дунё хабар надоштам ва намедонистам, ки инқилоб шуда истодааст, балки аз худам бехабар будам. Зиндагии пуразоб ва сӯҳбати ҷигархункунандаи Саидбеки манҳус ҷунон ба ҷонам расонид, ки аз дунё безор шудам. Як шаб вай набуд. Дар ҳавлӣ ҳама дар хоб буданд. Фақат ман бедор ва

мегиристам... Нохост ба хотирам омад, ки аз ин хел зиндагӣ кардан мурдан беҳтар нест магар? Зуд ба як қарори мудҳиш омадаму аз ҷо ҷаҳидам, хостам саҷоқу сургиҳоро баҳам васл карда, ҳалқадаввак созаму ба ягон ҷо худамро овехта кушам.

Бо ҳамин мақсад дар ҷустуҷӯи саҷоқ ба даҳлез баромадам ва нохост дар таки даҳлез фаранҷию чашмбанди фаромӯшкарда мондашудаи кадом як кайвониро дида мондам. Фаранҷию чашмбанди худи маро Саидбек гирифта, ҳамеша ба сандуқ қулф карда мемонд. Ана, чӣ мегӯй, ки укаҷони ман, фаранҷиро дидаму як чизи дигар ба хотирам расид: ба худам гуфтам, ки барои чӣ ва барои кӣ бояд ман мурам?! Не, баръакс зиндагӣ карда, мурдани душманонамро мебинам! Бо ҳамин мақсад фаранҷию чашмбандро гирифтаму оҳиста ба роҳрав баромадам. Дар ҳавлии дарун ҳеҷ кас маро надид, ҳама мисли мурда мехобиданд. Фаранҷиро ба сар гирифтаму ба ҳавлии берун баромадам, дар таи айвони рӯи суфа як-ду кас хоб мекард. Ман рост гузашта ба сӯи роҳрав ва дарвозаи кӯча рафтам. Лекин дарвоза аз дарун занҷир ва қулф буд, дарбон дар болои суфаи роҳрав мехобид. Овози пои маро шунида сар бардошту «кист?» гуфт. Ман ҳам бо ҳаяҷон ва саросемагӣ гуфтам, ки «Гулмоҳ мешавам, ойими хурдиро дард гирифт, рафта момодояро биёрам!» Дарбон ғур-ғуркунон аз ҷо бархоста, дарвозаро кушод, ман ҳам як оҳи сабук кашидаму ба кӯча тохтам...

Аммо афсӯс, ки дур нарафтам, ба даст афтодам. Лаънатии Саидбек аз куҷо пайдо шуда монд ва аз дарвозаи ҳавлии худаш берун баромадани занакро дида, ба шубҳа афтоду омада дошт.

— Кистӣ? Ба куҷо меравӣ? — гуфта пурсид.

Ба вай ҳам ҳамон тақалро карданӣ шудам, фоида набахшид, рӯямро кушода диду шинохт ва бо дастони сахту бераҳми худ маро зада-зада, тела дода, кашида ба ҳавлӣ даровард ва ҳамаро ба по хезонида, ҳақорат доду гуфт, ки ҳозир фурсат надорад, баргашта омада ҷазои маро медиҳад... ва бурда ба хоначаи болои суфа ҳабс карда монд, ки он хонаи рӯ ба офтоб ва зимистоннишинии худаш буд.

Ман ҳайрон шудам, ки он лаънатии пирсаг ба чӣ кори зарур омаду барои чӣ дам нагирифта, баромада рафт. Фақат баъд аз рафтани вай шунидам, ки занҳо дар байни худ гуфтугӯ карда «ғазот» мегӯянд. Ба худ мегуфтам, ки наход ҷадидҳо ба амир ҷанг эълон карда бошанд? Ё ки боз мисли ҷанги Колисов, тапартупуре мекунанду хомӯш шуда мераванд? Ба ҳар ҳол, шаб нахобида, бо гиръяю нолаю ғаму гусса рӯз кардам. Саҳар ба гӯшам овози тӯп расидан гирифт. Аввал гумон кардам, ки ин овози тӯппаррونии сарбозҳои амир аст, лекин баъд донистам, ки ҷанг аст ва овози тӯп оҳиста-оҳиста наздик шуда истодааст.

Ба фикрам ҳамон саҳар ба гӯши ҳеҷ кас овози тӯп чун ба гӯши ман намефорид. Ҳар зарба, ҳар тир ба ман муждаи нав, хабари тозае аз зиндагӣ меовард, торафт умеди барбодгаштан маро бармегардонид ва фараҳ меёфтам. Ниҳоят, дар кушода шуду кайвонӣ омада даромад. Дар дасти вай дастурхон ва чойники чой буд. Аз вай донистам, ки ҳақиқатан ҳам ҷанг сар шудааст ва Саидбек ба ғазо рафтааст. Илоҳӣ рафта, наомаданак шавад, гуфтам. Кайвонӣ ганназаду дарро аз болои ман занҷир карда рафт.

Рӯзи сеюми ҷанг ба мадони хонаи калон тири тӯп расиду онро валангор кард ва рӯи ҳавлию хонаҳо ҳама аз дуди сафеди заҳролуд пур шуданд. Аз зарбаи тири тӯп ва кафидани пурдахшати он ман беҳуш шудам. Чашм кушода бинам, ба як кунҷи девори хонаи ман нишастагӣ ҳам гӯё ки тир расида, вайрон шуда, сӯрохе ба амал омадааст. Дар он ҳол ё аз тарс, ё аз ваҳми ҷон, беихтиёр аз ҷо бархостаму зада аз сӯрохӣ ба рӯи ҳавлӣ баромадам. Рӯи ҳавлӣ ҳанӯз ҳам пурдуд буд. Ҳамаи занҳо аз тарс худро ба таҳхона зада буданд. Ман ба ин тараф, он тараф нигоҳ карда, боз ҳамон фаранҷиро дидам, ки ба мехи сутуни айвон овезон истодааст. Зуд онро ба сар кардаму худро ба роҳрав задам ва аз он ҷо ба ҳавлии берун тохта баромадам, ки касе нест. Дарвоза ҳам кушода буд. Дигар ба ҳеҷ ҷо нигоҳ накарда, ба кӯча тохтам ва ба худо сад бор шукур, ки ин дафъа сиҳат ва саломат ба хона омада расидам...

— Аҷиб! — гуфт Фирӯза ҳикояи Ойими Шоҳро бо

марок гӯш карда,— набошад шумо намедонед, ки Саидбек чӣ шуд ва ба куҷо рафт?

— Не намедонам! — гуфт Ойими Шоҳ.— Агар медонистам шумо нагуфта, худам ба ҳукуматҳо маълум мекардам. Дирӯз кадоме гуфта истода буд, ки Саидбек бо амир гурехта рафтааст. Надонам рост бошад, ё дурӯғ.

— Хайр ҳар чӣ ҳам бошад,— гуфт Фирӯза,— шумо аз ҳамаи душманҳоятон халос шудед, озод шудед ва боз дар хонаи худатон, дар хизмати бибиҷон...

— Ҳа, ба худо сад ҳазор бор шукр! — гуфт модари Ойими Шоҳ, ки хеле пир ва бемадор шуда монда буд.— Худо оҳи мани нотавонро шунид. Ҳамроҳхон сиҳат ва саломат аз дасти золим халос шуда омад. Ба ман дигараш даркор не... Худо як ризқу рӯзӣ мефиристонад, дар намемонад...

Сухани охирини модарашро Ойим — Ҳамроҳхон чунин шарҳ дод:

— Чизу чораҳои моро ҳама мусодира карданд. Ҳар чизе ки дар хонаи Саидбек буду ҳар чизе ки бибиҷонам пасандоз карда буданд, рӯбу чин карда бурданд. Як ҳамин, андак либосҳои кӯҳна-кола ва асбоби хона монду халос. Хайрият ки ба ғалладони ошхона кордор нашуданд, набошад, аз гуруснагӣ мемурдем.

— Дар вақти золим ҳам азоб дидем, акнун дар вақти хуррият... Хайр, насиба ҳамин будааст,— гуфт кампир.— Ойимхон, канӣ аз ҷоят хез, як чой дам карда биёр, дастурхон гир!

— Не, даркор не,— гуфт Фирӯза.— Ташвиш накашед, бевақт шуд, ман меравам...

— Ташвиши чӣ?! — гуфта Ҳамроҳхон аз ҷо бархест.— Моламон мусодира шуда бошад ҳам, як меҳмони азизро чой дода гусселонида метавонем.

— Саломат бошед! — гуфта монд Фирӯза ва ба дилаш аз кирдори комиссияҳои мусодира хиҷил шуд. Наход ки моли ҳамин занҳои бевамондаро ҳам гирифта баранд?!

Пас аз берун баромадани Ҳамроҳхон, модараш боз ба ҳасрат сар кард:

— Гап намезанаду дардаш ба дилаш! — гуфт вай,

ба роҳи рафтани духтараш нигоҳ карда.— Худатон зани рӯзгор, нагз медонед, ки зиндагӣ бе чизу чора намешавад... Мо як мардина надошта бошем... Охир, чӣ хел мешавад?!

— Акаҳояшон куҷо рафтагӣ?

— Намедонам,— гуфт кампир,— дарак нест, ҳардуяшон ҳам дар тарафи Ҳисор буданд, илоҳо худо аз офату балоҳо эмин дорад! То пайдо шудани акаҳои вай, мо ду сиёҳсари муштипар чӣ кор мекарда бошем. Қошкӣ худо ба ин ҳусну ҷамол намедод. Аз ҳусну ҷамоли вай дар вақти амир ҳам ба мо осудагӣ набуд, ҳозир ҳам...

— Ҳозир барои чӣ? Ҳозир ҳеҷ кас ба шумо тааддӣ карда наметавонад.

— Э, мегӯед-дия! — гуфт кампир ва бо овози паст ба гапаш давом дод: — Ду рӯз шудааст, ки ҳукумати нав шудааст, аллакай калонҳо овозаи Ойими Шоҳро шунида, касу касмонаро сар карданд...

— Наход? — ҳайрон шуд Фирӯза.— Кӣ? Аз куҷо кас омад?

— Шумо ки аз они худӣ ва одами дилпурмешудагӣ ҳастед, мегӯям, шояд ягон маслиҳати нек медиҳед. Ҳоҷӣ Ҳасанбек ном ҷадиди калон будааст, намедонам дар ЧЕКА-мӣ, дар пека-мӣ, чӣ як идораи калон фармонфармо будааст. Дирӯз кас монда, Ҳамроҳхонро талаб кард, молҳои мусодира шудагиро гардонда доданӣ ва боз ҷиҳезу маҳрпулию тӯёна доданӣ будааст. Шумо ба ин чӣ мегӯед? Майлаш, розӣ шавем-мӣ? Ба ҳар ҳол аз бекасӣ беҳтар-дия. Як пушту паноҳ мешавад?

Фирӯза ҳам ҳайрон шуду ҳам оташин. Ҳайрон барои он шуд, ки дар ҳақиқат ҳанӯз ҳукумати шӯроӣ дуруст барқарор нашудааст, одамҳои амир ва душманҳои ҳаёти нав пинҳонӣ бар зидди ҳукумат корд тез карда истодаанд... дар чунин як вақт, раиси ЧЕКА ба ҷои шабу рӯз хобу хӯрро ба худ ҳаром карда, дар муҳофизаи инқилоб истодан, ба болои занаш боз як зани ҷавон гирифтан меҳоҳад?! Оташин барои он шуд, ки кирдори бади ин қабил одамҳо номи ҳукумати шӯроиро паст мекунад, мардум фарқи ҳукумати нав ва кӯҳнаро надониста мемонанд... Маълум меша-

вад, ки барои ҳамин мақсади ифлос ҳам моли ин сиеҳсарҳоро мусодира карда будаанд.

— Не, ман маслиҳат намедиҳам! — гуфт якбора бе ҳеҷ муқаддима Фирӯза.— Аз борон гурехта ба новадон афтодан барин мешавад. Сарсахти Ойим, аз дасти палониҷу шавҳарони дилнописанд базӯр халос шуда, акнун як рӯзи нек дидам гуфта истодаанд, боз ба болои палониҷ, ба марди пир рафтан чӣ лозим? Саломатӣ бошад, ба ҳар тори мӯи ойим садто шавҳар ёфт мешавад.

— Метарсам, ки агар не гӯем, боз ба сари мо бало нахезад?

— Ҳеҷ гап не, хотирҷамъ бошед! Ба қонуни ҳукумати шӯрой зану мард баробарҳуқуқ аст. Акнун ҳеҷ кас ба ҳаққи шумо зулм карда наметавонад.

Ҳамроҳхон ба даст чойники чой ба хона даромад. Ба пеши Фирӯза дастурхон партофт, лаълии ширавор-ро гузошт ва баъд худаш аз рӯ ба рӯи вай нишаста чой кашида дод.

— Ангури қандагӣ буд...— гуфта монд кампир.

— Э, ҳа, воқеан,— гуфт Ҳамроҳхон аз ҷо бархоста ва аз токи даҳлез рафта лаълии ангури ҳусайниро оварда ба дастурхон гузошт.— Ангури худамон, дасткишти раҳматӣ қиблагоҳӣ.

Фирӯза як шингил ангур канда хӯрд.

— Ширин будааст, раҳмат. Маслиҳати ман ҳамин ки зиндагии ширинатонро талх накунед, Ойим. Ҳоҷӣ Ҳасанбек одами кекса, зан дорад, бача дорад. Боз рӯзатон сиёҳ мешавад.

— Ман аз шӯй безор! —гуфт Ҳамроҳхон.—Ду шӯй карда чӣ роҳат дидам, ки аз сеюмаш бинам. Лекин, моргазида аз ресмони ало метарсад, мегӯянд, мо ҳам ҷафодидаю машаққатрӯзӣ, ки ҳастем, аз раиси ЧЕКА метарсем-дия! Набошад, афту ангораш пӯсад, кадом рӯз нону чою қанд гирам гуфта ба сари масҷиди гузар рафта истода будам, ки ба фойтун савор шуда гузашта рафт, дида мондам. Одамҳо гуфтанд, ки Ҳоҷӣ Ҳасанбеки раиси ЧЕКА ҳамин. Қалхоти туллак кардагӣ барин.. Ягон каси одамталъат қаҳат зада буд магар, ки вайро калон карден?

— Ҳоҷӣ Ҳасанбек инқилобчӣ, эҳтимол дар пеши

ҳукумат қадру қимат дорад,— гуфт Фирӯза.— Лекин ба ин ҷо кас монданаш ба ман маъқул нашуд. Одами дуруст ин корро намекунад. Ман ба Ҳайдаркул-амак мегӯям...

— Не, не, гардам! — гуфт дарҳол модари Ҳамроҳхон,— ин сирро ба ҳеҷ кас нагӯед, ки нағз намешавад. Агар ин мардакро маслиҳат намедода бошед, майлаш, мо худамон лаълиашонро мегардонем, ягон баҳона меёбем.

— Ҳайдаркул-амакатон кӣ мешаванд? — пурсид Ҳамроҳхон.

— Ҳайдаркул-амак ҳам аз инқилобчиҳо, дар Кумитаи марказии фирқа кор мекунанд, ба Чека ҳам кор доранд. Майлаш, агар не гӯетон, ман гап намезанам. Лекин ҳаминро донйста монед, ки акнун замонаи зӯроварӣ гузашта рафт, ҳеҷ кас ба ҳаққи шумо зулм карда наметавонад.

— Чизҳоямонро мусодира карданд-ку! — гуфта монд кампир.

Фирӯза боз хиҷолат кашида, чӣ гуфтанашро надониста монд ва ҷои пиёларо холӣ карда дод.

— Чизҳоятонро надониста мусодира кардагиянд,— гуфт ниҳоят Фирӯза.— Ба хирман оташ афтад, тару хушк баробар месӯзад, мегӯянд. Ман ба амаки Ҳайдаркул мегӯям, тафтиш карда, ягон чора медидагиянд...

Ҳамин тавр, боз як дақиқа сӯҳбат шуду Фирӯза иҷозаи рафтан хост. Кампир дуо кард, Ҳамроҳхон дастурхонро ғундошт ва баъд Фирӯзаро то ба дами дарвоза баровардa, фаранҷиашро ба сараш дод.

Дар берун ҳаво торик шуда меомад. Дар кӯча равандагон хеле кам монда буданд. Дар роҳи калони паси мадрасаи Мири Араб аскарҳо-шабгардҳо ба дастҳо фонус, истода буданд. Фирӯза ба онҳо қариб рафта буд, ки шавҳараш — Асоро дида шинохт. Бо аскарҳо гапзанон истода, роҳи ӯро мепоид.

— Ҳа, монда нашавед? — гуфт чашмбандашро бардошта Фирӯза, вай аз аскарҳои рус рӯяшро пинҳон намекард.

— Роҳи шуморо пойда истодаам,— гуфт Асо,—

амаки Ҳайдарқул ба ману шумо ҷавоб доданд, рафта роҳат кунетон, ишқбозӣ кунетон, гуфтанд...

— Шарм кунед, ошиқ! — гуфт шавҳарашро сарзаниш карда Фирӯза,— Қоплонравӣ чӣ шуд?

— Қоплон баъд аз ду-се рӯз,— гуфт Асо,— як корашон баромадааст. Имрӯз шӯлон!

— Шӯлонаш чӣ? — хандид Фирӯза.— Роҳ гардед!

— Шӯлонаш ҳамин ки кор нест, истироҳат!

— Твоя жинка боевая! — гуфт як солдат ба Асо,— она молодчина!

— Чӣ гуфт? — дарҳол пурсид Фирӯза.

— Занат бойбачча, мегӯяд,— гуфт Асо хандида.

— Худатон бойбача! Рафтем!

— Хайр товариш! — гуфт Асо ба солдатҳо ва хайру хӯш карда, аз онҳо ҷудо шуданд...

Дар ин дам Ҳамроҳхон ва модараш лампаи ҳафтуми хираро даргиронда, чойники чойро ба миён монда, сӯҳбатро давом медоданд. Модару духтар аз ҳамдигар сирри пӯшидае надоштанд. Ба ҳамдигар мегуфтанд, аз ҳамдигар тасалло меёфтанд, ба ҳамдигар суол медоданд, аз ҳамдигар ҷавоб мешуниданд. Модар, гарчанде синнаш ба як ҷо расидагӣ, мӯҳояш мошу биринҷ шудагӣ, нури чашмаш костагӣ буд, лекин дилаш ҳанӯз ҳам ҷавон, ақлаш фаровон, донишу таҷрибааш мисли ҳакимон, мудаббир ва пуртадбир буд. Агар имкон мешуду аз ҷараёни зиндагонӣ амиқтар огоҳ мешуд, аз он тӯфонҳое, ки дар берун, дар ҳаёти ҷамъият воқеъ шуда истодааст, нағзтар бохабар мегашт, бешубҳа, ба ҳар суоли духтараш ҷавоби қатъӣ ва маслиҳатомезе мегуфт ва мушкили ӯро, дар айни замон мушкили худашро низ ҳал мекард. Аммо шароити замонаш ин зани боақлу ҳушро аз зиндагӣ ҷудо, хонанишин ва аз ҳамин ҷиҳат ҳам донишу таҷрибаи ӯро маҳдуд карда монда буд...

Духтар — Ҳамроҳхон бошад, ранҷу меҳнати рӯҳии бисьёре кашида, аз амир, аз ҳарам ва аз одамони он ҷо таҳқири бисьёре шунида, ниҳоят ба дасти марди бадзоте афтода, машаққати бисьёре кашида, гӯё тамом пажмурда шуда монда буд. Фақат дар як кунҷи дилаш хуни ҷавонӣ гоҳо талотуме мезад ва ишқи

нокомаш аламу андӯҳи тираеро бедор карда, ба ҳузнаш ҳузн, ба ғуссааш ғусса меафзуд.

Қайҳо боз вай инқилобро мунтазир буд, зеро фаҳмида буд, ки инқилоб тоҷу тахти амир ва хонаи зулму зӯровариро хароб мекунад, бинобар он инқилобро хурсандона пешвоз гирифт ва аввалин неъмати инқилобро — халосӣ аз зулми Саидбеку дидори модарро — ба даст овард. Лекин дар айни шодкомӣ, дар айни хурсандӣ ба ҷоми айши ӯ заҳр омехтанд, боз ғуссаҳои нав сар шуд... Бинобар он вай ҳайрон буд, намедонист, ки чӣ кор кунад, ба кадом роҳ равад, ки дар охир ба мақсад расад.

Гапҳои Фирӯза дуруст барин менамоянд,— гуфт ба модараш.— Боз аз борон гурехта ба новадон наафтем?

—. Гапҳои Фирӯза дурусту,— гуфта, кампир ба андеша фурӯ рафт. Баъд илова намуд: — Лекин худо медонад-дия...

— Чӣ, ба Фирӯза боварӣ надоред?

— Дар ин солу замона ба ҳар кас бовар кардан нашояд! Кӣ медонад, Фирӯза ҳам аз одамони худашон буданаш мумкин... Ҳайдарқул-амак дорам, мегӯянд, дар Чека-мӣ, дар Сека-мӣ, кор мекунад, мегӯянд... мабодо барои аз мо гап гирифтан фиристода бошанд?

— Гап гирифтан?— ҳайрон шуда пурсид Ҳамроҳхон.— Ба ростӣ ки Саидбекро мепурсид... Наход, ки аз мо гап гирифтан мехоҳанд? Тавба!

— Ҳар чӣ ҳам бошад, ту зани амир будӣ, зани саркардаи амир будӣ, албатта, аз мо шубҳа мекунанд.

Ҳамроҳхон оҳ кашиду хомӯш монд. Фирӯза-ку худаш асира буд, худаш дар ӯрдаи амир дар азоб буд ва худаш шоҳиди зиндаи рӯзҳои сиёҳи Ойими Шоҳ буд, худаш ба ҳадди имкон ба Ойими Шоҳ ёрӣ додан мехост... Боз чаро аз вай «гап гирифтан» мехоҳад? Бо дили софу нияти пок наомада, бо мақсадҳои пинҳонӣ ва сиёҳ аз дари хонаи вай медарояд? Дар дунё чӣ хел одамҳо зиндагӣ мекунанд! Намемонанд, ки як сиёҳсари бадбахт чанд рӯз осуда нафасе кашад ва осуда зиндагоние кунад! Охир, вай-ку ба ҳеҷ кас гандагие накардааст? Вай-ку боиси ташвиши касе нагаштааст... Пас, чаро ӯро ташвиш медиҳанд?!

— Агар ваъдаҳояш рост бошанд, агар ба мо паноҳи ҳақиқӣ мешуда бошад, майлаш, розӣ шавӣ, чӣ мешуда бошад? — гуфт модар ва пас аз каме фосила боз ба гапаш давом намуд:— Ба ҳар ҳол калоншавандаи чадидҳо, сардори Чека, фармонфармоӣ дорад... Аз беруни бало будан, ба даруни бало будан беҳтар аст, мегӯянд...

— Агар розӣ нашавам? Агар, не гуфта, дастурхонашонро гардонем чӣ кор мекунанд?

— Тӯҳмат карданаш мумкин... Ҷои пинҳоншудагии Саидбекро медонад, аз вай умедашро накандааст, чизу-чораҳо, тилло-олоҳои амир додагиро пинҳон кардагӣ...

— Хайр, тӯҳмат кунад, кардан гирад! Худаш ба тӯҳмат гирифтор мешавад! Осмонро аз болои сарам, заминро аз зери поям гирифта наметавонад!

— Метавонад,— гуфт модар ва ба чашмаш об чарх зад.— Ҳар чӣ кор карданаш мумкин... Худо накунад илоҳӣ, душмани ғаддор чунон корҳое кунад, ки дунъё ба кас тангу торик мегардад. Беҳтараш ба тақдир тан додан аст. Майлаш, сину соли ту ҳам ба ҷое рафта монд, ба ҳар ҳол духтари ҷавон нестӣ, дар ин фурсат бешавҳар будан ҳам хуб не. Шояд бо ин мардак бахтат бозаду осуда шавӣ...

Ойими Шоҳ фикр карда монду пас аз фурсате аз ҷо бархост:

— Хайр, биёед, хоб мекунем, канӣ, пагоҳ шавад, ягон гап мешудагист-дия! Кори шаб — хандаи рӯз, мегӯянд, зӯро рӯзона, шӯълаи офтоб мушкили моро ҳал кунад.

— Майлаш-майлаш! — гуфт кампир ва ӯ ҳам аз ҷо бархост.— Ман як таҳорат карда, намози хуфтанро мехонам, ту ҷоятро партофта, хоб кун, бачем.

Кампир ба рӯи ҳавлӣ баромад. Шаб торик бошад ҳам, осмон пурситора буд. Шуаъи пилсӯзе, ки дар роҳрав гиронда монда шуда буд, ба вай роҳ нишон медод...

Ҳамроҳхон рӯи хонаро ғундошта, ду ҷогаҳ партофту баъд ба ҷогаҳи худаш дароз кашида ба фикр фурӯ рафт. Дар байни тамоми духтарони олам ягон кас

мисли вай сиёҳбахт нашудагист! Лайлии афсонавӣ Маҷнун дошт ва дар роҳи ишқи пок қурбон шуд, чӣ бахти бузург! Ширин ду ошиқ дошт, ду марди мардон, ду қаҳрамони замон ба вай дил бохта буданд. Ба ҳар ҳол Ширин бо Хисрав комраво шуд, дар ишқи Фарҳод ҷон супурд, зиҳӣ сарфарозӣ! Ҳар як гадодухтари шаҳри Бухоро ба худаш муносиб ёре дорад ва шабҳо дили хуш! Аммо вай... на коҳ шуд, на дон! Дилаш ишқ меҷӯяд, дилаш метапад, дилаш хун мешавад, лекин намеёбад. Ҷавоне бошад, ки ба вай муносиб, ба вай ҳамдам, ба вай ёр... Дар ишқи он ҷавон ғазал хонад, тарона гӯяд, дар ишқи он ҷавон шукуфад, дар ишқи он ҷавон саҳар бо булбул ҳамроз гардад... Аммо канӣ вай? Куҷост он маҳбуби дилхоҳ?! Вай, Ҳамроҳхон гул хост — ба хор дучор омад, вай шаҳд талабид — замона заҳраш дод! Дилаш шеъру тарона меҷуст — таънаю ҳақорат шунид, ҳадиси ишқ гуфтан, дил кушодан ният дошт — андӯҳу ғам, кулфату алам шумурдан лозим омад... Аз инқилоб, аз дигар шудани айём умеде дошт, вале ҳанӯз хабаре нест. Наход, инқилоб шоми ӯро саҳар накунад? Наход ки гилеми бахти ӯ сиёҳ мондан гирад?!

Гилеми бахти касеро ки бофтаанд сиёҳ,
Ба оби кавсару замзам сафед натвон кард!

Дар ин дам кампир ба хона даромаду гуфтаҳои охирини Ҳамроҳхонро, ки ба забон оварда буд, шунид ва ба ҷавобаш чунин гуфт:

— Ин ки пирона сарам сӯҳбати Юсуф бинвохт,
Аҷри сабрест, ки дар кулбаи эҳзон кардам!

## 5.

Ҳайдарқул ва Саидпаҳлавон аз таги дарвозаи Мазор рост ба бозори Ҷав рафта, аз пеши мадрасаи Кӯкалтош гузашта, то ба дамгоҳи масҷиди Мағок расиданд. Саидпаҳлавон дар ин ҷоҳо низ осори ҷангро надид, ҳаман кӯчаю бозорҳо, мадрасаю саройҳо, ҳавзу саҳни масҷиду худи масҷиди Девонбегӣ ва растаҳо ҳамон тавре ки пеш аз инқилоб буданд, истода

ва барқарор буданд. Фақат бисьёрии дӯконҳо баста ва дар кӯчаҳо мардум камтар рафту омад мекарданд.

— Дӯкондорҳоятон куҷо шуданд? — пурсид Саидпаҳлавон.— Ҳамаи дӯконҳо тахтабандӣ-ку?!

— Агар дӯкондорҳои ман мешуданд,— гуфт Ҳайдарқул,— ҳамаи дӯконҳо кушода ва бозор дар ҷӯшу хурӯш мешуд. Афсӯс, ки инҳо дӯконҳои давраи амирӣ, дӯкондорҳои Бухорои шарифанд. Инҳо аз зарбаи аввалини инқилоб тарсида, гурехта ба мушхонаҳо ҷой шуданд.

— Хайр, ҳукумат савдою тиҷоратро манъ мекунад магар? Пас мардум чизи даркории худро аз куҷо мехаранд?

— Ҳукумат савдою тиҷорати хусусиро ҳоло манъ накардааст. Эълон шуд, ки дӯкондорҳо омада ба савдои муқаррарии худ машғул шаванд. Лекин тиҷорат бо хориҷа дар дасти ҳукумат мешавад. Ин дӯкондорҳо метавонанд аз ҳукумат яклухт харида, ба халқ майда-майда фурӯшанд.

— Худи ҳукумат дӯкон кушояд чӣ?

— Мекушояд... оҳиста-оҳиста дӯконҳои бисьёри ҳукуматӣ мешавад. Баъд дӯконҳои кооперативӣ мешавад...

— Қооперативаш чӣ?

— Меҳнаткашҳо ба миён пул гузошта, ширкатҳо месозанд, ки номашро кооператив мегӯянд. Қооперативҳо фақат барои аъзоҳои худ моли арзон оварда мефурӯшад.

— Фоидаашро тақсим мекунанд?

— Ба фоидааш боз дӯкони нав мекушоянд, нархи молро камтар мекунанд.

— Нағз-ку!

— Ҳа, ҳоло дар оянда бисьёр корҳои нағз мешавад, лекин аввал аз душманҳо камтар осуда шуда гирифтан лозим.

— Душманҳо нест шудагистанд-ку? Амир гурехт, дигарҳо ба даст афтоданд... боз ҳадди кӣ ҳаст, ки ба муқобили ҳукумати шӯроӣ сар бардорад?

— Ҳастанд, ҳар хелҳо ҳастанд, ҷӯра! Ба идора равем сӯҳбат мекунем.

Онҳо аз таги тоқи Саррофон гузашта, рост ба сӯи

ҳавзи Рашид ва сарои пӯст равон шуданд. Дар кӯча ва растаҳои Бухоро гӯё, дигаргунии намоёне нашуда бошад ҳам, Саидпаҳлавон ҳис кард, ки худи ҳавои ин ҷоҳо, табиат ва муҳити ин ҷоҳо дигар шудааст. Дар ҳар ҷо байрақҳои сурх дар парафшонӣ буданд, дар ҳар ҷо шиорҳои инқилобӣ овехта шудааст, ки мардумро ба ҳаёти нав, ба зиндагонии масъудонаи озодона даъват мекарданд. Дар симои ҷавонҳо, дар симои онҳое, ки дар ин кӯчаҳо гашту гузор мекунанд, осори хуррамӣ, шодӣ ва ғалаба ҳувайдост. Бисёр ҷавонҳо либосҳои нав,— кулӯча-шолвор пӯшида, ба бозуҳо лентаҳои сурх бастаанд. Дар ҳама ҷо, дар ҳар кас ин ранги сурхи инқилобӣ шӯълаафкан аст. Саидпаҳлавон ҳис мекард, ки вай оҳиста-оҳиста чӣ будани инқилобро фаҳмида, худаш ҳам аз ҳавои инқилоб нафас гирифта истодааст. Вай равшан ҳис мекард, ки дар ин ҳаво тозагӣ, сафо ва хуррамӣ пур аст. Ин ҳаво пиронро ҷавон, ҷавононро паҳлавон мекунад.

Ҳайдаркул ба сӯи дарвозахонаи калоне баргашт, ки ба болои он дар лавҳаи рангине бо хатти арабӣ ва русӣ, ба гумон номи идора навишта шуда буд ва дар ду тарафи болои дарвоза байрақҳои сурх зада шуда, шиорҳо гирдогирди онро оро медоданд. Саидпаҳлавон шарм кард, ки аз Ҳайдаркул чӣ будани номи он идораро пурсад.

Онҳо ба хонае даромаданд, ки фаршаш тахтагӣ буда, дар пешгоҳ як столи калон, дар рӯ ба рӯи он, дар пеши тирезаи поёни боз як стол ва чандин курсию стулҳо гузошта шуда буданд. Нақшу нигори хона, тоқу тоқчабандиҳои он чӣ тавре ки пештар буд, боқӣ истода буданд. Ҳайдаркул аз паси столи калон ба курсии дастмонакдоре рафта нишасту ба коғазҳои рӯи стол диққат кард ва баъзе аз онҳоро гирифта хонд ва баъд ба Саидпаҳлавон, ки ҳанӯз рост истода, хонаро аз назар мегузаронид муроҷиат кард:

— Шин охир, чӣ рост истода мондӣ?

— Ин хонаю ҳавлии кадом бой будагист? — пурсид Саидпаҳлавон.

— Ҳа, ҳавлии як бои калони пӯстҷаллоб... Хайр, саломатиат нағз-мӣ, охир?

— Саломатӣ, худоба шукр, бад не... Лекин...

— Лекин ҳоли киса бад будагист? Рӯзгор танг?

— Напурс, ҷӯра! Лоақал ҳамин сол аз қарз халос шавам гуфта будам, намешудагӣ барин.

— Як ту не, бародар! Ҳазорҳо камбағалон ва қашшоқони қишлоқ нони хӯрдан надоранд. Лекин як тӯда шикамгафсҳои даруни шаҳр ва бойҳои заминдори қишлоқ остонаҳояшон аз тилло шуда рафтагӣ... Инқилоб бояд ҳамаи ин асосро зеру забар кунад. Акнун камбағалон ва қашшоқон бояд ба роҳат шаванд, меҳнаткашон бояд нафаси осуда кашанд.

— Чӣ хел? Аз куҷо? Масалан ман ки деҳқони камзамин ҳастам...

— Серзамин мешавӣ! — гуфт сухани Саидпаҳлавонро бурида, Ҳайдарқул. — Ҳукумат ба ту замин дода метавонад, барои коштан тухмӣ медиҳад, бефоида пул қарз медиҳад, аспоби деҳқониатро мукаммал мекунад...

— Гов медиҳад?

— Агар зарур бошад, гов ҳам ёфта медиҳад...

— Ба ҳама, ба ҳама?

— Ба эҳтиёҷмандон, ба камбағалу меҳнаткашон, албатта...

— Набошад, инқилоб барои камбағалон ҳузури ҷон будааст-ку! Хайр, исто-ки ҷанҷоли об чӣ мешавад? Инқилоб абр пайдо кунонда, заминҳоро нам, ҷӯйҳоро пур аз об карда наметавонад-ку?

— Метавонад! — гуфт боз ба таври қатъӣ Ҳайдарқул. Саидпаҳлавон ба рӯи ӯ нигоҳ кард, ки ҷиддӣ мегӯяд, ё ҳазл мекунад. Ҳайдарқул ҷиддӣ, хеле ҷиддӣ ба назар менамуд. Саидпаҳлавон ҳайрон шуду дигар гап напурсид. Аммо Ҳайдарқул пас аз дақиқае фикр кардан гуфт:

— Бале, метавонад, пеши роҳи дарьёҳоро банд карда, ҷӯйҳоро пур аз об мекунад, ба ҷанҷоли об хотима медиҳад! — вай аз ҷо бархосту ба рӯи хона қадам зада истода, ба гапаш давом намуд:

— Лекин, барои ҳамаи ин корҳо, пеш аз ҳама инқилобро пойдор ва мустаҳкам кардан лозим.

— Инқилоб шуд-ку! — гуфт Саидпаҳлавон. — Амирро ҳай кардед, ба давлаташ, ба хазинааш соҳиб

шудед, арку қозихонаю миршабхонаҳо ба дасти ҳукумат афтод, боз чӣ?

— Боз? — Ҳайдарқул баргашта ба рӯи Саидпаҳлавон нигоҳ карду табассум намуд: — Ҳоло гап бисьёр! — гуфт вай. — Амирро ҳай кардан, ин аввали кор аст. Ҳоло беху решаи аморат пӯсида бошад ҳам, чуқур паҳн шудагӣ, онҳо дар байни мардум вайронӣ пайдо карда, ба осудагӣ, ба кору бор халал медиҳанд. Баъзаи онҳоро ёфта гирифтан ҳам мушкил...

— Ҳукумат зӯр, чашмаш пурбин бояд бошад!

— Ҳукумат зӯр! — тасдиқ кард сухани ӯро Ҳайдарқул. — Лекин, кӣ медонад, дар миёни ҳукумат ҳам аз решаҳои аморат буданаш мумкин. Назар ба шунидаам, ревком Асад Махсумро ба раиси комиссияи мубориза бо босмачиҳо таъин кардааст. Бе машварати пухта, бе санҷиши дуруст Асад Махсумро ба ин кори масъул ва муҳим таъин кардан — ба кор халал додан, дар байн вайронӣ овардан гуфтанӣ гап аст.

— Ман нафаҳмидам, — гуфт Саидпаҳлавон, — ревкомаш чӣ, Асад Махсум кӣ, дурусттар фаҳмон ҷӯра!

Ҳайдарқул якбора қаҳқоҳ зада хандид.

— Э, бале! — гуфт вай ба кифти Паҳлавон зада. — Ман туя инқилобчӣ гуфта гумон мекардам, ҳоло ту чӣ будани ревкомро намедонӣ!

— Саҳрой-дия, одами саҳрой!

Пас, Ҳайдарқул дар бораи сохти ҳукумати нав ва партия ба қадри имкон содда карда фаҳмонида доду илова намуд:

— Ҳоло ба сафи аъзоёни ҳукумат ва ҳатто дар байни аъзоёни комитети марказии фирқаи иштирокиюн ҳам ҳар хел одамҳо ҳастанд. Шахсан ман ба бисьёрии ин мардум боварӣ карда наметавонам. Ана, газетаи «Бухоро Ахборӣ» ойина барин ба ту нишон медиҳад...

Ҳайдарқул аз рӯи стол газетаро гирифта чашм давонд.

— Афсӯс ки ту савод надорӣ, бародар! Ана, шумораи ду, аз 15 сентябри соли 1920. Дар ин шумора як фармон хаст. Ба забони ӯзбакӣ, мефаҳмӣ?

«Фармон. Шӯрои нозирони ҷумҳурияти шӯроии Бухоро, дар асоси он ки баъзе маъмурони пештараи

даврaи ҳокимияти амирӣ ба хилофи ҳукумати шӯрой ҳаракат накарданд, баръакс ёрӣ доданд ва изҳори хоҳиш намуданд, ки барои маҳкама кунонидани ҳукумати халқии нав, ба қатори ҳукумати Шӯрой дароянд, чунин қарор баровард:

1. Онҳое ки маъмури ҳокимияти собиқаи амирӣ буда, ҳукумати ҳозираи шӯроиро тасдиқ ва эътироф намуда истода, мехоҳанд ки ба қатори ҳукумати фуқаро дароянд, мауф ҳастанд, яъне бегуноҳ ҳисоб мешаванд.

2. Маъмурони собиқ, ки ҳоло ӯҳдадор шудаанд, ки ҳамаи тадбир ва қонунҳои ҳукумати навро ба амал ҷорӣ намоянд, дар ҷоҳои худ монда мешаванд.

3. Агар аз ягонтаи ин шахсон ба вазифаҳои худ хиёнате содир шавад, зуд ба муҳокимаи маҳкамаи инқилобӣ супорида мешаванд.

«Ба ҷои раиси комитети Марказии инқилобӣ: Орифов

Раиси шӯрои нозирон: Файзулло Хоҷаев».

Фаҳмидӣ, ин чӣ маъно дорад?

Саидпаҳлавон не, гуфта сар ҷунбонида монд.

— Маънои ин ҳамин, ки,— гуфт Ҳайдарқул,— давраи ҳозира маҷбур мекунад, ки ҳукумат то як дараҷа маъмурони пештараи ҳокимияти амириро ба кор қабул кунад. Дигар илоҷ нест. Одамони худӣ намерасанд, ё ки кор карда наметавонанд. Масалан, гирем ту, савод надорӣ, хат навишта наметавонӣ, дигараш аз ту батар... аммо кори ҳукуматро пеш бурдан лозим!

— Хайр, майлаш-куя,— гуфт Саидпаҳлавон,— охир ин маъмурҳои пештара боз кори худашон медонистагия мекунанд-дия? Ҳукумати наву кӯҳна бефарқ шуда мемонад!

— Не, он тавр не! Ин маъмурҳо бо мароми мо бояд раванд, кори моро бояд иҷро кунанд. Лекин кӯҳна ки шуд, кас бовар карда наметавонад... Нохост ягон нағма карда монданаш мумкин... Албатта назорат карда меистанд...

— Қадом кораша назорат мекунед?!

— Ҳамаи гап дар ҳамин-дия! Мушкил, хеле муш-

кил! Лекин, мушкиле нест ки осон нашавад, гуфта зӯр мезанем.

— Агар ҷадидҳоро амир намекушт, кори шумо хеле осон мешуд.

— Эҳтимол...— гуфту Ҳайдаркул каме хомӯш монд, баъд ба ҷояш гузашта нишаста ба гапаш давом дод.— Дирӯз фиркаи «Ёшбухориҳо» ба фиркаи мо — ба фиркаи иштирокиюн омада ҳамроҳ шуд. Намедонам аз ин чӣ мурод ҳосил мешуда бошад? Ба ҳар ҳол, ҳозир ҳамаи ин корҳо лозим ва лобуд аст...

— Хайр, ба Асад Махсум чӣ мегӯӣ?

— Асад Махсум як одами авбошмонанд, бадчаҳл, тез, бемулоҳиза... Ба ин хел одам, багайрат ва ҷангара гуфта, раисии комиссияи харбиро додан хавф дорад. Вай одамест, ки салларо биёр гӯӣ, калларо гирифта омадан мегирад.

— Аз афташ ҳамин хел менамояд,— гуфта монд Саидпаҳлавон.

— Мақсад аз ҳамаи ин гапҳо ҳамин, ки,— гуфт Ҳайдаркул,— ба ту як таклиф кунам...

— Хӯш,— гуфт табассум карда Саидпаҳлавон,— таклиф карданӣ ҳастӣ, ки ман ҳам аъзои ҳукумат шавам?

— Бале,— гуфт Ҳайдаркул ба таври ҷиддӣ,— таклиф карданӣ ҳастам, ки ба ёрии мо биё! Ҳамаи корро партою ба ёрии мо биё!

— Мани бесавод ба ту чӣ ёрӣ дода метавонам? — Саид ҳам ҷиддӣ шуд.— Агар аз дастам меомад, барои беҳтар шудани зиндагӣ, барои ҳамаи он ваъдаҳое, ки ҳоло ту додӣ, ҷонамро дареғ намедоштам.

— Саводнок будани ту ҳоло, шарт не,— гуфт Ҳайдаркул.— Ман мехоҳам, ки туро ба пеши Асад Махсум фиристонам. Бале, бале, ҳайрон нашав! Ҳозир Асад Махсум дар чорбоғи Дилкушои берун як фавҷ аскар ҷамъ карда, ба дасти онҳо ярок дода, гӯё бо аксулхаракат мубориза бурданӣ мешавад. Ман ба ин мардак чандон боварӣ надорам. Метарсам, ки аз номи Ҳукумати Шӯроӣ бемазагии худро давом додан нагирад. Ту дар пеши вай чашми ман шуда мегардӣ. Агар ҳамин тавр карда, лаҷоми ӯро дошта наистем, корҳои бисьёре карданаш мумкин.

— Гапат дурусту...— гуфт Саидпаҳлавон,— лекин барои ин кор салт будан, беаҳлу-аёл будан лозим аст. Ман, ба худат маълум, ки одами соҳиби рӯзгор, зану баччанок мебошам. Агар ман ба хизмати Асад Махсум равам, рӯзгорам чӣ мешавад?

— Кӯчида ба даруни шаҳр биё! Ба рӯзгорат мо нигоҳубин мекунем. Писарат — Мирак калон шуда мондааст, парво накун!

— Кадом рӯз,— гуфт хаёл карда истода, Саидпаҳлавон.— Наими Талх, аз қишлоқи мо, гуфта истода буд, ки гӯё Асад Махсум ба вай фармудааст, ки худаш барин одамҳои дилпурмешудагиро ҷамъ карда, ба хизмати Махсум гирифта барад. Наим бошад, ба ман бовар карда, таклиф намуд...

— Ана, боз беҳтар! — гуфт хурсанд шуда, Ҳайдаркул.— Наими Талхро ман медонам, ҳозир муқарраби Асад Махсум шуда гаштааст. Туро ҳам Асад ба худаш муқарраб мекунад. Барои ин бояд ту ба вай нағз хизмат кунӣ. Вақто ки муқарраб шудӣ, аввало худат пеши ӯро гирифта меистӣ, баъд ба ман, ба Чека хабар дода меистӣ, мо чораи кори ӯро мебинем. Ба ҳар ҳол агар ту дар он ҷо бошӣ, ман хотирҷамътар мешудам. Чӣ гуфтӣ?

— Майлаш, маслиҳат карда бинем канӣ...

Пас аз чанд дақиқаи дигар Саидпаҳлавон хайрухӯш карда, аз назди Ҳайдаркул берун шуд. Дар берун рӯз ба охир мерасид, якто-дуто дӯконҳои кушодашуда ҳам баста шуда буданд ва дар кӯчаҳо равандагон кам монда буданд. Саидпаҳлавон рост ба сӯи растаи атторӣ равон шуд, ки аз таи тоқи телпак ва таи тоқи заргарон гузашта ба бозори чӯб, ба ҳавлии домодаш равад...

Дар гузари Қоплон якчанд ҳавлиҳои подшоҳӣ буд, ки дар вақти амир як қисм тӯраҳо ва хешовандони амир дар онҳо истиқомат мекарданд. Ҳоло ҳукумати ҷумҳурияти Бухоро аҳли ҳарами амирро, ки ба тумани Вобканд гурехта рафта буданд, дошта оварда, ба он ҳавлиҳо ҷойгир карда буд. Мардҳо дар як ҳавлӣ, занҳо — бо сардории модари амир дар ҳавлии дигар. Дар

гирду атроф ва пеши дарвозахонаи ҳавлиҳо посбонҳо-милиционерҳои милтиқнок меистоданд, даромад-баромад ба аҳли ҳарам манъ карда шуда буд, аз беруи низ ҳеҷ кас бе рухсати махсус ба он ҳавлиҳо даромада наметавонист.

Фирӯза, пас аз гузаштани як моҳи овароиида шудани аҳли ҳарам, аввали пагоҳ, бинобар супориши Ҳайдаркул ба гузари Қоплон ба ҳавлии подшоҳӣ омад. Аммо посбонҳо ӯро даромадан намонданд.

— Ман аз Ревком, ана ин шаҳодатномаам,— мегуфт вай ба сардори посбонҳо коғазеро нишон дода.— Рафиқ Ҳайдаркул маро ба ин ҷо, ба кор фиристод.

— Мумкин аст, ҳамин тавр бошад,— мегуфт сардори милиционерон, ки мардаки қадпасти мӯйлабовезон буд.— Аммо барои ба ин ҳавлӣ даромадан иҷозат — хатти махсус даркор. Ҳамин тавр фармон шудагӣ...

— Ман зани Асо мешавам, шумо ӯро мешиносед,— мегуфт Фирӯза, шавҳарашро шафеъ оварда.— Зуд ба кор сар карданам лозим, монед ки дароям.

— Намешавад, хоҳарам! Гапа лаҷоҷ надиҳед!

— Не, мешавад! Ҳозир ба ин ҳавлӣ даромада, ба кор сар кардани ман шарт!

— Шарт-мӣ, не-мӣ, ман намедонам!

— Донед! Дониста монед! Барои ҳамин ҳам шуморо сардор таъин кардаанд.

— Ин гапҳо фоида надоранд...

Дар айни баҳсу ҷавоб Ҳайдаркул расида омаду гуфт:

— Монед, Фирӯза дарояд! Ман фиристодам, фаромӯш кардаам, ки рухсатнома диҳам. Салом.

Сардори посбонҳо ба Ҳайдаркул салом доду Фирӯзаро монд, ки ба ҳавлӣ дарояд. Фирӯза аз қаҳр ба сӯи роҳрави ҳавлии дарун беихтиёр чанд қадам гузошту боз истод ва баргашта ба пеши Ҳайдаркул омад, ки ҳанӯз бо сардори милиция гапашро тамом накарда буд.

— Ман чӣ кор кунам? — гуфт вай,— хизматгорҳо ва канизакҳоро як тараф, бибиҳоро ба тарафи дигар ҷудо кардан гирам?

— Майлаш, даромада шинос шав, бибиҳоро гӯй, ба хонаҳо дароянд, хизматгорҳо ва ғайра, дар рӯи

хавлӣ... Ҳар кас ки ҷудо шуда рафтан мехоҳад, ба таки айвон гузарад, ман даромада, рӯйхат мекунам.

Фирӯза ба хавлии дарун даромад. Ҳавлии калон тахxонаю болохонаю болои суфаю поёни суфанок буд. Дар баробари ба ҳавлӣ даромаданаш Фирӯзаро шинохта, хизматгорҳо, духтархонаҳо, обкашҳои пештара давида ба пешвози вай омаданд, ӯро бӯсиданд, дар оғуш карданд ва суолборон намуданд:

— Фирӯза, хайрият туро медидем! Сиҳат, саломат ҳастӣ?

— Ту ба ҷадидҳо кор мекардӣ-дия? Ба ҳуррият баромадӣ?

— То ба кай моро ҳабс карда нигоҳ медоранд? Намедонӣ?

— Наход ки амир гурехта бошад-а? Ӯро дошта метавониста бошанд?

— Занҳоро бефаранҷӣ мекунанд гуфта буданд, рост будааст-мӣ?

— Ту фаранҷӣ дорӣ-ку?

Фирӯза ба ҳамаи ин суолҳо ба қадри ҳол ҷавоб медод ва ба ҳамаи онҳо рӯиҳуш нишон дода, аз озодӣ, аз хурсандӣ, аз бахту саодат навид медод.

— Амир гумном шуда рафт, аскарҳо аз паси вай афтодагӣ, имрӯз не, пагоҳ дошта мегиранд ва ба дор меовезанд. Ҳукумати шӯроӣ ба ҳама озодӣ мебахшад. Акнун хизматгорию канизӣ барҳам мехӯрад. Пошшоҷонҳо, пошшобибиҳо агар ташна монанд худашон ба сари хум рафта, хам шуда, агар бошад, об гирифта менӯшанд, набошад, ҳалқашон қоқ шуда, аз ташнагӣ муранд ҳам, ягон кас хизматашонро намекунад. Агар гушна монанд, дасту остин барзада, хамир мегиранду нон пухта мехӯранд! Ҳеҷ кас ба онҳо араки ҷабин рехта, нон намепазад... Акнун ҷадиду қадим намегӯянд, акнун ёшбухорӣ, инқилобчӣ мегӯянду аксульинқилобчӣ мегӯянд... Ҳа, ҳамаи одамҳои амир, ҳамаи амалдору қозию миршабҳо, ҳамаи золимҳои пештараро аксульинқилобчӣ мегӯянд. Аксульинқилобчиҳоро ҳукумат гирифта, ҳабс кардагӣ. Қушбегӣ, қозикалон, раис, миршаб, аълам-паълам ҳамекаш дар ҳабсхона, пага-фардо суд карда, ҷазояшонро медиҳанд... Акнун гап ҳамин: ман омадам, ки ба шумо хабар диҳам, хо-

зир аз берун ба ин ҷо амаки Ҳайдарқул медароянд. Он кас комиссари калон. Ҳамаи шуморо ба рӯихат мегиранд...

Ин сухани охирини Фирӯза шунавандагонро ба шӯр овард:

— Ҷиба, ҷиба номаҳрам ба ин ҷо меомадааст?!

— Ҷиба рӯихат мекардаанд?

— Ҳайдарқулаш кӣ?

— Ҷиба ҳавлии дарунба, пеши занҳоба медаромадааст?

— Худам ҷадид шудам гуфта, акнун ҳамая ҷадид кардан мехоҳӣ?!

— Мо фарзанди мусулмон ҳастем, аз дину диёт намегардем!

Ҳоказо ва ҳоказо...

Фирӯза аз гуфтааш пушаймон шуду якбора гарангу лол гашт. Эй худоё, мегуфт ба худаш, ман чӣ номаъқулӣ кардам, ки ба рӯихат мегиранд гуфтам! Акнун чӣ кор кунам, ки ин нодонҳо ба гапи ман гӯш кунанд?..

— Ха, чӣ мағал? — гуфта дар ин дам аз ошхона ойими дастурхончӣ омада баромад. Вай ки зани қадбаланд, ҷӯнг ва баднамо буд, фақат ба воситаи дағалӣ, фармонфармоӣ карда тавонистан ва дар айни замон ба ойимҳо ва пошшобибӣ чоплус ва хушомадгӯ буданаш, мансаби дастурхончигиро дар назди модари амир ба худ гирифта буд. Дар ҳарами амир бисьёриҳо аз вай метарсиданд ва ибо мекарданд. Ҳоло ки амир гурехта, арк сӯхта хокистар гаштааст, модари амир дар ба дар шудааст, боз ҳам вай аз карру фарри худ намонда буд.

Овози ӯро шунида, якбора ҳамаи онҳое, ки ба гирди Фирӯза ҷамъ шуда буданд, хомӯш гашта, худро ба канор гирифтанд.

— Ин, худаш кӣ? Э, ҳа... ин, машкобдухтар-ку! — гуфт вай ба сӯи Фирӯза чанд қадам гузошта.— Чӣ гуфта омадӣ? Ҳамин қадар диданиҳо бас набуд-мӣ? Ҳамин қадар рӯзҳои сиёҳро ба сари мусулмонҳо овардагет бас набуд-мӣ, ки боз омада, дар байни канизони он ҳазрат фитна хезондан мехоҳӣ?!

— Фитна бо арку ӯрдаи шумо тамом шуд! — гуфт

бо табассуми таҳқиромез Фирӯза.— Фитнагарон ҳам паст шуданд, нест шуданд ва якта-нимта шумо барин пасмондаҳоро ҳам нест мекунем, ойим! Бале, бале, дастурхонатонро ғундошта, фотиҳа хондан гиред!

— Вой мурам! — гуфта монд, кадоме аз байни ҷамъшудагон.

Ойими дастурхончӣ аз қаҳру ғазаб сурху кабуд шуду хост, ки ба болои Фирӯза ҳуҷум карда, бо муштони ба задан одат кардаи худ, ба фарқи сари вай кӯбад, нохост аз қафо касе сарбандашро кашид. Ойими дастурхончӣ баргашта дид, ки зани калонии амир лаб газида, ба хомӯшӣ амр мекунад. Вай хомӯшона қадаме ба қафо кашиду зани амир пеш баромада, ба Фирӯза салом дод:

— Ҳа, духтарам, нағз-мӣ ту, сиҳат-саломат ҳастӣ? Ҷаноби Ҳайдарқул ба ту амак мешудаанд-дия? Бисьёр нағз-бисьёр нағз... Аз мо салом гӯй. Рӯихат мекарда бошанд, марҳамат. Мо ба хона медароем, аз паси дар маҳрамтар мешавад...

Фирӯза хост, чизе гӯяд, лекин аз берун чеғ заданд, бинобар он гуфт:

— Дуруст... Ман ҳозир омада мефаҳмонам...

Пас аз рафтани Фирӯза зани амир ғурунгос зада Ойими дастурхончиро сарзаниш намуд:

— Ақлатонро хӯрдед! Ба сарамон балои тозаеро хезондание будед-магар?!

— Ман надонистем, пошшом...

— Донista бошед! — гуфт боз сахт карда зани амир ва гузашта ба хонаи калони болои суфа рафт. Ойими дастурхончӣ чун мори саркӯбида ба худ мепечид ва намедонист, ки заҳрашро ба кӣ занад. Нохост чашми вай ба Ойиша афтода монд. Вай духтаре буд, шонздах-ҳафтдаҳсола, қадбаланд, нозукандом, сафедпӯст ва мисли гули навбаҳор тару тоза ва зебочеҳра... Як се моҳ пеш аз сар шудани ҷанг амлокдори Ғиҷдувон ӯро ба амир тортуқ карда буд. Ҳусну малоҳат ва ҷамоли баркамоли ӯро дида, модари амир фармон дода буд, ки вайро зуд барои ба Ситорамоҳихосса фиристода, ба амир манзур кардан тайёр кунанд. Лекин тайёр карда натавонистанд. Ойиша аз ғаму андӯху гиръя бемор шуда, ба бистар афтод, табаш баланд

гашта, ба ҳазаёнгӯӣ даромад. Модари сарсахти вай, ки аз пояш «эш кашида» омада буд, бар сари болини духтараш нишаста шабҳоро рӯз мекард. Ниҳоят, якбист рӯз пеш аз ҷанг Ойиша тандуруст шуда, аз бистар сар бардошт, лекин хеле лоғар ва рангпарида буд. Бинобар он ба ӯ даст накофта монданд, ки каме ба ҳол ояд. Ба бахти Ойиша, ҳамаи орзую ниятҳои разилонаи амир ва модари ӯ ҷомаи амал напӯшида, инқилоб шуд ва Ойиша рӯи нахси Олимхонро надида, ба рӯзи нек расид... Ойими дастурхончӣ, ки маъмури тайёр кардани ӯ буд, аз ин ҳодиса аламноқ шуда монд. Инак, ҳоло Ойишаро дида монда ҳамаи ғазаби худро ба болои вай рехт:

— Ойиша! — гуфт вай ғуррос зада.— Барои чӣ даромада пои пошшобибиро намолидӣ? Ман ба ту нагуфтам, ки даро?!

— Ман намемолам, худатон молидан гиред! — гуфт якбора Ойиша ва рӯяшро ба дигар сӯ тофт.

— Чӣ, чӣ мегӯӣ лаънатӣ?!

— Худат лаънатӣ! — гуфт Ойиша ба рӯи Ойими дастурхончӣ тег кашида нигоҳ карда.— Ана ипчаю! Канизата ёфтӣ!

Ойими дастурхончӣ, ки мисли равғани ҷӯшон ҷанг карда истода буд, ин охирин сухани Ойиша ба вай аланган оташ шуду лаппӣ даргирифта рафт.

— Хайр, ҳоли ҳамин тавр-мӣ?! — гуфт дандон хоида истода,— кал ҳам заду кӯр ҳам зад, пасмондаи мӯр ҳам зад?!.. Акнун ҷаноби олӣ нестанд, ба ғазот овора гуфта ҳар гадои пойлуч ба болои сари мо баромадан мегирад-мӣ?!

— Шайтона ҳай занед, ойим! — гуфт модари Ойиша аз байни занҳо пештар баромада ва тарафи духтарашро гирифт.— Нағз не. Гадо ҳам бошем, бандаи худо, уммати пайғамбар ҳастем ва қурбу манзилати худро медонем!

— Ман ба қурбу манзилати шумоён туф кардам! — гуфт Ойими дастурхончӣ ва ба сари Ойиша мушт бардошта заданӣ шуд, лекин мушташро дар ҳаво касе дошта монд. Баргашта нигоҳ карду Оймуллои танбӯрро дид, ки ба сӯяш сар ҷунбонида, танбеҳ мекунад:

— Нағз не, ойим! — гуфт Оймулло.— Шайтона ҳай

занед! Мо кайҳо буд, ки аз арк фаромадагӣ, дар ҳавлии поён ҳастем, атрофамонро аскарҳои сурх чатма зада гирифтагӣ...

Дастурхончӣ дасташро кашида гирифту ба Оймулло ҳуҷум кард:

— Шумо ҳам аз ҷадидҳо мондані надоред! Дафъ шавед!

Вай оймуллоро тела доданӣ шуда буд, ки Ойиша худи ӯро тела дода фиристод. Як кайвонии бадқавоқ ба Ойиша ҳуҷум карда, зад. Модари Ойиша бо он кайвонӣ даст ба гиребон шуданд. Ойими дастурхончӣ худашро ғундошта гирифта, ба Ойишаю модараш ҳуҷум кард. Як-ду нафар аз хизматгордухтарҳо тарафи Ойишаро гирифтанд ва дар як дам мағалу ғавғою занозанӣ шуда рафт...

— Ҳой, чӣ гап, чӣ мағал?! — дар айни занозанию ғавғо овози Фирӯза баланд шуд.— Ҳой Ойими дастурхончӣ, даст нигоҳ доред! Ҳой Ойиша! Бас, шуд!

Ин фармони омирона ҷангараҳоро аз ҷанг боздошт.

— Худаш чӣ гап? — пурсид Фирӯза аз Ойиша.— Барои чӣ гирья мекунӣ?

— Ана ҳамин,— гуфт ба сӯи Ойимк дастурхончӣ пой зада Ойиша,— косалеси бедиёнат!

— Ба шохи ин занандаҳо зада мондан лозим! — гуфт модари Ойиша.— Инҳо аз асп фаромада бошанд ҳам, аз узангӣ пой намекашанд!..

— Аз болои ҷаноби олии набудагӣ каттагӣ!

— Гов мурад ҳам алои чашмаш намеравад, мегӯянд, рост будааст!

Фирӯза донист, ки Ойими дастурхончӣ бо одати кӯҳнаи худ, ба сари хизматгорҳо мушт бардоштааст ва бинобар он тер кашида ба сӯи вай нигоҳ карду гуфт:

— Айб не-мӣ? Мӯятон сафед шудаасту бача барин фаҳм надоред! Барои ин коратон ҳукумати шӯрой шуморо ба майдони регистон бароварда, дар байни халоиқ суд карда, тирборон карда метавонад.

— Одати бад — балои ҷон! — гуфта, Оймуллои танбӯр пеш баромад.— Салом духтарам! Саломат ҳастӣ?

— Ассалом оймуллоҷонакам! — гуфт хурсандона

Фирӯза, Оймуллои меҳрубонн худро дида.— Шумо сиҳат, саломат ҳастед? Хайрият боз медидем-дия! Амакам ба шумо чашм дар роҳ ҳастанд.

— Хайр, дар ин бора баъдтар гап мезанем, духтарам,— гуфт Оймулло.— Ҳоло ин ҷанҷолро ҳал кардан лозим. Инҳо бо ҳамдигар даст ба гиребон шуда мондапд, қариб буд, ки ман ҳам ба миён дароям. Беҳтар мебуд, ки инҳо — пошшоҳоро ба як ҳавлию хизматгорҳоро дар ҳавлии дигар ҷо мекарданд.

— Ман ҳозир барои ҳамин кор омадам, оймулло!— гуфт Фирӯза.— Шумоҳо ба хона дароетон, инҳо ба тан айвон бароянд, дар ин ҷо мардҳо меоянд, амаки Ҳайдаркул рӯйхат тартиб додан мехоҳад...

— Рӯйхат чӣ, духтарам?

— Ҳар кас ба ҳар ҷо, ки хоҳад рафта метавонад. Бинобар он рӯйхат мекунанд, ки фаҳманд, канӣ кӣ ба куҷо меравад.

— Илоҳӣ ҳазорсола шавӣ Фирӯзаҷон — гуфта модари Ойиша пеш омад.— Ману Ойишаҷонро аз ҳамин ҷо тезтар халос кун! Дигар тобу тоқати дидани рӯи ин муштумзӯрҳо намондааст.

— Майлаш, майлаш! — гуфт Фирӯза сари Ойишаро сила карда истода! — Ғам нахӯред, ҳозир, ба болои суфа, ба тан айвон бароетон, амаки Ҳайдаркул омада, рӯйхат мекунанд ва ба ҳар ҷо ки хоҳед, мефиристонанд.

— Амаки... Ҳайдаркул мегӯӣ-мӣ? Ин амакат чикора ва аслаш аз куҷо?

Фирӯза ҳайрон шуда ба рӯи модари Ойиша нигоҳ кард:

— Дар кумитаи Марказии Фирқаи иштирокиюн кор мекунанд: Аслашон аз Қароқӯл барин... Чӣ, шумо мешиносед магар?

— Не...— гуфт хаёл карда истода кампир.— Ман ҳам Ҳайдаркул ном як додар доштам, дар вақти бачагӣ моро аз ҳамдигар ҷудо карда буданд...

— Хайр, ҳозир мебинед,— гуфт Фирӯза.

Пас аз ин, ҳамаи хизматгорҳо, кайвониҳо, духтарҳои ӯрдаи «Ҳаммом» бо хоҳиши Фирӯза ба болои суфа баромаданд. Оймуллои танбӯр ба хоначаи тан дарвоза будагӣ даромад, ки дар он ҷо манзил карда буд. Поё-

ни суфа аз занҳо холӣ шуд. Баъд аз ин Фирӯза ба тан дарвоза рафта садо кард:

— Биёстон, марҳамат!

— Ба ҳавлии дарун Ҳайдаркул ва сардори посбонҳо даромаданд. Аз паси онҳо ду милиционер як столи майда ва як чаҳорпояро бардошта оварданд ва ба қарибии суфа гузоштанд. Ҳайдаркул папкаи дастангиашро ба рӯи стол гузошта, аз даруни он як варақ коғаз ва қалам бароварда, ба занҳои болои суфа муроҷиат намуд:

Вай дар бораи инқилоб, дар бораи расидани рӯзи озодӣ, дар бораи нест гардидани ҳокимияти амир ва ғайра бо забони содда ва фаҳмо гап заду шарҳ дод, ки акнун дасти ҳокимияти амир аз гиребони онҳо канда шуд ва ҳар кас ба ҳар ҷо ки хоҳад рафта метавонад.

— Барои он ки шумо ба ёру дӯстон ва мулку диёратон расед,— гуфт вай,— мо ба шумо ёрӣ медиҳем ва ҳар кас ки аз кадом вилояту қишлоқ бошад, ба ҷояш расонида мемонем. Бинобар он ба мо лозим мешавад, ки як рӯйхат тартиб диҳем ва фаҳмем, ки кадоми шумо ба куҷо рафтан мехоҳед, то ки мувофиқи он чораҷӯй кунем. Ман аз тарафи ҳукумат мутасаддии ин кор шудам... Қанӣ Фирӯзаҷон, шумо якто-якто пурсида ба ман гӯед, ман нависам.

Фирӯза ба қатори занҳо, ба болои суфа баромада буд. Вай ба занҳо муроҷиат накарда, ба лаби суфа наздик омаду гуфт:

— Аввал номи Оймулломро нависед! Агар худи ҳамин рӯз ман он касро ба ҳавлӣ набарам, амаки заргар аз ғусса ба як ҷо мерасанд.

— Бисьёр хуб, менависам! — гуфт Ҳайдаркул, вале чизе навишта натавонист, зеро ки номи оймуллоро намедонист. Хаёл карда монду ба рӯи Фирӯза нигоҳ кард:

— Номи амаки заргарат Тоҳирҷон буд-а?

— Ха, Тоҳирҷон!...— тасдиқ кард Фирӯза.

Дар фурсате, ки Ҳайдаркул менавишт, модари Ойиша бо нӯги сарбандаш рӯяшро панаҳ карда ба Фирӯза наздик шуду ба Ҳайдаркул хитоб кард:

— Ҳайдаракул!

— Лаббай? Номи маро гирифтед, мешиносед, магар?

— Кадом хоҳари мушфиқ додари меҳрубони худашро нашинохтааст? Ман...

— Бибирачаб?..

Инро гуфту қалам аз дасти Ҳайдаркул афтод ва як дарача гӯё, гарангу ҳайрон шуда монд... Дар фурсати як он кишлоки худ, ҳавлию чо, падару модар ва хоҳарчаи меҳрубони худро ба ёд овард. Овози Бибирачаб, гӯё, пардаи фаромӯширо, ки рӯи хотираҳои ширини кӯдакиро пӯшида буданд, боло бардошт ва Ҳайдаркулро аз олами ҳастии ҳақиқат ба олами рӯъё бурд:

Қариб чиҳил сол пеш аз ин буд... Вай ҳамроҳи Бибирачаб бозӣ карда мегашт, ғаме надошт ва ҳамаи олам барои ӯ аз майдони тохту тоз ва бозӣ иборат буд. Гоҳо аз паси бузу гӯсфандон тохта, ба подабон ёрӣ медод, гоҳо бозӣ-бозӣ барои модараш ҳезум чида меовард, даме бо чӯраҳо давра гирифта гӯштингирӣ мекард... Дар ҳама чо хоҳарчааш Бибирачаб бо вай ҳамдам, бо вай қарин буд. Агар вай ба болои дарахти зардолу ва ё тут баромада, мева афшонад, Бибирачаб дар поён мевачинӣ мекард, агар вай дар канори дарё моҳидорӣ кунад, Бибирачаб ба вай кирми лойхӯрак ёфта оварда медод, ки ба шасташ гузаронад, агар вай хартозӣ карда, нохост афтад, Бибирачаб меҳрубонӣ карда, сару рӯи ӯро аз гарду хок тоза мекард ва дасту пояшро бо рӯмоли сараш баста мемонд, агар вай бо бачаҳо гӯштингирӣ карда куртаашро дарронда монад, Бибирачаб онро кашида гирифта, зуд дарбеҳ карда медод, ки модараш нафаҳмад... Ачоиб ҳаёти ширине буд... Гуруснагӣ, нодорамӣ, ғаму гуссаи зиндагӣ ба домани бачагӣ часпида наметавонист. Бо як порча нони қоқи загора онҳо сер буданд, мева мехӯрданд, шири бузу гӯсфанд ба онҳо қувват медод. Дар ҳавои гарми тобистон ғами либос ҳам набуд, пойлуч, бо як қабат куртаю эзор ба регзори даруни дарё тохтан беҳтар буд, ки бо кафшу поафзол... Аммо зимистонҳо сармои сахти Қарокӯл онҳоро ғам медод, аз бозӣ маҳрум мекард.

Боре ду-се аспакиҳо омаданду Бибирачаби дувоз-

даҳсоларо гирифта бурданд. Ҳайдарқул нахост, ки Бибиразабро аз вай ҷудо кунанд. Лекин падараш ӯро ҷанг кард, ҳатто зада, аз ҳавлӣ бароварда ҳай кард. Ҳайдарқул дар умри ҷавонии худ, аввалин бор бо дарду алам гирист... на аз зарби шаллоқи падар, балки аз ҷудоии хоҳар! Вай ба болои дарахти тути калон, ки дар сари роҳ буд, баромада, дар байни шоху баргҳо худро паноҳ карда, камин гирифт. Вақте ки аспакиҳо Бибираҷабро ба сараш фаранҷӣ пӯшонида, ба аспе бо ҳамроҳии як занаки бадқавоқ сувор карда, гирифта мегузаштанд, Ҳайдарқул бо фалахмон зада, телпаки яке аз онҳоро аз сараш парронд ва ба думи аспи яке чунон зад, ки асп чороғпоя шуда, қариб буд, саворашро ба замин занад. Аспакиҳо аз куҷо омадани сангро надида бошанд ҳам, ҳақорати бисьёре дода рафтанду Бибираҷабро бурданд. Пас аз қадаре калон шудан, вай фаҳмид, ки аспакиҳо ба бадали қарзи адонашуда, Бибираҷабро гирифта бурдаанд. Баъдҳо, пас аз мурдани падару модар ва ба роҳи пурмашаққати зиндагии мустақилона қадам гузоштан, Ҳайдарқул боре фаҳмида буд, ки хоҳарашро ба тарафи Ғиҷдувон, ба касе ба занӣ дода фиристодаанд. Ҳатто, ҳаминро ҳам дониста буд, ки Бибираҷаб ба дасти шавҳари хубе афтода ва як духтарча дорад. Лекин худи Ҳайдарқул ба гирдоби сахти зиндагӣ афтода, на ин ки аз хоҳараш хабар гирифта натавонист, ҳатто зани меҳрубон ва духтари ширинашро аз даст дод...

Инак, ҳоло, пас аз гузаштани ҳамин қадар солҳои бисьёре Ҳайдарқул боз овози Бибираҷаби худро мешунавад, боз хоҳари меҳрубонашро дар рӯбаруяш мебинад... Аммо, афсӯс, ки ҳоло Бибираҷаб на он Бибираҷаб аст, ки дар тасаввури ӯ боқӣ мондааст! Ҳоло вай пир шуда, қоматаш қадаре хам гашта, овозаш он оҳангдории худро гум карда, хаста шуда ва дар он оҳанги ҳузну алам садо медиҳанд.

— Ман хобам, ё бедор! — гуфт беихтиёр чанд қадам пеш монда, Ҳайдарқул ва ба сӯи Бибираҷаб даст дароз кард. Бибираҷаб ҳам ҷавонона худро ба поёни суфа партофта, додарашро дар оғӯш кард. Ин манзараи ғайри мунтазираро дида, Фирӯза беихтиёр ба чашмаш об гирифт, ҳамаи ҳозирон як дараҷа дар бо-

раи худ фаромӯш карда, нигарони боздиди Ҳайдаркул ва Бибирачаб шуданд. Хусусан Ойиша ба куртааш намегунҷид ва агар ҳаё монеъ намегашт, парвоз карда аз болои суфа мефаромаду тағои меҳрубонашро ба оғӯш мегирифт.

— Хӯш, ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? — пурсид ниҳоят Ҳайдаркул аз Бибираҷаб.— Мешунидам, ки дар Ғиҷдувон ҳастӣ, соҳиби духтар шудаӣ, аммо зиндагӣ имкон намедод, ки рафта, хабар гирам...

— Ха, ман ба Ғиҷдувон афтода мондам,—гуфт оби чашмашро пок карда истода, Бибираҷаб.— Аҳволамон бад набуд, мардакам,— падари Ойишаҷон, одами нағзу меҳнатӣ буд, позагарӣ мекард. Лекин Ойишаҷон даҳсола шудан баъд, нохост касал шуда, аз дунъё чашм пӯшид. Ману духтарам бекас шуда мондем. Чарху дук карда, хизмати ину-онро баҷо оварда, рӯз мегузаронидем. Лекин фалак ҳамонро ҳам ба мо раво надид... Духтарам чоркас медидагӣ шуда буд, ки нотавонбинҳо рафта, хабар додаанд. Як рӯз одамҳои амлокдор омаданду бо чӣ баҳонаҳои сохта, фиреб дода моро ба амлокдорхона бурданд. Амлокдори гӯрсӯхта гуфт, ки духтаратро ба амир тортуқ мекунем. Ман дод задам, фарьёд бардоштам, лекин фоида набахшид. Охир ба ҳамин розӣ шуд, ки худамро ҳам ҳамроҳи духтарам ба ӯрда мефиристонад. Аз Ойишаҷон ҷудоӣ надоштам... Ана, чӣ мегӯӣ, ки ба тақдир тан дода, хеста, ба ӯрдаи амир омадам. Не, хайрият, Ойишаҷон хуштолеъ баромад, мо рӯи наҳси амирро надида, инқилоб шуд...

— Хайрият, хайрият! — гуфт Ҳайдаркул.— Ойишаҷон канӣ?

— Ана, дар ҳамин ҷо! Биё, дасти тағотро зиёрат кун!

Ойиша давида, ба поёни суфа фаромаду ба Ҳайдаркул часпид.— Ҳайдаркул ӯро дар оғӯш карду аз пешонаааш бӯсид,— баъд гуфт:

— Хай-ҳай, чи тавр духтари зебо, чи тавр духтари калон шудааст, Ойишаҷони ман! Хӯш, акнун чӣ ният доретон? Дар шаҳр, дар пеши ман меистед, ё ки ба Ғиҷдувон рафта, хабар мегиред?

— Як бор ба Ғиҷдувон рафтан даркор...— гуфта монд Ойиша.

— Ха, як бор рафта, аз ҳавлӣ хабар гирем,— гуфт Бибираҷаб.— Баъд намедонам ҳоли Каримҷони мо чӣ шуд? Як писархонд доштем, номзади Ойишаҷон... Ҳамин тирамоҳ тӯй карда, домод карданӣ будам...

— Каримҷони мо будагист?—гуфт Фирӯза ба Ҳайдарқул муроҷиат карда.

— Аҷаб не,— гуфт Ҳайдарқул.— Дар ин ҷо, дар хизмати рафиқ Куйбишев — Каримҷон ном як ҷавон ҳаст, аввалҳои ҷанг аз Ғиҷдувон довталаб шуда омада буд...

— Агар довталаб шуда омада бошад, албатта Каримҷон! — гуфт нохост Ойиша, вале баъд аз гуфтааш шарм карда, ба ақиби Бибираҷаб пинҳон шуд.

— Шарм накун, ҷиянам,— гуфт Ҳайдарқул.—Агар ҳамин Каримҷони мо бахшидан ту бошад, ман аз таҳти дил шуморо муборакбод мекунам, ки ҳақиқатан ҷавони муносиб аст... Насиб бошад, тӯй мекунем, ба мурoду мақсад мераседу ҳамаи ғаму ғуссаҳоро фаромӯш мекунед! Хуб, набошад, ба рӯйхат номи шуморо ҳам менависам, Ойишаҷон! Ба Ғиҷдувон меравед... Хӯш, боз номи киро нависам, Фирӯзаҷон?

Фирӯза ба зане муроҷиат карда, пурсид:

— Холаҷон, номи шумо Маҳбуба-хола буд-а?

Занак бо аломати тасдиқ сар ҷунбонида «ҳа» гуфт.

— Аз куҷо мешавед?

— Аз Зандани.

— Киятон ҳаст?

— Намедонам, — гуфт Маҳбуба-хола. — Намедонам, ки дар муддати ин қадар соле, ки ман зинда дар гӯр будам, дар Зандани ягон каси ман монд, ё не... Даҳ сол шуд... Даҳ соли дароз аст, ки мани сарсахт аз ёру диёрам ҷудо шуда, ба ўрдаи амир афтодаам, ба ғайр аз ошхонаю кору меҳнат ягон чизи дигарро надонистам, надидам, нашунидам... Кулфату азобро дидам, ҳақорату дашномро шунидам!

Ҳозирон, хусусан Фирӯза ва Ҳайдарқул аз ин гуфтори зани азобдида хеле мутаассир шуданд ва дақиқае чизе гуфта натавониста хомӯш монданд.

— Ёлатон ба хайр! — гуфт, ниҳоят Ҳайдарқул.—

Дар даври амир тақдиру насибаи ҳамаи камбағалон ҳамин буд, хоҳарам! Хайр, ана акнун даври озод нафас гирифтани шумо расид... Хӯш, акнун чӣ хаёл доред? Аз ин ҷо баромада ба куҷо рафтанӣ ҳастед?

— Намедонам,— гуфт занаки сарсахт.

Боз дақиқае хомӯшӣ ҳукм ронд. Ҳайдарқул ҳайрон шуда монд. Мумкин аст ин хел занҳои бекасу кӯй дар байни ин занҳои ҷамъшудагӣ чандин нафар бошанд, пас чӣ бояд кард? Оё ба клуби занҳо мерафта бошанд? Наход, ки аввалин клуби занҳо бо асирони ӯрда пур мешавад? Хайр, шавад чӣ? Магар аз ин занҳои бекасу бекӯй, аз ин занҳои азобу машаққат кашида сазовортар боз касе ҳаст?!

— Ин касро ба клуб нависед-чӣ? — пурсид, нобоварона Фирӯза.

— Нағз мешавад,— гуфт акнун ба қарори қатъӣ омада, Ҳайдарқул— Ба клуби занҳо меравед?

Занак ҳайрон шуда монд. Вай намедонист, ки клубаш чӣ ва барои чӣ кор ба он ҷо мераванд.

— Ман надонам,— гуфт мулоҳиза карда истода Маҳбубахола.

— Агар дар Занданӣ ягонтаи аз авлоди мо зинда мешуд, суроғ карда меомад... Ман боз ба даргоҳи кӣ равам?

— Не, ба клуби занҳо! — гуфт Фирӯза.— То соҳибдаракатон ёфт шудана, дар клуби занҳо зиндагӣ мекунед.

— Клуби занҳоро ман надонам, чӣ хел ҷой бошад?

— Клуби занҳо,— гуфт Ҳайдарқул,— як ҳавлии калон, хонаҳои бисьёр дорад. Дар он ҷо занҳо истиқомат мекунанд, занҳо ҷамъомад мекунанд, занҳо сарукор мебаранд. Ҳамаи чор абзоли зиндагиро муҳайё карда, ба илова онҳоро мехононанд, ҳунар меомӯзанд...

— Ҳа,— гуфт, фаҳмидагӣ барин шуда, Маҳбуба,— ғарибхона гӯед?

Дар байни занҳо шав-шув шуда рафт:

— Аз ӯрда баромада, ба ғарибхона медаромадаем-дия!

— Аз борон гурехта ба новадон!

— Ғарибхона бошад-ку майлаш, боз мабодо «хонаи дигар» набошад!..

Фирӯза, ки ба занҳо қариб истода буд, ин гапҳоро шуниду лаппи карда ба Ҳайдарқул нигоҳ кард. Ҳайдарқул ҳам лаб газида, каме фикр карда истоду баъд гуфт:

— Не, ғарибхона не! Клуби занҳо, хонаи бахту саодат, хонаи ҳузуру ҳаловат, хонаи наҷоту умед, хонаи ҳалолу покизагӣ аст. Ин хел ҷой то ҳоло набуд, ин клуби занҳоро ҳукумати шӯроӣ ташкил мекунад ва нигаҳбони вай аст. Чунки ҳукумати Шӯроӣ ба занҳо ҳуқуқи пурра медиҳад, занҳоро баробари мардҳо медонад.

— Ман ҳам дар клуби занҳо кор мекунам,— гуфт Фирӯза.— Худоба шукр ман ғариб не-ку!

— Хайр, ин тавр бошад, нависед! — гуфт Маҳбуба.

Ҳайдарқул навишту ба Фирӯза муроҷиат карда пурсид:

— Боз номи киро нависам?

Фирӯза ба зани дигаре муроҷиат кард:

— Номи шумо апа Саломат буд-а?

Саломат ба ҷои ҷавоб ҳунгос зада гиря кард.

— Ҳа, ҳа? — гуфт ҳайрон шуда Фирӯза,— барои чӣ гиря мекунед? Ба шумо чӣ шуд?

— Не... ҳеҷ,— гуфт ҳуккосзанон Саломат.

— Аламаш зӯр! — гуфт Бибираҷаб.— Вай аз Ундарӣ мешавад, ба як ҷавони дилдодааш фотиҳа будааст, ки қозӣ одам фиристода, гирифта ба амир тортуқ кардааст. Ӯро ҳам дар қарибӣ оварда буданд, ба амир манзур шудагеш не. Лекин вақте ки ҳамаи аҳли ӯрдаро ба Шофирком, ба чорбоғи дар Ундарӣ будаи Олимбой бурданд, шавҳаршавандааш лоақал омада хабар ҳам нагирифт. Баъд фаҳмем, ки вай аллакай зани дигар гирифтааст. Ин духтар ба ғайр аз як амаки пир каси дигар надорад.

— Духтарам Саломат,— гуфт Ҳайдарқул.— Гиря накун, садақаи як ҷакра оби чашм кун, он хел шавҳаршавандаҳоро! Агар хоҳӣ мо туро ба Ундарӣ, ба ҳавлии амакат мерасонем, боз бахтатро меёбӣ!

— Не,— гуфт Саломат,— ман акнун ба Ундарӣ на-

меравам, даркор не. Номи маро ҳам ба вай.. чӣ буд? Ҳамун хола Маҳбуба мерафтагӣ ҷойба нависед.

— Ба клуби занҳо-мӣ? — пурсид Фирӯза.

— Ҳа, ба клуби занҳо! — гуфт Саломат.

— Майлаш,— гуфт Ҳайдаркул,— ба клуб менависам.

Дар ин дам аз берун як ҷавон, баҳодурона қадам монда, даромада омад. Вай тахминан бистсола буд. Чашму абрусиёҳ, дарозрӯ, гандумгун, ҷингиламӯ... Ба сар телпаки баррагини сиёҳи аскарӣ, ба тан кулӯча-шалвори аскарӣ, ба бозу лентаи сурх, ба сари дил ва миён қаторвазнаҳо баста шудагӣ, ба камар таппонча, ба пой мӯза... Вай ба назди столи Ҳайдаркул омаду аскарона салом дод ва гуфт:

— Рухсат диҳед, рафиқ комиссар, ба шумо супориши рафиқ Куйбышевро расонам!

— Карим!.. Каримҷон! — ин овози Ойиша буд, ки тамоми эҳсосоти пурҷӯшу хурӯш ва ҷавононаи ӯро бедор карда, ба фазои васеи он ҳавлии калон ҷарангос зад. Карим, ки мувофиқи одат ва тарбия ба сӯи занҳо нигоҳ накарда, фақат ба Ҳайдаркул муроҷиат намуда истода буд, аз шунидани ин овози ошно, ин овози матлуб ва дилнишин якбора гаранг, лол ва мабҳут шуда монд: наход ки ин ҳамон овоз аст, ҳамон хитоби ҷонбахши маҳбубаи азизи вай аст? Наход ки Карим овози Ойишаҷонашро мешунавад? Ойишаҷоне, ки барои вай аз ҳар чӣ қиматтар аст... аз ҷон, аз дил, аз сар ва аз ҳастиаш ҳам қиматтар аст?.. Вай барои халосии Ойишаҷон тайёр буд, ки сар гузорад, ҷонашро дареғ надорад. Лекин нагузоштанд... Дасту пои ӯро бастанду ба зиндон партофтанд... Пас, вай бо ёрии дӯстони мувофиқ аз зиндони амлокдори Ғиҷдувон фарор кард ва шабошаб роҳ гашта ба Самарқанд рафту ба лашкари инқилоб фидокорона дохил шуд. Чанд гоҳ ӯро санҷиданд, баъд чанд гоҳ омӯхтанд ва азбаски ҷонсупорӣ ва самимияти ӯро диданд, ба вай боварӣ калон шуд ва ниҳоят ба хизмати рафиқ Куйбышев гузоштанд...

Рӯзе, дар арафаи инқилоб, дар Когон хурсандии ӯро дида, Валериян Владимирович пурсид:

— Имрӯз димоғат чоқ, аз ҳад зиёд хурсанд менамоӣ?

— Бале, рафиқ Куйбышев! — гуфт Карим,— Ман хурсанд, ба пӯстам намеғунҷам...

— Бисьёр нағз, сабабашро гӯй, фаҳмида, ман ҳам бо ҳамроҳии ту хурсандӣ кунам!

— Хурсандии ман барои он ки,— гуфт Карим,— нагоҳ, ё фардо ба қалъаи Бухорои кӯҳна ҳуҷум мекунем, тору пуди тортанаки амoратро канда, пора карда мепартоем... ва ман бошам, Ойишаҷони худамро меёбам, ҳарами амирро зеру забар мекунаму Ойишаҷонро меёбам... ба мурoду мақсадам мерасам...

— Бисьёр нағз... аммо, агар наёбӣ чӣ?

— Агар наёбам? — Карим якбора хомӯш монду чӣ гуфтанашро надонист. Зеро ки дар ҳақиқат вай ин тарафи корро ҳеҷ фикр накарда буд. Ин суол дили шоди ӯро якбора маҳзун кард ва ҳатто як дараҷа бо ваҳм пур кард.

— Дар ҳақиқат,— гуфт ӯ пас аз каме тааммул, — дар ҳақиқат... наёфтанам ҳам мумкин. Ки медонад...

Куйбышев табассум карду аз ҷо бархост ва ба назди Карим омада, ба китфи ӯ даст монд:

— Хафа нашав, албатта меёбӣ! Ойишаи ту, чӣ тавре ки мегӯӣ, духтари ҷасур ва далер аст, туро дӯст медорад, ҳамин тавр не? Модоме ки ҳамин тавр аст, вай ҳам ба истиқболи ту кӯшиш мекунад. Албатта ҳамдигарро меёбед. Лекин фақат ёфтани Ойиша катӣ кор тамом намешавад, писарам. Баъд аз тору пуди тортанаки амoратро кандан, асоси зиндагонии нав, ҳаёти навро сохтан лозим, ки он ҳам бе ҷангу бе мубориза намешавад... Бинобар он барои корҳои калон миёнатро сахт банд, писарам.

— Ман ба хизмат тайёрам! — гуфт Карим боз рӯҳ гирифта.— Дар вақташ раҳматӣ падарам ҳам ба ман мегуфт, ки дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ хотирҷамъ ва бепарво нашав, як корро аз пеш барорӣ, кори дигар дар навбат меистад.

— Бале,— гуфт Куйбышев.— Падарат рост гуфтааст. Вай чикора буд?

— Мардикор буд... Ман ҳамин қадар дар хотир дорам, ки вай маро аз Ҳисор ба китфаш бардошта, ба

заводи пахтаи Зирабулоқ оварда буд. Дар он ҷо ҳамшаҳриҳои мо буданд, тойҳои пахтаро ба китфашон бардошта ба вагонҳо бор мекарданд. Падарам ҳам бо онҳо ҳамкор шуд. Ду сол кор кард, дар аввали соли сейӯм аз тахта лағжида, бо бор ба поён афтоду миёнаш шикаст. Чанд моҳ бемор хобида, баъд ба зӯр мехестагӣ шуд ва маро бо худаш гирифта ба Ғиҷдувон рафт. Дар он ҷо ба позарезҳо хизмат кард ва пас аз ду-се моҳ вафот кард. Ман дар ҳавлии Ойишаино мондам ва ҳамроҳи вай якҷоя калон шудем...

Ин саргузашти мухтасарро шунида, Валериян Владимирович як оҳ кашиду сар ҷунбонид ва чанд дақиқа хомӯшона ба рӯи хона қадам зада гашт.

— Бале,— гуфт вай ниҳоят на ба Карим хитобан, балки ба нуқтаи номаълуме нигариста,— бале, ин саргузашти ҳазорҳо камбағалон ва меҳнаткашон аст, ки онҳоро ба сӯи инқилоб, ба роҳи инқилоби бузург овардааст. Бинобар он аст, ки ин инқилоб ғалаба мекунад ва ба мазлумон дари бахту саодатро мекушояд. Ту албатта ба мураду мақсадат мерасӣ, албатта Ойишаро меёбӣ, Карим!

— Инак, гуфтаҳои Валериян Владимирович шуд. Карим Ойишаи худро ёфт... Ҳоло ин овоз, ин хитоби вай аст, ки Каримро ба ин дараҷа мабҳут карда мондааст.

— Лаббай? Ин... Ойиша? Ойишаҷон! — гуфт вай ва ба сӯи Ойиша беихтиёр чанд қадам гузошт. Ойиша ҳам худашро фаромӯш карда, ба истиқболи ӯ шитофт. Онҳо ба ҳамдигар рӯ ба рӯ ва ҳамнафас шуданд, вале шарму ҳаё ба миён даромаду фақат бо гирифтани дасти ҳамдигар қаноат карданд.

— Балота гирам, Каримҷон! — гуфт Бибираҷаб ҳам.— Хайрият, ки туро сиҳат ва саломат медидем!

— Салом бибиҷон! — гуфт Карим.— Шумо сиҳат ва саломат ҳастед?

— Шукр, шукр! Аз инқилоб гардам, ки боз моро ба ҳамдигар расонид. Ҳар чӣ рӯи наҳси амирро надида, ба рӯзи равшан расидем.

Ҳайдаркул, Фирӯза ва занҳои болои суфа ҳама аз ин боздид, аз ин вохӯрии ду ҷавон хурсанд шуда, беихтиёр шоҳиди гуфту гузори ширини онҳо шуданд.

— Ба худо сад ҳазор бор шукр, ки ман додари худам, Ҳайдаркулро ёфтам, Каримчон моро ёфт.

Аз ин хабар Карим боз хам ҳайрон ва боз ҳам хурсанд шуд.

— Наход ки ин рост бошад-а? — мегуфт вай.

— Ҳа, Ҳайдаркул тағои ман мешаванд! — мегуфт Ойниша шодкомона.

— Хайр,— гуфт ниҳоят Ҳайдаркул ба Карим хитоб карда.— Шумо чӣ гуфтанӣ будед, Каримчон?

— Мебахшед, рафиқ комиссар,— гуфт Карим,— ман Ойишачонро дида, худамро гум карда мондам... Рафиқ Куйбышев шуморо дидан мехоҳанд. Имрӯз дар соати панчи бегоҳӣ мунтазири шумо мешаванд.

— Бисьёр хуб, албатта меравам,— гуфт Ҳайдаркул.— Ман ҳам аз шумо, Каримчон, як илтимос дорам: чӣ мешавад, агар ки аз рафиқ Куйбышев ичозат пурседу Ойишачонро бо модараш ба Ғиҷдувон бурда, монда баргардед?

— Ин орзуи ман аст! — гуфт Каримчон.

— Ҳамин рӯз меравем! — гуфта монд Ойиша.

— Набошад, мо рафта, латта-саттиҳоямонро ғундорем,— гуфт Бибирачаб ва мехостанд, ки гузашта ба хона дароянд, аз беруи Асад Махсум, бо ду нафар одами худ даромада омад ва бо қирраи чашм Ойишаро дида монд, ки аз хурсандӣ сарбандашро ба рӯйш нагирифта буд. Вай дар умри худ, гӯё ин тавр духтари зеборо, ин тавр ҳусну чамоли баркамолро надида буд. Он чашму абрӯи сиёҳ, он қавокҳои баланд, он лабулаҳои қурс барин зебо ва шинам, он қалубасти латиф ва дилбар беихтиёр Асад Махсумро чанд қадам ба сӯи худ кашид. Вай фаромӯш кард, ки барои чӣ кор омада буд ва дар он чо киҳо ҳастанд, чӣ кор карда истодаанд... Ба назди Ҳайдаркул баргашту пеш аз саломҳу алейк гуфт:

— Ин парчехра кӣ будааст? Наход, ки аз ҳарами амир?

— Салом, Махсум! — гуфт Ҳайдаркул сахт карда,— хизмат?

Салом пуртаъсир ва гуфтори чиддии Ҳайдаркул Асадро ба ҳуш овард:

— Салом, салом! — гуфт вай саросемаворона... Мебахшед, рафиқ комиссар, чеҳраи зебои духтарон ҳамеша маро аз худ бегона мекунад... дили омӯхта бало, мегӯянд, рост аст. Ин духтарро дидаму саломуалейкро ҳам аз хотир баровардам...

— Ин духтар соҳиб дорад, Махсум, нагз не!

— Занону духтарон акнун озод ва бесоҳиб шуданд! — гуфт ханд\ида Махсум.

— Вай ҷияни ман мешавад,— гуфт ба таври ҷиддӣ Ҳайдаркул — Каримҷон домодшаванда!

— О, муборак шавад, муборак шавад! — Махсум ба Карим рӯ овард.— Ман надонистаам, узр мехоҳам!.. Канӣ, тӯй кай?

— Насиб! — гуфта монд Карим.

— Аммо бе ман тӯй накун, ки хафа мешавам, Каримҷон! Ҳа, донистa бош!..

— Вақти мо кам... Занҳо мунтазир нишастаанд! — гуфт Ҳайдаркул боз миёни сухани Асадро бурида.— Хизмат бошад, марҳамат!

Ин дафъа Асад Махсум ба Ҳайдаркул тамом наздик шуду бо овози паст гуфт:

— Агар иҷозати шумо шавад, ман ба худи пошшобибӣ як гап дорам.

— Чӣ гап?

— Мо як ҳиллаи ҳарбӣ фикр карда баромадем: барои бегуфтугӯ ва беҷангу хунрезӣ таслим кунониданн душманҳои ҳукумати шӯроӣ як мурожиатнома аз номи модари амир тартиб додем, ба ҳамин мӯҳр монда гирифтан лозим.

— Бе ҳилаю макру фиреб кор кунем, беҳтар немӣ? — пурсид Ҳайдаркул.

— Мумкин, албатта...— гуфт Асад ва пас аз мулоҳизае давом дод: — Лекин хунрезӣ мешавад! Ҳозир дар атрофи Бухоро майда-майда дастаҳои босмачиҳо пайдо шуда истодаанд. Ҳар шаб як қишлоқро зер мекунанд, талаю тороҷ мекунанд. Солдатҳои роҳгузарро кушта, милтиқу аслиҳаашонро мегиранд... Ман шабу рӯз ором у қарор ва хӯру хоб надорам. Бо кадом яктои ин дастаҳои майда ҷанг мекунед?! Кошкӣ онҳо гурехта нагарданд... Бинобар он мегӯям, ин мурожиатнома

ба ҳар ҳол як дараҷа пеши роҳи онҳоро мегирад, шояд таслим ҳам шаванд...

Ҳайдарқул мулоҳиза карда истоду рухсат дод.

Асад Махсум аз назди Фирӯза гузашта, ба пеши дари даҳлези хонаи калон рафт. Фирӯза ва Ҳайдарқул боз ба кори рӯйхатгирӣ давом додан гирифтанд. Карим камтар нигоҳ карда истоду аз Ҳайдарқул рухсат гирифта рафт, ки барои ба Ғиҷдувон бурдани Ойниша ва модараш иҷозат пурсад ва баъд ягон аробае ёфта биёрад.

Аммо Асад Махсум ба даҳлизи хонаи калон даромада, аз паси дари хона истода, хоҳиш намуд, ки модари амир наздиктар биёяд ва баъд гуфт:

— Ассалом, ҷаноби пошшобибӣ! Ман Асад Махсум мешавам, писари қозии Бойсун... Ба шумо ҷаноби Мирзо Муҳиддин Мансуров салом мерасонанд.

— Салом нарасонида, охир шавад, вай кӯрнамак! — гуфт пошшобибӣ.— Аз давлати кӣ вай ин қадар бою бадавлат шуда рафт? Аз давлати кӣ вай Мирзо Муҳиддин шуд? Аз давлати амир Олимхон не?! Наход ки кас ба соҳибдавлаташ хиёнат кунад?

Асад як дараҷа чӣ гуфтанашро надониста монд. Охир, ин кампири зормонда, маънои инқилобро надонад, ҳамаи ин ҳодисаҳо, ҷангҳо, хунрезиҳо ва инқилобро бурда ба шахсияти Мирзо Муҳиддин бандад, ба вай чӣ мегӯед?! Мирзо Муҳиддин ҳам ғалатӣ... Ба кампир салому таҳният гуфтан чӣ лозим буд? Вай ин супоришро қабул кард, фақат барои он ки мақсади худашро гуфта, ба мурожиатнома мӯҳр мононда гирад. Аммо ин кампири лаққӣ чиҳо гуфта истодааст?!

— Ҷаноби Мирзо Муҳиддин гуфтанд, ки,— гуфт ниҳоят, ба гуфтаҳои кампир аҳамият надода,— шумо ҳеҷ парво накунед, боҳузур дар ҳамин ҳавлӣ бо наздикони худ истиқомат кардан гиред. Аз ҳар чӣ ки камбудӣ шавад, дарҳол як хатча навишта ба он кас фиристонед, зуд мушкил осон мешавад.

— Хайр...— гуфт модари амир аз паси дар ва пас аз каме илова намуд: — Аз ҷаноби олӣ чӣ хабар? Он кас дар куҷо бошанд?

— Ҷаноби олӣ дар Душанбе — Ҳисор, мегӯянд... Ҷангҳо тамом шаванду ҷаноби олӣ ба ягон ҷо қарор

гиранд, баъд шуморо ба назди он кас мефиристонанд. Лекин, ҳоло пеш аз ҳама хотирҷамъи ва осудагӣ лозим аст. Дар атрофи Бухоро як тӯда сарбозҳо, шербачаҳо ва ғайра тарафдорҳои амир бедарак хунрезӣ карда, мардумро безобита мекунанд. Мирзо Муҳиддин мегӯянд, ки аз ин задаиҳо ҳеҷ суде нест, ба ғайр аз зарар ва хасарот! Мо нағз медонем, ки он ҳазрати пошшобибӣ занфи оқила ва доно мебошанд. Бинобар он аз номи шумо як нома навиштем, ки ҳамаи ин тӯда ба ман таслим шаванд ва мо як қӯшуни пурқувват ва тавоно сохта гирем, ана баъд ҳар чӣ хоҳем кардан мегирем. Яроқу аслиҳаро мо меёбем, аммо муттаҳид шудан лозим. Агар ин тавр ҷудо-ҷудо бошему хуни бародарони худро рехта гардем, урусҳо омада, боз ҳамаро қир мекунанд. Ана, агар ин нома ба шумо маъқул шавад, мӯҳри табаррукиро мемонед, бисьёр хуб мешуд...

— Қӯшун тартиб дода,— гуфт пошшобибӣ,— ту чӣ кор кардан мехоҳӣ?

Асад Махсум боз ҳайрон шуд. Ба дилаш мегуфт, ки ин кампирро содда гумон кардагиҳо ман барин аҳмақ бояд бошанд! Ина тамошо кунед, ки кампири номбоб чӣ мехоҳад! Ман бояд ба вай ҳамаи марому мақсадамро гуфта диҳам... Не, оначон, ин асрорро ҳоло ҳеҷ кас нафаҳмидааст ва фаҳмида ҳам наметавонад!..

— Мамлакат бе қӯшун набояд бошад! — гуфт Асад ба таври муғлақ.— Мо пурзӯр шуда истем, ба мо тааррuз намекунанд.

— Саид амир Олимхонро гашта ба тахташ мешинонӣ?

Боз ва боз Асад ҳайрон шуд. Агар гӯяд, ки «ту номаъқул кардӣ, амир дигар дар хоби шабаш ҳам Бухороро намебинад!», ин кампир ба мурочиатнома мӯҳр намемонад, агар гӯяд, ки «ҳа, амирро боз гашта оварда ба тахташ мешинонам», гапи дурӯғ мешавад ва шояд ба гӯши калонҳо расида монад, нағз намешавад. Бинобар он гуфт:

— Баъд мебинем, канӣ корҳо чӣ хел мешавад. Аммо шумо ба ин нома имзо монед. Обрӯю эътибори шумо бардошта мешавад, мардум ки аз хунрезӣ ба танг

омадаанд, номи шуморо шунида, дуо мекунанд. Бисьёр нагз мешавад.

— Хайр, канӣ он коғазат?

Асад мурочиатномаро ба хона дароз кард. Модари амир Оймуллои танбӯрро чег зад:

— Инро хонда те, канӣ чиҳо навиштааст?

Оймулло мурочиатномаро кушода хонда дод. Дар он аз номи пошшобибӣ гуфта мешуд, ки фукароҳои шӯришгар ва бояроқ ба мукобили ҳукумати шӯрой чангида истода, зуд бояд таслим шаванд, зеро ки ин ҳукумати нави Бухоро ҳақиқатан ҳукумати одил ва фукаропарвар аст ва пошшобибӣ дар сояи давлати ин ҳукумат осудаю тинч зиндагӣ мекунад. Ин ҳукумат ҳам ҳукумати ислом ва азони худӣ аст...

— Баъд чӣ? — гуфт модари амир норозиёна.— Боз чӣ навишта шудааст?

— Ҳамин... дигар чои имзо ва мӯҳри чаноби шумо! — гуфт Оймулло ва мурочиатномаро сӯи модари амир дароз кард.

Кампир онро бо дастони ларзонаш гирифту дакикае нигоҳ карда истода гуфт:

— Ту писари гумроҳи козии Бойсун, ба ҳар ҳол нону намакхӯрдаи хонадони мой! Аз ту айбу шарм немӣ, ки ба зери ин сафсаттаи дурӯғ мехоҳӣ, ки ман мӯҳри худамро монам?!

Писари козии Бойсун дид, ки бо ин кампир аз роҳи фиребу макру найрангбозӣ наздик шудан ва корро буд карда гирифтан илоч надорад. Аклу идрок ва фаҳми кампир зиёдатар аз он баромад, ки Асад гумон карда буд. Бинобар он ба таври чиддӣ гуфт:

— Аввалаш ҳамин ки ин сафсатаи дурӯғ не...

— Одил ва фукаропарвар будани ҳукумати туро ҳоло санчидан даркор аст. Ҳалво гуфтан катӣ даҳон ширин намешавад!

— Ба ҳар ҳол, барои мурочиатнома, ин гапҳо зарур аст!

— Яъне ки гар зарурат бувад раво бошад! — хандид бо тамасхур модари амир.

Асад, кариб буд, ки ба мағлубияти худ икрор кунад ва бо дасти хушк баромада равад. Лекин модари

амир аз боби дигар гап сар карда, мушкили ӯро ҳал кард:

— Чи тавре ки бо забони худат ба ман гуфтӣ ва дар ҳақиқат ҳам рост аст, ки ғозиёни ислом дар мулки Бухоро паҳну парешон шуда рафта, ҳар кадоме, бо тӯдаи майдаи худ ҷиҳод мекунанд ва зуд аст аз беқувватӣ мағлуб шаванд, ин хуб не. Агар ту дар садади иттиҳоди онҳо бошӣ, агар ту барои барқарор намудани давлати ҷаноби олӣ ҷои кохонӣ, ман метавонам ба дасти ту чунон васиқаи зӯр диҳам, ки қувваи Ҳотами Сулаймонро дошта бошад! Дуруст аст?

Асад ба ин таклифи ногаҳонӣ ва ҷасуронаи модари амир, ки то имрӯз ӯро як зани нодони ойёш ва қадимӣ гумон мекард, ҳайрон монд.

Вай дақиқае фикр карду баъд гуфт:

— Гапатон дурусту лекин ба ин нома ҳам мӯҳр мондан лозим мешавад... Зеро ки барои ҳамин кор маро ба ин ҷо, ба назди шумо рухсати даромадан доданд, набошад, имкон набуд. Аммо, вай: «Ҳотами Сулаймон», албатта гапи дигар! Ман ба шумо, подшобибӣ арз мекунам, ки бо қувваи валоят ва авлиёгӣ аз замири дили ман бохабар шудед ва боварӣ дорам, ки ин роз дар байни мо мемонад. Дар ҳақиқат қувваҳои парешони муҷтаҳидони исломро муттаҳид кардан, ба як ҷо ҷамъ кардан лозим аст. Ин ягона мурод у мақсади ман аст. Агар худо қувват диҳаду ҷаноби шумо фотиҳаи хайр диҳед, ман ба садади ин кор мешавам.

— Майлаш ин мурочиатномаро мӯҳр монда медиҳам,— гуфт модари амир, Асадро хурсанд карда,— лекин инро ба Ҷабборқӯрбошӣ ва ё ягон сарлашкари калони дигар нишон нате, ки бовар намекунанд. Пагоҳ ҳамин вақт биё, ман ба ту як васиқаи дигар тайёр карда медиҳам, ки худат ҳам хурсанд мешавӣ. Лекин ба ваъдаат бояд вафо кунӣ, набошад, талаф мешавӣ, туро худо мезанад!

— Бисёр хуб,— гуфт Асад, вале ба дилаш мегуфт, ки: ту ба ман мурочиатнома ва васиқаи гуфтагиатро мӯҳр карда те, он тарафашро худам медонам...— Албатта ба ваъда вафо кардан аз ман расад! Лекин пагоҳ ба назди шумо омадани ман ғайри мумкин аст,

намемонанд ва... боиси шубҳа шуданам аз эҳтимол берун нест.

— Ман ба Мирзо Муҳиддин хат навишта медиҳам, пагоҳ ҷавоби онро гирифта меорӣ!

— Майлаш! — гуфт Асад ва мунтазир шуд.

Пошшобибӣ ба Оймуллои Танбӯр муроҷиат кард:

— Навис! Мирзо Муҳиддин-бой! Аз меҳмоннавозиҳоят хурсанд ҳастем, дар зери сояи давлатат сиҳат-саломатем. Дар гирди Қоплон чатмаи аскарҳоятро боз ҳам бисьёртар кун, ки мабодо гурехта наравем. Майлаш, ихтиёрат! Лекин ба одамҳо рухсат деҳ, ки даромада, баромада гарданд. Агар боз меҳрубонӣ карданӣ бошӣ, бо дорандаи ин мактуб дар бораи саломатии амир Олимхон ба ман хабар фиристон! Ягон сабад анори ғурбун ёфта диҳӣ бад намешуд. Пагоҳ мунтазири ҷавобат мешавам. Пошшобибӣ.

Оймулло мактубро навишта ба пошшобибӣ дод. Вай мӯхр монду ба Оймин дастурхонҷӣ дароз кард, ки ба Асад супорад.

— Муроҷиатнома? — гуфта Асад пурсид.

— Ҳа, нома...— гуфт кампир бо тамасхур ва ба зери он низ мӯхр монда дод. Асад муроҷиатномаро гирифта, ташаккур баён карду аз паси дар дур шуд. Пас, Оймуллои Танбӯр ба пошшобибӣ муроҷиат кард:

— Ҳазратам,— гуфт вай.— Акнун ба ман ҳам иҷозат диҳед, ки ба ҳавлии худам равам. Ғуломатон-бобозаргар аз ғусса ба ҳалокат наздик расидааст...

— Ҳа, ту ҳам мегурезӣ?!

— Не, ман ҳар вақт омада, хабар гирифта меравам.

— Агар набиёӣ, ба Мирзо Муҳиддин менависам, аскар фиристонда, пеш андохта мебиёранд.

— Ба он ҳоҷат намешавад, иншооллоҳ!

— Хайр; майлат, рав, иҷозат! Лекин аввал як номаи худамонро нависем, қоғазу қалам тайёр кун!

Оймуллои Танбӯр таъзиме карду берун баромад ва як оҳи сабуке кашид.

## 6.

Шабҳои тирамоҳ дар атрофи Бухоро хунук мешаванд. Хусусан дар ялангии пули Меҳтар Қосим![1] Аз сатҳи дарьёи Зарафшон шамоли сарде вазида, одамони либостунукро ба худ меларзонид. Тақрибан чор-панҷ чақирим дар гирду атроф дарахте, кишлоке ва ободоние наменамоянд. Фақат дар сари пул якчанд сарой, панҷ-шаш дӯкон ва ду-се ҳавлию хонаҳои похсагӣ ҳастанд, ки гирду пеши онҳо низ аз дарахт орӣ, ҳама ҷо шӯразор, саб-сафед намак заҳида хоб кардааст, ки ҳатто дар шаби торик ҳам андак равшан метобад.

Дар тарафи чапи пул, ки роҳ гузашта ба сӯи Ғиҷдувон меравад, дар пасхамии дарьёбод панҷ-шаш нафар одамони мусаллаҳи таппончаю милтиқнок роҳро поида хоб мекарданд ва ҳамаашон аз хунукӣ дағар-дағар меларзиданд.

— Наим, ҳо Наим! — гуфт яке аз онҳо ларзида истода.— Ин хунукӣ аз ҳаво бошад, ё ки аз дарьё?

Наим гап назаду ба роҳ нигоҳ кард. Аз дур, дар он тарафи пул сояи торики ховаю дӯконҳо ба зӯр менамуд, дигар на дар болои пул ва на дар ҷои дигар сояи ҷунбанда ва ҳаракаткунандае набуд. Ба ғайр аз шилдир-шилдири оби андаки дарьё овозе ҳам шунида намешуд. Ҳаво абр буд ва ягон ситорае ҳам равшанӣ намедод.

— Наим! Ҳо Наими Талх!— гуфт боз ҳамон шахс.— Чиба гап намезанӣ?!

— Чӣ гӯям?

— Ту ҳам ман барин меларзи-мӣ?

— Не!..

— Ин ларзиши бадани ман аз чӣ бошад?

— Аз тарс!

Як-ду кас пиққос зада хандиданд.

— Чӣ механдед?! — гуфт шахси аввала.— Шумо наметарсед магар?!

— Саид Акрам! — гуфт дӯғ зада, Наим,— овозата гир ки набошад...

---

[1] Пули Меҳтар Қосим ба болои дарьёи Зарафшон, дар қарибии Вобканд буд.

— Чӣ кор мекардӣ?!

— Ба Махсум рафта мегӯям, ҷазота дода мемонад!

— Махсумат дар ҳуҷраи гармакаки сарой бо дӯстонашон кайф карда хобидаанд, мо бошем, дар ин ҷо роҳ мепоем!.. Боз ҷазои моро дода мемондаанд! Тавба, лоақал дар байни худ гап ҳам назанем?

— Гап занӣ ҳам оҳистатар гап зан, лаин! — гуфт Наим.— Ту чизайлии роҳзан, ки аз хӯсидани «шикорат» мулоҳиза намекунӣ?

— Ман роҳзан не, ман роҳзана мекуштагӣ!

— Гир гургата! — гуфта монд кадоме, боз ҳама хандиданд.

— Чӣ механдед? Хайр, ҳамин тавр не, Наим? Гап зан! Мо роҳи киро поида истодаем? Махсум нагуфт, ки кадом як босмачӣ бояд зану духтареро аз ин ҷо гирифта гузарад, мо бояд аз дасти вай асираҳоро халос кунем?

— Дуруст,— гуфт Наим ва дар зери лаб табассум карда монд, ки дар торикӣ касе надид.

— Исто ки босмачӣ албатта якка намешавад? Агар онҳо бисьёр бошанду қасара-қусур милтиқпаронӣ кунанд, мо чӣ кор мекунем?

— Қочмаган номард![1] — гуфта монд кадоме.

— Мо ҳам қасара-қусур мекунем-дия — гуфт дигаре.

— Хотирҷамъ бош! — гуфт Наим,— аз ду кас зиёда не!..

Онҳо хеле мунтазир нишастанд, вале аз роҳи калон гузарандае набуд. Ниҳоят, қариб дар тарафи Шарқ домани осмон сафедча тофта буд, ки Наими Талх аз ҷо бархосту дасту пои шахшудамондаи худро ёзонид ва гуфт:

— Хап поида шинетон, мабодо хобида намонед! Ман рафта, аз Махсум хабар гирифта биёям.

Наим ба пеш бо диққат синча карда, оҳиста-оҳиста ба роҳи калон бароmаду ба сӯи он тарафи пул равон гашт. Ҳаво боз ҳам сардтар мешуд, дар болои пул хур-хури шамол зиёдатар гардид. Иморатҳои он

[1] «Ҳар кӣ нагурехт, номард аст» — *ӯзбекӣ*.

тарафи пул қалъаҳои афсонавӣ барин метофтанд. Дар заминаи тираю торик он иморатҳои пасту ҳақирона ба назари Наим чун кӯҳпораҳои аз осмон афтода, чун кирҳои сурмаранг пеши роҳро гирифта меистоданд.

Пас аз ба охир расидани пул, дар ду тараф ду чойхонаи калон буд, ки ба сӯи дарьё ва роҳи калон айвону кату суфаҳо доштанд. Пас аз чойхонаҳо дусе дӯкони баққолу аттор ва баъд дарвозахонаи саройҳо аз тарафи чапу-рост менамуданд. Дар миёни кӯчаи калоне ба вуҷуд омада буд, ки давоми роҳи Бухоро — Ғиҷдувон буд. Наими Талх ба охири пул расида буд, ки аз даруни ҳавлии чойхона хурӯсе ҷег зада монд ва пас аз дақиқае овози дағалонае пурсид:

— Кист? Ака Наим, шумо-мӣ?

— Ҳа, Шербой, бедорӣ? — пурсид пештар рафта Наим. Аз паси кадом деворе сояи одаме намудор шуд, ки дар даст милтиқ дошт ва ба Наим наздик шуда гуфт:

— Бедор... дар ин хунукӣ хоб мебарад-мӣ?!

Вай мардаки чорпаҳлу, ҷунг ва дағале буд. Ба сар телпаки баррагии бухороидӯхт, ба тан кулӯча-чалвори сиёҳранг, ба по мӯза дошт. Риши сиёҳи калонаш тамоми рӯяшро фаро гирифта ва дар торикӣ рӯи ӯро боз ҳам сиёҳтар карда, нишон медод. Аз байни он сиёҳии мудаввар ду чашми гурбагии вай ҳар замон барқ зада, намуда меистод.

— Ҳӯҷаинҳо хоб карда бошанд? — пурсид Наими Талх.

— Намедонам, ягон соат шуд, ки аз тарафи Бухоро омаданд...

Наим ҳайрон шуду лекин дигар напурсид ва ба сӯи дарвозаи сарой рафта-равон гуфт:

— Хайр, боҳабар исто, агар аз тарафи Бухоро ароба намоён шавад, ба одамҳои ман ишора карда, маро хабардор кун!

— Майлаш! — гуфта монд Шер.

Наим дарвозаи нимроғи саройро кушода ба дарун даромад. Дид, ки посбон ба болои чӯволҳои ба таки девори хона чида мондашуда, нишаста, милтиқ дар оғӯшаш хобида мондааст. Наим милтиқро оҳиста аз бағали вай гирифт. Посбон ҳам, гӯё ҳаминро мехост,

ки дарҳол яктарафа лӯнда шуда ба хоби маст фурӯ рафт. Наим, милтиқ дар даст, аз ҳамгашти хона нагузашта, оҳиста сулфида монд. Вай медонист, ки дар он ҷо, дар таки айвон ва даромади хона кали Оқилов ҷою-ҷогаҳ карда, бедор хоб мекунад ва ҳар сояи шубҳаоварро нопурсиш парронда монданаш мумкин. Аммо ҳоло ба сулфидани Наим касе овозе набаровард ва Наим тарсида-тарсида ба таи айвон наздик шуда, дид, ки кали Оқилов гӯё, ба даруни ҷогаҳаш хобидааст.

— Ака Оқил, ҳо ака Оқил! — гуфт бо нимовоз Наими Талх. Ба ҷавоб аз таи суфаи айвон касе ғурунгӣ карду пас аз сонияе аз поён сояи Оқилов намудор шуд.

— Дар он ҷо чӣ кор карда гаштед? — пурсид Наим.

— Замона ҳодис! — гуфт Оқилов.— Осудатар хоб кунам гуфта будам. Хӯш, чӣ гап?

— Ҳеҷ гап не, гапро аз шумо пурсам гуфта омадам. Ба ҷоятон кӣ хобидааст?

— Ҳеҷ кас не, лӯла! — гуфт кали Оқил ба болои лӯла нишаста,— гапро аз мо шуниданӣ бошӣ, гӯш кун! Бачағарҳо шабона ба роҳ набаромадаанд. Бояд саҳар ҳаракат кунанд. Мо рафта, аз Ситорамоҳхосса телефон карда, фаҳмидем. Ҳоло ту рафта аз дӯкони баққолӣ нону ангур гирифта, ба бачаҳо бурда хӯрон. Ҳоло хавотир нашаветон ҳам, мешавад. Акнун, эҳтимол баъд аз офтоб баромадан пайдо шаванд. Ҳеҷ боке не... Боз ҳамон нақша, ҳамон гуфта, ҳамон кор...

— Аввали рӯз чойхонаю саройҳо кушода шуда, одамҳо пайдо мешаванд...

— На сарой кушода мешавад, на чойхона! — гуфт бо қатъият кали Оқилов.— Махсум ҳамаи саройбонҳо ва самоворчиҳоро оварда, касам дод. Дар ин ҷо ҳеҷ кас пайдо намешавад, хотирҷамъ...

— Ҳа, ин тавр бошад, майлаш! — гуфт Наим.— Набошад, ман нону ангур гирифта меравам... Хӯҷаин хоб-мӣ?

— Хоб... Бисьёр ҳалок шуд. Ман ҳам мехобам, ягон соат дам гирам... рафта истода қаровулҳоро ҳушьёр карда мон!

— Хушьёр мекунӣ! — гуфт бо истеҳзо Наим.— Ана, яктеш ба болои ҷуволҳои чав кайф карда хобидааст, ман милтиқашро гирифта омадам.

— Наход? Ҳамин қаровули даруни дарвоза-а? Ё тавба! — кали Оқилов оташин шуд.— Қанӣ, биё рафта бинем.

Онҳо аз ҷо бархоста, ба тарафи дарвоза равон шуданд, вале дар паси хона, дар болои ҷуволҳои чида монда шудагӣ касеро наёфтанд. Наим дар торикӣ ба чизе чашмаш афтода, бардошта дид, ки қаторвазна будааст.

— Гурехтааст! — гуфт Наим.— Бедор шуда, набудани милтиқро дида, қаторвазнаро монда гурехтааст.

— Одами ёфта овардагии ту! — гуфт кали Оқилов таънаоварона ва ҳар ду аз сарой берун баромаданд. Дар кӯча Шер мегашт. Вай гуфт ки қаровули даруни ҳавлӣ ду-се дақиқа пеш аз ин баромада, ба поён, ба лаби дарьё фаромадааст, ки об хӯрда, таҳорат кунад.

— Гурехтааст,— гуфт ин дафъа кали Оқил.— Лекин ҳозир тапар-тупур карда, ба истироҳати Махсум халал додан хуб не, баъд ёфта мегирем, дур рафта наметавонад, ба даст меафтад... Хайрият ки қаторвазнаро монда рафтааст. Майлаш, аз он сарой рафта, Ҳамдамчаро фиристон, хобидагеш кифоя, омада қаровулӣ кунад.

— Хуб! — гуфт Наим ва ба сӯи дӯкони рӯ ба рӯ рафта-равон аз хаёл гузаронид, ки дар ҳақиқат бисьёрии одамҳои Асад Махсум ба имо маътал шуда гаштаанд. Худо накарда бо босмачӣ-мӣ, бо каси дигар-мӣ ягон ҷанги сахт шуда монад, аввал худи Наим «ҷуфтака музоаф» [1] мекунад, баъд дигарон... Ин хуб не, албатта, лекин чӣ илоҷ, одамизод — шири хомхӯрда!..

Саҳари барвақт, ҳанӯз офтоб пахн нашуда, аробаи онҳо ба роҳ даромад. Дар як тарафи пештахтаи аробаи кӯтак худи аробакаш, мардаки қоматбаланд, қоқинаи кулӯтариш нишаста асп меронд, дар тарафи дигараш Карим, дар тан аз болои кулӯча-чолвори ҳар-

[1] Ҷуфтака музоаф кардан — яъне гурехтан.

бӣ ҷомаи кампахтаи алочаи каждумакӣ пӯшида, ба сар калапӯши ироқии нимдошт гузошта буд. Дар ин сару либос ҳам Карим ба чашми Ойиша зеботар шуда метофт ва ӯ аз бахту саодати худ фахре дошт... Дар паси Карим Ойиша менишаст. Ба сар фаранҷӣ, ба рӯ чашмбанде аз докаи сафед партофта буд. Дар рӯ ба рӯяш, аз паси аробакаш Бибираҷаб менишаст, ки ба рӯяш чашмбанди сиёҳ аз мӯи думи асп ва ба сар фаранҷии нимдошт буд. Дар охири ароба буғча, халта ва хӯрҷинҳоро гузошта буданд.

— Агар шаб ба роҳ мебаромадем,—гуфт Ойиша,— ҳозир дар ҳавлӣ мешудем...

— Нағз ки тағот рухсат надод,— гуфт Бибираҷаб.— Шабкатӣ дар ин замонаҳои пурхатар ба роҳ баромадан — девонагӣ!

— Не, роҳҳо хотирҷамъ! — гуфт Карим.— Хусусан роҳи Ғиҷдувон... ҳар вакт аскарҳо, одамони Асад Махсум рафта-омада мегарданд. Аммо ба ҳар ҳол рӯзона рафтан нағз-дия... Ана, беруни шаҳр чӣ тавр хуб! Ҳавои софу салқин... чанг нест... Ана ин галаҷӯй... Ох, рӯди Пирамасти мо чӣ тавр бошад? Қай боз надидем... Рафта, худи ҳамин рӯз оббозӣ мекунам!

— Насиб! — гуфта монд Бибираҷаб.

Карим дар ҳақиқат, дирӯз барвақттар аз кораш халос шуда натавонист. Баъд аробаковӣ кард, ниҳоят ҳамаи корро зилу бом карда, ба хонаи Ҳайдарқул амак рафт, ки Ойишаинорo бор карда, ба Ғиҷдувон раҳсипор шавад, нашуд, Ҳайдарқул иҷозат надод. Маҷбур шуданду Карим ҳам, аробакаш ҳам дар ҳавлии майдаи Ҳайдарқул амак, ки ҳамон ҳавличаи аз Дилором-каниз мондагӣ буд, ба рӯи ҳавлӣ хобида, саҳар ба роҳ бароянд. Ҳайдарқулро соати чори саҳар омада чеғ зада бурданд. Вай бо ҳохару ҷиянашу Карим хайру хӯш карда, баромада рафт. Хонагиҳо низ, дигар нахобиданд...

Карим ба ду тарафи роҳи калон, ки дарахтзор ва обод буд, нигоҳ карда, аз латофати саҳарии боғзори атрофи Бухоро лаззат мегирифт. Аспи бардами зӯр, гурс-гурс қадам монда, аробаи ҷангарросии навро (ки подшоҳӣ буд) гулдурросзанон гирифта пеш мебурд. Карим ҷавони оташмизоҷ, бағайрат ва серҳа-

ракат ва дар айни замон андаке шоирмизоҷ ҳам буд. Гоҳо хаёл карда истода, аз орзу ва ниятҳои ҷавонӣ қасрҳо месохт: аз рӯи замин ҳамаи нопок, золим ва хунхорҳоро нест карда, дар ҳама ҷо боғҳои мевазор, шаҳрҳои обод бунъёд карда, дилдор бо дилдораш бо айшу нӯш зиндагӣ кунад, бозорҳо обод бошад, кас ҳар чизи дилхоҳашро бемалол ёфта гирад... роҳи Ҳисор кушода шавад, вай бо маҳбубаи худаш — Ойниша ба фойтуни ойинакорӣ нишаста ба ватани падару бобоҳояш равад, дар кӯҳҳо сайру саёҳат кунад... Дар ҳама ҷо бо Ойниша бошад, ҳар корро бо ҳамроҳии Ойниша кунад, бо Ойниша фахр кунаду бо Ойниша нозад...

Ба Ойниша ошиқ, ошиқи беқарор буд. Дилашро, дили ҷавонашро бо ҳамаи оташу ҳарораташ ба вай дода буд, фидо карда буд. Азбаски «чашм кушода» Ойнишаро дида буд, ақида дошт, ки дар дунъё дигар чунин духтари зебо, чунин духтари дилбар ва маҳлико вуҷуд надорад. Бибираҷаб бошад, ба ӯ мисли модар буд. Зеро, пас аз вафоти падараш, ки вай тамом бекас шуда монда буд, ҳамин зани хушмеҳр бо лутфу эҳсони худ ӯро нигаҳбонӣ кард ва саробонӣ намуд. Дар ин оила, ки манзилгаҳи ишқу муҳаббат, сарчашмаи лутфу эҳсон, поктабиатӣ ва инсоният буд, ҳо вай, ҳам писар ва ҳам домод ва ҳам ягона марди хона мешуд. Ҳоло ки пас аз ҳамин қадар даҳшатҳо, пас аз ҳамин қадар ноумедиҳо, пас аз ҳамин қадар ҷангу талош боз ба маҳбубаи худ расидааст, дилаш ғум мезад ва аз фараҳу сурур пур ва лаболаб буд. Ба назараш ҳама чиз нағз, зебо ва дилкаш менамуд, боғу токзори атрофи роҳ, осмони софу беғубор, чир-чири ҳашаротҳо, чаҳ-чаҳи мурғон, тақар-туқури ароба, худи аробакаш, тарзи яктарафа нишаста, бо виқори махсуси аробакашони классикӣ ароба ҳай кардани вай, саллачаи дугазаи хокистарранг ва фаши думи вай, саллачаи ... ва ... ҳаракатҳои осудаҳоломушини он, қамчини дарозаш, ҳаракатҳои осудаҳоломушини он — ҳама, ҳама ба Карим маъқул... Роҳ гаштани вай — ҳама, ҳама ба Карим маъқул... Роҳ гаштани асп, абзоли вай, ранги тиллоии вай, роҳи калон, ҷӯйҳо, кӯпрукҳои сангин, қишлоқҳои сари роҳ... ба чашми вай зебо метофтанд.

Вай бо тамоми ҳастии худ ҳис мекард, ки дар ақи-

баш, як ваҷаб аз вай дуртар ҷононаш нишастааст. Ӯ, гӯё ҳарорати бадани вай, бӯи нафиси вай, тапидани дили вайро мефаҳмад, ҳис мекунад... Ин ҳол кайфи ӯро боз ҳам болотар мебардорад, беихтиёр сурудеро аз шеъри Ҳофизи Шерозӣ зери лаб таранну мекунад:

Субҳи давлат медамад, кӯ ҷоми ҳамчун офтоб,
Фурсате з-ин беҳ куҷо ёбам, бидеҳ ҷоми шароб!
Хона беташвишу соқӣ ёру мутриб базлагӯ,
Мавсуми айш асту даври соғару аҳди шубоб.
Хилвати хос асту ҷои амну назҳатгоҳи унс,
Ин ки мебинам ба бедорист ё раб, ё ба хоб!

Ойиша ҳам дар шавқу иштиёқ аз Қарим мондани надошт. Дили вай ҳам гум мезад, чашмони вай ҳам аз зери чашмбанди докаи сафед барқ мезаданд, дар хаёли вай ҳам орзую умедҳои фаровоне ҷилва мекарданд... Ана, ҳоло рафта, аввал ҳавлию хонаро ба тартиб меоранд, баъд ба тараддуди тӯй сар мекунанд... Тӯи онҳо — тӯи сурх, тӯи нав мешавад... Аввалин тӯи даврагӣ нав, тӯи дилхоҳ! Вай ҳамаи дугонаҳояшро хабар мекунад. Қарим ҳамаи ҷӯраҳояшро хабар мекунад. Дар рӯи ҳавлӣ аз миёна тор мекашанд, дар як тараф духтарҳо; дар тарафи дигар писарҳо... мерақсанд, суруд мехонанд, хурсандӣ мекунанд... Дар болои суфаи баланд чимилиқ мезананд, ки ҳам ба писарҳо намояд, ҳам ба духтарҳо... Баъди тӯй Ойиша бо модараш хайру хӯш карда, боз ба Бухоро бармегардад. Чунки дигар аз Қарим ҳеҷ гоҳ ҷудо намешавад. Онҳо дукаса ба хондан медароянд, мулло мешаванд... Баъд ба Самарқанд, ба Тошканд мераванд, ҷаҳонгашта мешаванд...

Бибираҷаб бошад, аз ҳоло фикр мекард, ки ба тӯй чанд пуд биринҷ, чандто гӯсфанд, чи қадар нон мерафта бошад. Як ҳалқаю як дастпонаи тиллои раҳматӣ шавҳараш харидагиро фурӯшад, мерасида бошад? Ба Қарим сардораш — Куйбышев тӯёна гуфта, пул додааст. Қарим мегӯяд, ки ба он пул ҳамаи хароҷоти тӯйро худаш мекунад... Охир, Қарим агар ҳамаи пулашро харҷ карда монад, баъд аз тӯй чӣ кор мекунад? Беҳтар ки вай, он пулро ба дуруст кардани рӯзғори оянда нигаҳ дорад...

Ҳамин тавр, ҳар кадоми онҳо бо фикре, гузаштани вақтро ва тайи масофаро нафаҳмида монданд. Офтоб паҳн шуда, гирду атрофро бо нури шаъшаапоши худ мунаввар гардонида буд, ки аробаи онҳо ба сари пули Меҳтаркосим расида рафт. Роҳ бекас, равандаюояндагон наменамуданд. Ҳатто дар гирду пеши қишлоқчаи сари пул ҳам нишони ҳаёт наменамуд, ҳеҷ кас набуд. Аҷабо чӣ ҳодиса рӯй дода бошад? Чӣ гап шуда бошад? Охир, дар ин дам ин ҷо ҳамеша серодам мешуд-ку? — мегуфт, худ ба худ аробакаш. Ароба ба даруни кӯчаи қишлоқча даромад. Саройҳо, дӯконҳо ҳама тахтабандӣ, маҳкам буд. Аробакаш ба пеши самоворхонаи ошнояш аробаро нигоҳ дошта, чеғ зад:

— Қӯзибой, хо Қӯзибой! Ҳастед-мӣ?

Қӯзибои кӯса аз дари партави чойхона сар баровурда гуфт:

— Аробаатро ҳай кун Самандар! Беҳтар ки Вобканд рафта дам гиретон!

— Барои чӣ? Чӣ ҳодиса рӯй дод?

— Шаби озод босмачиҳо катӣ аскарҳои сурх занозанӣ карда баромаданд. Қарибӣ саҳар хобам бурдааст... Чой ҳам нест, оби ҷӯш ҳам... Мон ҷӯра, камтар осудагӣ шавад, дар бозгаштат дӯконро мекушоям.

Карим, ки ба сӯи Ғиҷдувон парвоз кардан мехост, таклифи самоворчиро маъқул донист:

— Майлаш, ҳай кунед! — гуфт ба аробакаш.— Асп ҳанӯз бардам аст, мо ҳам сер, дар Вобканд дам мегирем...

Аробакаш аробаро ба роҳ даровард. Лекин аз афту андом ва гуфтори самоворчӣ ба дилаш чӣ як нобоварие, чӣ як шубҳае пайдо шуда буд, ки нагуфт.

Ароба аз кӯчаи бекас ва аз назди дӯконҳои тахтабандӣ кардашуда ва чойхонаҳои руст гузашта, ба сари пул расид ва чархи ароба аз болои сангу регҳои пули сангин шақарросзанон гузашта, ба охири он расида буд, ки аз поён, аз канори дарьё як мардаки ниқобдор ба даст милтиқ рост карда, ба миёни роҳ давида баромад ва бо овози бадҳайбат гуфт:

— Исто, аспатро нигаҳ дор!

Карим даст ба бағал бурда, таппончаашро баро-

варда буд, лекин ба парроидан фурсат наёфт, аробакаши далер, аз таҳдиди роҳзан натарсида, ба асп қамчин зад. Асп бо ҷаҳиш ба пеш, ба болои марди милтиқнок давида буд, ки вай милтиқашро шарақшуруққунон худро ба канор гирифту осмоннокӣ парронд. Занҳо чир заданд. Қарим ба қафо баргашта, ду тир холӣ кард ва аранг дида монд, ки роҳзан афтод. Лекин аспи ароба аз ин овозҳо хӯсида, шиҳакашон якбора бардошт. Дар ин байн чор-панҷ каси ниқобноки дигар аз пасхамӣ давида баромада, парронпаррон аз паси ароба давиданд. Аробакаш лаҷоми аспро сахт дорад ҳам, қамчин мезад, Қарим занҳоро ба хам шуда нишастан амр карда, худаш нишонгирон таппонча мепарронд. Қариб аз роҳзанҳо дур шуда буданд, ки асп шав бардошта, нохост аз роҳ каҷ шуда ба сӯи дарьёбод худашро зад. Аз ин ҳаракати асп Қарим ва аробакаш, ки дар лаби тахтаи пеши ароба ноҳамвор нишаста буданд, аз ароба афтоданд. Ойиша ва модараш беихтиёр девораи аробаро дошта, фарьёд мекарданд. Асп девонавор тохта, бо нишебии лаби дарьё, аробаи каҷшударо гирифта метохт. Дар он дақиқа агар аз паси ароба ду-се нафар суворагон асп давонда расида омада, пеши аробаро намедоштанд, шубҳа набуд, ки ароба чаппа мешуд ва кӣ медонист, ки холи ҳомилони он чӣ мебуд...

Вақте ки Ойиша ва модари вай ба ҳуш омаданд, диданд, ки аробаи онҳо аз байни дарьёи камоб гузашта истодааст, лаҷоми аспи ароба дар дасти як сувори милтиқнок ва аз қафои ароба ҳам се савори дигар омада истодаанд. Ойиша гумон кард, ки яке аз он саворонро, ки риши сиёҳи кулӯта ва чашмони гирда-гирдаи тез дорад, дар кучое дидааст. Аммо дар он дам ҳолати вай чунон буд, ки чизеро дуруст дарк карда наметавонист, тамоми ҳавоси ӯ ба Қарим банд буд. Қарим чӣ шуд? Ба вай чӣ карданд?.. Бинобар он буд, ки ҳушашро ҷамъ карда, пеш аз ҳама номи ӯро ба забон гирифт:

— Қарим, Қаримҷон!

— Натарс бачем, натарс! — гуфт Бибираҷаб.— Ба гумонам, ин мардак Асад Махсум аст, ки Қарим ба мо гуфта буд...

Овози занҳоро шунида, Асад Махсум аспашро пештар ронд ва ба ароба наздик шуда гуфт:

— Натарсетон, мо азони худӣ. Босмачиҳо гурехтанд, шумо халос шудед...

— Карим, Каримҷони мо канӣ? — пурсид сабр нокарда, Ойниша.

— Аз паси Каримҷон одам мондем, ёфта меоранд...

Дар ин байн ароба аз нишебии дарьё боло, ба роҳи калон баромаду ба қишлоқи Сари Пул наистода, ба тарафи рафти об, ба сӯи қишлоқи гумномс роҳ гирифт...

Карим ба хоку хун чӯлида, ба поёни роҳ, дар чукурие хоб мекард. Аробакаш хазида-хазида ба вай наздик шуду диққат карда, донист, ки ҷон дорад ва нафас мекашад.

«Худоба шукр!» гуфт аробакаш ва ба атроф бо диққат назар кард. Роҳи калон холӣ ва бекас буд, дар он атроф ҷунбандае наменамуд. Босмачиҳо гурехта буданд, аспакиҳое ки нохост пайдо шуда, роҳзанҳоро ба гурехтан водор карда буданд, низ ба кучо ғоиб шуда рафтанд... Ба ҳар хол, гӯё оромӣ барқарор шуд. Пас, аробакаш Каримро ба рӯи дастонаш боло карда, дид ки аз бозуи чапаш тир сӯрох карда гузашта ва хуни бисьёре рафтааст. Ҳарифон дили ӯро ба нишон гирифта, хушбахтона хато задаанд. Аробакаш зуд гиребони куртаи Каримро кушода, ҷои захмро бо рӯмолаш сахт баст, ки хун наравад ва баъд ӯро ба китфаш бардошта, ба сӯи кулбаи сари роҳ, ки аз дур менамуд, равон шуд. Лекин ҳанӯз вай ба кулба нарасида, аз тарафи Вобканд асп давонда як даста аскарони сурх расида омаданд. Сардори онҳо аробакаш ва Карими захмиро дида, асп нигоҳ дошт.

— Чӣ гап? Ин кист? — гуфта, вай ба забони туркӣ суол дод. Аробакаш ҳанӯз ба гап сар накарда, аз байни аскарҳо як нафар тӯппӣ карда худро аз асп партофту:

— Ин Карим! — гуфт ва аз китфи аробакаш Каримро оғӯш карда гирифта, ба канори роҳ хобонид
— Каримҷон! Каримҷон! Ба ту чӣ шуд?

Ин Асо буд. Вай Каримро нағз мешинохт ва аз ҷо бархоста ба командир фаҳмонид:

— Рафиқ командир, ин Қарим мешавад, одами рафиқ Куйбышев.

— Чӣ ҳодиса шуд? — боз пурсид командир, аз аробакаш.— Овози милтиқпаррониро шунида, мо ба ин сӯ асп тохтем, лекин дар роҳ касеро надидем.

Аробакаш ҳодисаи шуда гузаштаро гуфта доду илова кард:

— Босмачиҳо Каримро афтонда буданд, ки аз болои пул се-чор нафар аспакиҳо милтиқ парронда, дартоз омаданд. Босмачиҳо гурехтанд, аспакиҳо ду тақсим шуда аз паси босмачиҳо ба сӯи дарьёбод фаромада рафтанд. Ба гумонам онҳо одамони Асад Махсум буданд. Ман ки сахт ба замин хӯрда будам, ба зудӣ ба худ омада натавонистам, ниммадҳуш хобидам. Вақте ки сар бардоштам, аз аспу ароба нишоне набуд. Баъд хазида, рафта, ӯро бардоштам, ана ҳамин.

Дар ин дам Карим ҳаракате карду нолид. Командир ба яке аз аскарҳо чизе гуфт. Вай аз асп фаромада, бо ёрии Асо ва аробакаш ба оҳистагӣ ҷома ва куртаҳои Каримро кашиданд ва аз кулбори худ дорую-даво бароварда захми ӯро шустанд ва марҳам монда, бо докаи сафед сахт бастанд ва ба бинии Карим чизе дошта буданд, ки атса зада, чашм кушод ва аввалин калимае, ки ба забон ронд: Ойиша буд.

Бо фармони командир Асо Каримро бардошта ба зини аспи худ гузошту худаш аз қафои ӯ нишаста маҳкам дошт. Лаҷоми аспи ӯро дигаре ба даст гирифт. Аробакаш ҳам ба қафои аспи яке аз аскарҳо савор шуда, ба сӯи пули Меҳтарқосим равон шуданд.

Акнун дар бозорчаи сари пул дӯконҳо кушода, дари чойхонаҳо боз шуда буд. Аскарҳо аз асп пиёда шуда, ба рӯи кати тан айвони чойхона нишастанд ва Каримро оҳиста ба даст бардошта, ба хона даровардаанду ба халқи ӯ оби ширгарм чакконданд.

Дар он ҷо командир ҳар чӣ қадар пурсуков кард, Асо ҳар чӣ қадар кӯшиш намуд, вале аз мардуми баққолу саройбон чизе фаҳмида натавонистанд. Онҳо мегуфтанд, ки босмачиҳо аз аввали шаб дар он атроф камин гирифта буданд. Саҳарӣ, пас аз офтоб паҳн

шудан милтиқпарронӣ сар шуда буд, ки одамони Асад Махсум асп давонда омаданду босмачиҳоро сур карда рафтанд, дигараашро намедонанд...

— Аспу ароба ва ду нафар зане, ки дар ароба буданд, куҷо шуданд?

— Мо ҳеҷ як аспу аробаро надидем.

Командир дид, ки аз ин хел тафтишот ҳосиле ба даст намеояд, номи якчанд касро навишту гуфтаҳояшонро муфассал қайд намуд ва таъкид кард, ки ҳеҷ кадомашон ба ҳеҷ ҷо нарафта истанд, то ки комиссияи махсус омада тафтиш кунад.

Дар шаҳр Каримро ба касалхона бурда мондаанду Асо аз командир иҷозат пурсида, ба идораи Ҳайдарқул рафт ва ҳодисаро он чӣ ки медонист, баён кард.

— Пас, ароба бо Ойишаю модараш ба куҷо рафтааст? — пурсид Ҳайдарқул бесаранҷом шуда.

— Надонистем,— гуфт Асо.— Ман гумон мекунам, ки дар ин бора Асад Махсум ба шумо маълумоти пурра дода метавонад.

— Аввал аз Карим хабар гирифтан лозим,— гуфт Ҳайдарқул ва аз ҷо бархост.

Офтоби хуррами аввали пагоҳӣ, ки ба дили шоди Карим шаъшаапошӣ карда, баъд ин қадар ҳодисаҳои ногуворро дид, гӯё маҳзунона, бо ранги хира (аз тарафи ғарб осмонро абр гирифта буд), ба ҳуҷраи шабонаи худ бармегашт. Як андак шамоли нофораме вазида, чанги кӯчаҳои рӯфтаношударо ба рӯи кас мезад. Дили бе он ҳам ноороми Ҳайдарқулро ким-чӣ хел пардаи сиёҳи вазнине печонида гирифта буд. Духтурхонаи таи дарвозаи Шайх Ҷалол, ки ҳанӯз асосан госпитали ҳарбӣ буд, ба назари Ҳайдарқул ҳузнангез тофт.

Онҳо рост ба назди сардори госпитал даромада, иҷозат пурсиданд, ки ба назди Карим дароянд. Сардор аввал иҷозат надод, гуфт ки пас аз ҷарроҳии вазнин ба назди бемор даромадан мумкин нест. Вале, вақте ки Ҳайдарқул кӣ будани худашро фаҳмонид, маҷбуран иҷозат доданд.

Карим бедор хоб мекард. Асо диққат кард, ки ба рангаш ҳоло андаке хун давидааст ва чашмонаш акнун ба чашми одами зинда монанд шудаанд.

— Осуда хоб кун,— гуфт Ҳайдаркул каме ҷунбидани ӯро дида.— Наҷунб! Духтур ба ҳамин шарт ба мо иҷозати даромадан дод, ки туро безобита накунем... Хайр, боке не, сиҳат мешавӣ... Захми сари бозуят бехатар будааст. Ин бедармонии ту аз бисьёр рафтани хун будааст. Духтур мегӯяд, ки дар бадали даҳ-понздаҳ рӯз сиҳат шуда мехезӣ. Парво накун! Назар ба гуфтани Асо, босмачиҳоро одамони Асад Махсум сур карда рафтаанд...

— Ойиша?! — гуфт бемадорона овозе баровардa, Карим.

— Ойиша сиҳат-саломат...— гуфт Ҳайдаркул, гарчӣ надонад ҳам.— Ойиша дар Ғиҷдувон, ба ту мунтазир...

Карим нобоварона нигоҳ карда истоду сар ҷунбонид.

— Ман ҳозир ба пеши Асад Махсум меравам,— гуфт аз ҷс бархоста истода, Ҳайдаркул, зеро ки духтур фақат ба ду-се дақиқа иҷозат дода буд.— Ман ба пеши Асад Махсум рафта, тафсили воқеаро мефаҳмам, ана баъд ба ту хабар медиҳам. Хайр, осуда бош! Ман...

— Не,— гуфт чашмонашро безобита карда Карим. — Не! Наравед! Асад Махсум... Асад... Маро... паронд... Худаш... Ҳама кори... Асад! Ҳама... Кори вай!

Карим хомӯш шуду чашмашро пӯшид. Аз зери мижгонҳои вай ду чакра оби чашм заҳида баромада, ба воситаи рухсораш ба гарданаш шориданд.

Ҳайдаркул якбора ба ҷояш, ба болои курсӣ нишаста монду бо назари суол ба рӯи Асо нигарист.

— Ту чиҳо мегӯӣ Карим?! — гуфт Асо.— Наход ки худи Асад?!

Карим гап назаду ба аломати тасдиқ сар ҷунбонида монд.

— Шубҳаи аробакаш беҷо не! — гуфт худ ба худ Ҳайдаркул ва ба Карим муроҷиат кард.— Босмачиҳо чӣ? Онҳоро дидӣ?

— Босмачӣ набуд! — гуфт Карим ва дақиқае хомӯш монд. Ҳайдаркул ба сӯи Асо маънидорона нигоҳ карда монд. Карим ба гапаш давом дод: — Ҳама... Одамони Асад!

Дар ин дам духтур ва ҳамшираи шафқат ба назди бемор омаданд ва ба илтимосҳои қатъии Ҳайдарқул аҳамият надода, онҳоро аз хона берун карданд.

Ҳайдарқул мондашавӣ ва гушнагии худро тамом фаромӯш карда, рост ба сӯи идораи Чека рафт. Асо дар ҳамгашти роҳ бо вай хайрухӯш карда, ба ҳавлии худ равон шуд, ки пас аз серӯза ҷудоӣ Фирӯзаи худро ёд карда буд.

— Аз ман ба Фирӯза салом расон! — гуфт Ҳайдарқул.— Агар лозим шуда монӣ, аз пасат кас мефиристонам...—

— Майлаш, саломат бошед! — гуфта монд, Асо.

Ҳайдарқул ба сӯи Чека рафта-равон ҳушаш барҷо набуд. Воқеае сар зада буд, ки на танҳо ба вай, ба хоҳар ва ҷияни вай тааллуқ дошт, балки ба давлати шӯроӣ, ба ҳокимияти нав иснод меовард. Агар Асад Махсум ба ҷои барқарор намудани амният, худаш ба роҳзанӣ сар карда бошад ва барои мақсадҳои ифлоси худ дастгоҳ ва яроқи ҳокимияти шӯроӣ, ҳокимияти халқро ба кор бурда бошад, ин айни даҳшат аст. Ин селоби балоро дар сари вақт пешгирӣ накунанд, баъд дер мешавад!

— Омад ба сарам, ҳар он чӣ, метарсидам!— гуфт худ ба худ Ҳайдарқул ва аз дарвозаи идораи Чека ба дарун қадам монд.

Раиси Чекаи Бухоро дар он дам Ҳоҷӣ Ҳасанбек Иброҳимов ном шахс буд ва бо Ҳайдарқул собиқан ҳам ошноие дошт. Ҳайдарқул рост ба кабинети худи раис рафта даромад. Кабинети Ҳоҷӣ Ҳасанбек чандон калон набошад ҳам, дабдабаю воҳимааш калон буд. Ба он ҷо ба воситаи ду хонаи дарун ба дарун медаромадед, ки дар ҳар ду хона ҳам одамони Чека каси дарояндаро (агар одами маълум бошад) бо диққат аз назар мегузарониданд, агар ношиносе бошад, албатта, кофту ков ва тафтиш карда медиданд. Ду тирезаи кабинет, ки ба рӯи ҳавлӣ (қабати дуюм) кушода мешуд, бо пардаҳои ғафс ва панҷараҳои оҳанин гирифта шуда буд. Дар девори пешгаҳи кабинет боз як дарчаи дигар буд, ки он ё ба хонаи хоси дигар, ё ба роҳрави дигар кушода мешуд. Кабинет

бо қолину байрақҳо, бо буфету шкафи китобу столу стулҳои бисьёре оро дода шуда ва муҷаҳҳаз буд. Аз расмҳо, дар девори болои сари раис расми чопаи Ленин зада шуда буд.

Дар вақти ба кабинет даромадани Ҳайдарқул, раиси Чека Ҳоҷӣ Ҳасанбек бо телефон гап мезад ва аз ҷои нишастагии худ ба Ҳайдарқул сар ҷунбонида монду баъд даст дароз карда вохӯрдӣ намуд ва ба сӯҳбати телефонии худ давом додан гирифт. Вай марди қадбаланд, қоқинаандом ва чашму абрусиёҳ буд. Мӯйсари кайҳо тарошида шудааш сихча зада, сафед баромада, ришаш ҳам сафедча дамида меистод. Гимнастёркаи моҳути осмониранг ба ӯ хеле зебида буд. Ҳайдарқул ки монда, хаста шудагӣ, асабӣ ва дар ҳаяҷон буд, ба курсии қӯлтуқии (креслои) рӯ ба рӯи столи раис худро партофту ба сӯҳбати дуру дарози телефонии Ҳасанбек гӯш дод:

— Не, не,— мегуфт раиси Чека ба телефон,— ман бегиҷони шуморо озод карда наметавонам, не! Азони хуто[1] бошад ҳам наметавонам... Не, ҳозир не. Тафтиш кунем, фаҳмем, баъд... Ҳа, ягон моҳ, ду моҳ баъд... Қонуни инқилоб намебардорад. Не, додар, намешавад. Акетон худаш мана мекушад... Майлаш, гӯед! Не, намешавад... Гап ҳамин! Имшаб-мӣ? Наметавонам, кор ҳаст. Ягон каси дигар ёбед... Э, калонии чӣ? Мо хоки пои ҳама! Бале... Ана, ба пешам Ҳайдарқул омадагӣ... Аз афташ боз ягон масъалаи муҳим дорад... Хо, албатта... роҳбарияти фирқа!.. Бешубҳа! Мо итоат мекунем... Хайр!

— Кӣ вай? — пурсид Ҳайдарқул ба телефон ишора карда.

— Ибодхон!— гуфт Ҳасанбек.— Ҷӯрешон бегиҷони қаршигӣ мастӣ карда, ба номуси писари як машкоб таҷовуз кардааст. Худат медонӣ, ки ҳозир иттифоқи касабаи машкобҳо зӯртарин ташкилоти шаҳр аст. «Мо пролетари Бухоро!» гуфта, онҳо ба сари мо чормағз шикаста истодаанд. Дар ин вақт ман агар ҷӯрабозӣ карда, бегиҷонро озод кунам, ғавғо шуда монданаш мумкин... Ҳамин тавр не? Акнун Ибодхо-

---

[1] Аз они худӣ.

ҷа хафа шаванд ҳам майлаш, ҷӯрешон камтар дар таҳхона дам гирад!

— Наход ки Файзулло Хоҷаев додари худро ба эб оварда наметавонад?! — гуфт Ҳайдаркул.— Ин ба номи одами калон иснод меоварад.

— Эшонҷон [1] бисьёр кор доранд, шояд аз рафтори Ибодхоҷа хабар надоранд?.. Хайр, ҳеҷ гап не! Ибодхоҷа ҳоло ҷавон, эрка... ба ақлу тавфиқ омада мемонад. Худам насиҳат мекунам.

— Хайр, бало ба пасаш! — гуфт оҳ кашида Ҳайдаркул.— Воқеаи дишабаи сари пули Меҳтарқосимро фаҳмидед?

— Фаҳмидам. Босмачиҳо ба аробаи хешбачаи шумо...

— Афсӯс, ки босмачӣ не! — гуфт, сухани ӯро бурида, Ҳайдаркул.— Худам шубҳа карда будам, ҳозир шубҳаи маро Қарим тасдиқ кард... Вай дар ҳамон ароба буд, шавҳаршавандаи ҷияни ман... Худи Асад Махсум ин бозиро ташкил карда, Қаримро парронда, духтару модарашро надонам ба куҷо гирифта бурдааст.

— Бале, Махсум дар Дилкушон берун нест,— гуфт ҳайрон шуда Ҳоҷӣ Ҳасанбек.— Наход ки ин дасисаи худи Асад Махсум бошад-а? Барои вай дар Бухоро зан қаҳат зад-мӣ?

— Духтарро дида буд, паричеҳра гуфта оби даҳонаш мерафт... Вай одамест, ки нафси ҳаромашро дошта наметавонад, ҳар чӣ кор карда ба муродаш расидан мехоҳад.

— Хайр, ин корашро рӯйрост, бехунрезӣ кунад, чӣ мешуд? Ба гумонам аз ин хел домод шумо ҳам ибо намекардед?

— Ман ба шумо гуфтам-ку, Ойиша ба Қарим номзад шудагӣ, ба Ғиҷдувон рафта тӯй карданӣ буданд.

— Ҳа, ҳа, дуруст, дуруст!— гуфт Ҳоҷӣ Ҳасанбек.
— Пас, аҳволи Қарим чӣ тавр?

— Қарим дар касалхона, аҳволаш бад... духтурҳо ваъда медиҳанд, ки сиҳат мекунанд, боз худо медо-

---

[1] *Эшонҷон* — муродаш Файзулло Хоҷаев.

над. Лекин Ойиша катӣ модараш гум, ҳеҷ кас намедонад, ки дар куҷоянд. Онҳоро ёфтан лозим. Барои ҳамин ҳам ман ба пеши шумо омадам.

Ҳоҷӣ Ҳасанбек даст дароз карда, занги дар рӯи стол монда шударо ду бор зад. Аз берун яке аз одамонаш даромада:

— Лаббай? — гуфт.

— Зуд, телефон карда, Асад Махсумро ёбед, ман гап дорам.

— Хуб шудааст!

Мардак аз кабинет баромад. Ҳоҷӣ Ҳасанбек папирос оташ доду ба андеша фурӯ монд.

— Асад Махсумро ба ин вазифа таъин кардан лозим набуд! — гуфт Ҳайдарқул фикри худро ба забон оварда.

— Эшонҷон ҳам дар ҳамин фикр! — гуфт раиси Чека.— Аз ин мардак некӣ умед кардан хатост! Лекин дар ревкоми марказӣ тарафдорҳои бисьёр дорад. Ҳатто дар кумитаи марказии фирқа,— дар идораи шумо ҳам одамҳое ҳастанд, ки ӯро ба-бала-бабал мекунанд. Гап ҳаст, ки ӯро ба рӯйхати роҳбарият ҳам дохил мекунанд...

— Бо чӣ кораш?

— Намедонам... Далер, нотарс, оташмизоҷ ва инқилобчӣ будааст. Аммо ин «инқилобчӣ» ҳоло корҳое карда истодааст, ки ба ақл рост намеояд. Вазифаи вай комиссияи атроф бошад ҳам, лекин ба даруни шаҳр ҳам дахл карда, одамҳои ба калонҳо нодаркорро гирифта бурда, ҳабс карда истодааст. Кадом рӯз дар Галаосиё дӯкони коуперативро толон кардаанд. Дидагиҳо гуфтанд, ки дар байни онҳо одамҳои Асад Махсум ҳам будаанд. Ҳар куҷо дузду ҳаромие бошад, ҳама ба хизмати вай ҷамъ шудагӣ...

— Пас, шумо чӣ нигоҳ карда шиштаед? Мувофиқи маълумотҳои дар даст доштаатон ҳақ доред, ӯро беяроқ карда, ҳабс кунед.

Ҳоҷӣ Ҳасанбек табассум карду гуфт:

— Бо кадом қувва? Зӯрам намерасад! Ҳа, ҳа, рост мегӯям ки зӯрам намерасад! Охир, Чека чӣ қадар одам дорад? Ба чорьяки қувваи Асад Махсум баробар не. Акнун, агар пеши ӯро бо ёрии аскарҳои

сурх нагирем, дигар зўрамон намерасад. Қанӣ аскар, канӣ яроқ?! Нест, надорем! Аз тарафи дигар, вай одами расмӣ, одами... чӣ гўям, одами давлатӣ, сардори идораи калон... ўро бе қарори Ревком ва ташкилотҳои дигар, ба гирифтан ҳақ надорам.

Аз берун котиб даромад:

— Асад Махсумро наёфтам, дар ҷояш нест,— гуфт вай.— Муовинаш Исматҷон мегўяд, ки вай бо Окилов ба тумани Шофирком, аз паси босмачиҳо пеш карда рафтааст...

— Босмачӣ ба Шофирком рафтааст-мӣ?

— Намедонам.

— Аз Шофирком дар ин бора хабар шуд-мӣ?

— Не, хабар нашудааст.

— Хайр, гўед ки ҳамин ки Махсум омад, ба ман телефон кунад! Ўрунбойро гўед, се-чор нафар катӣ, бо баҳонае, роҳгузар шуда, ба Дилкушон берун равад, хабар гирад канӣ, Махсум ҳаст, ё не. Фаҳмад канӣ, аз ҷинси зан дар он ҷо касе оварда шудааст, ё не?

— Хуб шудааст! — гуфта, котиб берун баромад.

— Ман, худам рафта, хабар гирам, чӣ мешуда бошад? — пурсид Ҳайдарқул.

— Асло! — гуфт ба таври қатъӣ раиси Чека.— Феъли вай нокас нобоб, мулоҳизаая намедонад... Беҳтар ки боандеша кор кунем!

— Масалан чӣ кор?

— Ман худи ҳамин шаб ду-се бор кас фиристода, вазъиятро нағз пухта мефаҳмам, пагоҳ бо ҳам ба ревком ва ба Шўрои нозирон рафта, масъала мемонем ва бо маслиҳати онҳо амал мекунем.

— Майлаш, амал кунед! — гуфт Ҳайдарқул ва хайрухўш карда берун баромад.

Дар берун ҳаво тамоман торик шуда буд. Шамоли сард абрҳои борониро торафт пасттар қамчин зада мефаровард. Дар растаҳо фонус гиронда буданд. Ҳайдарқул аз гузари Говкушон гузашта, ба воситаи гузари Ғозиён ба сўи ҳавлии худаш рафтанӣ буд. Бинобар он аз Чека берун шуда, зуд ба тарафи дасти чап баргашту равон шуд. Дар кўчаҳо кас хеле кам менамуд. Зотан дар он атроф чизе набуд, ки диққати ўро ба худ ҷалб кунад, ба илова,ҳоло хаёл-

хои гуногун майнаи ӯро чунон банд карда буданд, ки чизе ба чашмаш наменамуд.

...Вай дар зоти Асад Махсум як хавфи калонеро барои инқилоб медид. Ғалабаи ин инқилоб ба осонӣ ба даст надаромадааст, ки онро як авбоши худсар бемалол зеру забар кунад!

«—Ҳочӣ Ҳасанбек то як дарача ҳақ дорад, ки мо дар ихтиёри худ қувваи ҳарбӣ надорем...— мегуфт вай худ ба худ.— Ин хуб не. Инқилобро аз душманонаш бо қувваи яроқ мудофиа кардан лозим. Аҳолии маҳаллиро ба сафи аскарӣ сафарбар кардан лозим. Дар ин кор аъзоёни фирқа бояд намуна шаванд. Русияи шӯравӣ албатта яроқ медиҳад. Вазорати ҳарбия ташкил кардан лозим. Бале, инқилоб ва ғалабаи онро аз душманони сершумори он бо қуввaи мусаллаҳ мудофиа кардан лозим мешавад. Ин, Асад баринҳо гумон мекунанд, ки инқилоб барои онҳо шуд, барои ба ҳокимият баромада гирифтани онҳо шуд. Акнун, гӯё, ҳокимият доранд, имконият доранд, бояд кайфу сафо кунанд! Онҳо, дигар на дар бораи халқ, на дар бораи мамлакат, на дар бораи зиндагии мардум фикр намекунанд. Озодии занҳо ба онҳо барои он лозим, ки занҳо бефаранчӣ шаванд ва онҳо тавонанд дилхоҳи худро дида, ба ҳарамҳои худ гирифта бурдан гиранд. Савдою тичорати кушод ва озод ба онҳо барои он лозим, ки ҳар матоъи даркории худро бо пули дуздӣ бемалол харида бурдан гиранд. Суду қозиҳо бояд муқобилон ва душманони онҳоро ҳукм кунанд, милиция, Чека ва Комиссияи атроф бояд хонадони онҳо, манфиати онҳоро муҳофизат кунанд... Тавба!»

...Аз ғалабаи инқилоби Бухоро ҳафтаҳою моҳҳо гузаштаасту вай ҳанӯз ягон ҳавлию хонаи дуруст надорад. Хайрият ҳавличаи Дилором хола боқӣ будааст, ки вай гилем-тӯшаи худро ба гӯшаи он кашидааст! Вай танҳо, майлаш, ҳоло ҳамин ҳавлича ҳам шудан мегирад... Агар зану духтари вай, худораҳматиҳо, зинда мешуданд, чӣ кор мекард? Магар онҳо намегуфтанд, ки ҳамин қадар азоб дидем, машаққат кашидем, ниҳоят ба рӯзи нек расидему боз барои чӣ мо рӯи беҳбудиро намебинем?! Бале, он гоҳ вай

маҷбур мешуд, ки барои худ шуда, ба калонҳо мурочиат кунад. Ҳоло ҳамин ҳам шудан мегирад... Лекин Ойишаю модараш як шабу як рӯз дар хонаи ӯ меҳмон шуданду хеле танг шуданд... Аммо ҳоло онҳо дар куҷо бошанд? Аҷабо ба сари онҳо чиҳо омада бошад?!

Ин хаёл ӯро ба ҳуш овард. Вай аз роҳи рафта истодааш боз истоду ба атроф нигоҳ кард. Ҳанӯз ба Ғозиён нарасида буд ва аз ҳавлии амир, ки ҳоло муваққатан ҳабсхона шудааст, чандон дур нарафтааст. Вай аз роҳаш баргашту бо қадамҳои тез ба сӯи идораи худаш равон шуд.

Дар идора, посбон ҳайрон шуду дари кабинети Ҳайдарқулро кушода дод ва пурсид, ки чой дам карда биёрад, ё не. Ҳайдарқул раҳмат гуфту аз чой узр хост ва ба хона даромада, ба сари столаш нишаст. Хаёлаш парешон буд, чӣ кор карданашро намедонист. Ниҳоят, даст дароз карда, хост, ки гӯшаки телефонро гирад, лекин дасташ ба рӯи дастаки телефон, ба хаёл фурӯ рафт...

Оё ба кӣ телефон мекунад? Ба раиси Ревком? Ба Файзулло Хоҷаев? Ба котиботи ЦЕКА? Ба кӣ? Аз дасти онҳо чӣ кор меояд? Асад Махсум авбоши рафта истодагӣ аст, ки дар даст яроқ, дар фармонаш ним ҳазор барин қӯшун дорад. Ба муқобили ин қувваи сиёҳ, дар дасти худ қувваи зӯру тавоно доштан лозим... ё ки... бо ақлу тадбиру сиёсат қӯшуни фиреб хӯрдаи ӯро аз дасташ ҷудо карда, ба муқобили худи вай равона кардан лозим... Аммо чӣ тавр?!

Вай ба фикру андеша ғарқ буд, ки дарро кушода аз берун Саидпаҳлавон даромада омад. Намуди зоҳирии ӯ тамом дигар шуда буд. Ҳоло ба танаш ба ҷои ҷома кулӯча-чолвор, ба сараш телпаки баррагӣ, ба пояш мӯза буд. Ришашро ҳам андаке харротӣ карда, ба худ намуди ҷавононае гирифта буд.

— Салом! — гуфт вай.— Худат гуфтӣ, ки бе иҷозат омадан гир, ана, омадам...

Саидпаҳлавон қариб як ҳафта ин тараф дар ӯрдугоҳи Асад Махсум, ёридиҳандаи Наими Талх шуда кор мекард. Асад Махсум, ки Саидпаҳлавонро мешинохт ва ба иловаи он Наими Талх мутасаддӣ шуда

буд. Ӯро бо мамнуният ба кор қабул карда, эътимоди зиёде изҳор намуд ва корҳои хоҷагиро дод. Саидпаҳлавон ҳам бо ғайрати том ба кор сар карда, пас аз як рӯзи ба кор омаданаш, бо иҷозати Махсум аз Когон рафта, зану бачаҳояшро ба Бухоро кӯчонида овард ва дигар аз Дилкушои берун наҷунбида, корҳои хоҷагии бошишгоҳи Асад Махсумро ба роҳ андохт ва дар айни замон мувозиби корҳо ва амалиёти он ҷо буд, диққат мекард, ки Асад Махсум ба куҷо меравад, чӣ кор мекунад, бо киҳо муносибат дорад...

— Биё, биё, Саидпаҳлавон! — гуфт, ӯро дида Ҳайдарқул.— Дар вақташ омадӣ! Айнан дар вақти зарурӣ!

— Ман кайҳо омада будам, набудӣ, баъд рафта аз бачаҳо хабар гирифта омадам. Ҳар чӣ сиҳат-саломат ҳастӣ?

— Раҳмат, саломат бош! Аз ту пурсем?

— Нағз!.— гуфту андаке хомӯш монд Саид.— Афсӯс, ки барои ту хабарҳои нағз оварда натавонистам...

— Медонам,— гуфт Ҳайдарқул.— Гуфтан гир, мулоҳиза накун!

Саидпаҳлавон оҳиста аз ҷо бархоста, нӯг-нӯги по ба тарафи дар рафту онро якбора кушода, ба роҳрав нигоҳ кард ва пас аз итминон ҳосил намуда, ба ҷои худ баргашта нишастан, гуфт:

— Асад Махсум имрӯз Ойиша катӣ модарашро гирифта овард... Ман фаҳмидам, ки вай ба ту ҷиян мешудааст... Пештар намедонистам...

— Хайр, гап зан! Аҳволи онҳо чӣ тавр? Бо онҳо чӣ кард?

— Дуруст... нағз! — гуфт Саид ва пас аз фурсате илова намуд: — Имрӯз, баъди пешин домулло имом никоҳашонро хонд... Ба гумонам ба худаш зани шаръӣ карда гирифт...

Аз шунидани ин хабар Ҳайдарқул тоқат накарда, мушти худро ба стол заду аз ҷо бархост.

— Хоин, ҳаромӣ, разил! — гуфт ва ба рӯи хона роҳ гашта истода ба гапаш давом кард: — Дар вақти амир Ғаниҷон-бой боиси ҳалокати зану духтарам шуда буд. Доғи он шаҳидони мазлум аз дилам нарафта, ана боз бо ҷиянам!.. Дар даври Ҳукумати

Шӯрой, дар даври инқилоб, Ғаниҷон-бойи дуйӯм! Тавба!

— Одамизод — шири хомхӯрда!

— Не, ман инро ба ин ҳол намемонам! Ҳозир худам бо ҳамроҳии ту меравам, мазлумаҳоямро аз дасти он золим халос карда мегирам!

— Бефоида! — гуфт Саидпаҳлавон.— Бадтар худат ба бало монданат мумкин. Бо Асад донист рафтор кардан лозим!

— Махсумҷон, гуфта даст пеш гирам?!

— Оташин нашав! Худат ба ман насиҳат мекардӣ-ку!

Ҳайдарқул ба рӯи Саидпаҳлавон як нигоҳ карду истод ва гапе назада монд. Аммо Саид бо ҳамон оҳанги мулоимона ба гапаш давом намуд:

— Имрӯзҳо бо ҳар хел тӯҳмату бӯҳтон аз шаҳру аз қишлоқҳо одамҳоро оварда ҳабс мекунад, қину азоб медиҳад, ҳатто бароварда мепарронад... Худаш ҳокиму табъаш вазир! Бинобар он, мегӯям, беҳтар ки саросема нашуда, бо ин мардак дурусттар гап задан, ин захмро бо корди тез аз бехаш кофта партофтан лозим!

Ҳайдарқул фикр карда истоду ба ҷояш рафта нишаст ва дастаки телефонро тофт:

— Ба ман рафиқ Файзулло Хоҷаев лозим! — гуфт вай ба трубкаи телефон.— Бале, ман Ҳайдарқул, аз қумитаи марказӣ... салом. Мебахшед, ки дар бевақтӣ шуморо бесаранҷом кардам. Ман дар хусуси Асад Махсум гуфтанӣ будам... Вай аз ҳад гузаронида истодааст... Бале, бале... рост! Ман фаҳмидам, ки шумо ҳам дар ҳамин ақида ҳастед... Дуруст мегӯед... Асад Махсум, агар монед, пага-фардо рӯйрост бар зидди Ҳукумати Шӯрой хуруҷ карданаш мумкин... Медонед, дирӯз... Фаҳмидед? Бале, бале... Ҳоло Ойишаро зӯран ба худ зан карда гирифтааст. Намедонам чӣ кор кунам? Хостам худи ҳозир худам равам... рост, бефоида! Нағз, майлаш, ин масъаларо дар маҷлиси Шӯрои Нозирон муҳокима мекунем. Ман ариза медиҳам... Хуб, албатта, меравам! Хайр, саломат бошед!

Саидпаҳлавон ба суханони бо телефон гуфтаи Ҳайдаркул гӯш дода истода, сар ҷунбонид:

— Маҷлису муҳокимаю сӯҳбат катӣ чӣ натиҷа ҳосил мешавад?!

— Агар Шӯрои Нозирон қарор кунад, ӯро аз кор мегиранд.

— Вай дар байни худашон, дар байни ҳамин ёшбухориҳоятон муттако ва тарафдори бисьёр дорад. Бинобар он аз кор гирифтанашон гумон... Рафту агар қарор кунанд ҳам, вай ярокашро аз даст намедиҳад... Не, вай аз онхела одамҳо не! Хотирҷамъ бошед!

Ҳайдаркул ҳайрон шуд. Дар ҳақиқат Саидпаҳлавон рост мегуфт. То маҷлиси Шӯрои Назирон ҷамъ мешавад, то қарор мебароранд, то вай иҷро мешавад, як моҳ мегузарад... Аммо Асад Махсум дар ин муддат хуб корашро карда гирифта, бештар реша медавонад...

Ноҳост ба хотири Ҳайдаркул чизе расиду боз дастаки телефонро тофт:

— Ба ман рафиқ Куйбышев лозим,— гуфт вай ба трубкаи телефон. — Ҳа, ман Ҳайдаркул, аз Қумитаи Марказӣ... Лаббай? Чӣ гуфтед? Нестанд? Афсӯс. Ин, кӣ гап мезанад? Ҳа, рафиқ Ҳакимов, шумо-мӣ? Салом. Саломат бошед. Дар хусуси баъзе корҳои муҳим маслиҳат гирифтанӣ будам. Майлаш, баъд аз ду рӯз меравам. Саломат бошед.

Ҳайдаркул трубкаи телефонро ба ҷояш гузошт.

— Ин фикрат дуруст!— гуфт Саидпаҳлавон.— Бо Куйбышев маслиҳат кун ва аз вай ёрӣ пурс!

— Ҳамин тавр мекунам — гуфт Ҳайдаркул ва аз ҷо бархост.— Аввал ба пеши Файзуллохоҷа меравам, маслиҳат мекунам, баъд мумкин аст бо ҳамроҳии вай ба назди Куйбышев меравем. Хайр, биё ҷӯра, имшаб ба хонаи ман равем, чақ-чақ карда хоб кунем, пагоҳ саҳар ба корат меравӣ.

— Майлаш, ман туро то ба хонаат гусел мекунаму баъд ба дилкушои беруи меравам. Агар нарафта монам, ба дилашон гап омаданаш мумкин.

— Рост мегӯӣ,— гуфт дарҳол маънои сухани Саидпаҳлавонро фаҳмида, Ҳайдаркул.— Набошад, бехтар ки аз худи ҳамин ҷо хайру хӯш мекунем. Лекин,

ту аз ҳоли Ойиша ва модараш бохабар шав. Зуд-зуд ба ман хабар расон. Хайр, саломат бош!

Саидпаҳлавон ваъда дода, аз кабинет берун баромад.

## 7.

Қариб ду моҳ мешуд, ки Оймуллои Танбӯр ба ҳавлии худ баргашта, зиндагии пештараи оромонаи худро барқарор карда буд. Бобо заргар бисьёр кор накунад ҳам, ба ҳар ҳол дар хонаи поёни суфа, рӯзонаҳо ба чашм айнак монда, кӯраи заргарии худро оташ карда, баъзе як шоҳкориҳои худро давом медод. Оймулло бошад, ба ду-се нафар шогирд-духтаронаш ҳар рӯз ду-се соатӣ дарс медод ва баъд, хеста ба кори хона машғул мешуд. Ҳар замон ба худо сад бор шукр мекард, ки боз ба гӯшаи осудаи хонаи худ омада, боз ба ихтиёри худ, хоҳ сер, хоҳ гушна, озодона умр ба сар мебарад.

Имрӯз, пас аз тамом шудани дарсгӯӣ ва рафтани духтарҳо, камтар мондагӣ дар худ ҳис карда, ба кори хона барнахосту дар пеши тирезаи миёнаи хонаи поён, ба рӯи кӯрпача нишаста, як оҳ кашид. Аз чӣ буд, ки дилаш тангӣ мекард. Тирезаро кушода, ба рӯи ҳавлӣ нигоҳ кард. Ҳаво соф, офтоби хуррами тирамоҳӣ аз ним зиёди рӯи ҳавлиро ғарқи нур карда буд ва акнун, ҳатто, дар офтобрӯя нишастан ба кас мефорид...

— Ҳа, азизам,— гуфт аз болои айнакаш ба вай нигоҳ карда истода, заргар,— боз чаро оҳ кашидед? Чаро дили аз меҳру муҳаббат пур ва моломоли шумо, боз тангӣ кард?

— Надонам,— гуфт оймулло ба хаёл фурӯ монда ва баъд аз каме бо шеъри Ҳофиз ҷавоб дод:

> Соқиё бархезу дар деҳ ҷомро,
> Хок бар сар кун ғами айёмро
> Дуди оҳи синаи сӯзони ман,
> Сӯхт ин афсурдагони хомро.

Бобо заргар ин мисраъҳоро бо табассум шунида истоду ҷавонона аз ҷо ҷаҳида бархост, дари шиша-

ғии равоқи хонаро кушоду аз он ҷо ҷому сурохии нуқрагини саводкориро гирифта ба рӯи лаълии нуқрагини кандакорӣ гузошт ва ба назди оймулло бурда монда, гуфт:

— Ана, тасаддуқ, ба сари ғами айём хок резед, ки ман тамошо кунам!

Оймулло ҳам ба сӯи заргар, ки даст пеш гирифта, дар назди ӯ меистод, як нигоҳи пур аз меҳр партофта, табассуми ширине намуд. Маълум ки дар он айём оймулло зани ҷавон набуд, синну солаш ба хеле рафта монда, дасти яғмогари пирӣ латофати ҷавонии ӯро гусиста, ба тороҷ бурда, ба ҷои он мӯҳои мошу биринҷ, хатҳои оҷингу рухсори заҳиртобро гузошта буд. Лекин чашмони пурхумор ва дилфиребы вай ҳанӯз зинда, ҳанӯз маст, ҳанӯз пурофат буданд. Ҳамин як нигоҳи пур аз меҳр, ҳамин як адои дилбарона, дар дили оташаш хомӯшгаштаи заргар як ахгаре афрӯхта, вай ҳис кард, ки аз ҳарорати он як ахгари сӯзон хуни сардгашта якбора ба ҷӯш омад ва ҳатто дил ба тапидан сар кард. Оҳ, ин нигоҳ, ҳамеша ӯро зинда дошта, дар ин дуньёи пурташвиш то ба ҳол боздошта омадааст. Ҳамин нигоҳ умедҳои барбодрафтаи ӯро бозгардонида, роҳи пешторики ӯро то хеле ҷо равшан карда омадааст. Агар ин нигоҳ намешуд, вай кайҳо тосу кӯзаи зиндагиашро ғундошта буд...

— Ман мехостам, ки...— гуфт ширин карда, оймулло,— ба сари ғами айём бо дасти шумо хок резам!

— Ҷонам катӣ! — гуфт заргар ва дучӯкка нишаста аз сурохӣ ба ҷом май хушбӯи дастиро рехта, пур кард.

— Шумо чӣ? — гуфта оймулло пурсид.

— Қадаҳи ширин кардаи шуморо мехоҳам, ки макам!

Ин ҷавоби заргар ба хуши оймулло омаду боз табассум кард ва қадаҳро даркашиду ба дасти заргар дод. Заргар бошад, як шингил ангури ҳусайниро барои газаки шароб ба вай тақдим карду баъд худаш ҳам як ҷом май пур карда нӯшид.

— Худоро сад ҳазор бор шукр! — гуфт вай.— Ҳар

чӣ, парешонии моро ҷамъ кард, душманони ин хонадонро зеру забар кард... Алҳамду лиллоҳ! Ба ман ин давру даврон хеле маъқул, ман хеле хурсанд... Фақат афсӯс, ки акнун он қувваю шавқу ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ аз мо рафтааст, набошад...

— Шавқи ҷавонӣ аз шумо рафта бошад ҳам, аз ман нарафтааст!— гуфт Оймулло, ки андак сархуш шуда буд.— Ба пиччаҳои сафеди ман нигоҳ накунед, аз ойинаи чашмам ба асрори дил огоҳ шавед!

— Ҷонам қурбон ба асрори дилаш! — гуфт хурсанд шуда заргар ва боз як қадаҳ май рехта истода, ба гапаш давом намуд: — Лекин, росташро гӯям, ҳисси ҷавонӣ аз ман ҳам чандон нарафтааст! Ин шикояти ман аз рӯи одат, чун кавшери гап шуда монда аст. Худоро шукр, ҳоло аз сад гули мо, акнун бист дона мӯғча кушода шудааст, ҳаштодтааш тару тоза!

— Барои чӣ бист мӯғча!

— Имсол ҳазору нӯҳсаду бистӯми мелодӣ — аввали асри бистӯм аст. Умри ману шумо на ба сол, балки ба аср шуморида мешавад.

Аз қадаҳи дуйӯм Оймулло хеле хуррам шуду гуфт:

— Қанӣ, нӯшеду баробар шавед! Охир, ҳукумати нав ҳуқуқи зану мардро баробар кардааст!

— Ҳуқуқи шумо ҳамеша зиёд буд ва зиёд хоҳад монд, тасаддуқ шавам!

> Агар муроди ту эй дӯст намуродии мост,
> Муроди хеш дигар бора ман нахоҳам хост.
> Гарам қабул кунӣ в-ар биронӣ аз дари хеш,
> Хилофи раъйи ту кардан хилофи мазҳаби мост [1].

— Ба шумо гап зада намешавад...—гуфт Оймулло таънаомезона,— даррав Саъдиро ба ёрӣ мекашеду гӯяндаро мот карда мемонед! Ман гуфтанӣ будам, ки ҳуқуқи зану мард баробар гуфтан катӣ мешудаастмӣ? Зан ба роҳи худаш, мард ба роҳи худаш! Беҳтараш ки ин гапҳоро монда, дасти зӯроварони кӯтоҳ кунанд, дилхоҳ ба дилхоҳаш расад!.. Дузанагӣ, сезанагиро барҳам диҳанд...

— Дуруст, дуруст! — гуфт заргар.— Назар ба шу-

---

[1] Саъдӣ.

нидам ҷадидҳо аз фурсат истифода бурда, занҳояшонро ҷуфт-ҷуфт карда истодаанд... Яъне ки тока як зан бошад нобаробар мешудааст, агар дуто шавад, паҳлӯи тарозу баробар мешудааст... дар он ҳол ду зан — ду паллаи тарозу, худи мардак — шоҳини тарозу шуда дар миёна меистодааст.

— Дар миёна истода, хафа шуда мурданаш мумкин.

— Ана, Ҳоҷӣ Ҳасанбек, раиси Чека бошад ҳам ба Ойими шоҳ кас монда, розигӣ гирифтааст, пага-фардо тӯй будааст...

— Тӯй шудааст.

— Ана, боз нағзтар!.. Ойими Шоҳ ба амир насиб накард, ба Саидбек насиб накард, ба Ҳоҷӣ Ҳасанбеки пир чӣ мекарда бошад?!

— Ба вай ҳам насиб намекунад,— алиф то се! — гуфт, Оймулло хаёл карда истода як шеъри ҳаҷвии худро ба ёд овард:

Ақл насиби ту нашуд, каллакалон бошӣ ҳам,
Фазл насиби ту нашуд, саллакалон бошӣ ҳам.
Риши дарози ту агар боиси фахр мешудӣ,
Бузаки ришдарози мо соҳиби фахр мешудӣ!
Дар паи молу зар нашав, дасти ту кӯтоҳӣ кунад,
Дар паи ҷоҳу фар нашав, дасти ту кӯтоҳӣ кунад.
Хона накун, лона накун, ҷома накун, салла накун!
Аҳл нагӯ, аёл ҳам, баҳри худо залла накун!

— Марги муфоҷот талаб куну халос шав! — гуфт хандида, заргар.

— Афсӯс ки ҳамин насиҳати шуморо ҳам намефаҳманд!

Сӯҳбати онҳо ба ин ҷо расида буд, ки аз берун овоз бароварда Фирӯза даромада омад.

— Ассалом, ассалом! — гуфт вай ба ҳардуи онҳо ва аз поёни хона нишаста ҳолу аҳволпурсӣ кард.

— Мо сиҳат ва саломат! — гуфт Оймулло.— Дукаса базм карда шиштем... Ана, намебинӣ, асбоби базм муҳайё, фақат ту намерасидӣ. Пештар биё, ташна монда омадӣ, як қулт шароб диҳам, ҳам ташнагиат мешиканад, ҳам табъат чоқ мешавад.

Аз болидани табъи Оймулло ва Бобо-заргар Фи-

рӯза хурсанд шуду барои хотири онҳо, ҳатто як қулт шароб нӯшид.

— Ӯх, чӣ тавр талх!— гуфт вай рӯяшро бурма карда.— Ман ширин будагист гуфта гумон мекардам.

Бобо заргар хандиду гуфт:

— Ту ки аз хӯрдани май лаъли лабат рангин аст.
Пас сабаб чист ки май талху лабат ширин аст?!

— Қанӣ ҷавоб те! — гуфт хандида Оймулло.

Фирӯза шарм карду рӯяш арғувонӣ шуд. Аз ҷониби вай Оймулло ҷавоб дод:

— Лаб бозмагир як замон аз лаби ҷом,
То бистонӣ коми ҷаҳон аз лаби ҷом,
Дар ҷоми ҷаҳон чу талху ширин баҳам аст,
Ин аз лаби ёр хоҳу в-он аз лаби ҷом!

— Офарин, офарин! — гуфт Бобозаргар ва лаълию сурохию ҷомро бурда, ба ҷояш гузошт: — Фирӯзаҷон ба корҳои ҳукумат аралаш шудан ин тараф, аз шеърхонӣ ҳам даст кашида мондааст.

— Рост мегӯед, амакҷон! — гуфт Фирӯза.— Шеърхонӣ он тараф истад, ба афту андоми худам, ба хонаю ҷоям дуруст нигоҳ карда наметавонам, кор бисьёр... Хусусан ки имрӯзҳо мана мудири клуби занҳо таъин карданд!

— Клуби занҳо?— ҳайрон шуда, Бобо-заргар пурсид.— Клуби занҳо будагист? Қулуб калимаи арабӣ аст, маъноаш дилҳо аст. Агар туро мудири дили занҳо карда бошанд, кори калон!

Аз ин гап Оймулло ва Фирӯза хандиданд.

— Не, рост! — мегуфт заргар,— Қулуб аз қалб гирифта шудагӣ, қалб бошад, дил аст.

— Аз як ҷиҳат гапи шумо ҳам дуруст,— гуфт Оймулло.— Клуб чунон ҷой, ки дар он ҷо дилҳо, дилҳои занҳо як мешаванд, ба ҳам ҷамъ мешаванд. Фирӯзаҷон бошад, он дилҳоро навозиш мекунад, мебардорад...

— Кӯшиш мекунам, Оймулло,— гуфт Фирӯза,— лекин халал медиҳанд. Як қисми мансабдорҳои холабеғам, клуби занҳоро хонаи айшу ишрат гумон кардаанд. Бинам, инаш ассалом, ваяш ассалом гуфта ома-

да, занҳоро танчашм мекунанд, бо ҳар чӣ баҳонаҳо даромада омада, ба кори мо халал мерасонанд.

— Намон, ба даромадан иҷозат нате! — гуфт қатъӣ карда, Оймулло.

— Ҳамин тавр кардан лозим мешавад,— гуфт Фирӯза.— Майлаш ки аз ман ранҷанд, шикоят кунанд Аз амаки Ҳайдарқул хоҳиш мекунам, фармоянд, ки ба дари клуб ҳамеша як милиция каровул истад.

— Ҳа, офарин! — гуфт Оймулло.— Тартибу низомро ба роҳ мон, духтарҳоро ба хондан ва ба кор машғул кун, ки сар бардошта натавонанд.

— Нағз гуфтед, Оймуллоҷон. Лекин аз шумо як хоҳиш! Муаллима намерасад, гӯед, чӣ шавад, ки шумо ҳам рафта, ба духтарҳои мо сабақ омӯзед?

— Ӯ-ӯ-ӯ! — гуфт Оймулло,— ман ба клуб рафта, ба духтарҳои ту чӣ меомӯхтам?! Ман оймуллои кӯҳна, ба шумо муаллимаҳои нав, муаллимаҳои туркидон даркор!

— Шарт не,— гуфт дарҳол Фирӯза.— Мо ба забони тоҷикӣ ҳам машғулият дорем. Шумо бо забони худамон, ба духтарҳо дарси адабу одоб медиҳед, онҳоро бо шеъри Ҳофизу Саъдӣ ошно мекунед. Ана ҳамин.

Оймулло андаке фикр карда монд:

— Охир, духтарҳои ту ба шеъру адаб майл доранд-мӣ? — гуфта пурсид, вай ниҳоят.

— Майл доранд,— гуфт Фирӯза.— Ман гӯш кардам, дар хобгоҳашон корашон шеърхонӣ, ғазалу тарона...

— Хайр, майлаш, фикр карда бинам канӣ, баъд ба ту ҷавобаша медиҳам.

— Хайр, набошад, пагоҳ бо ҳам равем, як рӯз истода, ҳамин тавр тамошо кунед, канӣ ба шумо маъқул мешавад, ё не.

— Майлаш, майлаш,— гуфт оймулло ва суханро ба сӯи дигар тофт: — Фаҳмидӣ, Ойими Шоҳ ба Ҳоҷӣ Ҳасанбек баромадааст.

— Ба ростӣ? Ҳайфи келинчан боақл, ки бахташро сӯхт!

— Кӣ медонад, шояд хушбахт шавад?

— Не,— гуфт ба таври қатъӣ Фирӯза.— Ман Ойи-

ми Шоҳро ҳам медонам, Ҳоҷӣ Ҳасанбекро ҳам чидам... Ин кор зурма-зӯракӣ шудагӣ...

— Э, э,— гуфт бобо-заргар ба гап ҳамроҳ шуда,— дар замони шӯро ҳам зӯрма-зӯракӣ шуданаш мумкин-мӣ?

— Мумкин шудааст-ку! — гуфт Фирӯза маъюсона.— Лекин набояд шавад буд! Баъзе ҳукуматдорҳои имрӯза, ба гумонам, ба ҷояшон нолоиқ ҳастанд. Онҳо инқилобро нодуруст фаҳмидагӣ... Чӣ будани озодии занҳоро намедонанд...

— Рост, рост! — гуфт оймулло,— агар медонистанд, ин тавр намекарданд.

Бобо-заргар муқобил шуд:

— Ман ба шумо ҳайрон,— гуфт вай,— дар вақташ амир ва мансабдорҳои вай буданд, ҳар чӣ мехостанд, бо фуқаро кардан мегирифтанд... Акнун даври ҳукумати шӯро, акнун нозирҳо бо фуқаро ҳар чӣ хоҳанд кардан мегиранд-дия!

— Набояд ҳамин тавр шавад!— гуфт Оймулло,— чи тавре ки мароми Ҳукумати Шӯроиро Фирӯзаю Ҳайдарқул ба ман гуфтанд, дар ин давр фуқаро бояд осуда бошад, бояд ҳар кас ба мурoду мақсадаш расад, бояд озод бошад...

— Хайр,— гуфт мӯсафед,— шояд ҳамин тавр ҳам бошад... Лекин ҳозир...

— Ҳозир,— гуфт Фирӯза.— Ҳукумат дуруст мустаҳкам нашудааст. Душманҳо дар гирду атроф пур, аз ҳар фурсат истифода бурда, зарар расониданӣ мешаванд... Ана, як воқеаи дирӯзаро ба шумо гӯям: ревкоми Кармина се нафар зани бекас ва озодиҷӯро ба ароба савор карда, ба клуби мо фиристодааст. Лекин дар роҳ одамони номаълум пеши роҳи аробаро гирифта, занҳои бечораи мазлумро пора-пора кардаанд ва бо хуни онҳо ба коғазе навишта мондаанд, ки сазои ҳуррият мехостагӣ ана ҳамин!

— Вай, вай, вайе!— гуфт аз аламу дард Оймулло.— Чӣ даҳшат, чӣ фоҷиа! Наход, дар дуньё ҳамин қадар одамони бераҳм ҳастанд, ки ба занҳои бегуноҳ ҳуҷум карда, онҳоро пора-пора мекунанд?!

— Ҳастанд, ҳанӯз ҳастанд! — гуфт Фирӯза.— Лекин Ҳукумати Шӯрой онҳоро нест карда истодааст.

Аммо онҳо то тамоман нест шуданашон, хеле корҳо карданашон мумкин...

— Ту хушьёр бош духтарам! — гуфт Оймулло,— Худо накарда, ба ту офате нарасад. Шабу ними шаб, дар торикиҳо нагард. Аз аввали шаб дарвозаро занчир карда хоб кунетон! Агар Асо наомада монад, ту ба ин чо, ба пеши мо фаромада хоб кун!

— Ҳа, ба ҳар ҳол номи ман мард! — гуфта монд бобо заргар, ба лаби Фирӯза табассум давид.

— Хайр, саломат бошетон! — гуфт вай.— Ман боло баромада, то омадани Асо ин тараф — он тарафи хонаро ғундорам...

**8.**

Модари Ҳамроҳхон мегирист. Дар як ҳавлии калон, яккаю танҳо нишаста фиғон мекард, менолид, ба дилаш мезад, рӯяшро мехарошид, ба худо зорию тавалло мекард. Фаранҷию чашмбанди вай ба рӯи даҳлизи хона паҳну парешон партофта шуда буданд. Аз сару либос ва маҳсии пояш намуда меистод, ки вай ҳамин навакак аз кӯча баргашта ва ба чизе аҳамият надода, ба пеши дари поёни хона нишаста, ба гирья сар кардааст.

— Худо, духтаракама ба амони худат саломат нигаҳ дор! Парвардигоро, ба ҳаққи ҳурмати номи покат, бачекама аз офату бало, аз дасти золим раҳон!

Ҳамин тавр, кампир ба худо зорӣ мекард ва мегирист. Оби чашми шашқатор рӯҳои серочинги ӯро, ки як вақтҳо гул барин зебо ва хуррам буданд ва бонси васфу ифтихори раҳматӣ шавҳараш гашта буданд, шуста, рухсораашро андаке сурх карда буданд...

Ниҳоят оби чашм хушк шуд. Кампир аз гиристану талвоса кардан монда шуда, ба як нуқта, ба тирезаи хона нигарон хомӯш монд...

Офтоби чоштгоҳии рӯзи тирамоҳ аз се дар ба дарун тофта, хонаи камҷиҳоз ва бечораҳолонаро равшан карда буд. Ҳарорати офтоб як ғурмагаси карахт шуда мондаро бедор карда буд, ки ба шишаи тиреза часпида ғуж-ғуж мекард. Берун баромаданӣ мешуд

ва намедонист, ки дар миён шиша ҳаст, шишаи шаффоф, шишаи сахт, шишаи лағжонак ва силиқ ҳаст... Ҳамаи кӯшиши ғурмагас бедарак ва ҳадар буд!.. Вай то ба охири шиша, то ба чӯби тиреза мерафт. Чӯб лағжонак не, ба вай по монда гаштан мумкин, аз он парида рафтан ҳам кулай, лекин шаффоф не, берунро, нури офтобро ҳоил мешавад... Ғурмагас боз пас мегардад, боз берун менамояд: офтоб, ҳавои соф, майдони васеъ, озодӣ... Аммо илоҷи рафтан не! Дар миён шиша ҳаст, ки ғурмагас инро намедонад ва донистан ҳам намехоҳад...

Духтари вай Ҳамроҳхон ҳам, ана ҳамин ҷониварбарин... ба нури офтоб, ба озодӣ, ба сӯи бахту саодати худ паридан, болҳояшро калон кушода паридан мехоҳад... Вай ҳам монанди ин ҷонивар офтобро, майдони кушодро, ҳавои софу хуррамро дидааст ва ҷандала мекунад, лекин афсӯс, ки пеши роҳашро, пеши роҳи бахташро ҳамеша банд мекунанд, ҳамеша монеаҳои ноаён пайдо мешаванд...

Худоё, кушоиш дар куҷо, роҳи бахт ку?!

Кампир ба фикру хаёл ғарқ буд, ки ногоҳ аз рӯи ҳавлӣ овози пое шунида шуду занаке пурсид:

— Гардам ойимҳо, ҳастетон-мӣ?

Вай давида аз ҷо бархосту ба даҳлиз баромада, то мехост, ки фаранҷию чашмбанди партофташударо ғундорад, аз дар Анбари Ашк намудор шуд, ки фаранҷию чашмбанд дар даст, ба вай салом медод.

— Ассалом холеш! — гуфт кампир зӯран табассум карда,— Биёед, тасаддуқ, ман ҳам ҳозиракак омада будам...

Онҳо вохӯрдию пурсу пос карданд, ба хона даромаданд ва баъд аз чӣ буд, ки бо дидани Анбари Ашк боз обҳои чашм ҷӯшида баромадан гирифтанд ва кампир маҷбур шуд, ки дар поёни хона нишаста боз остин ба чашм гирад.

— Хӯш, хӯш? — ҳайрон ва ҳатто як дараҷа ба воҳима афтод Анбари Ашк.— Чӣ шуд? Чӣ ҳодиса?

Дақиқае кампир гап зада натавонист, баъд обҳои чашмашро пок карда, як нафас гирифту гуфт:

— Ғамам зӯр, холеш, ғамам зӯр! Чӣ кор кардам

ман, чӣ номаъқулӣ кардам, ки розӣ шудам, бо дасти худам духтарама ба даруни бало партофтам!..

Анбари Ашк қариб буд заҳракаф шавад:

— Ин қадар мана натарсонед, ойим, асли гапа гӯед! Духтарам сиҳату саломат-мӣ?

— Саломат буд... Лекин намедонам...— гуфт боз кампир ба дили Анбар воҳима ҷо карда ва пас аз нафасе ба гапаш давом дод:— Имрӯз домоди нав ба ман баромада равед, нагуфту бас! Рӯйхуш надод! Духтарам — Ҳамроҳхон қариб буд, ки аз ғусса мурад... ба ҳолу ҷони ман намонда, гусел кард, ба хона равед, гуфт. Омадаму лекин ақлу ҳушам дар он ҷо монд! Метарсам, холеш, метарсам!

— О, барои чӣ метарсед?

— Духтарам худаша ягон кор мекунад.

— Барои чӣ будааст? Охир, бо ризою рағбат зану шӯ шуданд, орзую умедҳо доштед?

— Э, ризою рағбат-а?! — гуфт кампир оҳ кашида.— Духтарама зӯран гирифт. Аввал ваъда дод, ки ҳамаи чизу ҷораҳои ғораткардаашонро бармегардонад, баъд одам фиристода хабар дод, ки агар розӣ нашавем ҳабс мекунад, зӯран, беобрӯ карда мегирад... Ҳа, ин гапҳоро ба кӣ гӯям?! Дамамон ба дарунамон, ҳеҷ чиз нагуфтему розӣ шудем. Аммо, ин мардак на чизамонро доду на ба духтарам рӯзу рӯшноӣ! Дар ҳавлии палончнок бахт гузар намекунад мегӯянд, рост аст.

— Наход ки Ҳамроҳхон дили мардака нарм карда натавониста бошад?

— Дилаш пӯсида, хок шавад! — гуфт кампир.— Метарсам, ки Ҳамроҳ худаша ягон кор накунад, холеш! Хайрият омадед, худо шуморо расонид! Ҷон холеш, ягон илоҷ ёбед, ки набошад духтарам аз даст меравад.

— Шумо чиҳо мегӯед?! — гуфт Анбар ба ӯ тасалло доданӣ шуда.— Духтарам ақл дорад, фаҳм дорад! Наход ки аз барои як пиракӣ худаша кушад?!

— Аз барои вай сакалту не! — гуфт кампир,— аз дарду алам, аз ноумедӣ ва тирабахтӣ ҳар чӣ кор карданаш мумкин, холеш! Ба ман рамз карда монд, мани

калфаҳм баъд дониста ба тобаҳо бирьён шуда истодем...

Анбар фаҳмид, ки талвосаи кампир беҷо не, Ҳамроҳхон ҳақиқатан дар ноумедӣ ҳар чӣ кор карда монданаш мумкин, бинобар он фикр карда истода гуфт:

— Воҳима накунед, ойим! Ман худи ҳозир ба пеши духтарам меравам, бо худаш машварат карда, чораи корашро мебинем.

— Хайр, илоҳӣ барака ёбед, холеш! Парвардигорам ба мурооду мақсадатон расонад! Лекин эҳтиёт кунед, мабодо шумоя рӯинхуш надиҳанд...

Анбари Ашк табассум кард:

— Ба ман рӯи хуши онҳо даркор не! Хуб мешуд, ки он мӯсафеди фосиқ аз ман рӯи хуш ҷӯяд! Ҳамон ду-се тор мӯйлабаш зиёдатӣ барин, якта-якта канда ба доманаш мепартоям! Ман аз Чека-мекааш наметарсам! Хотирҷамъ! Як кунам, ки худаш гӯяд, бораколлоҳ!

Ин гуфтори занаки пурзӯр ва тавоно ба дили пуралами кампир каме равшанӣ овард. Вай боварӣ дошт, ки Анбари Ашк халосгори духтараш мешавад.

— Илоҳӣ худо ба шумо ёр шавад! — гуфт кампир ӯро гусел карда истода.— Наистодед, ки як чой дам кунам. Ман сару ҳушамро гум карда мондам...

— Ҷони шуморо бисьёр хӯрдем, ойим! — гуфт дар роҳрав Анбар.— Ҳозир зудтар ба пеши духтарам равам, ки аз ғусса чиҳо шуда бошад? Илоҳӣ Ҳоҷӣ Ҳасанбек нашуда, Ҳоҷӣ гумном шав, ту фосиқи пирсаг!

Анбар ба кӯча баромад.

Рӯзи хуррами офтобӣ буд, он рӯз. Мардум хурсандона, гурӯҳ-гурӯҳ ба сӯи майдони Регистон мерафтанд. Бачаҳо кӣ-чукунон медавиданд, аз ҳар тараф овози суруд, мусиқӣ ва тарона шунида мешуд. Дар фазо, дар макон, дар ҳама ҷо руҳи идона буд. Ба болои дарвозаҳо, ба пештоқҳои масҷиду мадрасаҳо байрақҳои сурх ҷилва мекард. Дар ҳама ҷо як ҳимҳима, як фараҳ ва шодӣ ҳукм меронд. Анбар аз кӯчаи баланд ба поён, ба роҳи калони Регистон фаромада, тамом ҳайрон шуда монд. Мактаббачаҳои бисьёре бо либосҳои нав, байрақ бардошта, суруд

хонда, нақораю карнай навохта мерафтанд. Ҳар як мактаб дар як ранг либос... ба гардани мактаббачаҳо рӯмолчаҳои сурх баста шудагӣ, ба сарашон телпакчаҳои кемагӣ, чунон зебида буд, ки Анбари Ашк беихтиёр дар сари роҳ истода монд. Хурсандӣ, хуррамӣ ва шавқу сурури ин бачаҳои озод ба дили вай насими баҳорро овард. Беихтиёр аз чашмонаш ашки шодӣ ҷорӣ шуд. Вай худ ба худ мегуфт, ки имрӯз чӣ рӯзи нек бошад?

Аз роҳи калон беист одам мегузашт. Аз паси мактаббачаҳо одамҳои калон ҳам гурӯҳ-гурӯҳ шуда, ба даст байрақҳо, шиорҳо гирифта ба сӯи Регистон мерафтанд. Анбари Ашк камтар нигоҳ карда истода буд, ки аскарҳо бо карнаю сурнаю дӯлу нағора, саф-саф қатор шуда, милтиқҳо дар кифт, поймашққунон гузаштанд. Анбари Ашк тоқат накарду аз як машкобе, ки навакак ба роҳ об зада, бо машки холӣ дар қарибии ӯ гузаштани аскарҳоро тамошо карда меистод, пурсид:

— Ҷиян, ин чӣ тамошо бошад? Инҳо ба куҷо меравандӣ?

— Имрӯз ид,— гуфт машкоб,— имрӯз иди Октябрь! Дар Регистон сайл шудагӣ, намоиш!.. Аз болои минбари сурх калоншавандаҳо ваъз мегӯянд. Биёед равем, ана, аз паси ҳамин аскарҳои Асад Махсум рафтан мегирем...

— Занҳоя намемондагиянд?

— Э, дачӣ-ба?! — гуфт машкоб.— О, ин иди озодӣ бошаду занҳоя намонанд! Ман дидам, занҳо ҳам рафта истоден... Биёед!

— Хӯш, камтар баъд меравам. Ҳозир ман як кор дорам, кори зарур дорам, ҷиян! — гуфт Анбар ва аз тан манор, аз байни растаҳои сӯхта валангор шуда гузашта, аз пеши қозихона ба гузари Ҳавзи Атолиқ фаромад. Дар ин гузар, дар қарибии ҳаммоми Қаффолак, дар ҳавлии собиқи Абдумӯъмини ичорадор, ки хеле ҳавлии калон ва серхона буд, клуби занҳои Бухоро ҷой гирифта буд. Дарвозаи он ҳавлии калон ба даруни долони назарногире буда, аз дарвоза, ки даромадед, ҳавлии беруни «дангиллама» ва баъд, ҳавлии даруни васеъ сар мешуд. Дар ҳавлии берун

идораи клуб, анбор ва дигар биноҳои хоҷагӣ ва маъмурии клуб ҷо гирифта буд. Яке аз синфҳои дарсхонӣ низ дар ҳавлии берун буд. Аммо дар ҳавлии дарун, ки нисбатан хеле васеъ буда, таҳхонаю болохонаю базмхонаҳо дошт, асоси клуб; хонаи маҷлисҳо ва ҷамъомадҳо, хонаҳои ҳунаромӯзӣ-дарздӯзӣ, кашидадӯзӣ ва ғайра, ошхона ва хонаҳои истиқоматӣ ҷо гирифта буд.

Анбархола пеш аз ин ҳам як-ду бор ба ин ҳавлӣ омада чӣ будани клуб, вазифаи онро хуб фаҳмида гирифта буд. Ӯро ба ин ҷо, пас аз баромадан аз ҳавлии Қоплон,— аз назди модари амир, Фирӯза ҳидоят карда оварда буд. Шиносоии Анбархола ва Фирӯза ҳанӯз дар арк ва пеш аз инқилоб воқеъ гардида, оҳиста-оҳиста дар байни онҳо дӯстӣ ва самимият низ мустаҳкам гардида буд. Анбархола ба Фирӯза эътиқоди калон дошт. Вай чунин мепиндошт, ки ин зани ҷавони бағайрат ва софдил ҳар чӣ ки хоҳад карда метавонад. Хусусан пас аз инқилоб Фирӯза ба назари вай инқилобчии аввалин, яке аз сардорони ҳукумати нав барин менамуд. Бинобар он ҳамеша агар ба чизе эҳтиёҷ пайдо кунад, агар маслиҳате, коре баромада монад, вай зуд ба назди Фирӯза меомад ва бо маслиҳати неки ӯ корашро пеш мебурд. Ҳоло ҳам, ки дар назди ӯ муаммои хеле муҳим, озод кардани духтархондаш — Ҳамроҳхон меистод, бешубҳа ба ғайр аз маслиҳати Фирӯза дигар мушкилкушое надошт.

Он рӯз Анбархола ба клуби занҳо омада, қариб буд, нашиносад. Аввалан ин ки дар кӯчаи калон ва даромадгоҳи долон бо алвонҳои сурх, ки дар онҳо бо ҳарфҳои сафед шиорҳои инқилобӣ, ба мисли «Зиндабод инқилоби Кабири Октябрь», «Зиндабод байналмиллали сейӯм!», «Зиндабод фирқаи иштирокиюн ва Ҳукумати Шӯрой» навишта шуда буд, оро дода шуда ва бо шилшилаи коғазҳои рангоранг ва бо байрақҳои сурх ва расмҳои Маркс, Энгельс ва Ленин зинат дода шуда буд. Шифти долон то ба худи дарвозаи клуб бо шилшилаҳои рангоранги коғазии пӯшида буд. Дарун-беруни ҳавлии калони клуб аз одам пур, тараддуд, гуфтугӯ, даромад-баромад, дойразанӣ, чапакзанӣ, сурудхонӣ дар авҷ буд... Занҳо либосҳои нав

пӯшида буданд. Муаллимаҳо дар по мӯзачаҳо, ё ки кафшу маҳсии америкоӣ, дар тан куртаҳои махмал, камзӯлчаҳои моҳут, ба сар сарбандҳои абрешимин баста буданд. Отунчахон ном муаллимаи тошкандӣ, ки дар ҳусну малоҳат ҳам аз дигарон бартарӣ мекард, аз ҳама зеботар ва шинамтар пӯшида буд. Дар пои вай батинкаи сурхчаранги соғдор, ба танаш куртаи шоҳии марғилонӣ, аз болои камзӯли бисьёр нозук ва зебои чесуча, ки остинҳояш ва гиребонаш пар-пар дошт ва кашидадӯзӣ карда шуда буд, ба сараш аз болои тӯпии гулдӯзии тошкандӣ як рӯмоли гулобии ҳарир партофта буд. Чашмонаш сурмагин, ба абрӯвонаш усма кашидагӣ, дар дасташ дар ҳамин рӯзи ид ҳам газетаю китоб буд...

Анбархола дар ин дӯлобӣ Фирӯзаро наёфта, ҳайрон шуда истода буд, ки ногоҳ Отунчахонро дид ва ба назди ӯ рафта салом доду дараки Фирӯзаро пурсид.

— Фирӯза дар хобгоҳи духтарон будагист,— гуфт Отунчахон.— Аз намоиш дер намонем гуфта, онҳоро тезониданӣ буд.

— Ин чӣ намоиш? — пурсид Анбари Ашк қасдан, мехост, ки гуфтаҳои машкоби ҷавонро санҷад.

Отунчахон аз миёни ҳавлӣ ба канортар баромаду гуфт:

— Ин намоиши иди Октябр аст.

— Хайр...— гуфта монд Анбари Ашк ва аз симои ӯ намоён буд, ки чизе нафаҳмидааст. Отунчахон табассуме карду ба гапаш шарҳ дод:

— Се сол пеш аз ин дар Руссия инқилоб шуда буд. Ҳукумати золимро нест карда, ба ҷояш Ҳукумати Шӯроиро барқарор карданд. Ана, ин намоиш ба хурсандии ҳамон рӯз аст. Рӯзи озодии меҳнаткашон, рӯзи иди калон аст. Имрӯз дар Тошканд ҳам, дар Қазон ҳам, дар Маскаву Фитирбург ҳам ид мекунанд, дар ҳама ҷо ид аст...

— Бисьёр нағз! — гуфт Анбар.— Аз ҳамин хел идҳо бисьёртар шуда истад, ки занҳои бечора андак нафас рост кунанд! Ин чӣ тавр нағз, худи тӯй барин... Иди калон! Истед, ки ҳамаи ҳамин занҳо ба Регистон меравацд?

— Ҳа, ба Регистон рафта ваъзгӯиро мешунавем, баъд гашта омада, боз хурсандиҳо мекунем...

— Шумо ҳам меравед? Бефаранҷӣ?

— Не, чаро бефаранҷӣ? Бо фаранҷӣ ҳам бошад ба намоиш иштирок мекунем!

— Агар бефаранҷӣ мерафтед, ин ҳусну ҷамоли шуморо дида ҳамаи мардҳо девона мешуданд!

— Шумо шӯх ҳастед, хола! — гуфт Отунчахон ва хандид.— Шумо ҳам бо мо ҳамроҳ шуда меравед?

— Хӯш!— гуфт Анбари Ашк ва саҳл таъзиме карда, ба ҳавлии дарун, ба ҷустуҷӯи Фирӯза даромад.

Фирӯза ва Оймуллои Танбӯр дар яке аз хобгоҳҳои занон ба як келинчаи ҷавон, ки аз дасти шавҳари золим ва пири худ гурехта, ба клуб паноҳ бурда буд, либос пӯшонида истода, тасаллӣ медоданд:

— Аввалаш ин ки ту бефаранҷию чашмбанд не,— мегуфт Оймулло.— Баъд дар байни ин қадар зан, мардаки пират чӣ тавр мешинохтааст?

— Метарсам оймуллоҷон, метарсам! — мегуфт келинча ва оби чашмашро пок мекард.

— Ҳамин рӯз, ки бо мо баромада, одаму оламро дидӣ, баъд наметарсӣ! — мегуфт Фирӯза.

Анбар-хола салом дода, аз дар даромаду узр хост:

— Гардам, Фирӯзаҷон! — гуфт вай,— дида истодем, ки коратон бисьёр, лекин як дақиқа, дар бораи як гапи муҳим машварат доштам... Чӣ шавад ки...

— Майлаш, равед Фирӯза! — гуфт Оймулло.— Ман боз як бори дигар нутқи Аминаҷонро такрор мекунонаму мебароем. Ҳама тайёр шудагӣ.

Фирӯза бо Анбари Ашк аз хона баромада, аз байни занону духтарони ғазалхон, хандон, шодон ва хурсанд гузашта, ба хонаи калон, ба маҷлисгоҳ даромаданд, ки он ҷо ҳам бо шиорҳо, бо байрақҳои сурх ва шифташ бо шилшилаҳои коғазӣ оро дода шуда буд. Дар пешгоҳи хона столи калон гузошта шуда, болояш бо бахмали сурх пӯшида шуда буд. Дар паси он стол, ки қариб тамоми пешгаҳро гирифта меистод, як қатор курсӣ-стулҳо гузошта шуда буд. Фарши хонаро бо як гилеми калони патдори сурх пӯшида, дар гирду атроф ва ҷо-ҷо кӯрпаю кӯрпачаҳо партофта буданд.

— Биёед, дар ҳамин ҷо гап занем,— гуфт Фирӯза. — Имрӯз ягон хонаи беодам надорем...

— Ҳеҷ гап не,— гуфт Анбархола.— Ман як андак машварати зарурӣ дорам, меравам...

— Не, не! — гуфт Фирӯза.— Имрӯз ба шумо ҷавоб нест. Имрӯз бо мо ба намоиш меравед, баъд аз намоиш баргашта, дар клуб тамошоҳо, хурсандиҳо мешавад. Шумо ҳам бояд духтарҳои моро хурсанд кунед!

— Ҷонам катӣ,— гуфт Анбари Ашк,— агар расида тавонам, албатта мебиёям... Лекин... ин ҷо ҳамин қадар хурсандию дили мана гургҳо тала карда истодаанд...

— Хӯш, хӯш? Чӣ шуд, чӣ ходиса? — бо воҳима пурсид Фирӯза.

— Гап ҳамин ки,— гуфт Анбархола, Ҳамроҳхони сарсахт ба дараҷае танг шудааст, ки мехостааст худашро кушаду халос шавад. Ин пагоҳ, аз модари вай сиёҳсар хабар гирам, гуфта даромадам, дар ҳавлии танҳо яккафарьёд карда нишастааст. Маро дида часпид, ки зуд ба ҳавлии вай худобехабар равам, аз аҳволи духтараш хабар гирам... Ман ҳозир ба ҳамон ҷо рафта истодаам. Болои роҳ шуморо дида, як машварат пурсам гуфта будам...

— Бечора Ойими Шоҳ! — гуфт Фирӯза бо андӯҳ.— Гуфтам ки таклифи ӯро қабул накун, нағз намешавад, аммо ба гапи ман гӯш накарда, ба он пиракӣ расид...

— Ишқи марди пир-зимистон барои гул! — гуфт Анбархола.— Инро худаш ҳам медонист, лекин чандин тарафа мулоҳиза кардагист... тарсидагист... аз худатон гап намемонад, духтарам!

— Эҳтимол,— гуфт Фирӯза.— Хайр, ҳозир чӣ шудааст?

— Пухта намедонам-ку, лекин азоб-дия!— гуфт Анбар.— Бедарак ба худкушӣ қарор надодагист!..

Фирӯза фикр карда монду баъд гуфт:

— Набошад, шумо рафта хабар гиред, фаҳмед, агар дар он ҳавлӣ ва бо он шавҳар дигар истодан нахоҳад, худкушӣ лозим не, баръакс зиндагӣ кардан лозим. Ягон роҳаша ёфта, ба клуб, ба ин ҷо гирифта биёред, ба мо зӯри ҳеҷ кас намерасад!

да, оби чашмашро, ки беист ҷорӣ буд, пок мекард. Аз берун, аз кӯчаи калон овози карнаю нағоранавозии мактаббачаҳо, сурудхонии онҳо, садои нидо ва хандаҳои кӯдакон шунида шуда меистод. Ҳавлибудагиҳо ҳама, ҳатто кампир — хоҳари шӯяш ҳам ба таи дарвоза, ба тамошои намоиш баромада буданд. Дар ҳавлӣ ба ғайр аз кампири ошпаз, ки дар ошхона кор мекард, дигар касе набуд. Худи Ҳоҷӣ Ҳасанбек, ин пагоҳ барвақт аз хоб бедор шуда, ӯро ҳам, ки тамоми шаб мижа баҳам назада буд, дағалона тела дода, маҷбур ба хестан карда буд.

«— Имрӯз иди мо, иди мо инқилобчиён аст! — мегуфт вай.— Ҳарчанд шумо, ойим дар ин рӯз хурсандӣ кардан намехоҳед, лекин хезед!»

«— Ман хурсанд! — гуфта монд вай.

«—Муомилаи иншабаатон нишон дод, ки шумо дар дил буғз доред, мо — инқилобчиҳо ба шумо маъқул не!...»

«Эй худое,— мегуфт вай дар дилаш — тезтарак дафъ шуда рав, ки овозатро ҳам нашунавам, рангатро ҳам набинам!»

Ҳоҷӣ Ҳасанбек ба назди зани калонаш рафта, ношто карду чизе нагуфта, фармоне надода, мисли харрӯза таҳдид ҳам накарда, баромада рафт...

«Илоҳӣ рафта наомаданак шавад, ин пири мафлук!» — мегуфт вай ба дилаш ва Ҳофизро варақ мезад. Нохост ба чашмаш ғазале вохӯрд, ки ба он ҳолати ӯ хеле муносиб буд ва ӯ ҳама чизро фаромӯш карда, ба хондан сар кард:

Сина моломоли дард аст, эй дареғо марҳаме
Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, худоё, ҳамдаме!
Чашми осоиш кӣ дорад, аз сипеҳри тезрав,
Соқиё ҷоме ба ман деҳ то биёсоям даме!
Сӯхтам дар чоҳи сабр аз баҳри он шамъи Чигил,
Шоҳи туркон фориғ аст аз ҳоли мо, ку Рустаме?
Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,
Оламе дигар бибояд сохт, в-аз нав одаме!

Ё аз таъсири шеъри Ҳофиз, ё аз аламу дарди худаш, боз оби чашмаш равон шуд. Ба хаёлаш нақша ва ниятҳои пурдаҳшат такрор шудан гирифтанд. Вай

китобро пӯшиду ба токча гузошт ва дастонашро ба дуо бардошт:

— Ё раббӣ, ё илоҳо! — гуфт вай оҳиста лаб ҷунбонида.— Ман оҷизам, ман нотавонам. Ман қудрати олами дигар сохтан ва тавони одами нав офаридан надорам! Пас, аз гуноҳам гузар, агар ман бар хилофи раъйи ту кор кунам...

— Худо намебахшад! — гуфта нохост ба хона Анбархола даромада омад. Ҳамроҳхон, ки ҳанӯз дастони ба дуо бардоштаи худро поён накарда буд, бо дидани ӯ якбора суст шуду ба ҷояш нишаста монд:

— Ман хоб мебинам, магар?— гуфт вай.— Анбархола!

Онҳо гардан ба гардан гирифта боздид карданд, гиристанд, хандиданд ва ҳамдигарро бӯсиданд...

— Худаш чӣ гап? — гуфт Анбар.— Чӣ ҳодиса шудааст, ки ту аз худо омурзиши гуноҳонатро мехоҳӣ?

— Илоҷам намонд,— гуфт Ҳамроҳхон,— танг шудам. Дигар, ин ҳавлию хона ба назарам гӯри торик барин менамоянд. Ин пири нотавон бошад, худди азроил! Ана, якуним моҳ шуд, ки ман хун мехӯрам... Ҳар шаб дар паҳлӯям деви аз ях тарошида шуда, хоб мекунад, баданамро мехарошад, мегазад, мефишорад, азоб медиҳад ва ӯҳданобароёна суст шуда меафтад ва хуррок мекашад... Ман чунон шудаам, ки нӯги ангушташ ба ягон ҷои баданам расад, карахт шуда, гиҷинам меояд ва ҷо намеёбам, ки гурезам. Аз ин хел шавҳардорӣ — санги гӯр доштан беҳ аст! Қадом рӯз дар кадом маҷаллаи Эронӣ хонда будам, як шоири эронӣ гуфтааст:

Мар-маро ҳеҷ гунаҳ нест, ба ҷуз он ки занам,
З-ин гуноҳ аст ки то зиндаам андар кафанам.
Биканам гар зи тан ин ҷома, гуноҳаст маро,
Наканам, умр дар ин ҷома табоҳаст маро,
Чӣ кунам? Бахт аз ин рахт сиёҳ аст маро,
Ҳосили умр аз ин зиндагӣ оҳ аст маро.
Марг ҳар шому саҳар чашм бароҳаст маро...
Мар-маро ҳеҷ гунаҳ нест, ба ҷуз он ки занам,
З-ин гуноҳаст ки то зиндаам андар кафанам [1].

Аз шунидани ин байтҳо чашми Анбари Ашк ҳам аз

[1] Шеъри Мирзодаи Ишқӣ.

ашк пур шуд.— Бечора духтарам, сиёҳсар духтарам! —Гуфт вай сари Ҳамроҳхонро ба сина часпонида.— Илоҳӣ ба ту кардагон маргро мунтазир шаванд! Не, ту акнун бояд чун гул шукуфӣ! Бас акнун!

— Мегӯянд, ки кулфати бузург овоз надорад! Рост аст. Овози дили маро кӣ мешунавад, ки...

— Мешунавидагиҳо ҳастанд! — гуфт Анбар.— Аллакай шуниданд...

Вай ба Ҳамроҳхон хеле тасаллӣ дода, гуфтаҳои Фирӯзаро баён кард ва таклиф намуд, ки худи ҳозир аз ин ҳавлӣ баромада равад.

— Чӣ хел мешавад, охир...— гуфта ба тараддуд монд Ҳамроҳхон.— Шумо чӣ хел омадед, ки ин ялмоғузҳо надида монданд?

— Ман аз даричаи ҳамсоя даромада омадам... дидам, ки палончат, кампир — хоҳаршӯят ва боз намедонам киҳо дар таки дарвозаи калони ҳавлии берун гузаштани мактаббачаҳоро тамошо карда истодаанд, наздик нашудаму ба ҳавлии ҳамсоя даромадам. Ҳамсоя маро мешиносад. Дар вақти будани Шайхулислом омада будам. Ҳозир ҳам бо ҳамон роҳи ман омадагӣ баромада меравем...

Ҳамроҳхон табассум кард, ба хона гӯё нури офтоб тофт. Ин аввалин табассуме буд, ки дар лабони вай пас аз заношӯӣ бо Ҳоҷӣ Ҳасанбек пайдо шуда буд. Вай давида аз ҷо бархост, саросемавор баъзе курта ва рӯмолу сарбандҳои дӯстдоштаи худро ғун кард, зинати сару рӯ ва тилловориҳои худро гирифта ва ҳамаро ба як буғча баста тугун кард ва гуфт:

— Рафтем! Ин ялмоғузҳо наомадан пештар аз ҳавлӣ баромадан лозим.

Анбари Ашк, ки мамнунона дар кори ғундор-ғундор ба вай ёрӣ медод, пеш даромаду гуфт:

— Рафтем!

Онҳо фаранҷию чашмбандҳоро аз даҳлиз ба даст гирифта, оҳиста ба рӯи ҳавлӣ баромаданд. Ҳамроҳхон ақаллан як бор ҳам баргашта ба хонае, ки дар он келин шуда омада буд, нигоҳ накард. Чун тир аз камон, чун маҳбус аз зиндон, чун сӯхта аз оташ мегурехт... Бале, мегурехт! Дар ин дам дасту поҳои ӯ сард

гашта, дилаш сахт метапид. Худоё, худовандо, мегуфт, аз ҳавлии ҳамсоя ба кӯча сиҳат-саломат мебаромада бошем? Аз кӯча, аз ин кӯчаю гузарҳои нагбатбор ҳам сиҳат-саломат дур шуда метавониста бошем?! Худоё, худовандо, худат паноҳ шав! Худат паноҳ шав!

Бале, дар ин тавр мавридҳо, мо ҳамеша худоро ба ёд меорем! Дастамон, ки аз ҳама ҷо канда шуд, баъд худо мегӯем ва ба даргоҳи ӯ илтиҷо мекунем... Афсӯс, ки дертар ин умед ин пушту паноҳи охирини мо ҳам хомӯш, сард ва ношунаво шуда мемонад, дар дақиқаи охирин ҳама чиз — ҳамаи ният, мурод ва орзуҳоямон барбод меравад. Чи тавре ки як бор, дар вақти аз ҳавлии Саидбек гурехтан шуда буд... Илоҳо, ҳозир ҳам ҳамон тавр нашавад, худо, худат паноҳ деҳ! Худат наҷот деҳ! Аз шарри Ҳоҷӣ Ҳасанбек ба худат паноҳ мебарам!..

Аммо фикру андешаи Анбари Ашк дигар буд. Вай хурсанду шод буд ва бо умеди қавӣ қадам мепартофт. Боварӣ дошт, ки «ялмоғузҳо» — яъне палонҷ ва хоҳаршӯи Ҳамроҳхон, ки дар пеши дарвозаи ҳавлии берун тамошо карда истодаанд ба ин зудӣ ба хона барнамегарданд, зеро ки аз кӯча овози сурнаю дойраю қарсакзанӣ шунавида мешавад ва маълум ки намоишчиёни ҳангомадор гузашта истодаанд. Худи Ҳоҷӣ Ҳасанбек бошад, ҳеҷ гоҳ калонҳои ба намоиш ҳузурьёфтаро партофта, ба ҳавлӣ барнамегардад...

Онҳо ба ҳавлии ҳамсоя гузашта, фаранҷиҳоро ба сар гирифтанд ва ҳатто ба соҳибони он ҳавлӣ ҳам нафаҳмонида ба кӯча баромаданду ғайб заданд...

Оҳ, чӣ хушбахтӣ, чӣ рӯзи нек аст имрӯз, мегуфт Ҳамроҳхон, вакте ки худро аз Қоплону Даббиён дур дид. Ҳеҷ кас монеи онҳо нагашт, ҳеҷ нохалафе пеши роҳи онҳоро нагирифт. Онҳо чун мурғони аз қафас наҷотьёфта болу пар кушоданду ба сӯи лонаи мақсад парвоз намуданд.

Дар ин дам дар Регистон митинг давом мекард. Ҳазорҳо мардуми Бухоро дар зери байрақҳои сурх, аввалин бор иди бузурги Октябрьро ид мегирифтанд, шодию хуррамию тантанаю шукӯҳ фазоро пур карда буд. Ин ид—иди озодӣ, иди зафар, иди истиқлол ва иди зиндагӣ буд. Барои халқи меҳнаткашон акнун рӯзу ай-

ёмҳои нек, фурсату соатҳои осудагӣ расида буд. Садҳо мактаббачаҳо дар либосҳои нав ва ранг ба ранг, ҷавонҳо, аввалин аъзоёни комсомол ва ташкилоти касаба машкобҳо, хунармандҳо, деҳқонҳо ва аҳолии гуногункасби шаҳр баромада буданд ва бо ҳисси ифтихору мамнуният суханони нотиқонро гӯш медоданд.

Дар болои минбар (чорток), ки давро-даври онро бо шиорҳо, байрақҳо ва шилшилаҳои когазӣ оро дода буданд, роҳбарони ҳукумати Бухоро, намояндаи ҳукумати РСФСР дар Бухоро,— Куйбышев ва як ду нафар отазани фаранҷипок рост меистоданд. Пас аз нутқи оташин ва пурҷӯшу хурӯши Файзулло Хоҷаев, ки мардум онро бо диққати том гӯш карда, чапакҳо заданд ва овози ҳимҳима ва тасдиқи гуфторро баланд намуданд. Абдуқодир Муҳиддинов суханро ба Валериян Владимирович Куйбышев дод. Валериян Владимирович шапкаи худро ба даст гирифту ба дамгаҳи чорток омад ва ба забони русӣ ба нутқ сар кард, ки баъд онро тарҷимон тарҷима карда дод.

Куйбышев дар бораи ғалабаи Октябрь ва неъмати озодӣ сухан карда, ба масъалаи инқилоби Бухоро ва озодии халқҳои Шарқи мазлум махсусан бисьёртар истод.

— Дар Бухоро инқилоби сурх ғалаба кард,— гуфт вай.— Халқи Бухоро республикаи халқӣ, Советии худро барпо намуд ва ҳоло аз неъмати фаровони ин инқилоб озодона истифода мебарад. Ҳукумати Шӯроии Руссия ва республикаи Советии Социалистии Туркистон ба халқҳои озоди Бухорои инқилобӣ ҳар чӣ матлабе, ки лозим аст, мерасонанд. Махсусан бо нишондоди рафиқ Ленин Ҳукумати Шӯроии Руссия қарор додааст, ки ҳамаи моликияти Ҳукумати собиқи Руссия ва бойҳои ҷудогона дар хоки Бухоро, ба халқ ва ҳукумати Бухоро маҷҷонан дода мешавад. Хоҳ завод ва фабрикаҳо, хоҳ замин, иморат, бино ва мулки бойҳои дигар ҳоло аз они ҳалқи Бухорост. Ҳукумати Шӯроии Руссия аз бахри ҳамаи қарзҳое ки амири Бухоро аз Руссия кардааст, возмегузарад ва ба халқи Бухоро мебахшад. Ҳукумати Руссияи Шӯроӣ кӯшиш мекунад, ки республикаи ҷавони Бухоро дар муддати кӯтоҳ қоматашро боло бардорад, халқи Бухоро аз ҷи-

ҳати иқтисодӣ ва маданӣ пешрав, мустақил ва бой гарданд. Ман боварӣ дорам, ки халқи Бухоро дар асоси мустаҳкам намудани инқилоби Социалистӣ дар зери байрақи интернационали сейӯм бо роҳбарияти фирқаи иштирокиюн ва ҳукумати шӯроӣ ҳаёти нав, ҳаёти серию пуррӣ ва баробарҳуқуқӣ, ҳаёти маданни худро барпо мекунанд ва ба ҳамаи боқимондаҳои ҳокимияти амирӣ зарбаи марговар мезананд.

Пас аз Куйбышев ба пеши минбар зани фаранҷипоке омад, ки он Фирӯза буд. Мардум дар поёни минбар ҳимҳима ва ғулғулаи шодиро баланд карданд. Ин аввалин зани мазлумаи Бухоро буд, ки аз минбари инқилоб садои худро мебаровард ва баробари мардон ба офтоби ҳаётбахши инқилоби Октябрь таҳният мегуфт. Ҳарчанд ки ин нутқ кӯтоҳ буд, ҳарчанд ки ин овоз хеле паст ва беҷуръатона буд, ҳарчанд ки пеши рӯи гӯяндаро чашмбанди сиёҳ панаҳ мекард, лекин аввалин ҷуръат, аввалин ҷасорат ва аввалин садо аз минбари олии инқилоб буд. Бале, гуфтаҳои ӯро фақат дар атрофи минбар ва наздикии он будагон фаҳмиданд, зеро ки Фирӯза бо овози паст, бо ҳаяҷон, вале аз дилу ҷон сухан мегуфт...

— Ана, дидӣ духтарам!— гуфт Анбари Ашк ба Ҳамроҳхон, ки аз дур ин манзараро медиданд.— Як занак, ту барин як келинча дар қатори мардҳо — дар қатори калонҳо ба минбар баромада, ваъз гуфта истодааст! Шояд мӯсафеди бетавфиқи ту даст пеш гирифта, бо ҷону дил ба ваъзгӯии он занак гӯш карда истодагист!.. Ту бошӣ, дар кунҷи хона гириста, ба қасди худкушӣ шуда нишастаӣ! Не, ба худо, ки аз нав ҷавон шудан мехоҳам, зиндагиро аз нав сар кардан мехоҳам! Оймуллои Танбӯр рост мегуфт, ки айёми ишқ расид, айёми ҷавонӣ!

— Аз забонакатон гардам! —гуфт Ҳамроҳхон.— Кошкӣ дар ин айёми ишқ ба ман ҳам, камтар озодона нафас кашидан муяссар гардад?

— Албатта муяссар мегардад! Камтар не, як галаю бо пиҷӣ!

Дар ин дам Абдуқодир Муҳиддинов суханро ба сардори милицияи шаҳр — Алиризо афандӣ дод. Вай ки яке аз зобитҳои турк буда дар қатори дигар асиро-

ни ҷанги ҷаҳонӣ ба Бухоро омада, ба кор даромада буд, ба забони туркӣ нутқи бемазае кард. Мазмуни нутқи миллатчиёнаи ӯ ҳамин буд, ки мегуфт: миллати турк бедор шуд, вай бояд иттиҳод кунад ва ба ҷаҳониён нишон диҳад, ки қодир ва тавоност. Халқи Бухоро, ки (гӯё — Ҷ. И.) турк ҳастанд, бояд бедор шаванд. Ҳар кас ба муқобили иттиҳоди туркон ҳаракате кунад, ӯро дар ҳамин майдони Регистон баровара тирборон мекунанд. Ҳар кас ки аз партави байрақи тӯрониён саркашӣ кунад, вай аксульинқилобчӣ ҳисоб мешавад ва ҷазо мeёбад ва ҳоказо... Омин облоҳу акбар!

Дар вақти нутқ карда истодани Алиризо афандӣ мардум гоҳ оташинона нидоҳо мекарданд, гоҳ бо тамасхур механдиданд ва садои шав-шу баланд шуда рафт. Файзулло Хоҷаев аз ин ҳол хафа шуда ба Муҳиддинов муроҷиат кард?

— Чаро ба ин аблаҳ сухан додед?

— Ҳамин хел қарор шуда буд,— ҷавоб дод Абдуқодир.— Баъд шӯхона гап зада мардумро хандонданаш бад не-ку.

— Бад!— гуфт Файзулло Хоҷаев бо қатъият.— Нутқи ӯро пешакӣ шунида, дидан лозим буд. Ин чӣ бемаънигӣ!

— Ҳақиқатан рост! — гуфт Оқчурин ки яке аз котибони комитети Марказии партияи коммунистии Бухоро буд.— Санҷида дидан ва контрӯл кардан лозим буд, ки ин гуноҳи мо! Майлаш, ҳозир, ба ман сухан диҳед, ба қадри имкон таъсири суханони бади ӯро аз миён бурдан лозим.

— Ин сабақ шаваду,— гуфт Файзулло Хоҷаев,— дигар бор ба ин хел одамон дар митингҳо сухан додан лозим не! Мо худи пагоҳ дар Шӯрои назирон масъала монда аз роҳбарияти милиция ӯро дур мекунем.

Оқчурин дар нутқи худ гуфт, ки халқи Бухоро ва республикаи шӯроии Бухоро бо роҳи интернационалӣ пеш рафта, муносибат ва дӯстии худро бо халқҳои ҳамсоя мустаҳкамтар мекунад, хусусан бо Русияи шӯравӣ ва Туркистон бевосита алоқа баста, бо ҳам кор мекунанд. Инчунин ба ҳукумати РСФСР ва Ленини

кабир ташаккур изҳор кард, ки ба халқи Бухоро ёрии беғаразона мерасонанд...

Ҳамаи ин гуфтушунидҳо аз Валериян Владимирович пинҳон намонд. Вай дар кафотар рост меистод ва ба сӯи Файзулло Хуҷаев бо чашмони пур аз меҳр ва самимият нигоҳ карда табассум намуд. Файзулло Хоҷаев бошад, нутқи Оқчуринро маъқул дониста, дасти ӯро фушурда монд. Боз як ду кас (як ҷавон, як машкоб ва як аскар) сухан карданду митинг ба охир расид. Онҳо Ойими Шоҳ ва Анбари Ашк дар сари роҳи калони Регистон, ки ба тарафи лаби ҳавзи девонбегӣ кашол шуда буд, рост истода буданд. Ҳарчанд ки онҳо аз минбар ва аз маркази майдон дур буданд, вале дар ҷои истодаи онҳо поймашқ карда гузаштани аскарҳо, мактаббачаҳо ва ҷавонҳоро тамошо кардан мумкин шуд. Баъд аз гузашта шудани талабаҳо ва ташкилоти касаба, одамони Асад Махсум — сувораю пиёда, бо сардории худи вай, ки дар аспи сафеди шӯх нишаста буд ва ду муовинаш аз ду тарафи ӯ буданд, гузаштанд.

— Ин мардаки ҳиккабаланд кӣ будааст? — пурсид Ҳамроҳхон.

— Намедонам, ягон рӯзнадидаи ба рӯз расида, будагист!— гуфт ба ҷавоб Анбархола.— Худи амир Олимхон барин савлат дорад-а?!

— Афташа бод хӯрад!— гуфта монд Ҳамроҳхон.

Анбари Ашк донист, ки ҳар чию ҳар кӣ, ки ёд аз амир медод, барои Ҳамроҳхон ногувор буд.

Пас аз гузашта шудани одамони Асад, якчанд фойтунҳои калонҳо гузашт ва баъд дар аспи бароқи худ бо як гурӯҳ одамони савораи Насимҷон гузашт, ки Ҳамроҳхон беихтиёр пурсид:

— Ин ҷавони зебо кӣ бошад?

Анбари Ашк хурсанд шуд.

— Ин, писари Ҳоҷӣ Малеҳ, Насимҷон будааст,— гуфт вай.— Ман ҳам ҳамин рӯз, дар пеши клуб дида, шинохтам. Ҳақиқатан ҷавони зебо!.. Либосаш ба худаш чунон зебидааст, ки... баъд хеле боодоб ширинзабон барин...

«Занаш чӣ тавр хушбахт бошад,— гуфта Ҳамроҳхон аз дил гузарониду шавҳарони ноҳинҷори худашро

бо ин ҷавон муқоиса кард ва хеле малӯл гашт.— Бале, бадбахттарини занҳо ман будаам, ки ба дасти нокасон афтодам... Аммо, маълум ки занҳои хушбахт ҳам бисьёранд...»

Вай оҳи сарде кашид. Анбархола дид, ки Ҳамроҳхон боз малӯл гашту оҳи сард кашид, зуд ба гап даромада гуфт:

— Имрӯз дар клуби занҳо базму тӯи калон мешудааст. Ин ҳам омади кори мо... Ин фоли нек аст. Насиб бошад ҳамаи ғаму ғуссаҳо фаромӯш мешаванд.

— Қошкӣ! — гуфта монд Ҳамроҳхон.

Ба рӯ ба рӯи онҳо байрақ бардошта, сафи занҳои клуб омада буд, ки онҳо ҳам ба роҳи калон фаромада, ба қатор дохил шуданд. Фирӯза, ки дар зери байрақ, пешопеш мерафт, дарҳол онҳоро шинохт ва хурсандона овоз бароварда, марҳамат, биёетон! — гуфта монд. Ҳамроҳхон овози Фирӯзаро шунида шод шуд ва бо қадамҳои калон, дар қатори занҳо рафтан гирифт. Онҳо ба қарибии Бозори Нав расида буданд, ки аз пас, дар фойтони худ Ҳоҷӣ Ҳасанбек гузашта рафт, ки бо дидани вай ба дили шоди Ҳамроҳхон як пардаи ғам афтод: «Ҳозир ба хона рафта, набудани маро мефаҳмидагист, олама ба олам мезадагист, одамҳои худашро ба ҳавлии мо мефиристодагист, модарамро ҳабс мекардагист... Худоё, ман чӣ кардам?!»

Дар клуб Ҳамроҳхон ва Анбари Ашкро бо хурсандию шодӣ иҳота карданд. Муаллимаҳо, Оймуллои Тандӯр, духтарҳо ва Фирӯза — ҳама... хуш омадед, шод бошед, ҳар қадам мондед, болои дида, хона-хонаи шумо, мегуфтанд, давр-даври онҳо мегаштанд... Лекин Ҳамроҳхон хафа ва парешон буд, фақат бо табассуми сохта ба онҳо менигарист, ба қадри тавон ҷавоби табрикот ва дилбардориашонро мегуфт, вале ба ҳар ҳол, хафа ва бо ҳаяҷон буд.

Ниҳоят вакте ки дар кабинети Фирӯза, онҳо секаса монданд, Ҳамроҳхон гирист ва ба зорӣ даромад:

— Ҳозир кас монда, модарамро мебарад, кину қасос карда, зиндон мекунад! — мегуфт.

— Ҳад надорад! — мегуфт Фирӯза.— Сараш чандто?! Даври зӯроворӣ гузашта рафт. Ман ҳозир ба

Ҳайдарқул амак телефон мекунам, воқеаи шуморо мефаҳмонам...

— Не, ман ба ҳавлӣ меравам,— мегуфт Ҳамроҳхон. — Ҳар чӣ шавем, бо модарам баҳам шавем!

— Ин гапҳоро монда истед, ойим! — гуфт ниҳоят Анбари Ашк.

— Фирӯзаҷон, шумо ҷою манзили ин касро муайян кунед, ман ба ҳавлиашон рафта, модарашонро ҳам гирифта ба ин ҷо мебиёрам, ё ки ба ҳавлии худам гирифта мебарам. Шуд-мӣ?

— Ба ҳамин ҷо биёред! — гуфт Фирӯза.— Ба ҳар дуяшон як хонача медиҳем, ҳеҷ кас кордор шуда наметавонад.

— Илоҳӣ барака ёбед, Фирӯзаҷон! — гуфт Ҳамроҳхон нафаси осудае гирифта.

— Хайр, набошад ман рафтам! — гӯён Анбари Ашк аз хона баромад. Фирӯза телефонро пеш кашида, дастакашро тоб дод...

Бегоҳии он рӯз хонаи калони маҷлисгоҳи клуб пур аз зану духтар буд. Дар рӯи ҳавлӣ ба пеши тирезаҳои хона низ занҳо ҷамъ шуда буданд, ҳама ба суханони зани айнакдоре, ки аз минбар истода нутқ мекард, гӯш дода буданд. Мавзӯъи маҷлиси имрӯза: Иди Октябрь ва озодии занон буд. Азбаски нотиқ ҳаёти занҳои Шарқро нағз медонист ва маърӯзаи худро мувофиқи орзую ниятҳои онҳо сохта буд, гӯшкунандагон чуркӣ намекарданд.

— ...Гап фақат дар сари фаранҷӣ ва пӯшидани рӯ нест...— мегуфт вай.— Фаранҷию чашмбанд ва гурезу парҳези занҳо фақат як тарафи кор, асорати берунӣ ва ба назар намоёни занони Шарқ аст. Агар бо нест карда шудани фаранҷию чашмбанд кор буд мешуд, Ҳукумати инқилобӣ, ҳукумати Шӯроӣ бо як фармон онро барҳам медод. Афсӯс ки гап фақат дар сари ин нест. Занҳои мазлумаи Шарқ аз ҳамаи ҳуқуқҳои инсонӣ маҳрум буданд ва дар зиндагӣ муттакое, асосе надоштанд. Асоси зиндагӣ иқтисод аст. Дар даврам истибдод занҳо асоси иқтисодиро молик набуданд. Бинобар он онҳо мутеъ ва фармонбардори мардон буданд. Асрҳо боз чунин ақида барқарор шуда омада буд, ки гӯё агар мард як даҳан нон надиҳад, зан аз

гушнагӣ мемурад?! Афсӯс ки ба ин ақидаи пуч, худи занҳо низ боварӣ доштанд. Ҳукумати шӯроӣ, инқилоби Октябрь ана ҳамин ақидаи ботилро зеру забар кард, ба беху буньёди нобаробарӣ ва беҳуқуқии занон теша зад ва роҳи озодии онҳоро нишон дода гуфт, ки занҳои мазлумаи Шарқ, шумо баробари мардҳо ҳастед, як даҳан нони худро, бо меҳнати ҳалоли худ ёфта, хӯрда метавонед! Барои ин ҳамаи шароит муҳайёст! Ҳеҷ кас пеши роҳи шуморо дошта наметавонад. Ҳар кас ва ҳар чизе ки дар роҳи зиндагии нав ба шумо монеъ бошад, онро Ҳокимияти Шӯроӣ бегуфтугӯ бартараф мекунад. Фаранҷию чашмбанд, ки барои кору зиндагӣ ва ҳаёти озодонаи Шумо халали куллӣ мерасонад, низ бояд аз миён равад!

Занҳои Бухорои инқилобӣ, занҳои мазлумаи ин шаҳри қадима ва аз нури инқилоб ҷавонгашта, низ озоду баробарҳуқуқи мардонанд. Ҳукумати Бухоро, ҳар гуна артельҳо, корхонаҳо, фабрикаҳои абрешимтайёркунӣ, либосдӯзӣ ва дигар муассисаҳо кушодааст ва мекушояд, мактабҳо, курсҳо ва ҳунаргоҳҳо ба қабули занҳо дари худро боз карданд марҳамат, хонед, ҳунар омӯзед, босавод шавед ва соҳиби тақдири худ бошед!

Пас аз ба охир расидани маърӯза, як келинча суол дод:

— Ман чӣ тавр бефаранҷӣ бароям, ки аввалаш шавҳарам бинад, зада мекушад, баъд худи аҳли гузар, мардуми шаҳр эҳтимол ҳама туфу лаънат мегӯянд ва дар кӯча гаштан намемонанд?!

— Мардҳо он тараф истанд,— гуфт қадоме,— худи занҳо зада мекушанд!

— Ин гап ҳам рост! — гуфт Фирӯза.— Бефаранҷӣ шудани занҳо, ба озодии ҳақиқӣ баромадани онҳо ҳам кори осон не! Ман боварӣ дорам, ки Ҳукумати Шӯроӣ тартиби ин корро ҳам фикр кардагист? Албатта, ки агар ҳамин рӯз; мо озод шудем гуфта рӯйрост, бефаранҷӣ бароем, бе хунрезӣ намегузарад?! Бинобар он, аввал хондан, босавод шудан лозим будагист?

Занаки айнакдори маърӯзачӣ, ки тотор буду аз Комитети Марказии Партияи Коммунистӣ омада буд, ба ҷавоб бархост:

— Ман ба шумо гуфтам-ку,— гуфт вай.— Гап фақат дар сари фаранҷӣ нест. Вақте мерасад, ки барои ба музей мондан фаранҷӣ меҷӯянду дар ягон ҳавлӣ ному нишони онро намеёбанд. Албатта он рӯз мерасад ва қариб аст! Гап дар сари заминаи иқтисодӣ мебошад. Гап дар он аст, ки нодонӣ, ҷаҳолат ва бесаводиро барҳам диҳем, хурофот ва кӯҳнапарастиро нест кунем. Пеш аз ҳама ана ин клуби занҳо ва монанди ин муассисаҳои маориф ва равшаннамой ба шумо ёрӣ мерасонад; дар ин ҷо барои хондан ва ҳунар омӯхтани шумо ҳамаи шароит муҳайё карда шудааст. Ба ғайр аз ин дар шаҳр ва дар туманҳо мактабҳои духтаракона, курсҳои занона кушода шудааст, мактабҳои ҳунаромӯзӣ ҳастанд, ки зану духтарҳо бояд дар он ҷоҳо хонанд, босавод шаванд, ҳунар омӯзанд, соҳиби кор шаванд. Онҳое, ки аз ӯҳдаи кор кардан мебароянд, ҳунар доранд, марҳамат кор ҳаст, кори муносиби занҳо бисьёр аст. Пешқадамон ба корҳои идоравӣ, ба корҳои роҳбарияти ҳукумат пешбарӣ карда мешаванд.

Хулоса, ки он бегоҳ маҷлис то ба торик шудани рӯз давом кард, баъд Фирӯза эълон намуд, ки ҳозир ба ҳамаи ҳозирон ва меҳмонон зиёфат дода мешавад ва баъд аз зиёфат артистон, санъаткорони машҳур, ки аз Туркистону Фарғона омадаанд, ҳунари худро нишон медиҳанд... Ҳама хурсандона чапак заданд ва аз ҷо бархостанд.

Ҳамроҳхон гул-гул мешукуфт. Зеро ки дигар ғамаш набуд. Он чӣ солҳо боз орзу мекард, дар он ҷо — дар клуб муҳайё буд. Озодӣ, дӯстӣ, хурсандӣ, хондан ва ҳунар омӯхтан... Ба иловаи ин, хола Анбар рафта, модарашро ҳам гирифта оварда буд, ки корҳо нуран алонур буд. Анбар хола ва кампир ҳавлиро аз дарун занҷир карда, қуфл карда, ҳамаро эҳтиёт карда омаданд. Дигар на амири Бухоро, на саркардаҳои вай, на Ҳоҷӣ Ҳасанбек ва на дигар бекҳо ва ҳоҷиҳо ба вай таарруз карда наметавонанд. Вай дар паноҳи Ҳукумати нав, дар паноҳи Ҳокимияти Шӯроист. Қлуби занҳоро Ҳукумати Шӯрой мудофиа мекунад ва дар дунье касе нест, ки ба ин қалъаи озодӣ рахна зада тавонад...

Модари сарсахти вай, ки аз бисьёр гиристан дар

косахонаҳои чашмаш наме намонда буд, низ шод буд. Вай духтари худро хурсанду хушбахт медиду фараҳ мегирифт, ба ҳаққи Фирӯза, ба ҳаққи Анбархола, ба ҳаққи Ҳукумати Шӯрои дуо мегуфт.

Барои зиёфат саҳни рӯи ҳавлиро сар то сар қолин партофта, кӯрпачаю болиштҳо монда, дастурхон партофта, ҷой тайёр карда буданд. Дар болои суфа, аз як сутун ба сутуни дигар парда кашида, дар паси он артистон тайёрӣ медиданд. Аз он ҷо ҳар замон овози дойра ва ғинг-ғинги ғижжак ба гӯш мерасид. Вақте ки ҳама ҷо ба ҷо нишастанду фаъолаҳо дасту остин барзада, лаълиҳои ширабор, нон ва табақҳои кабобро кашонида шуданд, аз паси парда овози мусиқӣ баланд шуд. Тору ғижжаку наю танбӯр менолиданд, дойра ҷӯр мешуд ва оҳанги шӯх рӯҳи занонро боло бардошта, ба ҳавлию хона як фараҳ ва сурури беҳад овард.

— Бай-бай, чӣ тавр форам менавозанд!— гуфт Анбар хола ба Ҳамроҳхон.— Ман дар умрам ин тавр ҷӯр шудани наю ғижжаку танбӯру торро нашунида будам. Тамошо кунед, Ойим, Оймуллои Танбӯр чӣ тавр кайф карда истода, сар меҷунбонанд. Ба худо, ки созу наво рӯҳи касро навозиш мекунад, ба кас тасаллӣ дода, ғаму ғуссаро аз дил берун мекунад...

— Оҳанги форами мусиқӣ морро аз хонааш берун мекардааст! — гуфта монд модари Ҳамроҳхон.

— Бале, бале! — гуфт Ҳамроҳхон.— Мусиқӣ ба дил таъсир мекунад, ба дил!

Пештар дар Бухоро ҷӯрнавозӣ мекарданд. Масалан танбӯру ғижжак, ё ки наю сурнай... вале ин тавр не, ин тавр якчанд хел созҳои ба ҳам мувофиқ ва ин тавр хуб ҷӯр нашуда буд. Хусусан, ки дар ин тавр базмҳои ҷӯрнавозӣ занҳо ҳеҷ гоҳ ҳузур намеёфтанд ва овозашро аз дур ҳам намешуниданд. Ҳоло ки маҳз барои онҳо, ба хотири онҳо ин базм ороста шудааст, ҳамаи занҳо аз хурсандӣ ба шавқу тараб омада буданд. Дар чашмонашон оташаки шодӣ барқ мезад, дар лабонашон табассум... Ниҳоят, ҷӯрнавозӣ ба охир расид. Ҳама мунтазир буданд, ки акнун чӣ мешавад. Дар ҳамин дам ба пеши парда, ба болои суфа Фирӯза баромада, аввал як нафас рост гирифту ҳозиронро

аз назар гузаронид. Баъд бо овози ҷарангосӣ ба гап даромад:

— Меҳмонони азиз ва хоҳарони меҳрубон! Боз як бори дигар идатонро муборакбод мекунам. Ҳозир аз тарафи дастаи артистон, созандагон ва навозандагони тӯдаи санъаткорон, ки ба он Ҳамза Ҳакимзода роҳбарӣ мекунад, ба шумо намоиш нишон дода мешавад...

Дар байни занҳо пичир-пичир гап шуда рафт:

— Ибӣ, мардак-ку?!

— Ҳолӣ аз миён парда бардошта мешавад, гӯед?

— Хайр, созандаю навозанда рӯятонро бинад, боз ҳам нағзтар — оҳангаш зеботар мешавад...

Фирӯза дарҳол ба маънои пичир-чипири занҳо пай бурд.

— Ҳаминро ҳам гуфтан лозим ки,— гуфт вай,— ба саҳна мардҳо намебароянд! Ду-се нафар созанда ва навозандаҳои мард, ки ҳастанд, дар паси ҳафт қабат парда мешаванд ва чашмашон ба шумо намеафтад, хотирҷамъ бошетон! Ба саҳна духтарони Фарғонагӣ, ки аз мо дида пештар озод шудаанд, баромада рақс мекунанд ва ҳофизӣ мекунанд. Баъд, агар аз байни шумо ҳам ҳар касе хоҳад, баромада ҳунари худашро нишон дода метавонад. Ман боварӣ дорам, ки шумо — дугона ва хоҳаронам, аз дугона ва хоҳарони фарғонагӣ мондагӣ намекунед ва ҳунаратонро нишон медиҳед!

— Аввал худатон! — гуфта монд кадоме.

— Ҷонам катӣ! — гуфт Фирӯза.— Лекин ҳунарам бисьёр не. Беҳтар ки аввал ҳунармандон бароянд.

— Масалан Солиҳаҷон! — гуфт як духтари шӯх, ки худаш раққосаи бемисл буд.

— Азизаҷон, худатон чӣ? — гуфт Фирӯза ба вай.

Ҳама чапак заданд. Фирӯза суханро ба артистон супорида, поён фаромад. Парда кушода шуд. Ба саҳнаи бекас як духтари фарғонагӣ пайдо шуд, ки ба тан куртаи хонатлас, аз рӯи он камзӯлчаи бахмалини кобулидӯхт, ба сар калапӯши ироқидӯзии фарғонагӣ, дар по кафши майдапошинаи амрикоӣ дошт. Вай ба ҳама таъзим карду зебо табассум намуд.

— Дугонаҳо, хоҳарони азиз ва меҳрубонам! — гуфт ба забони ӯзбекӣ.— Аввало иди бузурги инқилоби Ок-

тябрь ба шумо муборак бод! Ҳаман аҳли санъат, ки бо роҳбарии Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ имрӯз ба хизмати шумо омадаанд, саломи гарму ҷӯшон расонида, идатонро, озодӣ ва истиклолияти шуморо табрик мекунанд. Тӯдаи санъаткорони мо — тӯдаи инқилобӣ, тӯдаи фидокор, тӯдаи ҷонсипор мебошад. Мо ба аскарони сурхи қаҳрамони Фронти Туркистон хизмат мекунем. Шумо медонед, ки аскари сурх ба халқҳои мазлум озодӣ ва истиқлолият меорад. Аз паси ин аскарони Фронти озодӣ мо ҳаракат карда меоем ва халқҳоро бо озодӣ ва истиқлолият муборакбод менамоем. Мо дар Фарғона, дар Самарқанд ва Тошканд, дар Морӣ ва Хева, дар Ашқобод ва Қизилорвод будем. Дар сари ҳар тӯи зафар мо ҳозир будем. Инак имрӯз дар тӯи зафари шумо хизмат мекунем.

Баъд аз ин муқаддима як шеъри инқилобии Ҳамза Ҳакимзодаро, ки ба зану духтарон бахшида шуда, бо чунин байт сар мешуд:

> Келдӣ очилур чоғинг, Ӯлигинг намоён қил,
> Порчалаб кишанларни, ҳар томон парешон қил!

хонда доду эълон кард, ки Дилбархон ном ҷавонзане ба ҳавои танаввор рақс мекунад. Аз қафо овози мусиқӣ баланд шуд, ба саҳна раққосаи қоматбаланд, нозукбадан ва сернозуадо пайдо шуда, чунон аҷоиб рақсид, ки ҳама ҳайрон монданд ва ба шавқу тараб афтоданд... Баъди вай як духтари хушовоз баромада таронае хонд. Баъд аз қафо мардҳо хонданд ва ниҳоят барандаи концерт хоҳиш кард, ки аз байни тамошобинон касе баромада ҳунарнамоӣ кунад. Лекин духтарҳо ва келинчакҳои клуб ва меҳмонони омадагӣ ҳама шарм мекарданд, онҳо ҳанӯз ба ин хел маъракаҳо нанишаста ва рақсу бозие накарда буданд. Ин ба ин — ин ба ин мепартофт. Ниҳоят тоқат карда навонисту Анбархола аз ҷо бархост.

— Аҷаб ҷавонҳои беҳавсала ҳастед шумо! — гуфт вай, ба хозирон хитоб карда.— Ман медонам, ки дар байни шумо раққосаҳое ҳастанд, ки ману созандаи Тиллою созандаи Қаркагӣ ба дасташон об рехта наметавонем. Лекин аз худиҳудӣ шарм карда намебароянд. Майлаш, худам боз ба шумо як намуна шавам.

Ин ҷавонҳои фарғонагиро дида, навакак боз ҳавасам омада, дасту поям парида истода буданд... Канӣ, духтари ширин, ба навозандаҳоят гӯй, ягон чиз навозанд!

— Чӣ навозанд? — гуфта, артистка пурсид.

— Ҳар чӣ ки навозанд, навохтан гиранд, илло ки шӯх бошад! — гуфт Анбар ва ба саҳна баромад. Тамошобинон ба шавқу завқ омада, чапак заданд ва овози аҳсану офаринро баланд карданд. Мусиқӣ як ҳавои шӯхи уфарро навохт, дойра баланд садо дод ва Анбархола бо маҳорати устодона ба ракс даромад. Вай чунон аз дилу ҷон, чунон бо шавқу тараб мераксид, ки ҳама ба шӯр омаданд...

Занҳои озод ва хушбахти Бухоро дар бегоҳи иди соли сейӯмини инқилоби Октябрь ҳамин тавр хурсандӣ мекарданд... Ин хурсандию бозию шӯхии онҳо то хеле вақт давом кард. Ҳамон шаб дар Бухоро, дар бисьёр хонадонҳо шодию хурсандӣ мекарданд. Дар шаҳр бозори шаб эълон шуда буд. Дар лаби ҳавзи Девонбегӣ, дар чойхонаҳо, дар саҳни масҷиди Девонбегӣ, ки чароғон буд, ҳофизҳо ҳофизӣ мекарданд, дар растаю бозорҳо мардум фавҷ-фавҷ мегаштанд, хурсандӣ ва шодмонӣ мекарданд. Дар аввалин кинотеатр, дар иморати пасаж ҳам кино мерафт...

Аммо дар ин шаб дар ҳавлии Ҳоҷӣ Ҳасанбек ғаму ғусса ва хафагии зиёде барпо шуда буд, ки мо нахостем дар ибтидои ин боб, табъи хонандагонро хира карда, дар он бора нақл кунем.

Ҳоҷӣ Ҳасанбек аз намоиш баргашта ба ҳавлӣ омаду фойтунро ба рафтан иҷозат надод. Вай мехост, даромада аз ҳоли Ойими Шоҳ хабар гираду баъд ба чорбоғи Дилкушо, ба назди Асад Махсум ба зиёфатхӯрӣ равад. Зеро ки ин пагоҳ вазъияти Ойими Шоҳ хеле бад буд, вай ҳамеша мегирист ва ба сӯи ӯ бо камоли танаффур нигоҳ мекард. Ҳоҷӣ Ҳасанбек, инчунин мехост ба Ойими Шоҳ як ангуштарини брильянт, ки аз куҷое ба вай «ӯлҷа» афтода буд, дода, шояд бо зар меҳру илтифоти ӯро харида гирад. Ҳамин ки ба ҳавлӣ даромад, зани калонии ӯ бо табассуми фарох ӯро пешвоз гирифта гуфт:

— Ана, маҳбубаи ҷониатон шуморо ба ман супо-

рида, доманбасариро пеша карда рафтааст! Аҷаб шуд, ҳаққи шумо ҳамин!

Ҳоҷӣ Ҳасанбек чизе нафаҳмид ва ё ки фаҳмидан намехост. Ба гуфтаҳои занак эътиное накарда, ба хонаи калон рафта даромад ва ҷо диду ҷогаҳро надид.

— Ҳамроҳхон канӣ?! — гуфт қариб наъра кашида вай.

— Нест! — гуфт кампир, — хоҳараш аз паси вай ба хона даромада.— Мо аз таи дарвоза, аз тамошои мактаббачаҳо, ба ҳавлӣ омада даромадем, ки дар хона аз вай дараке нест. Ин тараф, он тарафро дидем, зим-ғоиб. Баъд аз рӯи такеча ана ин хатро ёфтем, намедонем, чӣ навишта бошад....

Ҳоҷӣ Ҳасанбек коғазро гирифта, чашм давонд, ки бо дасти Ҳамроҳхон навишта шуда буд:

«Маро ҷустуҷӯ накунед, ки ёфт шуданам амри маҳол аст. Саъдӣ дуруст гуфтааст, ки дар паҳлуи зани ҷавон тире беҳ аз он ки пире! Муносиби худатонро ёбед!».

— Ман нагуфтам, ки аз вай бохабар бошетон! — боз наъра зад вай ба зану хоҳараш.— Акнун ман чӣ кор мекунам? Дар байни мардум чӣ тавр сар боло мекунам?!

Занҳо чизе гуфтанӣ буданд, вай фурсат надоду ҳар дуяшонро ҳам зада, аз хона ҳай карда баровард ва баъд худро ба рӯи кат партофта, фурсате ба фикру хаёл ғӯтавар шуд... Бале, мегуфт вай ба худаш, ҳамин тавр ба охир расидани ин кор лозим буд. Ба ростӣ, ки хуб нашуд! Умедам ба бод рафт!.. Аммо аввалҳо ман худамро хеле бӯзбала ҳис мекардам. Гумон кардам, ки ҳусну ҷамол ва сӯҳбати ширини вай ба ман ҷавониро бармегардонад... Аммо надонистам, ки ин духтар ин қадар саркаш, ин қадар бебок, ин қадар бераҳм будааст... Пас, чӣ бояд кард? Уро кофта ёфтан лозим, боз як бори дигар бо мулоиматӣ ва ё бо дӯғ тарсида, ром карда овардан лозим! Аммо вай куҷо мерафта бошад? Албатта, ба хонаи модараш! Ҳеҷ набошад, модараш медонад, ки вай дар куҷост? Бале, худам меравам, ин гапро ба ҳеҷ кас фаҳмонидан лозим не!..

Вай занҳоро ҷеғ зада овард:

— Ин хабарро ба касе гуфтед, ё не?

— Ба кӣ мегуфтем?! — гуфт занаш.— Омадани шуморо маътал шуда истода будем...

— Ҳа, рост, шуморо мунтазир будем,— гуфт хоҳараш.

— Хуб;— гуфт Ҳоҷӣ Ҳасанбек,— дигар нафас ях мешавед! Ин хабар бояд аз остонаи ин хона берун набарояд! Бе ҳеч кас, на ба хешу на ба бегона ғингӣ намекунед! Рафту ягон кас пурсида монад, мегӯед, ки ҳастанд, ё ки ба хонаи модарашон рафтагӣ, модарашон касал... вассалом!

— Хуб шудааст!— гуфтанд занҳо.

Ҳоҷӣ Ҳасанбек ба фоэтон сувор шуда, ба ҳавлии модари Ойими Шоҳ омад. Дарвоза аз дарун занҷир буд. Хеле тақ-тақ задан баъд, Анбари Ашк баромада дарвозаро кушод, салому алейк гуфта, бо пешонаи кушод ва гӯё хурсандона, домодхоҷа гӯён, ӯро ба дарун таклиф кард. Ҳоҷӣ Ҳасанбек ба ҳавлии дарун даромада, ба модарарӯсаш, ки ба истиқболи ӯ ба рӯи ҳавлӣ баромада буд, салом доду гуфт:

— Ҳамроҳхон канӣ?

— Ҳамроҳхон? Шумо медонед, дар ҳавлии Шумо буд-ку!— гуфт кампир. Ҳоҷӣ Ҳасанбек аз ин хел гуфтор ва тарзи ҷавоб, дарҳол донист, ки кампир аз воқеа хабар дорад ва хеле таҷанг аст.

— Вай бе рухсати ман гурехта ба ин ҷо омадааст,— гуфт қавоқашро гиронда, мардак.— Аз кӯчое ҳам бошад ӯро ба ман ҳозир ёфта медиҳед!

— Гурехтааст?!— овозашро баланд кард кампир. —Духтари ман мегурехтагӣ набуд. Худат ба ӯ ягон коре кардагистӣ! Акнун тарсида ба сари мо омадӣ ки...

— Ин маймунбозиҳота монда ист! — гуфт дӯғ зада, раиси Чека.— Ҳамроҳ ба ин ҷо гурехта омадааст! Дидагиҳо гуфтанд. Ҳозир ҷег зада барор!

— Ман Ҳамроҳро надидем, ба ҳаққи ҳурмати худо! — гуфт кампир, ки тарс каме ғалаба карда буд.— Агар гурехта бошад ҳам аз дасти ту гурехтагӣ, ту бояд ҷавобгар шавӣ, ту бояд ӯро ёфта диҳӣ!

— Ман хонаро зеру забар мекунонам, худатро ба ҳабси абадӣ мефиристонам! Ман...

Анбархола, ки то ин дам хомӯш, гӯш карда мене-

тод, тоқат карда натавонисту сухани ӯро аз миён бурид:

— Чӣ?! Чиҳо мегӯӣ ту пирсаги беимон!— гуфт якбора фарьёд карда.— Ба кӣ дӯғу ҷазаба мекунӣ? Ба як кампири нотавони оҷиза?! Ба як мушти пар?! Агар дӯғ зада метавониста бошӣ, рафта ба шарикҳои худат, ба ҳамкосаҳоят дӯғ зан, ки онҳо мебардоранд!

— Ту худат кӣ?!— гуфта, Ҳоҷӣ Ҳасанбек мехост бо дӯғу ҷазаба ӯро тарсонад, лекин Анбархола аз вай баландтар омад:

— Ту худат кӣ мешавӣ?! Амир Олимхон ҳам бошӣ, дидем! Ҳоло он давру замонаҳои дӯғу ҷазаба карданн шумо гузашта рафт, ҷаноб! Ман худи ҳозир рафта ба Мирзо Муҳиддин, ба худи Файзулло Хоҷа ва ба Абдуқодират нагӯям, ба ҳамон калонҳои ҷадидҳо гуфта расво накунам, Анбари Ашқ набошам! Ту ҳоло бо собуни ман ҷомашӯӣ накардай. Ҳамин мӯйлабчаҳоятро якта-якта канда ба дастат месупорам! Ҳа, ту чӣ гумон кардӣ?!

Ҳоҷӣ Ҳасанбек, гӯё аз болои манор ба поён афтод,— якбора ба ҳуш омаду гуфт:

— Бас, бас, бас! Бисьёр доду фарьёд накун, беобрӯй!

— Монам ки ба сари мушти парҳо дӯғу ҷазаба кунӣ?! Монам ки духтари мардумро бурда нест кунию, боз омада даъво кунӣ?! Агар аз ӯҳдаи зандорӣ баромада натавонӣ, зан гирифта чӣ кор мекардӣ?!

— Ин кори ту не!

— Қори ман не?! Ман ҳозир ба милисахона рафта, ҳамеша, якта-якта мегӯям! Фаранҷии ман канӣ?!

Анбархола ба рафтан шитоб кард.

— Истода-ист, нодон! — гуфт хеле мулоим шуда, раиси Чека.— Ба ростӣ, агар Ҳамроҳ дар ин ҷо набошад, пас ӯро ёфтан лозим!

— Ёфтан лозим!— гуфт бо тамасхур Анбархола, — Аз аввал гум кардан лозим набуд! Духтари бечора то ба ҳамон дараҷа аз зиндагӣ безор шудааст, ки саргурезиро ба худ эб дидааст! Беҳтар ки нафас ях шуда, зуд аз ин ҷо баромада рав, дигар ёди ин хонадонро накун, ки расво мешавӣ!

Ҳоҷӣ Ҳасанбек камтар фикр карда истоду даст

афшонда, баромада рафт ва дигар сухане нагуфт. Пас аз рафтани вай Анбар хола аз кафояш боз як ҳақорати чоркас мешунидагӣ доду ба кампир муроҷиат намуд:

— Ана, ҳакки ин хел мардҳо ҳамин!— гуфт.— Чиқӣ-пикӣ карда нашинед!

— Рафту одам фиристода, ҳабс кунад? — гуфт кампир, ки аз тарсу ваҳм меларзид.

— Ҳеҷ кор карда наметавонад! — гуфт худбоварона Анбархола.— Вай ҳам аз сари худаш, аз обрӯяш, аз мансабаш метарсад. Агар рафта, ба ину он арз кунам, расвоша мекашанд.

— Худо илоҳӣ ба шумо умри дароз диҳад, ба муродатон расед, холеш!

— Лекин, ба ҳар ҳол ман шуморо дар ин ҳавлӣ танҳо намемонам. То пасанда шудани ин ҷанҷол, шумо бо духтарам Ҳамроҳхон дар клуб мешавед.

— Ҳавлӣ чӣ мешавад?

— Ҳавлиро гург намехӯрад! Дари хонаю даҳлизро қулф мекунем, дарвозаҳоро аз дарун занҷир карда, аз ҳавлии ҳамсоя баромада меравем.

— Хайр, майлаш! — гуфт кампир ва як оҳи сарде кашид...

## 9.

Фирӯза бо корҳои клуби занон банд шуда монда, бевақт ба хона баргашт. Дар роҳ рафта-равон ба худ қарор дода буд, ки имшаб рост ба хонаи худаш, ба болохона баромада, пеш аз ҳама рӯфту рӯбу ғундорғундор мекунад. Зеро ки қариб се-чор рӯз ин тараф ба сар хоридан дасташ намерасид ва ҳавлию хонаро ҳам, ба ҳоли худ партофта монда буд.

Вай ба болохона баромада, хонағундорӣ накард. Асо гӯшту сабзию пиёз оварда монда, як хатча ҳам навишта, хоҳиш кардааст, ки ош пухта монад, мумкин аст бо Қарим меояд. Вай хурсанд шуд, ки Қарим ҳар чӣ сиҳат шуда ва аз касалхона баромадааст, ки шавҳараш ин тавр навиштааст. Бинобар он зуд дасту остин барзада, ба мондашавӣ аҳамият надода, ба тайёрии ош сар кард.

Ҳаво зуд торик ва хеле салқин шуда буд, ки Фирӯза маҷбур шуда, лампаро гиронд ва дари болохонаро пӯшонда, сабзию пиёз пора кард. Вай акнун ошро зирбак карда буд, ки аз берун Асо танҳо даромада омад.

— Ҳа,— гуфт ба ҷои салом Фирӯза.— Қарим канӣ?

— Имрӯз ҷавоб надоданд,— гуфт Асо.— Ман ҳозир аз духтурхона омада истодаам. Захми сари бозуаш нағз шуда рафтагӣ бошад ҳам, шушаш иллатнок шуда мондааст. Духтурҳо гуфтанд, ки боз як ҳафтадаҳ рӯзи дигар истода табобат кунад.

— Ман ҳама корҳоро монда ош пухтам... гумон доштам, ки бо Қарим мебед....

— Хайр, барои худамон ҳам оши палав бад не!

— Дар ин рӯзҳои қаҳтию қиматӣ...— гуфту Фирӯза, ба рӯи ҳавлӣ, ба сари оташдон рафт, ки биринҷро шуста, ба дег андозад. Асо мӯзаашро кашида дасту рӯяшро шусту бо сургӣ пок карда истода ба хаёл фурӯ рафт: занаш рост мегуфт, дар ҳақиқат ҳам қаҳтӣ, ҳам қиматӣ шудааст. Дар бозорҳо гӯшту биринҷу ҳатто нон камчин шудааст. Дар сари ҳар дӯкони қассобӣ очеред»! Тавба, пештар мардуми Бухоро «очеред» гуфтанӣ чизро намедонистанд, акнун маҷбуран ёд гирифта истодаанд. Пули коғазии ҳукумати Бухоро ҳеҷ курб надорад. Як қуттӣ гӯгирд панҷоҳ сӯм, якта нон панҷсад сӯм... Савдогарҳо ба ин пул чиз додан намехоҳанд. Пули Керинскиро нағзтар қабул мекунанд... Ҳар кас ки тиллою танга дорад, ба ҳар ҳол осудатар зиндагӣ дорад. Онҳо ки ба ғайр аз моҳона ва пули Ҳукумати Бухоро чизи дигаре надоранд дар азобанд... Хайрият ки дар Чека ҳар замон гӯшт, равған, қанд дода меистанд ва онҳо бо ҳамон, як навъе зиндагӣ ба сар мебаранд...

Асо сургиро ба мех овехту берун баромада, ба назди Фирӯза рафт.

— Ман олавмон мешавам! — гуфт вай.

— Монда шуда омадед, рафта роҳат кунед! — гуфт занаш.

— Дар пеши шумо истодан ба ман роҳат! — гуфт Асо.— Аз он ишқу муҳаббате ки ман ба шумо дорам, мефаҳмам, ки бечора Қарим дар чӣ ҳол аст! Ба

гумонам, Асад ба тани вай сад тир мезад, ин қадар алам намекард, аз он ки маҳбубаи ӯро бурдааст, зӯран ба худаш зан карда гирифтааст...

— Акнун Карим чӣ кор мекунад? Ҳайдарқул амак чӣ мегӯянд?

— Ҳоло намедонам... Ҳайдарқул амак масъалаи аскаргириро бардошт. Ба гумон коммунистҳоро ҳам сафарбар мекунанд. Ба муқобили Асад як қувваи зӯри мусаллаҳ тайёр карда, баъд бо вай дурусттар гап задан мехоҳанд.

— Бечора Карим! — гуфта монд Фирӯза. Аз ҳурмп оташи оташдон ҳар ду рухсораи вай гулгун гашта, ба ҳусни баркамоли вай ҳусн афзуда буд. Асо ба занаш нигоҳ карда истода, фараҳ мегирифт ва ошиқтар мешуд.

— Фирӯза! — гуфт вай шавқашро ба дилаш нағунҷонида истода,— Фирӯзаҷони ман! Дар дунъё аз ман хушбахттар, хуштолеътар кас набудагист!

— Чашм накунед! — гуфт Фирӯза, ба ҷои суоли «Чаро».

— Чашм кунам ҳам, накунам ҳам, ман барин хушбахт нест! Зеботарин, боақлтарин, пешқадам ва фаъолтарин духтари Бухоро дар дасти ман бошаду ман хушбахт нашавам?!

— Шумо илоҳӣ хушбахт бошеду лекин занатон мудири клуби занҳо шуда, дар азоб рӯз мегузаронад.

— Барои чӣ? Чӣ шудааст?

— Кор бисьёр, таҷриба надорам, ёридиҳандаи дуруст надорам, ба болокорӣ...

— Чӣ? Ба болокорӣ чӣ? — бетоқатона пурсид Асо.

Фирӯза табассум карду хиҷолат кашидагӣ барин дақиқае хомӯш монд ва баъд, пас аз маҷбур кардани шавҳараш гуфт:

— Ба болокорӣ... Ман се моҳ шуд ки дуҷон!

— Наход?! — якбора хурсанд шуд Асо.— Ба ростӣ?!

— Рост. Наход, ки нафаҳмидед?

— Не, ман... ман...

— Чӣ, маъқул не-мӣ?

— Эҳ, Фирӯза, Фирӯзаҷони ман! — гуфт Асо занашро оғӯш карда,— шумо чиҳо мегӯед?! Ман рӯи

фарзандро медидему маъқул намешудааст?! Ман гадо, ман дар ба дар мешавам, ман фидо мешавам, оне ки рӯи фарзандро бинам, аз ча-чаҳои хурдакаш гирифта бӯсам, ба оғӯшам часпонам, ана ҳамин тавр, ана ҳамин тавр!..

— Ҳай, ҳай, мана сахт ғичим накунед, ки писарчаатон азоб мекашад! Вай се-чормоҳа шудагӣ!

— Ҳа, ха, рост мегӯед! — гуфт дарҳол Асо ва бо эҳтиёт занашро ба рӯи дастонаш бардошта ба хона даровардаву ба рӯи кӯрпача гузошт.— Акнун шумо истироҳат кунед, ин тарафи корро ман мекунам. Ҳозир якта турб наргисӣ кунам.

Дар вақти ошхӯрӣ ва пас аз он ҳам вирди забони Асо, ҳамеша фарзандаш буд. Ба фикру хаёли вай дигар чизе намедаромад, ҳамаи гапҳоро оварда ба сари бача мебаст ва ба Фирӯза гаштаю баргашта таъкид мекард, ки эҳтиёт бошад, ҳаракатҳои бечо накунад, бисьёр нагардад, мабодо бача озор наёбад...

Бале, вай аз дерест дар орзуи фарзанд аст. Ягона ғаму андӯҳи чуқуре, ки ҳамеша хилваткадаи дили ӯро торик нигаҳ медошт, ҳамин ғами бефарзандӣ буд. Аммо дар ин бора ҳеҷ гоҳ ба Фирӯза лаб намекушод, ӯро ранҷонидан ва хафа кардан намехост. Ана, охир ба муродаш расид, хайрият ки маҳбубаи ҷони вай, Фирӯзаи меҳрубони вай бордор шудааст, аз холо чормоҳа... пага-фардо вазнинтар мешавад ва пас аз нӯҳ моху нӯҳ рӯзу нӯҳ соат, насиб бошад, писарча — ё ки духтарчаи зебо ба дунё қадам мегузорад. Аз нури қадами вай хона мунаввар мешавад. Ҳамаи бахту саодати дунё ба ин хона ҷамъ мешаванд... Асо, қарзу-қавола карда ҳам бошад, як тӯй медиҳад, тӯи калон! Ба он тӯй бо маслиҳати Оймулло ва Бобо зар гар беҳтарин одамони шаҳрро чеғ мезананд, Ҳайдарқул амакро сардори тӯй мекунанд, мерақсанд, месароянд...

Онҳо то хеле вақт чой хӯрда, чақ-чақ карда нишастанд. Фирӯза корҳои клуби занҳоро ҳикоят карда дод. Хушбахту фирӯз шудани Ҳамроҳхонро нақл карда истода илова намуд:

— Аз дасти Ҳоҷӣ Ҳасанбек халос шуда ба клуб

омадани Ҳамроххон бисьёр нағз шуд: ҳам ба дигарон ибрат, ҳам ба худаш нағз...

— Раиси мо ба шумо чакка нашуд-мӣ?

— Не, тарсид! Сад афсӯс, ки дар байни ҳукуматдорони мо ҳамин хел одамҳо ҳастанд!

— Нагзаш ҳам ҳаст, бадаш ҳам ҳаст,— гуфта монд Асо.— Лекин шумо бо Ҳоҷӣ Ҳасанбек тараф шуда, ғайбати ӯро карда нагардед, ки бурда хабар мерасонанд!

— Расондан гиранд! — гуфт Фирӯза далерона.— Агар ягон маҷлиси умумӣ шуда монад, ман худам баромада иро мегӯям.

— Балои нотарсамро гирам! — гуфт Асо дӯстдорӣ карда,— ба ҳар ҳол аз бало ҳазар кардан хуб аст. Ана, агар ба гапи ман бовар накунед, аз амаки Ҳайдаркул пурсед.

— Агар мо аз ину аз вай мулоҳиза карда, гап назада монему ҳар кас боз кори худашро кардан гирад, ҳаёти нав сохтани мо чӣ хел мешавад?

— Гап задан даркор, лекин дар ҷояш! Дар вақти ҷанг саросемагӣ ба худи кас зиён мерасонад.

— Ин гапатон дуруст! — гуфт ба Асо таслим шуда, Фирӯза...

Онҳо хобиданд. Дар поён, дар ҳавлии дарун Оймулло ва бобо заргар ҳам хобида буданд. Гирду атроф хомӯшӣ буд. Шаби тирамоҳи пурситора ва хеле хунук буд он шаб. Нафаси сарди зимистон расида меистод. Ин вақтҳо агар саҳари барвақт аз хоб бедор шавед, мебинед ки дар лаби бом андак қирав ҳам нишастааст.

Шабҳо, хусусан дар тарафҳои гузарҳои Мирдӯстим, Хиёбон ва Ҷӯйбор инқилоб шудан ин ҷониб ҳар замон-ҳар замон овози милтиқпарронӣ ва тапончапарронӣ шунида шуда меистод. Пас аз ҷанг гӯши мардум ба овози милтиқ одат карда мондааст, магар, аксарият ба ин парон-парронҳои шабонагӣ аҳамият намедиҳанд. Агар милтиқпарронӣ аз як ҷо ва болоболои ҳам шуда монад, он гоҳ милицияҳои аспакӣ расида меоянд, набошад онҳо ҳам аҳамият намедиҳанд...

Инак, он шаби пурситораи ороми охири тирамоҳро — шаби хомӯш гуфтан мумкин набуд. Зеро ки ҳар за-

мон-ҳар замон, гоҳ аз як ҷо, гоҳ аз ҷои дигар садои тир шунида мешуд. Фақат сагҳои бисьёре бо ак-аки худ ба он ҷавоб медоданду бас...

Ногаҳон бисьёр сахт тақ-тақ зада шудани дарвозаи берун якбора ҳам Асо, ҳам Фирӯзаро аз хоб бедор кард. Асо давида аз ҷо бархосту ба шабгаҳ баромада, кист, гуфт. Аз кӯча каси ношиносе бо овози баланд гуфт: Кушоед!

— Шумо кӣ? Ба кӣ кор доред? — гуфт Асо ва дарричаи шабгаҳро, ки ба кӯча кушода мешуд, боз карда нигоҳ кард. Дар кӯча ду-се нафар одамони аспадa кӣ менамуданд.

— Мо аз Чека,— гуфт ҳамон шахси овоз баровардагӣ.— Ба рафиқ Асо кор дорем.

Фирӯза, ки рӯмоли шолро ба китф гирифта аз қафои Асо баромада буд, оҳиста гуфт:

— Номатон чист, гуфта пурсед!

Аммо Асо напурсид, дарричаро кушода монда, ба хона даромаду либосашро пӯшидан гирифт.

— Ҳа, шуморо ба хайр? — пурсид Фирӯза.

— Аз Чека мегӯяд,— гуфт Асо,— баромада хабар гирам... Ягон кор баромада мондагист.

— Рафту аз Чека набошанд?

— Дигар ба ман кӣ кор дорад?

— Замона ҳодис!— гуфт Фирӯза.— Душманатон кам-мӣ?

— Душман ин тавр рӯйрост намеомадагист?!

Дар ин дам боз дарвозаро бесаброна кӯфтанд. Асо мӯзаро ба по кашида аз ҷо бархост ва гуфт:

— Ту дар торикӣ ба поён нафаро!

— Ба ман бошад, аз ҳамин боло истода гапашонро фаҳмед, дарвозаро кушодан хуб не!

— Натарс ҷонакам, ҳеҷ гап не! — гуфт Асо бо чунон боварӣ, ки дигар Фирӯза ҳам дам шуд, вале аз паси шавҳараш ба поён фаромад. Дар поён, дар таки собот бобо заргар пилсӯзро, ки дуд карда месӯхт, дар дасти ларзонаш дошта, ба вай мунтазир меистод.

— Киҳо бошанд? — пурсид вай бо овози хаста.

— Инҳо аз идораи ман, парво накунед!— гуфт Асо

— Инҳо аз идораи ман, парво накунед!— гуфт Асо ва пеш гузашта, дарвозаро кушод. Дар берун ду нафар аз савора пиёда шуда буданд. Асо онҳоро на-

шинохт. Вай ҳанӯз ба суол лаб накушода, онҳо таппончаҳои наган дар даст, пеш омаданду гуфтанд:

— Асо Хайриддинзода, шуморо ба Дилкушои берун мебарем!

«Ба Дилкушои берун бурдан» маънои аз тарафи комиссияи атроф ба ҳабс гирифта шуданро дошт. Инро шунида, Асо як ҳаракати тез карду хост, ки онҳоро тела дода, дарвозаро бандад, лекин нашуд, берунангиҳо ҳушьёрӣ карданду зуд аз бозувони ӯ доштанд:

— Бедарак ҳам худатон ва ҳам дигаронро ба ташвиш наандозед! — гуфт яке аз онҳо.— Хоҳ-нохоҳ мо шуморо гирифта мебарем. Беҳтараш ки бемағал биёед. Асад Махсум бо шумо сӯҳбат карда, ҷавоб дода мефиристонад.

— Не, не! — гуфт аз ҷониби Асо, Фирӯза,— вай ба ҳеҷ ҷо намеравад, намеравад! Шумо ҳақ надоред, ки одами Чекаро дастгир кунед, ҳақ надоред!

— Мо ҳеҷ касро дастгир намекунем, ойим! — гуфт яке аз одамони Асад.— Бо хоҳиши Асад Махсум, гирифта мебарему халос!

— Ба гирифта бурдан ҳам ҳақ надоред! — гуфт ин дафъа худи Асо.— Ман коркуни давлат ҳастам!

— Барои ҳамин ҳам Асад Махсум ба шумо баъзе суолҳо доранд... Қанӣ, вақтро нагузаронед, ана асп тайёр!

— Набошад, аввал ба Чека меравем, ман рухсат мепурсам,— гуфт Асо.— Агар иҷозат шавад бо шумо меравам, набошад не.

— Хайр, майлаш! — гуфтанд одамҳои Асад ва ёрӣ доданд, ки Асо ба асп нишинад.

— Асо, наравед! Наравед! — мегуфт Фирӯза ва худро ба сӯи ӯ мезад. Аммо Бобо заргар дар як даст пилсӯз, бо дасти дигар Фирӯзаро медошт, ҳай-ҳай мегуфт. Намуда меистод, ки Оймуллои Танбӯр ҳам дар паси дарвоза омада буд. Одамони Асад Махсум бо як хез худро ба болои аспҳояшон гирифтанду Асоро ба миён дошта, ба роҳ даромаданд. Фирӯза бошад, фарьёд карда аз паси Асо давиданӣ мешуд. Зӯри Бобо-заргар нарасид, оймулло ҳам аз дарун баромада ба вай часпид ва ба ҳолу ҷонаш намонда, ба да-

рӯи гирифта даромаданд. Дар он кӯча дарвозаҳои бисьёре буд ва дар паси ҳар дарвоза одамон буданд, ки аз ин ҳаёҳуи ними шабӣ бедор шуда, бо ваҳму тарс аз ҷо бархоста буданд, вале номи Асад Махсумро шунида, ҳеҷ кас ҷуръат намекард, ки дарвозаашро кушояд. Аллакай рафтору кирдори Асад Махсум ба ҳама ошкор шуда буд ва мардум медонистанд, ки агар ба қаҳри ин мардак гирифтор шаванд, ҳоло дар Бухоро касе нест, ки ба додашон расад.

Дар хона ба тасаллӣ доданҳои Оймулло ва Бобо-заргар гӯш накарда, Фирӯза мегирист:

— Асоро бурданд, Асоро мекушанд...— мегуфт.

— Асо чӣ гуноҳ кардааст, ки кушанд?— мегуфт Оймулло.— Охир Асад Махсум ҳам инқилобчӣ, одами ҳукумати шӯро-ку!

— Ҳа, бале!— мегуфт Бобо-заргар,— Ягон гапи мепурсидагӣ доштагиянд, мепурсанду ҷавоб медиҳанд, худо хоҳад, саҳар нашуда омада мемонад.

Оймулло ва Бобо-заргар як — ним соат Фирӯзаро тасаллӣ доданд нашуд. Ниҳоят вай оби чашмашро пок карду гуфт:

— Ман то рафта аз Чека хабар нагирам, осуда намешавам!

— Дар ин вақти шаб, дар ин торикӣ танҳо рафтан хуб намешавад.

— Ҳеҷ гап не! Агар Асоро ба Чека набурда бошанду рост ба Дилкушои берун бурда бошанд, зуд ба раиси Чека ва ба амаки Ҳайдаркул ҳам хабар додан лозим.

Фирӯза давида болохона баромаду камзӯл пӯшид ва сарбандашро баста, фаранҷию чашмбандашро ба даст гирифта поён фаромад. Дар роҳрав бобо-заргарро дид, ки саллаю ҷома карда, ба дасташ фонуси равшан, баромадааст ва Оймулло ҳам дар он ҷо истодааст.

— Ҳа, ба хайр? — гуфт Фирӯза онҳоро дида.

— Мерафта бошӣ майлаш,— гуфт Бобо-заргар,— лекин ман ҳамроҳи ту меравам.

— Оймуллом чӣ? Танҳо мемонанд? — гуфт Фирӯза ва ба таври қатъӣ илова намуд:— Не, мумкин не! Ман, худам танҳо рафтан мегирам. Бадтар фонусу

ману шуморо дида авбошон қасд карданашон мумкин.

— Ман дарвозаҳоро занҷир карда, ба хона даромада мешинам.— гуфт Оймулло.— Гирду пеш ҳамсоя. Ту танҳо нарав, аз як кас дида, ду кас беҳтар аст. Ба ҳар ҳол қуввати дил.

— Э, худое, ин чӣ бадбахтӣ буд-а?! — гуфт Фирӯза ва маҷбур шуд, ки ҳамроҳии Бобо-заргарро қабул кунад.

Онҳо дарвозаро кушода, ба кӯча баромаданд. Дар кӯча «оқуше» набуд, ҳама ҷо торик, ҳама ҷо хомӯшӣ буд. Ҳатто дар кӯчаи калон ҳам ба онҳо касе вонахӯрд. Лекин Бобо заргар дар даст фонус пеш-пеш роҳ мегашту ба чор атроф нигоҳ мекард. Метарсид, ки шӯълаи фонуси онҳо диққати бадхоҳонро ба сӯяшон накашад, аммо бефонус ҳам, хусусан ба вай дар торикӣ раҳ гаштан мушкил буд...

Пеш аз инқилоб дар сари кӯчаҳо, дар пеши дари масҷидҳо, дар болои дӯконҳои баққолҳо фонусҳо равшанӣ медоданд. Ҳоло бошад, ба ин чизҳо аҳамият намедиҳанд, ё ки аҳамият медодагӣ кас нест. Оқсаққолҳо ва сӯфиҳои гузарҳо аксарият бепарво, шиорашон ҳамин, ки «туя газад, мана чӣ ғам?!»— Инқилобкардагиҳо ғами фонусро хӯранд! Аммо инқилоб кардагиҳо чунон серкор буданд, ки ба ин майда-суйдаҳои зиндагӣ аҳамият дода наметавонистанд. Баъд худи равғани лампа ҳам қариб нест барин. Гоҳ-ногаҳ дар Сесӯ ва таки манор оварда мефурӯшанд, ки ба ними талабгорон мерасад, ба нимаш не... Хайр, худо илоҳӣ худаш ба амонаш нигаҳ дорад!..

Ин буд, фикру хаёли Бобо-заргар.

Аммо Фирӯза дар бораи ин чизҳо фикре ҳам намекард. Тамоми андешаи вай ба Асо ва тақдири ӯ банд буд: Ба Асад Махсум Асо чӣ гуноҳ карда бошад? Ё барои Карим ӯро гирифтанд-мӣ? Метарсанд, ки Асо шоҳид шуда, ҷиноятапионро мекушояд?.. Лаънатии Асад Махсум дар Қоплон Ойишаро дида буд, ин париҷеҳра кӣ гуфта мепурсид. Маълум, ки барои ба мақсад расидани вай Карим халал медод. Ӯро тирборон карда, гумон кард, ки кор тамом. Карим мурд ва ӯ шавҳари Ойиша шуд. Лекин Каримро Асо ёфта

оварл, табобат кунонид, кариб сиҳат кард... Ин хабарро шунида Асад безобита шудагист, ана акнун Асоро бурда кин мекардагист, аз Карим даст каш мегуфтагист... Э, худое, тезтар ба Чека расида, ин хабарро гӯям, амаки Ҳайдарқулро ёфта, маслиҳат пурсам...

Онҳо аз тан растан Кӯшмадраса ба тарафи Қоплон баргаштанд. Дар паси мадраса сагҳо ба онҳо ҳамла карданд. Лекин асои дароз ва фонуси бобозаргарро дида, пеш омада наметавонистанд. Аз дуртар онҳоро печонида гирифта абар-абар мекарданд, кӯчаю майдонро ба сар мебардоштанд. Ба ҳар ҳол, агар дар сари вақти онҳо ду нафар милицияи аспакӣ омада намемонданд, кӣ медонад, охири кори онҳо бо сагҳо ба чӣ меанҷомид! Милиционерҳо сагҳоро ронда онҳоро боздоштанд.

— Шумо кистед? Дар ин вақти шаб ба куҷо меравед?

— Мо ба Чека меравем,— гуфт Фирӯза.— Ман зани Асо Хайриддинзода мешавам, ин кас амакам...

Милиционерҳо ба ҳамдигар бо назари суол нигоҳ карда, ҳайрон монданд. Шояд онҳо номи Асо Хайриддинзодаро якӯмин бор мешуниданд, шояд ӯро қатъиян намешиносанд, лекин ба Чека рафта истодани онҳо ва ин қадар далерона гап задани ин занак боиси тааҷҷуб ва мулоҳизаи онҳо шуд.

— Чӣ воқеа рӯй дод?— гуфт ниҳоят яке аз онҳо.

— Одамони Асад Махсум омада Асоро бурданд... —гуфт Фирӯза.— Намедонам куҷо бурданд. Вай одами Чека буд... хабар додан даркор.

— Хайр, майлаш, рафта хабар тед! — гуфтанд милиционерҳо, гӯё ки бе рухсати онҳо ин корро кардан мумкин набошад ва пас, аспҳояшонро ба сӯи Кӯшмадраса баргардонида рафтанд.

Дар Сесӯ, дар пеши идораи Чека фонус месӯхт ва аз тирезаи комендантхона ҳам шӯълаи чароғ менамуд. Фирӯза ва Бобо заргар ба комендантхона даромаданд. Дар он ҷо, дар паси девораи пасти тахтагӣ комендант ва ду нафар одами ҳарбӣ менишастанд. Даромада омадани Фирӯза ва Бобо заргарро дида, коменданти хоболуд ҳайрон шуда, як дараҷа хобаш париду ба онҳо бо назари суол нигоҳ кард:

— Хӯш?

Фирӯза ба девораи тахтагӣ часпида истода, кӣ будани худашро фаҳмонид ва баъд воқеаи омадани одамони Асад ва гирифта бурда шудани Асоро гуфта дода, пурсид:

— Онҳо ба Асо ваъда доданд, ки аввал ба Чека мераванд, агар Чека рухсат диҳад, баъд ӯро гирифта ба Дилкушои берун мебаранд.

— Ба ин ҷо омадагешон не,— гуфт комендант ва чашмони пурхобашро молида монд.

— Набошад ӯро фиреб карда, рост ба Дилкушои берун бурдаанд... Акнун чӣ кор мекунем?

Ба ин суоли бесаброна, ки бо садои пур аз ваҳму ҳарос дода шуда буд, комендант авзоашро дигар накарда, бо ҳамон оҳанги осудаҳолона гуфт:

— Чӣ кор мекунем? Ман намедонам... Раис нестанд, маовинашон ҳам нест... То пагоҳ сабр кардан лозим.

— Сабр?! То пагоҳ ӯро қину қасос карда кушта монанд-чӣ?

— Қину қасос?! — хандид комендант ва он ду ҳарбӣ ҳам хандиданд.— Барои чӣ қин мекунанд? Чӣ, вай, шавҳаратон — Асо аксульинқилобчӣ, босмачӣ, дузди роҳзан-мӣ? Ягон гап мепурсидагиянд, ягон кор мефармудагиянд, ба ҳар ҳол ягон масъалаи муҳим будагист.

— Не, не! — гуфт зорикунон Фирӯза.— Кор мефармуда бошанд, ними шаб бандӣ карда намебурданд! Ҷон, акаҷон, ба амаки Ҳайдарқул телефон кунед, он кас ягон маслиҳати дуруст медиҳанд.

Номи Ҳайдарқулро шунида комендант сар бардошту ба шариконаш нигоҳ кард, баъд ба сӯи Фирӯза баргашта гуфт:

— Рафиқ Ҳайдарқул дар шаҳр нест...

— Ман медонам, дар хонаашон набуданд. Лекин... охир, ҳозир омадагистанд, дар идораашон будагиянд, дар Қумитаи Марказӣ...

— Ин вақт дар идора чӣ кор мекунанд?

— Хайр, чӣ илоҷ? Ман чӣ кор кунам? Ба Асои ман чӣ карданд? Э, худоеэ!

Ин суханҳои пур аз дард, ки аз қаъри дили Фирӯза

омада баромада буданд, хоби комендантро тамом парронид. Вай гап назаду телефонро пештар кашида, дастаки онро тоб дод, хеле тоб дод, ниҳоят трубкаро бардошта, ба телефонист дўғ заду Дилкушои берунро талабид. Баъд боз трубкаро ба ҷояш гузошта дастакро тоб дод. Ин дафъа ҳам хеле дуру дароз тоб додан баъд, аз он тараф ҷавоб доданд. Қомендант трубкаро ба даст гирифта, аввал кӣ будани худашро гуфт ва баъд пурсид, ки Асо ном одами Чека дар куҷост? Аз он сӯ чӣ ҷавоб доданд, ки комендант ғуррос зада гуфт:

— Худи ту кӣ мешавӣ? Қаровул? Ягон калонтарат нест-мӣ? Бедор кун! Чаро наметавонӣ?! Эҳ, лаънатӣ, телефонро партофт.

Боз дуру дароз тоб дод, лекин ин дафъа ҳеҷ ҷавобе нашунид.

— Бефоида! — гуфт яке аз ҳарбиҳо.

Дар ин дам худи телефон занг зада монд. Қомендант трубкаро бардошта пурсид, ки кӣ гап мезанад. Аз он сари телефон ягон сардораш ҷавоб дод магар, ки вазъияти вай тағъир ёфта, овозаш мулоим шуд:

— Лаббай, ҳа ман... Ҳеҷ гап не, хотирҷамъӣ... Ҳа, фақат дар ин ҷо зани рафиқ Асо Хайриддинзода омодагӣ, амакаш катӣ... Одамони Асад Махсум омада, Асоро аз хонааш бандӣ карда гирифта бурдаанд. Ман телефон кардам, қаровул ҷавоб дод, ки ҳеҷ чизро намедонад. Хуб... хуб... майлаш!

Қомендант трубкаро гузошта ба Фирӯза муроҷиат кард:

— Рафиқ Николай, маовини раис телефон карданд, гуфтанд, ки то омадани он кас дар ҳамин ҷо сабр карда шиштоп будааст. Худашон омада тараддуд мекардаанд.

Ба дили ноумедгаштаи Фирӯза як нури занфе барқ зад. Бобо заргар ҳам як нафаси осуда гирифта монд. Соати деворӣ тиқ-тиқ мезад, ду нафар одамони ҳарбӣ таппончаҳояшонро равған мекарданд, комендант, ки хобаш тамом парида рафта буд, ба дафтари калон чизе менавишт...

Як соат мисли як сол гузашт, лекин аз маовин дарак нашуд. Акнун Фирӯза бетоқатона ҷунбида, ме-

хост, ки ба комендант мурочиат кунад, дар кушода шуду Саидпаҳлавон даромада омад. Вай ба тарафи комендант нигоҳ карда саломе доду, ба Фирӯза ва Бобо заргар мурочиат кард:

— Ҳа, дар ин чо чӣ кор мекунед?

— Саид амак!— гуфту Фирӯза гирья карда сар дод. Заргар бо чашмони маъюс ва ҳайрон ба рӯи Саидпаҳлавон нигоҳ карда истода, чӣ гуфтанашро намедонист, фақат бисьёртар чашмак мезад...

— Худата ба даст гир, Фирӯза! — гуфт бо овози ғафс ва омирона, Саидпаҳлавон.— Чӣ гап шудааст?! Хезетон, ба ҳавлӣ равем! Ман шуморо кофта гашта базӯр ёфтам.

— Онҳо ба омадани рафиқ Николай маътал! — гуфт комендандт.

— Рафиқ Николай, ба гумонам Вобканд рафтанд,— гуфт Саидпаҳлавон,— агар биёянд ҳам, пага... чоштгоҳ, ё пешин меомадагиянд.

— Шумо аз кучо медонед? — комендант хайрон шуда пурсид.

— Ман медонам! — гуфт ба сӯи вай маънидорона нигоҳ карда, Саидпаҳлавон ва аз бағали Фирӯза гирифта берун баромад. Дар кӯча ҳанӯз ҳам шаби дарози аввали зимистон ҳукм меронд, дарачаи хунукии ҳаво ҳам ба анча расида буд, ки Бобо заргари мӯсафед меларзид. Дар он дам «мурғу моҳӣ дар хоб буд», фақат дар кӯчаи калони тарафи Бозори нав се нафар тез-тез қадам монда мерафтанд. Дар бозгашт Бобо заргар хеле далер ва чаққон шуда буд. Чунон гумон мекард, ки Саидпаҳлавон танҳо худаш чавоби даҳ касро дода метавонад.

Дар роҳ чанд бор Фирӯза дар бораи Асо гап пурсид, аммо Саидпаҳлавон ӯро тасаллӣ дода, ваъда мекард, ки ба хона рафта нақл мекунад. Вақте ки ба ҳавлӣ расиданд, Оймулло дарвозаро кушод ва ҳамаро ба ҳавлии дарун таклиф кард. Вақте ки онҳо дар хонаи поён нишаста, гап мезаданд, Оймулло худаш ба ошхона рафта, самовор монда менишаст.

— Аз Асо хотирчамъ бош,— мегуфт Саидпаҳлавон.— Ба ҳар ҳол дар бадали ин се-чор рӯз бо вай ҳеч вокеае намешавад. Чунки худи Махсум нест, им-

шаб ба Вобканд рафт. Ҷабборқўрбошӣ ҳуҷум кардааст. Пагоҳу пасфардо ҳам намеомадааст. Асо маҳбуси махсуси худи Асад Махсум аст ва бинобар он ўро ба ман супориданд, ман ҳам ўро бо ду-се нафар алоҳида нигоҳ медорам. Бинобар хоҳиши худи Асо, имшаб хобро ба худ ҳаром карда ба ин ҷо омадам, ки ҳаминро хабар диҳам.

— Хайр, барои чӣ ўро ҳабс кардаанд? Чӣ гуноҳ кардааст? — пурсид Фирўза.

— Барои Асад Махсум кию чияш нест, табъаш хостааст, ҳабс мекунад. Ба гумон, Асоро барои Карим гирифтагӣ, албатта бо баҳонаи дигар!

— Набошад, акнун мулло Асо дар банди Асад Махсум истодан мегирад-мӣ? Роҳи халосиаш нест-мӣ? — пурсид заргар.

— Албатта халос мекунем! — гуфт Саидпаҳлавон. — Пагоҳ, ту духтарам ба пеши Ҳайдаркул рав! Саҳар катӣ омада мемондагист, гўё ба Когон рафта будааст. Вай, албатта, аз мо дида донотар аст, ягон маслиҳати дуруст медиҳад, ана баъд, аз рўи гуфтаи вай кор мекунем. Хайр, ман рафтам, мабодо набудани ман боиси шубҳа нагардад.

Хостанд, ки ба назди Саидпаҳлавон дастурхон гиранд ва ҳеҷ набошад як пиёла чой нўшад, лекин вай қабул накарду хайру хўш карда рафт.

## 10.

Ҳамон шаб одамони Асад Махсум мехостанд аввал Каримро аз касалхона баҳонае карда гирифта баранд, нашуд. Ду нафари онҳо ба назди духтури навбатдор даромада, арз карданд, ки барои кори мудофиаи Бухоро Карим хеле зарур ва лозим шуда монд, иҷозат диҳанд, ба ду соат рафта, баргардад. Духтури ҳарбии пурдида ва мўсафед аз он одамҳо шубҳа карду дарҳол пай бурд, ки беғараз наомадаанд. Бинобар он гуфт, ки пеш аз ҳама Карим бемор аст ва ҳоло баромаданӣ ў хатарнок аст, сониян вай дар ихтиёри Комитети Марказии Фирқа мебошад, бе иҷозати он ҷо ҳеҷ кас ўро бурда наметавонад. Онҳо гапро лаҷоҷ доданӣ ва бо дўғу ҷазаба духтурро розӣ карданӣ бу-

данд, ки вай телефонро пеш кашиду хост ба Чека ва Қумитети Марказӣ телефон кунад. Аз ин ҳаракати ӯ омадагон тарсида берун баромаданд, ки дар он ҷо аллакай ду нафар милиционер, дар даст милтиқ ҳозир шудаанд. Пас, ноилоҷ ба аспҳои худ савор шуда рафтанд. Дар ин хусус духтур ҳамшираҳои тиббии навбатдорро огоҳонид, ки ҳушьёр бошанд, ҳар касро ба назди Карим намонанд, бе рухсати духтур, шабона Каримро ба рӯи ҳавлӣ ҳам набароранд...

Яке аз он кампирҳои лаққӣ, ин моҷароҳоро бекаму кост, ҳатто воҳима карда, ба Карим гуфта дод ва илова намуд, ки Карим ҳушьёр бошад, шабона берун наравад, ба ӯ суиқасд карданашон мумкин аст.

Пеш аз он Карим худро хеле хуб ҳис мекард, як андак табу сулфа, гӯё ба вай халале намедоданд. Дилаш мехост, ки зудтар аз касалхона баромада, ба ёрии маҳбубааш шитобад ва аз Асад Махсум ниқор гирад... Рӯзона, вақто ки духтур ба вай боз баъзе табобат ва доруҳоро фармуд, норозӣ шуд:

— Не, духтур,— мегуфт вай, ба насиҳат доданҳои духтур гӯш надода,— ман сиҳат шудагӣ, ин андак табу сулфа аз дарду алами дил аст. Чӣ тавр мешавад, ки маҳбуби маро аз дасти ман зада гиранду ман бароҳат хоб кунам?! Не, ман меравам, ё мемурам, ё ниқор мегирам!

— Майлаш,— мегуфт духтур,— лекин ба ту як суол: ана девори сангин, дида истодӣ, ки хеле мустаҳкам сохта шудааст; агар нохост ғайратат ҷӯш занаду ба ту хоҳише пайдо шавад, ки бе ҳеҷ аспоб, танҳо бо қувваи бозу ин деворро аз миён бардорӣ, метавонӣ? Не, як фикр кун! Метавонӣ? Ман аз ту мепурсам, метавонӣ, ё не? Наметавонӣ ва агар зӯри беҳуда занӣ, миёнат мешиканад! Бале! Асад Махсум лашкар дорад, милтиқу пулемёти нав дорад, мо додагӣ! Баъд худаш ҳилагару фиребгару золиму хунхор аст. Чӣ тавр мешудааст, ки як бачаи беяроқ, касал, нимҷон мерафтаасту Асад Махсумро кушта, маҳбубаашро халос карда меомадааст?! Хаёли кӯкноригӣ! Хайр, фарз кардем, ки ту рафтӣ, лекин ба бошишгоҳи Махсум даромадан осон-мӣ? Туро, ба ҳамин ҳолат, ба як санг роҳ наздик намемонанд.

— Роҳашро ёфта меравам!

— Наметавонӣ! Замони Меҳтарбоди Ялдои Самарқандӣ гузашта рафт. Бедарак азоб мекашию коре карда наметавонӣ, лекин Асад гуноҳатро ба гарданат монда туро тирборон мекунаду ба худаш боз обрӯи иловагӣ харида мегирад.

— Хайр; чӣ кор кунам?

— Сиҳат шудан лозим, қувваю тавон гирифтан лозим, ана баъд бо маслиҳат, оқилона, бо дӯстон даст ба ҳам дода кор кардан лозим...

Пас аз ин маслиҳати табиби оқил ва роздон, Карим хеле фикр кард, дуру дароз андешид ва қарори қатъӣ дод, ки дар ҳақиқат пеш аз ҳама сиҳат шудан лозим... Аммо ин хабаре, ки ними шаб, дар вақти бедорхобиаш кампири лаққӣ ба вай гуфта дод, карордоди ӯро вайрон кард. Вай, дигар азмашро ҷазм кард, ки пагоҳ ба назди духтури калон рафта иҷозат мехоҳад, худашро ва ҳам онҳоро аз ташвиш халос мекунад.

Аввали пагоҳ духтурҳо далели ӯро шунида розӣ шуданду ба дасташ коғазе навишта дода, ӯро гусел карданд. Карим хонаи Асоро медонист, бинобар он аз духтурхона баромада, рост ба кӯчаи «Хиёбон»-ва аз он ҷо ба гузари «Мирдӯстим», ба ҳавлии Бобо заргар рафт. Дарвоза аз дарун занҷир буд. Тақ-тақ зад, Бобо-заргар баромада кушод. Набудани Асоро шунида, Карим малӯл шуду Фирӯзаро пурсид. Бобо, заргар ҳанӯз ҷавоб надода буд, ки аз дарун худи Фирӯза фаранҷию чашмбанд дар даст, ба таки собот, ба пеши дарвоза баромад.

— Э, Каримҷон-ку? — гуфт ҳайрон монда.— Аз духтурхона баромадӣ? Афсӯс, ки Асо акет нест.

Гирья гулӯи ӯро фушурд. Вай ба тарафи девор нигоҳ карда хомӯш монд. Ин ҳолати ӯ Каримро ба ҳаяҷон андохт.

— Чӣ шуд? Ака Асо ба куҷо рафтанд?

Фирӯза воқеаи шабонаро мухтасаран баён карду илова намуд:

— Ман ҳозир ба идораи амаки Ҳайдаркул рафта истодаам, агар хоҳӣ биё ҳамроҳ равем.

Карим каме андеша карду баъд сар бардошт:

— Майлаш меравем,— гуфт вай,— шояд ба дарди ман ҳам даво ёбем...

Фирӯза баргашта ба рӯи Карим нигоҳ кард, аммо Карим малӯлона сарашро хам карда буд.

Бобо-заргар ба ҳоли Карим пай бурду гуфт:

— Албатта ҳукумати шӯрой арзи шуморо мешунавад. Раветон, агар шавад, ба худи Файзулло Хоҷаев арз кунетон!

— Хуб,— гуфт Фирӯза ва фаранҷиашро ба сар гирифта, чашмбандашро ба рӯ партофт.

Дар кӯча онҳо хомӯш, ҳар кадом ба фикри дарди худ, пасу дунбол роҳ мегаштанд. Фирӯза имшаб хоб накарда бошад ҳам, ба чашмонаш осори хоб набуд, фақат сараш вазнин ва хаёлоташ тира буданд... Чӣ шуд, ба Асо чӣ карданд? Наход ки одами Чекаро бурда қаба карда монанд? Пас Асад Махсум худаш кӣ? Инқилобчӣ? Аксулинқилобчӣ? Лаҷоми ӯро мекашидагӣ одам нест магар, ки вай ин қадар худсарӣ мекунад? Оё Ҳайдаркул фармон дода, худи ҳамин рӯз, худи ҳозир Асоро аз банди Асад Махсум халос карда метавонад?

Карим ба кӯчаҳо, ба растаю бозорҳо мисли одами аз саҳро омада нигоҳ мекард ва ба чашмаш ҳар чиз нав ва дигаргун метофт. Вай аз тайи манор борҳо гузашта ва ҳатто дар рӯзи дуйӯми инқилоби Бухоро, ба болои манор баромада ва андозаи ҷойҳои аз тирҳои тӯб зарарьёфтаи нӯги манорро санҷида ба рафиқ Куйбышев арз карда буд... Аммо ҳоло бо ҳайрати том ба он нигоҳ карда мерафт ва қариб буд, ба зери аробае монад... Бале, вай кӯшиш мекард, ки хаёлҳои тираро аз худ дур кунад ва то мумкин аст дар бораи Ойиша фикр накунад... Вале, ин мумкин аст, магар? Ту ошиқ бошию, дилдор дошта бошию, ба умеди васли абадӣ бошию онро аз дастат зада гиранд ва ту натавонӣ хабаре шунавӣ ва чорае бинӣ! Магар аз ин сахттар ҷазо фикр кардан мумкин аст? Не, ҳаргиз не! Илоҷи ту ҳамин ки ё аз ҷон мегузарӣ, ё ба дилдорат мерасӣ!

Онҳо Ҳайдаркулро дар кабинеташ ёфтанд. Вай бо Мирак сӯҳбат карда менишаст.

— Салом Каримҷон! — гуфт вай хурсандона,— ҳарчӣ сиҳат шудӣ? Аз касалхона ҷавоб доданд?

— Салом, амакҷон! — гуфт Карим; — ҳа ҷавоб доданд... Лекин бо хоҳиши худи ман...

Дар ин дам Фирӯза чашмбандашро бардошта салом дод. Ҳайдаркул бо Фирӯза пурсупос карду боз ба Карим муроҷиат намуд:

— Чӣ хел, бо хоҳиши худат?

Карим воқеаро гуфта доду илова намуд:

— Ба умед ба хонаи Асо акем омада будам, ин кас ҳам...

— Медонам,— гуфт Ҳайдаркул,— ҳозир Мирак хабар овард. Хайр шинетон, маслиҳат мекунем.

Фирӯза аз паҳлуи Мирак нишасту воқеаи дишабаро батафсил гуфта дод.

— Ман худам Асо амакамро дидам,— гуфт Мирак ба гапи калонҳо ҳамроҳ шуда.— Дадем катӣ нону чой бурда додем...

— Дар таҳхонаи торик-мӣ? Дар байни ҳабсиҳои бисьёр-мӣ?— зуд пурсид Фирӯза.

— Не,— гуфт беғамона Мирак,— он кас дар як хонаи калон, боз ду-се кас ҳамроҳашон, чақ-чақ карда шиштен... Ба Фирӯза холет гӯй, ки хафа нашавад, гуфтанд.

— Ана, боз чӣ ғам мехӯрӣ? — гуфт Ҳайдаркул ба Фирӯза.— Хонаи калон бошад, ҳамроҳони мувофиқ бошанд, чақ-чақ бошад, нону чой бошад, боз чӣ?! Парво накун! Хайр, ба ту офарин писарам, Мирак! Акнун ба хонаатон рав, онет мунтазир будагист... Ма, ана пулро гиру аз қассобӣ нимча гӯшт харида, гирифта бар, онет гуфта буданд.

Мирак аз ҷо хесту пулро нагирифт.

— Раҳмат,— гуфт вай,— пул даркор не, гӯшт таъин карда бошанд, худам пул дорам.

— Ин пулро дадет монда рафта буд, ки ба ту диҳам,— гуфт Ҳайдаркул ба таври ҷиддӣ.— Гир, ман аз пули кас безор!

Мирак боз каме шубҳа карда истоду баъд маҷбуран гирифт ва хайру хуш карда, аз хона баромада рафт. Пас аз рафтани вай Ҳайдаркул табассум карду гуфт:

— Бачаи хушьёр ва ориятнок! Аз рӯи гуфтаи вай Асад Махсум Асоро ба Паҳлавон супорида, худаш ба

кадом туман рафтааст. Маълум ки чандон касди бад надорад. Бинобар он Фирӯзаҷон, ту аз вай хавотир нашав...

— Монем ки Асад Махсум кораша кардан гирад? — гуфт як дараҷа сахт карда Фирӯза. Вай пас аз гуфтани ин сухан фаҳмид, ки бемулоҳиза ва дагалона гап зада монд, бинобар он хомӯш шуду зӯрро ба гирья дод.

Дар хона як дараҷа хомӯшӣ ҳукм ронд, фақат ҳук-ҳуки гиристани Фирӯза шунида мешуд...

— Осуда шав, духтарам! — гуфт ниҳоят сар бардошта Ҳайдарқул.— Масъалаи Асад Махсум чандон осон нест, ки ману ту ҳал карда тавонем. Ба ин масъала як қисми аъзоҳои ҳукумат ва роҳбарияти қумитаи фирқа мудохила карда, ҳал карда натавониста истодаанд. Ту гумон мекунӣ, ки ман осуда нишастаам?!

— Ман... мебахшед...— гуфт Фирӯза.— Аз барои Асо... Дилам хавотир...

— Мефаҳмам! Асоро халос карда мегирем!

— Асо акемро аз барои ман гирифтагӣ...— гуфта монд Қарим.

— Гумони ман ҳам ҳамин,— гуфт Ҳайдарқул.— Шояд мехоҳад аз вай баъзе чизҳоро фаҳмида гирад, ё ки Асоро дар байни худаш ва ту миёнарав кардан... Ба ҳар ҳол дар ин ҷо масъалаи сиёсӣ не, ин ҷанҷоли шахсӣ.

— Хайр, дар куҷо дида шудааст, ки... ...гуфта, Фирӯза мехост эроде гирад, Ҳайдарқул бо дасташ ишора карда сухани ӯро бурид:

— Мефаҳмам, ҳамаи ин гирудорҳои вай ғайриқонунӣ, таҷовуз ва зӯроварӣ аст. Ҳукумати шӯрой бояд бар зидди ин гуна корҳо мубориза барад; бояд ин тавр сардорҳоро ба масъулият кашида, ҷазо диҳад... Лекин чӣ гӯям ба шумо!.. Аввалаш ин ки вай дар худи роҳбарияти ҳукумати Бухоро тарафдорҳои зӯр дорад, баъд қувваи ҳарбӣ дар дасташ ва...

Дар ин дам телефон занг заду Ҳайдарқул суханашро бурида, трубкаи телефонро бардошт:

— Ман, Ҳайдарқул, бале... Салом рафиқ Файзулло Хоҷаев! Саломат бошед. Хуб, хуб, майлаш... Ман ҳам... Ман ҳам мехостам, ки дар ҳамин бора бо шумо

гуфтугӯ кунам. Ҳа, котибҳо нестанд, яктешон ба Тошкант рафтагӣ, Оқчурин дар Чорҷӯй. Хуб, ҳозир.

Ҳайдарқул трубкаи телефонро ба ҷояш гузошт. Дар симои вай аломати мамнуният ва қаноатмандӣ хувайдо гашт.

— Ана, масъала худ аз худ ҳал мешудагӣ барин,— гуфт вай ба Фирӯза ва Карим нигоҳ карда.— Рафиқ Файзулло Хоҷаев дар хусуси корҳои Асад Махсум маро чег мезанад. Назар ба шунидам он кас ҳам бар зидди ин разил кӯшиш доранд.

— Хайр, набошад, арзи ҳардуи моро мерасонед! — гуфт Фирӯза.— Э, худо, кошкӣ чорае ҷӯянд!

— Албатта Асоро озод мекунонад! Охир он кас сардори ҳукуматамон, раиси шӯрои Нозирэнанд! Ман худи ҳамин рӯз натиҷаи корро ба шумо мерасонам. Шумо ҳозир ба куҷо?

— Агар иҷозат бошад,— гуфт Карим,— ман ба назди рафиқ Куйбышев равам?

— Майлаш,— гуфт Ҳайдарқул,— аз ман салом расон!

Ҳар се аз ҷо бархоста, берун баромаданд. Дар роҳрави ҳавлӣ яке аз коркунони масъул бо Ҳайдарқул вохӯрда пурсид, ки ба куҷо меравад ва ба шӯрои нозирон рафтани ӯро донист, ба фоэтонаш таклиф намуд. Ҳайдарқул ҳам ин таклифро бо мамнуният қабул намуда, бо ҷавонҳо хайру хуш кард.

Дар кӯча Фирӯза аз кадом роҳҳо ба клуб рафта расиданашро фикр мекард, ки Карим ба вай муроҷиат карда гуфт:

— Хоҳарҷон, биёед, ҳамроҳ дуямон якҷоя ба назди рафиқ Куйбышев меравем, агар қулай бошад, арз мекунем. Ба фикри ман рафиқ Куйбышев ба дарди мо даво ёфта метавонад! Вай одами меҳрубон ва ғамхор аст! Ман нағз медонам...

Фирӯза ҳайрон шуда, истода монд:

— Чӣ хел мешуда бошад?.. Он кас маро намешиносанд... Асоро ҳам...

— Мешиносанд! — гуфт ба таври қатъӣ Карим.— Рафиқ Куйбышев ҳамаи моро мешиносанд ва албатта ману шуморо маъюс намемонанд.

— Охир, амаки Ҳайдарқул ба пеши Файзулло Хоҷаев рафтанд-ку?!

— Хайр, ҳеҷ боке не! Биёед, рафтем!

Чи як қуввае худ аз худ маҷбур кард, ки Фирӯза ҳам ба Карим ҳамроҳ шавад. Онҳо рост ба сӯи сафоратхонаи Руссияи шӯравӣ равон шуданд.

Дар ин вақт Валериян Владимирович Куйбышев аз кабинети худ берун баромада, дар хонаи дуюм ба котиби якӯми сафоратхонаи Россия, ки дар он ҷо, дар сари стол кор карда менишаст, муроҷиат намуд:

— Имрӯз ба гумонам панҷшанбе-а? — гуфта пурсид вай.

Соловьёв — котиб ҳам аз ҷо бархоста гуфт:

— Бале, Валериян Владимирович, имрӯз панҷшанбе аст.

Куйбышев ба дафтарчаи хотираи худ, ки дар даст медошт, нигоҳ карда гуфт:

— Набошад, хоҳишмандам, дар хотир дошта бошед: дар ҳафтаи оянда интихоботи президиуми Цека! Номзадии Муҳиддинов, Юсуфов, Орифовҳоро муҳокима кардан лозим. Дар ин бора ба рафиқ Ҳакимов хабар диҳед, тайёрӣ бинад, аз номи намояндагии интернационали сеюм баромад мекунад. Дуюм: масъалаи обу замин дар Бухоро!.. Рӯзи шанбе — сӯҳбат бо раиси шӯрои нозирон — Файзулло Хоҷаев... бале, рафиқ Файзулло Хоҷаев бисьёр зарур! Дар 26 ноябрь як маҷлиси калон бо намояндагони ҳукумати Бухоро ташкил додан лозим. Аз республикаи Туркистон ҳам бояд намоянда биёяд.

Соловьёв навишта истода пурсид:

— Мавзӯъи рӯз чӣ мешавад?

— Ба гумонам, моҳияти инқилоби Бухоро ва ҳам вазифаҳоиояндаро муҳокима кардан лозим,— гуфт Куйбышев ва пас аз каме мулоҳиза карда истодан, фикрашро эзоҳ дод:— Моҳияти инқилоби Бухороро дурусттар ва ҳартарафа омӯхта, кушода додан лозим аст. Охир, ин инқилоб мислу монанд надорад. Дар таърих як чунин ҳодиса дида нашудааст ва бинобар он таҳлили он, кашфи он хеле аҷиб аст. Ин инқилоб дар Шарқ аввалин инқилоб аст. Бинобар он рафт ва инкишофи онро омӯхтан, онро ба роҳи дуруст даро-

вардан шарт аст, то ки аз қадамҳои аввалинаш ба роҳи хато наравад!

— Дуруст мегӯед, рафиқ Куйбышев! — гуфт Соловьёв.— Боз аҳамияти инқилоби Бухоро дар он аст, ки вай бар дарвозаи Ҳинду Афғон ва Эрон воқеъ гаштааст ва мумкин аст гуфт ба тамоми Шарқ шӯъла мепошад.

— Бале, бале! — гуфт Куйбышев.— Вале, афсӯс, ки як қисми Ҳукуматдорони Бухоро ҳоло инро дарк накардаанд ва ё ки дарк кардан намехоҳанд. Аз ҳамин ҷиҳат роҳбарияти Ҳукумати Бухороро солим кардан лозим. Дар ин кор ба онҳо маслиҳат дода, ёрӣ расонидан вазифаи мост. Як қисми роҳбарон ва коркунони масъул ба фикри беҳбудии худ ҳастанд, ғами халқу мамлакат гӯё ба онҳо дахл надорад... Хайр, ин муаммоҳоро дар он маҷлис муҳокима мекунем. Нависеді Бояд рафиқон Винокуров, Садриддин Айнӣ, Орифов, Расулов, Юсуфов, Аслонхоҷаев, Файзулло Хоҷаев, Скориковро ва боз ҳар киро, ки худи рафиқони бухорой мехоҳанд, даъват кунанд. Инчунин ҳамаи коркунони масъули сафоратхонаи мо мешаванд.

— Бисьёр хуб! — гуфт Соловьёв.

— Ман як соат нафас гирам,— гуфт Куйбышев.— Боғчаи мо хеле диққатангез шудааст... Агар ба ман аз Москва ва ё Тошкент телефон шавад, чеғ мезанед.

— Хуб шудааст! — гуфт Соловьев ва Куйбышевро то ба таги дари боғча гусел карда монд.

Яке аз рӯзҳои нимаи дуйӯми моҳи ноябрь, ҳаво соф, дар осмон фақат ду-се порча абри сафеди пахтамонанд дар шӯълаи офтоб бемалол шино карда мегаштанд. Баргони дарахтон аз гуногунрангии худ чашми касро хира мекарданд. Зард, сурх, кабуд, кабуди баланд, нофармон ва ғайра... Ҳар вазидани насим ба рӯи замин даҳҳо баргони хазонро меовард. Аммо гулзор ҳанӯз боқӣ буд: хусусан гули садбарги сурх ва гули тоҷихурус худнамой мекарданд. Гули ишқандарпечон бошад, то ба нӯги дарахтони атрофи гулзор печида баромада, аз байни баргҳои кабудаш ғӯша-ғӯша тухмҳои пухта, хушкидаи он намоён шуда меистоданд. Занбӯрони асал монда нашуда кор мекарданд.

Ба Валериян Владимирович хусусан гули нозбӯ маъқул буд Вай, пас аз маслиҳати боғбон, ҳар рӯз баромада аз нӯг-нӯги гули нозбӯй ҷои тухмкардаашро пучида мегирифт. Бинобар он дастаҳои нозбӯй қаду бар монда, бутта-бутта шуда буданд. Куйбышев бо обпошак об пошида, аз рӯи барги нозбӯ ва дигар гулҳо чангро дур кард, баъд бо корди дарозе, ки дар як кунҷи гулзор боғбон хаста монда буд, хоки зери буттаҳоро мулоим карда монд, баъд баргҳои хазониро, ки ба рӯи гулҳо ва ба гулзор афтода буданд, чида гирифта, ба дур партофт ва дар тамоми муддати ин корҳо вай фикр мекард, майнаи ӯ ноист дар сари масъалаҳои гуногун истода, муҳокима менамуд...

— ...Бухоро! — мегуфт вай дар хаёлаш.— Шаҳри қадима ва машҳури Шарқзамин! Бедарак нест, ки дар ин сарзамин ин қадар алломаҳои даҳр ба майдон омада, умр ба сар бурдаанд.

Ана, ҳоло ҳамаи боигарии он, ҳамаи гулу атру сумани он моли халқ шуд. Меҳнаткашон — мардуми ҳунарманди ин мамлакат озодона нафас кашиданд... ва бояд акнун бештар аз пештар кор кунанд, ҳамаи ҳунару санъати худро барои авлоди худ ба харҷ баранд! Бале, барои халқи Бухоро аз обу замин ҳам бештар кадрҳои пурдон, роҳбарияти оқилона лозим аст. Ҳамаи ин масъалаҳоро дар рӯзҳои наздик ҳал кардан лозим. Лекин ман ҳис мекунам, ки хаста ва монда шудаам... Занам, писараки хурдтаракам маро дар Тошкент мунтазир. Ман ҳам онҳоро ёд кардаам... Беҳтар мешуд, ки онҳо ба ин ҷо биёянд, ҳавои гарми Бухоро тамом шуд, мева фаровон ва осудагӣ ҳам гӯё барқарор шуд... Бо писарча машғул шуда, хеле осуда мешудам... Вай ҳоло калонак шуда мондагист...

Дар ин дам аз дохили бинои сафоратхона Соловьёв баромада омада арз кард:

— Валериян Владимирович! Карим бо як нафар занак омадааст.

— Карим? — хурсанд шуда пурсид Куйбышев.— Маълум ки сиҳат шудааст?

— М-м-м... бале,— гуфт Соловьёв номуайян ва хомӯш монд.

— Чӣ, он қадар сиҳат не-мӣ? Бо занаш омада бошад-мӣ? Канӣ, равем!

Онҳо ба бинои сафоратхона даромаданд. Дар қабулгоҳи сафир (Куйбышев) Фирӯза бефаранҷӣ ва Карим ба рӯи курсиҳо нишаста буданд. Омадани Куйбышев ва Соловьёвро дида, ҳар ду аз ҷо бархостанд. Карим ба таври низомӣ даст ба чакка бурда салом дод, Фирӯза таъзиме намуд.

— Ҳа-а-а... Карим, Каримҷон! — гуфт Куйбышев хурсандона ва бо ӯ дӯстона вохӯрдӣ кард.— Биё, биё, хуш омадӣ! Ин кас кӣ? Гӯё, ман мешиносам? Ҳа, ҳа, рафиқа Фирӯза! Хӯш, биёетон, марҳамат!

Ҳама ба кабинети васеъ ва равшан даромаданд. Куйбышев ба ҷои худ нишаст ва ба Карим муроҷиат намуд:

— Хӯш, сиҳат шудӣ? Канӣ, гап зан!

— Шукр, нағз! — гуфт Карим ва андаке хомӯш шуду гиреҳи гирьяро, ки гулӯяшро мефушурд, фурӯ бурда, ба гапаш давом дод: — Ҳамин рӯз, аввали пагоҳ хоҳиш кардам, ки рухсат диҳанд, дигар илоҷ набуд... духтурҳо ҳам фаҳмиданду ҷавоб доданд...

— Наход? — ҳайрон шуд Куйбышев.— Чӣ воқеа рӯй дод, ки ин тавр таъҷилӣ аз касалхона баромадӣ?

— Шаби гузашта,— гуфт Карим,— шавҳари апа Фирӯзаро,— ака Асоро одамони Асад Махсум бандӣ карда, ба Дилкушои берун гирифта бурдаанд...

— Бандӣ карда? — ҳайрон шуда, Соловьёв пурсид.— Вай ба гумонам дар Чека кор мекард-ку?

— Чека будагиҳо ёрӣ дода натавонистанд! — гуфт Фирӯза.

— Аҷиб! — гуфт Куйбышев бесаранҷомона.— Хӯш, баъд чӣ шуд?

— Ҳамон одамҳои Асад, аслан ба гирифта бурдани ман омада будаанд, лекин духтурҳо фаҳмида намондаанд.

— Парронда рафтанаш бас набуд, ки акнун дошта бурданӣ шудааст! — гуфт Фирӯза.

— Фаҳмидед, рафиқ Соловьёв?! — гуфт Куйбышев хитоб карда.— Ин мардак ҳамаро тарсонда, соҳиби кор шудан мехоҳад. Аз аввал ситораи вай, ба

ман намефорид, лекин рафиқони бухорӣ, хусусан дар ревком тарафдорӣ карданд.

— Кадом рӯз,— гуфт Соловьёв,— рафиқ Файзулло Хоҷаев бо телефон гап зада, норозигӣ баён кард, ки Асад Махсум ба корхои шаҳр ҳам дахолат карда, чандин касонро худсарона бурда, ҳабс кардааст.

— Маълум ки вай худашро мустакил ва соҳибихтиёр медонад! — гуфт Куйбышев ва ба андеша фурӯ монд. Вай ҳама саргузашти Каримро медонист, воқеаҳои тир хӯрдан, дастгир шудани Ойиша, ҳама-ҳамаро ба вай хабар дода буданд. Гиру дори Асад Махсумро дида истода, ба дасти вай қувваи ҳарбиро дода мондани ҳукумати Бухоро Куйбышевро ба ҳайрат меандохт. Мақсади инҳо чӣ бошад, мегуфт, магар бо дасти Асад дигаргуние ба амал овардан мехоҳанд? Ба ростӣ, агар фитнаи Асадро пешгирӣ накунанд, оҳиста-оҳиста сӯхторе шавад, ки худи барпокунандагони он ба бало монанд! Дар ин бора гап задан, чашми онҳоро кушодан лозим буд...

— ...Пас, чаро Ҳукумати Бухоро, Комитети Иҷроия ба ин аҳамият намедиҳанд? Лаҷоми ӯро кашида намемонанд?

Соловьёв, ки дар корҳои дохилии Ҳукумати Бухоро бештар муносибат дошт, гуфт:

— Ба гумони ман, як қисмашон метарсанд, қисми дигарашон танҳоӣ мекашанд, мондагиҳо тарафдор!

— Бале, рост! Хуб, ба рафиқ Файзулло Хоҷаев телефон карда хабар диҳед, ки агар вақт дошта бошад, ман бо баъзе корҳои муҳим имрӯз ба наздаш рафтан мехостам.

— Бисёр хуб! — гуфт Соловьёв ва аз хона берун шуд. Пас аз баромадани вай Куйбышев ба Карим муроҷиат кард:

— Исто ки арӯси ту чӣ шуд? Ҳоло дар куҷо будааст?

Карим чизе гуфта натавониста хомӯш монд, ба ҷои вай Фирӯза ҷавоб дод:

— Дар дасти Асад Махсум будааст, гӯё ки вай бо хоҳиши худи духтар никоҳ карда гирифтааст.

— Не, не! — гуфт якбора Карим.— Ойиша ба ман

ваъда додагӣ, вай ҳеҷ вақт ваъдахилофӣ намекунад, вай ҳеҷ вақт ба никоҳи хунхўр намедароянд!

— Осуда бош Карим! — гуфт Куйбышев. — Ман ҳам гумон намекунам... Рафиқа Фирўза шунидагиашро гуфт... Албатта, ин нодуруст!

— Ба ман бо тираш як дона милтиқ диҳед, — гуфт Карим ба ҳамон ҳолати пурҳаяҷон. — Ман худам рафта ҷавоби Асад Махсумро медиҳам, рафиқ Куйбышев! Аздусар бе Ойиша ба ман зиндагӣ нест.

Куйбышев табассум карда гуфт:

— Як милтиқ катӣ ба ин хел одам ҷавоб дода наметавонӣ, писар. Ба фикри ман милтиқи бисьёр тайёр карда, аз Асад Махсум якбора халос шудан лозим.

— Не, ман Ойишаҷонро... Ойиша...— гуфт Карим ва суханашро тамом карда натавонист, сулфаи сахту қаттол нафаси ўро ба дарун кашид. Аз берун Соловьёв давида омад, Фирўза ҷаҳида ба сари ў бархост. Куйбышев ба стакон об андохта овард. Аммо Карим як-ду дақиқа сулфиду баъд як нафаси осуда кашид ва суст шуда ба рўи нимкате, ки дар он ҷо буд ва ўро дошта, ба он гузошта буданд, дароз кашид. Ранг аз рўи ў парида буд, қабоқҳои чашмаш варам карда, ҷавони навқирон тамом пажмурда шуда монд...

Куйбышев фармуд, Соловьёв аз берун духтурро гирифта овард. Духтур ба муоина сар карда буд, ки Куйбышев, Фирўза ва Соловьёвҳо берун баромаданд. Дар хонаи дуюм Куйбышев, ки дар ин корҳо таҷриба дошт ва ин хел беморҳоро бисьёр дида буд, гуфт:

— Тир ба шуши бача зарар расонидагӣ барин... ба илова, ин воқеаи Ойиша ўро осуда намегузорад, ки танаш сиҳат шавад. Пас аз ин дар назди вай дар бораи Асад ва Ойиша гап нашавад. То мумкин аст, бо хабарҳои хуш дили ўро бардошта истед.

— Бачаи бечора мисли шамъ об шуда мондааст! — гуфт Соловьёв.

Фирўза ба чашмонаш об гирифту рўяшро ба девор кард. Пас аз чанд дақиқа духтур баромада, ба Куйбышев муроҷиат кард:

— Ўро ҳамин ҳозир ба госпитали Когон фиристодан лозим. Дар он ҷо эҳтимол баъзе доруҳо ёфт шавад, набошад бача талаф мешавад.

— Марҳамат, мошина медиҳем, одам медиҳем, худатон бурда монеду баргашта, аз натиҷаи кор маро огоҳ кунед!

— Хуб шудааст! — гуфт духтур ва боз ба кабинет, ба назди бемор баргашт.

## 11.

Ҳукумати Бухоро бевосита пас аз инқилоб ба бино кардани иморатҳо ва хонаҳои нав қодир набуд, корҳои аз он заруртар ва муҳимтар бисьёр буданд, пул набуд, масолеҳ набуд, одам намерасид... Пеш аз ҳама ҷоҳои сӯхта, валангоршударо тоза кардан, шаҳрро ба ҳолати осудагӣ даровардан ва муҳимтарин эҳтиёҷоти халқро таъмин кардан лозим буд. Бинобар он тақрибан ҳамаи муассиса ва идораҳои ҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ дар биноҳои кӯҳна, дар ҳавлиҳои мусодирашудаи бойҳо ва амалдорҳои пештара ҷо гирифта буданд. Масалан, Комитети Марказии инқилобӣ ва пас: Комитети Иҷроияи Марказӣ дар арк, дар ҳавлии қушбегӣ, комитети марказии фирқаи коммунистии Бухоро дар гузари Ҳавзи Рашид,— дар ҳавлии як бои калон, шӯрои нозирон дар гузари Кӯи Мурғкуш дар ҳавлии Ғиёси пӯст ҷо гирифта буд.

Бойҳои Бухоро дар солҳои охир тараф-ба тараф ҳавлиҳои калон ва бо шукӯҳи каршастӣ, хонаҳои нимевропоӣ, иморатҳои олӣ, аз хишти пухтаи «солдатӣ» (хиштҳои ҳозиразамон барин) сохтан гирифтанд. Амир Олимхон ҳам ки дар Ситорамоҳихосса, дар Ширбадан, дар Дилкушо, дар Когон ва дигар ҷоҳо қасрҳо ва иморатҳои нимевропоӣ месохт, ба ин «навоварӣ» ва ба ин бинокории бойҳо халале надод. Бинобар он дар Бухоро иморатҳо ва ҳавлию ҷоҳои бисьёр хуб ва олӣ ба майдон омада буданд, ки пас аз инқилоб аксарияти онҳоро ҳукумат мусодира намуда, назоратҳо, муассисаҳо ва идораҳоро ҷойгир кунонида буд. Ҳавлие, ки идораи шӯрои Нозирони Бухоро дар он ҷо гирифта буд, дар як паскӯчаи назарногире буда, аз роҳи калони байни дарвозаи Қавола ва Сесӯ чандон дур набуд.

Фаэтоне, ки дар он Ҳайдарқул бо шиноси худ ни-

шаста буд, аз тарафи болои ҳавзи Девонбегӣ, аз назди саҳни мадрасаи Кӯкалтош ва бозори Чав гузашта, ба роҳи калони тарафи дарвозаи Қавола даромаду зуд ба сӯи паскӯчаи тарафи рост баргашт ва ба назди дарвозахонаи бошукӯҳи идораи Шӯрои Нозирон истод.

Дар ин дам раиси Шӯрои Нозирон, сардори ҳукумати халқии Бухоро — Файзулло Хоҷаев дар кабинети худ нишаста, одамони бо арзу бо кор омадаро қабул мекард. Кабинети вай дар хонаи калони он ҳавлӣ ҷо гирифта, дар даҳлиз котиб ва ёрдамчиёни раис менишастанд.

Инак, дари кабинет кушода шуду аз он ҷо мудири корҳои шӯрои Нозирон баромад ва ба ду нафар ҷавоне ки мунтазир менишастанд, ишора кард, ки ба дарун дароянд. Ҷавонҳо як дарача ба ҳаяҷон омаданд, вале зуд худдорӣ карда, ба хонаи калон қадам ниҳоданд. Хонаи калони бошукӯҳ се тирезаи навсохти ранга дошт, ки аз онҳо ба хона равшании зиёде дохил мешуд. Сақфу девори он хона мунаққаш, бо мӯқалами устодони машҳур ва наққошони забардасти Бухоро нақшу нигор карда шуда буд. Фарши хонаро, ки тахтагӣ буд, қолини калони «қизилаёқи» туркманӣ фаро гирифта буд. Дар пешгоҳи хона столи сербар ва боҳашамати корӣ гузошта шуда буд, ки рӯи онро сиёҳидонҳои булӯрин ва зарнигор, шамъдонҳои тиллоранг, қаламдон ва дигар асбобҳои китобат оро медоданд. Дар як кунҷи он як даста китоб ва дар кунҷи дигараш қоғазҳо ва делаҳо гузошта шуда буданд. Боз як столи дарози дигар буд, ки қариб аз дами дари даҳлиз то ба столи кории раис рафта ҷафс мешуд; рӯи он столи дароз бо дастурхони моҳути сабз пӯшида шуда, ба давраш стулҳои вазнини чармпӯши бисьёр, қатор гузошта шуда буданд.

Файзулло Хоҷаев одами миёнақад, сабзгуна, бо чашмони ҷозиб ва бануфузи калон-калон, бо мӯҳои сиёҳи ғулии боло шоназадашуда, ҷавонталъат ва бозеб; дар тан фиренҷ аз моҳути хокистарранг ва шалвори ғалифе аз ҳамон матоъ, ба сари столи корӣ нишаста, ба рӯи қоғаз чизе менавишт. Даромада омадани ҷавонҳоро дида, аз кор сар бардошту гуфт:

— Биёетон бачаҳо, биёетон! Аз болотар, наздиктар шинетон! Хӯш, шумо намояндагони талабаҳои мактаби «Намуна» ҳастед? Бисьёр нағз. Хондаиҳо чӣ тавр? Бачаҳо мактабгурезӣ намекунанд? Не? Хуб. Муаллимҳо маъқул-мӣ? Китобу дафтару қалам мерасад? Набошад, дигар чӣ камбудӣ доред?

Ин тавр сар шудани сӯҳбат, бачаҳои шармгинро як дараҷа далертар кард. Яке аз онҳо ҷасорат карда гуфт:

— Мактаби мо «Намуна», номаш ҳам, худаш ҳам... Мо мехоҳем, ки либоси фӯрма дошта бошем, дар кӯча ҳам намуна шуда гардем...

— Ин фикри бад не! — гуфт Файзулло Хоҷаев, табассум карда. — Нағз мешуд, ки мо ба ҳар мактаб як ранг фӯрма медодем ва аз либоси бачаҳо медонистем, ки вай талабаи кадом мактаб... Ба ин таклиф маориф чӣ мегӯяд?

— Маориф, имрӯз-пагоҳ гуфта, корро ақиб партофта истодааст. Мо метарсем, ки талабаҳои мактаби «Учунчӣ Турон», ё ки «Авлоди Шуҳадо» аз мо пештар фӯрма мепӯшанду мо мемонем...

— Ҳа, ҳа...— гуфту Файзулло Хоҷаев андаке ба андеша фурӯ монд, маълум ки бачаҳоро ба ин водор кардаанд, ки дар сари фӯрмапӯшӣ бо мактабҳои дигар мусобиқа банданд, на ин ки дар мавзӯи хониш ва боло бардоштани дониш! Ҳоло муаллимҳои пурдону бамаънӣ надорем, бачаҳоро қисман зобитҳои собиқи турк ва қисман муаллимҳои нимчамуллои аз Туркистон омадагӣ меомӯзанд. Аз ин хел муаллимҳои «дойрахабар» аз ин зиёдашро мунтазир шудан ҳам мушкил... Худамон бояд пеш аз ҳама муаллим тайёр кунем.

— Мудиратон кӣ? — пурсид вай аз бачаҳо.

— Шавкат афандӣ.

— Майлаш, ман мегӯям, ба шумо фӯрман хушрӯй дӯзонда пӯшонанд, лекин бо як шарт!

Бачаҳо хурсанд шудаиду диққат карданд, ки шартро дурусттар фаҳманд.

— Шарт ҳамин, ки дар байни ҳамаи мактабҳои шаҳр мусобиқа эълон мекунем: талабаҳои кадом мактаб, ки аз дарсҳо нағз бошанд, аълохон бошанд, батартибу баинтизом бошанд ва дар ҳақиқат намуна

шаванд, пеш аз ҳама ва хубтар аз ҳама форма мегиранд, баръакс ё форма намегиранд ва гиранд ҳам, баъд аз ҳама ва гандатар аз ҳама насибашон мешавад. Ана ба ҳамин шарт розӣ ҳастед?

— Мо розӣ,— гуфт яке аз бачаҳо,— лекин намедонем мудир афандӣ чӣ мегӯянд...

— Мо дар назди маориф комиссия месозем, худи комиссия ин шартро ба ҳаман мудирҳо ва афандиҳо хабар медиҳад. Акнун рафта, ин хабарро ба шарикҳоятон расонед, ки нағз хонанд!

— Хуб шудаст! — гуфтанд бачаҳо ва аз кабинет берун шуданд. Файзулло Хоҷаев ба дафтари хотираш чизе қайд карду аз ҷо бархост ва ба рӯи хона қадам зад.

«Бале, мегуфт вай худ ба худ, инқилоб кардан, ҳокимиятро ба даст гирифтан як тарафи кор будаасту ҳокимиятро мустаҳкам кардан, ҳаёти навро барқарор кардан тарафи дигари кор! Афсӯс ки як қисми рафиқони мо инро намефаҳманд, инқилоб шуд, амир гурехт, гап тамом гуфта, по дароз карда нишастаанд. Баъзеҳо ҳатто ба ҷон пеш бурдани кор, халал медиҳанд...

Масъалаи маориф, масъалаи ҳуқуқ ва адлия, масъалаи обу замин, масъалаи савдо ва тиҷорат... ба болои ҳамаи ин масъалаи амнияти республика, мубориза бо душманон ва боқимондагони ҳокимияти амирӣ... Лекин пеш аз ҳама мустаҳкам кардани ҳокимияти нав ва барқарории давлат аст! Бо ҳар гуна гурӯҳбозӣ, бо ҳар гуна зиддият дар байни роҳбарият хотима додан лозим! Дар бораи ин масъалаҳо имрӯз, дар вақти омаданаш бо Куйбышев маслиҳат мекунам...»

Иҷозат пурсида, ба кабинет як марди миёнсинни лоғарандоми қоматбаланд даромада омад. Он мард, ки кулӯтариш буд, ба сар калапӯши ироқӣ, дар тан аз болои курта-яктаи карбоси сафед, ҷомаи алочаи каждумакӣ дошт. Мардак салом доду бо ду даст боадаб омада, бо раис вохӯрдӣ кард:

— Саломат ҳастед, бардамак ҳастед... Илоҳӣ худо саломат нигаҳ дорад!.. Омин!

Файзулло Хоҷаев ба вай аз рӯ ба рӯи худ ҷо нишон дода, худаш ба курсиаш нишаст.

— Хӯш?

— Ман усто Набии бофанда ҳастам. Адрас, бахмал, алоча, қаламӣ, ҳарчи гӯед мебофам... Лекин, Эшонҷон, одамҳои шумо кор кардан намемондагӣ барин-ку! Молия гуфтанӣ як идора пайдо шудааст, ҳар рӯз одам фиристода, андозу молиёт ачдохта истода аст. Охир, дар замони золим, мо рӯз надидем, акнун ки ҳуррият шудааст, боз ҳам... Чӣ гӯям эшонҷон, ба худатон маълум...

Файзулло Хоҷаев андак фикр карду гуфт:

— Беандозу бемолиёт давлат намешавад, усто Набӣ!

— Гапатон росту лекин эбаш катӣ...

— Чӣ, ба шумо нодуруст андоз андохтанд магар?

— Дуруст-мӣ, нодуруст-мӣ, худо медонад... Муроди мо ҳамин ки камтар, ба қадри ҳол кор кунем, як ризқу рӯзии бачаҳоро ёбем... Ман як ариза нависонда омада будам, ҳама гап дар ҳамин ҷо навишта шудагӣ...

Раис ба аризаи усто Набӣ диққат карду гуфт:

— Хуб, ман навишта медиҳам, ба идораи молия равед, вазъияти шуморо дида баромада, андозро камтар мекунанд, лекин бо ин масъала ҳал намешавад, усто!

— Хӯш, хӯш, гардам, боз чӣ кор кунам?

— Мо аз шумо андозро тамоман бардорем ҳам, даромадатон ба харҷатон кифоя намекунад, чунки ҳозир ранг, абрешим, пахта ва дигар чизҳои даркории шумо ҳама қимат, балки ёфт намешавад. Ман медонам, ки ҳоло шумо бо захираҳои ҷамъ карда мондагиатон кор карда истодаед, аммо он захира ба чанд моҳ мерасад?!

— Шумо валӣ, гардам эшонҷон, аҳволи мана рафта дидагӣ барин медонед... Хайр, ман чӣ кор кунам?

— Мо дар ҳамин бора фикр кардем. Косиб ва ҳунармандҳоро ҳукумати шӯроӣ нигаҳдорӣ мекунад ва то мумкин аст ба касбу кори онҳо ёрӣ мерасонад. Лекин ҷудо-ҷудо не, як артель сохтан лозим мешавад...

— Гардам, эшонҷон, артелаш чӣ?

— Артель як рӯзғори калон барин, якчанд нафар

устои бофанда, кудунгар, шоназан ва рангрез як мешаванд, якҷоя кор мекунанд, якҷоя ҳосил мебардоранд. Ҳукумат ба шумо ёрӣ мерасонад, рангу боратонро бо нархи арзон ёфта медиҳад, ҳосили коратонро мехарад, нахоҳед, дӯкон кушода медиҳад... ҳам шумо таъин мешавед, ҳам мо ба мардум зуд-зуд матоъ ва чизҳои даркориашонро расонида меистем. Ба ҳамин маслиҳат чӣ мегӯед?

— Агар шумо гуфтагӣ барин бошад, артель ҳузури ҷон будааст-ку! Ман, ҷонам катӣ, лекин дигарҳо чӣ мегуфта бошанд?

— Ба фикрам, дигарҳо не намегӯянд. Агар боз чор-панҷ нафари дигарро ёбеду ба онҳо фаҳмонед...

— Кӣ ёбад? Ман-мӣ?

— Ҳа, шумо, амак! Барои чӣ не?! Шумо мақсади маро фаҳмидед, акнун рафта бо забони фаҳмон худатон ба дигар ҳамкасбҳо мефаҳмонед. Ҳама ки розӣ шуданд, артель месозем. Ягонтаи аз шумо раис мешавад, мо ёрӣ медиҳем, кор сар шуда рафтан мегирад... Албатта артель дар биноп нав, дар хонаҳои равшан ва баҳаво дӯконҳои корбофиро мешинонад, кор дар соати муайян мешавад. Ҳунарманду косиби меҳнатӣ акнун шабу рӯз дар таҳхонаҳои торик нишаста арақи чабин намерезад!

— Майлаш, ман бо шарикҳо гап зада мебинам... лекин аввал, як ба идораи молия равам канӣ...

— Равед, молия андозатонро сабук мекунад, албатта!

— Илоҳӣ саломат бошед, гардам эшонҷон!

Усто Набӣ хурсанд шуда, баромада рафта буд, ки котиб даромада хабар дод, ки Ҳайдаркул омадааст.

— Ҷеғ занед! — гуфт Хоҷаев,— хоҳишмандам, каси дигар надароянд!

— Хуб шудааст.

Файзулло Хоҷаев ба Ҳайдаркул эътимод ва боварии калон дошт. Бисьёр вақт корҳои муҳимро бо вай маслиҳат карда медид, фикри ӯро мепурсид... Дар маҷлисҳои комитаи Марказии фирқа ҳам, аксар вақт онҳо дар ҳалли масъалаҳо ҳамраъй буданд. Зеро ки Файзулло Хоҷаев одамшинос буд. Вай дар зоти Ҳайдаркул шахси дилсӯз ва ғамхори кори халқро ме-

дид. Азбаски чанд гоҳ ин тараф худсарӣ ва бадрафториҳои Асад Махсум ӯро ба ташвиш андохта буд, дар кори пешгирӣ кардани он бадтол Ҳайдарқулро ба ташвиш андохта буд, дар кори пешгирӣ кардани он бадтол Ҳайдарқулро ба худ шарик ва ҳамфикр ёфт. Хусусан, рӯзҳои охир гирудори авбошонаи Асад ӯро ба ҳаяҷон оварда буд ва расида омадани котиботи комитаи Марказиро мунтазир нашуда, Ҳайдарқулро барои дар ҳамин бора гап задан чеғ зад. Вай медонист, ки роҳбарияти Комитаи Марказӣ имрӯз не, нагоҳ масъалаи Асад Махсумро ба муҳокима гузошта, чора мебинад, лекин то ба он тайёрӣ дида, чораҳои амалӣ пешниҳод кардан лозим мешуд.

— Марҳамат, марҳамат, рафиқ Ҳайдарқул! — гуфт вай аз ҷо бархоста.— Ҳарчӣ сиҳат-саломат ҳастед? Кору борҳо хуб аст? Марҳамат, шинед!

Онҳо ба болои диван ки дар байни ду тиреза гузошта шуда буд, нишастанд. Котиб чой дам карда оварда ва лаълии шираборро, ки дар он як нимкосагӣ ҳалвои оби набот, қандалот ва ҳалвои лавз буд, ба рӯи чорпояи махсус гузошт. Онҳо чой нӯшида истода, дар вазъияти ғайри расмӣ, дӯстона ба сӯҳбат сар карданд.

— Мебахшед, ки шуморо аз коратон мононда, ташвиш додам,— гуфт Файзулло Хоҷаев.— Лекин дигар илоҷ набуд. Нигоҳ карда истам корҳо рӯз то рӯз чигил шуда истодаанд. Аксулҳаракат қувва гирифта, ҳаракаташ зӯр шуда истодааст. Деҳқонҳо озодона ба кори деҳқонии худ машғул шуда наметавонанд, аз як туман ба тумани дигар рафтан хавфнок шуда мондагӣ...

— Бале, рост мегӯед.

— Мо комиссияи мубориза бо босмачиёни атрофи Бухороро ташкил карда, умед доштем, ки вай моро аз ғам озод мекунад ва чораи нест кардани дуздон ва роҳзанони беруни шаҳрро андеша мекунад, лекин умедҳо барбод рафта истодаанд...

— Баръакс, Асад Махсум ба болои худи мо юриш сар карда истодааст!

— Рост, рост! Ба болои худи мо юриш сар карда

истодааст! Назар ба Шунидам ҷияни шуморо дуздида бурдааст, ҳамин рост аст?

— Бале, рост! Гӯё ба худаш никоҳ карда гирифтааст. Имрӯз фаҳмидам, ки Асо ном додаршавандаи маро, ки дар Чека кор мекунад, кас монда, бурда ҳабс кардааст...

— Пас, чаро хомӯш мегардед? Масъалаи ӯро ба маҷлиси Бюрои Комитаи Марказӣ, ба Комитаи Иҷроияи Марказӣ мондан лозим буд...

— Мулоҳиза кардам, ки шахсоният нагӯянд, гумон доштам худи Чека ба ҳалли ин масъалаҳо қодир аст.

— Чека! — гуфт Файзулло Хоҷаев даст афшонда.— Худи Чекаро аввал дуруст кунем, баъд аз вай тавқеи кор кунем...

— Наход ки дар шӯрои нозирон масъалаи Асадро муҳокима карда, аз кораш гирифта партофтан, ҷазо додан намешавад?

— Намедонам, мулоҳиза карда дидан лозим мешавад...— гуфт раис ва дақиқае хомӯш монд. Вай хомӯш гаштани Ҳайдарқулро сарзаниш кардагӣ барин шуду худаш намедонист, ки чӣ чора бинад. Тахминан медонист, ки Асад Махсум дар байни аъзоёни ҳукумат илҳомдиҳандагони зӯр дорад. Ба ғайр аз ин бо тӯфони инқилоб хору хаси бисьёре ҳам ба рӯи об баромада мондагӣ, ки, бешубҳа, ин хору хас ҳам, дону нодон ба тарафдории Асад овоз медиҳанд. Пас ҳар коре ки дар ин бора карда мешавад, бояд бо ба ҳисоб гирифтани ҳамин ҷиҳатҳо шавад.

— Агар рафиқони мо ҳама аз як гиребон сар мебароварданд, ҳалли ин муаммо хеле осон мешуд,— гуфт ба суханаш давом карда, Файзулло Хоҷаев.— Афсӯс ки як қисми рафиқони мо дудила, як қисмашон бепарво, чуқурии масъаларо дарк карда наметавонанд... Ин як тарафи кор. Тарафи дигараш ҳамин ки метарсам агар мо ногоҳ рӯйрост масъалаи аз кор гирифтан ва ба масъулият кашидани ӯро ба маҷлис монем, аҷаб нест, бо ҳамаи қувваи ҳарбие, ки ҳоло дар дасти вай ҳаст, ба муқобили ҳукумати республика шӯриш бардорад. Барои зер кардани вай дар дасти мо қувваи ҳарбии тайёр нест...

— Пас, чаро ариза надодани маро сарзаниш мекунед?! — гуфт бо табассум Ҳайдарқул.— Ман ҳам ҳамин чизҳоро мулоҳиза кардам.

— Не, аризаи шумо дигар аст! Барои исботи...

Дар ин дам дари даҳлиз кушода шуду котиб даромада узр хост ва гуфт, ки рафиқ Куйбышев омаданд.

— Э, воксан! — гуфт Хоҷаев,— навакак Соловьёв телефон карда буд... Гӯед, марҳамат!

Котиб берун баромад, он ҳар ду ба истиқболи Валериан Владимирович ба по хестанд. Куйбышев аз дар бо рӯи кушод ва даҳони пур аз табассум дохил шуду бо Файзулло Хоҷаев ва Ҳайдарқул вохӯрдӣ ва пурсупос намуд. Ҳар се ба гирди столи моҳутпӯши дароз нишастанд.

— Имрӯз ҳаво аҷаб масткунанда шудааст! — гуфт Валериан Владимирович.— Моҳи ноябрь охир мешаваду офтоб барқ мепошад ва дар кӯча бо як ҷомаи тунук гаштан мешавад. Чӣ, ин хел ҳавои ноябрь ҳар сол мешавад, ё ки имсол махсусан?

— Махсусан барои инқилоб! — гуфт бо табассум Файзулло Хоҷаев.— Лекин сабр карда истед, ҳоло аёси хушки Бухоро, ки сар шуд, ҷомаи серпахтаю пӯстини ғафс камӣ мекунад!

— Ана, бинобар он ман барвақттар, аёси сахти Бухоро сар нашуда омадам, ки бо шумо дар бораи баъзе масъалаҳои муҳим гуфтугӯ кунам,— гуфт ба мақсад бо шӯхӣ наздик шуда Куйбышев.— Дар Бойсун аскарҳои мо истода монданд, пеш рафта наметавонанд. Амир гумон мекунад, ки дар ҷанг таҷриба ҳосил карда, одамони вай зӯр шудаанд ва имрӯз — пагоҳ ба ҳуҷуми ҷавобӣ мегузаранд. Шумо ба ин чӣ мегӯед?

— Шӯхӣ мекунед Валериян Владимирович! —гуфт Файзулло Хоҷаев бо табассум.

— Рост мегӯям,— гуфт Куйбышев.— Аскарҳои мо дар Бойсун истода монданд, лекин амир намедонад, ки ин ҳол дар натиҷаи зӯртар шудани сарбозони вай набуда, дар натиҷаи беаҳамият нигоҳ кардани мо рӯй додааст.

— Чӣ хел, беаҳамият?

— Бале, бале, бовар кунед! Аскарҳои мо аз ҷиҳати

таъминот норасой мекашанд. Дар вакташ хӯрокворӣ ба аскарҳо, ему хошок ба аспҳо намерасад. Бо шиками гурусна ҷанг кардан мушкилтар будагист, рафиқ Ҳайдаркул?

— Бале,— гуфт Ҳайдаркул,— бо шиками гурусна ҳатто хоб намебарад.

— Ана, дидед, ҳатто хоб намебарад! Ана ин муаммои на чандон осонро то ба сар шудани хунукиҳо, балки худи ҳамин рӯз ё пагоҳ ҳал кардан лозим мешавад. Амир дар Душанбе ба саркардагонаш ваъда медодааст, ки наврӯзро дар Бухоро пешвоз мегиранд. Коре кунем, ки амир аз аёси ҳамин зимистони Бухоро маҳрум нашавад!..

— Бисьёр хуб! — гуфт Файзулло Хоҷаев.— Муҳокиман суди амирро аёс бошад ҳам, дар ҳавои кушод мекунем!.. Мо ин масъаларо худи пагоҳ дар Шӯрои Нозирон муҳокима мекунем, агар лозим ояд, худам, набошад як-ду кас он нозирҳо ва шахсони масъулро мефиристонем, ки ба Бойсун рафта, ба аскарҳо хӯрокворӣ ва дигар чизҳои даркориашонро расонанд.

— Албатта бад намешуд,— гуфт Ҳайдаркул,— агар мо ба Бойсун қувваи ҳарбӣ ҳам мефиристодем...

— Ба Бойсун хӯрокворӣ расонидан муаммои чандон мушкил не, Валериан Владимирович, лекин қувваи ҳарбӣ расонидани мо ҳоли ҳозир номумкин барин.

— Аскар надоред? — гуфт Куйбышев.— Пас, чаро халқи маҳаллиро ба аскарӣ даъват намекунед? Давлат беяроқу беаскар намешавад!

— Мо як миқдор қувваи ҳарбӣ дорем,— гуфт Файзулло Хоҷаев,— барои бехатарии атрофи Бухоро қариб шашсад нафар одами мусаллаҳ дар зери дасти Асад Махсум ҳастанд. Лекин, бадбахтона, Асад Махсум саркашӣ карда истодааст.

— Ман метарсам, ки,— гуфт Куйбышев,— Асад Махсум ниятҳои фалокатбор надошта бошад! Пеши роҳи ӯро гирифтан, ӯро ба ифоқа овардан лозим буд!

— Дар ин ҷо ман ва рафиқ Ҳайдаркул дар ҳамин бора сӯҳбат доштем. Росташро гӯям, бадбахтона чунон шароит ба майдон омада мондааст, ки Шӯрои Нозирон бевосита қодир нест, ки Асад Махсумро ба даст гирад, ё ки ӯро аз кор дур кунад.

— Ман мефаҳмам,— гуфт Куйбышев ва папирос оташ дода каме хомӯш монд. Вай ҳайати ҳукумати Бухоро, ба гурӯҳҳо тақсим шуда мондани онҳо, «лабиҳавзиҳо», «болоиҳо», «ростҳо», «чапҳо» ва ғайра ва ҳоказоро аз хотираш гузаронид; мушкилии вазъияти Файзулло Хоҷаевро донист.— Албатта ба шумо қадаре мушкил мешавад, лекин ғалаба мекунед! Чархи таърих ба қафо барнамегардад! Асад дар ихтиёри назорати дохилия бояд бошад? Кадом рӯз ман бо рафиқ Низомиддин сӯҳбат карда будам, ваъдаҳо дод?

— Ман ҳозир ӯро ҷеғ мезанам,— гуфт Файзулло Хоҷаев ва аз ҷояш бархоста ба даҳлиз рафту фармуд, ки Низомиддинро пайдо кунанд. Баъд ба ҷояш омада нишасту ба суханаш давом дод: — Афсӯс ки мо қуввайи ҳарбии муташаккил надорем.

Дар ин ҷо Ҳайдарқул ба сухан ҳамроҳ шуд:

— Ман чандин бор таклиф ба миён андохтам, ки назорати ҳарбӣ ташкил дода, халқи маҳаллиро ба аскарӣ даъват кунем. Лекин як қисми рафиқон мегӯянд, ки ҳанӯз ба ин кор вақт нарасидааст, гӯё, агар мо сафарбарӣ эълон кунем, халқ меранҷад. Як қисми дигарашон метарсанд, мегӯянд, ки агар ба дасти халқи маҳаллӣ яроқ диҳем, онро ба тарафи худамон равона карданашон мумкин, чӣ тавре ки Асад Махсум ният дорад. Ана бо ҳамин баҳонаҳо ин корро ақиб партофта истодаем...

— Ин ҳар ду тараф ҳам хато мекунад,— гуфт Куйбышев.— Масъалаи Асад Махсум истисно! Ҳоло ҳеҷ кас ҳукм намекунад, ки вай ба инқилоб бояд хиёнат кунад! Лекин халқи маҳаллӣ ҳеҷ вақт аз сафарбарӣ карда шудан намеранҷад. Халқе ки инқилоб кард, амиру ҳокимияти ӯро зеру забар кард, аз мудофиаи самараи инқилоб рӯ наметобад, ба дилу ҷон онро ҳимоя мекунад. Мумкин аст душманҳо, баъзе хоинҳои давлати шӯрои халқи маҳаллиро бо тӯҳмату игво бар зидди мо барангезанд; мумкин аст худамон, баъзе сардорҳои сабукфикр дар натиҷаи тактикаи нодурусти худ халқро ба шӯр андозем. Набошад ягонтаи онҳо ба мо зид намешаванд, онҳо қадршиносанд. Ман фикр мекунам, ки дастаҳои ҷудогонаи қӯшуни

миллӣ ташкил карда, ба армияи ягонаи бузург — ба армияи сурх муттаҳид кунем.

Дар ин дам дари даҳлез бемуҳобо кушода шуду ба ҳона Низомиддин саросемавор омада даромад ва ба ҳама салом дод.

— Биёед рафиқ Низомиддин! — гуфт Файзулло Хоҷаев.— Қай боз даракатон нашуд, шояд хабарҳои нав оварда бошед?

Низомиддин, ки марди миёнақад, тану тӯшнок ва рӯкалони кулӯтариш буд, ба рӯяш ҳамеша табассуми сохта ва чоплусона бозӣ карда меистод. Вай ба суоли Файзулло Хоҷаев зуд ва бо итминон гуфт:

— Бале, бале, ман баъзе як хабари навро арз карданӣ будам.

— Албатта хабари хуш будагист? — пурсид бо табассум Куйбышев.

— Бешубҳа, бешубҳа! — гуфт Низомиддин,— чӣ тавре ки дар мо мегӯянд: кулул хайр ва илло фаскут![1]

— Шумо арабиро ҳам нағз медонед, рафиқ Низомиддин! — гуфт бо нимтабассум Ҳайдарқул.— Магар бо арабҳо қаробате доред?

— Хӯше! — гуфт Низомиддин ҳам бо табассум ба вай нигоҳ карда ва пас пенснэро аз болои бинии давай гирифта, бо рӯймолча пок карда, ба чашм гурезаш гирифта, бо рӯймолча пок карда, ба чашм гузоштан, ба гапаш давом кард.— Мо бо арабҳо мубориза мебарем, яъне ки бо дину мазҳаби онҳо овардагӣ! Хӯш, гап ҳамин ки рафиқ Куйбышев, ба арзатон расонам, Асад Махсум тавонист, ки имрӯз Ҷаббор қӯрбошӣ бо дусад нафар одамаш ба вай омада таслим шавад!

— Таслим шуд? — Ҳайрон шуда, Файзулло Хоҷаев пурсид.

— Аҷиб! — гуфта монд Куйбышев — мо бехабар...

— Ин воқеа ҳамин... навакак воқеъ шуд... Дар Галаосиё...— гуфт Низомиддин аз таъсири хабараш гаранг шудани шунавандагонашро хурсандона муоина карда.

Дар ҳақиқат ҳам хабари таслим шудани Ҷаббор

---

[1] Арабӣ. Маъноаш: сухани нек бигӯ, набошад хомӯшӣ беҳ аст.

қӯрбошӣ он ҳар серо ҳам хурсанд кард ва ҳам ҳайрон... Зеро ки Ҷаббор қӯрбошӣ дар атрофи Бухоро ба аҳолӣ хеле ташвиш медод, ҳар шаб як қишлоқро зер карда, ҳар рӯз як туманро толон карда мерафт. Сарбозҳо ва мансабдорони гурезаи амир ба вай ёрӣ расонида, аз инқилобчиҳо, аз ҳамаи онҳое, ки ҳаёти навро бо хурсандӣ пешвоз гирифта буданд, интиқом мегирифтанд. Дар туманҳои Вобканд, Пиримаст, Ванғонзӣ ва Шофурком ҳамеша одамони ӯ мегаштанд ва роҳзанӣ мекарданд. Инак, таслим шудани вай барои инқилоби Бухоро, барои ҳокимияти шӯроӣ дар Бухоро, барои халқи Бухоро кори калон буд. Республика аз як балои бад ва офати сахт халос мешуд. Мардуми атрофи Бухоро акнун нотарсида, аз қишлоқе ба қишлоқе рафта метавонанд ва шабҳо бафароғат мехобанд. Бинобар он буд, ки он се нафар ки дар ғами осудагии халқ буданд, якбора аз шунидани хабар шод шуданд.

Таъсири нағз бахшидани ахбори худро дониста, Низомиддин ҷон гирифт:

— Чи тавре ки дар мо мегӯянд,— гуфт вай,— як задани оҳангар, сад задани сӯзангар! Асад Махсуми мо ба оҳангар монанд аст! Мардак ҳақиқатан зӯр! Ҳамто надорад! Бале, вай...

— Таслим шудани қурбошӣ,— гуфт Ҳайдарқул сухани Низомиддинро бурида,— аз зӯрии Асад Махсум бошад, ё ки аз ҳиллаю найрангаш?

— Ҳиллаю найрангаш чӣ? — пурсид Низомиддин ҳайрон шуда.

— Ҳиллаю найрангаш ҳамин ки Асад Махсум бо модари амир гапзанон карда, ба як муроҷиатнома мӯҳру имзо мононда гирифтанӣ буд. Шояд дар ин кор ҳамон муроҷиатнома боис шуда бошад?

— Бо модари амир? — ҳайрон шуда Қуйбышев пурсид.

— Аҷоиб! — гуфт Файзулло Хоҷаев! — Ҳамин хел корҳо шудаасту мо бехабар! Метарсам, ки дар таги коса нимкоса набошад!

— Бале, бале! — гуфта монд Қуйбышев.

Низомиддин табассуми даври даҳонашро ғундошт.— Не, не! — гуфт вай, гӯё ба кори шахсии ӯ айб

моила бошанд.— Хеҷ гуна нимкоса шуданаш мумкин не. Асад Махсум фақат ҳиллаи ҳарбӣ ба кор бурд.

— Ба фикри ман,— гуфт Файзулло Хоҷаев,— ҳозир як комиссияи тафтиши фавқулодда ташкил мекунем, ки вай боиси таслим шудани босмачиён, ҳайати онҳо, мақсади онҳоро тафтиш карда, тақдирашонро ҳал кунад. Бевосита бо худи Ҷаббор кӯрбошӣ гуфтугӯ кардан лозим аст. Ба ин комиссия рафиқ Ҳайдарқул сардор мешаванд, баъд рафиқ Низомиддин ва аз намояндагии интернационали сейӯм рафиқ Ҳакимов иштирок мекунанд.

— Дуруст аст,— Куйбышев.— Ин комиссия бояд нағз фаҳмад, ки ба таслим карда шудани Ҷаббор кӯрбошӣ чӣ ҳилла ба кор бурда шудааст, шояд аз он дар оянда мо ҳам истифода барем?

— Шояд, шояд! — гуфт бо табассум Хоҷаев.

— Ба фикри ман, ба таслим шудагон озодӣ ва имконияти кор ва шароити зиндагӣ додан лозим.

— Одамони Ҷаббор, қариб ҳамаашон, гӯё, ба дастаи Асад Махсум ҳамроҳ шудан мехостаанд,— гуфт Низомиддин.

— Барои чӣ — гуфта пурсид Ҳайдарқул.

— Асад Махсум маъқул шудагист? — гуфт боз бо табассум Файзулло. Низомиддин аблаҳона хандиду суханро ба шӯхӣ бурд:

— Маъқул шудагист! Бале, бале, маъқул шудагист. Эшонҷон, рост мегӯед!

— Шумо рафиқ Низомиддин! — гуфт ба таври ҷиддӣ Файзулло Хоҷаев.— Барои ҳаман гирдугори Асад Махсум дар назди ҳукумати республика ҷавобгаред! Шумо нозири дохилия ҳастед ва ин вазифаи асосии шумост.

— Мефаҳмам, эшонҷон! — гуфт Низомиддин ҳам ба таври ҷиддӣ.— Асад Махсум баъзе як худсарӣ ва бемулоҳизагиҳо дорад... Лекин дар баробари ҳамин одами ӯҳдабаро ва зӯру тавоност! Вай ки...

— Шумо чӣ гуфтан мехоҳед, рафиқ Низомиддин? — гуфт сухани ӯро аз миён бурида, Файзулло Хоҷаев.— Зӯр, яъне чӣ? Амир ҳам дар болои фуқарои мазлумаш зӯр буд! Ман зӯр гуфта Асоро бурда қаба кунад, ман зӯр гуфта ҷияни ин кас — Ойшаро зӯ-

раи гирифта бурда, нигоҳ дорад, аз шаҳр боз панҷ-шаш нафар бегуноҳро бурда, қину қасос кунад, ху-лаш чӣ гап?! Дар мамлакат қонун, тартиб ва низом гуфтанӣ гапҳо хаст! Мо метавонем ӯро аз кор гириф-та партофта, худашро ба ҷавобгарӣ кашем. Барои ин қувваи лозима дорем ва Аскари Сурх пушту паноҳи мост!

— Дуруст аст, бешубҳа рост мегӯед! — гуфт Куй-бышев.— Асад Махсумро огоҳ карда мондан лозим, ки Ҳукумати Шӯроӣ барои кори некаш ба ӯ мукофот медиҳад, лекин намемонад, ки вай худсарӣ кунад! Ҷанговари нағзи мо Карим ҳам ба вай даъвогар аст!

Низомиддин аз киса рӯмолчаашро бароварда, пеньснэро ва баъд пешонаашро пок карду гуфт:

— Ман худи ҳамин рӯз ӯро чеғ мезанам, ё ки ба назлаш меравам.

Асо ва дигарҳоро озод мекунонам... Лекин, дар бораи Ойша чизе гуфта наметавонам. Худам медо-нам, ки духтар ба ихтиёри худ бо хушу хурсандӣ ба никоҳи Махсум даромад.

— Ман ба ин бовар намекунам! — гуфт Ҳай-даркул.

— Кас фиристода, фаҳмиданатон мумкин! — гуфт Низомиддин худбоварона.

— Майлаш кас мефиристонем.

— Ба шумо ҷавоб, рафиқ Низомиддин! — гуфт Хоҷаев.— То ба кор сар кардани комиссия шумо ху-датон рафта, Асадро ба ифока биёред! — Барои вай ҳам нағз, барои шумо ҳам.

— Хуб шудааст.

Низомиддин бо ҳама хайрухӯш карда баромада рафт.

Аз паси вай нигоҳ карда истода Файзулло Хоҷа-ев гуфт:

— Мо одам надорем, рафиқ Куйбышев, нозирҳои мо дуруст аз ӯҳдаи кор намебароянд...

— Дуруст мешавад! — гуфт Куйбышев бо итмино-ни хотир,— аз инқилоби Бухоро ҳанӯз як сол нагу-заштааст; шумо ҳанӯз аз чангу хоки ҷанг кӯчаҳоро тоза накардед, ба ҳама кор вақт лозим, албатта.

Агар ҳукумати Бухоро лозим донад, мо илтимос мекунем, ҳукумати Туркистон якчанд нафар коркунони пухта ва ботаҷрибаро фиристода метавонад. Инчунин, агар бо Асад Махсум коратон ба кашмакаш анҷомад, маълум кунед, аз Тошкенту Самарқанд қувваи аскарӣ чеғ мезанем.

— Ташаккур! — гуфт Файзулло Хоҷаев! — Ҳоло мебинем, шояд бо гуфту шунид масъала ҳал шавад ва ҳоҷат ба кашмакаш нашавад...

— Шояд! — гуфта монд Куйбышев ва пас аз тааммуле илова намуд:— Ба ҳар ҳол аз Асад Махсум бохабар истодан лозим! Дигар ҳамин ки дар бораи ба Афғонистону Эрону Туркия фиристодани сафирҳо мактуб навишта будед, мо зид нестем, марҳамат, бо онҳо гуфтушунид мекунем, шумо одамҳоятонро тайёр кунед.

— Бисьёр хуб! Хусусан бо Афғонистон ва Туркия!... Масъалаи сафирҳоро ҳал карда, савдои хориҷиро ба роҳ мондан лозим буд.

— Майлаш, майлаш! Муносибат бастан, савдоро ба роҳ мондан умуман бад намешавад. Дар ин хусус мо ба ғайр аз хайрхоҳӣ дигар чизе намегӯем... Лекин, шумо аз ин давлатҳо моли саноатӣ гирифта наметавонед, агар фурӯшанд ҳам, ба нархи гарон моли дигаронро мефурӯшанд.

— Ман гумон мекунам, ки,— гуфт Файзулло Хоҷаев,— моли саноатиро мо аз Руссияи шӯравӣ мегирем. Пӯсти қароқӯлии мо хаст, абрешим, пахта ва мева дорем ва ҳамаи ин чизҳоро мо ба Россия медиҳем.

— Россия ҳам ҳамаи эҳтиёҷоти шуморо таъмин мекунад.

— Ман ба ин боварӣ дорам.

— Хайр набошад, ман равам. Муваффақияти корҳоятонро мехоҳам.

Файзулло Хоҷаев бо ҳурмат аз ҷо бархоста, Куйбышев ва Ҳайдарқулро то дами дар гусел кард ва баъд ба ҷояш, ба сари стол баргашту қаламро ба даст гирифт...

## 12.

Ҳоҷӣ Ҳасанбек қариб нимирӯзӣ буд, ки ба идорааш омаду ба кабинет даромада, пеш аз ҳама маърӯзаи котибашро шунид: чанд кас телефон кард, чӣ ҳодисаҳо шуд, киҳо ба суроғи ӯ омаданд ва ғайра... Маълум шуд, ки панҷ кас телефон кардааст, дар он қатор аз Шӯрои Нозирон, аз Кумитаи Марказии Фирқа, аз сафоратхонаи Руссияи шӯроӣ... Ҳодисаҳои чандон муҳим рӯй надодааст: як ҳавлӣ сӯхтааст, се ҳавлиро дуздҳо зер кардаанд, дар кӯли шағолон роҳзанҳо ба аробаи почта ҳамла кардаанд ва коре карда натавониста, ба даруни найзор гурехта рафтаанд...

Ҳоҷӣ Ҳасанбек фармуд, ки як чои талх карда биёрад, баъд делаҳои дар сари стол будаpo кушода, ба дидан сар кард... Ба кор ҳавсала набуд. Сар дард мекард, дил сустӣ мекард... Нағз не! Шаб ҷӯраҳо омада буданд. Воқеаи рафтани Ойими Шоҳро шунида, ба дилдорӣ ва тасалло додан омадаанд. Ҳар кадом аз кисааш як шишағӣ май баровард. Гӯё дар хонаи ӯ май набошад! Нӯшо-нӯшӣ зиёд шуд, аз ҳад гузашт, сари вай гиҷ шуда монд... Намедонад, ки вай, чӣ вақт хоб кард, ҷӯраҳо чӣ шуданд, ба куҷо рафтанд... Имрӯз чоштгоҳ бедор шуд, ки дар хонаи зани калонӣ хобида мондааст. Чаро дар хонаи зани калонӣ? Ба рӯи ҷогаҳ хеста нишаста хуб фикр кард... Бале, дар хонаи яккаю ягона зани калониаш хобидааст. Дигар, вай зани хурдӣ надорад! Ойими Шоҳ нест! Хайрият ки нест! Ҳаминаш хуб аст! Шаб, пас аз ду-се пиёла нӯшидан дилдории ҷӯраҳоро шунидан, алам кардааст, бисьёртар нӯшидааст, ана дарди сари имрӯза аз ҳамон аст... Бале, алам кард, ҳатто гирья кард... Ҷӯраҳо ӯро ба фаэтон бор карда ба Қоғон, ба хонаи кадом як занак гирифта бурданд, дар он ҷо ҳам нӯшид. Баъд чиҳо шуд, намедонад... ҳамин қадараш ба хотир мондааст, ки аз фаэтон калавида-калавида фаромаду ба ҳавлии дарун даромад. Зани калонӣ аз вай гурехт, ман аз бӯи арақ безор, гуфт. Ҳоҷӣ Ҳасанбек ба вай аҳамияте надода, худро ба болои кат партофту маст хобид... Нағз не, нағз не!

Кор кардан лозим. Вай раиси Чека! Ҳамаи ин де-

лаҳоро аз назар гузаронида, имзо мондан лозим. Баъзе аз ин делаҳо ҳукми куш дорад, баъзе аз инҳо ҳукми озод дорад... Аммо дар ин ҳолат майна дуруст кор намекунад... дарди сар...

Котиб чойи кабуди талх дам карда оварду гуфт:

— Низомиддин афандӣ омада истодаанд!

— Майлаш,— гуфт вай.— Дигар ҳеч касро намонед!

— Хуб! — гуфта котиб баромаду Низомиддин даромад.

— Салом раис! — гуфт вай.— Ҳар чӣ сиҳат-саломат ҳастед? Монда нашавед? Кайфу аҳвол?

Дар баробари дидани Низомиддин, чеҳраи Ҳочӣ Ҳасанбек кушода шуду ба лабонаш табассум давид.

— Раҳмат, саломат бошед! — гуфт вай ба суолҳои Низомиддин ва бо ӯ самимона вохӯрӣ карда, аз креслои рӯ ба рӯяш чо нишон дод. Ҳочӣ Ҳасанбек рӯи серустухони дароз дошт, абрувони мошу биринчаш зуд ба назар вомехӯрданд, ришашро тоза метарошиду фақат дар зери бинӣ андаке мӯйлаб мегузошт, ки он ҳам аз мошу биринч дида, ба сафедӣ моил буд. Лекин чашмонаш барқ мепошиданд ва ба ҳамаю ба ҳар кас ҳарисона менигаристанд, чи тавре ки ҳоло ба Низомиддин афандӣ.

Аммо Низомиддин афандӣ ба кресло худро партофту омин гуфт ва кабинетро бо диққат аз назар гузаронид:

— Кабинети хуб, боҳашамат сохтед, офарин! — гуфт вай.

— Ҳа, ба кори бечорагии мо мешавад! — гуфт хоксорона Ҳочӣ Ҳасанбек ва пиёлаи чойи кабуди бугаш баромада истодагиро ба вай дароз кард.— Коратон бисьёр магар, як бандаинавозӣ намекунед, аз кай боз ба дидоратон мушарраф нашудем?

— Ман набудам, ба Тошкент рафта будам... Ҳамин ду-се рӯз шуд омадагемба. Аз воқеаҳои шумо ҳам хабардор шудам... Хайр, боке не!

— Ҳа, одам саҳв мекардааст... Чӣ илоч?! — гуфт вай маҳзунона.— Дар пиронсолӣ шояд ягонта писар зоида медодагист гуфта будам.. Нашуд! Майлаш!

— Ҳеч боке не,— гуфт такроран Низомиддин.—

Писар ҳам мешавад, духтар ҳам мешавад, зан ҳам ёфт мешавад.. гап дар саломатӣ ва хотирҷамъӣ аст!

— Ҳа, бале, гап дар саломатию хотирҷамъӣ! — гуфт Ҳоҷӣ Ҳасанбек.— Кас саломат бошад, зану молу давлати дунъё ёфт мешавад.

— Бале,— гуфт Низомиддин ва суханро ба дигар сӯ тофта пурсид: — Истед, ки Шумо Асо Хайриддинзода ном одам доред-а?

— Ҳа, ҳамин ном як бачаро Ҳайдаркул фиристода буд. Чӣ кардааст?

— Ҳеҷ. Бо супориши Куйбышев ба назди ман зани ӯ, Фирӯза омада буд... Мешинохтагиед? Яке аз фаъолаҳо, мудири клуби занҳо шуда кор мекунад?

— Бале, бале мешиносам... яке аз паричеҳраҳо,— гуфт шӯхиомез Ҳоҷӣ Ҳасанбек.

— Бо вай мабодо ҳазил накунед, ки тарафаш зӯр! — гуфт Низомиддин пиёларо баргардонида.— Аз бало ҳазар! Намедонам, барои чӣ бошад, ки Асад Махсум шавҳари ӯро гирифта қаба кардааст.

— Аҳмақ! — гуфт Ҳоҷӣ Ҳасанбек.— Ман бехабар.

— Асад Махсум ҳамин хел беандешагиҳо дорад. Лаҷоми ӯро кашида мондан лозим мешавад...— гуфт Низомиддин ва овозашро пасттар карда илова намуд: — Ман гумон кардам, ки шумо ба ҳамин баҳона ба назди Асад рафтеду сӯҳбат кардед... Вай Ҷаббор қӯрбоширо таслим кунонида, ҳамаи йигитҳояш қатӣ ба худаш ҳамроҳ карданӣ будааст. Файзулло ба шубҳа афтода, як комиссия ташкил кард. Ман мехоҳам, ки шумо ҳам ба ин комиссия иштирок кунед. Агар мо аксарият нашавем, ба Асад Махсум гап расиданаш мумкин... Лекин хеле коркун, бағайрат ва зӯр аст. Ман намехоҳам, ки ӯро муттаҳам кунанд!

— Такка бошаду шир диҳад!— гуфт Ҳоҷӣ Ҳасанбек.— Агар вай Ҷабборро таслим кунонида бошад, ба вай мукофот додан лозим.

— Ҳа, бале, мукофот додан лозим... Хӯш, ба таклифи ман чӣ гуфтед? Ба ҳайати комиссия ҳамроҳ мешавед?

— Ҳамроҳ нашуданам беҳтар! — гуфт Ҳасанбеки маккор.— Вазифаю мансаби ман, худатон медонед, нозук... Ман бояд ҳамеша аз канор истода кор кунам!

Низомиддин мехост чизе гӯяд, нохост дар кушода шуду ба кабинет Николай Фёдорович Фёдоров, маовини раис даромада омад. Сӯҳбати дӯстон бо ҳамин қатъ гардид.

— Мебахшед, ба сӯҳбати шумо халал додам,— гуфт Николай Фёдорович.— Аз омадани рафиқ Низомиддин фоида бурда, як масъалаи муҳимро гап зада гирем гуфта омадам.

— Марҳамат!— гуфт Ҳасанбек.— Дар бораи милиция будагист?

— Не,— гуфт Фёдоров,— дар бораи Асад Махсум.

Ҳоҷӣ Ҳасанбек лаппӣ карда ба Низомиддин нигоҳ карда монд.

— Аҷиб,— гуфт Низомиддин.— Имрӯзҳо масъалаи Асад дар даҳани ҳар кас!

Фёдоров ба ин кинояи Низомиддин аҳамият надода, ба креслои рӯ ба рӯи вай гузашта нишасту гуфт:

— Асад Махсум аз ҳад гузаронида истодааст. Вай ҳатто одамони Чекаро ба ҳабс гирифта истодааст...

— Асоро мегӯед?— пурсид Ҳоҷӣ Ҳасанбек.

— Ҳа, Асо! — гуфт Фёдоров.— Вай чӣ ҳақ дорад, ки Асоро бурда, ҳабс карда мондааст?! Он шаб ба ман телефон карданд, зани Асо омада будааст. Лекин ман дар операцияи Галаосиё будам, зуд халос шуда натавонистам. Имрӯз омада фаҳмам, Асо ҳанӯз ҳам наомада будааст. Ин хуб нест, рафиқ Низомиддин!

— Шумо чунон гап мезанед, ки Асо гӯё, бо фармони ман ҳабс шуда бошад!

— Аммо шумо ба Асад таъсир карда метавонед!

— Шумо чӣ? — пурсид Низомиддин бо табассуми истеҳзоомез.

— Вазифаи маро шумо медонед,— гуфт Фёдоров каме тафсида.— Агар лозим шавад, мо бо Асад дигар хелтар гап мезанем! Вай сарҳадди корашро гум карда истодааст... Медонед, раис, ман дирӯз маҷбур шуда, худам ба Дилкушои берун рафтам. Асад Махсум бо ман нописандона гап зада, мегӯяд, ки вай ҳам Чека, вай ҳам ҳақ дорад одамҳоро ҳабс карда, пурсупос кунад.

— Бе маслиҳат ба Дилкушои берун рафтани шумо хуб нашудааст! — гуфт раис, Ҳоҷӣ Ҳасанбек.— Обрӯи Чека аз ҳама қиматтар аст!

— Чӣ, Асад Махсум як автономияи махсус аст, магар? Агар вай бо мо ва обрӯи мо сару коре медошт, Асоро ҳабс намекард.

— Маҳз ана ҳамин ҳодиса моро водор мекунад, ки бо Асад дигар хелтар гап занем! — гуфт Ҳоҷӣ Ҳасанбек таъкид карда.

— Марҳамат! — гуфт Фёдоров сухани раисро дигар хел фаҳмида. Вай гумон кард, ки раис шояд ба гирифта ҳабс кардани Асад Махсум фармон медиҳад. Аммо раис дар ин бораҳо фикр ҳам намекард. Вай гуфт:

— Ана барои ҳамин ҳам ман рафиқ Низомиддинро чеғ задам.

Низомиддин дид, ки дигар гапро лаҷоҷ додан намешавад, бинобар он дарҳол ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд:

— Бале бале! — гуфт вай.— Ман ҳам ба раис ваъда додам, ки худи ҳамин рӯз, ё пагоҳ ба назди Асад рафта, лаҷомашро андак кашида мемонам. Пас аз ин ба даруни шаҳр дахл накунад, агар аз касе шубҳа дошта бошад, ба шумо маълум кунад.

— Асо чӣ мешавад? — пурсид Фёдоров.

— Асоро озод мекунад, ба ин ҷои гап не!

Дар ин дам Ҳоҷӣ Ҳасанбек фикр мекард, ки дарди сару аҳволи вазнинашро надониста, ин мардум ӯро безор кардан мегиранд. Беҳтар ки баҳонае карда ба хона равад ва як мастобаи тундаку туршак хӯрда хоб кунад, шояд сиҳат шуда хезад...

— Ин деларо дидед? — пурсид Фёдоров аз ҷо бархоста.

— Не ҳанӯз,— гуфт раис.— Дастам нарасидааст.

— Пагоҳ дар маҷлиси коллегия арз карданамон лозим.

— Хуб, имрӯз мехонам.

Фёдоров берун баромад. Низомиддин аз паси вай нигоҳ карда истода пурсид:

— Чӣ тавр? Муносибати шумо дуруст-мӣ?

— Одами коркун! — гуфт раис.— Лекин инчиқ. Кори дуньёро аз таку бехаш гирифта, ҷӯлонда мегар-

дад... Хайрият ҳамин ҳаст, ки ман камтар осуда... Набошад, ин кори Чекаатон одама маиб мекунад.

— Муносибат дуруст бошад, нағз! — гуфта монд Низомиддин ва аз ҷо бархост. — Хайр, ман равам. Дар ҳақиқат ҳам ба Дилкушои берун рафтан лозим. Ҳаракат мекунам, ки аз пагоҳ дер намонам...

— Нағз мекунед, лаҷоми Асади бадтолро кашида мондан лозим.

— Албатта, албатта! — гуфт Низомиддин ва хайру хуш карда, баромада рафт.

## 13.

Дилкушои берун, боғи дилкушое аст, ки дар беруни дарвозаи Қавола, тахминан дар 6—7 километр дуртар аз Бухоро воқеъ гашта ва онро амир Олимхон барои худ сохта буд. Аз басики дар беруни боғ қўшхонаҳои иловагӣ, саройҳо ва аспхонаҳо барои истиқомати аскарони сувораю пиёда мавҷуд буд, аз басики қасру биноси боҳашамат ва дарвозахонаи бошукўҳ дошт, Асад Махсум онро ба худ қароргоҳ сохта, амирона зиндагӣ ба сар мебурд. Қариб чорсад нафар аскари савора ва сад нафар пиёда дар ихтиёраш буд. Як пулемёти калон, ду пулемёти дастӣ дошт. Аскарҳо ҳама бо милтиқҳои панҷтираи нав, бо шамшерҳои буррон ва каторвазнаҳо мусаллаҳ буданд. Худи Махсум маvзур овехта мегашт. Наими Талх ғайрирасмӣ ҳам бошад, муовини дасти рости ў буд, дар миёнаш таппончаи наган ва шамшер буд.

Маовинҳои расмии Махсум: яке Қали Оқилов буд, ки дар авбошӣ аз Махсум мондагӣ надошт ва азбаски хеле шайтон ва ҳиллагар буд, ўро ба корҳои махфӣ-сиёсӣ таъин карда, сардори воқеанависон гумошта буд. Қали Оқилов зоҳиран хеле содда, ҳатто ба одами ҳарбӣ монандӣ надошт. Либосҳои расмӣ-муқарраӣ мепўшиду ба сараш ҳамеша — зимистону тобистон — телпаки баррагии қафқозидўхт мегузошт. Вай русиро нағз медонист ва савод ҳам дошт. Бинобар ин мирзохона — канцелярияи Асад Махсум ҳам дар дасти вай буд.

Исматҷон — маовини дуюм ба шумор мерафт.

Ҳамаи корҳои хоҷагӣ ва иқтисодӣ дар дасти вай буд. Саидпаҳлавон, ки мудири хоҷагӣ ва соҳиби кӯрхонаи Махсум таъин шуда буд, низ тобеи Исматҷон буд. Вай, марде буд, қоматбаланд, газгӯшт, кулӯтариш, муллобачанамо ва базеб... Лекин айшпараст, бадахлоқ ва хеле фосиқ буд. Бинобар он корҳои айшу ишрат, базму сафои Махсум ҳам дар ихтиёри ӯ буд.

Худи Махсум роҳбарияти умумиро ба ӯҳда гирифта, бо командирҳояш сару кор дошт ва тарбияи ҳарбии қӯшун, планҳои кор, сиёсат вазифаи вай буд.

Он рӯз ҳаво тира, сард ва намнок буд. Андак шамоли нофорам вазида, барги хазонро ба рӯи замин мезад. Боғи Дилкушо манзараи ҳузнангезеро ба худ гирифта буд. Дар ҳавлии берун фақат Исматҷон буд; дар хонаи худаш бо мирзоҳо кор мекард. Қали Оқилов ба кӯчое рафта, худи Махсум дар ҳавлии дарун буд.

Дар саҳлави бошукӯҳи дарвозахонаи боғ се нафар аз одамони мусаллаҳи Махсум, дарвозаи боғро пӯшонида, аз даричаи он берунро аз назар гузаронида, ба рӯи суфаҳои саҳлав менишастанд.

— Имсол зимистони қаҳратун мешудагӣ барин,— гуфт Орзуқул, ки даҳбоши буда, сардори он ду башумор мерафт,— аз ҳоло хунук шуда истодааст?

— Кӯруми[1] мо бечораҳо! — гуфта монд Тӯхтача.

— Зимистон ҳам даромад, ҳисоб! — гуфт Орзуқул.

— Зимистони Бухоро сахт, мегӯянд,— гуфт боз Сангин.

— Сахт мегӯянд! — гуфт Тӯхтача.

Онҳо ҳар ду ҳам бухороӣ набуданд.

Тӯхтача аслан ӯзбек буда, гӯё дар Тошканд таваллуд ёфтааст. Лекин падару модарашро намедонист ва аз рӯзе ки худашро шинохтааст, шаҳр ба шаҳр гашта, ниҳоят ба Бухоро омада қарор гирифтааст. Дар рӯзҳои ҷанг бо амир, Тӯхтача дар қатори аскарҳои инқилобӣ ҷангида, бо зафар ба Бухоро даромадааст. Азбаски дигар ҷои мерафтагию одами наздику дилкаш надошт, таклифи Асад Махсумро

[1] Кӯрум (*ӯзбекӣ*) — диданӣ.

қабул карда, барои то ба охир расониданн зафари инқилоб ва мубориза бо боқимондаҳои аморати Бухоро ба сафи қўшуни вай даромад. Тўхтача одамаки майда, лўб-лўнда, галча ва аҷоиб серҳаракату чаққон буд. Ба забони ўзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ ғап зада метавонист. Дар байни қўшуни Асад Махсум аз ҳама шўхтар, маҳмадонотар ҳамин буд. Ягона орзуи дилаш зан гирифтан буд. Лекин чандин бор ҷўраҳояш ўро хонадор карданӣ шуда, ба ину он хостгорӣ карда бошанд ҳам, вай қабул накард: ҳар хел зан ба вай маъқул набуд. Агар ягон беваи бекасро ёбанд, не мегуфт, дасти ин кас ба халқаи мурод расидагӣ, ба ман лозим не. Ҷўраҳо механдиданду мепурсиданд, ки чӣ хелаш ба ту маъқул? Ҳеҷ кас духтари бокираи чордаҳсолаашро ба ту барин бекасу бехонадону калтаю ғалча бароварда намедиҳад! Аз духтаргирӣ умедатро кан!.. Лекин Тўхтача умедашро намеканд. Зан аз ман ҳузур мекунад, мегуфт. Ман арақхўр не, ҷўрабоз не, бадгашт не, қиморбоз не, баръакс, ёфтагию тофтагиамро ба хона мекашонам, занамро ба сарам мебардорам, дасташро ба оби гарму хунук расонидан намемонам... Аммо, канӣ он падари меҳрубон ва ботамиз, ки ин сифатҳои Тўхтачаро дониста, зуд як коса обро ба миён монда, духтарашро никоҳ карда диҳад?! Нест, намедонанд!.. Тўхтача ҳам умедашро наканда, ба уммеди як рўз ҳатто майда-чўйда, чизу чора ва камтар пул захира карда гаштааст. Майлаш, мегуфт вай ба ҷўраҳояш, аввал ҳизматро ба охир расонем, замона тинҷу осуда шавад, мардум як нафаси осуда кашанд, ана баъд бахти ман ҳам кушода мешудагист...

Аммо Сангин дигар хелтар буд. Вай ҳам дар дил умеду орзу дошт, лекин умеду орзуи вай калонтар буданд. Сангин кўлобӣ буд. Ҷавони қадбаланд, тануманд, зебою хандон буд. Якчанд моҳ пеш аз инқилоб дар болои об бо бойи қишлоқашон чангида, саргурез шуда, ба Когон омада буд. Дар ин ҷо аз чашми одамони амир пинҳонӣ, дар заводи пахта кор мекард ва ҳамин ки ҳаракат ва ҷунбиши инқилобро фаҳмид, зуд ба сафи аскарони инқилоб дохил шуду фидокорона чангида, бо бугзу адовати сахт ба девори

аморат зарба зад. Вақте ки гурехта, ба Ҳисору Душанбе рафтани амирро шунид, милтиқро аз даст напартофт. То амирро зада нест накунем, ман яроқро аз даст намепартоям, мегуфт. Мехост, ки бо лашкари инқилоб ба Бухорои Шарқӣ равад, ватанаш, золгоҳашро аз дасти амир халос кунад ва ана баъд ба духтари нағз медидагии худ, ки дар қишлоқи Даҳанаи Кӯлоб мондааст, рафта хонадор шавад. Аммо баъд аз ҷанг дастаҳои аскариро аз нав тартиб доданд, ӯро ба қӯшуни Асад ҳамроҳ карда монданд. Асад Махсум, ки орзуи ӯро шунид, боре гуфта буд: «Сабр карда ист, дар атрофи Бухоро боқимондаҳои амoратро тамом кунем, ана баъд зада ба Бухорои Шарқӣ меравем. Душанбею Ҳисору Кӯлобу Қаротегинро озод мекунем ва худам сардор шуда, тӯи никоҳи туро гузаронда бармегардам. Ҳамаи заминҳои бойро кашида гирифта, ба ту танхоҳ мекунам...» Инак, Сангин дар ҳамин орзу шабу рӯз шумурда гаштааст.

Аммо Орзуқул даҳбошӣ, аслан аз Бухоро буда, дар замони амир машкобӣ мекард. Дар вақти ҷанги Колесов, яке аз қарориҳояш, ки муллои иртиҷой ва хунхӯр буд, дар сари музди кор додан бо вай ҷангида, қариб буд, ки ӯро ҷадид гуфта, ба болои арк ба куштан барад, лекин Орзуқул бо як мушти обдор муллои ба шӯр омадаро ба замин хобониду аз рахнаи қалъа гурехта ба Когон рафт, аз он ҷо ба Самарқанд сафар карда, дар он ҷо манзилгузин шуд. Вақто шунид, ки ба сафи қӯшуни сурх фидоиён лозим аст, худро ба қатори аввалинҳо нависонду бо ҷангу зафар ба Бухоро даромад. Дар Бухоро хонаю ҷои ӯро зеру забар карда буданд. Ягона модараш дар гуруснагию хорию зорӣ мурдааст. Аз ҳамин алам Орзуқул ҳам милтиқро аз даст напартофт ва бо мамнуният ба сафи аскарони Асад Махсум омад, ки аз одамони амир ва ҳамаи муллоҳою эшонҳои хоин қасос гирад. Вай марди гандумгун, миёнақад, бо чашмони калон-калони маҳзун, бо рӯи мудаввар ва риши кулӯта...

— Имрӯз як чилим ҳам накашидем,— гуфт боз Орзуқул ҳамьёза кашида.— Соат чанд шуд?

— Э, Начайлук! — гуфт шӯхӣ карда, Тӯхтача.—

Қадом олами рӯзадор рӯзона, дар соати сеи рӯз чилим кашидааст, ки шумо кашед?! Ё ки Начайлук шудам гуфта, акнун...

— Э, моне! — гуфт Орзуқул сухани ӯро бурида.— Хумори чилим аз начайлукии ту ҳам зӯртар будааст.

— Кошкӣ маро чилимкаш намекардед! — гуфта шикоят кард Сангин.— Акнун дукаса азоб!

— Нағз-дия! — гуфт Тӯхтача.— Дӯст ҳамон аст, ки дар азобу роҳат шарики кас бошад!

— Набошад ту ба мо дӯст набудай! — гуфт Орзуқул.

— Барои чӣ? Барои чӣ? — зуд пурсид Тӯхтача.

— Чунки ту ба азоби мо шарик не! Ба қавли худат!

— Чиба шарик набошам?! Шарик, шарик! — гуфт Тӯхтача.— Ман агар шарик намешудаму ғами начайлукамро намехӯрдам, ман Тӯхтача намешудам.

— Ғами маро хӯрданат катӣ чӣ суд? То намози шом сабр кардан лозим.

Тӯхтача маккорона хандида ба шариконаш нигоҳ кард:

— Мегӯянд ки худи муфтӣ аскару аъламу раиси калон ҳам дар вақти рамазон рустӣ-рустӣ нос мекашидаанд ва аз хумор мебаромадаанд... Пас, барои чӣ мо...

— Нос гапи дигар! — гуфт Сангин.— Носро оҳиста ба зери забон мепартоию халос! Аммо чилими мо дову даҳанаи бисьёр дорад. Аз қар-қари чилим Асад Махсум бедор шуда, ба сари мо омаданаш мумкин!

— Не, чилим не! — гуфт боз маккорона табассум карда, Тӯхтача.— Папирос! Папирос! На қар-қар дорад, на дову даҳана...

— Хайр попурусро аз куҷо меёбӣ?! — гуфт бо алам Орзуқул.— Як гапҳо мезанӣ, ки дар куттии аттор ёфт намешавад.

— Албатта дар куттии аттор ёфт намешавад,— гуфт Тӯхтача.— Лекин дар кисаи ман ёфт мешавад. Ана, марҳамат, попироси «Шик» аз Фитербург![1]

Дар дасти Тӯхтача куттии папиросро дида, Ор-

---

[1] Петербург.

зукулу Сангин гаранг шуда монданд. Онхо беихтиёр ба гирду атроф чашм давонда баъд аз оне, ки набудани касро донистанд, ба куттӣ дарафтоданд. Ҳар се яктой папирос ба лаб гузоштанд, Тӯхтача гӯгирд зад ва шуъълаи оташи он чашмҳоро барқ занонд.

Пас аз як-ду қуллоб кашидан Орзуқул пурсид:

— Ина аз куҷо ёфтӣ?

— Хонаи гург бе устухон не! — гуфта Тӯхтача ҷавоб доду нагуфт, ки кайҳо аз солдати рус инъом гирифта буд. Онхо чанд дақиқа ором ва хомӯшона папирос кашиданд ва ҳар кадом ба фикру хаёли худ банд шуда монд...

Ниҳоят Орзуқул кунчаи папиросро ба даруни хок бо пояш пинҳон карду гуфт:

— Одам ғалатӣ-дия! Андак чиз катӣ сер, андак кати гушна! Ин попуруси ту ҷои чилимро гирифта натавонад ҳам, ба ҳар хол дафъи хумор мешавад. Раҳмат додарам! Лекин тезтар кашида, кунчаҳояшро дур кунед, ки агар Махсум омада монад, ҳар сеамонро мепарронад.

— Барои чӣ мепаррондааст? — пурсид Сангин.— Мо чӣ гуноҳ кардем?

— Дар моҳи рамазон рӯзаро шикаста, попурус кашидем! — гуфт хандида Тӯхтача.

— Чӣ, Махсум ҳамон қадар диндору тақводормӣ? — боз пурсид Сангин.— Охир, дар даври Ҳукумати Шӯрой ин гапҳо маза надорад-ку!

Орзуқул боз аз чор тараф хабар гирифта, баъд бо овози паст гуфт:

— Махсум бедарак махсум нашудааст! Май намехӯрад, қимор намебозад, панҷ вакт намозаш тарк не, эътиқодаш ба худо калон. Лекин...

Орзуқул забон хоиду гап назада монд.

— «Лекинаша» мая медонам,— гуфт Тӯхтача.— Лекин ба ҷои шароб хун мехӯрад, пас аз панҷ вақт намоз панҷ бор зино мекунаду зани мардумро кашида мегирад. Ҳамин тавр не?!

— Лекин ҳамин гапҳоят агар ба гӯши Махсум расад,— гуфт таҳдид карда Орзуқул,— аз забонат меовезад! Ҳушёр бош, ки хусусан имрӯзҳо бадҷаҳлтар шудагӣ...

— Бадҷаҳл шуда бошад, шудан гирад! — гуфт Тӯхтача.— Агар аз ман пурсад, мегӯям, ки ин гапҳоро ман аз забони даҳбошиамон гуфтам, вассалом!

— Ана ҳамин! — гуфт Орзукул.— Ба моҳ шинӣ моҳ шавӣ, ба дег шинӣ сиёҳ шавӣ! Ин корҳо аз ту, лаънатӣ, аҷаб не!

— Рост, рост! — гуфт Сангин.— Бедарак номи ина Тӯхтачаи бадтол намондаанд. Лекин, агар ҳамин тавр гӯй ҳам бефоида. Ман шаҳодат медиҳам, ки худат гуфтӣ! Боз мегӯям, ки моро папирос кашондӣ, рӯзаамонро шикастӣ!

— Набошад, гапи ҳақро ки шунидед,— гуфт Тӯхтача,— ҳа гуфта шиштан гиред, бедарак дӯғ зада, аз забонат меовезад, нагӯед!

Дар ин дам аз даруни ҳавлӣ овози поро шунида, шарикҳо хомӯш шуданд. Пас аз дақиқае ба назди онҳо Саидпаҳлавон омада баромад.

— Монда нашаветон, шербачаҳо! — гуфт вай.— Чӣ хабарҳои тоза?

— Ҳеҷ хабар нест-ку,— гуфт Орзукул.— Шумо аз дарун чӣ навигарӣ овардед?

— Дарун хотирҷамъӣ! — гуфт Саидпаҳлавон.— Домодхоча дар ҳавлии дарун, Оқилов нест, Исматҷон дар хонаи худаш...

— Домод-хоча гуфтед-мӣ? — пурсид Сангин.— Он занак шавҳар дорад, мегӯянд-ку?

— «От кимникӣ? Минганникӣ!»[1] — гуфт зарбулмасали ӯзбекиро мисол оварда, Саидпаҳлавон.— Шавҳараш буд, набуд, аҳаммият надорад.

— Дар замони Ҳукумати Шӯроӣ зӯроварӣ намешавад, гуфта буданд-ку?! — гуфт Тӯхтача.

Саидпаҳлавон ба даруни ҳавлӣ нигоҳ карду набудани одамро дониста гуфт:

— Нағз не, бача! Кошкӣ танҳо ба худат зарар расонӣ, дар ин ҷо дигарҳо ҳастанд. Нағз не! Андак хушьёр шудан лозим. Ин гапҳо маза надорад. Ин гапҳо ба ману ту дахл надорад. Хизмататро карда гаштан гир!

---

[1] Асп аз они кӣ? Аз они он ки савор аст! (*ӯзб.*)

— Рост, рост! — гуфт Орзуқул ҳам.— Забонаш бисьёр бад, ин бачая! Ҳамин қадар мегӯям, бефоида!

— Хайр, тавба кардам! — гуфт Тӯхтача бо табассум.— Баъд аз ин чизе намепурсам. Агар гӯянд, ки чаро намепурсӣ, мегӯям ки аз сарам метарсам!

— Ҳаминаш нағз! — гуфт Саидпаҳлавон.— Ҳар гап ҷо дорад. Аз босмачиҳои мо ҳеҷ кас наомад-мӣ?

Орзуқул суоли Саидпаҳлавонро фаҳмиду табассум кард.

— Не,— гуфт вай.— Ҳеҷ кас наомадааст.

— Омада ҳам чӣ мекунад? — гуфт боз Тӯхтача ба гап ҳамроҳ шуда.— Оши муфт, нони муфтро хӯрда, кайф карда хоб кардан мегирад-дия!

— Ба ростӣ? — гуфт Сангин ҳам.— Ин босмачиҳои таслим шудагиро чӣ кор мекунанд?

— Аз рӯи қоида, бояд ҷавоб диҳанд, ки ҳар кас ба кори бечорагии худаш равад,— гуфт Саидпаҳлавон.— Лекин хӯҷаини мо онҳоро нигоҳ дошта истодааст, шояд ягон мақсаде дорад!

— Бо мо ҳамроҳ карда, боз ба дасташон милтиқ медиҳанд? — гуфт Тӯхтачаи бадтол.

Ҳама ба сӯи вай баргашта нигоҳ карданду Саидпаҳлавон сар ҷунбонид:

— Забонатро чарх занонда наистӣ, намешудагӣ барин-а? — пурсид вай аз Тӯхтача,— Гӯё ки бо Махсум машварат карда баромада бошӣ! Ё тавба!

— Одаму ақл! — гуфта табассум кард Тӯхтача.

— Гапаш бе чиз не,— гуфт Орзуқул.— Кӣ медонад, шояд ҳамин тавр кунанд... Хайр ба мо чӣ?

— Ҳа, бале! — гуфт Саидпаҳлавон.— Бисьёр налақ, лекин ба корат ҳушьёр бош! Хайр, ягон кас аз он босмачиҳо омада монад, ба пеши ман баред!

— Хуб! — гуфт Орзуқул. Лекин Саидпаҳлавон ҳанӯз ба дарун барнагашта, дар кӯча овози суми аспҳо шунида шуду як фоэтон омада ба пеши дарвоза истод. Посбонҳо — Сангин ва Тӯхтача аз ду бари дарвоза милтиқ дар даст истоданд, Орзуқул барои хабар гирифтан берун баромад. Дар ин дам аз фоэтон Низомиддин мефаромад. Орзуқул чандин бор ӯро дида, шинохта монда буд. Бинобар он салом до-

ду ишора кард, ки бачаҳо зуд дарвозаро калон кушоданд.

— Салом, паҳлавон! — гуфт Низомиддин дар дами дарвоза Саидпаҳлавонро дида.— Махсум ҳастанд?

— Ҳастанд,— гуфт Саид,— Марҳамат.

Низомиддин бо мушойиати Саидпаҳлавон ба меҳмонхонаи калон, ки қабулгоҳи Асад Махсум буд, рафта даромад. Дар дами дар Исматҷон ӯро пешвоз гирифт.

— Биёянд, марҳамат! — гуфт вай.— Бутун пазмон шуда мондем. Аз кай боз даракашон нест?

— Ҳа, кор бисьёр! — гуфт Низомиддин ва ба меҳмонхонаи бошукӯҳ, ки бо қолинҳо, диванҳо, стулҳои бахмалин ва столҳои чинорин таҷҳизонида ва оро ёфта буд, дохил гардид.

— Қанӣ, Махсум нестанд-ку? — пурсид вай аз Исматҷон, ки аз паси ӯ ба хона даромада буд. Исматҷон ӯро ба диван ба нишастан муръат карда гуфт:

— Ҳозир... Як дақиқа!— баъд ба Саидпаҳлавон, ки дар дами дар меистод, муроҷиат кард: — Чеғ занед, меҳмон омад, гӯед!

Саидпаҳлавон ғоиб шуда рафт. Исматҷон аз рӯбарӯи меҳмон нишаста, ҳолу аҳволпурсӣ кард ва ба вай папирос пешниҳод кард. Низомиддин беихтиёр папиросро гирифта, ба даҳон гузошту оташ зад ва пурсид:

— Ҳа, шумо чаро намекашед? Партофтед магар?

— Не, рӯза! — гуфт Исматҷон.

— Э, дар воқеъ, рӯза-а?— гуфт Низомиддин папиросро ба ҷояш монда.— Нағз не, Махсум одами тақводор!

— Ҳеҷ гап не, шумо меҳмон! — гуфт Исматҷон.

— Хӯш, корҳо чӣ тавр? — пурсид Низомиддин.

— Бад не-ку,— гуфта Исматҷон мехост чизе илова кунад, якбора дари мадон кушода шуду Асад Махсум хандону шукуфон омада даромад. Дар тани вай улуча-шолвори голефӣ аз моҳути хокистарранг, ба сараш телпаки баррагии кавказдӯхт, ба пояш мӯза ва ба китфаш ҷомаи алочаи қаршигии сабук партофта шуда буд. Бо Низомиддин гарму ҷӯшон вохӯрдӣ кар-

ду ӯро ба сари стол даъват намуд ва фармуд, ки дастурхон кашанд, чой диҳанд... аммо Низомиддин узр хоста гуфт, ки ҳанӯз вақти ифтор нашудааст.

— Набошад,— гуфт Асад ба Исматҷон рӯ оварда,— Наими Талхро ҷеғ занед, дар ҳамин ҷо, дар даҳлез хабардор истад, ҳеҷ ҷонзодеро дар ин давру пеш нагузорад!

— Наим бо Оқилов рафта буд,— гуфт Исматҷон.— Саидпаҳлавон ҳаст.

— Майлаш, ба Саидпаҳлавон таъин кунед, ки хабардор истад, дар беруни дар!.. Баъд худатон биёед. Хӯш, чӣ тавр шуду бандданавозӣ карда омадед?

— Дигар илоҷам набуд! — гуфт Низомиддин ва пенсиэи худро пок карда боз ба чашм гузошту илова намуд: — Чунки агар худам набиёям, имрӯз ё пагоҳ одамҳои шумо рафта, маро ҳабс карда гирифта меоварданд...

— Киноя мекунед?! Майлаш, киноя кардан гиред! Шумо калон, шумо сардор... ҳақ доред!

— Калони мову хоки пои шумо!

— Ман намефаҳмам! — гуфт дилтангона Махсум.— Мақсадатон чист? Ба ман соддатар карда фаҳмонда тед!

Исматҷон аз берун омад. Хонангиҳо як дараҷа хомӯш монданд.

— Ба ман гуфтанд, ки шумо одами Чека.— Асо Хайриддинзодаро ҳабс кардед, барои чӣ? — пурсид Низомиддин.

— Ман надонистам, ки ин пойлуч ба ҳамаи шумо ин қадар азиз будааст!

— Баръакс! — гуфт Низомиддин.— Ба ман шумо азиз, шумо! Барои саломатии шумо, барои обрӯю эътибори шумо ман ҷон мекоҳонам, лекин шумо, намедонам, чӣ корҳо карда гаштаед! Асо ҳам касмӣ, ки барои вай дар назди ину он бадном шавед?!

— Асо ба ман зарур буд, гирифтам, лекин алҳол лозим не, масъала бе вай ҳам ҳал шудагӣ барин...

— Чӣ масъала?

— Ба шумо дахл надорад!

Низомиддин бенхтиёр қуттии папиросро кушоду ба даҳон папирос гузошта оташ дод ва баъд аз як қул-

лоб кашидан тағьири ҳолати Махсумро диду ба хотир овард, ки рӯза аст.

— Мебахшед! — гуфт вай папиросро ба хокистардон гузошта,— боз фаромӯшӣ... Чи тавре ки мегӯянд: худо маро зиёфат кард... Хӯш... Мегӯед ки масъалаи Асо ба мо дахл надорад? Ин масъалаи шахсии шумост?

— Бале, фақат ба ман дахл дорад!

— Он валвалае, ки дар натиҷаи ҳабс карда шудани Асо ба майдон омад, ба ҳамаи мо дахл дорад. Мефаҳмед! Қошкӣ мурда кирон гиристан кунад. Чи тавре ки дар мо мегӯянд: як пула фоида нею сад пула ғуҷора!

Асад Махсум якбора даргирифта рафт. Вай телпакашро аз сар гирифта партофту рост ба чашми Низомиддин нигоҳ карда истода гуфт:

— Ман кӣ? Даҳбошии аскарҳои шумо, ё ки ба худам муносиб як вазне дорам?!

— Кӣ будани шумо маълум, ҳоҷат ба тавсиф не!

— Ин тавр ки бошад, дониста монед, ки Асоро барои Қарим гирифтам... Қарим ба ман ва ба корҳои ман халал медод. Мефаҳмед, ҳам ба кори шахсии ман, ҳам ба кори умумии мо! Акнун ки Қарим тақрибан аз миён бардошта шуд ва масъалаи оилавии ман ҳам ҳал шуд, Асо дигар ба ман лозим не.

— Ин гапи дигар! — гуфт Низомиддин.— Асоро озод кунеду чунон вонамуд кунед, ки саҳви шумо нею саҳви ягон каси дигар! Ин як — баъд ман ба шумо гӯям... Баъзе аз дӯстони мо ба корҳои шумо қаноатмандона назар намекунанд!

— Ба кадом корҳои ман?

— Масалан, мо ба шумо супорида будем, ки бо баҳонае аз пеши роҳи мо баъзе нохалафони қаттолро бардореду ба корҳои калон тайёрӣ бинед, аммо шумо дар бораи корҳои худатон бештар фикр мекунед, чи тавре ки дар мо мегӯянд: оча дар ғами бачча, бача дар ғами кӯча!

— Маълум! — гуфт Махсум ва забон хонду ба Саидпаҳлавон, ки дастурхон бардошта овард, нигоҳ карда гуфт: — Ҳоҷат не! Ба ифтор нағз тайёрӣ бинед, дар он меҳмонхона чой тайёр кунед!

Саидпаҳлавон ба хона надаромада, аз даҳлиз баргашт. Махсум ба гапаш давом дод:

— Маълум! Ман аз ин зарбулмасалҳои шумо намеранҷам, ман ба шумо мегӯям...

— Не, гапи ман ҳанӯз тамом нашудааст! — гуфт Низомиддин.— Қирон омадан, ман бояд ҳаман гапамро гуфта гирам. Шумо, Махсум, бешубҳа қобилияти бузург доред, шумо сардори як лашкари азим шуда метавонед, шумо оташи сӯзонед, нотарсу далер ҳастед... Аммо... Аммо, сиёсатмадор нестед, ё ки бо сиёсат кордор шудан намехоҳед!...

Асад Махсум дандон ба дандон монда, хомӯш менишаст. Вай мехост, ки имкон диҳад, то ки ин маҳмадонои бодӣ ҳаман гапашро гуфта гирад ва ана баъд якто-якто, бо гапҳои худаш ба рӯяш зада сарҳам кунад. Ин мардак ҳанӯз бо собуни Асад Махсум ҷомашӯӣ накардааст!

Исматҷон бошад, ларзида менишаст. Вай ҳар дақиқа мунтазир буд, ки Асад Махсум мекафаду Низомиддин ба зери борони куфру ҳақорат монда, сахт меранҷад.. Аммо ба Низомиддин ҳайфаш меомад. Вай ба ӯ эътиқоди калон дошт ва гумон мекард, ки сиёсати ҳамин Низомиддин мошинаи давлати ҷумҳурияти Бухороро гардонида истодааст. Ташкилкунанда ва равнақдиҳандаи корҳои Асад Махсум ҳам ҳамин Низомиддин аст. Ҷангу ҷидоли лаби ҳавзи Девонбегигиҳою Регистониҳои[1] Бухоро ҳам аз дасти вай аст. Пас, барои чӣ феъли Асадро намедонад, барои чӣ ба вай ин қадар таъна ва сарзаниш мекунад?! Кошкӣ феъли ин бадтол ин хел сарзанишҳоро бардорад!

— Бале, вақтҳое мешавад, ки,— гуфт ба гапаш давом дода, Низомиддин,— шумо сиёсатро фаромӯш мекунед, ки ин нағз не! Сиёсатмадор шудан, ҳушьёр будан ва дониста кор кардан лозим. Чи тавре ки дар мо мегӯянд: ҳарчанд ки пеш аз аҷал кас намемирад, лекин беҳтар, ки ба даҳони аждаҳо сар назан!

---

[1] Лаби ҳавзи Девонбегиҳо ва Регистониҳо — кинояи аз шӯрои Нозирон (Файзулло Ҳоҷаев) ва Кумитаи инқилобии Бухоро (Абдуқодир Муҳиддинов) аст.

Асад Махсум хост, ки чизе гуфта эътироз кунад, вале боз хомўш монд. Вай худ ба худ ба дилаш мегуфт ки: Низомиддин афандӣ, шумо худатон тушберо хом шумурдед! Сиёсатмадор шуданро аз ман омўзед! Шумо гумон мекунед, ки ин сару кору ин комиссияи фавқулоддаи мубориза бо босмачиёнро ба ман супорида монда, маро хуб кор мефармоед, хар бария сувор мешавед, саги тозӣ барин ба хар тараф медавонед ва бо дасти ман ба тахти мурод мешинед?! Не, сахв мекунед! Дуруст аст, ки имрўз ман фақат раиси комиссияи мубориза бо босмачиён, имрўз ман ичрокунандаи фармони дигарон ва қаму беш мутеи шумо... Аммо фардо бояд ман фармондеҳи кул!.. Бале, бале! Фармондеҳи кул шавам!

Ба ҷои ин суханҳо, Асад Махсум табассуме карду гуфт:

— Хайр, ман чӣ кор кардаам? Чӣ гуноҳ дорам?

— Ба худ ғарқа шудан хуб не! — гуфт Низомиддин бо ҳамон оҳанги аввала.— Чи тавре ки дар мо, мегўянд «ўзингни эр билсанг, бошқани шер бил!» Яъне ки аз дасисаи душман осуда шудан хуб не!

Дар ин ҷо Асад Махсум тоқат карда натавонист, шарттӣ аз ҷо бархосту дар рў ба рўи Низомиддин рост истода гуфт:

— Шумо сахв мекунед, афандӣ! Шумо маро намедонед ва аз марому мақсади ман тамом бехабар ҳастед! Бинобар он ин хел сафсаттаҳоро гуфта истодед. Медонед, ки каминаи шумо, ки ҳоло гўё фармондеҳ бардоратон шуда гаштааст, фардо кӣ шуданаш мумкин? Фармондеҳи кул! Бе ҳеч муболиға!

— Дар даврони Ҳокимияти Шўрой фармондеҳи кул намешавад!

— Мешавад! Чунон фармондеҳи кул мешавад, ки ҳама, ҳама дар пеши пои вай сачда намекунанду бас! Албатта ман намегўям, ки амир мешавам, ҳоким мешавам... Не, ин гапҳо ҳоло кўҳна шуданд. Ман раиси шўрои нозирон ҳам шудан намехоҳам. Аммо чунон кардан мумкин, ки амири амирон ҳайрон монад. Фақат барои ин фурсат, имконият ва шароит лозим. Пеш аз ҳама мардумро тарсонда гирифтан, воҳима андохтан, ларзондан лозим. Касе, ки тарсонда метавонад,

ҳокимият аз они ӯст! Қобилияти тарсондан, худоро шукр, ки дар ман ҳаст!

Низомиддин аз ростӣ мунтазири ин хел гуфтугӯ набуд. Вай, даҳонашро кушода, ҳайрон ба рӯи Асад нигоҳ карда истоду баъд гуфт:

— Бале, ман медонам... Шумо одамҳоро тарсонда метавонед, дар ин маънӣ ҳақ ба шумост. Лекин ба шумо имкон намедиҳанд! Шумо замина надоред!

Асад ҳамоно дар қиём буд. Вай дар куҷо будан ва бо киҳо нишастани худро ҳатто фаромӯш карда буд. Рӯяш тафсида рафта, дилаш ҷӯш мезад... бинобар он бо ҳамон оҳанги аввала гуфт:

— Э, афандӣ будед шумо! Ман аз ҳеҷ кас имконият ҳам намепурсам, ба замина ҳам эҳтиёҷ надорам. Заминаамро худам, ана бо ҳамин дастҳоям, ана бо ин яроқҳоям дуруст мекунам! Барои тарсонда гирифтани мардум ҳамин мансабам кифоя. Дар ҳамин вазифа истода, ман чунон кунам, ки бачаҳои дар гаҳвора буда, номи маро шунавида хомӯш мешаванд. Ҳамаро-ҳамаро ному овозаи ман зер мекунад. Мардум дидаю дониста, бошуурона аз ман метарсидагӣ мешаванд... Ана, он гоҳ ҳар чӣ хоҳам мекунам. Бале, бале! Ҳар чӣ хоҳам мекунам! Бебақоии кори большевикон дар ҳамин, ки онҳо мардумро тарсондан намехоҳанд. Ман инро нағз медонам ва аз ҳамин ҳам истифода мебарам. Аммо шумо мегӯед, ки ман душманро намедонам!?

Ин «рози дили» Асад Махсумро шунида, Низомиддин, ки худашро доно, зирак ва ҳамадон мешуморид, ҳайрон, лол ва мабҳут шуда монда буд. Вай ба роҳи ҷадидӣ даромадан ин ҷониб ҳеҷ гоҳ ин тавр гуфтаҳои қатъӣ ва гӯё, боасос ва далеронаро нашунида буд. Бештарини ҷадидҳо одамони тарсончак, дудила ва ноқатъӣ буданд. Дилашон мехоҳад, ки ҳам ҳокимият ба дасташон бошад, ҳам озор наёбанд; ҳам тарафдори камбағалон бошанд, ҳам молу давлату ҷоҳу мансаб аз даст наравад!.. Майлаш, камбағал, меҳнаткаш ва коргарон озод бошанд, лекин ба онҳо, ба замину мулки онҳо, ба дороии онҳо кордор набошанд; баръакс хизматашонро кунанд, ба даргаҳи онҳо даст алифлом истода кор кунанд... Оне ки ба онҳо озоре

нарасад. Мухтасар, шиори онхо ҳамин буд, ки ҳам лаъл ба дастояду ҳам ёр наранчад!..

Лекин, чӣ тавр мешавад, ки мегуфт акнун худ ба худ Низомиддин, чӣ тавр мешавад, ки ҳам лаълро кашида мегирифтаасту ҳам ёр намеранҷидааст?! Намешудагӣ савдо! Як қатъият, як зӯрӣ ва... ҳатто бераҳмӣ ҳам даркор аст! Ин, Асад Махсум ҳамин қадар бало будааст, ҳамин қадар андеша доштааст, вай то ба имрӯз бехабар!..

— Не, шумо бало будед! — гуфт вай ниҳоят.— Шумо нобоб будед! Ман бехабар, ман намедонистем... Чӣ тавре ки дар мо мегӯянд: ҳар беша гумон мабар, ки холист, шояд ки паланг хуфта бошад!

— Не,— гуфт Махсум,— ман одами хеле боб ҳастам, фақат ба ҳар кас не! Ман метавонам шамшери буррои Шумо бошам, метавонам паланги бешаи шумо шавам... Фақат дар он вақте ки шумо ҳам ба кори ман ёрӣ расонед, шумо ҳам маро дастгирӣ кунед. Чӣ тавре ки шумо мегӯед; карсак аз як даст намебарояд.

— Ба ин шубҳа нест,— гуфт Низомиддин.— Ба сидқу самимияти ман кораму рафторам гувоҳ аст.

— Дуруст, ман аз шумо умуман гила надорам. Фақат ҳамин қадар мегӯям, ки халқ бесарвар истода наметавонад. Агар шумо маро дастгирӣ накунед, каси дигаре мебарояду лаҷомро ба дасти худаш мегирад. Он гоҳ кӣ медонад, ҳоли шумо чӣ мешавад?! Хӯш, шумо чизе гуфтанӣ будед?

— Бале,— гуфт ба хотир оварда Низомиддин.— Дирӯз ман дар назди Файзулло будам, Куйбышев ва Хайдарқул ҳам буданд...

— Ҳайдарқул ҳам?

— Бале, се қузур як шудагӣ... се туз! Ана аз ин хол ҳазар кунед! Вақто ки ангуштҳо мушт шаванд, зарбаашон сахт мешавад! Куйбышев аз ҳабс карда шудани Асо ва... медонед, унчӣ... аз масъалаи Ойниша хеле хафа шудагӣ. Метарсам, ки ҳамин чизҳои ҷузъӣ онҳоро ба сӯи асрори мо роҳбалад шуда наорад.

— Хуб, Асо озод мешавад, ин як!.. Масъалаи Ойниша ҳамин ки ман бо розигӣ ва ҳатто илтимоси худаш

ва модараш никоҳ кардам. Замонаи мо — замонаи зӯроварӣ нест... Дил-дили Зайнаб!

— Карим даъво дорад, ки...

— Ана Ойиша, ана модараш! Кас монда пурсанд. Агар инҳо гӯянд, ки Махсум моро зӯраи гирифт, Карим нағз буд ва ба Карим меравем, марҳамат, пеши роҳашон кушода. Он гоҳ, ба ман ҳар ҷазоеро, ки мехоҳанд, додан гиранд...

Низомиддин боз ҳайрон шуд. Охир, вай аз воқеаи Ойиша сар то по хабар дошт ва ҳеҷ бовар карда наметавонист, ки Асад Махсум бо розигии худи вай никоҳ карда бошад.

— Аҷиб? — гуфт ҳайрати худро пинҳон накарда, Низомиддин.— Шумо соҳир-ку не?!

— Сеҳру ҷоду фоида надорад! — гуфт Асад.— Нағз дида тавонистан лозим. Муҳаббат ва ишқи гарму ҷӯшон бошад, ваҳшитарини ҳайвонот ҳам ба шумо ром мешавад. Инро донед, ки каминаи шумо чандон хушку холӣ ва беҳиссу идрок ҳам не!

Оҳиста-оҳиста ба назари Низомиддин қадри Асад баландтар ва баландтар мешуд ва гумон мекард, ки вай — Низомиддин дар пеши ин марди тавоно ҳеҷ аст. Бинобар он тамом аз дилу ҷон ва тамаллуқкорона гуфт:

— Шумо ҳақиқатан зӯр, Махсум! Монанд надоред! Ана, барои ҳамин ҳам метарсам, ки ба шумо, ба кори шумо ногаҳонӣ, нохост шикасте нарасаду... саломат ва комьёб бошед. Арз мекунам, ки Файзулло ва Куйбышев ба воситаи Ҳайдаркул ва Фирӯза нисбат ба шумо сӯъи зан доранд ва бо фармони онҳо Комиссияи тафтишӣ ташкил шуд, ки дар ҳамин рӯзҳои наздик бояд кори шуморо тафтиш карда бинад.

— Дар ҳайати Комиссия киҳо ҳаст?

Низомиддин гуфта доду илова намуд:

— Масъалаи таслим шудани Ҷаббор қӯрбошӣ ва тақдири аскарҳои вай ҳам дар мадди назари онҳост.

— Ин тавр бошад,— гуфт Махсум ба ҷояш нишаста,— галаки Ҷаббор қӯрбоширо кӯтоҳ карда мондан лозим мешавад...

— Чӣ? — гуфт нафаҳмида Низомиддин.— Ҷаббор чӣ мегӯяд? Қабул намекунад?

— Не,— гуфт даст афшонда, Махсум.— На ин ки қабул намекунад, балки хавф ҳаст, ки корро вайрон карда, сирро фош карда мемонад, ин ҷоҳили якрав!

— Ин тавр бошад, зудтар нест кунед!

— Бале, хас кам ҷаҳон пок! — гуфт Исматҷон, ки то ҳоло хомӯш менишаст.

— Аммо,— гуфт Асад,— шумо ба Чека гӯед, ман корро ба онҳо дуруст карда медиҳам... Фақат пар-рондан аз они онҳо!

— Хуб, майлаш! — гуфт Низомиддин.

Дар ин дам Саидпаҳлавон сулфа карда, дари даҳлезро кушод ва ба Махсум муроҷиат кард:

— Аз тарафи йигитҳои қӯрбошӣ вакил омадааст. Шуморо мехоҳанд.

— Ман ҳозир мебароям,— гуфт Махсум ва аз рӯи диван телпакашро гирифта ба сар монд.— Мехоҳед, бо онҳо гап занед?

— Э, монед! — гуфт Низомиддин.— Худатон ҷавобашонро дода биёед.

Асад Махсум табассуми маънидоронае карду аз хона берун шуд.

## 14.

Ҳабсхонае, ки Асо дар он маҳбус буд, чандон дову-даҳанаи ҳабсхонагӣ надошт. Он иборат аз ҳавличае буд, ки дар шафати ҳавлии калони боғи Дилкушо воқеъ гардида, як меҳмонхона барои чанд нафар қаровулони хоси Махсум ва боз як хонаи якдараи калон дошт. Дар ин ҳавлича, дар вақти амир кушбозон (шикориён) истиқомат намуда, дар он хонаи калони якдара, ки фақат аз қарибии сақфаш сӯрохиҳои тирезамонанд барои даромадани равшанӣ ва ҳаво дошт, мурғони шикорӣ — боз, шоҳин ва лочинҳоро нигоҳ медоштанд. Ҳоло Асад Махсум ана ҳамин хонаи калони бетирезаро барои як қисм маҳбусони миёнадарача муқаррар карда монда буд.

Се шабу се рӯз ин тараф Асо дар ин хонаи бе тиреза умр ба сар мебурд. Ба фарши пешгоҳи он хона аз болои хасу коҳ як намади нимдоште партофта, барои Асо ҷои махсус тайёр карда буданд ва ба ӯ як

болишт ҳам дода буданд. Дар поёни хона, дар сари ташнав як кӯзаи пуроби саврини сафолин ва як офтобаи чӯянӣ меистод. Дар токи болои сари Асо як косаю пиёла ҳам буд. Шаби аввал дар ин хона Асо ҳамроҳи се нафар деҳқонҳои вобкандӣ гузаронид. Чӣ тавре ки деҳқонҳо гуфтанд, одамони Асад аввал аз онҳо пул талаб кардаанд, вақте ки чизе рӯёнида натавонистаанд, бо тӯҳмати «босмачӣ» гирифта овардаанд. Яке аз онҳо навдомод будааст. Як моҳ пеш зан гирифта, ба занаш бо дилу ҷонаш ошиқу шайдо шуда будааст. Ҳамон шаб то ба рӯз гириста, васфи маҳбубааш ва рӯзҳои босаодатеро, ки бо ҳам гузаронидаанд, ёд кард ва дили бе он ҳам маҳзуни Асоро хун кард. Асо ҳатто ғами худро фаромӯш карда буд ва то метавонист, ба ҷавони ошиқ тасаллӣ доду аввали пагоҳ, вақто ки Саидпаҳлавон ба якчанд дақиқа ба назди вай омад, бо зорию тавалло аз вай хоҳиш намуд, ки ҷавонаки ошиқи бегуноҳро озод кунонад. Бегоҳии ҳамон рӯз ҳар се деҳқонро чег зада, гирифта бурданд, шояд Саидпаҳлавон ба озод кардани онҳо муваффақ шуда бошад, ё ки ба маҳбаси дигар кӯҷонида бошанд... Ба ҳар ҳол, дигар ба назди вай касеро наоварданд ва ӯ ҳамеша танҳост.

Аҳволи руҳияи одам аҷиб аст! Ба кас ҳамеша аввали рӯз, субҳи равшан таъсири хуш бахшида, дар ҳар вазъият, ки одам бошад, хоҳ бемор, хоҳ мотамзада, хоҳ гирифтори банду зиндон, андаке сабукӣ ва умеду зиндагиро дар худ ҳис мекунад ва як дараҷа дарду аламҳо нест мешаванд, дил осудатар мегардад... Аммо ҳамин, ки бегоҳ шудан гирифт, ҳамин ки офтоб ба ғуруб наздик шуд, дили кас низ монанди ҳавои гирду атроф торик ва сиёҳ шудан мегирад, дарду алам зӯрӣ мекунад ва хаёлҳои гуногуни даҳшатангез касро фаро мегирад ва ҳамаи умеду орзуҳо барҳам мехӯранд ва ҷои онҳоро як ноумедӣ, яъсу ғаму андӯҳ фаро мегирад...

Он бегоҳӣ маҳбаси Асо дар ҳақиқат ҳам барои вай байтульэҳзони ғаму андӯҳ ва ноумедиҳо гашта буд. Осмонро абрҳои тираю торик фаро гирифта, андак намреза меборид, шамоли сард барги хазонро аз тарафи чаҳорбоғ печонида гирифта оварда, ба рӯи

ҳавлича мепартофт ва бо он рангзардон, гӯё бозӣ мекард. Шакар-шақари баргҳои хушк шикаста, аз ҳам гусехта рехтани устухонҳои ҷонзодеро ба ёди Асо меовард, ки дар зери панҷаи пурқуввати ҳайвони даррандае воқеъгашта бошад... Нула кашидани шамол, ки аз тарқишҳои тирезачаҳои болоӣ медаромад, ба ёди ӯ нулаи гургони гуруснаро меовард. Торикии дам ба дам афзоянда, ба селоби вазнине монанд буд, ки тану ҷони ӯро дақиқа ба дақиқа зичтар ва бераҳмонатар мефушурд...

Дар он хона лампа намегиронданд. Шуълаи равшании лампа аз тирезаи меҳмонхона ба сӯрохиҳои наздй сақф зада, аз он ба ин хона андаке тобише медод. Аз ҳеҷ ҷо ҳеҷ овозе шунида намешуд, ба ғайр аз нулаи шамол ва шақар-шақари баргҳои хушк...

Дар ин торикии фишордиҳанда нишаста, майнаи ӯ ба суръат кор мекард. Хоб, ақаллан ба гирди чашмаш намегашт... Гӯё ки ӯ чунин гуфта бошад:

> Бигӯ ба хоб ки имшаб паё ба дидаи ман,
> Ҷазирае ки макони ту буд, об гирифт!

Се шабу се рӯз шуд, ки ӯро аз ёру дӯстонаш ҷудо ва аз кору бораш маҳрум карда, зӯрану зулман оварда, ба ин хонаи пур аз ғаму андӯҳ партофтаанд. Ба ғайр аз Саидпаҳлавони соҳибдил касе аз ҳоли ӯ хабар намегирад, гӯё, вай ба касе лозим нест ва лозим набуд... Албатта Фирӯза хун мехӯрдагист, метапидагист, ба идораҳо сар мезадагист, ба Чека мерафтагист... Аммо ба он сиёҳсар кӣ ёрӣ медиҳад? Кошкӣ Ҳайдаркул амак дар худи Бухоро бошанд!

Бале, мо ғалат кардем, ки «вай ба касе лозим нест ва лозим набуд» гуфтем! Ду рӯз пеш, ӯро худи Асад Махсум ба меҳмонхонааш ҷеғ зада бурда, аз вай баъзе чизҳоро ба пурсидан сар кард: Карим аз куҷо мешавад? Бо Асо чӣ муносибат дорад ва онҳо аз кай боз ҳамдигарро мешиносанд? Асо дар кадом вазъият Каримро ёфта гирифт ва Карим паррона шудани худро аз кӣ медонад? Дар бораи Асад Махсум сухане гуфт, ё не? Аз касалхона кай мебарояд? Дардаш чӣ? Чӣ нияту орзуҳо дорад? Ин суҳбат ба истинтоқ монанд набуд. Махсум хеле мулоимона, бо

суханҳои нарму дилчӯёна гап мепурсид. Дар асnои суҳбат дастурхони паҳн ва ҳар гуна нозу неъматҳо муҳайё буд. Аммо Асо як нонреза ҳам ба даҳон накард. Тамоми фикру андешаи вай дар он буд, ки мақсади Махсумро фаҳмад, ки чист ва сабаби асосии ҳабс карда шудани вай дар куҷост. Аммо ҳар чи қадар исрор кард ва диққат ба кор бурд, чизе фаҳмида натавонист. Аз Махсум гап гирифтан осон набуд!.. Он рӯз суҳбат ба охир нарасида, кали Оқилов даромада омаду ба Махсум коғазеро нишон дод ва ба гӯшаш чизе гуфту истинтоқро бас кунонид ва Махсум гӯё, узрхоҳона ба Асо муроҷиат карда гуфт, ки бо таассуф вай маҷбур аст, ки суҳбатро ба охир расонад.

Боз ӯро ба ҳабсхона оварданд, боз танҳо партофта рафтанд. Имрӯз ба ғайр аз Сандпаҳлавон, ки пеш аз ғуруби офтоб, чанд дақиқа омада, ба вай дилдорӣ ва тасаллӣ дода рафт, дигар касе пайдо нашудааст. Қаровул ду бор, аввали пагоҳ ва бегоҳӣ ба вай нону чой, баъзан шӯрбое, шавлае медиҳад. Имрӯз, ана, ҳаво торик шудаасту ҳанӯз аз хӯрок дарак нест... Дар ҳабсхонаи миршаб хӯрок намедоданд, лекин хешу табор ва аҳли хонаводаи ҳабсшудагон нону ош оварда медоданд, ки мардуми он ҷо ҳама чизро ба ҳам медиданд. Он вақт қонун набуд, ҳукумати шӯроӣ набуд, миршаб ва одамонаш ҳар чӣ мехостанд, мекарданд... Аммо ҳоло... Ҳоло ҳукумати шӯроӣ, қонуни нав ҳаст! Хусусан вай, ки камбағалу ҷабрдидаю дар роҳи инқилоб хизмат кардааст... Ба иловаи ҳамаи ин одами Чека, шавҳари Фирӯза, дӯсти наздики Ҳайдарқул аст... Асад Махсум ҳам миршаби амир не, гӯё инқилобчӣ, ёшбухорӣ, одами ҳукумати шӯроӣ аст... Пас, чаро ӯро маҳбус кардаанд? Барои чӣ? Ё ки... Асад Махсум, номаш Асад Махсум асту худаш дар асл ҳамон миршаби Бухороcт? Кӣ медонад, пагоҳ, ё худи ҳамин шаб ӯро чеғ зада, ҳафтоду ду қини подшоҳиро ба ҷисми вай ба кор мебаранд? Кӣ медонад, шояд вай ҳам мисли Аҳмадҷони машкоб дар ҳабсхонаи Асад ҷон медиҳад?

Аҳмадҷони машкоб, раҳматӣ чӣ гуноҳ карда буд? Ба кӣ зарараш расида буд? Фирӯзаи бекасмондаро аз дасти фосиқон наҷот додан, ғами як ятимаи сарсахт-

ро хӯрдан гуноҳ шуд магар? Миршаб аз бугзу хирсу ҳасад чӣ кор карданашро надониста, мӯсафеди бегуноҳро ба зери шиканча гирифта буд...

Ҳоло ӯро, Асоро гӯё барои Карим, барои Карими ҷафодида оварда ҳабс кардаанд. Ба ҷои он ки душманони Каримро кофта ёфта ҳабс кунанд, дӯсти ӯро дошта овардаанд! Мехоҳанд ки вай касду нияти Каримро гуфта диҳад. Мабодо Карим ба Асад Махсум даъво накунад!..

Пас фарқи миршаби амиру Асад Махсум дар куҷост?

Хаёлҳои тираю торик майнаи ӯро зеру забар мекарданд... Суолҳои бисьёре пайдо мешуданд, ки беҷавоб монда, ӯро, дили ӯро мефушурданд: Чаро? Чаро? Чаро?..

Дар кушода шуду дар даст фонус, посбон намоён гашт, дар дасти вай дар як табақи сафолини оши палав буд.

— Ма, хӯҷаин фиристоданд,— гуфт вай ба Асо хитоб карда.— Табаррукии худашон!

Асо аз ҷо бархоста, ба миёни хона наздик шуда буд, ки посбон зуд табақро ба лаби пойгаҳи хона гузошта, як дасташро холӣ кард. Асо суъи занни ӯро фаҳмида, дар ҷои омадагеш истоду гуфт:

— Бародар, чӣ шавад, ки то ош хӯрда шуданам фонусро монда равӣ?

— Фонусро монда рафтан мумкин не, даҳбошӣ намемонад; лекин, майлаш, ошатро хӯр, ман меистам.

— Хайр, барака ёб бародар!—гуфт Асо ва наздик омада табақро гирифту боз ба ҷои худ рафта нишаст. Ошро дилу бедилон як ду лукма хӯрду ба посбон нигоҳ кард, ки дар лаби пойгаҳ нишаста, мӯзаашро тоза мекард.

— Ҳаво хунук шудааст,— гуфт Асо,— дар берун барф будагист?

— Не,— гуфт посбон,— борони майда борида истодааст, эҳтимол қариби саҳар барф шуда монад. Лекин ҳаво, ба ростӣ хунук шуда монд. Ту-ку хунук нахӯрдӣ?

— Хунук хӯрам ҳам, чӣ?—гуфт Асо.— Махсум пӯстини худашро намедиҳад!

— Оши палав ки дод,— гуфт бо нимтамасхур посбон,— аҷаб не ки пӯстинашро ҳам дода фиристонад, сабр карда ист!

— Майлаш, сабр бошад, сабр-дия! — гуфт Асо ва боз дақиқае ба ошхӯрӣ машғул монд.

— Ту одами Чека, мегӯянд, рост аст? — ин дафъа овозашро паст карда посбон пурсид.

— Рост,— гуфт Асо ҳам бо овози паст.— Дар Чека кор мекунам.

— Одами Чека ҳам ба Ҳукумати Шӯро душманӣ мекунад-мӣ?

— Ман ба Ҳукумати Шӯро душманӣ накардаам. Агар мекардам, худи Чека маро кайҳо дошта тирборон мекард...

— Набошад, чӣ гуфта дар ин ҷо нишастай?

— Ба Асад Махсум ситораи ман хуш наомадагист... Е ки бо Чека зӯрозмоӣ карданӣ шуда, маро қаба кардагист! Исто ки худи ту ба Ҳукумати Шӯро дӯст-мӣ?

— Набошад чӣ? Ҳукумати Шӯро гуфта дар ин даргоҳ гаштем-дия!

— Офарин! Ман ҳам барои Ҳукумати Шӯро тайёрам, ки ҷонамро фидо кунам. Лекин ана ин хел, бо тӯҳмату бӯхтон, дар қафаси дӯст нишастан ба кас алам мекунад.

— Хайр, ғусса нахӯр, агар бегуноҳ бошӣ, Махсум тафтиш карда ҷавоб медиҳад. Лекин гунаҳгор бошӣ аз Махсум халосӣ нест.

— Бегуноҳии маро Чека исбот мекунад, насиб бошад!

— Э, Чекая! Махсуми мо зӯр! Андак-мундак кас ба вай баробар шуда наметавонад. Ҷаҳлаш ганда, қаҳраш ки омад шартӣ парронда мефиристонад.

— Ҳа, ҳамин тавр гуфта шунида будам. Ёди шумо бачаҳо ба хайр, ки дар зери дасти вай кор мекунед?

— Чиба инту мегӯӣ?— гуфт посбон тарафи Махсумро гирифта.— Махсум бадҷаҳл ҳам ки бошад, ба зери дастонаш, ба мо йигитҳо бисьёр нағз... Ҳеҷ чизро дареғ намедорад. Агар аз босмачӣ посмачӣ ӯлҷае ба даст афтода монад, аз они худат, мегӯяд, зада аз дасти

кас намегирад. Либоси нағз, хӯроки нағз, ёроқи нағз дода мондааст. Як шарт дорад: аз гуфтаю фармонаш як сари мӯ берун наравед! Командири мо Наимбой бошад, улфат! Давринг келганда сур![1] мегӯяд. Агар ба фикри ман гӯш кунӣ, биё бача, Чека-пека гуфта, азоб кашида нагард, ба қатори мо даро! Махсум ба тан поят аспи даванд медиҳад, либоси нағз, мӯзаи хиром, пул... боз ҳар чӣ ёбӣ аз худат! Агар хай гӯӣ, ман ба Наим командир восита мешавам, он кас ба Махсум арз карда, корҳоро «ванг» мекунад.

— Хайр, як фикр карда бинам канӣ... Охир, ман зану бача дорам!

— Агар хай гӯӣ, зану бачет ҳам подшоҳ барин рӯз мебинанд.

— Рост, ҳамтӯ-мӣ?

— Ана, Наимбой! Ҳафтае нест, ки ба хонааш наравад. Дар ҳар бори рафтанаш хӯрҷин-хӯрҷин мол мебарад. Димоғаш чоқ, бача-качаҳош катӣ!

Дар ин дам дар берун овози по шунида шуду посбон давида аз ҷо бархост ва фармон дод, ки маҳбус табақро ба поёни хона оварда монда, худаш ба ҷояш равад. Асо ки дилаш чандон хӯрок намеҷуст, бе ҳеҷ маломате табақро ба поёни хона оварда монд ва ҳанӯз ба ҷояш рафта норасида, дар кушода шуду Наими Талх даромада омад.

— Ҳа, дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? — гуфта пурсид вай аз посбон.

— Аз меҳмонхона барои ӯ ош дода фиристода буданд...

Наим ба табақи оши палав нигоҳ карду гуфт:

— Монда рафтан гир-дия!

— Хӯрда шуд...

— Хайр, рав! Фонусро мон!

Пас аз баромадани посбон, Наим ба Асо мурочиат кард:

— Хӯш, аҳвол? Зиқ нашуда шиштӣ?

Асо гап назад.

— Барои ту як ҳамдами нағз овардам. Сӯҳбат

[1] Даврат ки омад, комрон бош! (Зарбулмасали ӯзбекӣ).

карда мешинетон! — Инро гуфту Наим ба беруи хитоб кард.— Биёред, бачаҳо!

Аз беруи як ҷавон, дар либоси коргарони роҳи оҳан, дасташ ба пушташ баста шудагӣ ба хона даромад. Аз паси вай ду нафар аз одамони мусаллаҳи Наим даромаданд.

— Дасташро кушоед!—гуфт Наим ба одамонаш.— Дар ин ҷо ҳар чӣ қадар ки хоҳад, дасташро ба кор андозад!

Дасти ҷавонро кушоданд ва ба ӯ ишора карданд, ки аз пешгоҳ, дар паҳлӯи Асо рафта шинад.

— Ана,— гуфт Наим,— барои ту, мулло Асо, ғанғар-гунгури нағз! Ба вай насиҳат карда мон, ки одам шавад!

Вай табассуми тамасхуромезе карду беруи рафт, одамонаш ҳам фонусро гирифта, аз паси вай беруи шуданд. Хонаро торикӣ фаро гирифт. Фақат шуъаи равшанӣ аз тобадони хона андаке акс мекарду бас. Бо вуҷуди он Асо ба тарафи сиёҳии ҳамдами шаби сиёҳаш мутаваҷҷеҳ гашта, салом дод. Ҷавон ҷавоби салом доду боз хомӯш монд. Сахт-сахт нафас кашида, ҳар замон оҳ мекашид.

— Шумо аз даруни Бухоро-мӣ? — пурсид Асо.

— Не, ман аз Когон,— гуфт ҷавон ва боз хомӯш монд.

Асо донист ки ҷавон ё аз вай ҳазар мекунад ва ё дарду ғамаш хеле зӯр аст, ки ҳоло, дар айни ҷӯшиши он намехоҳад гап занад. Бинобар он фақат барои тасалли хотири вай гуфт:

— Номи ман Асо Хайриддинзода, аз Бухоро, аз хизматчиёни Чека, намедонам, барои чӣ бошад, се шабу се рӯз ин тараф ба ин хонаи хунуку торик қаба карда мондаанд. Дуруст пурсупос карда, гуноҳамро ҳам намегӯянд...

— Золим! — гуфта монд ҷавон.

— Асад Махсум-мӣ?

— Ман Махсуматонро намешиносам, бо вай сару коре ҳам надорам! — гуфт ҷавон.— Лекин одами Махсум, ана ҳамин Наими Талх, одами золиму хунхор аст.

— Рост,— гуфт Асо.— Бедарак ӯро Наими Талх нагуфтаанд. Вай дасти рости Асад Махсум аст. Асад

агар салларо биёр гӯяд, вай рафта калларо овардан мегирад!

— Набошад, Ҳукумати Шӯрой, адолат, қонун чӣ шуд?

— Ҳамекаш ҳаст! Ҳукумати Шӯрой ҳам ҳаст, адолат ҳам ҳаст, қонун ҳам ҳаст... Лекин Асад Махсум, кали Оқилов, Наими Талх бариниҳо ҳам ҳастанд, ки аз номи ҳукумат, аз номи адолат ва аз номи қонун бар аксаш кор мекунанд. Дар Бухоро як одами боақлу тадбир, як инқилобчии ҳақиқӣ ва рӯздида ҳаст, номаш Ҳайдарқул амак... Ана ҳамон кас як рӯз ба ман гуфт, ки инқилоб ба сели тӯфон монанд аст. Туғьён карда, бо мавҷҳои бузург, ки омад ҳама чизро ба рӯи об мебарорад. Лекин шиддати аввали ин туғьён ки гузашт, ҳар чиз бояд ҷои худро ёбад. Ҳукумати Шӯрой адолати худро барқарор менамояд. Насиб бошад ин Асад Махсум, Наими Талх бариниҳо нест шуда меравurad.

— Лекин то нест шуданашон ман барину шумо бариниҳоро сад-саду ҳазор-ҳазор нест мекунанд.

— Ин ҳам мумкин!..— гуфт Асо ва хомӯш монд.

Вай ба навомада тасаллӣ доданӣ шуда, худаш ба тасаллӣ эҳтиёҷманд шуда монд; Асо ба ғалабаи инқилоб, ба озодӣ, ба ҳуррият, ба тантанаи адолат бовар мекард, лекин гоҳо аз рафти воқеа ва ҳодисаҳои зиндагӣ чизе намефаҳмид, гарангу моту малул шуда мемонд. Ҳоло ҳам сухани охирини ҷавони навомада якбора хаёли ӯро парешон сохт. Дар ҳақиқат ҳам ҷавон рост мегуфт. Ин Асад Махсум бариниҳо то нест шуданашон, то мағлуб шуданашон садҳо Асо бариниҳоро хӯрда, нест карда фиристоданашон аз эҳтимол холӣ нест. Пас, то расидани ёрӣ, то хабардор шудани додгоҳи адолат Асад Махсум ӯро ба қасди Карим ва ба қасди Ҳайдарқул парронда монданаш мумкин. Он гоҳ ба ягона орзую омолаш — ба нияти дидани рӯи фарзандаш норасида, аз лаззати зиндагӣ ва озодӣ дурусттар баҳравар нашуда, аз ин ҷаҳон меравад. Кӣ медонад, шояд Асад Махсум чунон нишон диҳад, ки вай — Асо — одами бад буд, хоин буд, душмани инқилоб буд ва ҳоказо... Пас, номи некаш ҳам абадӣ сиёҳ

шуда мемонад. Фирӯза аз вай рӯй мегардонад, фарзандаш аз гирифтани номи ӯ ор мекунад...

Як оҳи сард кашида мондани ҷавони навомада, Асоро ба худ овард. Ҳис кард, ки дасту пояш сард гашта, қариб аст, ки шах шуда монанд. Пас аз ҷояш ҳаракате карду болиштро дурусттар монда гуфт:

— Биё, ба ин болишт саратро монда хоб кун! Ба ҳар дуямон мерасад. Барои фикру андеша вақтат бисьёр!

Лекин он шаб ҳар дуи онҳо низ хобида натавонистанд. Баръакс шаб хеле дароз буд. Яке аз дарозтарин шабҳои сол буд. Торикии қуюқ соатҳои дароз онҳоро печида гирифта, гӯё мефушурд. Аз ин торикӣ ба ҷисму ҷони онҳо озори фаровон мерасид...

Ниҳоят сапедаи субҳ дамид. Аввал тарҳи болорҳо намудор шуд, баъд чор девори хона муайян шуд. Оҳиста-оҳиста ашьёҳои рӯи хона — коса, кӯза ва офтобаи чӯянӣ аён шуданд. Дар берун роҳ гаштан ва тараддуди мардум ба гӯш расид... Рӯзи тираи тирамоҳ сар шуд.

Асо хамьёзае кашиду сари вазнин ва пурдарди худро боло карда нишаст. Дид ки ҷавон зонуҳои худро бағал карда менишаст ва сараш ба рӯи дастонаш буд. Маълум набуд, ки хоб аст, ё бедор. Ба ҳар ҳол, Асо ба вай халале нагода, аз ҷо бархосту дасту поҳояшро ёзонида, ба рӯи хона қадам зад. Вай ҳанӯз ду бор нагашта, дар кушода шуду посбон фарьёд кард, ки барои дафъи ҳоҷат берун бароянд. Ҷавон ҳам аз ҷо бархосту як хамьёза кашида, аз паси Асо берун баромад. Вақте ки онҳо баргаштанд, дар поёни хона Наими Талх мӯйлабҳояшро тоб дода, рост меистод.

— Ҳа,— гуфт вай ба ҷавон хитоб карда,— мулло Аббос, чӣ тавр? Меҳмонхонаи мо баҷо-мӣ?

Ҷавон ба рӯи Наими Талх, ки аз серию кайфу сафо сурху сафед буд ва чашмонаш ғолибона медурахшиданд, як нигоҳи нафратомез партофту гапназада, гузашта ба ҷояш нишастанӣ шуд. Лекин Наим намонд, аз китфи ӯ дошта, рӯяшро ба тарафи худаш тофт.

— Ба ман ҷавоб те, тирмизак! — гуфт бо дағалӣ Наим.— Ин ҷо маъқул аст, ё хонаи арӯси нозанин?!

— Агар хонаи арӯс, хонаи ту бошад, ин ҷо ҳазор бор бехтар аст! — гуфт ҷавон сахт карда ва бо як ҳаракати қатъӣ дастони Наимро аз китфони худ дур кард. Наим ин тавр муомиларо нигарон набуд, вай якбора даргирифта рафту чӣ гуфтани худро надониста монд:

— Хайр,— гуфт вай, пас аз сонияе дандон хоидан.— Ҳоли ҳамин тавр-мӣ? Бехтарии ин ҷоро ту ҳанӯз надидаӣ! Ҳоло чунон шавӣ, ки мум барин об шуда ба зери поям афтӣ, сагираи лаънатӣ!

— Мана тарсонда наметавонӣ! — ҷавон ҳам паст наомад.

— Овозата гир!— фарьёд зад ниҳоят дар қаҳр шуда, Наими Талх.— Ту мана чӣ гумон карда шиштӣ?! Агар фармон диҳам, ха нагуфта пӯстатро аз чармгарӣ мебинӣ!

— Замона дигар шудагӣ, дастат кӯтоҳӣ мекунад!— гуфт ҷавон ҳам бо ғазаб.

— Замона дигар шудагӣ, замонаи мо шудагӣ! Акнун фармон-фармонии мо шудагӣ! Ҳар чӣ хоҳам мекунам!

Ин магрурии Наимро дида, Асо тоқат карда натавонисту гуфт:

— Шумо худатон кӣ мешавед, ки замона аз они шумо бошад?!

— Ту даҳонатa пӯш, даюс! — гуфт Наим бо ҷаҳл ба сӯи Асо нигариста.

— Овози даюс баромада истодааст! — гуфт Асо.

— Ҳой сагбачча, мана бисьёр оташин накун! — гуфт ба таппончааш даст бурда, Наим.

— Чӣ кор мекардӣ?!

— Ман ҳардуи туро ҳам ба сафар мефиристонам!

— Ҳой босмачӣ! — гуфт аз худ баромада, ҷавон.— Ту ҳар гап дошта бошӣ бо ман гӯй, мана паррон, мепарронда бошӣ, ба ин кас кордор набош!

— Э, ту ҳаромӣ, чиҳо гуфта истодӣ?! — гуфта Наим мехост бо мушт ба сари ҷавон кӯбад. Асо пешдастӣ карда аз банди дасти ӯ дошта гирифту тела дода фиристод. Наим калавида рафта, ба девор хӯрд. Посбон ки то ба ин дам даҳонаш кушод, ба ҷанҷол нигарон меистод, якбора ба худ омаду милтиқашро ша-

қар-шукур карда, ба даст гирифт. Ҳанӯз Наими Талх комат рост накарда аз дар Асад Махсум даромада омаду ба посбон ишора кард, ки милтиқашро ғундорад.

— Ҳа, Наим-Полвон!— гуфт бо тамасхур, Махсум, — ба шумо чӣ шуд, ки сурати девор шудед?

— Ман ин ҳаромзодаҳоро нишон медиҳам, ман! — гуфта Наим таппончаашро аз гилофаш гирифтанӣ буд, ки Махсум наъра зад:

— Ҳайвон, хар, саҳрони беақлу тамиз! Дур шав аз ин ҷо!

Дасти Махсумро дар қабзаи мавзур дида, Наими Талх ҳадаха рост шуду гапе назада, бо сари хам аз хона берун гашт.

— Хафа нашав Асо! — гуфт Махсум бо овози паст ва мулоимона.— Ман ҷазои ин аҳмақро дода мемонам!

Баъд рӯ ба ҷавони навомада карду сар то пои ӯро аз назар гузаронид, вале гап назад.

— Инҳо ношто карданд-мӣ? — пурсид Махсум аз посбон.

— Не, акнун чой мебиёрам.

— Ба ҳавлии дарун гӯй, ширбиринҷ медиҳанд, нон медиҳанд, даст нозада, оварда ба инҳо деҳ!

— Хуб шудааст! — гуфт посбон.

— Имрӯз, насиб бошад, ба сӯхбатамон давом медиҳем,— гуфт Махсум ва аз дар берун шуд.

Вақте ки посбон мехост дарро пӯшида равад, Асо андак дида монд ки Саидпаҳлавон мамнунона табассум карда, ба сӯи онҳо нигаристу гузашта рафт. Дар ин ҷо Асо фаҳмид, ки ногаҳон, дар сари вақт расида мондани Махсум бо кӯшиши кӣ будааст.

— Аз гуноҳи ман гузаред! — гуфт ҷавон ба Асо,— Аз касофати ман, шумо хафа шудед.

— Хеч гап не! — гуфт Асо ба ҷояш нишаста.— Вай, ба қавли Махсум, ҳайвону хар ки бошад, ба ҳама харона муомила мекунад. Дар ин ҷо шумо дахл надоред. Воқеан номи шумо Аббос магар?

— Номи ман Аббос Қозимзода, аз қишлоқи Зираобод.

— Дар куҷо кор мекунед?

— Дар депои Когон... Ҳоло аз ҳабс шудани ман

устоҳою шарикҳо бехабар будагиян... агар модарам дод гуфта ба сарашон нарафта бошад...

— Падар нестанд-ми?

— Не, як модарам ҳаст...— гуфт Қозимзода ва боз хомӯш монд.

Дар ин вақт дар кушода шуду посбон дар як табақ ширбиринҷ, ки ба рӯяш равгани зард рехта буданд ва дар як дастурхон нон гирифта даровард ва ба лаби пойгаҳ монда гуфт:

— Гиретон, шукр карда, ба ҳаққи ҷаноби Асад Махсум дуо кунед!

Маҳбусҳо гапе назаданд. Посбон дарро аз қафояш баста рафт. Маҳбусҳо ҳақиқатан гурусна буданд. Ҳар ду дар байни дастурхон кушода, бо иштиҳои том ширбиринҷро хӯрданд, вале ба ҳаққи Махсум дуо накарда, ба ҳаққи Саидпаҳлавон дуо карданд. Пас:

— Ҳикояти дастгир карда шудани ман ҳамин ки...— гуфта ҷавон ба нақл кардани саргузашти худ сар кард...

## 15.

**Қишлоқи калон ва сераҳолии Зираобод аз Когон се чақрим ба тарафи Ғарб воқеъ гардидааст. Дар қарибии он истгоҳи «Амиробод» бино шуда буд ва ин станцияро баъд аз инқилоб худи аҳолӣ ва коргарони роҳи оҳан истгоҳи «Пролетаробод» ном доданд.** Бисьёрии коргарони ин истгоҳи роҳи оҳан аз ҳамин қишлоқ буда, қисмашон дар депои Когон кор мекарданд. Заминҳои гирду атрофи ин қишлоқ камоб ва шӯразор буда, ҳосили хеле кам медиҳад ва бинобар он аст, магар ки аксарияти мардуми ин қишлоқ аз солҳои бисьёре ин ҷониб нисбат ба деҳқонӣ кори роҳи оҳанро касб кардаанд. Аз ҳамин сабаб ҳам мардуми ин қишлоқ бо халқи рус ҳамеша дар муносибат буда, бисьёрии онҳо забони русиро медонистанд ва аз ҳамин рӯ ғояҳои нави инқилобӣ ба ин ҷо тезтар омада расида, дар кори инқилоб пеш аз дигарон ин мардум иштирок карда буданд.

Дар ин қишлоқ Аббос Қозимзода ном ҷавоне истиқомат мекард. Падараш коргари роҳи оҳан буд.

Вай ҳанӯз дар вақти зиндагиаш Аббосро ба депои Когон бурда ба шогирдӣ гузошта буд. Аббос аз кораш хурсанду мамнун, бо ғайрат ҳунар меомӯхт. Дар дилаш ниятҳои калон дошт. Лекин пеш аз инқилоб нохост касал шуда мурда мондани падараш ӯро хеле ғамгин ва аз ҳама кор дасту дилашро хунук карда монд. Вай чанд рӯз ба кор нарафта, гирья карда гашт. Насиҳатҳои модараш ва ёру дӯстонаш фоида намекард. Ҳар рӯз саҳар қатӣ ба қабристон мерафт ва ба сари қабри падараш гириста менишаст. Ин воқеаро модараш ба рафиқи шавҳараш ва устои писараш — мардаки руси пурдида гуфта, аз вай ёрӣ хост. Усто ба сари қабри падари Аббос рафт ва ӯро дар он ҷо гирьён дида, чанд дақиқа хомӯш нишаст ва баъд гуфт:

— Аббос, чаро ба кор намеравӣ?

Аббос ҷавоб надод.

— Аз ту мепурсам,— гуфт усто.— Чаро ба кор намеравӣ? Магар падарат бою бадавлат буд, ки ту ва модарат мероси мондаи ӯро хӯрда, бемалол зиндагӣ мекунед?

— Мо ба ғайр аз ғаму ғусса дигар чизи мехӯрдагӣ надорем...— гуфт Аббос.

— Пас, мехоҳӣ ки модарат ҳам аз гуруснагӣ мурад?

Аббос ба устодаш нигоҳ карду ҳайрон монд. Бачаи ҳассос ва содда, гӯё ҳамин ҳақиқати талхро фикр накарда буд. Вай гап назаду аз ҷо бархост. Устодаш аз дасташ гирифту назди модараш бурд...

— Аз пагоҳ ба кор меравад,— гуфт вай ба модари Аббос.— Ана ин чанд сӯмро ҳоло, то моҳона гирифтани вай харҷ карда истед, рафиқҳон Қозим ҷамъ карда доданд.

Занак гирист. Ҳам ба марги шавҳараш, ҳам ба ин лутфу марҳамати коргарони роҳи оҳан дилаш об шуд...

Аз он дам сар карда Аббос ҳар рӯз ба кор мерафтагӣ, ҳар рӯз бодиққат ва ғайрат кор меомӯхтагӣ шуд ва дар андак муддат устои оҳангар ном гирифт. Ғайрат ва пухтакории Аббос ба ҳамаи устоҳон дигар маъқул буд. Рафиқонаш ӯро дӯст медоштанд, ки вай бо вуҷуди ин ҳама дониш ва маҳораташ хоксор буд. Бале, хоксорӣ, бо вуҷуди мавҷудияти сабабҳои ифтихор,

яке аз хосиятҳоест, ки ба ҳар кас муяссар намешавад. Хусусан ба ҷавонон! Дар ҷавонӣ кас мехоҳад, ки бо андак муваффақият ва комьёбии худ дар назди дигарон ифтихор кунад, худнамоӣ кунад... Ин хусусияти кӯдакии вай аст, ин табиист. Лекин дар ҳамин синни ҷавонӣ хоксор шуда тавонистан, аломати балоғат аст. Аксаран ҷавонон, дар синну соли Аббос ва дар вазъияти Аббос, ки падар надошт ва ака, ё ука надошт, каси назораткунанда надошт, зуд ба роҳи ғалат рафта, вайрон шуда монданашон мумкин. Дар он рӯзҳо хуррият шуд гуфта, худро ба кӯчаи расвоӣ мезадагон кам набуданд. Майхӯрӣ, арақхурӣ пештар расман манъ буд ва мардум аз магазин рӯйрост харида наметавонистанд, акнун иҷозат шуда буд. Ҳар кас метавонист ба магазинҳои майфурӯшӣ даромада, ҳар чи қадар хоҳад арақ, вино, коньяк бихарад. Дар Бухоро ва Когон ду навъ дӯкон тақрибан дар муддати шабонарӯз кушода буд: баққолӣ ва шаробфурӯшӣ... Падару модарон, ки ҳанӯз тарбияи замони пештара аз шуурашон нарафта буд, писарони худро намегузоштанд, ки шаробхӯрӣ кунанд, вале Аббос барин ҷавонҳои бекас маънию мафҳуми хуррият ва озодиро дар ҳамин дида, мастию бебокиро сар карда буданд. Ҳар чанд ки шароб асрҳо ин тараф боиси илҳом ва мавзӯи таърифу тавсифи шоирони Шарқ будааст, лекин шароб бисьёр вақт боиси асосии бадбахтиҳои одамизод низ шудааст. Шароб хӯрда, ақли худро гум карда, расвоӣ кардагон, шароб хӯрда, бепул монда, ба дуздию ғоратгарӣ қадам мондагон, шароб хӯрда аз хонумону бахту саодат ҷудо шудагон, шароб хӯрда девона шудагон ва хорузор гашта, дар кӯи ғарибӣ ҷон додагон кам нестанд. Шаробро ҳакимона нӯшидан, чи тавре ки бузургонамон гуфтаанд, дар ҷавонӣ тақрибан ғайри имкон аст. Ҳакимона нӯшидани шароб баъд аз таҷриба зиёд кардан, пас аз гузаштани синну сол даст медиҳад... Аммо Аббоси мо шаробхӯр ҳам нашуд. Ҳамаи пули ёфтагии худро ба рӯзғор сарф мекарду зиёдатиашро ба модараш медод, ки сариштa карда монад.

Дар рӯзҳои инқилоби Бухоро Аббос, ҷавони бистсолаи тануманд, фидокорона худро ба тӯдаи ҷанговарони инқилоб нависонд ва ба даст милтиқ гирифта,

ба сӯи калъаи Бухоро ба ҳуҷум рафт. Як ҳафта роҳату ором надошт. Баъд аз фатҳи калъаи Бухоро ғолибона ба қишлоқаш баргашт ва боз ба кори депо машғул шуд. Ғайрат ва фидокории ӯро комитети фирқаи истгоҳи роҳи оҳани Когон махсусан қайд намуд ва бинобар он буд, ки ҷавонони депо ӯро ба худ сардори ячейкаи комсомолӣ интихоб карданд. Ин вазифа барои ӯ нав буд, корҳои ташкилотиро нағз намедонист. Лекин калонсолҳо, таҷрибанокҳо, аъзоёни фирқа ба вай ёрӣ медоданд, кор меомӯхтанд. Вай дар андак муддат ин корро ҳам омӯхт. Лекин маҷлис кушодан ва дар маҷлис маърӯза кардан кори вай набуд... нотиқӣ, маҳмадоной, пешхезӣ ва лофу казоф заданро наомӯхта буд...

Вай ҷавоне буд, кадбаланд, газгӯшт, гандумгун, андак рӯйдароз ва чашму абрусиёҳ. Мӯйлаби майдае, ки дошт ба худаш мезебид ва хеле хушқиёфа ва ширинзабон буд. Дар қишлоқи Зираобод як ҳавлии майда ва работе дошт, дар вақтҳои бекориаш каланд гирифта дар работ кор мекард, сабзавот ва меваҷоти рӯзгорро аз он ҷо мерӯёнид. Зиндагии онҳо, ки фақат як модару як писар буданд, хусусан пас аз инқилоб осудаҳолона мегузашт. Аз ҳеҷ чизе камбудие надоштанд, магар ки як арӯси дилнишин. Модараш шабу рӯз дар ин бора сухан мекард: дар зиндагиам ба муродам расам, туро хушбахт бинам, мегуфт. Лекин Аббос дар ин бора ҳанӯз фикре накарда буд. Духтарҳои гирду пеши худашон ба вай маъқул набуданд. Ман як зан гирам, ки ба ман бахт орад, ба шумо роҳату ҳузур, мегуфт вай, сабр карда истед, канӣ, ба рӯи мо ҳам дари саодат кушода мешудагист... Бале, Аббос дар ин орзу буд... Чанд гоҳ пеш аз ҳабс шуданаш, дар қишлоқи Қӯли Хавок дили ӯро як нозанин асири худ карда буд. Қозимзода дар қишлоқи Қӯли Хавок як холаи бевамондае дошт, ки гоҳ-гоҳ бо модараш ба ҳавлии вай рафтуомад мекард. Ҳавлии холаи ӯ дар ҳамсоягии Наими Талх буда, дар мобайни дарича ҳам доштанд. Як бор Қозимзода, вақте ки бо модараш меҳмонии холааш шуда рафта буд, бегоҳӣ дилтанг шуду ба сӯҳбати кампирҳо халал нарасонам гуфта, ба рӯи ҳавлӣ бaромаду дар канори кати тахтагӣ нишаста, аз

ҳавои форами бегоҳии тирамоҳи қишлоқ каме нафас гирифтанӣ ва дар бораи корубораш фикре карданӣ шуд. Офтоб навакак ғуруб карда бошад ҳам, дар тарафи ғарб осмон ҳанӯз равшан буд, аммо дар тарафи шарқ моҳи чордаҳшаба мисли лаълии заррин дар суфраи нилгуни осмон пайдо шуда буд ва нури ситораҳои бисьёрро хира мекард. Дар ҳаво бӯи алафи хӯшк, ки ба рӯяш шабнам фаромада буд ва бӯи меваҳои гуногун — анҷир, себ, харбуза ва ғайраҳо омехта ба машоми Аббос мерасид. Аз хона оҳиста-оҳиста сӯҳбат кардани ду кампир ва аз гирду атроф нағмаи чир-чиракҳои шабона шунида мешуд.

Аббос фикр мекард, ки дар Зираободи онҳо ин латофатҳои бегоҳонии қишлокро бӯи мазут ва дуди паравозҳо, бӯи кӯлмакҳои он атроф ва садои гудоки корхонаҳо ва поездҳо халалпазир мегардонанд. Ин латофати беғаш хуб аст, лекин безаводу корхона, бемошину паравоз ҳам намешавад...

Вай ғарқи ин хаёлот буд, ки нохост чашмаш ба боми ҳавлии ҳамсоя афтода монду духтареро дид, ки бо чӣ коре машғул шуда, ҳар замон-ҳар замон ба сӯи ӯ нигоҳ мекунад ва табассуми ширине нишон медиҳад. Ба назари Қозимзода чунин намуд, ки вай дар хоб аст ва парии афсонавиро дида истодааст... Вале ба чашми худ дастниҳода, донист ки бедор аст ва ҳар чӣ ки мебинад ҳақиқат дорад... Парии афсонавиро дар ҳақиқат дидан, кори аҷиб аст! Наход ки ин рост бошад? Бале, бале, паризод дар либоси духтарони саҳроӣ ба болои ин бом баромадааст, ки дили ӯро рабояд ва бо худ гирифта, ба ҷоҳои дур, ба паси кӯҳи «Қоф» барад... Набошад, фарзанди одам магар ин қадар барно, ин қадар малеҳ ва ин қадар дилбар шуда метавонад?! Магар дар одамӣ ин қадар ҳусну ҷамол мешавад?! Не, не, ин қади зебо ва мавзун, ин лабу дандони ширин, ин нозу карашмаи ҷозиб, ин латофат ва дилбарӣ, ин чашму абрӯи фусункор, ин мӯҳои сиёҳи ғул ва дароз дар фарзанди одамӣ ҳамааш якҷоя дида нашудааст! Бале, бале, ин паридухтар аст! Ана, ӯро ба сӯяш даъват мекунад, бо ангуштони нозукаш ишора карда, чеғ мезанад... Қозимзода чун коҳ ба сӯи коҳ-

рабо кашида шуд ва ба зери бом рафт. Духтар бошад, бо ширинадой, оҳиста овоз бароварда гуфт:

— Ака Аббос, маро нашинохтед?

Э, худо Аббоси бадбахт афсунгар набошад, ки парихоро мусаххар карда, шиносад...

— Шумо парӣ! — гуфт вай базӯр.

Духтар хандиду сар ҷунбонид.

— Не, ман Нозгул,— гуфт ва,— аз хотиратон баровардед-дия!.. Ман се сол пеш аз ин очакалонам қатӣ Ғиҷдувон рафта будам, ҷанг тамом шуду баргашта омадем... Пештар ман чанд бор шуморо дида будам, лекин шумо дуруст надида будед... Ҳамин хел назар-баланд, шумо!..

— Не агар медидам, ҳеҷ фаромӯш намекардам,— гуфт Аббос.— Шумо ба ростӣ духтари ҳамин қишлоқ ҳастед?

— Ман духтари Наимбой мешавам... ака Аббос!

— Худо ба умру ҷонашон барака диҳад! — гуфт Аббос.— Наимбой хушбахттарини одамони ин қишлоқ будаанд, ки мисли шумо духтар доранд!..

— Надонам...— гуфта монд Нозгул ва боз табассуми ширин намуд.

— Агар шумо Нозгул бошед, агар маро шиносед, чӣ мешавад, ки як дам ба ин сӯ гузаред!

— Не, акаҷон! — гуфт Нозгул бо карашма.— Гузашта наметавонам. Нохост дадем омада монданашон мумкин. Он кас ҳаминхела, бисьёр вақт шабона омада мераванд. Агар дида монанд, мекушанд.

— Хайр,— гуфт Аббос,— ман зуд-зуд ба ҳавлии холаам омада меистам... Бори дигар рӯзона меоям. Он вақт мегузаред?

— Майлаш... Лекин, албатта, биёед! Ман...

Нозгул суханашро тамом карда натавонист, модараш ӯро чег зада, биё гуфт. Нозгул аз бом фаромада, истода, ба сӯи ӯ боз табассум карду оҳиста гуфт:

— Хайр, акаҷон саломат бошед!..

— Шумо ҳам! — гуфта монд Аббос.

Он шаб ба дидаи ҳар ду ҳам хоб наомад, ҳар ду ҳам дар ҷогаҳи худ метапиданд ва дар орзуи ҳамдигар буданд...

Пас аз ин Аббос зуд-зуд ба ҳавлии холаи худ ома-

да мерафтагӣ шуду боре ба пурсиданҳои модараш гуфт, ки дигар илоҷ надорад, духтар дили ӯро мусаххар кардааст.

— Кадом духтар? — ҳайрон шуда пурсид кампир.

— Духтари Наимбой, Нозгулхон! — гуфт Аббос.

— Худоба шукр! — гуфт модар.— Ба ҳамин рӯз ҳам мерасидаам-дия!

Он шаб модару писар қарор доданд, ки он духтарро, ки номаш Нозгул аст, келин карда ба ҳавлиашон биёранд ва аз шамъи ҷамолаш хонаашонро равшан кунанд. Ин маслиҳат ба холаи Аббос ҳам маъқул афтод ва зуд лаълию дастурхон бардошта, ба талабгории духтар ба ҳавлии Наими Талх рафтанд. Модари духтар аз ин хостгорӣ хурсанд шуд, зеро ки вай Аббосро дида буд ва медонист ва бинобар он не нагуфт, фақат ҳамин қадар изҳор кард, ки бо падари духтар, ки дар лашкаргоҳи Асад Махсум хизмат мекунад ва гоҳ-гоҳ омада меравад, маслиҳат кардан ва иҷозат пурсидан лозим аст. Хостгорҳо — модару холаи Аббос ин хабарро ба вай расониданд ва ӯ ҳам ба ғайр аз розӣ шудан, дигар илоҷе надошт. Дар ҳақиқат падари духтар сардор ва соҳибихтиёри оила бояд ин масъаларо ҳал мекард. Лекин тарафдор ва розӣ будани модари Нозгул, ба умед ва орзуи ӯ мададе гашт ва мунтазири омадани Наими Талх шуда гашт...

Вақте ки Наими Талх ба қишлоқи худ, як бӯлак моли ғораткардаашро бардошта овард, занаш дар бораи хостгории Аббосинo хабар дода гуфт:

— Ҷавони ҳалиму ҳазим, як модару як хола дар ин ҷо. Аз ҳамин нағзтар ҷоро намеёбем... Баъд духтаратон ҳам ба қад расида мондааст... Мо ҳам тӯю тамошо карда ба муродамон расем!

— Майлаш, ту розӣ бошӣ, ман ҳам розӣ,— гуфт як дараҷа занашро хурсанд карда, Наим.— Лекин, аввал ман бояд домодро худам санҷида бинам.

— Чияша месанҷед! — гуфт занак ҳайрон шуда.— Чияни Маъсумахолаи худамон мешавад, одами маълум... Мегӯянд, ки дар устохонаи Когон кор мекунад, даромадаш калон, рӯзғораш тинҷ, обрӯю иззат дорад...

— Не, ҳар чӣ ҳам бошад, ман бояд санҷида бинам! — гуфт Наим ва баромада рафт.

Рӯзи дигар Аббос ба хонаи холааш меҳмон шуда буд, ки ин хабарро ба вай расониданд. Нозгул ҳам дар паси ҳавлӣ, дар работи бепарастор мондаи Наими Талх гузашта, бо Аббос вохӯрд ва ин хабарро гуфт:

— Маро чӣ гавр месанҷидааст?— пурсид, ҳайрон шуда Аббос.

— Намедонам,— гуфт Нозгул маъюсона.— Дадем ҳамин зайлин, бадфеъл... Гуфтагешон, гуфта!.. Бечора онем ҳарчанд карданд, нашуд, ман худам месанҷам гуфта, баромада рафтанд.

— Хайр, ту ғам нахӯр ҷонакам! — гуфт Аббос.— Ҳарчӣ қадар ки месанҷида бошад, санҷидан гирад. Ман аз он хел одамҳо нестам, ки аз санҷиш тарсам. Лекин зудтар санҷаду розигӣ диҳад, ки мо тӯйро сар кунем.

Нозгул шарм карда, суп-сурх шуду ба дигар сӯ ниго҃ҳ кард ва хомӯш монд.

Аббос аз хотир гузаронид ки яке аз дӯстонаш гуфта буд: Ҳар ҷо ки парирухест, деве бо ӯст! Дар ҳақиқат ҳам агар ин Нозгул духтари каси дигар мешуд, чӣ мешуд! Дунъё аҷоиб: гул хор дорад, асал занбӯр! Барои расидан ба нуктаи мақсуд албатта бояд аз партгоҳи пурхатар гузаред, барои ба даст даровардани гавҳари мурод, албатта бояд ба поҳоятон хори ҷафо халад ва обила гардонад... Наход ки бе ҳамин айши ҷаҳон талх шавад?! Наход ки ба ҳамдигар расидани ду дилдода, албатта бояд, ба монеаҳо дучор гардад, аз санҷиш гузарад?!.

Аббос ба маҳбубаи худ тасаллӣ дода, аз ӯ ҷудо шуд. Вай, ҳатто аз нӯги ангуштони ба назараш нафис ва аммо дар кору меҳнат сахт гардидаи Нозгул як бӯсае накарда буд. Онҳо дар рӯ ба рӯи ҳамдигар меистоданд, аз дасти ҳамдигар сахт медоштанд ва фақат оҳҳои сӯзон кашида, чашм аз рухсори якдигар намеканданд. На ин, на он ҷуръат намекард, ки зиёда ҳаракате кунад. Нозгул ҳатто гумон мекард, ки ҳеҷ як духтар мисли ӯ ҷуръат карда, бо дилдодааш ин тавр дақиқаҳои дароз, дар ҷои хилват рӯ ба рӯ ва бефаранҷӣ наистодагист! Вай ҳамин тавр худро таъна ва сарзаниш ҳам мекард, вале бештар, пас аз ҷудо шудан аз Аббос, гумон мекард, ки дақиқаҳои боздид

чӣ зуд гузаштанд! Ба даруни ҷогаҳ даромада, дастони худро ки дар кафи пурҳарорати ҷавони маҳбуб истода буд, мебӯсид, бӯ мекашид... ва мегирист... Худаш намедонист, ки чаро мегирьяд. Модари ғамгусор бо тамоми ҳастии худ ҳис мекард, ки Нозгул дар зери кӯрпа гириста хобидааст, лекин чӣ тавр тасалло додани худро намедонист. Ҳуқуке надошт, коре карда наметавонист!

Пас аз як ҳафтаи дигар Наими Талх ба қишлоқ, ба хонаи худ омаду гуфт, ки Аббосро чеғ зананд.

Ин хабарро шунида, Аббос як рӯз аз кораш ҷавоб гирифту ҳар чӣ либосҳои нав дошт, дар бар карда, бо модараш якҷоя ба қишлоқи Кӯли Ҳавок омад. Холааш онҳоро хушнудона пешвоз гирифта гуфт:

— Хайрият омадетон, Наимбой, пойсӯхта шуморо мунтазир аст...

Дақиқае нагузашту аз ҳавлии Наими Талх одам омад, ки домодшаванда ба меҳмонхона гузаранд. Аббос бо сад фикру хаёл ва шарму хиҷолат ба меҳмонхонаи ҳавлии беруни Наими Талх гузашт. Он меҳмонхонае ки як вақтҳо камбағалона буду дар он Асад Махсум як шаб дар арафаи инқилоб хоб карда, ба Наим навиди ҳаёти навро дода буд, ҳоло бошукӯҳ ва пурдабдаба шуда буд. Қолинҳои сурхи патдори «Қизилъаёқ» фарши онро зинат медоданд. Дар тоқу равоқҳои он зарфҳои чинӣ-қашқарӣ барқ мезаданд. Дар меҳҳо ҷомаҳои алоча ва беқасаб ва милтиқу шамшеру таппончаҳо овехта шуда буданд...

Наими Талх бо ду нафар аз дӯстонаш дар пешгоҳ ба болои ҳафт қабат кӯрпа нишаста, майгусорӣ мекард. Аббосро дида, падарвор ба оғӯш кашид, ҳолу аҳвол пурсид ва аз омаданаш шоду мамнун будани худро изҳор кард. Аз ин тавр пешвозгирӣ ва аз ин тавр сар шудани сӯҳбат Аббос хурсанд шуда рафт. Наими Талх бо дасти худаш ба пиёла май рехту ба сӯи ӯ дароз кард. Аббос дар умраш май нанӯшида буд, бинобар он рад кард:

— Ман ба ин кор одат накардаам,— гуфт вай.

— Ин корат нағз! —гуфт Наим.—Ман, худам майхӯр бошам ҳам, майхӯрҳоро дӯст намедорам. Бале, ин корат нағз! Наметавониста бошӣ, асло нахӯр! Чунки

майро ҳам хӯрда тавонистан лозим. Ин ҳам кори ҳар кас не! Бисьёр касон ҳастанд, ки май мехӯранду бардошта натавониста, расво мешаванд. Лекин ман... Ҳа, хайр, биё майлаш, дастам изо накашад, як пиёла нӯш, дигар не!

Аббос ҳайрон шуда монд. Шарикони Наими Талх суханони ӯро тақвия карда гиред, гиред мегуфтанд. Аббос фикр карда нохост ба хаёлаш гузашт, ки ба одами майхӯр андак улфат шавӣ ба табъаш мефорӣ ва маъқул мешавӣ. Барои расидан ба мақсад, барои хотири Нозгули паризод аз дасти падари девталъаташ пиёларо гирифту нӯшид.

— Ҳа, бале! — гуфт хурсанд шуда Наим.— Акнун насиб бошад, агар малоикаҳои омингӯй омин гуфта бошанд, ту ба мо домод мешавӣ. Худи писарамон барин... Бинобар он ҳар чӣ ки ман гӯям, не нагӯй! Ман ба зарари писарам гап намезанам... Хуб-мӣ?

— Хуб шудааст.

Баъд, Наим чӣ як ишорае кард, ки дигарҳо бо ҳар гуна баҳонаҳо аз хона баромада рафтанд. Онҳо ду нафар танҳо ва рӯ ба рӯ монданд. Дар он ҳол Наим боз як пиёла нӯшиду гуфт:

— Аз хостгории ту ба Нозгул ман бисьёр хурсанд шудам... Чунки ҳолаатро медонам! Худат ҳам фарзанди ҳамин атроф, ҷавони бамаънӣ, ӯҳдабаро, коркун! Ман розӣ... Ман розӣ ки ту домоди ман бошӣ! Лекин барои санҷидани ту як шарт ҳаст...

— Марҳамат, коре ки аз дастам биёяд...— гуфт хиҷолат кашида Аббос.

— Ҳеҷ гап не, кори сабук, аз дастат меояд! — гуфт Наим ва аз ҷо бархоста ба даҳлиз ва рӯи ҳавлӣ нигоҳ кард, ки мабодо касе сухани онҳоро нашунавад. Набудани одамро дониста, ба ҷояш баргашту ба гапаш давом дод:

— Ту аз қишлоқи Зираобод мешавӣ-а?

— Бале,

— Дар қишлоқи шумо Ғанӣ мерган гуфтагӣ кас ҳаст, мешиносӣ?

— Ҳа, мешиносам,— гуфт Аббос ҳанӯз ба мақсади Наим пай набурда.— Ғанӣ мерган ҳозир сардори милицияи Пролетаробод шудагӣ...

— Медонам. Аспаш ҳаст-а? Аспи нағзаш ҳаст?

— Ҳа, аспи таърифӣ дорад.

— Офарин! Офарин! Ман ана ҳамон аспи ӯро гирифтан мехоҳам...

Аббос ҳайрон шуд. Ин мақсади Наими Талх ба санҷида шудани вай чӣ дахл дошта бошад? Ба ҳар ҳол фикри худро гуфт:

— Вай аспашро намефурӯшад.

— Инро ҳам медонам,— гуфт Наим.— Агар мефурӯхт ҷон гарав, ҷома гарав, як тӯрба тилло хоҳад ҳам, дода мегирифтам. Лекин гап дар ҳамин ки баччағар намефурӯшад, аспашро аз худаш дур намекунад. Бинобар он барои ба даст даровардани он асп фақат як роҳ мемонад... Чӣ?

Аббос ҳайрон ба рӯи Наим нигарон монду ба суолаш ҷавоб надод.

— Зада гирифтан! — гуфт Наим бо як ҳаросати калон ва табассум кард.

— Чӣ хел?— боз ҳайрон шуда пурсид Аббос.

— Ана, гап дар ҳамин ки чӣ хел?! гуфт Наим, гӯё ки муаллими дарси мантиқ бошад.— Акнун ба гап бо диққат гӯш кун! Чӣ хел гуфта мепурсӣ? Хелаш ҳамин ки... Ғанӣ мерган ярок дорад, одам дорад ва худаш ҳам хеле нотарс ва бӯзбала, мерган, тираш ба хато намеравад... Ман бо ду-се нафар одами худам рӯйрост зада рафта, пахш карда гирифта наметавонам. Паррон-паррон шуда монданаш мумкин, ки кор ба расвой меанҷомад. Бинобар он дар ин ҷо ҳиллаю найрангу ҳушьёрӣ ба кор бурдан лозим...

Аббос оҳиста-оҳиста ба мақсади ифлоси Наими Талх гӯё, пай бурдагӣ барин шуда, нисбат ба вай дар дилаш нафрату ҳисси ғазабу бадбинӣ пайдо шудан гирифт. Вай ба суханони ӯ ҷавобе надода, бо чашмоне ки дар онҳо аломати ҳайрат ва парешонӣ ҳувайдо буд, ба рӯяш менигарист...

— Гап ҳамин ки,— гуфт ба тағьир ёфтани ҳолати домодшавандааш пай набурда, Наим.— ту аз ҳамон қишлоқ мешавӣ, ҳатто ҳамсояи Ғанӣ мерган ҳастӣ, агар хато накунам... Ҳамаи роҳу пайраҳа, ҳамаи кунҷу бахилаҳои ҳавлии ҳамсояи худро медонӣ. Дар ин

кор ту ба ман нағз ёрӣ дода метавонӣ... Гап ана ҳамин! Фаҳмидӣ? Санҷиши ман ҳам ҳамин мешавад.

— Яъне чӣ? — бо нафрат пурсид Аббос.

— Яъне,— гуфт ҳолати нафрати ӯро аз ҳаяҷон ва тарс гумон карда, Наим,— Яъне... Э, ту натарс! Ҳеҷ гап не! Ба гапи ман гӯш кун! Ин кор ҳамин хел мешавад: Як шаби қулайро муайян мекунем. Ҳамон шаб ману шарикҳоям дар қарибии қишлоқи шумо, дар ягон пасхамӣ поида менистем. Ту бошӣ, ҳама ки хоб карданд, оҳиста аз девори ҳавлии Ғанӣ мерган мефароию, оҳиста аспро кушода, аз ҳавлӣ мебарорӣ ва ба мо оварда месупорӣ... Вассалом! Баъд аз ин, агар хабардор шуда монад ҳам, аз дасти ман аспро гирифта наметавонад... Ин ҷанҷол ки яктарафа шуд, дарров, насиб бошад, тӯйро сар мекунем. Дар тӯй кӯбкорӣ (бузкашӣ) хабар мекунем... Тӯи аҷоиб мешавад! Ту хонадомод мешавӣ, хӯрдагет да пешат, нахӯрдагет да пасат! Тӯра барин зиндагӣ мекунӣ. Чӣ гуфтӣ?

Аббос ҳис кард, ки дасту пояш аз камоли ғазаб ба ларза даромадаанд, дилаш сахт мезанад. Вай, дандон хоида истоду аввал чизе нагуфт, баъд:

— Не,— гуфт ва аз ҷо бархост.— Ман дуздӣ намекунам!

— Ин дуздӣ не! Ин мардӣ, ин чолокӣ, ин олуфтагӣ, нодон!

— Не, ин дуздӣ ва номардӣ аст! — гуфт Аббос сахт карда ва аз хона баромада рафт.

— Аз сари худат бохабар бош, набошад! — гуфта монд аз қафояш Наим.

Пас аз як ҳафтаи ин воҳӯрӣ, як шаб Наими Талх бо се нафар одамони мусаллаҳи худ омада, аз номи комиссияи фавқулоддаи инқилоби атрофи Бухоро Аббос Қозимзодаро ҳабс карда, гирифта бурд. Ба Асад Махсум ва Оқилов дар шоҳидии одамҳои худаш гуфт, ки гӯё Қозимзода одами босмачиҳост ва дар қишлоқҳои атрофи Қоғон гашта, бар зидди Асад Махсум аризаҳои шикоят нависонда ба марказ мефиристодааст...

Аббос саргузашти худро ба Асо гуфта доду илова кард:

— Аз дасти ин ифлос ҳар кор меояд... Барои сафед кардани худаш ҳаракат мекунад, ки маро тезтар аз миён бардорад.

— Гапи бекор! — гуфт Асо.— Мамлакат бе ҳоким ва бесоҳиб-мӣ?! Ҳукумат ҳаст, фирқа ҳаст, коргарҳои депо ҳастанд... Наход ки...

Асо суханашро ба охир расонида натавонист, дар кушода шуду посбон даромада, ӯро ба назди Асад Махсум даъват намуд.

## 16.

Фирӯза аз корҳои ташкилии клуб каме фориғ шуда, ба кабинеташ даромаду ба рӯи дивани мулоим нишаст ва як оҳ кашид. Хеле монда шуда буд. Ҳис мекард, ки дучониаш аз ҳар ҷиҳат маълум шуда истодааст. Акнун мисли аввала бисьёр даво-давӣ карда наметавонад. Ба ҳар ҳол хайрият ки ҳамин клуб ҳасту ҳамин кор ҳаст! Набошад вай девона мешуд. Охир пас аз вохӯрдан бо Куйбышев ва инчунин ваъда додани Низомиддин қариб се рӯз гузашт, лекин аз Асо дарак нест. Фирӯза дарун-дарунашро мехӯрд, хобу хӯр ба вай ҳаром шудааст. Аммо рӯзонаҳо ба клуб меояд, ба ҳеҷ кас нафаҳмонида, ба духтарҳо ва занҳо бо табассум муроҷиат мекунад, ҳатто бо онҳо шӯхӣ мекунад, ба дарсу машғулияти онҳо иштирок мекунад, ба муаллимаҳо маслиҳатҳо медиҳад, бо идораҳо ва хизматчиҳо муомила мекунад... Аммо дилаш, як кунҷи дилаш ҳамеша сӯхта меистад, мисли оташи чӯғ! Чӣ бояд кард? Чӣ бояд кард?.. Ҳамеша ин суол дар майнаи ӯ ҷавлон мезанад...

Ниҳоят, ғайрат ва ҷасорати ирсӣ дар ӯ бедор гашт. Ба соати деворӣ нигоҳ кард, ки сеи баъд аз пешин шудааст. Зуд аз ҷо бархосту ба хонаи муаллимаҳо рафта, ба мудираи илмӣ гуфт, ки вай ба назди Ҳайдаркул, ба Кумитаи Марказии фирқа меравад... ва фаранҷию чашмбандро ба сар гирифта, ба кӯча баромад. Вай азм дошт, ки пиёда-пиёда, суроғу пай карда, рост ба Чорбоғи Дилкушои берун меравад ва аз ҳоли Ойиша хабар гирифта, аз Асо ҷӯён мешавад. Бо ин мақсад, роҳро кӯтоҳ кунам гуфта, ба воситаи

растаи челонгарӣ ва таи тоқи Телпак ва аз растаи Атторӣ гузашта, ба роҳи калони дарвозаи Қавола баромаданӣ буд, ки ногоҳ дар зери тоқи Телпак Мирак, ҳамон Мираки писари Саидпаҳлавон, ки ба ӯ хонаи Ҳамроҳхонро нишон дода буд, дучор шуда монд. Фирӯза овоз набароварда, аз китфи ӯ дошт. Мирак бо ҷаҳл баргашта нигоҳ карду дарҳол Фирӯзаро шинохт.

— Ассалом, апа Фирӯза! — гуфт вай.— Нағз ҳастед, саломат ҳастед?

— Шукр, шукр! — гуфт Фирӯза.— Ин ҷо одам бисьёр, биё бо ман, он тарафтар равем, ман ба ту як кор дорам.

— Майлаш, ҳар чӣ кор фармоед ба ҷон! — гуфт Мирак ва аз паҳлӯи Фирӯза қадам задан гирифт.

Он вақтҳо бозорҳо ва растаҳои Бухоро гашта ҷон гирифта, ҳамаи дӯконҳо кушода шуда ва дар кӯчаҳо одам бисьёр буд. Фирӯза ва Мирак аз растаи серодами Атторӣ гузашта, ба тарафи растаи чойфурӯшӣ ва сарои ангишт баргаштанд ва ниҳоят дар таи соботи бозори ҷав манзили аз мардум холиро ёфта, камтар дам гирифтанд ва Фирӯза аз Мирак пурсид, ки чӣ кор карда гаштааст, чаро дар мактаб не?

— Ман мулло шудам! — гуфт Мирак табассум карда.— Дар се моҳ мулло шудам бас!

— Ба ростӣ? Дар кадом мактаб мехонӣ?

— Дар мактаби «Учунчӣ Тӯрон» мехондам,— гуфт Мирак.— Баъд аз ба шаҳр кӯчида омаданамон, дадем бурда монданд. Лекин ҷанҷолу мағали мактаб калон будааст, ба ман нашуд!

— Чаро? Чаро? — гуфта, ки Фирӯза ба ҳолу ҷони Мирак намонд, вай саргузашти мактабхонии худро нақл карда дод:

— Мактаби «Учунчӣ Тӯрон» дар гузари Пои Остона, дар ҳавлии як иҷорадори машҳур кушода шуда буд. Се синфи дарсхонӣ дошту дар болохона идораи мактаб ва ҷои муаллимон буд. Нағзии мактаби нав дар ҳамин буд, ки аз пагоҳ то бегоҳ ҳафтьякхонӣ ва чоркитоб такроркунӣ набуд, қариб як соат як муаллим медаромад, баъд вай мебаромаду бачаҳо камтар бозӣ карда, боз ба синф медаромаданд ки ин

дафъа муаллими дигар дарс медод. Ҳамин тавр, сечор дарс мехонданду ҷавоб мешуданд. Дафтар, китоб, қалам, сиёҳӣ ҳамааш бепул буд. Худи мудири мактаб оварда медод. Фақат як ҷузгир, ё халтаи китобмонак лозим шуд, ки онро модари Мирак аз ҷилди кӯҳнаи қуръон сохта дод. Дар мактаб ҷӯраҳои нағз ҳам буданд, бозиҳои нағз ҳам мекарданд. Лекин як рӯз мудири ба вай китобу дафтар додагӣ ҳамаи бачаҳои се синфро ба як синфи калон ҷамъ карда гуфт, ки пагоҳ вай аз ин мактаб меравад, маориф ба ҷои ӯ каси дигар таъин кардааст. Агар бачаҳо хоҳанд ва ҷуръат кунанд, метавонанд ӯро нигаҳ доранд ва нагузоранд, ки каси дигар ояд. Бачаҳои маҳмадоно, хусусан сардорҳои синфҳо ва «човуш»-и[1] мактаб гуфтанд, ки ба мо мудири дигар лозим не, рафтани ин мудирро намехоҳем. Дар он ҳол мудир гуфт, ки майлаш, пагоҳ, вақте ки мудири нав омада, барои бо шумо шинос шудан ба синф медарояд, ҳамаи шумо якбора аз дару тирезаҳои хона худро ба берун андозед ва ба ӯ саломи алейк накунед! Он тарафашро худи ман баробар мекунам.

Рӯзи дигар ҳамаи бачаҳои мактабӣ дар ҳамон синфи калон ҷамъ буданд, ки мудири нав бо муаллимҳо омада даромад. Дар баробари салом бачаҳо, гуфтани вай, гуррӣ карда ҳама аз дару тирезаҳо ба рӯи ҳавлӣ рехтанд. Мудири нав марди мудаббир буд, магар ки ба ҳеҷ кас гапе назаду бо муаллимҳо ба идора баромада рафт. Баъд, Човуш ва сардорҳои синфҳоро чеғ заданд, муддати зиёде дар болохона сӯҳбат шуд. Пас боз занг заданд ва ҳар кас ба синфи худ даромада, ҳар рӯзаинкӣ барин дарс хондан гирифт. Як моҳ гузашт, бо ин мудири нав акнун омӯхта шуда истода буданд, ки ӯро ҳам гирифта ба мактаби нав кушода шудагӣ мудир таъин карданд ва ба мактаби «Учунчӣ Тӯрон» як тошкандии хоболуд таъин шуда омад. Мудири нав мардаки бадқавоқ ва бадфеъл буд. Намозу рӯзаро сахт медошт ва дар синфҳо дар-

---

[1] Човуш гуфта гӯё «вожатий»-ро меномиданд. Човуш сардори талабаҳои мактаб буд, дар вақтҳои намоиш ӯ машқ дода мерафт.

си динӣ бисьёр шуда монд. Худи вай дарси динӣ медод. Дар худи синф обу офтоба оварда, чӣ тавр таҳорат карданро меомӯхт ва маҷбур мекард, ки бачаҳо панҷ вақт намозро тарк накунанд ва рӯза доранд.

Човуш ҷавони нотарс ва бағайрат буд. Вай рӯйрост бо мудир ҷанг карда, рӯза доштан нахоста, аз мактаб баромада рафт. Ба ҷои вай сардори синфи Мирак мехондагиро човуш карданд, ки дар дарси динӣ пешқадам буд. Дар ҳамин қарибӣ, дар моҳи рамазон, ки дарсҳо баъд аз пешин шуда буд (чунки рӯзадорон то ба ними рӯз мехобиданд), Мирак барвақттар ба мактаб омада, бо ҷӯраҳояш хуб бозӣ карда гирифт. Нимта кулчаи равғанӣ, ки дар вақти ба мактаб омаданаш модари дилсӯхта дода буд, то ба сар шудани дарс хӯрда шуд. Бо ташвиқи Мирак чандин ҷӯраҳои рӯзадор ҳам рӯзаашонро шикаста, нону майиз хӯрданду об нӯшиданд. Вай мегуфт ки ҳамин қадар сол дар саҳро кор карда гашта, вай ягон бор рӯза надошта, намоз нахондааст... Аммо худо ба вай ҳеҷ коре накардааст... «Худо ба бачаҳо ғамхор аст, рӯза надоред ҳам аз гуноҳатон мегузарад!» Шояд ҳамин ташвиқотҳои вай ба гӯши мудир расида бошад, ё ки умуман худи мудир бадфеъл, ки буд ҳодисаи аҷибе шуд: вақте ки баъд аз пешин ҳама ба синф ҷамъ шуда, шӯхӣ карда менишастанд, аз болохона бо қавоқи гирифта мудир фаромада омаду ба Мирак хитоб карда, ба забони ӯзбекӣ:

— Су кетир! — гуфт.

Мирак ки ҳанӯз аз таъсири бозиҳои пуршавқ халос нашуда буд, гумон кард ки мудир мехоҳад ба рӯи поли синф об пошонда, рӯбонад ва бинобар он, бо сад машаққату азоб аз болохона як сатили пуробро бардошта фаромад ва ба синф дароварда ба пеши мудир гузошт. Мудир ҳам гап назада, аз ҷо бархосту кашидаю кушода як шатронии обдор ба рӯи Мирак зад, ки бачаи бечора чанд қадам калавида, қариб буд ба замин ғелида равад.

— Офтобаӣ кетир! — наъра зад мудир ба Мирак, ки аз чашмонаш оташакҳо мепариданд. Мирак дар умраш аз қасе шатта нахӯрда буд ва падараш ба вай

талқин карда буд, ки ҳеҷ гоҳ корро ба шатта нарасонад ва агар лозим шавад, ки касе ӯро занад, бояд ҷавобашро диҳад. Ҳоло мудираш, мудири мактаби нави шӯрой муаллими дарси динӣ,ки қадаш ду баробар аз Мирак баланд ва дастонаш ҳам даҳ баробар қувваи Миракро доштанд, ӯро зад... Пас, чӣ кор кунад? Чӣ бояд кард? Дар дақиқаи аввал Мирак давида аз синф баромад ва беихтиёр ба болохона, ба идораи мактаб рафт, ки офтобаи сафолин дар он ҷо истода буд. Вақте ки офтобаро гирифта поён мефаромад, қаҳру ғазабу алам сад чандон афзуда буд. Вай офтобаро оварда, чунон бо қаҳр ба пеши пои мудир партофт, ки он пора-пора шуд ва обаш бари камзӯли дароз ва эзорпочаҳои мудирро тар кард. Мудир ҷаҳида аз ҷо бархост ва бо ғазаб даст бардошта, Миракро задан мехост, ки ҳамаи бачаҳо гуррӣ карда аз парта бархостанд ва дар ин дам чашми мудир ба чашмони пурғазаби Мирак афтода монд, ки аз ҳолати он чашмон беихтиёр дасти боло бардошта шудаи мудир поён фаромад. Мирак ҳам рафта аз партаи худ ҷузгирашро гирифту гапе назада баромада рафт.

— Бо ҳамин хондагемо бас! — гуфт ба ҳикояташ хотима дода Мирак. Фирӯза аз ин ҳикоят ҳам механдид, ҳам дар ғазаб шуда буд.

— Дадет ин воқеаро фаҳмид? — пурсид вай.

— Не, ҳолӣ нафаҳмиден,— гуфт Мирак.— Як хафта боза дадема даракашон не, очем хавотир...

— Набошад,— гуфт Фирӯза,— биё, ҳозир ба пеши дадет меравем. Қори ман мегуфтагӣ ҳам ҳамин буд: Ман мехостам ки ту ба ман роҳбалад шуда, ба Дилкушон беруи, ба пеши дадет гирифта барӣ, ту албатта роҳро медонӣ, якчанд бор рафта омадагистӣ?

— Роҳро медонам-ку...— гуфт фикр карда истода Мирак.— Лекин дадем чӣ мегуфта бошанд?

— Дадет хурсанд мешаванд, ба ту офарин мегӯянд! — гуфт Фирӯза.— Парво накун, ман ҳастам! Биё, лодарҷон, тезтар равем, ки бевақт шуд.

— Пойтин киро кунем чӣ? — валлаъматона таклиф кард Мирак.

— Майлаш-ку,— гуфт Фирӯза,— лекин то ба ху-

ди Чорбоғ не, аз дур ки дарвозаи Чорбоғ намуд, фаэтонро ҷавоб медиҳем.

Онҳо аз бозори алаф ба як фаэтони якаспа нишаста ба тарафи беруни шаҳр, ба сӯи чорбоғи Дилкушо равона шуданд. Фирӯза ки аввалин тарафдори нест карда шудани фаранҷию чашмбанд буд, ҳоло баръакс хурсанд буд, ки хайрият фаранҷию чашмбанд кӣ будани ӯро ба мардум нишон намедиҳад. Набошад, хаёл мекард ки гӯё ҳама медонанд ки вай ба Чорбоғи Дилкушо рафта истодааст ва ҳама гӯё, бо як навъ назари суол, шубҳа ва тамасхур ба вай нигоҳ мекарда бошанд...

Аммо Мирак аз фаэтонсаворӣ хурсанд ва мағрур буд. Дар паҳлуи Фирӯза чун баҳодур сар бардошта менишаст ва аз худо мехост ки як-ду нафар аз ҷӯраҳояш вохӯранд ва фаэтонсавории ӯро бинанд. Афсӯс ки ягонта ошнои вай ин ҳолати ӯро надида мондаид ва фаэтон аз шаҳр берун шуд.

Қариб як чақирим дуртар аз Чорбоғи Дилкушо фаэтонро ҷавоб дода, пиёда шуданд.

— Боз пинҷ пойтин катӣ мерафтем, мешуд,— гуфт ба роҳ гаштанҳои бемадоронаи Фирӯза нигоҳ карда истода, Мирак.— Ҳолӣ чорбоғ наменамояд.

— Майлаш, оҳиста-оҳиста меравем,— гуфт ба ҷавоб Фирӯза.— Ҳеҷ гап не...

Вале дар ҳақиқат дилаш мезад, пойҳояш аз ҳаяҷони номаълуме суст шуда буданд. Оё чӣ мешавад? Мабодо ба дасти худи золим афтода монад? Саидпаҳлавон онҳоро бо хабари хуш пешвоз мегирад ё ки хафа мекунад? Аҳволи Асо чӣ бошад? Ин чорбоғ ки пештар манзилгоҳи айшу ишрати амир буд ва чӣ қадар номусҳо дар ин ҷо барбод рафта ва чӣ қадар зулму ҷабру ҷафоҳо, ки дар байни деворҳои ин боғ дар ҳаққи мазлумагон гузашта, ҳоло низ ҷои хавфу хатар аст. Гирифтугир ва ҷабру ҷафои Асад Махсум, мегӯянд, ки аз гирифтугиру ҷабру ҷафои амир камтар набудааст. Одамони вай ба сари фуқарои гирду атрофи Бухоро чӯб мешикастаанд...

— Ана дарвозахонаи Чорбоғи Дилкушо намуд!— гуфт Мирак, хаёли Фирӯзаро пароканда кар-

да.— Илоҳӣ дар пеши дарвоза қалавури[1] ошно бошад...

— Қаровули ошно ҳам дорӣ? — пурсид Фирӯза.

— Ҳа, дорам,— гуфт Мирак ва аз Фирӯза саҳл пештар қадам гузошт. Охир, вай роҳбалад аст-ку!

Дарвозахонаи Чорбоғи Дилкушо дар охири кӯчаи рост ва сердарахт воқеъ гашта, ҳашамат ва дабдабааш аз дур бинандаро ба худ ҷалб мекард. Дар вақти амир ҳеҷ яке аз фуқаро ба сари ин кӯча дохил шуда наметавонист, чӣ ҷои он ки ба назди дарвоза! Ҳоло ба ин дараҷа набошад ҳам, лекин дар дами дарвоза ва гӯшаҳои девори чорбоғ посбонҳо «чатма зада» нишаста буданд. Ин ҷо қароргоҳи комиссияи фавқулоддаи мубориза бо босмачиёни атрофи Бухоро мебошад, ки раиси он Асад Махсум аст. Ба ин ҷо бе иҷозат пашша дарояд параш, оҳу дарояд сумаш месӯзад. Бедарак нест, ки халқ ба ин мазмун ба забони ӯзбекӣ чунин шеъре гуфтааст:

Эрта бирлан тоғга борсанг,
Тоғ шамолӣ тортадур,
Беиҷозат боғга кирсанг,
Махсум кӯрса отадур!

Аммо, хайрият ки ба толеи онҳо он рӯз дар дами дарвоза Орзуқулино навбатдорӣ мекарданд ва онҳо писари Саидпаҳлавон — Миракро хуб мешинохтанд. Мирак бо рӯи хандон ба онҳо наздик шуду саломалейк ва пурсупос кард ва баъд гуфт, ки бо хоҳараш ба пеши дадеш омадааст, як кори зарур ва маслиҳат бароmaда монд...

— Кори зарур баромада бошад, марҳамат! — гуфт Орзуқул.— Чорбоғи Дилкушо ба паҳлавонзодаҳо кушода!

Мирак раҳмат гуфту бо «хоҳараш» ба даруни ҳавлии боғ даромад. Дар он ҳавлии калон хонаю меҳмонхонаҳои бисьёре буд. Лекин Мирак медонист, ки ҷои падараш таҳхонаи зери суфа аст. Вай рост ба таҳхона рафт, ки Саидпаҳлавон ба ошпаз биринҷ баркашида медод.

---

[1] *Қалавур* — қаравул — посбонон.

— Салом дадаҷон! — гуфт вай.— Мо омадем... як кор баромад...

— Салом, салом! — гуфт занаки фаранҷинокро ҳамроҳи Мирак дида, паҳлавон.— Хуш омадетон! Шинетон, шинетон! Ман ҳозир...

— Чанд кас мешуда бошад? — пурсид ошпаз.

— Як-даҳ кас мешудагиянд... Ба ҳар ҳол бисьёртар паз!

Ошпаз халтаи биринҷро бардошта рафт. Фирӯза чашмбандашро андаке боло бардошта ба Саидпаҳлавон салом дод. Хуш аз сари вай парид.

— Фирӯза?! — гуфт беихтиёр ва ба ӯ наздиктар рафта сар ҷунбонид.— Барои чӣ омадед?

— Омадам ки ё маро ҳам ҳабс кунед, ё Асоро озод!

Саидпаҳлавон бо баҳонаи ба ташнави рӯи ҳавлӣ холӣ кардани шаммаи чойник, берун бароmаду ба чор тараф нигоҳ карда, хотирҷамъ шуду ба таҳхона даромад ва гуфт:

— Чанд рӯз боз серкор шуда монда, ба шаҳр фаромада натавонистам. Лекин аз Асо як дам бепарво шудагем не... Ман нағз медонам, ки ба вай ҳеҷ чиз намешавад. Махсум ба калони худаш ваъда дод, ки ӯро ҷавоб медиҳад. Лекин худам медонам, ки то ба ҳамин рӯз Махсум ҳам осуда шудагеш не. Гоҳ ба Вобканд, гоҳ ба Зандани мерафт... Аз тарафи дигар ҷанҷоли Ҷаббор кӯрбошӣ... Сари худаш гаранг... Ман ҳам вақт ёфта ба хотираш оварда натавонистам, ки Асоро озод карданаш лозим.

— Хайр, худи Асо чӣ тавр? Дар куҷо?

— Асо дар ҳавлича, дар хонаи алоҳида, бо як ҷавони Зираободӣ нишастааст. Аз ҳар ҷиҳат тинҷ, лекин озод не. Аз хӯрокаш ҳамеша худам хабардор...

— Ғаму ғусса мехӯрдагист, харобу адо шудагист?

— Албатта хурсанд не, шуморо ёд мекунад, зиқ мешавад, лекин ман тасаллӣ дода менстам.

— Аз Ойиша чӣ хабар? Аҳволаш чӣ тавр?

— Ойиша! — гуфту даст афшонда монд Саидпаҳлавон.— Ойиша нағз, гӯё ки хушбахт...

— Не, бовар намекунам!

— Ана даромада бинед! Гул-гул шукуфта гаштааст.

— Ойиша-а?

— Бале, Ойиша! Ҷияни ҷӯрем Ҳайдарқул!

Фирӯза моту мабҳут шуда монд. Мирак ки дар ин муддат таҳхона, халтаҳои биринҷу шакару орду нахӯту дигар чизҳоро аз назар мегузаронид, якбора ба гап ҳамроҳ шуд:

— Холаҷон,— гуфт вай,— агар хоҳед ман шуморо ба ҳавлии дарун, ба пеши Ойиша-холем ҳам бурда метавонам.

— Ту бисьёр корҳо мекунӣ, агар ба ихтиёрат монанд! — гуфт танбеҳ карда, падараш.

— Ман ҳеҷ кор накардем-ку! — гуфт маъюс шуда Мирак.

— Нопурсида ба ин ҷо омаданат чӣ?!

— Ба ин ман гунаҳгор! — гуфт дарҳол Фирӯза.— Ба ҳолу ҷони вай намонда, ман гирифта овардам... Ҳа, гуфтагӣ барин, Мирак аз мактаб қаҳр карда рафтааст.

— Чӣ хел? Кас аз мактаб қаҳр ҳам мекунад-мӣ?

— Ҳа, мудираш як шатронӣ зада, димоғашро сӯзондааст.

— Ягон кор кардагист ки задааст?

— Ҳа, ягон кор! Ягон кор! — гуфт ба чашмонаш ашк гирифта Мирак.— Фақат ягон кор...

— Не, ҳақ ба ҷониби Мирак, дадеш! — гуфт Фирӯза.— Ман ба ҳавлии дарун даромада, аз ҳоли Ойиша хабар гирам. Хайр, ту хафа нашуда, воқеаи дар мактаб шудагиро гуфта те!

Мирак гап назад. Вай ба онҳо пушти худро баргардонида, ба болои халтаи ҷав менишаст.

— Агар ба ҳавлии дарун мерафта бошед, эҳтиёт кунед!— гуфт Саидпаҳлавон.— Мабодо Махсум дида монад, нағз не. Лаънатӣ девори намкаш... Хафа карда мондаваш мумкин...

— Хуб, хуб,— гуфт Фирӯза ва суроғи роҳрави ҳавлии дарунро карда, аз ҷо бархост ва аз таҳхона баромад.

Дар рӯи ҳавлии берун ҳеҷ кас ба вай дучор нашуд. Аз роҳрави торик гузашту ба ҳавлии дарун даромада

буд, ки дар пеши дари ошхона Бибирачаброро дид, ки дар як корсонтабақ мош тоза карда истодааст.

— Ассалом! — гуфт фаранҷии худро аз сар гирифта Фирӯза. Бибирачаб, корсонтабақ дар даст, ҳайрон шуда монду дар сонияи аввал ҳатто гап зада натавонист, вале зуд худдорӣ карда.

— Ассалом,— гуфт.— Ман хобам, ё бедор? Фирӯзаҷон!

Вай табақро ба рӯи суфаи ошхона партофту тохта омада бо Фирӯза вохӯрдӣ кард.

— Қадом шамол парронд? Ин чӣ рӯзи нек будааст! Ҳар чӣ сиҳат, саломат ҳастед? Оймулло сиҳат-мӣ? Марҳамат ба хона! Ойишаҷон дар хона, дарз дӯхта истода буд... Чанд рӯз боз гӯшама мехӯрад, ки як мошкичирӣ пазед, ҳавасам рафтааст, гуфта... Хайр, гуфтам, майлаш, ҳар рӯз оши палав ба дили худам ҳам зад... Акнун мош тоза карда истода будам, ки абруи чапам паридан гирифт. Худоё худовандо, аз куҷо хурсандӣ ба ман рӯй медода бошад, гуфта будам, ки шумо даромада омадед... Канӣ, ба хона марҳамат! Ойишаҷон, меҳмон омад!

Ойиша дар дами дари даҳлез онҳоро пешвоз гирифт. Куртаи хонатласи марғилонӣ ба тан, калапӯши зардӯзии ҳаштқубба ба сар якшоха монда шудагӣ, мӯҳо майда бофта шудагӣ, дар гӯш ҳалқаҳои почакдори алмоскорӣ, дар ангуштҳо ангуштаринҳои қатор... хандону шукуфону сурху сафед...

— Апа Фирӯзаҷон! — гуфт вай ба ӯ часпида ва сахт-сахт бӯсида, намедонист, ки чӣ кор кунад, чи тавр аз сару ҷони вай гардад...— Ҳар чӣ меомадеддия?! Моҳоро писанд карда... Ман гумон карда будам, ки ҳама аз мо рӯ гардондагӣ... Худоба шукр, худоба шукр!

Лекин Фирӯза чӣ гуфтанаш ва чӣ хел муомила карданашро надониста, ба қадри ҳол ба суолҳо ва ба тамаллуқҳо бо табассуми сохта ҷавоб медод ва ламлум мекард. Хайр, ба хонаи ороста ва пероста даромаданд, ки бо қолини қизилаёқи туркманӣ, бо кӯрпачаҳои шоҳию бахмалу болиштҳои пари қу фаршаш ороста, дар як сӯи пешгоҳи хонаи калон каравоти симини қуббакории васеъ бо ҷойпӯшҳои каши-

дадӯзӣ гузошта шуда, дар току равоқҳо мису мисина ва чиниворихои қиматбаҳо, дар меххои болои кат таппончаю шамшерҳо овезон... Дар поёни хона ойинаи булӯрини то сақф баланд шудагӣ. Се тирезаи калони он хона ки бо шишаҳои сурху зарду кабуд оро ёфта буд, аз дарун пардаҳои тӯри сафед дошт, ки дар он вақтҳо дар камтарин хонаҳо ёфт мешуд.

Фирӯза аз қарибии тирезаи миёна нишасту омин гуфт. Соҳибони хона ба вай хуш омадед гуфтанд. Баъд якбора ба миён хомӯшӣ афтод. Тарафайн намедонистанд, ки гапро аз чӣ сар кунанд. Фирӯза намедонист, ки ӯро табрик гӯяд, ё тасаллӣ дода, аз саломатии Карим хабар диҳад. Ба гумон, Ойиша ҳам худро ногувор ҳис мекард ва чӣ як андешае ӯро фишор медод. Ниҳоят ба ин хомӯшӣ Бибираҷаб халал дода гуфт:

— Ҳайдарқул — дoдарам чӣ тавр? Ҳеҷ мебинед?

— Дуруст, кор карда гаштен,— гуфт Фирӯза ва пас аз андак хомӯшӣ илова намуд: — Ин воқеаҳоро шунида хеле бесаранҷом, хеле хафа шуданд...

— Ҳа, тақдиру насиба! — гуфт кампир.— Мо чӣ медонистем, ки корҳо чаппаю поскуно шуда мерафтаанд. Набошад, ба Ғиҷдувон барои тӯю тамошо кардан рафта истода будем... Каримҷони сарсахт нобуд шуд, босмачиҳо парронданд, баъд ана ин Махсум моро ба ин ҷо гирифта оварду шабу рӯз нагуфта ба Ойишаҷон пашшаю парвона шуд, кас монд, худаш зорию зурна кард, охир никоҳи мусулмонӣ хонда, ба ин хона даромад. Ҳозир худоба шукр нағз, ҷой намеёбад ки Ойишаҷонро шинонад, рӯй-рӯйи хона бардошта мегардад, мардаки каппа-калон худи бача барин ошиқ шудагӣ... Ойишаҷон мур гӯяд мемурад, зӣ гӯяд мезияд...

— Ойишаҷон чӣ? — тоқат накарда пурсид Фирӯза.

— Ойишаҷон ҳам... Охир, одам-дия, ҷавон, лутфу марҳамат ки дидан гирифт, ин ҳам...

— Чӣ кор кунам апаҷон,— гуфт Ойиша ҳам ба гап ҳамроҳ шуда.— Тақдиру насиба ҳамин будааст. Худо ба ман Каримҷонро эб надида будааст, ана Махсум шуд. Акнун чашмам, ки ба рӯи ин кушода шуд, дилам ҳам ром гашт... Албатта, ҳар вақт дуо хонда, ба арвоҳи Каримҷони шаҳид фотиҳа мехонам, баччаи бечора ҷувонимарг шуд... Илоҳӣ ҷояш ҷаннат бошад!

Фирӯза донист, ки Махсум инҳоро фиреб дода, Каримро мурд гуфта хабар додааст ва пас ба мақсадаш ноил гардида, то як дараҷа дили духтарро ҳам ба даст гирифтааст. Бинобар он нахост, ки дарҳол дар бораи зинда будани Карим хабар дода, ҳолати модару духтарро тағьир диҳад.

— Махсум ишқу муҳаббатро медонад-мӣ?— қасдан пурсид вай.

— Гуфтеду мондед! — гуфт Ойиша. — Ба гумонам ҳеҷ мард, мисли Асад Махсум ошиқ шуда наметавонад ва агар ошиқ шавад ҳам ин тавр шайдо намешавад. Аввалҳо ман ҳеҷ намехостам, ки рӯяшро бинам, аз тухму табақаи мард безор шуда будам, ҳамеша дар пеши назарам Каримҷон буд. Лекин оҳиста-оҳиста ин Махсум чунон кард, ки ман ҳамаро фаромӯш кардам. Ба ростӣ ки ба ман мурданивор дил баста будааст ва ҳамин меҳру муҳаббати вай ба ман ҳам гузашт, маро ҳам девона кард...

— Ман медонам, ки мардак ҷанговар, хунхор, аз қамчинаш хун мечаккад, ҳама аз вай метарсанд,— гуфт Бибираҷаб. — Лекин Ойишаба мондаиба, тамом одами дигар! Чунон меҳрубон, чунон дилҷӯ, чунон ширинзабон, чунон нозбардор, ки ҳеҷ мондан гиред! Бедарак нагуфтаанд, ки ба гапи хуш морро ҳам ром кардан мумкин! Ана, ин мардак ҳамин хел кард. Ба ҳар ҳол, додарам аз мо ранҷидагист, ман медонам ки дар байнашон дуруст созиш не. Лекин рафту худо карда, ҳамин Ойишаҷон боис шаваду ин ду душман бо ҳамдигар оштӣ шаванд!

— Не, ҳеҷ вақт оштӣ намешаванд! — гуфт Фирӯза. — Акнун домоди шумо-ку, хайр ба шумо маъқул шудааст, илоҳӣ қӯшапиру аёлманд шаванд, лекин домодатон бисьёр корҳо кард ва карда истодааст, ки инсофу мурувват он тараф истад, аз рӯи одамгарӣ не!

— Чӣ кор кардааст?— норозиёна пурсид Ойиша.

— Хурдатарини кораш ҳамин, ки Асоҷони маро як ҳафта боза оварда ҳабс карда мондааст!

— Асоҷон? — ҳайрон шуда, модару духтар пурсиданд.

— Бале, Асоҷонро, шавҳари маро, аз барои шумо!

— Аз барои ман?!— боз ҳайронтар шуда, Ойиша пурсид.

— Бале, аз барои шумо! — гуфт Фирӯза. — Чунки Асо пас аз тир хӯрда, ба болои роҳ афтода мондани Каримҷон, ӯро бардошта, ба Бухоро оварду ба касалхона гузошта, сиҳат кунонд!

— Чӣ? Чӣ? — гуфта ранги Ойиша сафед канд.— Каримҷон, зинда?

— Вой худойэ! — гуфт кампир. — Каримҷон зинда-мӣ? Ҳозир дар куҷо?

— Ҳозир вай дур рафтагӣ, сардораш барои дуруст сиҳат шуда омаданаш, намедонам ба куҷое фиристодаанд.

Ойиша тоқат карда натавониста, якбора гиръя карда сар дод.

— Вой Каримҷон! Вой Каримҷон! — мегуфт вай ва ба зонуи худ мезад.

— Акнун фоида надорад! — гуфт Фирӯза. — Дар ҳақиқат тақдиру насибаатон набудааст. Бо фиребу макр бошад ҳам Махсум шавҳари ту шуда гирифт, ба тақдират тан додӣ, акнун гаштан мегирӣ! Лекин Махсумҷони ту барои Карим шуда Асоро ҳабс карда мондааст. Акнун агар рӯю хотир мекунам гӯӣ, қадршиносӣ мекунам гӯӣ, имшаб дар вақти омадани шавҳарат гӯй, ки Асоро сар дода монад. Карим дар ин ҷоҳо нест ва ба шумо кордор намешавад. Замонаҳо нав шуд, акнун дил-дили Зайнаб!

— Ҳа, офарин!— гуфта аз дари даҳлез худи Махсум даромада омад. Ҳар се зан, ки ба дарди дилгӯӣ ғарқ шуда монда буданд, аз омада ба даҳлез даромадани вай бехабар, якбора овозашро дар хона шунида, як қад аз ҷояшон парида рафтанд.

— Акнун дил-дили Зайнаб шудагӣ! — ба гапаш давом дод Махсум.— Салом, Фирӯзаҷон, хуш омадед, ҳар қадам мондед болои дида! Ман худам шуморо дида, ба гуноҳҳоям эътироф намуда, узр хостанӣ будам. Ба ростӣ ки ин одамҳои ман, ин маовинҳои ман агар саллая биёр гӯед, рафа каллая гирифта мебиёранд. Чанд рӯз ин тараф аз серкорӣ хабар

надорам, ки дар ин ҷо будагиҳо чӣ шуданду чӣ монданд. Ҳозир омадани шуморо фаҳмида, донистам ки лаънатиҳо Асоро ҳанӯз ҳам ҷавоб надодаанд... Хайр, боке не. Асо дар ин ҷо ҳабс набуд, меҳмон буд.

Фирӯза аввал чизе гуфта натавонист. Буғзу кинаю адоват нисбат ба ин марди дурӯя, ҷаллод ва бераҳм гулӯи ӯро фушурда гирифта буд... Баъд андаке худдорӣ карду сар бардошта гуфт:

— Ман барои Асо не, ба муборакбодӣ омада будам...

— Ҳа, — гуфт Махсум ба хотири модарарӯсаш аз ҷо нимхез шуда, зеро ки кампир барои дастурхон гирифтан бархоста, ба даҳлез мебаромад.— Ҳа, ташаккур, раҳмат! Дидӣ, Ойшаҷон Фирӯзаапет ба муборакбодӣ омадам гуфта, ҳам сари моро ба осмон мебардоранду ҳам ба диламон нештар мезананд. Дуруст аст, ки мо тӯй карда натавонистем, ба ростӣ ки як коса обро ба миён гузошта, никоҳ хондему ман ҳалқаи ғуломии ана ҳамин паризодро ба гардан андохтам.

Ойша шарм карда:

— Шумо ҳам! — гуфту аз ҷо бархоста, тохта ба даҳлез баромад.

— Шарм кард! — гуфт Махсум аз паси Ойша нигоҳ карда.— Тасаддуқи шарму ҳаёят шавам! Шумо бовар намекунед, албатта, маро фиребгар, соҳир ва афсунгар медонед... Ихтиёратон, ҳар чӣ гӯед! Лекин, ба ҳаққи Қаломулло қасам, ки ман ба ин духтари нозанин дар як дидан дил бастам, ошиқ шудам ва тайёрам барояш ҷонамро фидо кунам. Шумо гумон мекунед, ки ман ӯро бо қайду фиреб, ё ки тарсонда ба доми худ даровардам, не! Ман дили ӯро бо оташи ишқу муҳаббати худам нарм кардам...Ончунон ман дил бохтагӣ, ки гуфтан мушкил! Ана ҳамин муҳаббати бепоёни ман, ана ҳамин ишқи поки ман ӯро ба ман ром кард ва аз баҳри ҳама даргузашт, ба ман расид... Дигар чизе ба ман лозим не ва аз ҳеҷ хатар боке надорам...

Ман агар комраво гаштаму хушдил чӣ аҷаб,
Мустаҳиқ будаму инҳо ба закотам доданд!

Фирӯза дар ҳақиқат ҳайрон шуда монд. Вай ба ин суханони Махсум бовар кард ва донист, ки ӯ ҳеч набошад, ҳозир, дар гуфтани ҳамин суханҳо самимӣ аст ва дар ҳақиқат ба Ойиша ошиқ гаштааст. Ошиқ шудан ва дар ҳақиқат дилбохтани Махсум алҳақ ҳайратовар аст, хусусан барои Фирӯза, ки ӯро нағз медонист.

— Карим даъво кунад, Ҳайдаркул дод занад, мардум ҳар чӣ гӯянд, ихтиёрашон! — гуфт ба гапаш давом дода Махсум. — Шумо нағз гуфтед, ки ҳоло замонаи озодӣ, замонаи дилхоҳӣ расид — дил дили Зайнаб аст! Ман ҳозир баромада, агар хоҳед аз ин ҳавлию хонаҳо фарсахҳо дур меравам ва шумо хуб таъкид карда аз худаш пурсед, канӣ чӣ мегӯяд. Агар гӯяд, ки ман ӯро зӯран гирифтам, дили вай набуд...

— Ман медонам, ман фаҳмида гирифтам, — гуфт Фирӯза.— Ҷон шубҳа намонд, ки ҳамаи сеҳру афсунро дар ин байн, ишқу муҳаббат бозидааст. Хайр, модоме ки худи Ойиша мехоҳад, ҳеч кас коре надорад. Каримҷон ҳам ба худаш муносибашро ёфта мегирад, безан намемонад.

— Ҳа, офарин! — гуфт Махсум. — Акнун аз шумо хоҳишмандам, ки дидагӣ ва шунавидагиҳоятонро бетарафона ба Ҳайдаркул тағояш баён кунед.

— Кошкӣ кудурат аз миён бардошта мешуд! — гуфта монд Бибираҷаб, ки аз даҳлез дастурхонро гирифта меовард.

— Кошкӣ!— гуфта монд Фирӯза ҳам, вале дар дилаш боварӣ дошт, ки ҳазорҳо Ойишаҳо кудурати байни Махсум ва Ҳайдаркулро бартараф карда наметавонанд.

Дастурхон партофта, лаълии ширабор оварданд. Махсум як пиёла чой хӯрда аз ҷо бархост:

— Шумо гап зада шинетон, ман сонитар медароям, — гуфт ва баромада берун рафт. Дар сари дастурхон се зан нишаста, чой менӯшиданд ва ҳар кадом ба фикру андешаи худ банд буд. Фирӯза к... як кунҷи дилаш ба Ойишаи сарсахт ва номурод м... сӯхт, ки ба дилдораш расида натавониста, ба дас... золим гирифтор шуда мондааст... Лекин ба ин ... омада дид, ки ҳамаи он фикру хаёлҳо ботил буд...

анд, хаёт ва зиндагӣ худаш ин гирехро кушодааст, Ойиша баръакс гӯё, хушбахт ва бомурод аст. Хайр, чӣ.. мегуфт ба худ вай, ошиқ ҳамон аст, ки маъшуқаша хуш кунад! Модоме ки Асад дили Ойишаро бурда тавонистааст, майлаш, ихтиёраш! Ҳайдарқул амак ҳам бояд бо ин ҳол муросо кунанд, дигар илоҷ не! Лекин вақте ки Махсум бо ҷиноятҳо олуда шуда, фош мегардад, вақте ки маҳкамаи одили халқӣ ӯро маҳкум карда ба ҷазои сахт гирифтор мекунад, ана дар он ҳол ба Ойиша мушкил мешавад. Агар Ойиша ақл дошта бошад, ҳамин ишқу муҳаббати ӯро дастак карда истода, ӯро ба роҳи дуруст, ба роҳи ҳаққу адолат медарорад...

Аммо Ойиша дар бораи Қарим фикр мекард. Қарим зинда будааст... Маълум мешавад, ки Асад Махсум ӯро дар ин масъала фиреб додааст. Қарим агар бо вай рӯ ба рӯ шуда монад, Ойиша чӣ тавр ба рӯи ӯ нигоҳ мекунад, ба суолҳои ӯ чӣ ҷавоб медиҳад?! Ман дар роҳи ту ҷонамро дареғ надоштам, аз паси ту, барои халосии ту ба роҳи инқилоб даромадам, бо аскарҳои амир ҷангидам, туро аз байни ҳазорҳо асираҳо ёфта гирифтам, бо умеду орзуҳо ба роҳ баромадем... Чӣ шуд?! Он ишқу муҳаббат чӣ шуд? Фаромӯш кардӣ? Ба суханҳои ширини Асад фирефта шудӣ? Бале, Қарим ҳақ дорад, ҳамин тавр гӯяд! Лекин Қарим аз аҳволи ӯ бехабар аст. Ойиша ҳам дар байни маргу зиндагӣ буд, Ойиша ҳам қариб мурда буд... Ойиша шабҳо, рӯзҳои бисьёре дар ғами Қарим, ба ёди Қарим нахӯрд, наосоид... Лекин чӣ кор кунад, ки афтода мондани Қаримро бо чашми худаш дида буд. Ин мардак, ин Асад Махсум зӯроварӣ накард, ва ҳоло он ки метавонист, зулм накард ва ҳол он ки аз дасташ меомад... Фиребу найранг накард, ҳар чанд ки ба он маҳорат дорад... Фақат кӯшиш кард, ки дили ӯро ба даст орад, бо муҳаббат, бо самимият, бо фурӯтанӣ, бо садоқат боварӣ пайдо кунонид ва баъд баномусона бо ҳамаи қоидаи мусулмонӣ никоҳ кард ва ду дил як шуданд... Хай, майлаш! Фирӯза худаш дид, шунид... Наход ки таъна ва сарзаниш кунад?

Модари Ойиша, Бибираҷаб аз духтараш зиёда-

тар дарунашро мехўрд. Охир, вай Каримҷонро чун фарзанди худ калон карда буд. Ойишаро ба вай қариб гаҳворабахш карда буд, хонадомод мекунам, як фарзандам, ду мешавад, хотири арвоҳҳо, хотири гузаштагон шод мешавад ва ҳама аз ин тўй, аз ин никоҳи дилхоҳ хурсанду шоду мамнун мешаванд, гуфта буд... Ҳайдаркул махсусан таъин карда буд, ки тўи сурх кунанд, аввалин тўи сурх, тўи нави ҳамин замонавӣ кунанд гуфта буд. Баъд, боз дар Бухоро худаш,— Ҳайдаркул сардор шуда истода, тўй карданӣ буд... Ҳамаи ин орзу ва ниятҳо бо як тир аз миён бардошта шуданд, корҳо чаппаю поскуна шуда рафтанд. Хайрият ки ҳоло ин мардаки бадтол ба инсофӣ кард, зўроварӣ накард, бо ризою рағбат ва қоидаю қонуни мусулмонӣ никоҳ карда гирифт... Хайр, тақдирамон ҳамин будааст. Фирўзаҷон духтари боақлу боҳуш, худаш диду шунид. Ба тағош ҳам рафта, рости гапа мефаҳмонидагист...

— Ҳайдаркул ҳам бисьёр якраҳа ва зўъм аст,— гуфт ба хомўшӣ халал дода Бибираҷаб.— Чаро гуфтан ман нашуд, гуфта истоданаш мумкин. Лекин ҷон Фирўзаҷон, илоҳӣ барака ёбед, аз худатон чизе пинҳон намонд, нағз карда фаҳмонед, аҳволи моро гўед ва... агар тавонад, як бор биёяд, бо мо оштӣ шавад.

— Майлаш, майлаш,— гуфт Фирўза.— Мегўям, албатта мегўям. Шумо ҳеҷ андеша накунед, ҳеҷ гап не... Тақдиру насиба ҳамин будааст. Қанӣ, вақту фурсат гузарад, худи рафти зиндагӣ ҳаман каҷҷу килебиҳоро дуруст карда мемонад.

— Қанӣ, гиред, даҳон ширин кунед!— гуфт Ойиша Фирўзаро ба дастурхон муръат карда...

Дар ин дам Асад Махсум дар меҳмонхона ба маовинҳояш ва сардорони аскаронаш маҷлиси хеле махфӣ ва хеле муҳим мегузаронид. Ба Наими Талх ва Саидпаҳлавон супорида шуда буд, ки аз атрофи боғ ва гирду атрофи ҳавлии боғ бохабар бошанд, ҳеҷ кас, ҳеҷ ҷонзоте ба меҳмонхона ва ё қарибии он роҳ наёбад!

Асад Махсум ба дўстони худ марому мақсадашро

кушода дода, аз планҳои имрӯза онҳоро бохабар мекард:

— Росташро мегӯям, ки ман ба шумо бародаронам ҳар мушкилро осон карда метавонам. Ба қаҳрамонӣ, фидокорӣ ва нотарсии шумо боварӣ ва эътиқодам калон аст. Лекин чӣ тавре ки гуфтам, дар оянда ният ва нақшаҳои калон дорем. Корҳои калон ва мақсадҳои бузург бе қуввати калон, бе қуввати тавоно ба даст намедароянд. Ман мехоҳам, ки дасти мо дар ҳаман корҳо боло бошад. Ман мехоҳам, ҳамин комиссияи мо, ки ҳоло назарногирак менамояд, асоси Ҳокимияти Шӯрой дар Бухоро бошад. Бояд мо ва шумо фармонфармо бошем, корҳоро бояд мо ва шумо ҳал кунем... Набошад, мамлакат аз даст меравад. Бале, бале, мамлакат аз даст меравад! Аз як тараф англисҳо, аз тарафи дигар амир ва босмачиҳо ва аз як тараф русҳо... Ба гумонам дар ин ҷо будагон ҳеҷ кас намехоҳад, ки боз гашта ғуломи амир, ё ки ҳиндуҳо барин асири англисҳо шавад! Ҳукумати ҳозираи ҷумҳурияти Бухоро дар ин бора фикр намекунад... Беруни шаҳрро ба мо супорида, худашон дар кошонаҳо бо кайфу сафо машғул. Зӯр биёяд ба Тошканду Москов муроҷиат мекунанд. Гап ин тавр нашудааст-дия!

Ана, бино бар он ман хостам, ки дастаи Ҷаббор қӯрбоширо таслим кунонда, ба худамон ҳамроҳ кунам. Аз як кас ду кас нағзтар албатта! Лекин, тахмин Ҷаббор таклифи моро қабул намекунад, мехоҳад ки ба пеши пои пошшо-бибӣ бурда ҳаман яроқашро партояду гӯяд, ки вай дигар ҷанг намекунад. Ман бисьёр гап задам, фаҳмондам, нашуд. Аҳмақи якрав не мегӯяд. Имшаб сӯҳбати охирин ва қатъии мо мешавад, ё тир мекафад, ё ҷувоз!

Як-ду нафар аз хушомадгӯёни Махсум хандида гуфтанд:

— Албатта косахонаи сари Ҷаббор мекафад!

— Ҳа, бале! — гуфт Махсум. — Ана бинобар он ҳам ман шуморо чеғ задам. Аввалаш ҳамин ки имшаб мо фақат худи Ҷаббор қӯрбошӣ ва ду маовини бадтоли ӯро хабар кардагӣ. Зиёфат калон мешавад. Майлаш, онҳо бо яроқ биёянд, лекин мо ҳама гӯё

беяроқ менамоем. Яроқҳои мо — таппончаҳои пуртир дар таки хонтахта, дар ҷоҳои муайян мешавад, ки инро шумо медонед. Ҳамин ки ман ишора кардам, Наими Талх,— ту, Оқилов шумо, Исматҷон ва худи ман баробар таппончаҳоро гирифта ба синаи онҳо рост мекунем. Саидпаҳлавон ва одамони ӯ ки аввал ба дастурхон хизмат мекунанд, якбора дар дами дар ва тирезаҳо бо милтиқҳои тайёр пайдо мешаванд ва мо Ҷабборро шариконаш катӣ беяроқ карда, дастҳояшонро мебандем ва мувофиқи қарордод ба Чека бурда ба воситаи одамони онҳо дар Регистон мепарронем.

Дар ин байн шумо — саркардаҳо ҳамаи одамонатонро номаълумакак ба гирди ӯрдугоҳи босмачиён бурда, муҳайё ва омода нигоҳ медоред. Шумо, Исматҷон сардорӣ мекунед. Ҳамин ки мо кӯрбошӣ ва шариконашро бурда ба Чека супоридем, ба ӯрдугоҳи йигитҳои кӯрбошӣ меравем ва ҳамаро тобеи худамон мекунем...

— Онҳоро ба худамон ҳамроҳ мекунем? — пурсид Оқилов.

— Бале, супориш ҳамин тавр шудагӣ... Лекин ман фикр мекунам, ки баъдтар онҳоро ром карда, ба худамон ҳамроҳ мекунем ва яроқашонро баргашта медиҳем... Лекин ин дар байни худамон монад!

Махсум гапашро тамом карду фикр пурсид. Маовин ва ёридиҳандагонаш, ки феъли ӯро нағз медонистанд, ҳама бо як забон нақша ва планҳои Махсумро маъқул донистанд. Пас, Махсум ба ҳар кадоми онҳо супориши махсус дода, маҷлисро пӯшида эълон намуд. Саркардаҳо аз меҳмонхона баромада, дар тараддуди кор шуданд. Асад Махсум Саидпаҳлавонро ҷеғ зад.

— Зуд рафта, Асоро ба ин ҷо биёред!

Саидпаҳлавон хурсанд шуда, рафт ки Асоро биёрад, зеро медонист, ки Асо озод мешавад ва Фирӯза хеле осуда мегардад. Асо дар хонаи якдара пой месӯхт. Зеро ки аз Саидпаҳлавон омадани Фирӯза ва нияти Махсумро дониста буд.

— Қанӣ биё Асоҷон!— гуфт Саид. — Махсум ҷеғ мезанад, ягон кушоиш мешудагӣ барин.

Асо ба рӯи ҳавлӣ баромад. Посбони тан дар хост ки бо милтиқаш ӯро пеш андозад, лекин Саидпаҳлавон ишора кард, ки лозим не. Посбон ҳам аз худо талабида ба тарафи манзилаш рафт. Асо дар муддати ин чанд рӯз хеле лоғар шуда, рангаш канда монда буд. Лекин навиди Саидпаҳлавонро шунида чеҳрааш кушода шуда буд.

Ҳамин ки ба меҳмонхона даромад, Фирӯзаро дид, ки ба сараш фаранҷӣ, вале рӯяш кушода, бо Махсум нишаста сӯҳбат мекунад. Вай аввал як ларзиду рашкаш омад, вале зуд ба худ омада, бо ду дасти кушод худро ба сӯи Фирӯза партофт ва ӯро дар оғӯш гирифт.

— Салом, салом! — гуфт вай ба Махсум аҳамият надода.— Ҳарчӣ туро медидем, ҳар чӣ ҳамин рӯз будааст!

— Набошад, чӣ гумон карда будӣ?! — бо табассум пурсид Асад Махсум ва худаш ҷавоб дод:— Мо туро фақат як чанд рӯз аз ташвиши зиндагӣ ва ҷангу ҷӯши Фирӯзахон халос карда, оварда меҳмон кардем. Дигар ҳеҷ гап не!

— Ҳа, нағз-мӣ шумо? Осуда бошед, осуда бошед! — мегуфт Фирӯза ба вай.

— Ба меҳмон кардагиатон раҳмат! — гуфт сахт карда Асо.— Агар шуморо ҳам мо ҳамин тавр меҳмон мекардем, намедонам чӣ мегуфтед!

— Мо ҳеҷ чиз намегуфтем! — гуфт хандида Асад ва пас аз каме хомӯшӣ аз ҷо бархоста ба Асо ва Фирӯза наздик шуду ба гапаш давом кард: — Хайр, маъзарат мехоҳам. Аз тарафи ман-мӣ, аз тарафи маовинҳоям-мӣ, як нофаҳмие шуду муртакиби ҳамин гуноҳ шудем. Боз маъзарат мехоҳам, хафа нашав! Ман ба Фирӯзахон ҳама гапро гуфтам, ин кас аз гуноҳи мо гузаштанд. Гумон мекунам, ки ту ҳам ба дилат намегирӣ. Баъд аз ин, ин корҳо такрор намешавад.

— Илоҳӣ такрор нашавад, ки, — гуфт Фирӯза,— акнун нағз намешавад. Мо аз зулми амир халос шудем, озодона ҳаёт мегузаронем, мегӯем, боз ҳамин хел рафторҳо шуда истад, намедонам чӣ гӯям... дигар тоқат кардан мумкин не!

— Не, не, хотирчамъ! — гуфт Асад. — Ман ва ҳамаи рафиқони ман барои осуда хобидани шумо, ба саломатии шумо шабу рӯз ором нагирафта посдорӣ мекунем. Хайр, ба шумо бевақт шуд. Ман фармудам, фаэтон дар таки дарвоза мунтазир, ба ҳавлиатон бурда мемонад. Ана, ин аз ман ба шумо як ҳадьяи беарзиш!

Асад Махсум аз дасти Саидпаҳлавон чомаи беқасабро гирифта ба китфи Асо партофт ва як сарбанди калони абрешиминро ба китфи Фирӯза гузошт.

Фирӯза аз чашмони Асо хонда дид, ки мехоҳад ҳадьяи Махсумро рад кунад, бинобар он зуд ба гап даромада гуфт:

— Ҳеҷ чиз лозим набуд! Лекин азбаски амаки Саидпаҳлавонам ташвиш кашида овардаанд, майлаш, раҳмат ба шумо!

Худи Махсум, Саидпаҳлавон ва Наими Талх онҳоро то ба беруни дарвоза гусел карда, ба фаэтони дуаспаи калон ва боҳашамат савор карданд, ки Мирак аллакай дар он ҷо буд.

— Дада, шумо чӣ? — пурсид вай аз Саидпаҳлавон.

— Ман пагоҳ ба хона меравам, — гуфт Саидпаҳлавон. — Ба очет салом гӯй!

— Хуб шудааст! — гуфта монд Мирак.

Саидпаҳлавон ишора карда, фаэтон ба роҳ даромад. Фирӯза ва Асо ба сӯи ин пири пуртадбир бо миннатдорӣ ва ташаккур нигоҳ карда, сар ҷунбониданд...

## 17.

Комитети Марказии Ичроияи Бухоро дар болои арк, дар ҳавлии қушбегӣ, ки вайрон нашуда монда буд, ҷо гирифта буд. Он вақтҳо Регистони Бухоро ҳам тақрибан ба ҳоли пештараи худ буд: дар як тараф масҷиди Поянда, дар тарафи дигар мадрасаи машҳур ва таърихии Дорулшифо,[1] дар миёна майдо-

[1] Мегӯянд, ки дар мадрасаи «Дорулшифо» дар вақташ Абӯалӣ ибни Сино кор карда ва дарс додааст.

ии сангфарш, дар охир роҳи калон ва баъд бозор, ҳавз ва масҷиди болои ҳавз... Дар болои дарвозахонаи арк, бо хатти ҷалӣ ва ҳарфҳои калон лавҳае буд, ки ба забони туркӣ: «Бухоро марказн иҷроия Қумитасӣ» навишта шуда буд. Дар айвони нақорахонаи арк соати калони ақрабакаш якметрӣ меистод. Кумитаи марказии иҷроияи Бухоро

Дар дами дарвозаи арк ду нафар милиция нигаҳбонӣ мекарданд, вале иҷозат буд, ки мардум ба болои арк бароянд ва ҳар аризае, ки доранд, ба комитети инқилобӣ баён намоянд. Лекин ба ҳар ҳол мардум ба он ҷо камтар мебаромаданд — шояд воҳимаи сулуки амирӣ ҳанӯз аз байн нарафта буд. Дар болои арк меҳмонхонаи Раҳимхонӣ, айвону тахти мармарин он, ҷо ба ҷо буд ва иҷозат буд, ки мардум даромада тамошо кунанд. Аммо дар дами дарвозаи ҳавлии қушбегӣ боз милиция ва комендант буд ва фақат пас аз донистани мақсади муроҷиаткунандагон, ба даромадан иҷозат медоданд. Тарафи ҳарам ва ӯрда, ки тамом сӯхта, хароб гашта буд, масдуд буда, тахта зада монда шудагӣ буд.

Он рӯз дар меҳмонхонаи калони ҳавлии қушбегӣ, ки кабинети раиси Қомитаи иҷроия буд, маҷлис давом мекард. Дар маҷлис Мирзо Муҳиддин, Абдуқодир Муҳиддинов, Усмон Хоҷаев, Муинҷон Махсум, Азимҷон Шарифҷонов, Ҷӯра Қорвон, Раҳмат Рафиқ, Мухтор Саидҷонов, Орифов, Аҳмадҷон Абӯсаидов, Низомиддин, Ҳоҷӣ Ҳасанбек, Ҳайдарқул, Ҳакимов ва дигарон ҳозир буданд. Дар як тараф Асад Махсум, муовинҳояш — Оқилов ва Исматҷонҳо низ нишаста буданд.

Дар ин маҷлиси муҳим, ки масъалаи фаъолияти Асад Махсумро муҳокима мекарданд, Файзулло Хоҷаев набуд, бо кори муҳим ба Москва рафта монда буд. Ҳарчанд Ҳайдарқул хост, ки то омадани вай ин масъаларо таъхир диҳад, лекин барои чӣ буд, ки раёсати Қомитаи Иҷроияи Марказӣ талаби ӯро қабул накарданд, бо баҳонаҳои бисёре ин масъаларо дар ҳамин маҷлис муҳокима карданӣ шуданд.

Раиси маҷлис Абдуқодир Муҳиддинов буд. Вай яке аз арбобони давлати республикаи халқии Бухо-

ро буда, заковат ва фаросати зӯр дошт. Лекин давлат, мансаб ва ҷоҳ ӯро водор мекард, ки гоҳо барои таъсири нуфуз ва мағлуб кардани тарафи дигар, ки ба пеши роҳи ӯ ғов мешуд, аз Асад Махсум барин касон истифода барад.

Дар маҷлиси онрӯза масъалаи аввал —масъалаи маориф ва ба хориҷа фиристодани талаба буд. Дар ин хусус нозири маориф — Қорӣ Йӯлдош Пӯлотов сухан мекард:

— Мо дорулмуаллимин кушодем, курсҳои эҳзорӣ кушодем ва кӯшиш дорем, ки ҳар чӣ зудтар барои мактабҳо муаллим, барои идораҳо хизматчӣ ва барои хоҷагии халқ мутахассисон расонем. Вале афсӯс ки мо бо талаби ҳаёт по ба по рафта наметавонем, қудратамон намерасад. Агар бо роҳи худаш ба расидани кадрҳо мунтазир шавем, камаш боз се-чор сол лозим аст. Бинобар он мо қарор додем, ки ба хориҷа талаба фиристода кадр тайёр кунем. Ҳоло дафъаи аввал ба Маскав, ба Тошканд, ана баъд ба Германия, ба Берлин ва ба Туркия талаба мефиристонем.

— Туркия ва Германия талабаҳои шуморо қабул мекунанд, ё не? — пурсид Усмон Хоҷа.

— Қабул мекунанд! — гуфт Қорӣ Йӯлдош. — Мо ба воситаи сафирҳои худамон гапзанон кардем, вазирҳои маорифи ҳар ду мамлакат ҳам розӣ шуданд... Албатта, барои таҳсил ва зиндагии талабаҳо як миқдор пул лозим мешавад, ки ҳамаи он дар ин нақша ва смета дохил карда шудааст.

— Ба Германияи дур талаба фиристодан зарурмӣ? — пурсид Ҳайдарқул. — Руссияи худамон дорулфунунҳои бисьёре дорад. Ана Ленинград, Қазон, Харков, Боку...

— Ба ин ҷоҳое, ки шумо номбар кардед, низ талаба мефиристонем. Як қисми талабаҳо ба Боку аллакай рафтанд. Дар Москва, дар Ленинград ҳам талабаҳо ҳастанд ва боз мефиристонем. Лекин ба Германия талаба фиристода, мо мутахассисҳои техникӣ, инженерҳо, духтурҳо тайёр мекунем. Ба Туркия бошад, шароит хуб, бачаҳо аз ҷиҳати забон чандон мушкилӣ намекашанд.

Комиссия ин амали Асад Махсумро ғайриқонунӣ ва ҳатто мухолифи кори Ҳукумати Шӯроӣ медонад...

Аксулинқилобӣ гӯед?! — гуфта монд Усмонхоча.

— Ман, — гуфт Ҳайдарқул, — равшан гуфтам, ки ғайриқонунӣ! Бераҳмист!

Аксарияти дар маҷлис нишастагон безобита шуда, ба ҳамдигар нигоҳ карданд ва дар байни худ ғурру пис карда монданд.

— Рафиқ Ҳайдарқул! — гуфт раис, — биёед, ҳукм баровардanро ба аъзоёни комитети иҷроия супоред ва донед, ки Ҷаббор қӯрбоширо Чека бо тасдиқи мо парронд. Шумо ҳоло ба мо натиҷаи тафтишоти худро баён кунед.

— Марҳамат! — гуфт Ҳайдарқул ва дигар корҳои ғайриқонунии Асад Махсумро, аз қабили задан, қин кардан, азоб додани одамони бегуноҳи хонасалот кардани деҳқонони бегуноҳ ва ба яғмо бурдани молу ҳоли онҳоро гуфта дод. — Ба комиссия маълум шуд, ки, — гуфт Ҳайдарқул, — Асад Махсум ва шариконаш як саду нуздаҳ нафар деҳқонро бо тӯҳмат хонавайрон кардаанд. Дар қишлоқҳо барои тарсондани мардум, барои воҳима андохтан шабошаб ҳуҷум карда, шабохунҳо зада, чунон хунрезӣ ва ҷабру зулм кардаанд, ки дар бисьёри қишлоқҳои Қаждумак, Вобканд, Ғиҷдувон мардум кӯчида, ба ҷоҳои дур рафтаанд ва як қисмашон маҷбуран ба босмачиён ҳамроҳ шудаанд...

— Дар ин бора исбот ва далел доред? — пурсид раис.

— Шоҳидҳо, ҷабрдидагон ҳастанд.

— Дар куҷо?

— Як қисмашонро мо аз ҳабсхонаҳои Махсум ёфтем.

— Ҳаман онҳо душманҳои Ҳукумати Шӯроӣ! — гуфта монд Асад.

— Шоҳид сохтан дар замони мо аз пештара осон шуда монд! — гуфт Муинҷон Махсум.

— Хуб, давом диҳед! — гуфт раис.

Ҳайдарқул боз дар бораи гирудори Асад Махсум гуфту дар охир илова намуд:

— Комиссия ба ҳамин қарор омад: аз комитети

Марказии иҷроия пурсида шавад, ин комиссияи мубориза бо босмачиёни атрофи Бухороро барҳам диҳад, ба ҷои ин дар Бухоро ва музофотҳо ташкилоти муҳофизон — милицияро пурзӯр карда, дар байни аҳолӣ корҳои ташвиқоту тарғиботро ба роҳ монад. Вақто ки Чека дар Бухоро мавҷуд аст, дар атрофи Бухоро комиссияи фавқулоддан иловагӣ лузумият надорад. Худи Чекаро бақувваттар кунанд, вазифаҳои комиссияи атрофро худаш пурра иҷро карда метавонад. Ҳоло комиссияи фавқулоддан атроф ба даруни шаҳр ҳам дахолат карда, шахсони ба кори онҳо халал медодагиро нопурсиш бурда ҳабс карда истодааст. Ҳокимияти Шӯрой бо ҷабру зулму ситамкорӣ асоси худро мустаҳкам намекунад. Дар асоси қонуни ҳокимияти шӯрой адолат, инсоф ва мурувват ҷо гирифтааст. Ҳукумати Шӯрой — Ҳукумати одил, халқпарвар ва баинсоф аст. Ҳар кас ки ин асосро вайрон мекунад, вай ё бефаҳм аст, ё душман!

Ҳайдарқул ба ҷояш нишаст.

— Акнун тарафи дигарро мешунавем! — гуфт раис. — Асад Махсум гапашро гӯяд, ана баъд ба музокираҳо мегузарем. Марҳамат, рафиқ Асад Хоҷаев!

Асад Хоҷаев, ё ки Асад Махсум бо шариконаш, чи тавре ки гуфтем, дар сари стол нанишаста, аз тахти девор, ба рӯи диван менишаст ва аз симояш намуда меистод, ки аз ин маҷлис ва аз ин «тосу кӯзаҳо» парвое надорад. Дар гирди лаби вай осори тамасхур ва беэътиноӣ намуда меистод. Вай аз ҷо бархосту ба ришу мӯйлабаш даст бурда, чи тавре ки дар вақти ба ягон кас таҳдид кардан нишон медиҳанд, манаҳашро дошта монд ва бо чашмони серҳаракат ва пармаосои худ ҳозиронро аз назар гузаронид.

— Ман чӣ ҳам мегуфтам...— гуфт вай худро «мусичаи бегуноҳ» гирифта. — Ба Ҳукумати Ҷумҳурияти Бухоро, ба Қумитаи Марказии иҷроия ташаккур мекунам, ки кори моро аз назар гузаронида, ғамхорӣ карда меистанд. Лекин агар аз ҳамин хел ғамхориҳо боз шуда истад, агар боз ҳамин хел як комиссияи тафтишӣ фиристода, аз ҳоли мо хабар гиранд, мо дову дастгоҳро ғундошта, ба дасти ҳамон

комиссия медиҳему раҳмат гуфта ба фикри ягон бечорагии дигар мешавем. Ин чи хел комиссияи тафтиш, ки корҳои инқилобӣ ва ҷонсупории моро ғайриқонунӣ мегӯяд?! Бе ҳеҷ як талафот дастаи ғоратгари Ҷабборро нест кунем, атрофи Бухороро тинҷу осуда кунем, боз чӣ мегӯед?! Ҷаббор қӯрбошӣ бо се нафар сарбури худ ба таклифи мо сар нафаровард. Хост ки боз гурехта рафта ба кори ғоратгарии худ давом диҳад, бинобар он мо маҷбур шуда ӯро талаф кардем. Вай душмани халқ, душмани инқилоб буд, ба ҷазои сахту сазовори худ расид. Акнун барои ин ман ҷавобгар шавам? ' Ман дар бораи бисьёр хӯрдагириҳои рафиқ Ҳайдарқук гап зада, гила карда намешинам. Фақат ҳамин қадар мегӯям, ки комиссияи ман вазифаи инқилобии худро далерона, софдилона иҷро кард ва карда истодааст. Дар ин кори муҳим агар майда-суйда номафҳумӣ ва саҳву хато шавад ҳам, бояд маоф карда шавад. Зеро ки инқилоб бе қурбонӣ намешавад! Инро худи Ҳайдарқул ҳам нағз медонад. Лекин дар ин ҷо баромада, ба кори ман ин қадар хӯрдагирӣ карданаш бе мақсад не! Дар байни ман ва шахсан Ҳайдарқул як мухосима ҳаст, ки хафагии оилавӣ шуда гузашт. Ман ҷияни ин касро аз дасти босмачиҳо халос карда гирифтам ва бо дилхоҳии ҳамдигар ҳаёти оилавӣ барпо кардем — яъне ман он духтарро ба худ зан карда гирифтам, зани никоҳию шаръӣ!

— Ин мавзӯи дигар аст! — гуфт Ҳайдарқул.

— Не, ҳамин мавзӯъ сабаб шуд, ки шумо ба ман хуҷумро сар кардед! — гуфт Махсум.— Ҳамин мавзӯъ сабаб шуд, ки ман ғайриқонун кор мекардагӣ золим ва ҳар чӣ шудам... Набошад дар байни мо хилофие набуд. Лекин аввал пурсиш, баъд кушиш гуфтаанд. Ман ҷияни шуморо ҷабран ва зулман ба худ зан накардаам. Ман бо розигии худаш, бо розигии модараш ба вай хонадор шудам ва ана Қумитаи Иҷроия инро тафтиш карда метавонад.

— Мумкин-мӣ?— гуфт даст бардошта Ҳакимов, ки дар паҳлӯи Ҳайдарқул менишаст. Вай, марде буд, хеле ҷавон, ситорагарм ва чашму абрӯсиёҳ. Аз тарафи Ҳукумати халқии Бухоро ва комитети марказии фиркаи Коммунистии Бухоро чун вакили байналми-

лали сейӯм дар назди сафоратхонаи Россия кор мекард. Мувофиқи хоҳиши Куйбышев ӯ ҳам дар тафтиши кори Асад Махсум иштирок карда буд. Даст бардоштани ӯро дида, раиси маҷлис дарҳол ба Асад Махсум ишора кард, ки ба ҷояш нишинад ва ба Ҳакимов сухан дод.

— Масъалаи шахсиро оварда ба масъалаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҳамроҳ кардан хуб не! — гуфт Ҳакимов. — Дар комиссияи тафтишӣ Ҳайдаркул танҳо набуд ва он чӣ ки ӯ дар ин ҷо ба самъи ҳозирон расонид, танҳо фикри вай нест. Ба иловаи он чӣ ки рафиқ Ҳайдаркул дар ин ҷо гуфт, ман низ гуфта метавонам, ки комиссияи фавқулоддаи атроф аз ҳуқуқи худаш дар ҳақиқат сӯиистеъмол мекунад. Он аризаҳои шикоятӣ, ки ба ваколатхонаи Русия ва ба ваколати Байналмилали сейӯм расидааст, низ ба ин кор шаҳодат медиҳанд. Асад Махсум аз даруни шаҳри Бухоро даҳ нафар одамони гуногункасбро бо тӯҳмат гирифта ҳабс кардааст. Ба мо аз тарафи ташкилоти касабаи машкобҳои Бухоро навишта, шикоят карданд, ки се нафар аз фаъолони онҳо тавқиф карда шудаанд. Аз Когон, аз депои станцияи Когон шикоят афтод, ки Махсум ду нафар коргарро аз қишлоқи Зиробод гирифта ҳабс кардаанд ва ғайра ва ҳоказо...

— Раиси маҷлис — Абдуқодир Муҳиддинов, ки одами закӣ ва хушьёр буд, ин суханҳои Ҳакимовро шунида, ба андеша фурӯ монд. Асад Махсумро шахсан вай чандон дӯст намедошт. Бадтолӣ, оташмизоҷӣ ва сабукиҳои вай ӯро ҳамеша дар ғазаб меовард. Вале азбаски Асад Махсум дар даст қувваи ҳарбӣ дошт ва метавонист ҳар фармони ӯро дарҳол ба ҷо биёрад ва гӯё то як дараҷа ба вай фармонбардор ҳам буд, бинобар он тарафдорӣ мекард ва ба муқобили душманони худ, хусусан ба муқобили Файзулло Хоҷаев ва коммунистони чап, ки ба вай зид буданд, ӯро кор мефармуд. Абдуқодир аз мароми мақсади асосии аксульинқилобии Асад Махсум бехабар буд. Вай, баръакс Асад Махсумро дар зери дасти худ ва ҳамфикронаш чун як аслиҳа нигаҳ медошт...

Ҳоло суханони Ҳакимовро шунида, донист, ки Асад Махсум дар кори худ ба ифрот гузашта, ҳатто ба дараҷае расидааст, ки намояндаи Русия ва намояндаи Байналмилали сеюм — Қуйбышев ва ана ин Ҳакимов аз кирдори вай бохабар шудаанд. Ин чандон матлуб набуд. Абдуқодир намехост, ки муносибати худро бо намояндагии Русия бад кунад. Бинобар он бо мақсади ба ҳар ҳол қаноатманд кунонидани сафоратхонаи рус ва то як дараҷа хомӯш кунонидани шав-шувҳо дар атрофи кори Асад Махсум ба худ қарор дод, ки масъаларо дуранг карда монад.

Дар маҷлис баромад кардани яке аз намояндагони комитети марказии фирқаи коммунистии Бухоро, ки ҳама гумон доштанд, албатта тарафдории Ҳайдарқулро мекунад, боиси ҳайронии як қисми аъзоёни маҷлис ва қавидил шудани қисми дигарашон гашт:

— Ман ба воҳимаи рафиқ Ҳайдарқул шарик шуда наметавонам, — гуфт вай. — Ба ташкили комиссияи атроф пеш аз ҳама Қумитаи Марказии фирқаи иштирокиюни Бухоро сабаб шудааст ва ин комиссия ва ҳайъати он маҳз бо ташаббуси фирқа ба вуҷуд омада, ба кор сар кардааст. Масъалаи хавфу таҳдиди унсурҳои аксульинқилоб дар Бухоро ва атрофи он ҳанӯз ҳам барҳам нахӯрдааст. Ҳанӯз ҳам душманони Ҳокимияти Шӯроӣ яроқи худро напартофтаанд, баръакс рӯз то рӯз зиёда шуда истодаанд. Бинобар он бекор карда шудани ин комиссия нодуруст аст, ҳанӯз ба ин фурсат нарасидааст.

Парронда шудани Ҷаббор қӯрбошӣ танҳо кори Асад Махсум набуда, ин кори давлатӣ ва кори инқилобӣ буд, ки бояд рафиқон инро донанд. Дар баробари ҳамин Асад Махсум ва рафиқонашро хабардор карда мондан лозим, ки дар ҳақиқат онҳо ҳам аз ҳуқуқи худ гоҳе донистаю надониста суиистеъмол мекунанд. Ҳушьёр будан ва пухтакор будан, ҳамеша манфиати халқ ва фирқаи иштирокиюнро дар назар доштан лозим аст!

Баъд аз ин боз чанд нафар бар зидди Асад Махсум ва чанд нафари дигар ба тарафдории вай бар-

хоста сухан карданд. Тарафдорҳои Асад мегуфтанд, ки вай ҷасур ва нотарс, вай ҷонсипор аст. Барои инқилоб ва барои пойдории Ҳокимияти нав кӯшиш мекунад ва бинобар он душманони Ҳокимияти Шӯрой аз дасти ӯ ба танг омада, шикоятбозиро сар кардаанд ва ғайра ва ҳоказо...

— Ман ба чунин хулоса омадам, ки, — гуфт сухани охиринро ба худ гирифта, раис. — Масъала ба ҳамаи мо маълум шуд: рафиқон Асад Махсум, Исматҷон ва Оқилов дар ҳақиқат ҷонсипорона, боғайрат ва шуҷоат кор кардаанд, лекин дар кори худ ба ифрат рафта, баъзан то ба дараҷаи суистеъмоли ҳаққу ҳуқуқ расидаанд. Нест карда шудани Ҷаббор қӯрбошӣ кори бахайр, лекин дар ин кор ҳам андак тааммул лозим буд... Яъне, дертар.. Ба даруни шаҳр бе иҷозати Чека ва назорати дохилия дахл кардан мумкин набуд. Ба Когон ҳам, хусусан табааҳои дигарро! Бинобар он ман таклиф мекунам, ки ҳайъати комиссияи фавқулоддаи атроф, умуман аз корашон гирифта шаванд ва азбаски худи ин комиссия муваққатист ва ба ин кор шахсони толиброёфтан мушкил аст, боз то ёфт шудани номзадҳои мувофиқ ҳамин рафиқон кор карда истанд. Лекин ҳаминро донанд, ки ҳам Кумитаи марказии иҷроия, ҳам кумитаи фирқаи иштирокиюн ва ҳам дигар ташкилотҳои марказӣ ҳамеша аз кори онҳо муроқибанд ва бояд корашонро донистa кунанд. Саркашӣ, бемасъулиятӣ ва сустиро роҳ надиҳанд. Ҳушьёр ва омодаи кор бошанд. Агар дар муддати чанд вақти дигар бо ғайрат ва фидокорӣ ва ҳушьёрӣ худро нишон дода тавонанд, Кумитаи Марказии Иҷроия метавонад ин қарори худро дар ҳаққи онҳо иваз кунад.

Ҳар чанд ки Ҳайдарқул, Ҳакимов ва Низомиддин ва боз ду-сетаҳо ба ин қарор муқобил даст бардоштанд, лекин бо раъйи аксарият қабул шуд ва ба масъалаи сеюм гузаштанд.

— Рафиқони мӯҳтарам, ҷанобон! — гуфт Абдуқодир Муҳиддинов, — Масъалаи сеюми рӯзномаи мо масъалаи аз халқи маҳаллӣ аскар тартиб додан аст. Пеш аз он ки ба музокира ва ҳалли ин масъала гу-

зарем, ман таклиф мекардам, ки суханро ба муҳаррири газетаи «Бухоро Ахборӣ», ҷаноби Муҳаммад Саид афандӣ бидиҳем. Ин кас, ки адиби мӯҳтарами мо мебошанд, чун муқаддимаи ин масъалаи сейӯми рӯзномаи мо як порча аз осори адабии худ хонда медиҳанд.

Муҳаммад Саид Ахрорӣ, ки дар поёнтари хона менишаст, аз ҷо бархоста, ба пешгоҳ ба қабати раис рафт ва дар даст як дафтар, аввал ба ҳозирон аз паси пеньснэи тиллоии худ муддате нигоҳ карда истод, то ки ҳама хомӯш гашта ба ӯ диққат карданд. Ваӣ, марде буд, қадпаст, на чандон фарбеҳ, сиёҳчеҳра, қоқинарӯ, бо чашмони калон-калон, бо рухсораи андаке ба пеш ҷаҳида ва бинии заѓӯтагӣ... Дар танаш костюми моҳути аъло буд, ки дар жилеткаи ҳамранги он занҷираи тилло аз тугмаҳо гузаронида шуда ва овезон меистод. Дар по мӯзаи тугмадори англисӣ ва шолвори галифӣ, сарлуч, мӯйҳои андаке боло шона задашудагии ӯ мошу биринч...

Ин мард аз Бухоро набуд, аз Туркистон буда, чанд гоҳ дар Туркия хонда ва зобит шуда, хизмати аскарӣ карда, аз он ҷо зани турк гирифта ба Бухоро омада буд. Ҳукумати Бухоро ӯро муҳаррири аввалини газетаи инқилобӣ — «Бухоро Ахборӣ» таъин карда буд ва ин вазифа айни муддаои ӯ гашт, ки дар харчанд шумора яке аз осори бадбинона ва печ дар печи худро чоп ва нашр карда меистод. Навиштаҷоти имрӯзаи вай ба завқи баъзеҳо форида буд магар, ки ба ӯ пеш аз масъалаи муҳимми аскаргирӣ сухан доданд.

— Сӯнгсиз қиш! — гуфт вай ва боз маҷлисро аз назар гузаронид. Ҳама хомӯш, мунтазири сухан кардани ӯ буданд. Асад Махсум, ки ин хел «адиб» ва «шоир»-ҳоро дӯст намедошт ва тобу тоқати шунидани сафсаттаҳои онҳоро надошт, рӯяшро турш карда, ба шариконаш нигоҳ карду дилтангона оҳ кашида монд.

— Бир кун келиб борча гуллар, яғочлар... — давом кард Муҳаммад Саид, — кӯчлӣ бир йел билан йиқилиб йерий ӯпадирлар. Попроклар учуб, чаман-

лар йиғайдурлар ва бутун очуний қайғулй бир тус чўлғаб олодир... Гуллар сўлуб, табиат ўладир...

Бироқ бу суғун гуллар, йиқиқ йоғолчлар бир кун яна чонлануб, турли туслар билан безаналар, титоқ ишқлар ва кулумсировли гуллар бир янгй кўёшдан чон топодирлар, демак янгидан кўклам қойтуб келган бўлур.

Меним ўйноқ хаёлларим қойғу қорлари билан оғулонгон холда, учқон сойин бахтсиз руҳим тунгмоқдо, қурмоқдо ва сорғоймоқдодир.

Бироқ... Сенинг оҳ, уксиз руҳим, сенинг у кукламинга қовушар эҳтимолинг ҳеҷда йўқдир.[1]

Саид Аҳрорӣ як сар ҳам намуда, гӯё таъзиме карду рафта ба ҷояш нишаст. Аввал ҳама хомӯш буданд, баъд як-ду кас чапак зада монд. Ҳакимов даст бардошта суол дод:

— Ин чиз чоп шудааст, магар?

— Ҳа, дар шумораи нуҳӯми газетаи «Бухоро Ахборӣ» чоп шудааст,— гуфт аз ҷониби муаллиф, раис.

— Иҷозат диҳад! — гуфт Ҳайдаркул аз ҷо бархоста.— Масъалаи халқи маҳаллиро ба сафи Аскари Сурх даъват кардан, яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳаётии республика ба шумор меравад. Ин масъаларо пештар аз ин бардоштан лозим буд. Лекин мо дер кардем, фақат ана имрӯз ба ҳалли ин масъала наздик шудем. Ман ҳайрон, ки ба ин масъалаи муҳим, ин порчаи адабии муҳаррир чӣ дахле дошта бошад?! Ин порча ба ғайр аз оҳу воҳи маъюсӣ ва ба ғайр аз навмедӣ чизи дигаре дида наметавонад. Мо баҳори зиндагии худро сар кардем, аммо муҳаррир дар борон зимистони тира ва навмедӣ сухан меро-

---

[1] Мазмуни мухтасари ин чизе ки дар шумораи 9 газетаи «Бухоро Ахборӣ» дар 26 ноябри соли 1920 бо имзои Муҳаммад Саид чоп шудааст, чунин аст: «Зимистони бениҳоя. Рӯзе мерасаду аз шиддати тӯфоне тамоми гулҳо ва дарахтҳо хам шуда, заминро мебӯсанд, чаман мегирьяд ва дунё торик мешавад... вале боз рӯзе мешавад, ки ин гулҳои пажмурда аз нав ҷон мегиранд, табиат боз гашта зинда мешавад ва аз офтоби дигар баҳравар мешаванд. Аммо рӯҳи ман ба қаҳқаро меравад, сард мешавад ва хушкида, захир мегардад. Э дил, афсӯс, ки ту баҳори худро нахоҳӣ дид».

нанд. Ба фикри ман, ин чизро чоп кардан, дар байни мардум хондан зарарнок аст, чӣ расад ба он ки пеш аз масъалаи муҳим, дар комитети иҷроияи марказӣ хонда шудани он!

— Шумо мақсади моро нафаҳмидед! — гуфт Усмонхоҷа. — Пеш аз ин масъала хонда шудани ин порчаи ғамангез барои он буд, ки ба аъзоёни комитет хотиррасон кунед, ки агар мо ба ҳифзи республикаи худ, ба ҳифзи баҳори имрӯза барнахезем, ҳамин тавр тӯфонҳои сахт омаданаш ва гулҳои навшукуфтаи моро яғмо карданаш аз эҳтимол дур нест. Гул боз баҳорро диданаш мумкин, лекин гули озодии мо оё чӣ мешавад? Ана, бинобар он рафиқон масъалаи сейӯми рӯзномаи мо, масъалаи аскаргирӣ дар ҳақиқат масъалаи хеле муҳим аст. Бухорои инқилобӣ, Бухорои озод ва мустақили мо мисли гули баҳорист, аз эҳтимол дур нест, ки тӯфонҳои шадид барфу бӯронҳои шимолро оварад ва ин гулро пажмурда кунад. Барои муҳофиза кардани Ватани маҳбубамон, барои нигаҳ доштани истиқлолиятамон лозим аст, ки мо қувваи калони аскарӣ дошта бошем. Шубҳа нест, ки барои нигаҳ доштани истиқлолияти мо Русия ва Туркистон ба мо ёрӣ дода метавонанд, вале ҳоло Русия аз ҳар тараф ба ҳуҷуми сафедон ва хориҷиён гирифтор шудааст. Мо на ин ки аз Русия қуввai аскарӣ талабем, балки бо қувваи қӯшуни мусаллаҳи худ ба вай ёрӣ расонем. Бинобар он таклиф ҳаст, ки қонун қабул карда шавад.

Аз рӯи ин масъала ҳам чанд нафар баромад карданд. Масалан, Низомиддин баромада гуфт, ки вай муқобил нест, ки аз халқи маҳаллӣ аскар қабул карда шавад, вале ба ин кор ҳанӯз фурсат ҳаст, саросемагӣ лозим нест. Зеро ки халқ бесавод, нохондагӣ ва ҷоҳил аст, вай милтиқро, ки ба даст гирифт, ба ҳар сӯ калавиданаш, ҳатто ба тарафи худи мо милтиқ рост карданаш мумкин. Аввал халқро хонондан лозим, баъд ба аскарӣ даъват кунем...

Пас аз ин суханҳои боғаразона гуфташуда, боз Ҳайдарқул маҷбур шуд, ки ба музокира бароянд:

— Аз халқ тарсидан ва ибо кардан лозим не! — гуфт вай. — Халқи меҳнаткаш, ки озодӣ, бахт ва сао-

[illegible]

дати худро аз Ҳокимияти Шӯрои ёфтааст, ҳеч гоҳ бар зидди ин ҳокимият милтиқ рост намекунад. Ҳамон кас аз халқ метарсад, ки вай ӯро намедонад ва аз вай дур аст. Большевикҳо ҳамеша бо халқанд ва онҳо баръакс тарафдоранд, ки халқи маҳаллиро ба сафи аскарӣ даъват карда, онҳоро ба қатори аскарони сурх дарорем ва як қӯшуни ягонаи муттаҳид бо русияи шӯравӣ созем.

— Не, мо қӯшуни алоҳидаи худамонро месозем! — гуфт Усмон Ҳоҷаев.

— Мо ярок надорем, мо муаллим, омӯзгор ва фармондеҳони бо таҷриба надорем! — гуфт Ҳайдарқул. — Мо хоҳ-нохоҳ ба Аскарони Сурхи Русия муроҷиат мекунем ва қӯшуни ягона месозем.

Дар болои ин масъала хеле талош шуд. Лекин дар охир таклифи Ҳайдарқулро хоҳ-нохоҳ қабул карданд. Зеро, ки масъалаи ярок кӯндаланг афтода монд. Усмон Ҳоҷаев бо Мирзо Муҳиддин маслиҳат карда гуфтанӣ буд, ки ярокро аз хориҷа, аз англисҳо ва гирмонҳо харидан мумкин аст, лекин Мирзо Муҳиддин ба вай маслиҳат надод, хап шинед, гуфт.

— Ман, — гуфт дар охир Абдуқодир Муҳиддинов, — аз ҳал шудани ин масъала хеле мамнун ва хурсандам. Модоме ки қонун қабул кардем, акнун ба шӯрои нозирон супорида шавад, ки назорати ҳарбия тартиб диҳад ва аз ҳафтаи оянда сар карда, тартиби даъват ба аскариро дида бароmадан лозим аст... Дар баробари ҳамин як чизро қайд карда гузаштан лозим. Дар байни мо баъзе як ҷанобон аз ҳад зиёд чаправӣ мекунанд. Гумон мекунанд, ки онҳо инқилобро карданд, онҳо соҳиби мамлакат ҳастанд. Не, ин тавр не! Ҷумҳурияти халқии Бухоро бесоҳиб не! Ман, ҷаноби Ҳайдарқулро ба тартиб даъват мекардам, ки пас аз ин дар маҷлисҳои кумитаи Иҷроияи марказӣ ба мулоҳизатар бошанд!

— Рухсат диҳед! — гуфта Низомиддин бархост. — Ҷаноби Ҳайдарқул афандӣ маро аз халқ дур, ба халқ ноошно, Асад Махсумро кариб аксулинқилобчӣ, Муҳаммад Саид афандиро бадбин ва зараровар гуфтанд. Ин ба ҳаққи мо аз ҳақорат ҳам бадтар аст.

— Бале, бале! — гуфт Саид Аҳрорӣ. — Ман дар ин бора фикри худро то ҳоло изҳор накарда бошам ҳам, вале ба худ қайд кардам, ки албатта дар хусуси чунин ҷанобони чаправ як чизе менависам.

— Ман таклиф мекунам, ки, — гуфт Усмон Хоҷаев, — ин хел касон аз ҳайати Комитети Иҷроия бароварда шаванд.

Ҳама ба намояндаи Комитаи фирқаи иштирокиюни Бухоро нигоҳ карданд. Вай ки марди ғалча, кулчарӯй, серабрӯ ва гандумгун буд, пештар, яке аз фаъолони фирқаи «Ёшбухориҳо» ба шумор мерафт. Пас аз ҳамроҳ шудани ин фирқа ба ҳайати фирқаи иштирокиюни Бухоро, бо таклифи Ёшбухориҳо ба комитети Марказӣ гузашта ва дар он ҷо ба мудирии шӯъбаи ташкилот таъин шуда буд. Вале, барои чӣ буд, ки ситораи Ҳайдарқул ба вай хунук метофт ва оши Ҳайдарқул бо ӯ намепухт ва бинобар он дар сари ҳар масъала бо ҳам талош мекарданд ва ӯ то метавонист Ҳайдарқулро паст мезад. Ҳоло ҳам вай аз ҷо бархоста гуфт:

— Ба чаправиҳои рафиқ Ҳайдарқул эътирозҳо бечиз не, албатта. Рафиқ Ҳайдарқул коммунист, большевик, дар инқилоб хизмат кардааст. Ҳаман инро мо медонем. Лекин ин сифатҳо ба он кас ҳуқуқ намедиҳад, ки дар маҷлисҳои муҳим ва ба эътибор баромада, дар ҳаққи одамони бавиҷдон гапҳои сахт зананд. Газетаи «Бухоро Ахборӣ» нашири афгори Ҳукумати инқилобии Бухорост ва ба он фирқаи иштирокиюн роҳбарӣ мекунад. Ин газета фақат нашири афгори Саид Аҳрорӣ нест. Пас ҳарчӣ ки дар он нашр мешавад, то як дараҷа фикри ҳукумат ва фикри фирқа аст. Бинобар он надониста ин хел гуфтани рафиқ Ҳайдарқулро ман ноҷоиз мешуморам ва ба маҷлис огоҳӣ медиҳам, ки ин масъаларо мо дар Кумитаи Марказӣ муҳокима карда, рафиқ Ҳайдарқулро дурусттар огоҳ мекунем!

Агар Ҳакимов, Абӯсаидов, Орифов, Азимҷон Махсум ва чанде дигарон баромада, Ҳайдарқулро тарафдорӣ намекарданд, кам монда буд, ки ӯро аз ҳайати комитаи иҷроия хориҷ кунанд. Ҳайдарқул дар бораи худ чизе гуфта натавонист. Вай хеле ха-

фа ва маҳзун шуда монд. Аммо Асад Махсум гӯё тантана мекард. Чашмони вай бозӣ карда, ба ҳар тараф менигаристанд ва дар ин бозии оташакҳои чашми вай чӣ як тӯфони балое буд...

## 18.

Маҷлиси Комитети Иҷроияи Марказӣ дер ба охир расид. Дар поёни арк Ҳайдарқул аз дигарон ҷудо шуда, яккаю танҳо роҳи ҳавлии худро пеш гирифт. Роҳи ӯ ба воситаи гузари Қӯшмадраса ва гузарҳои Мирдӯстим ва Хиёбон мегузашт. Ҳаво андак сард гашта, осмон абрнок ва манзараҳои шаҳр дилгиркунанда буданд. Ҳанӯз рӯз торик нашуда, дар кӯчаҳо одам кам монда буд. Роҳи калоне ки аз сари пули Равғангарон гузашта, ба тарафи Қӯшмадраса мерафт ва як вақтҳо яке аз кӯчаҳои машҳури шаҳр шуморида мешуд, ҳоло ба назари Ҳайдарқул ифлос, серчанг, хароб намуд. Фаррошҳо намерӯфтанд, об намепошиданд. Дар Шаҳррӯд низ об набуд. Инак ҳамон Шаҳррӯде ки Ҳайдарқул як вақтҳо аз дасти одамони Миршаб гурехта, ба воситаи он то ба лаби ҳавзи Арбоб рафта буд.. Чӣ азобҳо, чӣ уқубатҳоеро, ки аз сар нагузаронид вай... Хизматгории қорибачаҳои мадрасачаи лаби ҳавзи Арбоб... Девонахонаи Хӯҷа Убонӣ... девона шуда гаштан... Ҳабс ва табъид... Сибир... Дарси ҳаёт ва мубориза... Инқилоб! Инқилобро кӣ карду ба сари кор кӣ гузашт?! Мирзо Муҳиддин, Усмон Хоҷаев, Асад Махсум... Низомиддин, Ҳоҷӣ Ҳасан-бек... Инаш дар ғами миллионҳои худаш, вояш дар талоши ҷоҳу мансаб, боз якаш дар фикри айшу ишрати худаш... Асад бошад ҳамаи инҳоро ҷонам-ҷонам гуфта, хар карда, савор шуда гаштааст... Кӣ медонад, пагоҳ вай чӣ балоҳоро ба сари мардум мехезонда бошад?! Дониста истода, боз ӯро ба ҷояш монданд. Афсӯс ки Файзулло Хоҷаев ва дигар рафиқон набуданд. Имрӯз тарафдорони Асад аксарият шуданд. Ин зумра метавонистанд ба Ҳайдарқул хар хел тӯҳматҳо зада, ӯро айбдор карда, аз ҳайъати Комитаи Иҷроияи марказӣ ҳам берун ку-

нанд, ҳатто фармуда, ҳабс кунониданашон низ мумкин буд...

— Тавба!— гуфт ~~худ ба худ~~ Ҳайдаркул. — Гап занам мезанано, гап назанам деги масчида мебарано!

Дар таки растаи Кӯшмадраса як одам ба вай салом дода гузашт. Вай ба тан либосҳои милициягӣ дошт, дар миён таппонча баста буд. Ба назар ошно менамуд, аммо Ҳайдаркул ба зудӣ ба хотир оварда натавонист, ки вайро дар кучо дидааст. Баъд аз хеле роҳ гаштан, вай ба хотир овард, ки ӯро дар миршабхона дида буд. Бале, вай яке аз одамони Миршаби Бухоро буд, ҳоло милиция шудааст. Пештар таппонча надошт, акнун дар миёнаш таппонча, гап занеду қанд хӯред, дарҳол таппончаашро ба сари дилатон рост карда, шуморо пеш меандозад, ба милицияхона мебарад, камаш ду-се рӯз ба қатори киссабурҳо ҳабс карда мемонад...

Ба сари гузари Мирдӯстим расида буд, ки беихтиёр ба сӯи ҳавлии Оймулло баргашт. Хост Асо ва Фирӯзаро дида, камтар ғубори дилашро бароварда, баъд ба хонаи танҳоии худ равад.

Фирӯза ва Асо навакак аз корҳои худ баргашта, дар болохонаашон ба фикри хӯрокпазӣ буданд. Фирӯза гӯшт пора мекард, Асо барои печка ҳезум майда мекард. Онҳо Ҳайдаркулро дида хеле шод гаштанд.

— Чӣ пухтан, чӣ тайёр карданамро надониста истода будам,— гуфт хурсандона Фирӯза.— Шумо омадеду масъала ҳал шуд.

— Албатта як даҳан мирзохон-дия! — гуфта табассум кард Ҳайдаркул.

— Албатта, албатта! — гӯён Асо аз берун як банд ҳезуми майда кардаашро гирифта даровард. — Хуш омадед, ҳар қадам монед болои дида. Қанӣ, аз боло гузаред! Ман ҳозир печкаро олав мекунам. Фирӯзаҷон дар оташдон ош мепазад.

— Хонаи камбағалии моро айб намекунед! Ҳеҷ дастам намерасад, ки ба ин тараф-он тарафи инҷо нигоҳ кунам. Шаб омада хоб мекунему пагоҳ ка-

тӣ баромада меравем. Ин кас гоҳ ними шаб аз кор бармегарданд...

— Ҳеҷ боке не! — гуфт Ҳайдаркул.

— Ба чойник чой андохта диҳед, самовар ҷӯшидагист, — гуфт Асо ба Фирӯза.

Вақте ки Асо чой дам карда овард, Ҳайдаркул сабзӣ наргисӣ мекард, Фирӯза биринҷ тоза мекард. Асо чой кашида ба Ҳайдаркул дароз кард.

— Ана ҳамин тавр, бародар, — гуфт Ҳайдаркул фикрашро давом дода. — Бедарак нагуфтаанд, ки «Су кетирган хору зору кўза синдирган азиз!».[1]

— Маҷлис нағз нагузашт-мӣ? — пурсид Фирӯза.

— Бад не... — гуфт Ҳайдаркул ва натиҷаи маҷлисро мухтасар баён кард.

— Ба ин Қуйбышев ва Файзулло Ҳоҷаевҳо чӣ мегуфта бошанд? — пурсид Асо.

— Чӣ мегуфтанд, хафа мешаванд, албатта, меранҷанд, ғусса мехӯранд...

— Аскар оварда, зер карда, Асад Махсумро бандӣ кардан аз дасташон намеояд магар?

— Қуйбышев ин корро намекунад! — гуфт бо бовари том Ҳайдаркул. — Ба корҳои дохилии ҷумҳурияти Бухоро ҳеҷ вақт мудохила намекунад. Агар ҳукумати Бухоро ёрӣ талабида, мурочиат кунад, гапи дигар...

— Мурочиат кунетон-дия! — гуфт Асо ба Ҳайдаркул хитоб карда. — Шумо худатон ҳукумат-ку!

— Охир не, охир ҳамин тавр мешудагӣ барин, — гуфта монд Ҳайдаркул.

— Асад Махсум набудааст, бало будааст! — гуфт Асо.

— Бало ҳам гап-мӣ, — гуфт Фирӯза ба гап ҳамроҳ шуда. — Асад Махсум афсунгар, сеҳр дорад. Ойишаю модарашро ба ҳамин дараҷа овардагӣ одам, калонҳои иҷрояро бозӣ доронда метавонад.

Асо хандида монд.

— Воқеан, — гуфт Ҳайдаркул, — дар бораи Ойишаю Бибираҷаб ҳамаи гапҳоро нагуфта мондем.

[1] Оварандаи об хорузору шиканандаи кӯза азиз! (*узб.*).

Хӯш, ҳамин катӣ, Ойиша дилдори худаш — Қаримро фаромӯш кардааст-гӯй?

— Ба арвоҳаш фотиҳа хонд! — гуфт ба ду маъно Фирӯза.— Тамом бовар кунонидааст, ки Қарим кушта шудагӣ... Вақте ки зинда будани ӯро фаҳмид, қариб беҳуш шуд... Эҳтимол ду-се шаб хобаш набурдагист...

— Бевафо!

— Ин тавр нагӯед! — гуфт Фирӯза. — Ин аз бевафоӣ не, ин аз ноилоҷӣ! Ба Ойиша мушкил...

— Хайр, бало ба пасаш! — гуфт даст афшонда Ҳайдарқул. — Ба худаш мушкил мешавад, Асад Махсум ба ғайр аз худаш ҷонзотеро дӯст намедорад.

— Ойишаро дӯст медорад!— гуфт таъкид карда Фирӯза. — Ман дидам ва бовар кардам.

— Аҳволи Қарим беҳтар шудааст, — гуфт Ҳайдарқул гапро ба сӯи дигар кашида. — Ман хат гирифтам...

— Вай дар куҷо бошад?

— Дар Самарқанд... Дар касалхонаи Самарқанд будааст. Баҳор меомадааст.

— Илоҳӣ сиҳат шавад! — гуфта монд Фирӯза ва аз ҷо бархост, ки ошро кашида, ба сари дастурхон гузорад.

— Қарим сиҳат шуда биёяд, худаш аз душманаш ниқор мегирад! — гуфт Асо.

— Агар то ба он дам Асад Махсум бошад! — гуфта монд Ҳайдарқул.

— Дар куҷо мешуд?— гуфт Фирӯза.— Гандия бало намезанад!

— Ин гапат ҳам рост! — гуфт Ҳайдарқул. — Гандая бало намезанад... Лекин ман монда шудаам... Аз корам истеъфо дода, бароям мегӯям. Ҳамин қадар кардем, бас не-мӣ?

— Хайр, аввал ман оша кашида биёрам, — гуфт хандида Фирӯза, — баъд истеъфо медиҳед.

Вай беруи баромад. Рӯи ҳавлӣ тамом торик шуда буд ва андаке оташи чӯг, ки дар зери оташдон буд, дар торикӣ равшан ба чашм метофт. Фирӯза пеш аз бардоштани сарпӯши дег, аввал пилсӯзи сари оташдонро гиронд, баъд табақҳоро пок карда, ба

оташдон наздик гузошт, кафгирро тоза карда монд... ҳамин тавр бо ину он худро машғул дошт, то ки фурсати дам хӯрдани ош расад. Фикру хаёли ӯ парешон шуда буданд. Андешаи ӯ дар бораи Ҳайдарқул буд. «Монда шудам, аз кор меравам» гуфтани Ҳайдарқул барои Фирӯза гапи хеле калон буд. Зеро ки Ҳайдарқул барои Фирӯза ва Асо қариб худи инқилоб буд. Онҳо алифбои зиндагиро, мубориза ро аз вай омӯхта буданд. Онҳо чӣ будани инқилоб, чӣ будани Ҳокимияти Шӯроиро аз вай донистанд. Агар аз Фирӯза пурсанд, ки кори ҳақ ва рост чист, вай бе ҳеҷ як мулоҳиза мегӯяд, ки кори Ҳайдарқул амак аст. Ин мардак ки дар дунё ба ғайр аз манфиати инқилоб ва ғалабаи он, ба ғайр аз несту нобуд карда шудани дунёи зулму фасод дигар мақсаде надорад, чаро аз кор меравам мегӯяд? Аз кор рафтани вай — аз дунё чашм пӯшидани вай аст. Вай зан надорад, фарзанд надорад ва дигар дар талабаш ҳам не. Ҳамин Фирӯзаро ба худ духтар хондааст, гулкунонидани ҳаёти навро мақсади худ қарор додааст. Не, ӯро ба ин ҳолат гузоштан хуб не, ба вай ёрӣ расонидан, аз тан қаноти ӯ даромада бардоштан лозим аст...

Фирӯза хост, ки сарпӯшро аз сари дег бардошта, ошро кашад, касе аз беруи дарвозаро тақ-тақ зад. Барои он ки оймулло ва бобозаргар ташвиш накашанд, Фирӯза сарпӯши дегро ба ҷояш гузошту аз даричаи шабгаҳ ба кӯча нигоҳ карда:

— Кист? — гуфт.

Аз поён овози Мирак шунида шуд:

— Ман... апа Фирӯза, ман Мирак! — гуфт вай.

Дар ин дам Асо аз хона баромада ба Фирӯза гуфт, ки ошро кашидан гирад, вай фаромада, дарвозаро мекушояд. Фирӯза сарпӯшро бардошт, ба рӯи ҳавлӣ бӯи хуши оши палав паҳн шуда рафт.

— Ассалом апаҷон! — гуфт бо Асо ба рӯи ҳавлӣ пайдо шуда Мирак. — Ман ба шумо ёрӣ диҳам? Чӣ тавр оши хушбӯ пухтед? Оби даҳони кас меравад...

— Биё, набошад, табақро нигаҳ дор! — гуфт Фирӯза ва ба шавҳараш хитоб карда ба суханаш давом

дод: — Шумо даромада дастурхон паҳн кунед, анор майда карда монед, турбро дароред!

Дар вақти ошхӯрӣ сухан аз ошу пазандагии Фирӯза рафту вақте ки дастурхонро ғундошта, чойники чойро ба миён гузоштанд, Мирак ба суоли Ҳайдарқул гуфт:

— Дадем нағз, ба шумо салом гуфтанд. Имрӯз рафта будам, камтар ба корашон ёрӣ додам. Дар вақти омада истоданам фармуданд, ки ба ҳавлии шумо рафта, ба худатон як гап гӯям...

Ҳайдарқул пиёлаи чойро ба рӯи гилем гузошт.

— Хӯш, чӣ гап будааст?

Мирак ба сӯи Фирӯза ва Асо нигарон чӣ гуфтанашро надонист.

— Гап задан гир, — гуфт Ҳайдарқул маънои тағофули ӯро фаҳмида. — Инҳо аз они худӣ! Дар пеши инҳо ҳар гапро гуфта метавонӣ.

Мирак табассуме карду ба сӯи соҳибони хона нигарист ва бо ҳамин, гӯё узр хостагӣ барин шуду гуфт:

— Дадем гуфтанд, ки Асад Махсум имрӯз ба босмачиҳо милтиқҳояшонро додааст...

— Чӣ, чӣ? — гуфт Фирӯзаи маҳмадоно. — Милтиқ додааст? Ба кадом босмачиҳо?

— Ба одамони Ҷаббор қӯрбошӣ будагист, — гуфт аз ҷониби Мирак, Ҳайдарқул. — Вай қариб дусад нафар босмачиҳои гузарон қӯрбоширо ҷавоб надода, гӯё тафтиш карданӣ шуда, нигоҳ дошта монда буд. Албатта ҳамонҳоро бозгашта, мусаллаҳ карда, ба қатори одамони худаш даровардагист...

— Хайр, агар босмачиҳо таслим шуда, ба хизмат кардан розӣ бошанд, бад-не, ку?! — гуфт Асо.

— Бедарак Сандпаҳлавон ин хабарро нарасонидагист? — гуфт Фирӯза.

— Ҳа, — гуфт андешамандона, Ҳайдарқул, — бедарак не! Асад Махсум ҳис кард, ки дар паи ӯ ҳастанд ва ҳар рафтори ӯро ҳама бо як овоз маъқул кардан намегиранд. Бинобар он сафи худро мустаҳкам ва пурзӯртар карда, имрӯз не пагоҳ рӯйрост бар зидди мо қиём карданаш мумкин.

— Агар хайр гӯед, — гуфт Асо. — Ин хабарро ба Чека расонам?

— Ман худам меравам,— гуфт Ҳайдарқул.— Ту Миракро ба хонаашон гусел кун, шаб торик шуда монд.

Вай аз ҷо бархост, ҳама ба вай тақлид карданд. Вале чашмони Фирӯза бо назари суол ба рӯи Ҳайдарқул дӯхта шуданд. Гӯё пурсидан мехост, ки акнун маслиҳати мо чӣ мешавад, ман бояд чӣ кор кунам...

— Як рӯз не, як рӯз бо Асад даст ба гиребон шудан лозим, албатта,— гуфт Ҳайдарқул.— Шояд он рӯз расида бошад! Ман рафта фикрамро мегӯям. Чека танҳо Ҳоҷӣ Ҳасанбек не! Қанӣ, чӣ мешавад?.. Барвақт халос шавам, омада ба шумо хабар медиҳам... Ту, Фирӯза, то омадани Асо ба пеши Оймулло фаромада шин! Зани дучонӣ, танҳо хуб не... Асоҷон, ту зудтар Миракро бурда монда баргард.

— Ман худам...— гуфт Мирак,— ман худам меравам, даркор не, ҳалок шуданашон...

— Не, не, ҳеҷ гап! — гуфт Асо.— Боз ман аз онет баъзе гапҳо пурсиданӣ ҳастам, канӣ пеш даро!

Фирӯза аз паси онҳо дарвозаро баста ба ҳавлии дарун ба назди оймулло даромад. Хонаи поён чароғон буд. Бобозаргар лампаи сиӣӯми давраниптаро гиронда, ба чашм айнак монда, аз симу пулакчаҳои тилло чизе месохт. Оймулло дар пеши тирезаи миёна дар даст китоб, чизеро мутолиа мекард.

— Ҳа, биё духтарам, биё! — гуфт оймулло, аз болои айнак ба вай нигоҳ карда.— Ҳозира худаш дар бораи ту гап зада. Ҳофизро кушода будам...

— Хайрият омадӣ духтарам! — гуфт Бобо заргар ҳам.— Ман ҳамин қадар қиссаю афсона гуфта ин касро машғул карданӣ шудам, фоида набахшид, ин даҳони бедандон, дилгир кунад, на хандон!

— Саломат бошетон,— гуфт Фирӯза.— Қайҳо мефаромадам, лекин Ҳайдарқул амакам омада буданд...

— Рафтанд-мӣ? — пурсид заргар.

— Ҳа, рафтанд,— гуфт Фирӯза.— Асо ҳам...

Фирӯза дар қарибии Оймулло нишаст. Оймулло ба симои вай нигоҳ карда, донист, ки дар ҳаяҷон аст

ва чӣ андешае дорад, бинобар он гап напурсиду хост, ки аввал ӯро андак осуда кунад:

— Хоҷа Ҳофизро «Олимулғайб» мегӯянд, рост!— гуфт.— Ту даромадиюю ана ҳамин ғазали он касро дида мондам. Гӯш кун!

Ногаҳон парда барандохтай, яъне чӣ?
Маст аз хона бурун тохтай, яъне чӣ?
Шоҳи хубонию манзури гадоён шудай,
Қадри ин мартаба нашнохтай, яъне чӣ?
Зулф дар дасти сабо, гӯш ба фармони рақиб,
Инчунин бо ҳама дар сохтай, яъне чӣ?
Суханат рамзи даҳон гуфту камар сирри миён,
В-аз миён тег ба мо охтай, яъне чӣ?

Фирӯза ба маънои шеъру рамзи Оймуллои худ пай бурда, сар ҳам карду гуфт:

— Ҳақиқатан Хоҷа Ҳофиз ғайбдонанд, лекин ба ҳар кас ғайбдонӣ намекунанд. Барои ғайбдонии он касро фаҳмидан шумо барин Оймуллои авлиё буданаш лозим.

— Агар ба назари ту ҳамин тавр бошад, агар ман авлиё бошам,— гуфт бо табассум Оймулло,— набошад гӯй канӣ, чӣ шуд? Барои чӣ ин қадар хафа?

— Ҳеҷ гап не,— гуфт аввал Фирӯза, вале баъд омадани Мирак ва хабари нохуш овардани ӯро баён карду илова намуд: — Намедонам, охири кор чӣ мешуда бошад?

— Охири кор бахайр! — гуфта монд Бобо заргар.

— Насиб! — гуфт Оймулло.— Лекин ту ғам нахӯр, ба дилат нагир! Касоне ки амиру тоҷу тахти амирро ба замин яксон карданд, ба Асад Махсум таслим намешаванд. Агар Асад Махсум ба хуш омада, чӣ кор карда истодани худашро дониста монад, бахташ, набошад тақдири вай ҳам тақдири амир барин мешавад. Ту ҳозир бе он ҳам дарди сарат зиёд, як духтар дар зери сина, понздаҳ духтар дар клуб дорӣ!..

— Дар зери сина барои чӣ духтар бошад, албатта писар-дия! — гуфт хандида Бобо-заргар.

— Ҳар кӣ бошад, умру бахту саодаташ катӣ бошад! — гуфт Оймулло! — Ҳайдарқул амакат, номаш ба худаш инқилобчӣ, большевик, панҷаи ӯро тофтан

ба ҳар кас муяссар намешавад. Биё, ман аз Хоҷа Ҳофиз фол кушоям...

Ҳамин тавр, дар сӯҳбати оймуллои ширинкаломи худ Фирӯза хеле саргардон ва сабук шуд...

Аммо Ҳайдарқул дар сараш сад фикру хаёл, роҳи чекаро пеш гирифт.

Вай мехост, ки ба Чека рафта, аввалан дурустӣ ва саҳеҳ будани ин хабарро, ин хабареро, ки Мирак овард, фаҳмад ва баъд бо онҳо бо роҳбарони чека маслиҳат кунад, ба Ҳоҷӣ Ҳасанбек фаҳмонад, ки босмачиҳоро мусаллаҳ кардани Асад Махсум қадами аввали ҷавобист, нисбат ба карордоди имрӯзаи комиҷронияи Марказӣ! Агар ҳамин тавр мондан гиранд, пага-фардо Асад Махсум ба болои сар мебарояд ва баъд илоҷи дафъи он мушкил мешавад...

Дар Чека Ҳоҷӣ Ҳасанбек набуд. Ҳайдарқул ба кабинети Фёдоров даромад, ки вай бо ду-се нафар аз мудирони шӯъбаҳояш сӯҳбат мекард.

— Марҳамат, рафиқ Ҳайдарқул,— гуфт Николай Фёдорович.— Аз гапи нав хабар доред?

— Не,— гуфт Ҳайдарқул, ки ба фикру хаёли худаш банд буд.

— Раиси моро нохост аз кор гирифтан! — гуфт Николай Фёдорович.— Ҳоҷӣ Ҳасанбек аз ӯҳдаи кор набаромадааст...

— Хайр, аҷиб! — гуфт Ҳайдарқул якбора ҳайрон шуда.— Ба ҷояш кӣ?

— Ба ҷояш Олимҷон Аминов таъин шудааст, лекин ҳанӯз ба кор наомадааст.

Ба дили Ҳайдарқул як насими форам вазидагӣ барин шуд. Он пардаи тираи навмедӣ, ки пас аз маҷлиси ревком ва шунидани хабари мусаллаҳ кунонида шудани босмачиҳо ҳастии ӯро печида гирифта буд, аз таъсири ин насим қадаре чок шудагӣ барин, аз дур ҳам бошад як равшании умед милтос задагӣ барин шуд.

— Ин... нохост? — пурсид Ҳайдарқул.— Қадом оқил дар ин роҳ қадами аввалро партофта бошад? Бо қарори шӯрои нозирон будагист?

— Ҳа, гуфт Фёдоров,— дирӯз шумо набудед, гуфтанд, ки кори Асад Махсум катӣ банд будаед. Ин

масъала дар маҷлиси ғайринавбатии Қотиботи Цека ҳал шуд. Мӯйсафед ба ин кор муносиб набуд. Ҳам худаш азоб мекашид, ҳам корҳо расво шуда буд.

— Олимҷон бояд корро ба даст гирад! — гуфт Ҳайдарқул ва ба мақсад гузашт: — Рафиқ Фёдоров, шумо аз қарори имрӯзаи Қомиҷроия хабар доред?

— Хабар дорам...

— Пас аз ҳамин қарор, рафта босмачиҳоро мусаллаҳ кардааст, фаҳмидед?

— Ҳа, хабар дорам,— гуфт Фёдоров.— Мо ҳам навакак шунавидем. Лекин, азбаски дар ин бора қариб даҳ рӯз пеш аз ин худи Махсум омада бо раис маслиҳат карда буд, мо чизе нагуфтем.

— Наход ки шумо ба ин кор розигӣ додед?

— Розигӣ надода чӣ мекардем? Лекин маслиҳат додем, ки аввал ҳамаи онҳоро санҷида, тафтиш карда, аз кӯрук гузаронад.

— Албатта вай мегӯяд, ки тафтиш карда дидам, омӯхтам...

— Бешубҳа!..

— Ин нодуруст, албатта! Дар тафтиш ва кӯруки босмачиҳо одамони чека бояд иштирок мекарданд!

— Ман гуфтам, лекин раис ин корро ба худи вай супориду боварӣ изҳор намуд.

— Нағз нашудааст! Кӣ медонад бо чӣ мақсад ва чӣ гуна одамҳоро вай боз гашта мусаллаҳ карда бошад! Метарсам, ки ҳамин хел қувваҳои акси инқилобро ба атрофаш ғун карда, як рӯз ба сари худи мо ҳуҷум сар накунад?!

Фёдоров сар ҷунбониду каме хомӯш монд. Он шубҳа ва нобоварие, ки нисбат ба Асад Махсум дар Ҳайдарқул пайдо шудааст, дар ӯ ҳам каму беш буд, лекин то ба ин дараҷа рафтан, яъне бар зидди ҳокимияти шӯрой сар бардоштани ӯро тасаввур карда наметавонист. Бинобар он гуфт:

— Ман гумон намекунам, ки Асад Махсум мақсади зидди инқилобӣ дошта бошад... Лекин ман-манӣ, калонгирӣ, ҳавобаландӣ ва як дараҷа авбошӣ дорад. Вазифаи мову шумо ҳамин, ки аз вай хабардор шуда, ба шохаш зада истем.

— Чӣ хел ба шохаш мезанед, ки вай сарашро ин қадар баланд дорад?!

— Мушкилии вазифаиману шумо аҷа дар ҳамин аст!

Он ҳар ду ҳам дақиқае хомӯш монданд. Ҳайдарқул, ки нисбат ба Асад Махсум ҳеҷ бовари надошт, аз ин суҳбат малӯл шуд. Вай дар ҳақиқат медид, ки барои Фёдоровро ба ақидаи худаш баргардониданаш дар дасташ ягон санад, ягон далелу бурҳон надорад. Маълум мешавад, ки Асад Махсум бо вуҷуди ҳамаи бадтолӣ ва разилиаш хеле фиребгари маккор ва нозукрафтор ҳам будааст. Ба чека ва дигар ҷоҳо чунон вонамуд кардааст, ки ҳатто Фёдоров барин одам ба дасисаҳои ӯ дуруст пай бурда наметавонад. Бале, бале! Бинобар он аст, ки дар Комитаи Марказии иҷроия нисбат ба рафтори ӯ беаҳамиятона назар карданд. Ҳавобаланд, тундмизоҷ, камтар авбош мегӯянду мемонанд... Дигар чӣ илоҷ?! Ё санаду бурҳони қатъӣ ёфтан ва ё хомӯш гаштан мемонаду бас!

Фёдоров аз дилу ҷон мехост, ки Асад Махсум бо он ҳама хосиятҳои ҷанговарона ва нотарсие, ки дорад, одами беғиллу-ғаш, одами фидокори роҳи инқилоб бошад. Афсӯс ки дар ӯ хосиятҳои баде ҳастанд, ки гуфтаи Ҳайдарқул, агар аҳамият надода мондан гиранд, охири охирон ба натиҷаҳои номатлуб расониданаш ҳам мумкин аст. Пас, чӣ илоҷ?

— Ман,— гуфт вай ниҳоят,— бо раиси нав маслиҳат карда, пагоҳ ба дилкушои берун меравам ва хабар мегирам. Умуман дар бораи тарбия ва пешгирии ӯ фикре мекунем.

Ҳайдарқул чӣ гуфтанашро надонисту аз ҷо бархост:

— Хайр, раҳмат! — гуфт ва ба кӯча баромад...

Дар кӯча, аз Сесӯ домодбарӣ мегузашт. Домод, ё ки падари домод, одамони бадавлат буданд магар, домодбарӣ хеле бошукӯҳ ва серодам буд. Чор машъали калони тунукагӣ бардошта мебурданд. Пеш-пеш нағораю сурнаю карнай, бозингарҳо бозӣ карда, бачакачаҳои бисьёре ҳой-ҳой гӯён кӯчаро ба сар бардошта буданд. Аз паси онҳо ҷӯраҳои бисьёри домод, ӯро ба миён гирифта, ҳар замон нидоҳои шодӣ ва ғулғу-

лаи хурсандиро боло мебардоштанд. Аз паси онҳо боз нағораю сурнай ва боз одамҳои бисьёре мерафтанд. Мардум гӯё, аз дуньё бехабар ба хурсандӣ ва шодкомии худ овора буданд... Ғаме надоштанд, ки Асад Махсум ба онҳо, ба ин хурсандии онҳо таҳдид карда истодааст. Намедонистанд, ки вай дастаи босмачиҳоро мусаллаҳ кардааст ва ба ин коре ҳам надоштанд... Домод хуррам буд, ки ба ин тантана ва дабдаба зан гирифта истодааст ва ин бегоҳ рӯи ҳамсари худро аввалин бор мебинад ва аз висолаш баҳра мебарад... Ҷӯраҳои вай хурсанд буданд, ки ин чанд рӯз базму айше доранд ва насиб бошад, онҳо низ ба ин мурод хоҳанд расид... Падару модари домод дар байни мардум сарбаланд буданд, ки тӯйи калон карда, писарашонро хонадор мекунанд...

Майлаш, хурсандию шодкомӣ кунед! Майлаш, ба орзу ва ниятҳои худ расед!.. Кӣ медонад, шояд ҳамин дам ғанимат аст, ёрон.

Пас аз гузашта рафтани домодбарӣ, Ҳайдаркул рост ба сӯи Комитети Марказии партияи Коммунистии Бухоро қадам зад. Аз таи тоқи Саррофон ба сӯи дасти рост баргашту пас аз чанд дақиқа ба он ҷо расид. Аввал ба кабинети худаш даромада, аз рӯи столаш хабар гирифт. Котиб газета ва мактубҳоро монда рафта буд. Гирифта хонду каме дам гирифт, ҳушу ҳавосашро ба ҷо овард, баъд аз ҷо бархоста ба қабулгоҳи котибот рафт. Аз котибҳо Оқчурин дар кабинети худаш будааст. Иҷозат хоста ба назди вай даромад.

— Афсӯс ки,— гуфт Оқчурин,— дар комиҷроия ба масъалаи Асад Махсум аҳамият надодаанд. Рафиқи аз ин ҷо рафтагиро ман ба ин дараҷа гумон накарда будам. Албатта маърӯзаи ӯро мешунавем ва чораи корашро меандешем... Дар ҳақиқат бо Асад Махсум дурусттар машғул шудан лозим. Ман гумон мекунам, ки ӯро ба ҳоли худаш партофта мондан мумкин нест...

— Яъне ки чӣ кор кунем?

— Дар назди вай аз тарафи Кумитаи Марказӣ як комиссар бояд бошад, ки ба ҳар кораш мудохила карда ба шохаш зада истад. Дар он ҳол аз вай нагз

истифода бурдан мумкин мешавад. Набошад, вай чунон зот, ки андак рохи кач бошад гечида меравад.

Ҳайдарқул ҳайрон шуда монд.

— Асад Махсум ба комиссар роҳ намедодагист!— гуфт вай.— Агар роҳ диҳад ҳам сар фаровардан амри маҳол. Шумо Асадро медонед-ку!

— Гап ба одамаш, албатта! — гуфт Оқчурин.— Ҳар чӣ тавр одам рафта, ба шохи вай зада наметавонад... Ман фикр дорам, ки ба ин кор ба ғайр аз худи шумо каси дигаре намешавад!

— Не! — гуфт дарҳол Ҳайдарқул.— Асад дар ду дунъё ҳам бо ман созиш намекунад. Бефоида!

— Шумо, вазифаи шумо ҳамин ки созиш кунонед! — гуфт Оқчурин.— Ман дар ин бора бо дигар рафиқон маслиҳат карда будам, ҳама фикри маро мувофиқ донистанд. Имрӯз шумо намеомадед, пагоҳ худам чеғ задани будам. Супориш ҳамин тавр шуд.

Дар ин ҷо Ҳайдарқул донист, ки дар Қумитаи Марказӣ аллакай одамҳо фикру маслиҳат карда мондаанд ва дар ғами кор будаанд. Худи ҳамин ӯро шод кард, ки дар ҳақиқат Оқчурин ягона роҳи дурустро фикр кардааст. Аммо номзадии ӯ, номзадии Ҳайдарқул ба ин кор ношуданист. Асад Махсум, хусусан пас аз маҷлиси имрӯза бо вай қаҳрию нилӣ шуда монд. Вай дигар ба ҳеҷ ваҷҳ бо Ҳайдарқул оштӣ намекунад.

— Дар бораи ин фикри шумо ман чӣ гӯям?—гуфт Ҳайдарқул.— Хеле хурсандам, ки нисбат ба ман дар котиботи Қумитаи Марказӣ фикри мусбат хаст. Инчунин, дар бораи ба ҳузури Асад Махсум комиссар фиристодан, муқобилият надорам, фикри маъқул, лекин ман катӣ Асад ба ҳеҷ ваҷҳ созиш намекунад, рафиқ Оқчурин.

— Мекунад! — гуфт Оқчурин ба таври қатъӣ.— Агар созиш накунад, аз кораш дур мекунем. Пагоҳ ман ҳамроҳи шумо меравам, маҷлис мекунем ва таъин шудани шуморо ба ҳама эълон карда бармегардам. Гап ҳамин!

Ҳайдарқул дигар нею нестон накарду майлаш гуфта хайру хуш карду берун баромад. Аммо дар кӯча худаш ба худаш суол дода, ҳайрон шуда монд.

Охир, ин чӣ хел мешуда бошад?!— мегуфт вай худ ба худ, вале ҷавоб ёфта наметавонист. Кӯчаҳо торик ва ҳавлангез бошанд ҳам Ҳайдарқул парвое намекард. Фикру хаёли вай ба ин таъиноти нав банд шуда монд...

Дар кӯчаҳо равандаҳо тақрибан набуданд. Дар ҳар ҷо, дар сари кӯча, дар пеши ягон мактаб, ё идора фонусе месӯхт, посбоне шаққилдоқи худро шараққос занонда мемонд, дигар ҳеҷ. Хусусан дар пеши пуштаи (қабристони) Бикробод кӯча ҳавлангезтар буд. На як чароғ, на як гузарандае! Аз паси девори дароз, ки кӯчаро аз қабристон ҷудо мекард, кабрҳо менамуданд, ки боло-болои ҳам пушта шуда рафта буданд. Дар ин кӯча дили ҳар гузаранда меларзид, лекин Ҳайдарқул баръакс, маҳз дар ҳамин ҷо ҳар бор ки гузарад, хоҳ шаб бошад, хоҳ рӯз, албатта камтар меистод, азизонашро ёд мекард, ба руҳи маъсум, пок ва номуроди онҳо саломy таъзиме мекарду пас, гузашта мерафт. Гузашта мерафту то соате ҳамаи дигар фикру андешаҳо аз сари ӯ берун мерафтанд ва ҷои онҳоро хаёли Савсан ва модари ӯ омада ишғол мекарданд... Пештар, дар даври амир, Ғаниҷонбой ба ҳаққи азизони вай ҷабру ҷафо карда бошад, ҳоло Асад Махсум ба ранги дигар ба Ойишаи сарсахт ва модари ӯ ҷафо дорад. Вай онҳоро асир карда гирифтааст ва берун баромадан намемонад... Ойишаи ноғанин, Ойишаи шӯх ва навниҳол дар дасти хунини Асад! Фирӯза мегӯяд, ки гӯё Асад бо ишқу муҳаббати сӯзонаш Ойишаро таслим карда бошад, не! Вай бовар карда наметавонад. Дар дили Асад Махсум, ки бо буғзу ҳасади худписандӣ моломол аст, ишқу муҳаббат шуда наметавонад!

Ҳайдарқул ба ҳавлӣ даромаду дари хонаро кушода, лампаи даҳӯмро, ки дар токи хона буд, афрӯхт ва як нафаси осуда кашида, ба хона назар андохт. Ҳамон хонае, ки дар он раҳматӣ Дилором-каниз истиқомат мекард, ҳамон хонае, ки дар он Фирӯза ва Асо тӯи худро карданд, ҳамон хона ва ҳавлии қадима... Ҳоло дар он як гилеми нимдошт ,ки кати симин, як столу стул ва монанди ҳамин баъзе чизҳои заруриц зиндагӣ пайдо шудааст.

Ҳайдарқул шинели худро кашида ба мех овехт, баъд аз чойник ки дар токи хона буд, як пиёла чои яхӣ кашида нӯшид ва либосҳояшро аз тан бароварда, ба рӯи кат,— ба ҷогаҳаш даромад. Хост, айнакро ба чашм гузошта, камтар газета хонад, лекин хаёлаш парешон буд.

Вай ба Оқчурин, ба котиби Кумитаи Марказӣ чизе гуфта натавонист, суханашро рад накард, лекин дар дилаш қарор дод, ки рӯзи дигар боз гап зада мебинад, аз Асад сахт шубҳа доштани худашро равшану кушод баён мекунад ва мефаҳмонад, ки дар назди Асад кор кардан барои ӯ қариб номумкин аст... Ҳоло хаёл карда истода, ба худ мегуфт, ки аз рӯи гуфтани Оқчурин ин масъаларо дар котиботи Кумитаи Марказӣ муҳокима карда, ба қарори қатъӣ омадаанд ва номзадии ӯро ба комиссарӣ муайян кардаанд. Вай аъзои ҷонисори фирқаи иштирокиюн аст, ҳеҷ гоҳ фармони фирқаро рад накардааст. Пас, агар ӯро маҷбур кунанд, ноилоҷ бояд корро қабул кунад. Майлаш, вай дар назди Асад комиссар шуда кор мекунад... Кӣ медонад шояд ин вазифаи нав ба вай имкон медиҳад, аз наздик фаҳмида, донад, ки ҳамаи шубҳаҳои ӯ дар бораи Асад ғалат будааст ва дар натиҷа бо ӯ оштӣ мешавад... Ё ки баръакс, дар муддати кор далелу бурҳоне ба даст медарояд, ки разолати Асадро ошкор мекунад ва дар он ҳол Ҳайдарқул метавонад ӯро фош кунад. Ба ҳар ҳол ба Асад наздик шудан, ҳарчанд ки барои ӯ хеле душвор аст, вале корро яктарафа мекунад...

Вале, агар вай комиссар таъин шавад, бояд муваққатан ин хонаро тарк кунад ва аз Дилкушои берун ба худ манзил гузинад. Шояд Саидпаҳлавон ба хонаи худ ҷо диҳад?.. Не, хуб намешавад. Дар он ҷо бо Саидпаҳлавон муносибати расмӣ мекунад... Ба воситаи вай йигитҳо ва сардорони қӯшуни Асадро ба худ ром мекунад. Бо Асад, албатта дониста ва босабру бардошт муомила кардан лозим. Дар бораи ҷиянаш ва хоҳараш рӯзҳои аввал чизе намепурсад, то ки худи Асад гап нақушояд... Оҳиста-оҳиста маромни фирқаро ҷорӣ кардан, ячейкаи фирқаи иштирокиюн

ташкил кардан ва аъзоёни он ячейкаро бисьёр кардан лозим...

Ҳамин тавр, фикр карда-фикр карда Ҳайдаркул хоб рафт. Дар хобаш ҳам ҳамин моҷарои Асад буд...

## 19.

Он шаб Ойиша ҳам дар интизории шавҳараш то ба нимаи шаб бедор, бо модараш гапзанон карда нишаст. Дар чашмонаш хоб набуд, дилаш ба пардаи ноаён ва номафҳуми ҳузн пӯшида буд. Аммо кампир монда шуда, пинак мерафт ва ба суолҳои вай базӯр ҷавоб медод...

Кампир ниҳоят тоқат карда натавонисту гуфт:

— Хай, бачем, акнун бевақт шуда монд, хез ту ҳам ба даруни ҷогаҳат дароз каш, то омадани Махсум як чирм карда мегирӣ. Ман сар боло карда натавониста истодем...

— Хайр истед! — гуфт Ойиша ба хаёл фурӯ рафта.— Ман боз чия пурсиданӣ будам... Ҳа, кас дар хобаш шавҳараш қатӣ нею як одами дигар қатӣ ачоку муччӣ кунад, чӣ?

Кампир ҳайрон шуду пурсид:

— Ҳамин тавр хоб дидӣ-мӣ?

— Ҳа,— гуфт Ойиша,— дина шаб ҳам домодатон бевақт омаданд. Поида шишта, хобам бурда мондааст... Нохост хоб бинам, ки Қарим... Худди дар бедорӣ будагӣ барин... Либосҳои нав пӯшидагӣ, мисли домод росту-орост кардагӣ. Хандону шукуфон... Ба ман гуфт, ки ҳа, Ойиша, мана пазмон нашуди-мӣ? Ман гуфтам, ки пазмон шудам... Хайр, биё набошад, гуфта аз дастам гирифту ба як чорбоғ-мӣ, ба як гулзор-мӣ, ба як ҷои сабзу хуррам кашида даровард... Давои пазмонӣ медонӣ, чӣ, гуфта пурсид. Ман гуфтам, ки не. Вай ба ин тараф ва он тараф нигоҳ карду баъд мана сахт бағал карда, ба дилаш пахш кард ва аз рӯям муччӣ кард... Ман ҳам дастамро ба гардани вай ҳалқа карда, аз рухсораш муччӣ кардам. Дар ҳамин вақт Махсум омаду бедор шудам...

Аз чашмони кампир хоб парида рафт ва дилашро

чӣ як бори хиҷолат ва надомат фушурдагӣ барин шуд.

— Каримҷонро ёд кардӣ!..— гуфт вай оҳ кашида монда.— Кас ягон чизро фикру хаёл карда хобад, албатта, ба хобаш медарояд...

— Не, ман фикр кардагем не,— гуфт Ойиша,— баръакс, фикр кардам, ки Махсум вақтҳои охир каммеҳр шуда мондагӣ барин... Шабҳо бевақт медарояд, рӯзҳо суроғ намекунад... Пештар чӣ зайлин буд?! Як соат набинад, девона мешуд!

— Кораш бисьёр! — гуфт ба духтараш тасалло доданӣ шуда, кампир.— Мардаки серкор ба назараш баъзан ҳеҷ чиз наменамояд, лекин дар дилаш меҳр дорад. Ту парво накун, хоби дидагет ҳам бисьёр нагз. Мардаки бегона дар хоб фарзанд, фарзанди писар мегӯянд... Кошкӣ худо Каримҷон барин як тӯраписар медод!

— Аҳволи Каримҷон чӣ шуда бошад? — нохост пурсид Ойиша.

— Сиҳат шудагист. Духтурҳои доно мемонанд, ки вай талаф шавад!

— Ба Бухоро омада бошад?

— Надонам... Вай ба ҳар ҷо равад, гули сари сабад мешавад!

— Кошкӣ боз Фирӯза меомад, насими форам барин ба дилам хуррамӣ мевазад... Дар ин ҳарами танг хубдур дилам буғз карда монд!

— Ман ҳам тағоятро пазмон шудем. Аз вай ҳеҷ хабар нашуда монд. Кошкӣ тезтар хусумати байни инҳо тамом мешуд!

— Хусумати инҳо тамом мешудагӣ не барин... Хайр, равед, хоб кунед онаҷон!

Кампир ӯро ба худо супорида баромада, ба хонаи дигар рафт. Ойиша ба фикру андеша фурӯ монд.

Вақтҳои охир, хусусан пас аз он ки зинда будани Каримро донист, Ойиша хеле маъюс ва парешон шуда монда буд. Шиканҷаи надомат ва пушаймонӣ ӯро азоб медод. Дар назди касе худро гунаҳгор, айбдор барин медид. Гумон мекард, ки ба чоҳи нангу фалокат худро андохта ва дигар илоҷи баромадан аз

он надорад... Ин ҳолати ӯро ҳатто Асад Махсум пай бурда буд. Боре ӯро дӯстдорӣ карда нишаста гуфт:

«— Ин вақтҳо парешонхотир шуда мондӣ-мӣ, ё муҳаббатат суст шуда монд-мӣ, чӣ шуд, ки муомилаҳоят дигар аст?!»

Бале, муомилаҳои вай дигар шудагӣ. Агар пештар ҳар дӯстдории Асад Махсум ӯро болу пар дода, дар осмони фахру саодат сайр мекунонида бошад, ҳоло, баръакс, вай дар ин дӯстдориҳо оҳанги дурӯғ ва фиребро ҳис мекардагӣ шуда монда буд. Охир, ҳамин Асад Махсум набуд, ки Каримро босмачиҳо куштанд, нобуд карданд, гуфта буд?! Ҳамин Асад Махсум набуд, ки дасту дили ӯро аз ҳамаи дигарон хунук карда монда, ба ҷояш ишқу муҳаббати худро пешниҳод намуд ва ҳоло маълум мешавад, ки ҳамаи он суханҳо дурӯғ ва бекора будаанд... Забони каҷи дурӯғгӯ ҳеҷ гоҳ ростӣ надорад ва бинобар он ин дӯстдориҳо ва ин хушомад заданҳо низ чаро дурӯғ набошанд?! Хизматгорзанак хабар меовард, ки дар берун ҳар рӯз одамҳои бегуноҳро оварда кину қасос мекардааст, мекуштааст, бо дасти худаш мепарронда аст. Бераҳм, дилсахт ва сангдил будааст... Шабҳо «одамаки нармдил, ошиқи шайдо» шуда ба назди вай медароянд, бо ҳамон дастони ба хуни одамони бегуноҳ олуда шуда, омада ӯро дар оғӯш мекунад... Ҷимоди бекора будан лозим, ки дар оғӯши ин мард бӯи хуни ноҳақро нафаҳмад кас!..

Вай дар ин бора ба модараш шикоят карда буд. Аммо модараш ӯро тасаллӣ дода гуфта буд: кӣ медонад, гуфтаҳои хизматгорзанак рост бошанд, ё дурӯғ. Агар рост бошанд ҳам, вазифа ва кори вай ҳаминку! Ҳукумати Бухоро ӯро барои нест кардани душманҳо, барои барҳам додани босмачиҳо, масъул карда мондааст. Кину қасос карда бошад, босмачиҳоро кардагист!.. Бе ин намешавад, албатта... Ту инро дон, ки шавҳарат одами сипоҳ аст ва дар сипоҳигарӣ ин корҳо мешавад. Шайх Саъдӣ дуруст гуфтаанд, ки: ё макун бо филбонон оштӣ, ё бино кун хонае дар хӯри фил! Ана, бинобар он бисьёр ғусса нахӯр, ба ин гапҳо аҳамият нате! Акнун ки тақдират ҳамин будааст, шавҳарата дон! Ҳар чӣ ҳам бошад ба пеши поят сар

мемонад, садакаю курбон мешавад, ба ману ту озоре намерасонад... Бахт аз ин зиёд мешавад-мӣ?!

Ин сухану ин насихатҳои модарона ҳам бад не. Дуруст мегӯяд кампир! Дигар чи илоҷ! Ба тақдир тан додан лозим. Ба ҳамин рӯз ҳам шукр кардан лозим! Лекин, рӯзе шаваду бо Қарим рӯ ба рӯ шуда монад, чӣ кор мекунад?! Охир, Қарим ӯро аз ҷонаш ҳам зиёдтар дӯст медошт, бо вай аҳду паймон карда буд! Ҳа, бевафо, он аҳду паймон чӣ шуд, намегӯяд?! Дар он ҳол ба вай чӣ ҷавоб медиҳад?! Замин кафаду вай даромада равад!

Ох, Қарим, Қаримҷон! Дар бораи ман фикр накун, номи маро ба забони покат нагир, аз гузашта ёд накун! Ман ба ҳеҷ намеарзам, ба ҳеҷ! Ман фақат зан, зани муштипар, зани беирода ва безабон... Зани як мард, зани як марди пурзӯр ва тавоно шуда мондагӣ... Ман як бозича, як тасаллии хотир, як гули коғазӣ ҳастам, ки бӯй надорам!.. Мегӯянд ки Ҳукумати Шӯрой ба занҳо озодӣ, баробарҳуқуқӣ медодааст, занҳо озод мегаштаанд, бо дигарҳо гап зада метавонистагӣ мешудаанд, рафту омад мекардаанд, маҷлис мекардаанд, кор мекардаанд... Ҳамаи инҳо фақат на барои ман! Ман фақат зан ҳастам, зани одами пурзӯр ва тавоно!

Бале, чӣ будани маънои «зан», «зани муштипар»-ро вай акнун нағз медонист. Муштипар, як мушт пар, на ҷон дорад, на вазн, на ҳаракат дорад ва на баракат! Як пуф гӯед, нест мешавад, меравад!.. Ман зани муштипар!.. Ман зани муштипар!.. Ман зани муштипар!..

Надониста монд, ки чанд дақиқа, ё чанд соат хобаш бурда бошад. Ба ҳар ҳол ба хона даромадани Махсумро шуниду чашм кушод. Дар берун ҳанӯз ҳаво торик буд, дар поёни хона лампаи бистӯм месӯхт. Махсум гап назада, ба канори кат омада нишасту оҳиста-секин либосҳояшро кашидан гирифт.

— Соат чанд? Ҳанӯз рӯз нашудааст-мӣ? — пурсид Ойиша, хоболудона.

— Ҳа, ман бедор кардам-мӣ? Ҳоло барвақт... Хоб кун!

— То навакак бедор, ба дар чашм дӯхта шишта

будам. Охир ки наомадед, ба ягон ҷой рафта мондагет, гуфта ба даруни ҷогаҳ даромадам... Чои гарм печонда мондагӣ, дастурхон гирам-мӣ? Гӯшти яхнӣ ҳаст.

— Не,— гуфт Махсум хастаҳолона,— дилам ҳеҷ чиз наметалабад... Монда шудам. Роҳат кардан, бӯйи туро нафас гирифта, дар оғӯши нармат ҳама чизро фаромӯш кардан мехоҳам.

— Чӣ шуд, ки ин қадар монда шудед? — қасдан пурсид Ойиша.— Магар бе шумо дигарон кор бурда наметавонанд?

— Корҳои калон, корҳои муҳим бе ман намешавад! Ҳозир душманҳо ганда сар бардоштагӣ, андаке сустӣ кунем, моро хӯрда мемонанд! Хайр, камаш монд. Насиб бошад, душманҳоро нест ки кардем, ба Бухоро медароем, саҳрогардӣ бас аст! Як ҳавлии калони серускунаро мегирам, ки хонаи олчанобиаш кар-шастии ҳафтдаҳ болор дошта бошад... Ана баъд он хонаро чунон оро диҳам, ки амир бинад гаранг шавад! Қолини сурхи патдори қизилаёқ, кӯрпаю кӯрпачаҳои бахмалу шоҳӣ, болиштҳои пари қу, пардаҳои ҳарир... Дар токҳо чойнику пиёлаҳои қирмизӣ, кашкарӣ, гулдонҳои хитоӣ, дар равоқҳо сандуқчаҳои чинории пур аз ёқуту марворид, сантӯрҳо, чизҳои антика... Ҳар рӯз базм, тӯй, хурсандӣ... Созандаҳо гумбур мекунанд... Рафту омад, хурсандӣ... Медонам, ки дар ин ҷо танҳо зиқ шудай... Баръакс, кор бисьёр, ба ман имкон нест, ки туро сокӯл кунам.

— Не, ман зиқ не!..— гуфт Ойиша.— Лекин ойем Ҳайдаркул тағомро ёд кардаанд... Кошкӣ Махсум бо он кас оштӣ мешуданд, гуфта истоден...

Нохост ба хотирӣ Асад чунин фикре расид, ки дар ҳақиқат чаро ҳамин Бибираҷаб ва Ойишаро баҳона карда, бо Ҳайдаркул оштӣ накунад? Ҳанӯз ки корҳоаш чандон пухта нарасидаанд, ҳанӯз ки одамҳои кӯрбошиpо ба худ ром накардааст ва фақат акнун ба ин кор сар кардааст, бо Ҳайдаркул барин одам бад шудан чӣ лозим.

— Ҳа, Ҳайдаркул тағот?— гуфту хеле хомӯш монд. Баъд ба даруни ҷогаҳ дароз кашиду кӯрпаро ба болояш гирифт ва ба шифт чашм дӯхта истода, ба

гапаш давом кард.— Ҳайдарқул тағот оштӣ шудан намехоҳад. Қошкӣ хусумати бедаракро ба як сӯ монда, бо ман оштӣ мешуд. Ман ҷону дилам катӣ... худам рафта, ба пояш меафтодам. Дастонашро ба чашмонам мемолидам, ба хизматаш даст алифлом мешудам...

— Ҳоҷати ин қадар ҳам не. Тағом одами хоксор! Лекин роҳи оштӣ шуданро ёфтан лозим. Ба фикрам агар онем ба миён дароянд, тағом не намегӯянд. Додарашон, ҷону ҷигарашон... Ягон рӯз онемро фиристонед, нағз мешавад.

— Майлаш, нашавад, ҳамин тавр мекунем...— гуфта монд Махсум ва дигар гап назад. Пас аз дақиқае овози хурроки ӯ ба хона печид...

Рӯзи дигар Асад Махсум бевақт берун баромад. Дар рӯи ҳавлии берун Саидпаҳлавон ӯро дида, салом доду аҳволи саломатиашро пурсид ва баъд гуфт:

— Босмачиҳо ба машқи саҳарӣ нахестанд. Ҳар чанд кардем нашуд, Наим ҳақорат карду ба командирҳо ҷавоб дод.

Асад аз рӯи одаташ ришашро дошта истода гуфт:

— Аввалаш ин ки онҳоро босмачӣ нагӯй! Навмашқҳо гӯй!

— Хуб шудааст.

— Сониян ин ки Наим номаъқул карда ҷавоб додааст. Зада хезондан лозим!

— Хуб шудааст.

— Оқилов канӣ?

— Дар меҳмонхона, ба шумо маътал.

Асад ба меҳмонхона даромада мағал бардошт:

— Чӣ гуфта машқи саҳариро накарда ҷавоб додааст?! Шумо дар куҷо будед? Якта-дутеша зада, мепарронидетон намешуд?! Ҳама даҳанялаҳои бемаза! Агар ба онҳо як бор гузашт кунед, тамом, ба саратон баромада, ҳар карда сувор шуда мегиранд! Ҳозир ҳамаро ба машқ ҳай кунед, ду соат зиёдтар давонед! Шумо бояд бохабар бошед!

— Наим ба ман хабар надодааст,— гуфт Оқилов.— Ман бо дигар корҳо банд будам...

— Чӣ корҳо? Аз ин ҳам кори зарууртар ҳаст-мӣ?!

— Ҳаст! — гуфт Оқилов ба чашмони Асад Махсум бебокона нигоҳ карда.— Ҳаст, раис!

Асад, дар ғазаб аз вай рӯй тофту рафта ба сари столи худ нишаст:

— Гап занед! — гуфт.

— Низомиддин телефон кард,— гуфт Оқилов.— Пас аз ним соати дигар ба ин ҷо Оқчурин, Ҳайдарқул, Низомиддин афандиҳо марҳамат мекардаанд. Ҳаман аъзоҳои комиссия ва командирҳои қӯшун бояд ҳозир бошанд. Маҷлиси фавқулодда мегузаронанд.

— Боз чӣ маҷлис? Моро ба ҳоламон мемонанд, ё не?!

Оқилов ба ин суолҳо ҷавоб надоду гуфт:

— Ман коғазҳо, делаҳо, қарорҳоро ба тартиб овардам, ба Исматҷон гуфтам, ба хобгоҳи бачаҳо рафта хабар гирад, ин ҷо-он ҷоро ба тартиб биёрад ва ба командирҳо хабар диҳад, ки ҳозир шаванд!.. Худи котиби фирқа омада истодааст, бе чиз набудагист!

— Хайр, биёяд, омадан гирад! — гуфт Махсум парешонхотирона.— Лекин масъалаи ин йигитҳои нав хамроҳ шудагиро чӣ мегӯем?

— Худашон хостанд мегӯем. Ман ба Исматҷон супоридам, ки рафта ҳамаашро таъкид карда монад, агар аз онҳо пурсанд, ҳамин хел ҷавоб диҳанд.

— Миқдорашонро камтар карда нишон додан лозим. Масалан, сад кас аз йигитҳои камбағал, гӯед!

— Дуруст.

Дар Дилкушои берун ҳеҷ кас намедонист, ки ин калонҳои шаҳрӣ барои чӣ мақсад меомада бошанд. Ба ҳар ҳол дар соати ёздаҳи рӯз, дар таи дарвоза, дар саҳлави калон ва рӯи ҳавлӣ бисту панҷ-сӣ нафар сардорони қӯшуни Асад ва сардорони йигитҳои қӯрбошӣ ҷамъ шуданд. Дере нагузашта, аз шаҳр дар фоэтони Низомиддин — Оқчурин ва Ҳайдарқулино омаданд. Онҳоро худи Асад, Исматҷон ва Оқиловино пешвоз гирифтанд ва ба меҳмонхона даровварданд.

— Командирҳоро ҳам хабар кунед, дароянд! — гуфт Оқчурин ба Асад.— Меҳмонхона калон, мегунҷем.

— Як камтар дам гиретон,— гуфт Асад.— Як пиёла чой нӯшед... баъд...

— Чой бошад, овардан гиред! — гуфт Низомиддин.— Мо гапро сар кардан мегирем.

— Марҳамат, марҳамат! — гуфт Асад, аз рӯи Низомиддин изтиробро дарк карда.— Қанӣ, рафиқ Оқилов, ба Наим гӯед, бачаҳоро дарорад! Саид амак, чой!

Ҳамаи командирҳо ва сардори йигитҳои қӯрбошӣ ба меҳмонхона даромаданд ва ба рӯи гилем чӯкка заданд. Саидпаҳлавон чою лаълии ширинборро дароварда ба рӯи стол, дар назди меҳмонҳо гузошт.

— Бародарони азиз! — гуфт Асад ба ҳозирон хитоб карда.— Имрӯз аз шаҳр, аз Қумитаи Марказии Фирқаи иштирокиюн ба назди мо худи котиби масъули қумита рафиқ Оқчурин меҳмон шуда омадаанд. Пеш аз хама мо ба ин кас хайри мақдам гуфта, баъд хоҳиш мекунем, ки бифармоянд, мо ба шунидани фармонашон ҳозир ҳастем!

Оқчурин, ки марди қоқинаи қадбаланд ва гандумгун, чашму абрӯ сиёҳ, бо мӯйҳои ғуллии мошу биринҷ аз ҷо бархост ва шинели худро кашида монд:

— Хона гарм будааст,— гуфт вай табассум карда.— Шинел ба сӯҳбати озод халал надиҳад! Бале, сӯхбати имрӯзаи мо, сӯҳбати озод мешавад. Дар ин хона, ки ҳоло сӯҳбати озод ва гарму ҷӯшони мо сар шуда истодааст, як чанд моҳ пештар амир Олимхон кайфу сафо мекард. Одамони вай хуни меҳнаткашонро мемакиданд. Инқилоби сурх тоҷу тахти амирро ба замин яксон кард ва ба меҳнаткашон имкон дод, ки озодона нафас гирифта тақдири худашонро ҳал кунанд. Лекин душманони инқилоб осуда нагаштанд. Намонданд, ки халқ ҳаёти нав ва озодонаи худро бемалол созад. Бинобар он Ҳукумати нав, Ҳукумати Шӯроии Бухоро ба ғайр аз дастаҳои милиция ва муҳофизони халқӣ, инчунин комиссияи фавқулоддаи мубориза бо босмачиёнро ташкил намуда, шумо дӯстон ва рафиқонро дар ин ҷо, дар Дилкушои берун ҷамъ овард. Комиссия дар муддати кори худ ба муваффақиятҳои калон ноил гардид... Лекин ба саҳву хатоҳо ҳам роҳ дода шуд, ки инро комиссияи махсуси тафтишӣ муайян намуд.

Бинобар он Комитети Марказии Фиркаи Иштирокиюни Бухоро карор кард, ки пас аз ин ҳам ба кори ин комиссияи фавкулодда ёрӣ расонида, то мумкин аст, ҳайъати онро пурзӯртар кунад. Инак, имрӯз ба назди шумо рафиқ Ҳайдаркулро гирифта овардам, ки Кумитаи Марказӣ, ин касро ба назди комиссия комиссари сиёсӣ таъин кардааст. Рафиқ Ҳайдаркул яке аз инкилобчиҳои фаъол ва большевики ҳушьёр мебошад. Ҳам аз ҷиҳати синну сол ва таҷрибаи бояш, ҳам аз ҷиҳати дониши сиёсӣ ва кораш рафиқ Ҳайдаркул ба ин кор хеле муносиб аст. Ман боварӣ дорам, ки бо ҳамроҳии ин кас кор бурда, пас аз ин ҳам ба муваффакиятҳои калон ноил мегардед ва саҳву хатоҳо камтар мешавад...

Окчурин боз дар бораи вазифаҳои оянда ва мубориза бо босмачиён ва истеҳкомияти Ҳокимияти Шӯрой сухан карда, ба ҷояш нишаст.

Ҳайдаркул бо иҷозати Асад Махсум аз ҷо бархосту гуфт:

— Бародарони азиз! Ман аз ҷиҳати синну сол ба ин вазифа чандон муносиб набошам ҳам, Кумитаи Марказӣ ҳаминро лозим донист ва ман не гуфта натавониста, кабул кардам. Комиссар чӣ гуфтанӣ гап? Комиссар соҳибмаслиҳат ва барандаи корҳои сиёсӣ ва фиркавии кӯшун аст. Кӯшуни мо, кӯшуни сурх, кӯшуни инкилобӣ аст. Вай ба мардум адлу инсоф, ҳаёту зиндагии нав ва осудагӣ медиҳад. Меҳнати озодонаи халкро мудофиа мекунад ва ҳар касе ки ба ҳаёти мардум, ба зиндагии осудаҳолонаи вай халал диҳад, ҳар кӣ бар зидди инкилоб сар бардорад, несту нобуд мекунад. Ин кӯшун дар кори инкилобӣ бояд худаш ҳам тарбия ёбад, бояд худаш ҳам пешкадам ва доно шавад. Ана, комиссар бояд дар ин корҳо ба сардор ёрӣ расонад. Ман боварӣ дорам, ки ҳамаи бародарони дар ин ҷо ҷамъ шудагӣ ба кори мушкили ман ёрӣ мерасонанд ва мо ҳамроҳи шумо супоришоти Кумитаи Марказиро ба ҷо меорем.

Баъд Низомиддин гап гирифт ва рӯякӣ бошад ҳам, таклифи навро тақвия намуд ва гуфт, ки рафиқон ва бародарони дар ин ҷо ҷамъшуда, ба кори комиссар ёрӣ расонанд.

— Як камтар дам гиретон,— гуфт Асад.— Як пиёла чой нӯшед... баъд...

— Чой бошад, овардан гиред! — гуфт Низомиддин.— Мо гапро сар кардан мегирем.

— Марҳамат, марҳамат! — гуфт Асад, аз рӯи Низомиддин изтиробро дарк карда.— Қанӣ, рафиқ Оқилов, ба Наим гӯед, бачаҳоро дарорад! Саид амак, чой!

Ҳамаи командирҳо ва сардори йигитҳои қӯрбошӣ ба меҳмонхона даромаданд ва ба рӯи гилем чӯкка заданд. Саидпаҳлавон чою лаълии ширинборро дароварда ба рӯи стол, дар назди меҳмонҳо гузошт.

— Бародарони азиз! — гуфт Асад ба ҳозирон хитоб карда.— Имрӯз аз шаҳр, аз Қумитаи Марказии Фирқаи иштирокиюн ба назди мо худи котиби масъули қумита рафиқ Оқчурин меҳмон шуда омадаанд. Пеш аз ҳама мо ба ин кас хайри мақдам гуфта, баъд хоҳиш мекунем, ки бифармоянд, мо ба шунидани фармонашон ҳозир ҳастем!

Оқчурин, ки марди қоқинаи қадбаланд ва гандумгун, чашму абрӯ сиёҳ, бо мӯйҳои ғуллии мошу биринҷ аз ҷо бархост ва шинели худро кашида монд:

— Хона гарм будааст,— гуфт вай табассум карда.— Шинел ба сӯҳбати озод халал надиҳад! Бале, сӯҳбати имрӯзаи мо, сӯҳбати озод мешавад. Дар ин хона, ки ҳоло сӯҳбати озод ва гарму ҷӯшони мо сар шуда истодааст, як чанд моҳ пештар амир Олимхон кайфу сафо мекард. Одамони вай хуни меҳнаткашонро мемакиданд. Инқилоби сурх тоҷу тахти амирро ба замин яксон кард ва ба меҳнаткашон имкон дод, ки озодона нафас гирифта тақдири худашонро ҳал кунанд. Лекин душманони инқилоб осуда нагаштанд. Намонданд, ки халқ ҳаёти нав ва озодонаи худро бемалол созад. Бинобар он Ҳукумати нав, Ҳукумати Шӯроии Бухоро ба ғайр аз дастаҳои милиция ва муҳофизони халқӣ, инчунин комиссияи фавқулоддаи мубориза бо босмачиёнро ташкил намуда, шумо дӯстон ва рафиқонро дар ин ҷо, дар Дилкушои берун ҷамъ овард. Комиссия дар муддати кори худ ба муваффақиятҳои калон ноил гардид... Лекин ба саҳву хатоҳо ҳам роҳ дода шуд, ки инро комиссияи махсуси тафтишӣ муайян намуд.

Бинобар он Комитети Марказии Фиркаи Иштирокиюни Бухоро карор кард, ки пас аз ин ҳам ба кори ин комиссияи фавкулодда ёрӣ расонида, то мумкин аст, ҳайъати онро пурзӯртар кунад. Инак, имрӯз ба назди шумо рафиқ Ҳайдаркулро гирифта овардам, ки Кумитаи Марказӣ, ин касро ба назди комиссия комиссари сиёсӣ таъин кардааст. Рафиқ Ҳайдаркул яке аз инкилобчиҳои фаъол ва большевики ҷушъёр мебошад. Ҳам аз ҷиҳати синну сол ва таҷрибаи бояш, ҳам аз ҷиҳати дониши сиёсӣ ва кораш рафиқ Ҳайдаркул ба ин кор хеле муносиб аст. Ман боварӣ дорам, ки бо ҳамроҳии ин кас кор бурда, пас аз ин ҳам ба муваффакиятҳои калон ноил мегардед ва саҳву хатоҳо камтар мешавад...

Окчурин боз дар бораи вазифаҳои оянда ва мубориза бо босмачиён ва истеҳкомияти Ҳокимияти Шӯроӣ сухан карда, ба ҷояш нишаст.

Ҳайдаркул бо иҷозати Асад Махсум аз ҷо бархосту гуфт:

— Бародарони азиз! Ман аз ҷиҳати синну сол ба ин вазифа чандон муносиб набошам ҳам, Кумитаи Марказӣ ҳаминро лозим донист ва ман не гуфта натавониста, кабул кардам. Комиссар чӣ гуфтанӣ гап? Комиссар соҳибмаслиҳат ва барандаи корҳои сиёсӣ ва фиркавии кӯшун аст. Кӯшуни мо, кӯшуни сурх, кӯшуни инкилобӣ аст. Вай ба мардум адлу инсоф, ҳаёту зиндагии нав ва осудагӣ медиҳад. Меҳнати озодонаи халкро мудофиа мекунад ва ҳар касе ки ба ҳаёти мардум, ба зиндагии осудаҳолонаи вай халал диҳад, ҳар кӣ бар зидди инкилоб сар бардорад, несту нобуд мекунад. Ин кӯшун дар кори инкилобӣ бояд худаш ҳам тарбия ёбад, бояд худаш ҳам пешкадам ва доно шавад. Ана, комиссар бояд дар ин корҳо ба сардор ёрӣ расонад. Ман боварӣ дорам, ки ҳамаи бародарони дар ин ҷо ҷамъ шудагӣ ба кори мушкили ман ёрӣ мерасонанд ва мо ҳамроҳи шумо супоришоти Кумитаи Марказиро ба ҷо меорем.

Баъд Низомиддин гап гирифт ва рӯякӣ бошад ҳам, таклифи навро таквия намуд ва гуфт, ки рафикон ва бародарони дар ин ҷо ҷамъшуда, ба кори комиссар ёрӣ расонанд.

Ниҳоят худи Асад аз ҷо бархост. Вай зоҳиран табассум кунад ҳам, ботинан хеле асабӣ ва тангдил шуда буд.

— Ба ман ҳар чӣ қадар ёрӣ ва мададрасон биёред, бо ҷону дил қабул мекунам,— гуфт вай.— Чунки албатта аз як кас, ду кас беҳтар, аз ду кас чор кас беҳтар аст. Ана, мо се нафар комиссия будем, як раису ду аъзо, акнун чор нафар мешавем, ин ҳам бад не... Лекин рафиқ Оқчурин, агар иҷозат бошад, дар сари ду масъала истода гузаштанӣ ҳастам.

Вай ба сӯи Оқчурин бо назари суол нигоҳ кард.

— Марҳамат! — гуфт Оқчурин.

— Масъалаи аввал ҳамин, ки ба ман казокча карда, фаҳмонида диҳед, ман одами меранҷидагӣ не... Кумитаи Марказӣ бо чӣ фикру андеша ин вазифаи комиссариро ба комиссияи мо илова карда дода бошад? Инро чӣ тавр фаҳмидан лозим? Наход ки ба мо — ба комиссияи фавқулоддаи атроф, ки дар бадали ин чанд моҳ ҳақиқатан корҳои фавқулоддаро ба ҷо овард, боварӣ ва эътимод кам шуда мондааст?

Асад дақиқае хомӯш монд. Оқчурин аз фурсат истифода бурда гуфт:

— Якта, якта ҷавоб диҳам, ё ки ба ҳар ду якбора?

— Ҳозир ба ҳамин ҷавоб диҳед!

Низомиддин ларзида меистод, ки мабодо Асад Махсуми бадниҳод ҷанҷол бардошта, дар байни ҳамин қадар одам худашро беобрӯ кунад!.. Вай медонист, ки Оқчурин одами ҳазл не ва шояд худи ҳамин комиссар таъинкунӣ баҳона шуда, агар бемазагӣ кунад, Асадро бекор карда, гирифта бурда метавонад. Вай ҳарчанд кӯшиш мекард, ки имконияте пайдо карда, ба ӯ ором бош гӯяд, лекин наметавонист.

Оқчурин аз ҷои нишастагиаш ҷавоб дод:

— Комиссар таъин кардан, нишонаи эътимод гум кардан не. Агар мо ба шумо бовари худро гум карда бошем, чораҳои дигар ҳаст. Ин — комиссар мондан, баръакс ба кори шумо ёрӣ додан, шуморо нигаҳдорӣ кардан аст. Баъд, дар ҳар дастаи қӯшуни сурх будани комиссари ҳарбӣ ва сиёсӣ қоида шудааст. Ин маълум!

— Ба ҷавобатон ташаккур! — гуфт Асад.— Пас,

ин аз рӯи қоидаи умумӣ ва зарурӣ аст? Майлаш. Акнун суоли дигар ҳамин, ки рафиқ Ҳайдарқулро мо бисьёр ҳурмат мекунем ва нағз мешиносем. Лекин ба назди ман комиссар шуда омадани ин кас зарур бошад? Охир, ману ин кас дар баъзе масъалаҳои онлавӣ бо ҳам гӯё хусумат дорем. Агар ин хусумат дар миён бошад, кори мо чӣ мешавад?

— Ба ин суолатон ҷавобро бо суол сар мекунам,— гуфт Оқчурин.— Шумо ба рафиқ Ҳайдарқул хусумат доред, ё не?

— Ман? — гуфт Асад ва каме фикр карда, давом дод:— Ман хусумат надорам...

— Набошад,— гуфт Оқчурин.— Ин кас ҳам хусумат надоранд. Ҳамин тавр не, рафиқ Ҳайдарқул?

— Бале,— гуфт Ҳайдарқул.— Ман хусумат надорам, хусусан ин ки корҳои шахсиро ман ба корҳои иҷтимоӣ як намекунам. Он чизеро ки ин кас хусумат медонад ва гумон дорад, ки зиддияти мо аз он аст, саҳв мекунад. Зиддияти мо дар сари корҳои иҷтимоӣ ва давлатӣ буд. Агар ин корҳо мувофиқи нишондоди фирқаи иштирокиюн равад ва Асад Махсум ғайрат ва суботкорӣ нишон диҳад, вай беҳтарин дӯсти ман хоҳад буд.

— Ана,— гуфт Оқчурин,— ин масъала ҳам ҳал шуд. Боз чӣ мегӯед?

— Боз гуфтан мехоҳам, ки,— аз ҷо бархост Асад,— феълу хӯи маро рафиқ Ҳайдарқул нағз медонад. Агар бо ман дониста муомила кунад, ман ғуломаш мешавам. Лекин агар дар ҳар кор ба ман зид бароямада, фикри худашро мегузаронидагӣ шудан гирад, ман дар назди худи шумо, рафиқ Оқчурин, мегӯям, ки ман худамро дошта наметавонам...

Низомиддин зуд даст бардошт.

— Гап ин тавр нашудааст, рафиқ Асад Хоҷаев,— гуфт вай насиҳаткорона.— Мо дар ин ҷо моли мероси падарамонро тақсим карда истодагемо не! Феъли шуморо донад ва надонад, ки бояд бо ҳам кор кунед! Гоҳ он кас гузашт мекунанд, гоҳ шумо! Лекин агар шумо «сан тику ман тик»[1] карда шинетон, душман

[1] Сан тику ман тик — ту кун, ман кунам, яъне баҳсу мунозираи бекора.

аз фурсат истифода бурда, ба кори хоҷагии мо зарарҳои калон расониданаш мумкин. Ана, бинобар он, аз ҳамин рӯз сар карда, шумо дар корҳои сиёсӣ ва тарбиявии қӯшун ёридиҳандаи пухтакор доред, бояд ҳамаи корҳо ба равнақ бошад!

— Ба ин маслиҳат ва таъинот командирҳо чӣ мегӯянд? — пурсид Оқчурин.

— Ҳа, гап занед! — гуфт Асад ба поёниҳо хитоб карда.— Наим, Шокир, Орзуқул, Аҳмад! Гап занед!

— Мо чӣ мегуфтем,— гуфт Орзуқул.— Ҳар чӣ ки Ҳукумат мекунад, дониста мекунад. Мо хурсанд.

Наим гуфт, ки:

— Ба ҳар чӣ ки хӯҷаин розӣ бошанд, мо ҳам розӣ! Ба ҷону дил!

— Набошад, гап тамом! — гуфт Оқчурин.— Аз ҳозир сар карда, рафиқ Ҳайдарқул комиссари шумо мешавад. Барои вай ҷои кору шароити зиндагӣ дуруст мекунед. Шумо, рафиқ Ҳайдарқул, корҳоро ба роҳ монда шуда, ба Қумитаи Марказӣ маълум мекунеду ҳар чӣ ки лозим бошад, ёфта медиҳем ва ҳар камбудие, ки бошад, ба ислоҳаш мекӯшем. Мо боварӣ дорем, ки пас аз ин он хато ва нуқсонҳое ки пештар содир шуда будааст, такрор нахоҳанд шуд ва қӯшунҳои шумо рафта-рафта асоси қисми миллии лашкари сурхи қаҳрамон хоҳад шуд!

Маҷлис тамом шуду командирҳо аз хона баромаданд. Омадагон бо Асад Махсум ва ёронаш ба дида баромадани корҳои амалӣ сар карданд...

## 20.

Зимистон, зимистони қаҳратун бо ҳамаи сахтиҳо, норасоиҳо ва азобҳояш гузашт. Баҳори нозанин бо ҳамаи хушиҳо, зебоиҳо ва шодкомиҳояш омада ҳукмрон шуд. Ин, аввалин баҳори халқи озодгаштаи Бухоро буд. Баҳори дилафрӯз дар фазои ин мулки қадима парвоз карда, нахустин бор медид, ки деҳқон дар замин озодона меҳнат мекунад, оби ҷӯйбор ҳамаро баробар шодоб мегардонад, дари зиндон бастагӣ ва дар сияҳчолу хонаҳои пуразоби он бандие нест, Регистон сайлгоҳи мардум гаштааст...

Он сол барф чандон бисьёр наборида бошад ҳам, хунукиҳои сахт шуд ва бинобар он то худи расидани баҳор дар ҳар ҷо-ҳар ҷо барфҳои яхбаста, чанг зер кардамондаро дидан мумкин буд. Аммо дар баробари расидани баҳор ҳама ҷо аз барф тоза шуд.

Мегӯянд, ки хушбахт аст галои он мулк, ки шаб борон бораду рӯз офтоб шавад! Он баҳор дар Бухоро ҳамин тавр буд. Гоҳо бегоҳӣ дар ҳаво абрҳои сиёҳи боронӣ ҷамъ мешуданд, барқ ҳар замон дуньёро равшан мекард, осмон гулдуррос мезад ва баъд шатар-шутур чакраҳои калон-калони борон ба болои шаҳр меборид. Пас аз соате насими фораме вазида, абрҳоро пора мекард ва дар осмон ситораҳои дурахшон пайдо мешуданд, ки дар субҳ бо наҳустин шуоъи заррини офтоб парвоз карда раванд...

Ситораҳо нопадид мешуданду дар осмони лоҷувардӣ, ки гӯё, аз оби борони дишаба онро шуста, тоза ва мусаффо карда бошанд, фароштурукҳо пайдо шуда, ба бозӣ сар мекарданд... Овози хушнудонаи наққора задани лак-лакҳо шунида мешуд ва дар ҳаво фараҳу сурури хурсандӣ мавҷ мезад... Дар кӯчаҳои Бухоро сумалакфурӯшҳо пайдо шуда буданд, ки: «Бӯи баҳор аст сумалак, хӯрданба боб аст сумалак, оши наҳор аст сумалак»-гӯён суруд мехонданд. Бачаҳо бошанд, бозиҳои баҳоронаи худро сар карда буданд, акколбозӣ, гирам-гирамбозӣ, тӯббозӣ, ва ниҳоят обозӣ...

Дар хонадони Фирӯза низ баҳор омада буд. Вай як духтарчаи зебо таваллуд кард, ки Оймуллои Танбӯр ба вай Гулбаҳор ном дод. Фирӯза ва Асо худро хушбахттарини олам мешумурданд ва ба болои Гулбаҳор ҳафтларз буданд. Фирӯза то аз чилла баромаданаш кӯчаро надид. Баъд ҳаммом рафта, ба сараш об гирифта, парҳезашро шикаст ва маслиҳат карданд, ки чи тавр ҳамон зиёфати ният кардагиашонро кунанд. Зану шӯ пас аз хобонидани Гулбаҳор бо овози паст хеле сӯҳбат карданд, ҳамаи имкониятҳоро ба ҳисоб гирифтанд ва маълум шуд, ки сад «ҷон гарав, ҷома гарав» кунанд ҳам, он зиёфати калонро ӯҳда баромада наметавонанд...

— Баъд, чӣ даркор! — мегуфт Фирӯза.— Соли фа-

ровонӣ бошад-буд, майлаш буд. Ҳозир аҳвол мушкил, мо дар он тарафамон чизи казоӣ надорем... Бедарак қарз кардан чӣ лозим. Биёед, холо ҳамин тавр як зиёфатча мекунему ёру ошноҳои наздикро хабар мекунем. Баъд вақташ ва имконияташ шавад тӯи калонашро ҳам мекунем!

Зану шӯ ба ҳамин маслиҳати оқилона розӣ шуданд ва дар хона як зиёфатча тартиб дода, хурсандиҳо карданд. Ба зиёфат дар болохона Ҳайдарқул, Саидпахлавон, Карим ва боз ду-се нафар аз ҷӯраҳои Асо ҷамъ омаданд. Дар ҳавлии дарун муаллимаҳои клуби занҳо, ҳамсоязанҳо ва чанд нафар аз дугонаҳои Фирӯза омада буданд. Сӯҳбати онҳоро Оймуллои Танбӯр обод мекард:

— Гулбаҳори ман духтари бадрашк! — мегуфт вай бачаи парпечро дар даст дошта.— Намехоҳад ки онеш якка худаш дар бағали дадеш бошад. Бинобар он гаҳвораро қабул накарда тӯпаланг бардошт, ки мана парпеч карда ба байн гиретон, ҳардуятон фақат ба ман нигоҳ кунетон, акнун ба ғайр аз ман дигар ҳама корҳоро ғундошта монетон! Канӣ ба фармонам итоат накунеду қанд хӯред!

— Ҳа,— мегуфт Фирӯза ҳам,— аз барои ин шаттоҳ шуда, аз клубу аз кор ҳам бехабар шуда мондам... Ҳар, чӣ корҳо дуруст-мӣ, оймуллоҷонҳо?

— Худоба шукр! — гуфт яке аз муаллимаҳо.— Ҷонишини шумо нағз ғайрат карданд. Боз як муаллими туркӣ омад... Номаш чӣ буд... Ҳа, Ҳусниддинова, ба духтарҳо кашидадӯзӣ, хонағундориро ёд медодааст. Лекин забонаш чунон галдир, чунон галдир, ки ҳеҷ фаҳмида намешавад... Оймулло дар ҳаққи вай як шеър гуфтанд, ба шумо хонда надоданд-мӣ?

— Не,— гуфт Фирӯза ба Оймулло бо назари суол нигоҳ карда.

— Дар хона фурсат нашудааст, ки ба ту хонда диҳам,— гуфт Оймулло.— Дар хонае ки бача бошад, шиква намешавад мегӯянд, рост. Гулбаҳори ман як худаш ҳамаи моро гӯсола мекунад. Ҳатто Бобо-заргараш ҳам ин вақтҳо дӯконашонро ғундошта мондагӣ, ҳамин қатӣ андармон...

— Хайр, канӣ, шеъратонро мо ҳам фаҳмем? — гуфт илтимос карда Фирӯза.

Оймулло табассум карду бачаро ба дасти модараш дода, аз ҷо бархост.

— То аз рӯи коғаз нахонам, гуфта наметвонам,— гуфт вай.— Пир шуда, ёду хаёлам ҳам гум шудааст...

Вай аз байни ҷузгираш, ки дар токи боло буд, коғазеро ёфта, ба чашмаш айнак гузошта, рафта дар ҷои худ нишасту ба хондан сар кард:

— Ба ин шеър «забоната ғунда газад» ном мондан мумкин... Хӯш...

Чихо гуфтӣ нафаҳмидам,
Забоната ғунда газад!
Ная, гуфтӣ нафаҳмидам,
Забоната ғунда газад!

Чӣ гуфтагет: «бурони оч?»
Чӣ гуфтагет: «урони оч?»
Чӣ гуфтагет: «Шурони оч?»
Забоната ғунда газад!

Муаллима ҳамадон аст,
Оқилаю забондон аст...
Сақав бошӣ, лақабмон аст,
Забоната ғунда газад!

— Ба ростӣ ки забонаш туркии ғализ,— гуфт Оймулло. — Ба болокорӣ ҳамаи моро айб карда, масхара мекунад, ки мо забон надорем, туркӣ гап зада наметавонем. Бинобар он қаҳрам омаду ин шеърро гуфта... Ҳоло тамом нашудааст. Вақт шавад боз ду се банд илова мекунам.

— Аҷиб,— гуфт Фирӯза.— Пага рафта бинам канӣ, вай чӣ зайлии муаллима будааст.

— Вай зани Саид Аҳрорӣ! — гуфт Отунчахон.— Шавҳараш, ки сардор ва муҳаррири газета аст, аз болои вай калонӣ мекунад.

— Не, аслаш худаш бадангор-дия! — гуфт як муаллимаи дигар.— Набошад кӣ аз болои шӯ каттагӣ кардааст?!

Ҳамин тавр занҳо сӯҳбат мекарданд...

Дар беруи, дар болохона ҳама ба сӯҳбати Карим гӯш дода буданд:

— ...Баъдтар ба ман гуфтанд, ки хамаи духтурхо аз ман ноумед шуда, дар байни худашон гуфтаанд, ки ин ҷавон дигар сиҳат намешавад, майлаш, то охири умраш дар ҳамин ҷо бошад... Аммо ман аз ин гап бехабар, хайр ягон некие мешудагист гуфта, хоб кардан гирифтам. Ба толеи ман нохост як духтури нав пайдо шуда монд. Мардаки мӯсафед, пурдида ва ботаҷриба... Маро ба вай нишон доданд. Хуб дид, сари диламро гӯш кард, набзамро санҷид... баъд ба ман бо табассум нигоҳ карда гуфт, ки сиҳатӣ муборак шавад! Ман, ба ростӣ, якбора ҷон гирифтам. Наход ки ман сиҳат шуда бошам? Наход ки боз гашта ба Бухоро меравам? Ёру дӯстҳоро мебинам? Эй, бахт мадад! Мегуфтам, ба дилам. Аммо духтури мӯсафед аз ман саргузаштамро пурсид. Ман руст накарда, ҳамаро гуфтам... Дар бораи гул накарда, хазон шудани бахтам, дар бораи маъюсӣ ва хафагиҳоям гуфтам. Духтур гӯш карда истоду ханда кард. Соламро пурсид, гуфтам, ки бисту ду солаам. Ҳоло гап дар пеш гуфт, бахти ту акнун гул мекунад. Агар хоҳӣ, ки ба муродат расӣ, пеш аз ҳама ба худат бовар кун, ки ту метавонӣ, ту қодир ҳастӣ, ту ноумед найӣ Ба ростӣ ки ин суханҳо ва ё ки монанди ҳамин гапҳоро дигарҳо ҳам гуфта буданд, лекин барои чӣ буд, ки гуфтаи он пири доно ба ман таъсири дигар дошт. Ман ба вай бовар мекардам ва гуфтаҳои ӯро як сухани муқаддас барин қабул мекардам... Вай ба ман аз дорую даво дида бештар насиҳат медод ва бо мисолҳои аҷоиб мегуфт, саргузаштҳои ғалатиро нақл карда, маро қоил мекард... Ана, дар натиҷаи кори вай ҳамин шуд, ки имрӯз ман дар сӯҳбати шумо ҳозир шудам.

— Ҳамаи моро хурсанд кардӣ! — гуфт Ҳайдаркул.— Ба сари йигит чӣ рӯзҳо, ки намеоянд. Мард он аст, ки ҳаросон нашуда, корашро пеш барад. Бахти ту акнун гул карда истодааст, аз хазон ёд макун!

— Самарқанд шаҳри бисьёр хуш обу ҳаво,— гуфт Бобо-заргар.—Меваҳои нағз дорад, нонаш нағз, одамҳояш бамаънӣ... Ман дар соли ҷанги суннию эронӣ як бор рафта будам. Заргарҳои хуб дорад... Аича тамошо кардагистӣ? Лекин ватан,— Бухоро гапи дигар! Пазмон шудӣ?

— Пазмон ҳам гап-мӣ! Ҳамин ки баҳор шуду ман ҳам қувват гирифтам, бо рухсати духтурҳо ба шаҳр баромада сайру гашт мекардам. Ҳақиқатан Самарқанд шаҳри хушобу ҳаво будааст. Ба ман таклиф карданд, ки дар ҳамон ҷо ба кор монам, лекин иштиёқи дӯстон кашида, боз ба Бухоро овард.

— Акнун боз ба кори худат бармегардӣ? — пурсид Саидпаҳлавон.

— Қанӣ, бинем қанӣ, холо фикр накардаам! — гуфт Карим.

— Кораш муайян шудагӣ! — гуфт табассум карда, Асо.— Акнун аз ҳамдигар ҷудо намешавем. Лекин холо як даҳ-дувоздаҳ рӯз дам гирад...

— Ҳа, албатта! — гуфт Ҳайдарқул.

Дар ин дам кайвонии гузар аз поён тақ-тақ карда, Асоро чеғ зад, ки табақи ошро гирад...

Дар баҳор ҳар кас мехоҳад, ки озодонатар нафас кашад, аз хонаи тангу аз байни чор девор бароял... Хусусан Фирӯза, ки як дили тангу ҷони беқарор дошт, аз кай боз мехост, ки баромада ба клуб равад, хабар гирад, лекин Асо ва Оймулло ӯро аз ин кор манъ мекарданд. «Зани чилланок набояд ба кӯча барояд!» мегуфтанд. Ниҳоят чилла ҳам гузашту имконият пайдо шуд, ки вай ба кӯча барояд.

Он рӯз аввали пагоҳ бачаро сер карда, ба гаҳворааш басту аз Оймулло хоҳиш кард, ки то омадани вай дар болохона, дар пеши бача китобашро хонда шинад. (Зеро ки Асо ҳам аз саҳари барвақт ба кораш рафта буд).

— Ҷонам катӣ, аз наберекам бохабар мешавам,— гуфт Оймулло.— Лекин агар бедор шуда монда, аз ман чӣ-чӣ талаб кунад, чӣ кор кунам?

— Алла кунед, китоб хонда тед! — гуфт ширин табассум карда Фирӯза.— Лекин ба гумонам, то омадани ман бедор намешавад. Хуб сер карда хобондам.

— Хайр, майлаш,— гуфт Оймулло.— Бемалол рафтан гир, бедор шавад ҳам илоҷаш ҳаст...

Фирӯза ба сараш фаранҷӣ гирифта, рост ба клуби

занҳо рафт. Дар клуб аллакай муаллимаҳо ба синфҳо даромада, бо заиу духтарони дар он ҷо буда, машғулият мегузаронинданд. Фирӯза ба идораи клуб даромада, фаранҷию чашмбанди худро гузошту аз навбатдор пурсид, ки муаллимаи навомадагӣ Ҳуснидинова дар кадом синф дарс дода истодааст. Вай нишон дод.

Фирӯза ба даҳлези он хонае, ки Ҳуснидинова дар он ҷо ба духтарҳо дарси ҳунар меомӯхт, оҳиста рафта даромаду аз кафои дар гӯш дода истод. Занаки турк ба забони худаш чим-чиҳо мегуфт, аммо духтарҳои тоҷик намефаҳмиданд, вай дар ғазаб шуда, ба онҳо дӯғ мезад, онҳоро ҷанг мекард. Азбаски Фирӯза дар арк камтар-камтар забони туркӣ-ӯзбекиро омӯхта буд, диққат карда шунид, ки муаллима мегӯяд:

— Ман шумо каллахарҳоро маҷбур мекунам, ки забони туркиро фаҳмеду омӯзед! Охир, ҳамаи шумо авлоди турк, набераҳои Чингиз ва Темуру Чиғотой ҳастед!

Фирӯза тоқат накарду ба хона даромад. Духтарҳо ӯро дида, аз ҷо бархостанд.

— Салом, муаллима! — гуфт вай ва ба забони ӯзбекии вайрон ба гапаш давом дод: — Духтарҳои мо забони туркиро намедонанд, аммо ӯзбекиро мефаҳманд. Агар шумо мақсадатонро осонтар карда, ӯзбекӣ карда фаҳмонед, беҳтар мешуд.

— Ту кистӣ? — гуфт беэътиноёна муаллима, аз болои айнак ба вай нигоҳ карда.

— Ман мудири клуб мешавам, — гуфт Фирӯза.

— Тилингизга куйдургу чиққанму?![1] — гуфт Ҳуснидинова ба ҷои салом. — На ту ба забони туркӣ дуруст гап мезанӣ, на ин каллахарҳоят!

— Хайр, — гуфт ғазабаш ба сар зада Фирӯза. — Пас аз дарс дар идора гап мезанем.

Вай аз синф баромада ба кабинети худ рафта даромад, телефонро ба худ наздиктар монд ва дастаи онро сахт тофта, хоҳиш кард, ки ӯро бо раиси Комиҷроияи Марказӣ пайванд кунанд.

---

[1] Ба забонатон сӯхтанӣ баромадагӣ-мӣ?! (Газетаи «Бухоро Ахбори», 15 апрели соли 1921, шумораи 30).

— Ба ман ҷаноби Абдуқодир Муҳиддинов даркор! — гуфт вай ба пурсанда.— Ҳа, шумо-мӣ, салом, салом. Ман Фирӯза, аз клуби занҳо гап мезанам. Саломат бошед, шукр шукр. Аз шумо хоҳиш мекардам, ки ягон бор моро ҳам ба назар гирифта, меомадед, аз ҳоламон хабар мегирифтед... Бале, баъзе арзҳо дорем... Ба ростӣ? Бисьёр нагз... Ман ба шумо мунтазир. Агар нозири маориф, ҷаноби Қорӣ Йӯлдош ҳам меомаданд, хуб мешуд. Майлаш.

Вай трубкаро ба ҷояш гузошту тохта хест, рафта аз хобгоҳ ва аз ошхонаю маҷлисгоҳ хабар гирифт. Гӯё ҳама по барҷо буд. Баъд занг шуду муаллимаҳо ва духтарҳо аз синфҳо берун шуданд. Фирӯза аз ҷонишини худ пурсида донист, ки се нафар аз келинчаҳои саргурез шуда омадагиро аз роҳ зада, баъзе аз коркунони масъул гирифта бурдаанд. Шабу рӯз баъзе одамони бадахлоқ дар атрофи клуб мегарданд, ба занҳо хушомад мезананд, ҳатто бе пӯш-пӯш омада, даромада, духтарҳоро ба кӯча даъват мекунанд.

— Ҳамаи ин масъалаҳоро ҳозир ҳал мекунем! — гуфт Фирӯза ба маовинаш.— Ба ҳеҷ кас ҷавоб надода, нигаҳ доред, ҳозир калонҳо меоянд, маҷлис мекунем.

— Бо мардҳо чӣ хел мешавад?

— Шудан мегирад! Ҳар кас хоҳад бефаранҷӣ, нахоҳад бо фаранҷӣ шиштан мегирад. Боке не, аз они худӣ!

Соате нагузашту Абдуқодир Муҳиддинов,— Раиси Комитети Марказии Иҷроия ва Қорӣ Йӯлдош Пӯлотов — нозири маорифи Бухоро омада даромаданд. Фирӯза онҳоро бефаранҷӣ пешвоз гирифта, бо ҳамроҳии муаллимаҳои тотор ва тошкандӣ, ки онҳо ҳам фаранҷӣ надоштанд, ба омадагон клубро нишон дод ва баъд ба маҷлисгоҳ даъват карда гуфт:

— Акнун камтар арзи моро шунавед!

Абдуқодир Муҳиддинов, ки одами миёнақад, сергӯшту ғалча ва хеле базеб буд, бо камоли одоб ва хушмуомилагӣ дар яке аз курсиҳои канори хона нишаста, табассумкунон гуфт:

— Марҳамат, мо муҳайёи шунидани талаботи шумо ҳастем. Қумитаи Марказии Иҷроия ба корҳои уму-

мӣ ва ҳаррӯза банд шуда, шояд бевосита ва аз наздик бо аҳволи шумо ошно нашуда бошад... Вале, ин маънои онро надорад, ки масъалаи озодии занон, масъалаи маорифи занону духтарони Бухоро аз эътибор соқит шуда бошад, ё ки ба қатори масъалаҳои дуюмин ва сеюмин гузаронида шуда бошад... Ҳам фирқаи иштирокиюн ва ҳам Ҳукумати Шӯрони Бухоро ба масъалаи озодӣ ва баробарҳуқуқии занон аҳамияти махсус медиҳанд ва дар ин роҳ ҳар чӣ лозим бошад, дареғ намедоранд.

— Раҳмат ба шумо! — гуфт Фирӯза.— Барои ҳамин ҳам ман беодобӣ карда ба худи шумо телефон кардам, ки аз шумо умедҳои мо калон аст. Клуби занҳо, чи тавре ки ба худатон маълум аст, яке аз воситаҳои муҳим аст, дар кори озодии занон! Мо занону духтаронро мехононем, ҳунар меомӯзем, мудофиа мекунем, чӣ будани ҳуқуқашонро мефаҳмонем ва роҳи озодиро нишон медиҳем. Аммо баъзе як мансабдорони калон гумон кардаанд, ки клуби занҳо, бозори арӯсон аст. Ҳар вақт хоҳанд, ҳар чӣ қадар, ки хоҳанд, омада аз ин ҷо барои худашон ва одамонашон арӯсҳои муфтро гирифта бурдан мегиранд. Ман ду моҳ набудам, се нафар аз келинчаҳои соддаи моро бо фиребу найранг омада гирифта бурдаанд...

— Киҳо бурдаанд? — пурсид Муҳиддинов андак оташин шуда.

— Ман фаҳмида, номашонро ба шумо навишта мефиристонам,— гуфт Фирӯза.— Ин кори хуб не! Ин обрӯи клуби моро мерезонад. Хоҳишмандам, дар ин бора чорае андешед. Ин як. Сонӣ, ҳамин ки дар атрофи ин ҳавлӣ, дар дами дарвоза ва кӯча ҳама вақт ссета-чорта бӯзбалаҳои бадахлоқ давр зада мегарданд ва ба даромаду баромади занҳо халал медиҳанд. Ҳатто дар набудани ман ба даруни ҳавлӣ ҳам даромадаанд. Бинобар он агар мумкин бошад, дар пеши дари клуб як-ду милиция ҳама вақт посбонӣ кунанд. Ана, баъд, рӯзҳои охир хӯрокамон ҳам бад шуда монд. Равған кам медиҳанд, гӯшт хеле кам, қанд ҳам...

— Ҳамаи ин талабот ва хоҳиши шумо қонунӣ ва

зарурӣ аст! — гуфт Муҳиддинов.— Ман навишта гирифтам. Албатта чора мебинем.

— Акнун ба маориф арз дорем! — гуфт Фирӯза.— Ба нозири маориф!

— Марҳамат, марҳамат! — гуфт Қорӣ Йӯлдош, ки мардаки сиёҳчеҳраи фарбеҳ ва лунҷҳояш овезон буд.— Ман гумон мекунам, ки маориф ҳамеша аз ҳоли шумо бохабар аст.

— Бохабар асту,— гуфт Фирӯза.— Лекин муаллимаҳои дуруст надода истодааст. Ба мо се муаллима намерасад.

— Ба мо нависед, албатта кофта, ёфта мефиристонем.

— Мо навиштем... дар қарибӣ Ҳусниддинова ном як турк занакро фиристодаанд, ки забон намедонад. Духтарҳои моро, ҳатто худи моро ҳақорат медиҳад, ки туркӣ гап зада наметавонем...

— О, ин кораш хуб не! — гуфт Муҳиддинов.— Дар ҳақиқат Қумитаи Марказии Ичроия қарор кард, ки забони давлатии ҷумҳурияти халқии Бухоро — забони туркӣ аст ва ҳама бояд расман ба ҳамин забон сухан кунанд. Лекин вақте ки дар бораи занҳои мо гап меравад, камтар диниста рафтор кардан лозим буд... Дар куҷост вай занак?

— Наистода баромада рафт,— гуфтанд муаллимаҳо.

— Дафъ кунед ин хел турки гуҷура!

— Муомилааш ҳам хеле бад,— гуфт Фирӯза.— Гӯё ки соҳибдавлати мо бошад!

— Ҳа, ҳа муомилааш ҳам хеле бад!

— Дарси вай медодагия ҳар кас ҳам додан мегирад!

— Зани Саид Аҳрорӣ шудааст, амир шудагеш не!

Қори Йӯлдош ин сухани муаллимаҳоро шунида аз ҷо бархост:

— Майлаш, майлаш! — гуфт,— модоме ки ин тавр аст, мо ӯро аз шумо мегирем ва ба ҷояш ягон муаллимаи дурусттар меёбем. Урусҳои забондон ҳастанд.

— Қошкӣ,— гуфт Фирӯза.

Баъд дар бораи норасоии китоб, дафтар гап заданд. Баъд дар бораи таътил ва машғулиятҳои фур-

сати таътил сухан рафт. Муҳиддинов ваъда дод, ки яке аз чорбоғҳои ҳукуматиро ба онҳо хос мекунанд, то ки ба саҳро баромада роҳат кунанд. Бо ҳамин маҷлис ба охир расид ва меҳмонҳо як пиёла чой нӯшида, бо занҳо хайру хуш карданд.

Фирӯза пас аз гусел кардани меҳмонҳо яке ба хотираш расид, ки вай зани кӯдакдор аст ва ҳоло Гулбаҳори вай бедор шуда, фиғон бардошта истодагист. Бинобар он баъзе супоришҳоро ба маовинаш гуфту саросема фаранҷию чашмбандро ба даст гирифт. Дар рӯи ҳавлӣ Анбари Ашкро дид, ки аз дарвоза даромада, омада истодааст.

— Ассалом, Фирӯзаҷон! — гуфт вай.— Муборакихайр шавад, аз чилла баромадед... Ҳар чӣ сиҳат-саломат, духтарча нағз? Оймуллом сиҳат-саломат?.. Илоҳӣ саломат бошед!.. Чанд вакт тобам набуд, ба ҳеҷ ҷо баромада натавонистам. Намедонам, холи духтари ман — Ҳамроҳхон чӣ шуда бошад... Як хабар гирам гуфта омадам.

— Ҳамроҳхон нағз... Хонда, халифа шуда гаштааст... Дароед, дар хонеш будагист... Ман саросема, ки кӯдак чӣ шуд... Ба Оймуллом супурда омада будам. Хайр, ба хонаи мо биёед!

Фирӯза ба тарафи кӯча тохт, хола Анбар ба ҳавлии дарун, ба назди Ҳамроҳхон равон гашт.

Ҳамроҳхон аз ҳавлии Ҳоҷӣ Ҳасан-бек омадан ин ҷониб дар клуб мезист. Азбаски вай хату савод дошт, дар катори дигар занҳои бехату савод ба ҳамаи дарсҳо намедаромад. Факат дарсҳои навро гӯш мекард, навишта мегирифт ва дар синф аълохон буд. Пуртар китоб мехонд, ба корҳои клуб ёрӣ мерасонид ва гоҳо рухсат гирифта ба ҳавлиашон мерафт. Ҳоҷӣ Ҳасан-бек ё тарсид, ё умуман бо Ҳамроҳхон зиндагӣ кардан нахост, ки дигар ба вай кордор нашуд, ба ғаму ғуссаи худ овора гашт... Бинобар он Ҳамроҳхон ба худ карор дода буд, ки дар баробари таътил шудан аз клуб тамоман ба хонаашон кӯчад ва дар хизмати модари пираш шавад.

Вакте ки хола Анбар аз дар даромад, вай дар сари стол нишаста газетаи имрӯзаи «Бухоро Ахборӣ»-ро

механд. Хола Анбарро дида, давида аз ҷо бархост ва гарму ҷӯшон бӯсидан намуд.

Хайрият меомадед-дия! — гуфт вай гиламандона.— Дар интизорӣ кӯкҳои чашмам канд.

— Ҳар чӣ қадар гила кунед, ҳақ доред, Ойим! — гуфт хола. Анбар нафас рост гирифта.— Рӯзгору зиндагӣ чунон печонида гирифтааст, ки кас аз худаш бехабар мемонад. Якчанд рӯз касал шудам... Пирӣ-дия! Мӯсафед ҳам мазеш не... Бачаҳо мехонанд. Хайр, аҳволи саломатии худатон, хонданҳо чӣ тавр?

— Шукр, шукр, нағз...— гуфт Ҳамроҳхон,— лекин аз зиққӣ дилам ба кафидан расидааст.

— Аз зиққӣ?! — ҳайрон шуда пурсид хола Анбар. — Одамҳо зиқ шаванд, ба клуб омада, сабук шуда мераванд ва шумо дар клуб истода зиқ шудам мегӯед?

— Надонам,— гуфт Ҳамроҳхон оҳ кашида,— ҳеҷ чиз ба назарам наменамояд, аз ҳеҷ чиз хурсанд намешавам. Духтарҳо шӯхию бозӣ мекунанд, дойразанӣ, ашӯлахонӣ мекунанд... Аммо ман не. Ба ҳеҷ чиз дилам намеравад. Фақат як бор як келинча дарду ҳасрат карда, саргузашти худашро гуфт. Аз дилу ҷон гӯш кардаму баъд баробари вай важноб-важноб гиръя кардам... Оби чашм рафта буд, ки дилам андак кушода шуд. Духтарҳо қатӣ ба болои бом бароманам, ба атрофу ҷониб назар карда, озод нафас кашидам. Баҳор шуда мондааст, ман бехабар!

— Ҳа, баҳор шудагӣ...— гуфт хола Анбар бо андешаю хаёл.— Лекин зиққии ту ба ман маълум не. Бесабаб кас ба ин ҳолат намеафтад... Саргузашти келинча чӣ будааст, ки кас гиръя мекардааст?

— Э, сарсахт нозой будааст. Шавҳарашро аз дилу ҷон дӯст медоштааст. Модаршӯяш ғинг-ғинг карда, ба ҳолу ҷони шавҳараш намонда, зани дуюм гирифта доданӣ шудааст. Бинобар он келинча маҷбур шуда ба эшони дуохон фарзанталаб шуда рафтааст. Вай эшони фосиқи лаънатӣ ба келинча даст дароз карданӣ шуда будааст, ки келинча, ғазабаш боло гирифта, эшонро зада афтонда, бадар рафтааст. Аммо бадгӯён ин хабарро чаппа карда ба шавҳараш расонидаанд, гӯё ки келинча худашро ба гардани эшон партофта бошад ва аз эшон тавқеи фарзанд карда бошад... Шав-

ҳари нодон иро фаҳмида, занро талоқ додааст. Занак аз қишлоқ саргурез шуда, ҳатто худашро куштанӣ шуда будааст. Хайрият, ки як одами баинсоф ӯро ба клуб оварда мондааст.

— Аз он хел шавҳари нодон доштан, бешавхар зиндагӣ кардан беҳтар аст! — гуфт хола Анбар.— Агар келинча шумо барин ҷавон бошад, ба ҳар тори зулфаш садто шавҳар! Ҳа, воқеан, дар Регистон сайл мешудааст, сайли соли навӣ! Фаҳмидетон-мӣ?

— Не,— гуфт Ойими Шоҳ,— нафаҳмидем-ку... Чӣ хел сайл?

— Як сайли калон, ки ҳеҷ мондан гиред! Раста-раста чодирҳо зада, сирку торикистону чойхонаю ошхонаю... эхе, агар бинед, ҳайрон мешавед! Шабҳо бозори шаб, ҳама ҷо чароғон, ҳама ҷо базму хурсандӣ... Ҳамин Насимҷон, писари Ҳоҷӣ Малеҳ саркор барин... Ман дидам, ба аспи сафедаш сувор шудагӣ, ду кас аз қафояш, худи тӯраҳо барин, фармон дода гаштааст...

— Насимҷонаш кӣ? — қасдан худро ба нодонӣ зад Ҳамроҳхон.

— Ху, рӯзи байрам ба аспи сафед савор шуда омада, ба занҳо роҳ кушода дода буд-ку? Ҳа, ту он вақт набудӣ... Мо ӯро бо ту дар Регистон дидем...

, — Ҳа, ҷавонаки хушрӯй?..

— Хезед, рафта ҳам ҷавонаки хушрӯйро бинем, ҳам сайру тамошо карда биёем!

— Майлаш,— гуфт якбора роҳ гирифта Ҳамроҳхон.— Майлаш меравем. Лекин ман аввал рафта ҷавоб гирам.

— Хайр, ҷавоб гиред, ман газетаатонро тамошо мекунам.

Ойими Шоҳ — ё ки Ҳамроҳхон берун баромад, хола Анбар ба газета чашм дӯхт. Саводи дуруст надошт, ҳиҷҷа карда базӯр мехонд. Дар газета чунин хабар буд:

«Труппаи сайёри кишварии Чиғатой, ки дар назди шӯъбаи сиёсии ҷабҳаи Туркистон воқеъ аст, дар 29 моҳи март ба Когон омада фаромад. Аз якӯми апрель дар шаҳри Бухоро, дар майдони Истиқлол қисми дуйӯми асари Ҳамза Ҳакимзода — Фоҷиаи Фарғона, ки

«Қурбони Иффат» ном дорад ва аз 4 парда иборат аст, ба саҳна гузошта мешавад...»

Дар саҳифаи дигари газета чунин як фармон буд:

«Ба сари худ, танҳо асп сувор шудани занҳо манъ карда мешавад. Занҳое ки баръакси ин фармон кор мекунанд, дарҳол ба ҳабс гирифта шуда, аспҳояшон мусодира карда мешавад. Маовини сардори милицияи вилоят: Ҳоҷӣ Файзулло».

Хола Анбар худ ба худ хандида истода буд, ки аз берун Ойими Шоҳ омада даромад.

— Ҳа, чӣ гуфта механдед? — пурсид вай.

— Як шутур ёфта, ба сари худ танҳо сувор шавам, мегӯям! — гуфт хола Анбар.

— Барои чӣ?

— Фармон шудааст, ки агар занҳо ба сари худ танҳо аспсуворӣ кунанд, аспашонро мусодира карда, худашонро ҳабс мекардаанд...

— Ҳа, —гуфт хандида Ойими Шоҳ,— Ҳоҷӣ Файзулло тарсидааст, ки занҳо аспсуворӣ карда наметавонанд.

— Бехабар ки зани худаш ба буни ялкаи худаш сувор шуда гаштааст.

— Рост, рост!— гуфт Ойими Шоҳ ва ба либоспӯшӣ сар кард.— Ҷавоб доданд... Ман гуфтам ки имшаб намебиёям, дар хона сӯҳбат карда хоб мекунем.

— Нагз кардед! —гуфт хола Анбар ва аз ҷо бархост.

Ҳукумати Бухоро қарор дод, ки дар Регистони Бухоро сайли соли навӣ барпо кунад. Барои ин кор комиссияе муайян намуд, ки раиси он Насимҷон буд.

Он вақт дар поёни арк масҷиди Поянда, дар тарафи рост мадрасаи Дорулшифо, дар тарафи чап ва ҷаме дар қанортар, дар ҷиҳати шимол мадрасаи Гӯсфанд ва дар болои ҳавз масҷиди хеле зебои навбуньёд барқарор буд. Дигар ҳамаи биноҳо ва растаҳо то ҳаммоми тӯқумдӯзон ва лаби ҳавзи Мурдашӯён ва сарипули Ошуқон сӯхта, нобуд шуда буданд, ки хокашонро бардошта, майдони васеъ ба амал оварда буданд. Инак дар ҳамин майдон аз рӯи план ва нақшаи муайян, раста-раста, кӯча-кӯча карда, чодирҳо, дӯконҳо, тамошогоҳҳо,— цирку театру киноҳо, ошхонаҳо, чой-

хонаҳо ва ғайра сохта буданд. Аз рӯи қарори ҳукумат тақрибан ҳамаи идораҳои марказӣ ва ҷамъиятӣ чодири худро барпо карда буданд. Масалан, чодири маориф, чодири Кумитаи Марказии фирқаи иштирокиюн, чодири ҷавонон, чодири назорати Ҳифзулсиҳат, чодири Иттифоқи Қасаба ва ғайра ва ҳоказо... Дар ҳамаи ин чодирҳо, ки ҳар кадом ба як навъе, ба як тарзи меъморие, ба як зебоии дигаре, бо нақшу нигорҳо, бо зинаю суфаҳо ва бо хонаҳои пазирой ва меҳмонхонаҳо сохта шуда буданд лампаҳои электрикӣ, фонусҳои газӣ месӯхт ва тақрибан дар муддати тамоми шабу рӯз кушода ва пурғулғула буданд... Дар ҳамаи ин чодирҳо ҳамеша асбоби зиёфат муҳайё ва ҳамаи оянд агонро бе сари дастурхон гусел намекарданд. Дӯкондорҳо, аз қабили ҳалвогарон, мевафурӯшон, баззозон, газворфурӯшон, заргарон дӯконҳои худро оро дода, беҳтарин матоъи худро ба намоиш гузошта буданд. Ошхонаҳо, ки бо бӯи таомҳои лазиз — шашлик, оши палав, манту ва ғайра ҳавои атрофро иштиҳоовар карда буданд, ҳамеша пур аз одам буданд. Дар майдони миёни чодирҳо дорбозон сутуни баланди худро устувор карда, ба ҳар тараф ресмонҳоро кашида буданд. Хуллас, ки майдони Регистонро шинохтан мумкин набуд — он ба як шаҳри афсонавӣ табдил ёфта буд.

Аҷобати кор дар ин буд, ки агар ҳар як ҷавон ба чодири ҷавонҳо дарояд, дарҳол ба назди ӯ чой ва ширинӣ мегузоштанд ва агар хоҳад, оши палав ҳам зиёфат мекарданд. Он ҷавон дар деворҳои он бино суратҳо, расмҳо ва шиорҳои инқилобиро медид, тарғиботчиён ба вай дар бораи ҳаракати ҷавонон, дар бораи комсомол ҳикояҳо карда медоданд ва дар вақти аз чодир баромаданаш, ба як мандати сурх номашро навишта ба дасташ медоданд ва мегуфтанд, ки аз ин рӯз сар карда, вай аъзои ташкилоти ҷавонон мебошад.

Агар ҳар як зиёӣ, муаллим ва маорифчӣ ба чодири маориф дарояд, албатта рӯи хуш медид, дарҳол пешвоз мегирифтанд ва зиёфат мекарданд. Дар аксарияти ин чодирҳо бегоҳонӣ базмҳо мешуд, ки дар он базмҳо беҳтарин ҳофизон ва санъаткорони шаҳр

иштирок мекарданд. Хусусан чодири маориф ободтар буд, ки дар он муаллимон ва шогирдони мактаби мусиқии миллӣ кор мекарданд.

Театру киною цирк рӯзонаҳо барои бачаҳо бепул буд. Дар майдони байни чодирҳо ба ғайр аз дорбозӣ, боз бозиҳои дигар низ шуда меистод: аз қабили гӯштингирӣ, масхарабозӣ, чашмбандӣ ва ҳоказо...

Насимҷон, ки худро яке аз эҷодкорони ин шаҳри афсонавӣ мешумурд, бо фахру шодмонӣ гоҳо дар як кӯча бо устоҳо гап мезад, гоҳо ба як чодир наздик шуда нигоҳ карда меистод ва агар камбудие бинад, дарҳол сардори чодирро чеғ зада нишон медод, гоҳо аз дасти дӯкондоре пиёлаи чойро гирифта дам мекашид, гоҳе аз сихкабоби ошхона як лӯнда гӯштро ба даҳон партофта мегузашт. Ҳама ӯро чеғ мезаданд, ҳама ӯро ба меҳмонӣ даъват мекарданд. Лекин дар як ҷо қарор намегирифт, давр зада мегашт ва баъзан ба аспи сафедаш савор шуда, тараққосзанон ба сӯи Сесӯ медавонд...

Хола Анбар духтаршавандаи худаш — Ҳамроҳхонро ана ба ҳамин шаҳри афсонавӣ гирифта овард. Рӯз бегоҳ мешуд, сайл дар айни ҷӯшу хурӯш буд. Ҳамроҳхон, ки чандин рӯз ин тараф берун набаромада буд, якбора ин дову даҳана, ин шаҳри афсонавиро дида, ҳайрон шуда монд. Намедонист, ки ба кадом кӯча равад, кадом растаро тамошо кунад ва ба кадом чодир дарояд... Воқеан ба ин чодирҳо занҳо намедаромаданд ва ҳеҷ кас онҳоро даъват ҳам намекард. Дар тамоми сайлгоҳ мисли онҳо фаранҷӣ гирифта мегаштагӣ занҳо низ кам буданд. Бинобар он Ҳамроҳхон ва хола Анбар аз кӯчаҳои сайлгоҳ роҳ гашта, ба даромадгоҳи чодирҳо камтар-камтар истода, аз берун ба зебоиҳои онҳо, ба суратҳо ва аҷоиботи онҳо назар мекарданд. Дар бисьёрии чодирҳо намоишгоҳҳо тартиб дода буданд, ба деворҳо суратҳо, нақшаҳо, диаграммаҳоро овехта, ҳайкалҳо, асбобҳои аҷоибу ғаройибро монда буданд. Хусусан, чодири Ҳифзулсиҳат ва чодири маориф ғалатӣ буд... Ҳамин тавр, онҳо тамошо карда-тамошо карда рафта истода буданд, ки ногоҳ, дар майдони дорбозӣ Ҳамроҳхон истода монд. Чашми вай ба Насимҷон афтод, ки бо ду нафар аз

аъзоёни комиссия ким-чӣ плану нақшаҳо кашида истодааст.

— Ҳа, ба шумо чӣ шуд, Ойим?! — пурсид хола Анбар.— Ҳайрон шуда мондед?

— Ин...— гуфт Ҳамроҳхон ва хомӯш монд.

Хола Анбар ба ҷиҳати нигоҳи Ойими Шоҳ диққат карда, Насимҷонро дид ва дарҳол фаҳмид, ки гап дар куҷост.

— Ин Насимҷон!— гуфт вай.— Шумо мешиносед...

Насимҷон ба рафиқонаш хоктӯдаеро нишон дода, ким-чиҳо мегуфт. Аз ҳамин ҷиҳат буд магар, ки нохост Ҳамроҳхон шеъри Ҳофизро гуфт:

> Онон ки хокро ба назар кимиё кунанд,
> Оё бувад ки гӯшаи чашме ба мо кунанд!

Насимҷон дар ин дам, гӯё овози Ойими Шоҳро шунидагӣ барин, ё ки ба сӯяш диққат карда истодани ду зани фаранҷинокро дидагӣ барин баргашту табассум намуд. Ойими Шоҳ зуд роҳ гашта ба тарафи Ҳавзи Регистон рафт, хола Анбар базӯр аз паси вай расида гирифт.

— Чӣ шуд ки ин қадар медавед? — пурсид вай.

— Худам намедонам,— гуфт Ҳамроҳхон,— дилам ба об рафт магар...

— Қанду гулоб харида диҳам?

— Бо ин хел чизҳо ташнагии маро шикаста наметавонед.

— Ба Насимҷон гӯям, як пиёла чой ёфта диҳад?

— Фақат як пиёла чой! — гуфта ханидид Ҳамроҳхон ва оҳиста-оҳиста аз канори ҳавз роҳ гашта ба масҷиди болои ҳавз наздик шуд ва ба болои суфачае, ки дар зери муаззинхона воқеъ гашта буд, рафта нишаст.

— Монда шудам,— гуфт вай ва оҳе кашид.

Дар атрофи ҳавз ҳам одам бисьёр буд. Бачаҳо, машкобҳо, мӯсафедҳо дар рӯи зинаҳои ҳавз дам гирифта менишастанд, об менӯшиданд, машкҳоро пур карда мебурданд. Масҷид ва зери айвони он рӯфтагӣ, тоза ва ҷойнамозҳо партофтагӣ бошад ҳам, дар он ҷо касе набуд.

Рӯз ба охир мерасид, ба сайлгоҳ торафт одам зиёд

мешуд. Акнун дар пеши цирк, ки аз ҳоло чароғон булу дастаи мусиқии нафасӣ (ба қавли бухориҳон ҳамонвақта: музукон) менавохт ва ба рӯи пешайвони болои дари он масхарабозҳо ва артисткаҳо баромада шӯхиҳо мекарданд ва ба цирк даъват мекарданд, мардуми бисьёр ҷамъ омада буданд. Дар назди кино ва театрҳо низ одам бисьёр буд. Ҳаёти аҷоиби шабонаи ин шаҳри афсонавӣ сар мешуд.

— Ҳаво торик шуда истодааст,— гуфт хола Анбар.— Акнун ба хона гардем ҳам мешавад.

— Майлаш,— гуфт Ойими Шоҳ ва аз ҷо бархост.— Биёед, давр зада меравем.

Онҳо боз аз майдони дорбозӣ гузаштанд, ки дигар дар он ҷо Насимҷон набуд. Баъд аз сари кӯчаи калони сайлгоҳ, ки чодирҳои идораҳои марказӣ дар он кӯча буд, раҳсипор шуданд. Дар назди чодири маориф тараддуд ва рафту омад зиёд буд. Ба гумон дар он ҷо имшаб базми ҳофизони машҳур: Домулло Ҳалим, Қорӣ Наҷм ва Қорӣ Камол мешавад. Инак, дар ин ҷо Ойими Шоҳ боз ба Насимҷон рӯ ба рӯ омад, ки вай дар дами даромадгоҳи чодири маориф бо касе гап зада рост меистод. Ойими Шоҳ боз маҳви ҷамоли вай шуд. Хола Анбар ҳам халал надод...

Ин тавр ҳолат дар Ойими Шоҳ нахустин бор рӯй медод. Дили пажмурдаи ӯ бо эҳсосоти ҷавонӣ лабрез гашта, ба тапидан сар карда буд. Чунон метапид, ки вай беихтиёр, ҳар замон оҳ кашида мемонд. Гӯё, агар оҳ накашад, дилаш аз тапиш мемонда бошад... Наход ки аз дидани Насимҷон ба вай ин ҳолат рӯй додааст? Магар Насимҷон барин мардҳоро пеш аз ин вай надида буд? Магар ин тавр ҳусну ҷамол, ин тавр рафтор ва гуфтор, ин тавр табассуми ширин ва ин тавр ҷасорат дар дигар мардҳо набуд? Ба ҳамаи ин суолот аз тахти дили вай фақат як ҷавоб омада мебаромад: не!

Насимҷонро касе ба даруни чодир чеғ зад, вай бо мусоҳиби худ хайрухӯш карда, рафт...

— Акнун равем, мешавад? — пурсид хола Анбар.

— Акнун мешавад! — гуфт Ҳамроҳхон ва ба роҳ даромад. То аз сайлгоҳ баромадан, вай ба пурсиш ва суолҳо, ба ишора ва нидоҳои хола Анбар ҷавобе на-

дод. Факат вакте ки ба кӯчаи бекас дохил шуданд, Ҳамроҳхон аз паҳлӯи роздони худ роҳ гашта истода гуфт:

— Ба шаҳри афсонавӣ овардагетонба раҳмат! Лекин барои чӣ бо парӣ рӯ ба рӯ кардед?

— Хайр, бад кардам-мӣ? Бо парӣ рӯ ба рӯ шудан хушбахтист.

Бад не, лекин агар одам ду дил дошта бошад! Ин як дили пажмурда ҳам асир шуд, акнун ман чӣ кунам?

— Аз асорат халос мекунем-дия!

— Дигар илоҷ нест магар?

— Чӣ илоҷ?

— Боз ҳам асиртар кардан!

— Майлаш, як дил не, ду дила асири якдигар мекунонем-дия!

— Ҷон хола! — гуфта монд Ойим.

— Холет садақа, гӯш кун! — гуфт Анбар.— Ин Насимҷон ҳанӯз зан нагирифтааст. Як падари пир дорад, модараш нест. Агар розӣ бошӣ, худи пагоҳ рафта, ба дилаш чунон меҳру муҳаббати туро ҷо кунам, ки ҳеҷ ҷодугар накарда бошад?

— Ман бахту толеъ надорам! — Оҳ кашида гуфт Ҳамроҳхон.

— Ана, тамошо мекунӣ! Чунон кунам, ки бахту толеу давлат ҳамеша ба поят омада сар монанд!

— Бовариам нест!

— Ту розӣ ҳастӣ, ё не?

— Надонам! — гуфта монд Ҳамроҳхон.

Дар ин ҷо сӯҳбати онҳо ба охир расид, зеро ки ба дами дарвозаи ҳавлиашон расида буданд.

## 21.

Падари Насимҷон, ки номаш Ҳоҷӣ Малеҳ буд, дар бистари беморӣ афтода, ду рӯз ин тараф ҳатто хӯрок ҳам дуруст аз гулӯяш намегузашт. Мӯйсафед ба касалии худ аҳамият надода, дар бораи фарзандаш, дар бораи ягона писараш фикр мекард... Инқилобчӣ шуд, аз Бухоро саргурез шуда рафт, дар гурбат ба чӣ хорию зориҳо зиндагӣ кард... Ана, акнун инқилоб шуда

бошад ҳам, ин бача орому қарор надорад. Чека мегӯяд, ревком мегӯяд, комиссия мегӯяду медавад... Ҳар коре ки фармоянд, не нагуфта давидагеш давидагӣ... Шабҳо бо аскарҳо асп давонда мегардад, рӯзҳо идорабозӣ... Аммо дар бораи худаш фикре надорад. Раҳматӣ модараш кушода шудани бахташро надида мурд, акнун вай, падари пираш ҳам афтода монд... Накард, ки як зан гирад, хушбахтии ӯро падараш бинад!.. Бо кӣм-кадом занаки турк котабозӣ мекунад. Кошкӣ вай зани як мусулмон набошад! Насиҳати падарро гӯш накарда, ба фиребу найранги вай маккора гирифтор шудааст!.. Не, ӯро аз ин роҳ боз доштан лозим! Нағз не... Мардум чӣ мегӯянд!

— Насимҷон омад-мӣ?— пурсид мӯйсафед аз кампире, ки хоҳари раҳматӣ занаш буд ва ба ӯ нигоҳубин мекард.

— Ҳа, омадагӣ,— гуфт кампир,— дар хонаи худаш...

— Боз... бо ҳамон занак-мӣ?

— Ҳа, ҳамон бойқушчашм!

— Насимҷонро гӯед, ин ҷо биёяд!

Кампир баромада рафту пас аз дақиқае Насимҷон ба хона даромад. Дар танаш аз болои куртаэзори сафед, ҷомаи кампахтаи алочаи қаршигӣ, ба сараш калапӯши гулдӯзии ирокӣ буд. Мӯйҳои сиёҳи ғули аз зери каллапӯш саркашона зада, баромада, чингила шуда меистоданд.

— Мана чег задед-мӣ? — пурсид вай ба қарибии бистари бемор, ба рӯи қолин нишаста.

— Ҳа,— гуфт мӯсафед ва бо чашмҳои нимбоз ба рӯи писараш нигоҳ карда монд.

— Аҳволатон чӣ тавр? Доруҳои духтур додагиро хӯрдед-мӣ?

— Духтуру давои ман ту ҳастӣ!— гуфт мӯйсафед.— Ту! Лекин... Лекин... Худат инро намедонӣ!

— Чаро надонам? Медонам! — гуфт Насимҷон.— Чӣ кор кунам, охир?

— Вай, маккораро дафъ кун! Зане ки ба шавҳари аввалаш вафо накунад, ба каси дигар ҳаргиз вафо намекунад. Аз вай, бегонаи фиребгар ба ту зарар расиданаш мумкин... Зарар! Вай, агар зани дуруст

мебуд, ҷилои ватан шуда, бо вай... номаш чӣ буд? Саид Ахрорӣ намеомад! Парто вая! Ба хар тори мӯи ту садто зан!

— Хуб шудааст,— гуфт Насим,— дафъ мекунам!

— Бале, офарин! — гуфт падар.— Дар ин сандукчаи болои сари ман будагӣ як халтача тилло ҳаст, гир, хар чӣ қадаре ки хохад, ба дасташ дода, узот кун! Гӯй ки аз ин ҷо равад, туро осуда монад!..

— Майлаш, майлаш! — гуфт Насимҷон.— Ман ӯро узот мекунам...

— Баъд... баъд... Ман андак ки сиҳат шудам, ягон ҷои дурустро ёфта, туро хонадор мекунам.

Мӯйсафед дигар лаб аз сухан баст, хомӯш монд ва гӯё ки хобаш бурд. Насимҷон камтар сабр карда истоду аз ҷо бархост ва аз токи болои сари падараш сандукчаро гирифту кушод ва аз даруни он як халтачаи вазнинро гирифта, ба кисаи ҷомааш андохт ва аз хона берун шуд.

Дар хонаи дигар ки хоссаи вай буд, туркзанак — Ҳусниддинова тугмаҳои гиребони парпардори куртаи шоҳии худро гузаронида шуда, ба ойина нигоҳ мекард. Аз ойина ба вай зане менигарист, ки мӯйҳои сиёҳи бурида шудааш ба китфаш парешон афтода, чашмони кабуди осмонирангаш, ҳатто ба худаш бо макру фиреб нигариста, сафедию сурхию сурма рӯю рухсораю абрувонашро фаро гирифта, маълум намекарданд, ки ранги ҳаққиқии онхо чи гуна аст.

Насимҷон аз дар даромада буд, ки дар симои занак табассуми сохта, дар чашмонаш нози фиреболуд намоён шуд.

— Хӯш, мӯйсафед чӣ мегуфтааст?— пурсид ба забони туркӣ, занак.

— Ҳеҷ,— гуфт Насимҷон ҳам ба туркӣ,— аҳволамро пурсид.

— Ту рухсат пурсидӣ?

— Пурсидам...

— Чӣ гуфт? Рухсат дод?

— Рухсат дод! — гуфт Насимҷон ва табассум кард. Занак ӯро дар оғӯш карда аз лабонаш сахт бӯсид.

— Меравем, азизи ман, аз ин ҷо, аз ин шаҳри

дӯлоб ва сермагал, аз ин мамлакати вайрона ва харобб, аз дасти ин шавҳари аҳмақи манфур гурехта меравем! Дар Туркия моро бахту саодат, роҳат ва ҳаловат интизор аст. Ту ин хел либосҳои фаҳӯлатро мепартоӣ, либосҳои туркӣ мепӯшӣ, ба сарат фас мемонӣ... ё ки, не, ҳамон телпаки пӯсти қароқӯлет нагз... Ин туркидухт аст... Ана баъд костюмҳои моҳути англисӣ мепӯшӣ, занҷираи тиллои соатат ана ин ҷо аз кисаи жилет овезон меистад... Ба чашмат пеньснэи тилло... Ман ҳам ба ту муносиб либосҳои зебо мепӯшам. Ҳар рӯз дар қаҳвахонаҳо мешавем, дар Босфор саёҳат мекунем... Лекин, азизам, ба ҳамаи ин пул лозим мешавад — тилло! Агар хор нашавем гӯй, бисьёртар тилло, ангуштаринҳои бириллиянт дошта бошӣ бо худ гир!

— Майлаш, аз пул гам нахӯр! — гуфт Насимҷон.— Ана ҳаминаш то хеле вақт ба мо мерасад...— вай халтачаи пур аз тиллоро баровarda нишон доду боз ба кисааш гузошт.

— Набошад,— гуфт занак,— ҳозир ба назди Низомиддин афандӣ меравем, он кас моро то ба Боку фиристоданро ба ӯҳда гирифтанд, ба шарте, ки пӯстҳои қароқӯлии он касро фурӯхта, ба ҷояш чиниворию газвор биёрем... Ман зоҳиран ин шартро қабул кардам...

— Бедарак кардӣ!..

— Парво накун! Пӯсти қароқӯлии он кас ҳам лозим мешавад! Дар Боку ман одам дорам, санадҳоямонро дуруст карда медиҳад. Зуд бош!

Насимҷон ҷома иваз карда истода, овози хастаҳолонаи падарашро боз шунидагӣ барин шуд, ки мегуфт: «Духтуру давои ман ту ҳастӣ! Вай агар зани дуруст мешуд!.. Шавҳараш ҳаст! Дафъ кун!.» Рост мегӯяд мӯйсафед, дафъ кардан лозим... Бас! Имрӯз ба раис арз мекунам...

Насимҷон либосҳояшро пӯшиду ба занак рӯ оварда гуфт:

— Ман ҳар фармони туро ба ҷон иҷро мекунам, бе ту дигар орому қарор надорам... Лекин худат дида истодаӣ, ки падарам бемор, аҳволаш вазнин аст. Чӣ

тавр мешавад, ки ман ӯро партофта равам? Лоақал яктарафа мешуд...

— Не, хотирҷамъ!— гуфт занак.— Мӯйсафед холо бардам, дар ин қарибиҳо ҷон намедиҳад. Агар яктарафа шудани ӯро нигоҳ карда истем, метарсам, ки дар Боку одамҳои мо рафта мемонанд ва мо санадҳоямонро дуруст карда натавониста мемонем. Бе санад аз сарҳад гузаштан илоҷ надорад. Ба илова, шавҳари аҳмаки ман сиҳат шуда, аз касалхона баромада монад, ба мо боз ҳам мушкилтар мешавад...

— Хайр, то пагоҳ сабр кунем,— гуфт ниҳоят Насимҷон.— Пагоҳ баъд аз пешин поезди почта ҳаст, ман имрӯз ба Когон телефон мекунам, ду билети класси якӯмро навишта мемонанд, мо ҳам бо хотири ҷамъ баромада меравем. Гумон мекунам, мӯйсафед, пагоҳ, сабуктар мешавад. Инчунин ман ба идора хабар диҳам, ки як чанд рӯз кор катӣ ба Боку меравам, аз ман хавотир нашаванд.

Занак малӯлона сар хам карду ноилоҷ розӣ шуд.

— Дилам мехоҳад, ки ту маро лоақл то ба роҳи калон гусел кунӣ...

— Афсӯс ки...— гуфта Насимҷон сухани ӯро бурид, аммо занак ҳам ба ӯ маҷоли тамом кардани суханро надод:

— Медонам! Намехоҳӣ маро бо ту бинанд! Майлаш, пагоҳ ба телефони ту маътал мешавам.

— Хайр, то пагох!

Занакро то ба дами дарвоза узот карда, Насимҷон як нафаси роҳат кашид ва баъд ба хона даромада, ин тараф он тарафашро ғундошта монду ӯ ҳам ба кӯча баромад ва ба тарафи идораи Чека равон шуд.

Ба кабинети раис Қаримҷон бо чӣ кори муҳимме даромада будааст, ки котиб Насимҷонро дар даромадгоҳ нигоҳ дошта монд. Вай бесаброна як ним соат нишаста буд, ки ниҳоят Қарим дар либоси ҳарбӣ аз он ҷо баромаду бо Насимҷон салому алейк карда, берун рафт. Пас, раис ӯро қабул кард.

— Салом, биё Насимҷон! — гуфт Аминов.— Камнамо шуда рафтӣ?

— Саргардонӣ-дия! — гуфт Насимҷон.— Ошиқ шу-

дан ҳам кори осон набудааст. Як кор фармудед ки...

— Аз толеатон нолед! Ситораатон ба хоним форида бошад, мо чӣ кунем?! Кошкӣ ба ман ҳамин хел кор фармоянд!.. Хӯш, чӣ гапи нав?

— Ба гурехта рафтан қарор додем...

— Чӣ хел?

— Бо ёрии Низомиддин афандӣ ба Боку меравем. Дар он ҷо одамҳои «худӣ» ҳастанд, ба мо санад тайёр карда медиҳанд.

— Бисёр нағз. Ман ҳам ҳамин тавр тахмин карда будам. Ҳамон «одамҳои худӣ» ба мо хеле зарур. Рафтан лозим. Ман ба Боку телефон мекунам, ба ту ёрӣ мерасонанд. Саросема нашуда кор мекунетон.

— Хуб шудааст... Илоҳӣ ба ошиқии ман бовар карда бошад-дия!

— Аз рӯи маълумотҳо, бовар кардагӣ... Занак бо як тир ду нишон задан мехоҳад: Ҳам ба ту соҳиб мешавад, ҳам вазифаашро адо мекунад. Бинобар он чи тавре ки сар кардӣ, ҳамон тавр давом додан гир!

— Лекин падар касал... намедонам ҳолашон чӣ мешавад!..

— Афсӯс, аммо чора нест! Ман духтур мефиристонам. Хабаргирон менстанд. Парво накун!

— Хуб шудааст.

— Ба назди Фёдоров даро, боз баъзе супоришҳо дорад.

— Хуб шудааст.

Насимҷон аз кабинет берун шуд. Дар кӯча ӯро яке аз дӯстонаш дошта суолборон кард:

— Ой, Насимҷон, ин гап рост-мӣ?

— Чӣ гап?

— Ту бо зани Саид Аҳрорӣ алоқа доштӣ? Ҳатто ӯро аз шавҳараш ҷудо карда гирифтанӣ будай?

— Хайр гирам чӣ мешавад?!

— Э, девона шудӣ — магар? Ақлата хӯрдӣ? Дар Бухоро духтари ба ту муносиб ёфт нашуд-мӣ ки акнун як занаки аз тан ҳафт дор гурехтагиро мегирӣ?

— Ишқ! — гуфт табассум карда Насимҷон.— Дил дар дасти худи кас нест! Мегӯянд-ку, ошиқ ҳамон аст, ки маъшуқашро хуш кунад!

— Не,— гуфт ҷавон.— Ба ин хел зан кас ошиқ намешавад!

— Барои чӣ?! — гӯё ҷиддӣ мегуфт Насимҷон.— Хушрӯй бошад, озоду бефаранҷӣ бошад, хондагию мулло бошад, аз мардҳо камӣ надошта бошад...

— Зани як мусулмон бошад,— давом кард ҷавон,— бадахлоқ бошад, ӯзикелдӣ бошад...

— Ту ин гапҳоро намефаҳмӣ, ҳоло ҷавон ҳастӣ!

— Илоҳӣ нафаҳмам! — гуфт рафиқаш ва норозиёна даст афшонда аз ӯ дур гашт.

Насимҷон бошад, ба сад фикру хаёл банд шуда, ба сӯи хонаи худ қадам монд: Аҷоиб супорише шуд ба вай! Ҳам падараш, ҳам рафиқонаш ӯро мазаммат мекунанд, ӯро нодон, сабукфикр ва беандеша гумон мекунанд. Аз куҷо пайдо шуд, ин занаки ифлос?! Саид Аҳрорӣ худаш кӣ? Чаро ба вай кор надоранд? Ё ки занак муҳимтар-мӣ? Бале, «одамони худӣ»-ро ба воситаи вай дошта гирифтан лозим. Шояд ин кор аз ҳама, аз ҳама чиз муҳимтар аст? Шояд вуҷуди онҳо ба мамлакат касароти калон мерасонад?! Пас, тоб овардан, ҳамаи таъну лаън ва сарзанишҳоро бемалол қабул кардан лозим. Майлаш ки наздиконаш то як дараҷа аз вай ҳазар кунанд, майлаш ки ӯро сабукрафтор гумон кунанд! Барои кори давлат, барои инқилоб вай ба ҳар фидокорӣ тайёр аст. Шубҳа нест, ки пас аз ин ҳодиса, яъне пас аз шоеъ шудани «ишқу муҳаббати» вай бо зани турк ва гурехта рафтани вай, ҳатто падари касалашро партофта рафтани вай... дигар ҳеҷ кас ӯро ба худ домод намекунад! Майлаш! Саломатӣ бошад, бахташро меёбад!

Бо ҳамин фикру андешаҳо Насимҷон ба ҳавлии худ расиду рост ба назди падараш рафт. Хост ки ҳеҷ набошад ба падараш андак дарди дил кунад ва ӯро аз сафари Боку огоҳ гардонад. Лекин ба хона даромада дид, ки мӯйсафед хобидааст. Пас, бесадо аз хона баромада, ба хонаи худаш рафту боз ба фикру андеша фурӯ монд...

«Хайрият! — гуфт вай нохост худ ба худ.— Хайрият ки дадем хобида будаанд! Хайрият ки мани нодон ба он кас дарди дил накардаам. Оҳ, ман ҳақиқатан ҳам сабукфикр ҳастам! Охир, мӯсафед касал,

сустӣ карда ба холем гуфта монданаш мумкин буд. Холем ба дугонеш ва дугонеш ба дугонеш ва дар як дам тамоми шаҳр аз кори ман хабардор мешуд ва ҳаман меҳнату кори чандин касон бекора мерафт!

Он шаб вай дар назди падари бемораш хобид. Доруҳои духтур фармудагиро хӯронда истод. Аввали пагоҳ, чеҳраи мӯсафед андак кушод барин намуд. Вай, то чоштгоҳ ба падараш нигоҳу бин карду, баъд ҷавоб гирифта ба кӯча баромад.

Дар Когон ҳамсояашонро дид, ки вай дар Комитети Иҷроияи Марказӣ кор мекард ва аз Тошканд баргашта омада буд.

— Ман,— гуфт ба ӯ Насимҷон,— ин занакро то ба Боку бурда меемонам. Аз шумо илтимос ҳамин ки аз аҳволи мӯсафед бохабар шавед. Агар вазнин шуда монанд ба Боку, ба сафоратхонаи Бухоро, ба номи ман телеграмма диҳед.

Мардаки ҳамсоя хоҳиши ӯро қабул кард, вале дар дилаш ба сабукӣ ва беандешагии ӯ нафрат хонд. Насимҷон гӯё аз ин ғамҳо дур, ба поезд савор шуда, роҳи Бокуро пеш гирифт...

Пас аз панҷ рӯзи рафтани Насимҷон падараш вафот кард. Ёрон ва дӯстони вай ва ёру бародарони Насимҷон ва ҳамсояҳо ҷамъ шуда ӯро гӯру ҷӯб карданд, аммо Насимҷон дар бегоҳии рӯзи дигараш расида омад. Хеле сӯгворӣ кард, хеле сӯхт ва се пагоҳ ва бегоҳ ба сари қабри падараш рафта нишаст, аз оби чашмаш хоки қабрро тар кард. Баъд аз рӯзи ҳафт хешони наздику ёру дӯстон рафтанд, дар ҳавлии дарун вай бо холаи пираш танҳо монд. Чӣ кор карданашро намедонист, ҳавлию хона ба назараш зиндон барин менамуданд, вале аз ҳавлӣ баромада, ба як ҷо рафтанашро ҳам намедонист...

Рӯзи даҳӯм ба кор рафт. Аз раиси Чека аҳсан ва офарин шунид, ки корро хуб ба анҷом расонидааст. Ӯро боз ба кори худаш монданд. Рӯзонаҳо худро ба кор машғул мекард, шабҳо ба хона баргашта китоб мехонд ва кам гап мезад, ҳатто танбӯрро ба даст намегирифт. То ки аз вафоти падараш чиҳил рӯз гузашт...

Он рӯз ҳаво абрнок буда, аз осмон чанг меборид.

Ҳанӯз офтоб фурӯ нарафта, ҳама ҷоро торикӣ зер карда буд. Холаи Насимҷон як коса шӯрбо кашида ба хона даровард.

— Биё бачем, як коса шӯрбо хӯр! — гуфт вай,— Хеле бомаза шудааст.

— Майлаш, монда равед! — гуфт Насимҷон аз болои кат бархоста,— дилам наталабад ҳам, шӯрбои шумо пухтагиро нахӯрдан гуноҳ!

— Саломат бош, писарам! — гуфт кампир.— Ба корат кай меравӣ? Ё имшаб намеравӣ?

— Не, имшаб ба ҳеҷ ҷо намеравам.

— Майлат, камтар дам гир, китоб хон! Исто ки аз вай гумномат тамом халос шудӣ?

— Ҳа, халос шудам,— гуфт Насимҷон.— Аз ҳамин ҷиҳат ман хурсанд, ки фармоиши қиблагоҳро ба ҷо овардам.

— Худо илоҳӣ раҳмат карда бошад! — гуфта монд кампир ва аз хона баромад. Дар берун, дар поёни суфа як занаки фаранҷию чашмбандиок рост истода буд.

— Насимҷон ҳастанд-мӣ? — гӯён мепурсид вай.

Кампир ҳайрон шуд, ки ин зан чаро рӯи худро дар даруни ҳавлӣ ҳам намекушояд.

— Ҳа, марҳамат, биёед! — гуфт кампир.— Насимҷон дар хона.

— Як чег зада мемондед! — хоҳиш кард занак.

Кампир баргашта ба хона даромаду Насимҷонро чег зад. Насимҷон ҳам ҳайрон шуда баромада, занаки фаранҷинокро диду салом дод:

— Хӯш, ба ман кор доред-мӣ, хола?—пурсид вай.

— Ҳа, ман ду-се бор омадам, шуморо наёфтам... Дар сафар будед...— гуфт занак.— Баъд падаратон, худо раҳмат кунад, қазо карданд.. Охир, ҳамин рӯз насиба будааст..., Раҳматӣ волидаатон ба ман супорида буданд, ки ба шумо ягон ҷои дуруст ва муносибро ёфта, хонадор кунонам...

— Биёед, ба хона даромада сӯҳбат кунем, охир!— гуфт Насимҷон, аз муқаддимаи гап хурсанд шуда.

— Фаранҷию чашмбанд катӣ хуб не! — гуфт занак.— Дар ҳамин ҷо мақсадамро мегӯям.

— Хайр, фаранҷию чашмбандро гиред, чӣ мешавад?

— Ҳозир, не!..— гуфт занак.— Вақте ки шуморо ба мақсад расонидам, баъд кӣ будани маро дониста, худамро мебинед.

— Хайр, ихтиёратон!

— Гап ҳамин, ки раҳматӣ модаратон маро қасам дода, фармуда буданд, ки ба шумо ягон ҷои муносибро ёбам. Ман хеле ҷоҳоро дидам, аз ҳавлии сипоҳу мулло сар карда, то хонаи дӯкондору ҳунарманд, ҳамаро аз назар гузаронидам, лекин духтари ба табъи худам мувофиқро наёфтам. Охир дар ҳамин қарибӣ гузарам ба як ҳавлӣ афтоду як паризодро дидам, ки аз ақл бегона шудам. Ҳам ҳусну малоҳат, ҳам ақлу камолот, ҳам чаққон, ҳам хушгап, ҳам хандон ва ҳам меҳрубон... Лекин, афсӯс ки духтар нею... Сайиба!

— Духтар буданаш шарт не! — гуфт Насимҷон.

— Ҳа, бале! — гуфт занак.— Ин шарт не! Зан гирифтан — аз бозор мол харидан не, гӯсола харидан не! Зан — рафиқи зиндагӣ, зан — умри мард, зан — тавфиқу диёнату обрӯю эътибори мард аст. Чӣ кунам ки бисьёрии мардҳо инро намедонанд, ба зан чун ба мол нигоҳ мекунанд. Ҳатто тайёранд, ки ҳар рӯз як зан гиранду як зан сар диҳанд... Ин хел мардҳо худашон аз мол кам фарқ мекунанд. Ман медонистам, ки шумо аз он хел мардҳо нестед, бинобар он дар баробари дидани он ороми ҷон ба пеши шумо давидам. Агар ҳақиқатан зан мегирам гӯед, ҳамин занро гиред, ки пушаймон намешавед!

— Кӣ будааст вай?

— Вай, Ойими Шоҳ! — гуфт занак.— Шояд шунида бошед? Амир Олимхон ба зери пояш сар монда буд. Паризодаи боғи Ирам гӯям муболиға намешавад. Босавод, шеърдон, шеърхон, ширинзабон...

Насимҷон оҳиста-оҳиста ба шавқ омад. Наход, ки ҳамаи ин гуфтаҳо рост бошанд? Наход ки бо ҳамин хушрӯӣ ва зебоӣ савод ҳам дорад? Одатан занони соҳибҷамол камақл мешаванд...

— Таърифҳои шумо маро мафтун кард хола, чӣ маслиҳат медиҳед?

— Шунидан кай бувад монанди дидан! гуфта-

анд.— гуфт занак.— Ба гапи ман бовар накарданатон мумкин, лекин одам фиристонеду дида омадан баъд ҳар чӣ мехоҳед кунед!

— Майлаш, ман холаи худамро мефиристонам... Ҳавлиҳояшон дар куҷо?

— Ҳозир бо ман биёянд, худам бурда нишон медиҳам, дар гузари Арабон.

Насимҷон ба хона даромада ба ҳолу ҷони холааш намонда, илтимос кард, ки бо занак рафта Ойими Шоҳро дида биёяд.

— Бе лаълию дастурхон, кушӣ ҳам намеравам! — гуфт холааш зӯъмӣ карда.

— Марҳамат! — гуфт Насимҷон.— Ҳар чӣ хоҳед, аз сандуқ гиреду, лаълию дастурхон кунед.

Кампир ба лаълию дастурхон тайёркунӣ сар кард. То ба тайёр шуда баромадани вай, Насимҷон як курсӣ бароварда ба поёни суфа гузошт ва таклиф кард, ки занак дам гирифта шинад. Занак ба курсӣ нишасту боз ба таърифу тавсифи Ойими Шоҳ даромад. Вай гуфт, ки Ойими Шоҳ ҳам Насимҷонро дида, ба ӯ дил бастааст .Агар муҳаббат аз ду тараф шавад, зиндагӣ гул мекунад. Бешиқу муҳаббат зиндагӣ кардан — мисли ҳайвон зистан аст. Дар ин дуньёи бебақо одам барин, болаззату комронӣ зиндагӣ кардан лозим аст...

Қампир лаълию дастурхон дуруст карда, бардошта баромад ва Насимҷон онҳоро то ба роҳрави ҳавлии берун гусел карда, таъкид намуд, ки ба диққат санҷад, сӯҳбат кунад ва маълумоти пухта биёрад.

То баргашта омадани кампир Насимҷон бо чӣ кор сокӯл кардани худро намедонист: Хост ки ба рӯи нимкат дароз кашида, китоб хонад, нашуд. Гӯё шайтон васваса мекард: чӣ хел бошад? Наход ки ҳаман гуфтаҳои ин занаки ношинос рост бошанд? Агар вай ҳам ба Насимҷон дил баста бошад, бисьёр нағз... Шояд ин занакро худаш фиристода бошад? Зани амир Олимхон, кӣ ба вай ошиқ шуда бошад, пас вай одами арзанда будааст-дия? Агар вай зани амир Олимхонро гирад, мардум боз гап мекардагиянд! Хайр, гап кунанд, кардан гиранд! Албатта як қисм аз ҳасад, як қисм аз рӯи одат, як қисм аз душманӣ ҳар чӣ ба даҳонашон ояд, гуфтан мегиранд. Насимҷон аз он

хел одамҳо нест, ки аз гап тарсад! Дар ин умри кӯтоҳаш вай чунон гапҳо шунид, ки ҳеҷ кас нашунидааст... Муллоҳо ва аксульинқилобчиҳо ба ҳаққи ӯ игво паҳн карда, ғайбат карда гаштанд, ки вай аз дину диёнат рӯ тофтагӣ, ба давлати ислом итоат кардан намехоҳад... Баъд, пас аз ғалаба кардани инқилоб боз гап паҳн карданд, ки Насимҷон ҳамин қадар азоб кашид, ҳамин қадар ҷон канд, ман инқилобчӣ гуфту омада-омада чӣ шуд?! Як мансаби дуруст не, як даромади дуруст не... Ниҳоят ӯро калони посбонҳои ҳабсхона таъин кардаанд... Ҳамин ҳам мансаб шудмӣ?! Баъд овоза паҳн шуд, ки Насимҷон маҳрами фалонӣ будааст ва бинобар он ба Чека, ба Ревком ва ба ҳар кучо равад, роҳ медодаанд.. Баъд овоза паҳн карданд, ки Насимҷон рӯзаш намегузаштааст, акнун торзанӣ, танбӯрнавозӣ карда шикам сер мекардааст... Ниҳоят ин зани турк ва муносибати ӯ бо Насимҷон вирди забонҳо гашт... Аммо Насимҷон парвое накард. Модоме ки лозим буд, модоме ки ин чиз ба фоидаи инқилоб буд, ба ҷон иҷро намуд... Акнун, албатта гап мекунанд, ки Насимҷон фалончаро гирифтааст, духтар нагирифта сайибаро гирифтааст... дигар ба вай ҳеҷ кас духтар намедодааст ва ғайра... Майлаш, гӯянд, гуфтан гиранд. Мегӯянд, мегӯянду дам мешаванд. Вай аз ин гапҳо наметарсад. Рост аст, ки дарвозаи шаҳрро бастан мумкин асту даҳони мардумро не! Насимҷон дил дорад.. Агар дилаш хоҳад, агар дилаш орзу кунад, вай не намегӯяд. Ҳоло тарси вай аз он ки холааш омада ӯро маъюс нагардонад: Илоҳӣ, нагӯяд ки гапҳои занак муболиға будааст! Охир Насимҷон аз дур овозаи ҳусну ҷамоли Ойими Шоҳро шунида буд. Пас аз ин қадар таъриф кардани он зан, пас аз донистани он ки Ойими Шоҳ ҳам ба вай дил бастааст, акнун мехоҳад, ки дар ҳақиқат, вай аз таъриф ҳам зиёдтар бошад...

Ниҳоят, пас аз ду соати дурма-дароз аз роҳрав овози роҳ гаштани холааш ба гӯшаш расиду давида, ба истиқболи ӯ аз хона баромад ва аввалин суоли вай ҳамин буд:

— Хӯш, дидед, чӣ тавр?

Холаи Насимҷон, ки як зани дилвасеъ ва бегам

буд, ба рӯи ӯ табассум намуду аз зинаҳо ба болои суфа баромада гуфт:

— Гирӣ ҳам, ҳамина мегирӣ, нагирӣ ҳам ҳамина мегирӣ!

Насимҷон давида рафта, холаашро бардошта гирифт ва садақаю балогардон шуда, ба хона дароварду ба замин гузошт.

— Рост-мӣ? Рост-мӣ? — мепурсид вай.— Чӣ хел? Хушрӯй-мӣ? Боақл-мӣ? Чияш нағз?

— Ибӣ, мон як нафасама рост гирам! — гуфт кампир ба рӯи курсӣ нишаста.— Бутун пир шуда мондем, ду қадам ки роҳ гаштам, монда мешавам...

— Ман медонам, ман медонам,— мегуфт Насимҷон.— Гапа занед! Духтар, Ойими Шоҳ чӣ тавр?

— Хайр, рафтем,— гуфта гап сар кард кампир.— Ҳавлию хонаҳои дангиллама доштааст. Ҳавлии берун, гулзор, хавоза...

Насимҷон ба дилаш сад лаънат мехонд ба ҳавлии дангиллама, ба даруну берун, ба хавозаи ангур... Аммо маҷбуран тоқат мекард, сухани кампирро намемурид, ки гапашро, риштаи суханашро гум накунад.

— ...Модару духтар моро пешвоз гирифтанд,— ба гапаш давом кард кампир.— Духтар баодоб, ҳалим, ҳазим, чаққон... Аммо ҳусну ҷамолаш ақли касро мегазад, ин хел хушрӯйро дар ин так-так намеёбӣ! Ин тавр ситораи гарм, ин тавр лабу даҳони ширин, ин тавр нигоҳҳои дилбаронаро ман дар умрам надида будам. Зан ҳоламкатӣ маҳви ҷамоли вай шуда, шишта мондем, хезам гӯям дилам намешавад... Модараш ҳам зани бамаънӣ, ба андеша, вазнин ва сангин. Ҳарчӣ ҳам бошад зоташон пухта, аз хонадони сипоҳи баландмартаба... Илоҳӣ худо ба ҳамин фармуда бошад. Дари бахти ту ҳам як кушода мешуд, ман ба муроду мақсадам мерасидам!..

— Мерасед! — гуфт Насимҷон ва давида аз ҷо бархосту ба сари стол нишаста, ҳамин мактубро навишт:

«Дилбаро, меҳрубоно, Ойими Шоҳро буда бошад, ки камина таърифи ҳусну ҷамол ва ақли баркамоли Шуморо шунида, ғоибона мафтун шудам. Сабру тоқат аз даст рафт... Аммо замонаи озодӣ ва хуррияти

мо тартибу қоидаҳои нав вазъ кардагӣ аст: Ҳар кас хоҳад, ҳамдигарро дида заношӯ шавад!.. Бинобар он, чӣ мешуд агар бандаи камтарини шумо дар баробари гирифтани ҷавоби мусбат аз шумо бо сарам давида равам ва як бор ҷамоли ҷаҳоноропи шуморо дида, ду калима сухани меҳрангезатонро шунида баргардам ва мувофиқи табъу хоҳиши шумо дар тараддуди тӯй шавам?».

Насимҷон дараки ҳавлии Ойими Шоҳро аз холааш фаҳмида, берун баромад ва ба хизматгораш фармуд, ки зуд хатро бурда расонад ва ҷавоб орад. Хизматгор рафт, Насимҷон ба назди холааш даромада, маслиҳати тӯйро кард.

— Аввал фотиҳа мекардагистӣ-дия? — пурсид холааш.

— Фотиҳа-мотиҳа даркор не! — гуфт Насимҷон.— Агар гапамон пазад, худи пагоҳ, ё фардо тӯй!

— Ибӣ, ту девона шудӣ! — гуфт кампир.— Бе ҳеҷ тараддуд тӯй мешудааст-мӣ? Ин тараф-он тарафата бин, кенгош хабар карда, аз ёру ошноҳо ва аз калоншавандаҳои гузар маслиҳат пурс, ана баъд тӯйро сар кун! Наход ки «ӯлдӣ-бӯлдӣ» кас тӯй кунад?!

— Барои тӯи нав, тӯи сурхи инқилобӣ кенгаш-менгаш лозим не,— гуфт Насим.— Телефон катӣ ҷӯраҳоро хабар мекунам. Ошпаз омада кабобу ош мепазад, ҳофизҳо, навозандаҳоро мегӯем, вассалом...

— Халқи гузар чӣ? Ёру ошноҳои дадет чӣ? Хешу таборҳои мо чӣ? Ба ту ягон гап шудааст!

— Онҳоро баъд, баъди келина овардан ҳам чег задан мегирем... Тӯй як рӯз не, чанд рӯз мешавад.

— Не, ту ақлата хӯрдӣ! — кампир ҳеҷ намефаҳмид.— Охир, зан бечизу чора, белибосу беқалин мешавад-мӣ? Миёнаравҳо рӯйихат бурда, рӯйихат меоранд, буру дӯз мекунанд, лаълию боркаш мебаранд, ҷиҳез меоранд...

— Ҳеҷ гап не, ҳеҷ гап не!

Хуллас, ки холаю ҷиян ба ягон қарор омада натавониста истода буданд, ки хизматгор омаду ҷавоби хатро дод:

Мактуб ба коғази қадимии абрешимин навишта шуда буд, аз он бӯи атр меомад. Насимҷон ҳанӯз ба

хатти зебои Ойими Шоҳ чашм надавонда, аз бӯи он маст шуд. Мактуб чунин буд:

«Азизам, ба ҷон баробарам, Насимҷонам! Вақте ки мактуби шуморо ба ман расониданд, дилам тапиду чунин ғазалхон шуд:

Марҳабо эй пайки муштоқон, бигӯ пайғоми дӯст!
То кунам ҷон аз сари рағбат фидои номи дӯст.
Волаю шайдост доим ҳамчу булбул дар қафас,
Тӯтии табъам зи шавқи шаккару бодоми дӯст.
Зулфи ӯ домасту холаш донаи он дому ман —
Бар умеди донае афтодаам дар доми дӯст[1].

«Пас, расида бод ки шумо бо расму ойини нав хостед, як бор рӯи маро бинеду суханамро шунавед... албатта ба ин ҳақ доред. Вале ҳамин қадар арз мекунам, ки ҳоҷат ба ин ташвишҳо нест. Зеро ки камина ҳеҷ гоҳ худро муносиби шумо намедонам. Ман як сайнбаи ночизам, як муштипар, як бадбахти нокомам... Шумо куҷою ман куҷо! Вақте ки аз давлати толеъ дидани дидори ҷаҳонорои шумо ба ман муяссар гашт, ба худ гуфтам, ки кадом духтари хушбахт сазовори илтифоти ин барнописар мегашта бошад?! Ба ҳар тора мӯи ин дилбар сад духтар фидо шавад, меарзад! Бинобар он ин номаро навишта арз мекунам, ки ба мани камтарин нахандед ва ҳамсарии маро тоқозо карда истеҳзо нанамоед ва монед, ки фақат бо хаёли рӯятон умри боқимондаро ба сар барам...

Канизи шумо? *Ҳамроҳ*».

— Чӣ гуфтааст? — пурсид холеш.

— Ноз кардааст! — гуфт Насимҷон ва ба ваҷду шавқ омада боз ба сари стол нишаст ва ин мактубро навишт:

«Азизам дилбарам, паризодам Ҳамроҳхонро буда бошад, ки мактуби дилнавози шуморо гирифтам, аз мазмунаш огоҳ гашта, як шавқам ҳазор гашт ва худи шуморо дидагӣ, аз сӯҳбати ҷонбахши шумо баҳра бурдагӣ барин шудам. Ҷонам фидои хоксорӣ ва фурӯтании шумо бод. Акнун, дигар ҳеҷ қайду шарте лозим нест.

---

[1] Шеъри Ҳофиз.

Он чӣ ки аз миёнарав шунидам ва он таърифе ки холаам дар васфи шумо гуфт, бо мазмуни мактубатон тасдиқ гардид. Дуруст аст, ки мо агар ҳамдигарро як бор бинем, дигар ҷудо шуда наметавонем. Бинобар он ҳамаи расмиятҳои қадимиро дар канор монда, худи ҳамин шаб тӯй мекунем ва ба дидори якдигар мерасем. Барои ин фақат як калима розигии шумо лозим. Каминаи шумо: Насимҷон».

Вай мактубро ба покет андохту сари онро мӯҳр карда, берун баровард ва ба хизматгораш дода, илтимос кард, ки ҳарчӣ зудтар рафта, биёяд ва агар ҷавоби нек орад, як ҷомаи алоча аз они вай.

Ин дафъа хизматгор ба умеди ҷома, роҳро миёнбур карда, зуд рафта омад ва ҷавоби мактубро дод. Ҳамроҳхон навишта буд:

«Соҳибихтиёрам! Ҳар он чизе ки мехоҳед, айни муддаои ман аст. Ба ростӣ, агар қоидаҳои кӯҳнаро шикастанӣ бошед, дурусттар шиканед, ки маълум шавад! Ман ба дилам мегӯям, ки: ту ҳам тарфи кулаҳ бишкан, ки бишкан-бишкан аст имшаб!

*Ҳамроҳхони* шумо».

Хатро хонда, Насимҷон «ҷон-ҷон!» гӯён аз ҷо парид.

Насимҷон ба чашмонаш бовар карда натавонист, боз гашта хонд, боз гашта хонд...

— Чӣ навиштааст? — пурсид боз холеш.

— Марҳабо эй пайки муштоқон бигӯ пайғоми дӯст! гуфтааст...— гуфт шӯхӣ карда Насимҷон.— Ман аз они ту, ту аз они ман гуфтааст! Ҳамин шаб тӯй, гуфтааст... Хезед, ҳамсоятонро ҷеғ занед, хонаҳоро ғундоред, ба тартиб биёред! Келин мебиёяд.

Кампир чизе гуфта натавониста, ба рӯи Насимҷон бо ҳайрат ва диққат нигоҳ мекард ва гумон дошт, ки ӯ девона шудааст.

— Хезед охир! — гуфт Насимҷон ба сари телефон равон.— Ёрдамчиҳоятонро ҷеғ занед, бевақт шуд. Ман девона не, хотирҷамъ бошед!

Кампир боз аз ҷо наҷунбид. Гумон мекард, ки вай шӯхӣ мекунад. Насимҷон дастаки телефонро тофта Чекаро гирифт ва раиси Чека Аминовро пурсид. Аминов дар идора будааст. Бинобар он зуд сару либос

иваз карду ба холааш боз як бори дигар огоҳӣ дода баромада рафт. Аммо кампир чӣ кор карданашро надониста, ҳайрон менишаст. Чанд дақиқа гузашт, вале гарангии ӯ намегузашт. Ниҳоят аз рӯи ҳавлӣ занаки ҳамсоя овоз дод:

— Ойхола, ҳо, ойхола! Қанӣ шумо?

— Ман ана, дар хона, биёед! — гуфт кампир ва донист, ки Насимҷон ӯро фиристодааст.

— Муборак шавад! — гуфта, ҳамсоязанак ба хона даромада омад.— Насимҷон гуфтанд, ки тӯй мешавад, рост-мӣ? Мо бехабар.

— Худи ман бехабар...— гуфт кампири содда.— Дар як шаб хостгорию дар як шаб тӯй шуданашро ман акнун дида истодем!..

— Замонаҳо дигар шудагӣ,— гуфт занаки ҳамсоя.— Чӣ илоҷ?.. Тӯй бошад, тӯй-дия: Хезед, хонаҳоро ғундорем!

Кампир ҳам беихтиёр аз ҷо бархост.

Насимҷон ба назди раиси Чека рафта арз кард, ки худи ҳамин шаб тӯи фавқулодда карда, маҳбубаашро ба хона овардан мехоҳад. Ин кори мушкилро ҳеҷ кас накарда бошад ҳам, вай карданӣ.

Аминов дар аввал қадаре ҳайрон шуда бошад ҳам, баъд хандиду ин кори Насимҷон ҳатто ба вай маъқул шуд. Аминов умуман аз хизматҳои фидокоронаи Насимҷон хурсанд буд ва медонист, ки бо ғайрати вай як гурӯҳ одамони бадхоҳ ва зарарнок ба даст афтоданд... Пас аз воқеаи занаки турк, дар ин қарибиҳо хонадор шудани Насимҷон аз имкон дур буд. Инак ёфт шуда мондани арӯсро ғанимат шуморидан лозим. Бинобар он вай гуфт:

— Аввал ҳамин ки муборак шавад! Ба шумо бахту саодат мехоҳам! Сониян, дар бораи тӯй ғам нахӯред, парво накунед! Ман ба рафиқони кордонамон таъин мекунам, дар як соат ҳамаи асбоби тӯйро муҳайё мекунанд.

— Ташаккур! Ташаккур! — гуфт Насимҷон ва аз самими қалб дасти раисро фушурда, аз кабинет хориҷ шуд. Вай боварӣ дошт, ки раис илтимоси ӯро рад намекунад. Ва низ боварӣ дошт, ки тӯи имшаба, ки чунин фавқулодда барпо мешавад, бад намешавад.

Вай аз Чека баромада, рост ба гузари худашон рафту ба клуби занҳо даромад. Фирӯза ҳанӯз ба хонааш нарафта буд. Азбаски имрӯзҳо кор бисьёр буда, вай дар клуб дер кор карда менишаст, бачаро бо худаш ба клуб меовард. Мадони хонае, ки кабинети ӯ буд, равшан, озода ва баҳаво буд. Дар он ҷо катчаи бачаро гузоштанду яке аз хизматгорҳои клуб муайян шуда буд, ки ба бача нигоҳубин карда истад. (Барои ин Фирӯза ба вай музди алоҳида медод). Ин кор ҳам ба Асо маъқул буд, ҳам ба Оймулло. Зеро ки онҳо аз масъулияти бача тамоман озод шуда буданд. Фирӯза ҳам кори идораи клубро пеш мебурд, ҳам бача тарбия мекард.

Насимҷон, ки дар рӯ ба рӯи клуб зиндагӣ мекард, аз они худӣ барин шуда рафта буд ва бинобар он худро бегона намешуморид.

— Апа Фирӯзаҷон!—гуфта вай аз дар даромад.— Балотона гирам, дардатона гирам, хоҳари азизам! Агар ҳозир ёрӣ намедода бошед, ман тамом мешавам!

— Хӯш, хӯш? — ҷиддан ҳайрон шуда пурсид Фирӯза.— Чӣ воқеа рӯй дод?

— Ман ошиқ шудам, зан мегирам, худи ҳамин шаб тӯй!

— Ҳамин шаб тӯй? Е аҷаб?! — гуфт Фирӯза.— Чӣ тавр шуду мо бехабар?!

— Ҳамаи гап дар ҳамин ки аз ин тӯй ҳеҷ кас хабар надорад. На фақат шумо, балки холаи худам ҳам як соат пештар аз ин хабардор шуданд.

Насимҷон воқеаро гуфта дода, аз Фирӯза хоҳиш намуд, ки худаш сардори тӯй шавад, бо муаллима ва мураббияҳо гузарад, ба холаи нодони вай ёрӣ расонад.

— Майлаш,— гуфт Фирӯза.— Лекин аввал ба хона рафтани ман лозим. Баччаро монда, ба Асо хабар диҳам... Баъд албатта меоям, ба тӯи шумо хизмат мекунам.

— Не, не,— гуфт Насимҷон.— Ба ҳавлӣ рафтан фурсат нест. Ман ака Асоро дида хабар кардам, он кас ҳозир омада истодагиянд... Гулбаҳорҷонро бур-

дан шарт не, монед вай ҳам ба тӯи амакаш иштирок кунад.

Сухани Насимҷон ба даҳонаш буд, ки аз берун Асо омада даромаду боз як бори дигар бо Насимҷон вохӯрдӣ карда, тӯяшро табрик намуд.

— Ба тӯйхӯрӣ омадем,— гуфт вай хандида.— Ин тӯи фавкулоддаи аҷоиб!

Дар ҳақиқат он шаб дар ҳавлии Насимҷон тӯе шуд, ки аз ин пеш дар Бухоро нашуда буд... Зеро ки барпо шудани ин тӯйро чанд соат пештар ҳеҷ кас намедонист. Нохост одамҳо омаданд, хонаҳоро оростанд, ошу кабоб пухтанд, меҳмонҳоро пешвоз гирифтанд... Дар ҳавлии берун ҳофизҳо ва навозандаҳо, дар ҳавлии дарун созандаҳо базм оростанд. Баъд келинро оварданд (одатан домодбарӣ мекарданд), хурсандиҳо карданд ва дар соати дуи баъд аз ними шаб тӯй ба охир расид.

Насимҷон, вакте ки меҳмонҳоро гусел карда ба хонаи хоси худ даромад, дар он ҷо Ҳамроҳхон дар либоси арӯсӣ аз ҷо бархоста ба вай таъзим кард. Насимҷон маҷъали рӯй (рӯймоли ҳарир)-ро боло бардошту он ҳусну ҷамолро дида, ҳушаш рафт. Агар шаҳди лабони Ҳамроҳхон намешуд, шояд вай ба замин меафтод...

— Ин бӯсаи ширини нахустин, газаки шароби талх аст! — гуфт овози шиносе ба Насимҷон.

Вай баргашта нигоҳ карду зани солхӯрда ва қоқинарӯи гундумгунеро дид, ки бо табассум ба сӯи ӯ пиёлаи майро дароз мекунад. Насимҷон пиёларо гирифт, вале дар чашмонаш аломати суол бозӣ мекард.

— Ман,— гуфт занак,— ба шумо ваъда дода будам, ки пас аз ба максад расидани шумо, кӣ буданамро маълум мекунам... Ман, каминаи шумо...

— Хола Анбар! — гуфт Ҳамроҳхон ва табассуми ширине кард.

— Ташаккур ба шумо! — гуфт Насимҷон.— Худо ба шумо умри дароз диҳад, ки ду дилдодаро ба ҳам ҷуфт карда, ду дилро аз шароби ишқ саршор кардед.

— Висол ба ҳар дуи шумо муборак шавад! — гуфт хола Анбар.— Илоҳо кӯшапиру аёлманд шаветон!

Инро гуфту хола Анбар онҳоро танҳо гузошта аз хона баромад... Лекин дуои охирини вай: қӯшапиру аёлманд шудани онҳо буд, иҷобат нагардид... Дар ин бора сонитар...

## 22.

Ҳайдаркул комиссар шуда омадан ин ҷониб Махсум ва шариконаш худашонро хеле ногувор ҳис мекарданд. Аввалаш ин ки вай «хилаи биқин» шуда монда буд. Махсум маҷбур буд, ки озодии худро маҳдуд карда, дар хонаи худ, дар бошишгаҳи қӯшуни худ корҳояшро ба таври махфӣ гузаронад. Онҳо аксаран дар бевактии шаб, дар набудани Ҳайдаркул одамҳоро оварда ҳабс мекарданд ва чандин ҳабсхонаҳои махфӣ ва ҷудо-ҷудо сохта буданд. Онҳо базму айшу ишрати худро аз вай махфӣ медоштанд. Омадурафти Низомиддин ва касони дигар мушкил шуда монда буд. Онҳо бештар дар ҷоҳои дигар вомехӯрданд ва гуфтугӯ мекарданд. Махсум гоҳо дар ғазаб мешуд, ба Низомиддин мегуфт, ки Ҳайдаркулро нест карда, ҳамаро зерузабар мекунад. Лекин Низомиддин ӯро нигаҳ медошт. Ваъдаҳои аҷоиб медод: аз Туркия, аз Германия аслиҳа ва қувват меояд, баъд якҷоя ҳаракат мекунем, мегуфт... Дар бораи Анвар-бек, Анвар пошшо нақл менамуд ва ҳатто маҷбур мекард, ки Махсум тоқат кунад ва то мумкин аст ба Ҳайдаркул нағз намояд, маъқул шавад. Вай мегуфт ки вактҳои охир Ҳукумати Марказӣ корҳоро сахт гирифта истодааст. Абдуқодир Муҳиддинов тамом одами дигар шуда рафтааст, аз падараш рӯ гардондааст. Чека хеле фаъолият нишон дода истодааст. Комитети Марказии Фирқа бо роҳбарии намояндаи байналмилали сейӯм чунон серкор, чунон хушьёр шудааст, ки як қадами беҷо мондан мумкин нашуда истодааст. Дар ин тавр шароит беҳтар, ки Асад Махсум оҳистаоҳиста тайёрӣ дида, аскарҳояшро машқ кунонида, ба гирду атрофи худ одамони дил пурмешудагиро ғундошта, гандаҳоро нафаҳмондек нест кардан гирад. Вақташ мерасад, ки Махсум ҳамаи ҷӯшу хурӯши худро ба харҷ бурда метавонад...

Ҳайдарқул аз омаданаш ин ҷониб ягон бор ҳам дар бораи Ойиша ва модари ӯ сухан накушод. Гӯё ки онҳо одамони ба вай бегона бошанд. Асад ҳам гарданшахӣ карда, дар ин бора гапе намезад ва умуман муомилаи байни онҳо расмӣ ва хеле хушку сард буд. Бештар Ҳайдарқул бо Исматҷон ва Оқилов корашро буд карда, ба ӯ рӯбарӯ намешуд. Рӯзҳо чандин соат бо командирҳо ва аскарҳо сӯҳбатҳо гузаронида, аз машқу кори онҳо хабар гирифта мегашт, шабҳо агар маҷлис набошад, ба хоначаи худаш медаромаду китобу газета мехонд. Ягона ҳамсӯҳбат ва роздони ӯ Саидпаҳлавон буд, ки вай ҳам фақат чашми дигаронро хато карда ба хонаи ӯ медаромад. Ҳайдарқул аз рафти корҳои махфии Асад Махсум бештар ба воситаи Саидпаҳлавон огоҳӣ меёфт. Хабари ҳабс карда шудани одамҳои бегуноҳи бисьёреро аз Саидпаҳлавон шунида, оҳиста-секин, бо мулоимат ба Асад ва шарикони вай мегуфт, ки хешу табор ва касони он маҳбусҳо ариза фиристодаанд ва ба ҳамин тариқа муҳокима ташкил карда, бештар ба озод карда шудани онҳо муваффақ мешуд. Ин, албатта ба Асад Махсум намефорид ва шариконашро ҳақорат медод, ки кори махфиро ӯҳда баромада наметавонанд.

Боре Асад Махсум шарикони худашро ба меҳмонхона даъват карда, Наими Талхро дар таи дар посбон гузошт, ки касе ба сӯҳбати онҳо халал нарасонад. Он рӯз Ҳайдарқул дар боғи Дилкушо набуд, бо коре ба шаҳр рафта буд. Бинобар он, аз фурсат истифода бурда, Асад мехост гиреҳи дилашро кушода партояд:

— Гап ҳамин ки,— гуфт вай ба шариконаш.— Ман аз Ҳайдарқул наметарсам ва парво надорам. Дар ин ҷо будани вай ҳам ба ман чандон халал намерасонад... Лекин ман аз ҳамин хафа ва оташии ҳастам, ки мо ягон кори пинҳонӣ дар байни худ карда наметавонем. Аз ҳар кори мо ҷаноби Ҳайдарқул бохабар, аз ҳар номаъқулии мо он кас огоҳ...

— На фақат Ҳайдарқул!— гуфта монд Исматҷон.

— Бале, бале, на фақат Ҳайдарқул!—гуфт Асад.— Бисьёр корҳои моро Чека медонаду пеши роҳамонро мегирад. Худаш чӣ гап?! Ин чӣ хел комиссияи фавқулодда шуд?! Ман намефаҳмам.

— Маълум ки ягон шахси роздони мо хиёнат мекунад! — гуфт Оқилов.

— Аҷаб кашфиёте кардед!? — гуфт бо тамасхур Асад.— Аз каромоти пири мо чӣ аҷаб, гурбаро диду гуфт, ки: кор ёғаду!

— Ман суханамро тамом накардем,— гуфт Оқилов, ки бонии корҳои махфӣ ва саги бӯгири Асад буд.— Гап занам қаҳратон мехезад...

— Гап задан гиред, ба қаҳри ман коратон набошад!

— Ба шумо чӣ гӯям, ман аз як шахс шубҳа дорам, ки вай одами нағз медидагии шумост!

— Гӯед, кӣ вай, вакти нозу карашма не!

— Ман аз Саидпаҳлавон шубҳа дорам!— гуфт шартӣ карда, Оқилов.

— Аҷаб! — гуфта монд Исматҷон.

— Чӣ, чӣ — гуфт Асад аз ҷояш хеста — Саидпаҳлавон? Шумо девона шудед, Оқилов!

— Ҳайр, ман девона!— гуфт осудаҳолона, Оқилов.— Агар гапам нодуруст бароял, ба девонахонаи Хоҷаубониҳо фиристонед.

Махсум дар ҳақиқат ҳам ҳайрон ва оташин шуда буд. Зеро ки чандин моҳ ин тараф борҳо худаш бевосита Саидпаҳлавонро санҷидааст, борҳо боварӣ ҳосил кардааст, ки вай одами дурӯя, хиёнатгор ва дурӯғгӯ не. Вазнинӣ, хомӯшӣ ва хоксории Саидпаҳлавон ба ӯ хеле маъқул буд. Худи гуфтор ва рафтори Саидпаҳлавон чунон буд, ки эътимоди ҳамаро ҳосил мекард...

— Чӣ кори вай ба ту шубҳа овард? — пурсид туту гуфта Асад аз Оқилов. Одати вэй ҳамин буд, ки агар аз касе оташин шавад, зуд аз «шумо» ба «ту» мегузашт.

— Бисьёр дамдузд... Хаппаки майизкӯбак!

— Хайр бошад чӣ?

— Ба ғайр аз сеи мо, Наими Талх ва Саидпаҳлавон аз корҳои пинҳониамон каси дигар хабардор нест. Пас, ё худи шумо, ё ман, ё Исматҷон, ё Наими Талх, ё ки Саидпаҳлавон хабар мекашад... Ман хеле фикр кардам, Наим он хел одам не, бо Ҳайдаркул ва Чека ошноӣ надорад ва ба он эҳтиёҷаш ҳам нест...

Аммо Саидпахлавон ошнои Ҳайдаркул... гоҳ-гоҳ ба шаҳр рафта ғайб мезанад, кас намедонад ба куҷо меравад...

— Аз пасаш кас мондӣ? Фаҳмидӣ?

— Қас мондам, бефоида! Ҳатто худи Наим рафта омаду ягон дастак ёфта оварда натавонист. Мардак хеле хушьёр ва бӯгир аст, корашро дониста мекунад!

— Хайр боз чӣ мегӯӣ?

— Ба Асою ба Фирӯза бисьёр меҳрубон буд!

— Хайр бошад чӣ?

— Асо одами Чека, Фирӯза духтархонди Ҳайдаркул!

— Ман ҳам ҷӯраи Ҳоҷӣ Ҳасанбек! — гуфт Асад ва хандид.— Не, дурусттар санҷидан лозим. Қорро хуб пухта карда, яку якбора аз хоин халос шудан лозим.

Он дам сӯҳбат бо ҳамин тамом шуда буд. Лекин Оқилов дар дилаш аҳд баста буд, ки ҳаққонияти худро ба Асад Махсуми нобовар исбот кунад. Ба ин ниятУ кори вай Козим-зодаи зиёбодӣ ёрӣ расонд. Чи тавре ки ба мо маълум аст, Аббосро Наим бо тӯҳмат ҳабс карда буд. Ҷавони нотарс чанд бор дар истинтоқ бо Оқилов ва худи Махсум муомилаи сахт карда, бо суханҳои нешдор онҳоро мулзам карда монда буд. Бинобар он ӯро озод накарда, дар маҳбаси махфӣ нигоҳ медоштанд ва маҷбур мекарданд, ки ба «гуноҳ»-ҳои нокардааш иқрор шавад. Дар бораи кори вай Ҳайдаркул бо Махсум гапзанон карда буд. Аммо Махсум бардурӯғ гуфта буд, ки ӯро кайҳо озод кардаанд. Лекин дар он рӯзҳо боз Ҳайдаркул ба Махсум муроҷиат карда гуфт, ки Аббосро ҳанӯз ҳам озод накардаанд, коргарҳои депои Коғон сахт норозигӣ баён кардаанд. Махсум гуноҳро ба сари Оқилов партофта, ваъда дод, ки худи пагоҳ ин масъаларо муҳокима карда Қозим-зодаро озод мекунад. Лекин аз ғазаб қариб ба кафидан расида буд. Худи ҳамон рӯз фурсате ёфта, боз шарикҳо баҳам ҷамъ шуданд ва боз ҳамон масъаларо муҳокима карданд, ки оё ба Ҳайдаркул инро кӣ хабар дода бошад?

— Албатта ин кори Саидпахлавон!— гуфт Оқилов.

Дар байни Асад Махсум ва Оқилов дар ин масъала боз ҷанҷол сар шуданӣ буд, ки гапро Наими Талх пасанда кард:

— Саидпаҳлавон ҳамқишлоқии ман!— гуфт вай,— ман ӯро нағз мешиносам. Ман ҳам бовар намекунам, ки вай ба Махсум хиёнат кунад... Лекин одам-дия, шири хомхӯрда! Кӣ медонад, шояд ягон максаде дошта бошад?! Ба ҳар ҳол боз як бор санҷидан лозим.

— Ман санҷидам, сад бор санҷидам,— гуфт Оқилов.— Ба даст афтондан мушкил! Аммо ба ғайри вай каси дигар не!

— Не, гапи ман дар ҷои дигар,— гуфт Наими Талх ҳилагарона ба ҳозирон нигоҳ карда.— Ҳукми куши яке аз бандиҳоро ба дасташ дода, аз қафояш поидан лозим, ки канӣ чӣ кор мекунад!

— Ӯт-талхе! — гуфт қоил монда Асад Махсум.— Ту аз Оқилов ҳам бадтолтар баромадӣ! Гуфтан ту рост, аз ин хубтар маҳак намешавад... Лекин ба Ҳайдаркул чӣ мегӯед?

— Ин корро бе Ҳайдаркул кардан лозим! — гуфт Оқилов.

— Хайр, ҳукми куш дорем, ё не? — пурсид Исматҷон.

— Қозим-зода чӣ? — пурсид Наими Талх.

— Қозим-зода? Қозим-зода?..— гуфта хаёл карда монд Оқилов ва баъд аз каме фикр кардан ба суханаш давом дод: — Аз Қозимзода беҳтараш нест! Ана акнун ин тарафашро ба ихтиёри ман вогузоред, ман дуруст фикр карда, чунон кунам, ки ҳам Ҳайдаркул ҳайрон монад, ҳам шумо!

— Наход? — хурсанд шуд Махсум.— Майлаш, ба шумо як рӯз мӯҳлат!

Асад Махсум ва шариконаш ҳарчанд ки Қозимзодаро намешинохтанд, ҳарчанд ки ба гунаҳгор буданн вай чандон имони комил надоштанд, лекин дар байни худ ба кушта партофтани вай қарор доданд.

— Ман ҳеҷ фаромӯш намекунам, ки,— мегуфт Асад.— Ин Қозимзода ба рӯи ман ҳақорат дода, ин

дову даҳанаи шумо дер намепояд, қонуни инқилоб ҷазои шуморо хоҳад дод, гуфта буд. Ин бача ба озодӣ барояд ором намегардад! Бинобар он ба қарордоди шумо рафиқ Оқилов муқобилият надорам.

Вай ба ҳукмнома имзо монд. Аз ин ҳукм на Саидпаҳлавон хабар дошт, на Ҳайдарқул. Онҳо дар ақидаи он буданд, ки Асад Махсум ва шариконаш дар муҳокимаи рӯйрост кори Қозимзодаро дида баромада, албатта озод хоҳанд кард...

Рӯзе, пас аз нимирӯзӣ, вақте ки Ҳайдарқул дар шаҳр буд, нохост Саидпаҳлавонро ба меҳмонхона, ба назди Асад Махсум даъват карданд. Саидпаҳлавон корашро партофта, ба меҳмонхона рафта даромад, ки дар он ҷо Асад Махсум, Исматҷон, Оқилов ва Наими Талх менишастанд.

— Биё паҳлавон! — гуфт Асад.— Камтар сӯҳбат кунем... ҳамин шаб хобҳои парешон дидам, дилам сиёҳ... Кас намедонад пагоҳ зинда мемонад, ё не... Ба ҳар ҳол чанд вақт як ҷо кор кардем, ако-ука барин шуда мондем...

— Ака Саид,— гуфт Оқилов.— Яке аз беҳтарин ва баэътимодтарини касони шумо ҳастанд... Дар ҳақиқат ака!

— Бале, бале! — гуфт Асад.— Худди ака-ука барин шуда мондем. Ман ба ғайр аз ҳамин шумо, дигар кӣ дорам? Ҳамаи умед ва боварием ба шумо:..

Саидпаҳлавон гаранг буд, оё пас аз ин муқаддимаҳо аз вай чӣ талаб мекарда бошанд?

— Душманҳои мо, душманҳои Ҳукумати Шӯрой рӯз то рӯз зиёд шуда истодаанд...—гуфт Асад.—Агар мо ҳамаи дӯстӣ ва иттифоқу бародарии байни худамонро мустаҳкамтар карда, сахт муҳофиза накунем, дар як шаб моро толону тороҷ карданашон мумкин... Ана, бинобар он, ака Саид, комиссия қарор кард, ки ба ту як кори махфӣ ва муҳимро супорад.

— Марҳамат!— гуфт Саидпаҳлавон.— Агар аз ӯҳдааш баромада тавонам, ҷонам катӣ!

— Кори мушкил не,— гуфт Асад.— Лекин кори махфӣ ва корест, ки ба ғайр аз ту каси дигар карда наметавонад...

— Бале, бале! — гуфт Исматҷон.— Ба ғайр аз

Саидпаҳлавон дигар кас наметавонад ва мумкин ҳам не!

— Хӯш, чӣ кори махфӣ будааст? — акнун ҳатто дилтанг шуд Саид.

Асад Махсум чун афсунгар гӯё, қурбонии худро ба торҳои абрешимини таъриф ва воҳима печонида гирифту ба сари мақсад омад:

— Хабар дорӣ ки аз Қогон Қозим-зода ном як аксульинқилобчиро дошта будем...

— Вай аксульинқилобчӣ не, Махсум! — гуфт Саид сухани ӯро бурида.

— Ту намедонӣ, Саид, вай одами хеле хавфнок аст. Дар дасти мо санадҳои пухта ҳаст. Вай ба воситаи Эрон бо англисҳо доду гирифт мекардааст. Ин бас набуд, ки қишлоқ ба қишлоқ гашта бар зидди комиссияи мо ташвиқот мерондааст ва аризаҳо навишта, мардумро имзо кунонда ба марказ мефиристодааст. Дар ин бора ба худи ман иқрор шуд. Ҳамаи моро дузду муттаҳаму хунхӯр, гуфт... Бинобар он мо ӯро ба ҷазои сахт лоиқ донистем... Лекин худат Ҳайдаркули моро медонӣ. Вай ин бачаро мешинохтааст, албатта ба миён даромада, ҳукми моро вайрон мекунонад. Ин як. Сонияш коргарҳои депои Қогон шав бардоштанашон мумкин... урусҳоро медонӣ-ку! Ба инқилоб кардану шӯриш бардоштан той надоранд... Агар мо бо ҳукми рӯйрост ӯро парронда партоем, дилсиёй шуданаш мумкин... Ана ҳаминҳоро дар назар дошта мо ҳамин тавр қарор кардем: ин бегоҳӣ ӯро бароварда, рӯйрост муҳокима карда, қарорамонро эълон медиҳем, ки комиссия гуноҳони ӯро дайн кард, вале ҳукми ҷазо набароварда, корашро ба суди Қогон мегузаронад. Ин ҳукм ба Ҳайдаркул ҳам маъқул мешавад... Ба суди Қогон бурда супоридани гунаҳгор ба ту супорида мешавад. Ту бошӣ, Қозимзодаро пеш андохта, гӯё ба Қогон мебарӣ... Лекин дар миёни кӯли Шағолон мепарронию хеста омадан мегирӣ. Мо бошем, гунаҳгор гурехт ва бинобар он парронида шуд гуфта акт мемонем, бо ҳамин ҷон халос!

Саидпаҳлавон ҳайрон шуда монд. Чӣ гуфтанашро надониста, қадаре сукут карду баъд пурсид:

— Фаҳмидан мехостам, ки барои чӣ ин кор махсусан ба ман супорида мешавад?

Асад Махсум риши кулӯта ва ҳарротӣ кардашудаи худро қабза карда монд (вай дар айни ҷаҳлаш беихтиёр ин корро мекард) гӯё дар ҳақиқат оташин шуд.

— Ту, Саидпаҳлавон одами хос ва дилпурмешудагии ман шуда истода, ҳамин суолро медиҳӣ?! Ман туро бо ақлу хуш ва мудаббир медонистам...

Оқилов ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

— Аввалаш ҳамин, ки шумо Саидпаҳлавон, чун одами ростқавл, чун одами баэътимод шинохта шудаед. Ҳама медонанд, ки агар шумо парронда бошед, бедарак не! Ин як. Баъд, охир ин гапро ба ғайр аз ҳамин ҳозирон каси дигар набояд донад.

— Шумо ба ман нигоҳ накунед, полвон-амак,— гуфт Наими Талх.— Худи ман ба ин кор толиб будам ва бо дилу ҷон мекардам. Лекин комиссия розӣ нашуд. Ҳама бо як овоз гуфтанд, ки агар ман ин корро кунам ва гурехт гуфта акт монем, ҳеҷ кас бовар намекунад, чунки хусумат доштани ману Аббосро ҳама медонанд.

Саидпаҳлавон донист, ки инҳо ба паррондани Аббос қарори қатъӣ додаанд ва ҳар кор карда бачаи бегуноҳро нобуд кардан мехоҳанд. Пас, модоме ки ин корро ба ихтиёри вай месупоранд, чаро аз кори хайр даст кашад. Дар ин ҷо фурсати бо Ҳайдарқул маслиҳат кардан нест ва бинобар он беҳтар аз қабул кардани ин супориш роҳ ҳам нест. Шояд ба ҳамин васила Аббоси ҷавон аз дами марги яқин халос шавад... Лекин инро дуруст фикр кардан лозим. Барои он ҳоло фурсат ва имконият ҳаст...

— Майлаш,— гуфт ниҳоят сар бардошта, Саидпаҳлавон.— Ман дар умри худ одам накушта бошам ҳам барои иҷрои вазифа, ин супориши шуморо ба ҷо меорам... Лекин, чӣ хел меравем, аспакӣ ё пиёда?

— Албатта пиёда,— гуфт Оқилов бо табассуми сохта.— Агар шумо аспакию вай пиёда бошад, гурехтанаш мумкин намешавад... Ҳама гап дар ҳамин ки пиёда мебаред.

— Хуб, пас аз паррондан, монда омадан мегирам?

— Ҳа, омада ба мо ки хабар додед, баъд аз ин ҷо ароба рафта, ҷасадашро мебардорад.

— Хуб шудааст.

Бо ҳамин маҷлис ба охир расиду ба Саидпаҳлавон рухсат шуд, ки рафта дам гирад.

Бегоҳӣ Ҳайдаркул аз шаҳр барнагашт, аммо комиссияи фавқулоддаи атрофи Бухоро маҷлиси худро барпо намуд. Дар маҷлис ҳамон тавр шуд, ки қарор монда буданд: комиссия эълон кард, ки Қозимзода бар зидди вай ташвиқоти аксульинқилобӣ мебарад, ва ғайра ва ҳоказо... Дар охири ҳукмнома чунин қароре буд: азбаски Аббос Қозимзода коргари депои Когон аст ва гуноҳҳои содиркардаи ӯ ба ҳаракати рӯйрости босмачигарӣ монандӣ надорад, бинобар он кораш ба суди музофоти Когон дода шавад.

— Саидпаҳлавон!— гуфт Асад, пас аз эълон карда шудани Ҳукмнома.

— Лаббай! — гуфт Паҳлавон аз поёни хона.

— Ба шумо комиссия месупорад, ки гунаҳгорро худи ҳозир бурда, ба ихтиёри суди Когон супоред.

— Хуб шудааст!

Саидпаҳлавон ба нигоҳҳои маъюсонаи ҷавон аҳамияте надода, бо дӯғу ҷазиба ба сӯи ӯ милтиқ рост кард ва фармон дод, ки пеш дарояд. Мардуми дар он ҷо буда медиданд, дар ин бозӣ намуди зоҳирии вай гӯё, дар ҳақиқат ба ҷаллодони бераҳм монанд буд. Вале одами муойинакор агар диққат кунад, медид ки нуки риши мошу биринҷи вай андаке меларзид ва дар милтиқ ҳам ангушти ӯ ба курокаш набуд.

Аббос донист, ки дар ин судбозӣ чӣ як хатари пурдаҳшате пинҳон аст ва бинобар он бо нафрати том ба сӯи комиссия як нигоҳ карду ба тақдираш тан дода, бо сари баланд ба роҳ даромад. Саидпаҳлавон бошад, аз қафои ӯ, чин бар ҷабин фиганда, ба ҳеҷ кас ва ба ҳеҷ тараф нигоҳ накарда, қадам мезад. Орзукул ва Сангин, ки дар дами дарвоза буданд, то хеле роҳ аз паси онҳо нигарон монданд, ва баъд хостанд, ки дарвозаи калони боғро баста, ба дарун дароянд. Наими Талх аз дарун омада баромаду чун рӯбоҳ ба

кӯча хазид ва ба ҳамгашти роҳ пинҳон шудани равандагонро дида, комат рост карду гӯё бо коре ба шаҳр мерафта бошад, бо Орзукул шӯхиҳо карда гуфт:

— Имрӯз як кайф кунем, гуфта будам, нашуддия, ака Орзукул! Боз ба шаҳр рафтан лозим. Як шиша аз сафедаш биёрам, ё ки аз сурхаш?

— Сурхаш ба худатон, ба мо оби замзам биёред! — гуфт Орзукул.

— Хуб шудааст, ҷонам катӣ!

Наими Талх зуд кадам монда рафт. Орзукул дарвозаро баста, ба сӯи Сангин маънидорона нигоҳе карду гуфт:

— Илоҳи худо аз фалокату бадбахтиҳо амон диҳад!

Сангин оҳе кашиду гап назад...

Найзори васеъи Кӯли Шағолон аз Дилкушо чандон дур набуд. Ин кӯл ва шӯразори калон, ки оби заҳ дар зери он лойқа шуда меистод, дар ҳақиқат манзилгаҳи гургу шағолон буд. Роҳи калони Бухоро — Когон аз миёнаи он гузашта мерафт. Лекин барои наздик кардани роҳ Саидпаҳлавон ба роҳи калон баромада, бевосита аз пайраҳаи байни найзор рафтанро муносиб дид.

Рӯз бегоҳ шуда, ба атроф торикӣ афтода буд. Абрҳои тираи боронӣ осмонро фаро гирифта буданд, ки сояи онҳо рӯзро пеш аз вақт ба охир расонид. Дар найзор гӯё, ҷонзоте набуд, фақат гоҳ-гоҳ қурбоққае аз зери по хез карда худро ба даруни оби кӯлмак мезад. Шамол ҳам набуд, найҳои хушки порсола наҷунбида, рост меистоданд, гӯё мехостанд равандагони пайраҳаро аз назорагиён пинҳон доранд, ё ки барои ранги шаб дар зери пояҳои худ ҷавҳари зулмат тавлид мекарданд ва машғули ин афсун буданд... Дар дили Саидпаҳлавон низ афсуни онҳо таъсир карда буд, ё ки абрҳои зулмонӣ соя меафкананд... Чаро? Худаш дуруст сарфаҳм намерафт. Охир, вай ба азму иродаи худ устувор буд, ба худ қарор дода буд, ки ҷавонро озод карда, худаш ҳам, дигар бо ҳамин баҳона ба боғи хунин барнагардад... Вай боварӣ дошт, ки Асад Махсумино ба ҳаракат, рафтор ва дӯғу ҷазабан ӯ бо

чашми қаноатмандӣ нигоҳ мекарданд ва ҳоло мунтазиранд, ки вай Аббосро ҳалафи тири бало гардонида, меояду арзу ниёз мекунад... Вале, не! Ҷавон халос мешавад. Саидпаҳлавон аз кори худ мамнун, баргашта, ба шаҳр меравад... Пас, чаро дили вай торик аст?! Чаро абри сияҳро аз осмони қалби ӯ ин азму нияти ӯ дур намекунад? Чунки душман маккор аст, душман ғаддор ва бераҳм аст! Вай ҳар замон ба пасаш ва ба атрофаш бо шубҳа назар мекард: оё дар ин кор, дар ин судбозӣ ягон фиребе, макре набошад? Оё ӯро бо ин ҷавон танҳо гузошта, ягон дасисаи дигареро дар назар намедоранд? Магар ӯро касе таъқиб намекунад?..

Лекин ҳеҷ як овози шубҳаангезе шунида намешуд. Гӯё, касе онҳоро таъқиб намекард... Агар касе дар ин наздикиҳо бошад, дар ин хомӯшии атроф, ҳатто нафас кашиданашро Саидпаҳлавон шунида метавонист... Барои чӣ ӯро таъқиб кунанд? Агар шубҳа медоштанд, бе ин бозиҳо мегирифтанду ҳабс мекарданд, қину касос мекарданд. Модоме ки ба вай боварӣ изҳор карданд, ҳеҷ гапе набудагист... Хайр, агар ҳар гап шавад ҳам, агар дар ин роҳ аз ҷонаш ҷудо шавад ҳам, Аббосро халос мекунад. Имкон медиҳад, ки ҷавон ба озодӣ бароял ва ба мурoду мақсадаш расад.

Аббос бошад, ба қафояш нигоҳ накарда, бо қадамҳои устувор пеш мерафт. Вай, гӯё, андешае надошт... Он ҳама эътиқод ва боварие, ки вай ба одамҳо дошт, дар натиҷаи ин моҷаро ҳама барбод рафт. Дигар, вай ба гапи ҳеҷ кас бовар намекунад. Маълум мешавад, ки гуфтор дигар будаасту кирдор дигар! Ба зоҳир қашасун мегӯянд, халқи меҳнаткаш зинда бод мегӯянд, зулму тааддӣ нест бод мегӯянд, озодӣ, баробарӣ, хуррият мегӯянд... Аммо дар амал корҳое мекунанд, ки ҳеҷ золим накардааст. Наход ки дунъё аз аввал то ба охир ҳамин тавр буд ва ҳамин тавр боқӣ мемонад? Агар ин ҳол аз пайдо шудани одам ато бошад, пас чаро то ба имрӯз насли инсон тамом ба шайтону ҷинну аҷина мубаддал шуда нарафтааст?! Ё ки дар ҳақиқат ҳамаи ин одамҳо шайтонанду албастӣ ва ӯ аз соддагии худ инро дарк накардааст? Ба ростӣ ки агар албастӣ набошанд, корҳояшон чаро албастиёна?! Агар

шайтон набошанд, чаро ҳамдигарро фиреб медиҳанду ба марги ҳамдигар шодӣ мекунанд?! Чаро бахту саодати хешро аз бадбахтӣ ва фалокати дигарон меҷӯянд?! Магар Асад Махсум, Наими Талх ва шариконаш девзода нестанд?! Деве, ки дар ҳеҷ як афсона макру фусуну ғаддории онҳоро кас гуфта натавонистааст! Магар ҳамин пири сияҳдил, ҳамин Саидпаҳлавон, ки вай, Аббос пештар ба ӯ ин қадар эътиқод дошт, аз кадом шайтон, аз кадом албастӣ фарқ дорад?!

— Камтар истода ист! — гуфт нохост мӯсафед аз қафо бо овози нарм.

Аббос истоду ба пасаш нигоҳ накарда, бо хаяҷони қалб мунтазири даҳшати охирин гашт. Лекин ба ҷои садои тир боз овози нарми мӯсафед ба гӯш расид, ки мегуфт:

— Ба ман фармон шуда буд, ки туро парронам, иниро дарк кардагистӣ. Лекин ман туро озод мекунам. Бале, озод мекунам... Акнун рост рафтан гир, то мумкин аст тезтар роҳ гард, дав, лекин ҳушьёр бош! Ба роҳи калон ки баромадӣ, то метавонӣ ягон извош ё ки ароба савор шуда, пинҳон шуда, ба Коғон, ба хонаи ягон уруси коргар рафта, паноҳ шав! Ба қишлоқатон нарав! Фаҳмидӣ?

Аббос ба гӯшҳояш бовар карда наметавонист. Вай баргашту дид, ки мӯсафед ба рӯи ӯ бо табассум ва меҳрубонӣ назар мекунад. Чӣ шуд, ки вай нохост гирья карда сар дод ва бо ашкҳои шашқатор омада худро ба оғӯши мӯсафед партофт. Мӯсафед ҳам тоқат карда натавонист, чашмаш аз ашк пур шуд.

— Хайр, фурсат танг аст! — гуфт вай.— Тезтар рав! Ма, ана ин пулро гир, дар роҳ даркор мешавад. Лекин шарт ҳамин ки ба қафоят нагашта, медавӣ! Канӣ, ҳа!

Аббос пулро гирифту ба роҳи мӯсафед нишон додагӣ давида рафт...

Саидпаҳлавон дар ҳақиқат оҳи сабуке кашиду мехост, ки ба қафо баргашта равад, аз пайроҳа Наими Талх давида омаду бо овози пурдаҳшат гуфт:

— Хоин! Аббосро чӣ кор кардӣ?! Гурезондӣ?! Канӣ вай?! Исто! Исто!

Вай милтиқро ба сӯи рафти Аббос рост карда, ме-

хост парронад, мӯсафед бо қундоқи милтиқи худ зада, ярокро аз дасти вай дур кард. Лекин Наими Талх ба дарди бозуяш аҳамият надода, худро ба болои Саидпаҳлавон партофту бо каллаи калонаш чунон ба сари дили вай зад, ки мӯсафед ба замин афтод.

— Ҳа, хоин!— гуфт Наими Талх дандонҳояшро ғичҷ карда ва мехост, ки худро ба болои вай партофта, хуб кӯбад ва беҳол карда, дасту бозуяшро бандад, лекин Саидпаҳлавон бо як ҳаракати тез ва нохост бо лагадаш чунон ба зонуи ӯ зад, ки вай ҳам аз по дарафтод. Мӯсафед ҷаҳида ба болояш сувор шуду бо муштони гиреҳ кардашуда се-чор бор ба сару каллаю рӯи ӯ фаровард ва бо зонуҳояш қафаси синаашро сахт зер кард, ки Наим беихтиёр дод зад. Доди ӯро фаҳмида се-чор нафар одамони мусаллаҳ бо сардории худи Оқилов давида омаданд, мӯсафедро зада-зада кулӯла карданд ва дасту бозуяшро бастанд...

Дар даҳлези меҳмонхонаи калон, дар зери пои Асад Махсум чун шер дар банд, Саидпаҳлавон дар пойгаҳ партофта шуда буд. Аз сару пешонаи вай хун ҷорӣ буд. Ҷомаҳояш дарида, ба хуну лой оғушта шуда буданд.

— Ҳа, паҳлавони номдор?! — мегуфт бо истеҳзо Асад.— Ин чӣ ҳол аст?! Барои чӣ дар ин ҷо хобидаед? Пушту паноҳатон Ҳайдарқулбой ва одамони Чека барои чӣ омада, ёрӣ намедиҳанд? Қанӣ, гап занед!

— Ҳай, ҳай! — мегуфт Оқилов.— Ба ин кас беҳурматӣ накунед, ин кас чашму гӯши Чека дар даргоҳи шумоянд! Донйста гап занед, ки хабар медиҳанд!

— Майлаш, агар ба номаъқулиҳояшон иқрор шаванд, агар бовар карда бошанд, ки Асад Махсум ва шариконаш ҳам гӯсола не ва аз кирду кори ин кас бохабар буданд, агар номи шариконашонро ва мақсади онҳоро гуфта диҳанд, мо боз ҳурматашонро ба ҷо меорем, ҳеҷ набошад, озод карда мефиристонем.

— Агар иқрор нашаванд, худашон медонанд, ки чилу чор қини подшоҳӣ дар пеши истинтоқи мо номаъқул кунад! — гуфт Оқилов дасташро ба қабзаи таппончааш бурда.

— Суолҳои мушкил не,— мегуфт Асад.— Шуморо ба ин ҷо кӣ фиристод? Шумо ба вай аз мо чӣ хабарҳо-

ро бурда мерасондед? Мақсаду маромн душманҳои мо чӣ? Чиҳо карданӣ? Ана ҳамин!

Мӯсафед, гӯё ин суханҳоро намешунид ва касеро намедид. Фақат сахт-сахт нафас мегирифту гоҳ-гоҳ, аз шиддати дарди сар бояд бошад, дандон мехоид. Сардии хишти ташнав ҳам мефорид, ҳам пешонаю сарашро ба дард меовард. Ба биниаш бӯи хун, бӯи хуни худаш бурқ зада мерасид... Агар ҳозир камтар ҳаво, як андак насим мешуд, шояд ин бӯйро мебурд ва ӯро халос мекард...

Ба ҳолати мӯсафед дуруст диққат карда, Асад ба сӯи Оқилов лаб газида нигоҳ кард. Оқилов ҳам маънии нигоҳи ӯро фаҳмида гуфт:

— Ман боварӣ дорам, ки Махсумҷон, Саид-Паҳлавон мақсади шуморо фаҳмид. Вай бача не ва нағз медонад, ки гап назаданаш катӣ аз мо халос шуда наметавонад. Азбаски ҳозир бачаҳо ӯро камтар азият доданд ва имконияти дуруст фикру мулоҳиза кардан ҳам надошт, бинобар он бо рухсати шумо ӯро камтар ба ҳоли худаш гузорем. Вазъияташро хуб фикр карда барояд, агар аз ҷонаш умеде дошта бошад, ин дафъа ба ҳама кирду кораш иқрор шуда, аз дилу ҷон ба мо хизмат мекунад. Мо ҳам аз гуноҳи ӯ гузашта, боз ба кораш мемонем...

— Майлаш,— гуфт Махсум.— Агар шумо гуфтагӣ барин ба мо садоқаташро маълум кунад, хеле фоида расонда метавонад... Баред, ӯро ҷудогона монед, ки имконияти фикр кардан дошта бошад!

Бо фармони Оқилов ду нафар омаданду Саидпаҳлавонро кашон-кашон ба таҳхона гирифта бурданд. Оқилов аз паси Асад ба меҳмонхона даромада гуфт:

— Ба одамшиносии ман қоил шудед?! Бедарак падари ман Оқили рангу бор ном надоштааст!

— Ман қоил! — гуфт андешамандона, Махсум.— Лекин дилам сиёҳ! Ҳеҷ гумон намекардам, ҳеҷ! Лаънатии Талх гирифта овард, худаш кафил шуд... ана, дар охир ҷазояшро ҳам дид. Ҳоло аҳволаш чӣ тавр бошад?

— Девона барин... Сараш гиҷ, лунҷу қавоқҳояш варам кардагӣ, хоб кардааст. Муштҳои паҳлавонӣ кори худашонро кардаанд.

— Ба духтурхона фиристодан даркор!

— Мефиристонем... Лекин аввал як масъалаи муҳимми дигарро ҳал кунем!

— Хӯш? — лаппӣ карда ба рӯи Оқилов назар кард Асад. Вай ба касе монанд буд, ки аз ҳар тараф хатар таҳдид карда бошад.

— Агар худи ҳамин шаб масъалаи Ҳайдарқулро ҳал накунед, ҳабс карда шудани Саидро шунавида, ба сарамон ягон балои дигарро хезонда монданаш мумкин. Алиф ки гуфтед, бе ҳам гӯед!

— Ин гапат ҳам рост! — гуфт Асад ва пас аз камтар мулоҳиза ба суханаш давом кард: — Лекин ин кори мушкил! Охир, Ҳайдарқул одами андак-мундак не. Чанд моҳ боз комиссар шуда, дар байни бачаҳои худамон эътибор пайдо карда монд. Дар марказ ҳам пушту паноҳаш зӯр, ҳама мешиносанд.. Ҳайдарқулро ҳабс кунем, рӯйрост бо Чека ва фирқа даст ба гиребон шудан лозим мешавад.

— Ҳабс накардан ҳам мумкин не! Набошад бояд таслим шавем!

— Фикр кардан лозим...— гуфт Асад.— Исматҷонро ҷег занед!

## 23.

Худи ҳамон бегоҳ Фирӯза навакак аз маҷлиси калони аъзоёни клуб холӣ шуда, ба кабинеташ даромада буд, ки чизу чораҳояшро ғундошта ба ҳавлиаш равад, дарро тақ-тақ зада Насимҷон даромада омад:

— Ба назди шумо даромадан мумкин нашуда монд-ку! — гуфт вай табассум карда.— Ба милиция ҳарчанд худамро шиносонам ҳам қабул намекунад. Хайрият ки Отунчахон баромада истода, ба ман кафил шудаиду рухсати даромадан дод, набошад қариб гашта рафта истода будам...

— Ҳа, кори пошшой ҳазил-мӣ?! — гуфт Фирӯза ҳам шӯхӣ карда.— Клуби моро худи Кумитаи Марказии иҷроияи ҷумҳурияти халқии шӯроии Бухоро парасторӣ мекунад. Худи рафиқ Абдуқодир Муҳиддинов фармон дода, ба ин ҷо қаровул монданд ва ана им-

рӯз ба мо як чорбоғи хушобу ҳаворо ҳам инъом карданд...

— Оҳо, муборак бошад! — гуфт Насимҷон.— Кадом чорбоғ? Аз они кӣ?

— Дар беруни дарвозаи Имом... Чорбоғи Қарокӯли-бой! Чорбоғи бисьёр нағз, ҳар хел мева дорад, обаш фаровон... Тобистон духтарҳоямон кайф мекунанд.

— Бисьёр нағз, бисьёр нағз! — гуфта монд Насимҷон... Аммо Фирӯза дид, ки вай каме дар ҳаяҷон аст, чизе гуфтан мехоҳад.

— Хӯш, ба ман ягон хизмат буд-мӣ? — пурсид Фирӯза.

— Не, хизмати чӣ? — гуфт Насимҷон боадабона.— Як маслиҳатча буд... Ин арӯсаки мо — Ойими Шоҳ хубдур ба теппаи сари мо баромада гирифтааст. Намедонам чӣ кунам?

— Нағз-дия: — гуфт боз шӯхӣ карда Фирӯза.— Зану мард акнун баробарҳуқуқ шудагӣ!

— Ман ба ҳуқуқи вай таарруз намекунам, марҳамат, ҳар чӣ хоҳад кардан гирад, лекин вай ҳам ба ҳуқуқи ман нарасад, ба озодии ман халал нарасонад.

— Чӣ кор мекунад? — пурсид Фирӯза.

— Рашк мекунад! — гуфт Насимҷон.— Аз ҳар кас рашк мекунад, аз ҳар кори ман рашк мекунад. Танҳо ба кӯча баромадан намемонад, аз кору борам рашк мекунад. Ин... Ин, намедонам чӣ?!

— Замона чаппа шудагӣ мегӯянд, рост будааст-дия! — хандид Фирӯза.— Пештар мардҳо аз занҳо рашк мекарданд, акнун занҳо аз мардҳо!.. Ягон гап будагист, ки вай ин қадар рашк мекунад? Наход ки бедарак?

— Бедарак, бедарак! — гуфт Насимҷон ба таври ҷиддӣ.— Тамом бедарак аз ман рашк мекунад... Ҳатто ман кӯча баромада наметавонистагӣ шуда мондем. Охир, ин зиндагиро талх мекунад. Ҳозир ба ман аз Чека телефон карданд. Имрӯзу имшаб як кори зарур баромада мондааст. Ман равам гӯям, не-дия, ҳошо ман ҳам меравам гуфта часпида гирифтааст. Зӯран аз дасташ гурехта ба ин ҷо омадам... Ана, худаш омад.

Дар ҳақиқат аз дар Ҳамроҳхон табассум карда да-

ромада омаду салому алейк карда, худашро ба рӯи диван партофт.

— Ҳа, ба шикоят омадед-мӣ?! — пурсид вай аз Насимҷон.— Шарм намекунед?!

— Аз Фирӯзаҷон гапи рустӣ надорем,— гуфт Насимҷон.— Ин кас ба ману шумо хоҳар мешаванд.

— Аммо мегӯянд, ки ба ҷанҷоли зану шӯ остонаи дар хандидааст!— гуфт Ҳамроҳхон.— Бинобар он ҳар гапе ки дар байни онҳо мешавад, бояд аз остонаи дар берун наравад.

— Хайр, чӣ кор кунам? — гуфт Насимҷон.— Бо кори давлат, бо кори муҳимми давлатӣ рафтанӣ шавам, не гӯед, шубҳа кунед, чӣ кор кунам?

— Равед, рафтан гиред! — гуфт Ҳамроҳхон гӯё осудаҳолона.— Ман наравед гуфтам-мӣ?

— Набошад чӣ?

— Не, нодуруст мегӯед! Ман гуфтам, ки худам то ба дари Чека бурда, боз мегардам.

— Аз комендант мепурсам, гуфтагӣ кӣ буд?

— Хайр, пурсидам чӣ шуд?

— Не, ман ханда-хариши мардум шудан намехоҳам!

— Насимҷон рост мегӯяд! — гуфт Фирӯза ба гап ҳамроҳ шуда ва ба таври ҷиддӣ.— Ин нағз не, ойим, нағз не!

— Ман медонам, шумо ҳам тарафи ин кас! — гуфт Ойими Шоҳ бо алам.— Хола Анбар ҳам тарафи ин кас!.. Ман як худам, танҳо!

— Не, гап ин тавр нашудааст! — гуфт Фирӯза.— Ин корҳо аз Шумо айб! Насимҷон катӣ шумо Ойим, ҳамдигарро нағз дида, ба ҳамдигар дил баста расидагӣ! Бояд дар байни мардум чунон зиндагӣ кунед, ки ҳама ҳаваси шуморо хӯранд.

— Ошиқа шӯ кун, дидая ҷӯ кун! гуфтагешон рост будааст,— гуфта монд Ойими Шоҳ.

— Ба ин кас гап рост намеояд! — гуфт Насимҷон.— Кору борашон поягирӣ! Ин тавр гӯед, он тавр мегӯянд, он тавр гӯед, ин тавр мегӯянд... Хайр, ман рафтам, дер шуд... Агар хубдур дилатон бовар накунад, майлаш аз комендант-мӣ, аз худи раис-мӣ, аз кӣ ки хоҳед, телефон карда пурсед.

— Асо ҳам дар ҳамон ҷо!— гуфт Фирӯза.

— Ана, ана, шоҳид ҳам ҳаст! — гуфт Насимҷон хурсандона ва хайру хуш карда, баромада рафт.

Пас аз рафтани вай Ойими Шоҳ якбора ҳуққос зада гиръя карда сар дод. Фирӯза ҳайрон шуд. Дар паҳлӯи вай нишаста, сарашро сила кард, сабаби гиръяашро пурсид, тасаллӣ доданӣ шуд...

— Ман аслаш худам сиёҳбахту сиёҳрӯзи халқ шуда будаам!—гуфт Ойими Шоҳ андак ором гирифта.— Агар бахт медоштам, умри ҷавониам дар дасти нокасон хазон намешуд! Ана, акнун омада-омада гӯё ба муроду мақсадам расидам, маҳбуби дилхоҳи худамро ёфтам, лекин акнун рашк, оташи сӯзони рашк мана мекушад. Ҳамин қадар мекунам ки худамро ба даст гирам, ҳеҷ намешавад, Фирӯзаҷон! Қариб аст, ки аз дару девор рашк кунам!

— Ин нағз не!

— Медонам нағз не, аммо чӣ кор кунам?! Ҳамин ки вай баромада рафт, ба дилам як оташ меафтад, ба хаёлам мерасад, ки дар идора бо ягон ҷӯреш маслиҳат карда, мабодо ба ягон роҳи хато рафта бошад. Вай худаш ҷавони хушрӯй, гапдаро, содда... Илоҳо, мегӯям, аз ман кашида нагиранд! Аз ҳамин духтарҳои клуби шумо ҳам рашкам меояд. Чунки ҳар кадомаш тайёр, ки Насимҷонро ба худаш кашида гирад!

Фирӯза қаҳ-қоҳ зада ханднд. Дер боз вай ин тавр аз дилу ҷон нахандида буд.

— Ана ҳамин-дия, шумо механдед! — гуфт бо алам Ҳамроҳхон.

— Чунки гапҳои хандаовар мегӯед! — гуфт Фирӯза базӯр худро аз ханда боздошта.— Нағз дидан ба ин расвоӣ намешавад, ойим! Шумо, баръакс, дили мардакро аз худатон хунук мекунед, безор мекунед ва охир маҷбур мекунед, ки дар ҳақиқат партофта равад! Нағз бинед, лекин ба вай нагӯед, рашк кунед, лекин ба вай нафаҳмонед! Чунон рафтор кунед, ки вай ба шумо ҳамеша садақаю балогардон бошад! Вай аз шумо рашк кунад, вай гирд-гирди шумо гардад! Ҳаман усули ин кор дар дасти шумост!

Насимҷон ҳозир ҳамин тавр,— гуфт Ҳамроҳхон.— Шумо гуфтагӣ барин... Лекин соддагиҳо дорад, бись-

ёр гаправ... Ман аз ҳаминаш метарсам. Набошад ба ман ту намегӯяд, як пиёларо аз ин ҷо гирифта ба он ҷо мондан намемонад... Ҳамин зайлин ки кардан гирифт, муҳаббатам зиёд шуда рафта, рашкам ҳам ҷунбидан мегирад.

— Ин гапҳоро аз ману шумо дида Оймуллом бехтар медонанд,— гуфт Фирӯза.— Биёед, ба хонаи мо меравем. Аз ду сар Насимҷон ба кор рафт, Асо ҳам нест... Ман бачаро ба Оймулло супорида омада будам, он кас дар хона. Сӯҳбат карда, сабук мешавед. Баъд Асо, ки омад, шуморо гусел карда мемонад.

Оймии Шоҳ ба ин таклиф розӣ шуда, аз ҷо бархост. Онҳо фаранҷиҳои худро ба сар гирифта, ба кӯча баромада буданд, ки ба Мирак вохӯрданд. Бача ҳалпанг-талпанг, тез роҳ гашта ба сӯи клуб меомад. Вай, дар фаранҷӣ ҳам бошад, аз дур Фирӯзаро дида шинохту наздик омада гиръя кард.

— Ҳа, ҳа, Мирак? — гуфт Фирӯза ба истиқболи ӯ рафта.— Худаш чӣ гап? Барои чӣ гиръя мекунӣ?

— Дадем,— гуфт базӯр Мирак ва гиръя гулӯяшро гирифт.

— Ба дадет чӣ шуд? — гуфт ба воҳима афтода Фирӯза.— Касал шуданд-мӣ? Чӣ шуд?

— Не,— гуфт бача,— Махсум... Махсум аз пасашон одам монда, ҳабс мекардааст.

Фирӯза дид, ки дар кӯча бачаҳо, роҳгузарон, милицияи пеши дари клуб ба онҳо нигоҳ мекунанд. Бинобар он, аз роҳ баргашта бо Мирак ва Оймии Шоҳ боз ба клуб даромад.

Дар кабинет оби чашми Миракро пок карда, ӯро қадаре осуда карда, воқеаро пурсид. Мирак гуфт, ки имрӯз бегоҳӣ барои хабар гирифтан аз падараш ба боғи Дилкушо рафтааст. Дар дами дарвоза Орзуқул ба вай гуфтааст, ки Махсум падари ӯро аз роҳи Когон дошта гирифта, ҳабс мекардааст, аз паси вай одам фиристодааст...

— Орзуқул гуфт, ки тез ба шаҳр рафта, ин хабарро ба Ҳайдарқул амак расон,— гуфт Мирак дар охир.— Ман ба боғ надаромада гаштам ва давида ба ҳавлии Ҳайдарқул амак рафтам, ки нестанд, баъд ба ин ҷо омадам.

— Нағз кардӣ, додарам, нағз кардӣ! — гуфт Фирӯза.— Мо ҳозир ба Ҳайдарқул амак мефаҳмонем.

Инро гуфту вай телефонро ба пеш кашид ва дастаки онро тоб дода, Чекаро пурсид, вале Чека ба вай ҷавоб надод...

Дар Чека, дар кабинети раис — Аминов маҷлиси махфии хеле муҳим давом мекард. Ба он маҷлис аз берун Ҳайдарқул, Насимҷон ва боз як-ду нафари дигар даъват шуда буданд. Дигар ҳама мудирони шӯъбаҳо ва одамони масъули Чека буданд. Маҷлис тақрибан ду соат боз давом мекард. Масъалаи халъи силоҳ (беярок) кардани Асад Махсум ва шариконаш, ба сафи аскарони сурх ҳамроҳ кардани қӯшуни ӯро муҳокима мекарданд. Дар ин бора дар Комитети Марказии партияи коммунистӣ ва Шӯрои Нозирони Бухоро худи ҳамин рӯз аввали пагоҳ қарори махсус баровардa, ба Чека супорида шуда буд, ки ин корро амалӣ кунад.

Вақте ки Ҳайдарқул аз вазъияти нобоби Дилкушои берун нақл мекард, Асо аз берун даромада, иҷозат пурсид:

— Як дақиқа мумкин-мӣ? Як хабари муҳим!

— Марҳамат!— гуфт раис.

— Ҳозир ба ман хабар доданд, ки,— гуфт Асо,— бо ёрии Саидпаҳлавон Козим-зода халос шуда, ба Чекаи Когон ҳозир шудааст. Дастаи Чекистон бо ҳамроҳии фидоиён ва гарнизони Когон ба фармони шумо мунтазиранд.

— Бисьёр хуб! — гуфт раис ва ба Ҳайдарқул муроҷиат кард: — Марҳамат, давом диҳед!

— Ман,— гуфт ба суханаш давом дода Ҳайдарқул.— Хеле тарс доштам, ки Асад Махсум барои хотири Наими Талх ва боз мақсадҳои дигар Козим-зодаро нобуд мекунад, лекин офарин ба Саидпаҳлавон, ки қаҳрамонона ва фидокорона, ҷони худро ба каф гирифта, тавонистааст Козим-зодаро озод кунад. Аммо худи Саидпаҳлавон дар чӣ ҳолат бошад?

— Дар ин бора хабар нест,— гуфт Асо.

— Ман гумон мекунам, ки,— гуфт раис,— ҳарчи

зудтар тайёрӣ дида, ҳаракат кардани мо, ёрии калон ба Саидпаҳлавон мешавад. Шумо, рафиқ Ҳайдаркул осудаҳолона ба манзил баргардед, оҳиста-секин Саидпаҳлавон ва дигар одамҳои худатонро хабардор кунед, ки худи ҳамин шаб, дар соати дуи пас аз ними шаб, мо чорбоғро иҳота мекунем. Дастаи фидоиён ва аскарони чекаи Когон ҳам дар ҳамин соат расида меоянд. Муваффақияти кори мо дар ҳамин мешавад.

Шумо Асад Махсум ва ёрони ӯро, чи тавре ки гуфтем, бовар кунонида, зудтар гӯё барои маслиҳати муҳим ба чека гирифта меоед. Онҳоро, ки дошта гирифтем, якбора ва ногоҳ ба болои қушунашон ҳуҷум карда, ҳамаро халъи силоҳ мекунем.

— Бисьёрии сардорҳо ба ман боварӣ доранд, як панҷ нафарашон ҳатто маҷбуран бо Асад муросо карда гаштаанд,— гуфт Ҳайдаркул.— Ман онҳоро тайёр мекунам, албатта!..

— Насимҷон ва Асо,— гуфт раис,— шумо ҳар ду дастаи милицияро сардорӣ мекунед! Сардори калони операция, рафиқ Фёдоров мебошад. Карим ба вай маовин. Хоҳишмандам, майдасуйдаҳои корро муҳокима кунед!

— Бисьёр хуб! — гуфтанд номбурдашудагон.

— Набошад, ба рафиқ Ҳайдаркул ҷавоб! — гуфт раис.— Шумо рафта зудтар «меҳмонҳоро» биёред. Мо дар ин ҷо баъзе тафсилоти корро дида мебароем.

Ҳайдаркул бо рафиқон хайру хӯш карда, ба кӯча баромад. Дар аспхона одами вай — Тӯхтача аспҳоро тайёр карда истода буд.

— Коратон шуд-мӣ? — гуфта пурсид Тӯхтача.— Шикамҳо кайҳо боз нагора навохта истода буд.

— Ягон чиз нахӯрдӣ, магар? Э, аттанг! — гуфт Ҳайдаркул.— Ман бо кор овора шуда, ғами шиками туро фаромӯш кардем...

— Зарар надорад,— гуфт Тӯхтача.— Ба қушхона рафта оши палав мезанем.

— Агар бошад!

— Албатта ҳаст. Орзуқул ҳар шаб як даҳан мирзохон назанад, илоҷ надорад.

— Хайр, набошад зудтар равем,—гуфт Ҳайдаркул

ба асп сувор шуда.— Ҳаво торик шуда мондааст. Илоҳӣ то расидани мо борон нагирад.

— Не, поёни ҳаво соф! — гуфт ба осмон нигоҳ карда Тӯхтача.

Онҳо асп ронда, пеш аз баста шудани дарвозаҳо, аз шаҳр баромаданд. Дар беруни қалъа насими форами баҳор ба рӯи онҳо зад. Пас аз қадаре роҳ гаштан найзаи оташини барқ дили абри сиёҳро пора кардагӣ барин, дар як он атрофро равшан карду ғойиб шуд ва сонияе ногузашта гулдурроси раъд осмонро ларзонид. Қаме ногузашта аввалин чакраҳои борон ба сару рӯи суворон омада расид.

— Нағз, борон борад нағз! — гуфт Ҳайдарқул.— Чанд рӯз ин тараф офтоб нами заминро хушк карда партофта буд.

— Сел назанад, майлаш-ку! — гуфт Тӯхтача.— Лекин агар сел шавад, имсол аз ангуру себ маҳрум мешавем...

— Имсол нағз омада истодааст,— гуфт Ҳайдарқул,— илоҳӣ охираш ба хайр шавад. Имшаб ману ту бисьёр кор дорем... Ҳамин ки расидем, Орзуқулу Сангинро гӯй, ки ба пеши ман биёянд. Вақти зеру забар кардани ин фалокатхона расид!

— Рост мегӯед-мӣ? — Яке рӯҳ гирифт Тӯхтача.— Хайрият, Хайрият!

— Halметарсӣ?

— Шумо катӣ бошам, наметарсам!— гуфт самимона Тӯхтача.— Аз ҳеч бало наметарсам!

— Офарин писарам! — гуфт Ҳайдарқул.— Ба ҳаман одамҳои худӣ ва дилпур мешудагӣ хабар додамон, ки ҳушьёр хоб кунанд, ярокҳояшонро муҳайё доранд. Ман фармон ки додам, зуд ба чоҳои муайяншуда ҳозир гашта, намонанд, ки касе аз ҳавлӣ беруи равад.

— Хуб шудааст.

— Ман ба Орзуқул ва Сангин ҳам таъин мекунам... Лекин ту ҳушьёр бош-а! Пеш аз вақт душманро хабардор накун!

— Фаҳмидам.

Онҳо ба боғи Дилкушо расида буданд, ки борон сахттар шуд. Ҳайдарқул дар дами дарвоза аз асп пиё-

да шуда, аз дарвозабон пурсид, ки Махсум дар ҳамин ҷо ё не? Дарвозабон гуфт, ки дар ҳамин ҷо. Пас, ба дарун даромад, ки фонуси рӯи ҳавлиро худи Исматҷон даргиронда истодааст. Ҳайдарқул ҳайрон шуд, ки вай чӣ тавр ба ин кор ҳавсала кардааст.

— Ҳа, монда нашавед,— гуфт Ҳайдарқул,— худатон фонус гиронда истодед? Саидпахлавон канӣ?

— Надонам, шаҳр рафт магар, ки бе вай ҳама ҷо торик. Аз шумо пурсем, ҷаноби комиссар, ин қадар дер мондед?

— Ҳа, кор буд...— гуфт Ҳайдарқул ва пурсид: — дар ин ҷо бе ман чӣ корҳо шуд?

— Хотирҷамъӣ,— гуфт Исматҷон.— Махсум андаке нотоб барин, барвақт ба дарун даромаданд. Оқилов дар хонаи худаш ба гумон. Кор надоред-мӣ? Хӯрок мекунед-мӣ?

— Ҳа,— гуфт Ҳайдарқул,— ба худи Махсум камтар кор доштам... Баъд, шумою Оқилов ҳам лозим.

— Майлаш, ман чеғ мезанам... Шумо камтар дам гиред.

Бо ҳамин Ҳайдарқул ба хонаи худаш рафта даромад. Хона торик буд, аз ду тирезаи на чандон калони он шуъаи хираи фонуси рӯи ҳавлӣ базӯр, як ранги зард барин ба девор метофт. Ҳайдарқул аз равоқи хона даст-даст карда гӯгирдро ёфтанӣ шуда истода буд, ки якбора ду кас ба вай часпиданд ва фурсати хаёл кардан набуд, ки ба рӯи гилеми хона афтонда, дастонашро бастанд ва ба даҳонаш латта хаста бо рӯмол манаҳашро низ сахт бастанд. Мӯсафед қуввати чандоне надошт ва ба ҳуҷумкунандагон сахт муқобилият карда натавонист. Вай ҳамин қадар донист, ки душмани ғаддор кори худашро кард ва аз ӯ пешдастӣ намуд...

— Лампаро гиронам? — пурсид яке аз ҳуҷумкунандагон.

— Ҳоҷат не! — гуфт дигараш ва дар торикӣ, кашида, Ҳайдарқулро ба по хезонданд. Ё нури чашмони вай намонда буд, ё торикӣ ғализтар шуда буд, ки Ҳайдарқул ҳуҷумкунандагонро шинохта натавонист, ҳатто овози онҳо низ бегона буд.

— Канӣ, ба хонаи калон марҳамат! — гуфт яке аз

онҳо, Ҳайдаркулро тела дода.—Махсум мехоҳанд, шуморо зиёфат кунанд.

— Зиёфат, хо-ҳо-хо-ҳо! — хандид дигаре.

Аммо Ҳайдаркул дар дақиқаҳои аввал аз шиддати ғазаб, алам ва дард қодир набуд, ки дурусттар фикре кунад ва дар бораи тақдири худ андешае кунад. Дасту бозувонаш, ки сахт печонида, баста шуда буданд, дард мекарданд, сараш ғуввос мезад, қафаси синааш ҳам дард мекард. Ҳуҷумкунандагон тела дода, кашида, ӯро ба сӯи рӯи ҳавлӣ бурданд. Дар дами дар Исматҷон бо заҳрханд ба рӯи ӯ нигоҳ карда меистод ва таппончаи наганро дар даст тайёр нигоҳ медошт. Ҳайдаркул аз ҳавои намолуди боронии берун як нафас гирифту каме ҳушьёр шуд ва даҳшати ҳолати худро ҳис кард. Маълум ки Асад Махсум аз пешомади худ хабар дорад, касе дар бораи тайёригарии имшаба хабар додагист... Чаро Саидпаҳлавон наменамояд? Орзукулу Сангину Тӯхтачаю дигарон нестанд? Наход ки ҳамаи онҳоро дошта каба карда бошанд? Маълум ки тақдири вай ҳал шудааст. Асад Махсум бо вай набояд гуфтугӯи зиёде кунад... Ду душмани қаттол бепарда рӯ ба рӯ мешаванд... Майлаш, ҳар чӣ шаваду нақшаи имшаба ба рӯи об барояд... Кошкӣ яке аз бачаҳо, яке аз тарафдорони вай ӯро дида мемонд ва зуд ба шаҳр хабар медод. Онҳо дар Чека мунтазир, ки вай Асад Махсумро бо ёронаш меорад... Кош касе ӯро медид... Нест, ҳеҷ кас нест... Ҳама бегонаҳо, босмачиҳо... Ҳама одамҳои содиқи Асад!

Бо ҳамин ҳолати маъюсӣ ҳам Ҳайдаркули рӯздида ва муқтадир дар назди Асад Махсум сари худро хам накард.

Меҳмонхонаро ду лампаи сиёӯм равшан карда буданд. Асад Махсум дар столи кории худ, бо чашмони сурхгашта ва пурхун ва бо ранги парида ва ҳолати асабонӣ менишаст. Аз дар дароварда шудани Ҳайдаркулро дида, аз ҷо бархосту фармон дод, ки даҳонашро боз кунанд. Исматҷон зуд рӯмол ва латтаро аз лабу даҳони ӯ гирифт. Ҳайдаркул бо нафрат туф карду бо заҳрханд ба чашмони Асад нигоҳ кард.

— Ана боз дар вазъияти дигар рӯ ба рӯ шудем, ҷаноби Ҳайдаркул! — гуфт Асад.— Лекин ин дафъа

шумо на раиси комиссияи тафтиш, на комиссари ҳарбӣ ва на тағойи зани ман! Шумо як аксулинқилобчии оддӣ барин, дар зери истинтоқи ман афтода мондед. Ба ин чӣ баҳо медиҳед?! Ҳушьёрии синфии мо, ё кундии шумо?!

Ҳайдарқул дар поёни хона бо дасту бозувони арғамчинпеч рост менстод ва фақат бо истеҳзо ба рӯи Асад нигоҳ мекард. Аз вазъияти он ду чунин менамуд, ки Ҳайдарқул ҳарчанд асир ва дастбаста бошад ҳам, сарбаланду баифтихор буд, чашмонаш ғолибона медурахшиданд... Аммо Асад Махсум, ки истинтоқ мекард, гӯё, аз вай метарсид, аз ҳаяҷон рангаш парида, дастонаш меларзиданд. Вай барои пинҳон кардани ин ҳолаташ ба рӯи хона як ду қадам заду боз рафта ба сари столаш нишаст.

— Хӯш? — гуфт боз Асад.— Вақте ки ба зери пои ман чоҳ мекандед, вақте ки барои буридани сари ман корд тез мекардед, ҳамин дақиқаро фикр накардед? Нагуфтед, ки ба дасти ин мардак афтода монданам мумкин?! Маро чӣ гумон кардед? Ё фикр кардед, ки мову шумо хешу табор шудаем ва ба хотири ин хешигарӣ ҳар чӣ коре кунед, ман мебахшам, афв мекунам?! Охир, намедонед-мӣ ки ин масъалаи зиндагӣ аст, ин масъалаи будан ё мурдан аст?! Ҳа, гап занед!

— Исто ки худи ту кистӣ? Чӣ мехоҳӣ? Акнун пардаро аз рӯят гирӣ ҳам мешавад!

Ин суолҳо, ки бо лаҳни сахту дурушт аз даҳони Ҳайдарқул баромад, Асад Махсумро ба худ ларзонид. Вай аз чояш ҷаҳида хесту бо ҷаҳлу ғазаб ба ду рӯи Ҳайдарқул ду шатронӣ зад, ки аз чашмони вай оташакҳо парида рафтанд.

— Ман марги ту! Фаҳмидӣ?! — гуфт вай наъра кашида.

— Хайр, бошӣ чӣ? — боз бо ҳамон лаҳн пурсид Ҳайдарқул.— Чӣ мехоҳӣ? Кушта шудани ман ба ту чӣ чиз илова мекунад?

— Ту!.. Ту!..— гуфта Асад, бо ғазаб боз наъра кашиданӣ буду нохост чӣ шуд, ки якбора хомӯш монд ва даст афшонду ба рӯи хона қадам зада, ором роҳ гаштан гирифт.

— Дар вақташ, дар замони амир, Абдураҳмон-бе-

ки миршаб мехост бо ман ҳамин муомиларо кунад,— гуфт Ҳайдаркул бо овози ғафс ва пиронаи худ.— Аммо аз дасташ коре наомад... Баъд судья ва пулиси окпошшо маро ана ҳамин хел басту аз рӯ ба рӯ шудан бо ман тарсида, нодид ба Сибирь фиристод... Гумон кард, ки ба зери кӯҳҳои ях абадӣ гӯр мешавам. Лекин, пас тақдири ҳамаи онҳоро ту медонӣ! Гӯй, ба кадом сӯ, бо чӣ мақсад рафта истодаӣ? Шояд, пеш аз маргам ба ту маслиҳате диҳам, ки хайрияти ту ва хайрияти мардуми ҷафодидаи Бухоро дар он бошад?

Асад Махсум бо ғазаб як ба сӯи Ҳайдаркул нигоҳ карду боз гап нозада ба рӯи хона қадам задан гирифт

— Ман марги ту, гуфтӣ,— давом кард ба гапаш Ҳайдаркул.— Майлаш! Аммо ту дағдаға ба он кун, ки вай аз ту, яъне аз марг метарсида бошад! Ту ба сари он кас наъра зан, ки вай овози баландро нашунида бошад! Беҳтар ки худнамоиро ба як сӯ гузошта, ба сари мақсад гузар ва гӯй, ки чӣ касе ҳастӣ ва чӣ кор кардан мехоҳӣ? Ҳукумати шӯроӣ ба ту ҳамаи имконият ва қудратро дода мондааст, боз чӣ камӣ дорӣ? Боз чӣ мехоҳӣ?

— Майлаш! — гуфт Асад осудатар шудагӣ барин, бо овози хаста.— Майлаш, ба ту мегӯям!.. Ба ман, ҳамин хел, ту барин бандиҳои шаттоҳ маъқул мешаванд... Гӯш кун! Ман Ҳокимияти Шӯроӣ шудан мехоҳам, фаҳмидӣ? Ҳокимияти Шӯроӣ! Ба ман Чека ҳам даркор не, фирқа ҳам даркор не, Файзулло ҳам, Абдуқодир ҳам, ту ҳам, дигарҳоятон ҳам! Ҳамекаш ва ҳамекат худи ман, танҳо ман мешавам!

— Яъне ки амир?! — боз бо истеҳзо пурсид Ҳайдаркул.

— Хуб, амир! — гуфт беҳаёёна ба рӯи Ҳайдаркул нигоҳ карда, Асад.— Ана, амир! Хайр, чӣ?! Аз поям меовезӣ магар? Амир шудан мехоҳам! Ҳа, ҳа, ҳа!

— Олимхон ҳам мехост,— гуфт заҳрханде карда, Ҳайдаркул,— лекин нашуд... Халқ намехоҳад!

— Нодон! — ба пеши рӯи ӯ наздик шуда гуфт Асад.— Халқ чӣ?! Халқ тӯдаи гӯсфанд! Чӯпон ба ҳар сӯ ронад, рафтан мегирад! Лекин чӯпони ӯҳдабаро, тавоно ва базарб бошад. Аммо ин ҷадидҳои шумо

аз ӯҳдаи кор намебароянд! Тарсончак ва буздил! Коммунистҳо бошанд, ҳамаи халқи Бухороро машкобхо катӣ баробар кардан мехоҳанд!.. Ба онҳо бошад, ҳама гадо шаваду ҳама баробар шавад! Ман на инро мехоҳам, на онро! Ман чунон Ҳокимияти Шӯрой созам, ки халқ гӯяд, офарин! Афсӯс, ки дар он давр ту намешавӣ ва гул кардани давлати маро дида наметавонӣ!

— Барои чӣ?! — гуфт дар ҳамон ҳолати заҳрханд Ҳайдарқул.— На ин ки гул кардан, балки хазон шуда истодани давлати туро дида истодаам!

— Бас! — гуфт боз фарьёд карда Асад.— Ман бо ту пагоҳ гап мезанам. Бале, бале! Ба ин зудӣ чони туро намегирам, ки халос шавӣ! Ту бояд ба ҳамаи ин суханҳоят ба ман якта-якта ҷавоб диҳӣ! Агар забонат ёрои гап надошта бошад, аз қабурғаҳоят кашида мепурсам, агар онҳо ҳам ҷавоб дода натавонанд, дили сиёҳи пурхунатро ба рӯи курсӣ монда, аз вай мепурсам! Гирифта баред инро, маро дарди сар кард!

Асад худро ба даруни креслои чуқур ва мулоим партофт. Ду одам, ки дар дами даҳлез рост истода буданд, Ҳайдарқулро кашида гирифта бурданд. Асад Махсум чанд дақиқа дар ҳолати мадҳушӣ нишаста, баъд вақте ки чашм кушод, дар рӯ ба рӯи ӯ Оқилов ҳаросону ларзон истода буд.

— Чӣ гап? — гуфта пурсид Асад.

— Аз марказ хабар доданд, худи ҳамин шаб ба мо ҳуҷум мешудааст... Аскарҳои Чека, гарнизони Бухоро, милиция...

— Кӣ гуфт?

— Низомиддин хабар дод. Мегӯяд ки тайёр шуда истода ҷанг кунед!

— Номаъқул кардааст! — гуфт Асад.— Ман девона-мӣ ки дар ин мушхона худамро даст баста диҳам...

— Хайр, чӣ илоҷ?

— Ҳамон гуфта мондагем барин... Зуд фармон диҳед: ба кӯчидан ҳаракат кунанд. Ба шумо ва Исматҷон ду соат мӯҳлат, ҳамаи чизу чораҳоро ба ароба ва аспҳо бор кунед, ягон дона тир ва яроқро напартоед, ба аскарҳо гӯед, ки бо машқи ҳарбӣ ба сафари дур меравем. Ман даромада хонангиҳоро тайёр кунам.

— Бандиию ҳабсиҳоро чӣ кор мекунем?

— Саид, Ҳайдаркул ва чандтои нобобашонро пеш аз рафтан худатон бо Наими Талх даромада парронед, дигарҳоро монда рафтан мегирем.

— Хуб шудааст.

Оқилов зуд баромада рафт, Махсум ба ғундошта-ни сари стол ва меҳмонхона сар кард...

## 24.

Ба таҳхонаи тангу торику заҳу нам, ки дарозиаш ҳашт қадам ва бараш се қадам буд, Ҳайдаркул-ро даровარда, арғамчинро аз дасту бозуяш кушода гирифтанд ва ба рӯяш ягона дари ғафсро пӯшида, аз берун қулф карда рафтанд. Ҳайдаркул чанд дақиқа беҳаракат рост истода буд, ки оҳиста-оҳиста чашмаш ба торикӣ одат кард ва дид, ки аз як кунҷи дари да-ромад, дар қарибии шифт як сӯрохии мураббаъи ним-газа мавҷуд аст, ки аз он ҷо камтаре шунаъи фонусе ки дар рӯи ҳавлӣ месӯхт, дохил мешавад. Инро диду як оҳ кашид ва ба гирду атрофаш синча кард. Дар кунҷи пешгоҳи таҳхона ҷасади одам барин снёҳиеро дида як ваҳмида монд. Наход, ки ӯро ба мурдахона оварда партофта бошанд? Ин кор ҳам аз инҳо аҷаб не! Қадом камбағалро дар худи ҳамин ҷо тирборон карда, монда рафтагиянд. Акнун ӯро ҳам тирборон карда, баъд, пагоҳ харду ҷасадро якбора гирифта ме-баранд... Ё ки ин ҳам мисли ӯ асир аст ва аз зарби калтак ва задан беҳуш хобидааст? Ё, шояд линга, ё ҷуволи коҳест?

Ҳайдаркул дар ин андешаҳо буд, ки он чиз, ё ки он ҷасад ҳаракате карду овоз баровард:

— Ана, дар ин ҷо, дар пешгоҳтар коҳу хас рехта шудагӣ... омада шинед, дам гиред!

Ҳайдаркул овози Саидпаҳлавонро дарҳол шинохт, ҳам дар дилаш як ҳаловате расид, ҳам аз ғусса пур-тар шуд. Маълум мешавад, ки ӯро ҳабс кардаанд, за-да, бемадор карда партофтаанд... Бале, бале, барои ҳабсу дастгир карда шудани ман ба онҳо як асос, як дастаке лозим буд... Ин асос Саидпаҳлавон бояд бо-шад... Аммо Саид набояд чизе гуфта бошад. Не, не

вай аз он хел одамҳо не, вай марди нотарс ва далер аст!

— Саидпаҳлавон!— гуфт бо овози паст Ҳайдарқул ва наздиктар рафт.— Ин ту-мӣ?

— Ҳайдарқул?! — гуфт якбора аз ҷо ҷаҳида Саид.— Ака Ҳайдарқул? Шумо... Шумо...

Вай чӣ гуфтанашро надониста ба Ҳайдарқул часпид ва мардаки калон ҳунгос зада гиристa сар дод. Чанд дақиқа таххонаи тангро садои пасти гирьяи аламангези марди паҳлавон пур кард... Саидпаҳлавон, ки дар марги падараш бо ин дараҷа аламу андӯҳ нагиристa буд, ҳоло Ҳайдарқулро оғӯш карда мегирист. Вай аз он мегирист, ки ҳамаи умеду орзуяш Ҳайдарқул буд, муттако ва қуввати дилаш Ҳайдарқул буд, марому мақсади вай — марому мақсади Ҳайдарқул буд ва ҳоло ҳамин Ҳайдарқулро ҳабс карда, бандӣ ва дастгир карда ба ин зиндони фалокатбор, ба ин таххонаи даромадгоҳи охират, ба назди вай овардаанд... Пас, на орзу монд, на умед, на мақсад монд, на маром!.. Ана ҳамин алам, тахташшуур бошад ҳам, дар як он ба вай асар карду оби дидаи ӯро равон сохт. Ҳайдарқул ӯро аз китфонаш сахт фушурда монду гуфт:

— Бас, бас, бас! Айб аст! Одами каппа калон, бо ҳамин ришу фаш гирья мекунад-мӣ? Ҳеҷ бокe не! Дар зиндагӣ ин корҳо мешавад... мешавад...

— Не, ман... Не, ман... Ҳамту... Наход ки шумоя ҳам?! Шумоя ҳам?! Охир, ин худаш чӣ гап?

— Ҳеҷ гап не,— гуфт бо овози тасаллибахш Ҳайдарқул.— Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд бигзарад, гуфтаанд! Зарар надорад. Аҳволат чӣ тавр? Барои чӣ туро ҳабс карданд? Кай?

— Ҳамин бегоҳӣ... Як-се соат пеш аз шумо... Гумон доштам, ки ба ҳар ҳол шумо ҳастед... Шумо...

— Ман ҳастам, ман ҳеҷ ҷо нарафтаам, Саид! — гуфт бо нимшӯхӣ Ҳайдарқул.— Ана, ба пешат омадам! Хайрият ки ҳамдигарро дидем! Ба ҳамин ҳам шукр кардан лозим! Канӣ, биё, шинем!..

Онҳо зону ба зону аз рӯи коҳу беда, ки ба фарши хиштини пурнами он ҷо рехта шуда буд, нишастанд.

Дили ҳар ду ҳам нарм, дили ҳар ду ҳам аз аламу дард пур, дили ҳар ду ҳам пур аз изтироб буд... Ашки ҳар ду ҳам дар дидаҳо чарх мезад, вале ҳар ду ҳам худдорӣ мекарданд. Дар дақиқаҳои аввал онҳо намедонистанд, ки чӣ гӯянд ва аз кадомин суол гапро сар кунанд. Зеро ҳар ду ҳам мехостанд аз ҳамдигар пурсида, чизҳои бисьёреро фаҳманд ва дар бораи бисьёр масъалаҳо гап зада, муҳокима ронанд. Ҳар ду ҳам мехостанд ба ҳамдигар охирин суханҳои дар дил гиреҳ шуда мондаро кушоянд, ҳар ду ҳам мехостанд ба ҳамдигар васият кунанд. Охир, онҳо дар маҳбаси Асад Махсум ҳабс шудаанд, маҳбусие, ки халосӣ аз он такрибан ғайри имкон аст, маҳбусие, ки ниҳояти он мисли шаби султони бедодгари зимистон торик, сард ва ноаён аст. Кӣ медонад, шояд пас аз соате онҳоро чеғ зада, бароварда тирборон кунанд? Ё ки ҳамин замон дар кушода мешаваду ду-се нафар ҷаллод даромада омада, дар худи ҳамин ҷо кори онҳоро тамом кунанд?

Оҳ, чӣ сахт, чӣ пуразоб ва мушкил аст ин маҳбусӣ! Касе ки инро, маҳбусиро, ҳабс кардан ва аз озодӣ маҳрум намудани одамонро фикр карда ёфтааст, зодаи деву бало, нажоди аҳриман, бояд бошад! Дар ин тангнои ғуссаю алам нишаста, аз ҳалли тақдири худ маҳрум, беҳуқуқ ва бемудофеъ, кас намедонад, ки ба куҷо сари худро занад ва аз куҷо мададе ҷӯяд!.. Ҳар санги ин девор ҳар парахаи ин болор, ҳар чакраи намии ин фарш як гурзест саркӯб, як ханҷарест хуношом, як заҳрест ҳалоҳил!.. Хомӯшии безабону пурхавфу ҳароси ӯ дилро мефишорад, ҳар садои даҳшатовар, ҳар ларзиши дари машъуми он ҷонро ба лаб меорад!.. Ҳавои ин ҷо ҳаводиси марголуд, дақиқаю соати ин ҷо тиру синони марговаранд, ки зуд мерасанд ва дилро резаю, пора карда мегузаранд. Дар ин ҷо—одам-одам нест, вай ҳеҷ аст, бемадор ва нотавон аст, на ёрои нишастан дорад, на қудрати бархостан!..

Бале, инсоне ки бо каломи бадеъ, бо сеҳри сухан ва латофати шеър, бо навои дилфиребн мусиқӣ ва тарона, бо ҳунар ва санъати нафис рӯҳи касро он қадар навозиш карда, ба улвият боло бардошта метавонад, инчунин метавонад, ҳамон рӯҳро дар ин тавр зиндонҳои торик чунон ба асфала софилин ронаду чунон ба

қаҳқаро фиристонад, ки ақлҳо ҳайрон ва моту мабҳут монанд! Чӣ бузургӣ ва чӣ разолат!

Ман намедонам, оё ҳар бегуноҳе ки ҳабс шавад, ҳамин тавр фикр мекарда бошад, ё ки ин фақат ба Саидпаҳлавон хос аст?!

— Қанӣ, гап зан,— гуфт ниҳоят Ҳайдарқул ба хомӯшӣ халал дода,— ту чӣ тавр ба даст афтодӣ? Барои чӣ туро гирифтанд?

Саидпаҳлавон воқеаи Қозим-зода ва боиси гирифтории худро гуфта доду илова намуд:

— Ин қадар пухта ва маккор будани Асадро ҳамин қадар гашта надониста будам. Аз паси ман Наими Талхро фиристода, аз паси Наим кали Оқиловро бо ду-се нафар каллабур ҳамроҳ карда узот кардааст. Агар охирангиҳо намешуданд, кори Наимро баробар карда, ба шаҳр мерафтам...

— Маълум мешавад, ки онҳо ба Қогон фиристодани Қозим-зодаро сохтанду дар ҳақиқат туро санчида, ӯро кушта партофтанӣ будаанд. Ягон кори ту онҳоро ба шубҳа андохтааст.

— Надонам,— гуфт Саид.— Ин Махсум набудааст, як балои осмонӣ будааст!

— Бале,— гуфт Ҳайдарқул.— Ӯзбекҳо мегӯянд ки «узингни эр билсанг, бошқони шер бил!»[1] Ин гапи пухта аст. Душман маккор ва фиребгар мешавад. Андак ки ғафлат кардӣ, ман барин ба дом меафтӣ...

Ҳайдарқул ҳам дар навбати худ воқеаи гирифтор шуда, ба дом афтоданашро гуфта доду илова кард:

— Шоир рост гуфтааст: аз ҳар касе гумон буду аз худ гумон набуд! Ман ҳам аз худ бехабар, бо нақшаю планҳои кор ва амалиёти имшаба саргарм шуда, фориғбол ба хона рафта даромадам... ва ба даст афтодам...

— Ҳа, ман як чизро, як чизи муҳимро ба шумо нагуфтем: Боз, мабодо ба дилатон нагирифта бошед, ки шуморо ман чел кашида бошам![2] Ё ки ягон сухани бечое, ягон ҳарфе зада бошам? Не, ҳаргиз! Онҳо ҳа-

---

[1] Агар худро мард донӣ, дигарро шер дон!

[2] *Чел кашидан* — ба худ шарик гуфтан, ба гуноҳи худ шарик шумурдан.

нӯз аз ман ягон даҳон гап нашунидаанд ва шунида ҳам наметавонанд.

— Не, хотирҷамъ бош! Ман медонам... Ту чаро маро чел кашӣ?! Сабаби асосии гирифтории ману ту ҳамин ки дами охирини Асад Махсум расидааст ва ӯ марги худро ба назар дида истодааст, бинобар он девонавор худашро ба ҳар тараф мезанад. Мехоҳад, ки бо ҳар чӣ васила ҳаёти худашро нигаҳ дорад. Аммо бефоида! Гирифтории ману ту ӯро аз ҷазо наҷот намедиҳад! Теғи қасоси халқ дар сари ӯ барқ мезанад!

— Ин гапатон ҳам рост! Ҳатто одамҳои худаш аз вай рӯй гардонида истодаанд... Рӯзи худо не, ки як кас-ду кас аз байни қӯшун гурехта нараванд...

— Ҳа, ба тамом шудани ин гирудори вай соатҳои башумор мондааст! Афсӯс, сад афсӯс, ки он дамро надида, ӯхданобароёна мурда меравем!

Саидпаҳлавон ё нахост ба рафти фикри Ҳайдарқул халал диҳад, ё ба хотираш расид, ки мурдан, хусусан кушта шудан дар кадом шароит ва бо чӣ баҳонае ки бошад, кори осон нест!.. Ба ҳар ҳол гап назад. Аммо Ҳайдарқул гуфт:

— Бадтар аз ҳама ин ки ман ба хуни ту зомин мешавам...

— Барои чӣ шумо?! Ин аз тақдиру насиба, бародар, насибамон ҳамин будааст! Кас зинда мешавад, калон мешавад, як рӯз мемурад... Чӣ дар дашт, чӣ дар хона, чӣ дар зиндон... Ба ҳар ҳол марги талх ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ ҷо ширин намешавад!

Ҳайдарқул пас аз ин мавзӯъи сӯҳбатро андак дигар карданӣ, каме ҳам бошад, ба рафиқи дами бадбахтии худ тасаллӣ доданӣ шуд:

— Росташро гӯям,— гуфт вай,— ману ту ба ҳар ҳол умри кӯтоҳи худро бедарак ва ройгон нагузаронидем. Ба мардум, ба ҷамъият бе ҳеҷ ғараз хизматҳо кардем ва ҷони худро дареғ надоштем. Ману ту ба озори кас накӯшидем, баръакс ҷандала кардем, ки ба пои кас хор нахалад, кӯб ба муроду мақсадаш расад... Худи ҳамин ҳам хеле гап! Ман ҳаётамро вақфи инқилоб карда будам. Инқилоб шуд, боз вазифа ва корҳои нав пайдо шуд, боз дар дил умеду орзуҳо пайдо шуданд, боз ман ба роҳи интиқом афтодам. Лекин ин

дафъа интиқом барои халқи мазлум буд, барои мардум ҷон нисор кардан, талош кардан лозим буд. Ана, инаш ҳам, гӯё як дараҷа шуд. Акнун, гӯё, ба канор равем ҳам мешавад! Лекин зиндагӣ боз ба пеши кас орзую умедҳои нав мегузорад...

— Насиб бошад ба ин орзу ва мақсадҳоятон ҳам мерасед!— гуфт Саидпаҳлавон ҳам ба вай дилдорӣ дода.— Наход ки кори мо бо ҳамин тамом бошад?! Наход ки давлат ва Ҳокимияти Шӯрой шуда истода, монанд ки шумо барин одам ба дасти кадом як Махсуми фосиқ талаф шуда равед?! Не, боварии кас намеояд. Бояд онҳо чора бинанд!

— Агар онҳо донанд-ку, албатта чора мебинанд, лекин то расидани ёрӣ... Худо медонад-дия!

Чанд дақиқа хомӯшӣ барқарор шуд.

— Истед ки,— гуфт нохост Саид,— кӣ будани Асад Махсумро болонгиҳо намедонистанд-мӣ?

— Э, бародар,— гуфт Ҳайдаркул.— Одамро шинохтан кори мушкил будааст! Дар ин панҷоҳу панҷ сола ҳаёту зиндагии худ чӣ қадар одамҳоро, ки надидам, аммо боз саҳв мекунам! Сад дӯст кам асту як душман бисьёр, гуфтани мардум бечиз нест, албатта! Як одами бад,— ба монанди Асад Махсум корҳое мекунад, ба ҷамъият чунон харобиҳое меорад, ки садҳо одами нағз чанд сол бояд онро ислоҳ кунанд. Бале, агар одамро шинохтан осон мешуд, гапи дигар буд! Одамҳои бад ба рӯяшон ниқоб гирифта, ба қатори одамҳои нағз мегузаранд ва аз нағзии онҳо истифода бурда, ҳамеша ба рӯи об мебароянд, ҳамеша ба сари кор меоянд ва обро лой карда мегарданд, то ба он замоне ки разолаташон маълум шавад ва маҳкум гарданд... Лекин то ба фош шуданашон корҳое мекунанд, ки ҳеҷ ҳайвони ваҳшӣ нисбат ба ҳамҷинси худ накарда бошад. Агар лозим шавад, онҳо падару модари худро, зану фарзанди худро қурбон мекунанд, аз ҳеҷ бадӣ, аз ҳеҷ разолат рӯ наметобанд. Халқеро талаф медиҳанд, то ки лаҷоми ҳокимиятро ба даст гиранд! Мулкеро зеру забар мекунанд, то ки мақсади ифлосашон ҳосил шавад!.. Оҳ, аз дасти ин касони разил!

Ҳайдаркул хомӯш монд. Асабҳои вай ба шиддат

таранг шуда, майнааш ноист кор мекард. Дилаш мехост ки гӯяд, ҳар чӣ ки дар бораи одамҳо, дар бораи зиндагӣ, дар бораи дунъё медонад, гӯяд, гӯяд, гӯяд... Майлаш ки Саидпаҳлавон ӯро нашнавад, майлаш ки ӯро серҷоғ ва лаққӣ пиндорад, майлаш ки ба суханҳои ӯ бовар кунад, ё накунад, лекин гуфтанаш, дилро холӣ карданаш лозим!

— Асад Махсум чӣ? Шамшери зангзадагӣ дар дасти дигарон!— гуфт боз Ҳайдарқул ба гап даромада.— Сиёсат ва фармонфармоиро касони пухта, хеле пинҳонӣ мекунанд. Онҳо дар ҳама ҷо одамҳои худро доранд, ҳам дар қумитаи иҷроияи марказӣ, ҳам дар Шӯрои нозирон, ҳам дар назоратҳо ва ҳам... ҳатто дар Қумитаи Марказии фирқаи иштирокиюн! Обрӯй, ном ва эътибори аъзои фирқаро паст мекунанд, ин зотҳои бевиҷдон! Билети фирқаро фақат барои таъминоти маишати худ, фақат барои мансаб дар бағал медоранд. Набошад, на ба фирқа кор доранд, на ба халқ, на ба ҳукумат!

— Инқилобро кӣ карду кайфу сафоро кӣ мекунад!

— Халқ инқилобро карду ба сари кор як қисм муфтхӯрҳо ҳам баромада гирифтанд. Ман гуфтанӣ нестам, ки тамоми аъзоҳои Ҳукумати Бухоро одамони баданд. Не, асло! Аксарияти аъзоёни ҳукумат одамони ҷонсипор, одамони фидокор ва ғамхоранд. Лекин дар байни онҳо ба рӯй ниқоб гирифта гаштагон ҳам ҳастанд!.. Ман боварӣ дорам, ки онҳо фош мешаванд. Халқи Бухоро аз неъмати фаровони инқилоб баҳраҳо мебарад, зиндагии халқ гул мекунад ва рӯзҳои неки аҷоиб мерасанд! Чархи таърих ҳамеша пеш меравад, ҳеҷ қуввае онро ба қафо баргардонида наметавонад. Майлаш ки Асад маро кушад, туро кушад ва боз сад тан, дусад тани дигарро пеш аз вақт ба дасти аҷал супорад. Лекин ҳазор кунад ҳам ба мақсадаш расида наметавонад! Хоҳ нохоҳ таърих ҳукми худро нисбат ба вай иҷро мекунад: Асад торумор мегардад. Номи босмачӣ ва аксульинқилобчӣ аз забонҳо бардошта мешавад... Халқи Бухоро бо халқҳои озоди мамлакатҳои ҳамсоя даст ба даст дода, ба сӯи бахти дурахшонаш пеш меравад!..

...Ҳоло чунон шудааст, ки регистониҳо бо лабиҳав-

зиҳо гӯё, душман, ҷадидҳон рост, ҷадидҳон ҷапро дида наметавонанд... Дар байни худ мансабталошӣ ва ҳатто хунрезӣ мекунанд, ба ҷон он ки ҳама муттафиқ шуда душманҳои ҳақиқии худро, босмачиҳо ва мансабдорони аксулҳаракат ва одамони амирро нест кунанд!.. Барои ободонӣ ва фаровонии мамлакат нақӯшида, ҳар кадом ба ҳавлии худ мекашонанд, бо кайфу сафои худ машғул... Лекин халқи камбағал ва меҳнаткаш, ки соҳиби давлат, соҳиби ҳақиқии мамлакат аст, ба ин ҳол дер тоб оварда наметавонад, ин холабеғамҳоро лӯнда карда мепартояду салоҳи кори худашро мебинад. Бале, ғам нахӯр Саидҷон, шаби сиёҳи мо низ ба поён мерасад!

Саидпаҳлавон беихтиёр ба тобадон назар кард, ки дар берун ҳаво торик буд. Вале дар рӯи ҳавлӣ тараддуд ва рафтуой зиёд буд. Одамҳои ярокдор (аз шақар-шуқури милтиқ ва шамшерҳо маълум буд) ба меҳмонхона ва аз меҳмонхона ба сӯи берун »г мерафтанд), гӯё ким-чӣ асбобҳо, халтаҳо ва чизҳоро мекашонданд. Онҳо, диққат карда, ҳатто дар берун, дар кӯча ҷамъ шудани аспакиҳо ва роҳ гаштани аробаҳоро шуниданд. Акнун берунангиҳо оҳиста гап намезаданд, фарьёд мекарданд, ҳамдигарро ҷеғ мезаданд, ҳақорат медоданд... Дар байни ин садоҳо гоҳо наъраи бадҳайбати Асад Махсум шунида мешуд, ки фармонҳо медод...

— Воаҷабо! — гуфт Ҳайдаркул,— ба инҳо чӣ шуда бошад? Наход ки аз тайёрии имшабаи одамони мо хабардор шуданд?

— Аҷаб не,— гуфт Саид.— Худатон гуфтед-ку, Асад дар ҳамаи ташкилотҳои боло одам дорад. Яктои аз онҳо ба гумони ман Низомиддин аст...

— Мумкин, гуфт Ҳайдаркул.— Баъзе як кирдори ӯ ба ман ҳам маъқул набуд... Лекин аз тараддуди имшабаи мо вай хабар надошт.

— Шояд хабар дошта бошад...

Дар ин дам касе гулдуррос зада як чизи оҳанини вазнинро ба рӯи ҳавлӣ афтонд. Дар баробари он овози Оқилов баланд шуд, ки ҳақорат дода мегуфт:

— Дар умрат ярок ба даст гирифта будӣ, ё не?! Даюси мубтало, бардор!

— Пулемётро кашонда истодаанд,— гуфт Саидпаҳлавон,— Якта пулемёт буд, ки онро Махсум ба ҷанги босмачиҳо ҳанӯз набароварда буд, равған задагӣ, дар анбор меистод.

— Набошад, ҳоло ба ҷанги калон тайёрӣ дида истодаанд... Метарсам, ки одамони моро бехабар қир карда напартоянд!

— Онҳо ҳам ҷон доштагиянд?!

— Асад Махсум маккор! Ман мешудам...

Ногаҳон гурс-гурс зада шудани пушти девори таҳхона сухани Ҳайдаркулро аз миён бурид. Касе бо табар, ё теша девори паси таҳхонаро зада, вайрон карда истода буд. Равшан маълум буд, ки касе ба ёрии онҳо мерасад, онҳоро аз ин зиндони пурхатар озод кардан, ба рӯи онҳо дари озодиро боз кардан мехоҳад. Якбора ҳардуи онҳо ки аз ҷони худ даст шуста буданд, рӯҳ гирифтанд. Ҳар зарбаи теша, ё табаре ки аз берун ба девори зиндони онҳо зада мешуд, мисли садои мусиқӣ ба гӯши онҳо мефорид. Бо ҳаяҷон ва беқарорӣ гӯши онҳо ҳам ба каси девор, ҳам ба паси дар буд.

«— Оҳ, агар,— мегуфт худ ба худ Ҳайдаркул,— то расидани одамони Асад, ин озодибахши мо муваффақ мешуд!»

Афтодани ҳар хишт, ҳар кулӯх ба ҷони онҳо марҳам барин мефорид, гӯё ки як-як бандҳои вазнин ва сахт аз тани онҳо меафтода бошад... Лекин дар ин дам аз рӯи ҳавлӣ овози Асад ба гӯши онҳо расид, ки ба Оқилов мегуфт:

— Ним соат вақтатон монд. Дар ҳамин ним соат тайёр шавед, ба анҷом расонидани кори хоинҳоро фаромӯш накунед! Ман ба ҳавлии дарун рафтам, фойтун тайёр шавад...

— Хотирҷамъ бошед! — мегуфт Оқилов.— Ҳамаи гуфтагиҳоятон дар сари вақт анҷом меёбад. Шумо дарунангиҳоро тайёр кунед.

Ҳайдаркул дасти Саидпаҳлавонро дошт, ки сард гашта буд ва андак меларзид. Дар худи ҳамин дам аввалин хишти даруни таҳхона афтод ва сӯрохӣ кушода шуд...

Он шаб Ойиша ба модараш гуфт, ки аз аввали шаб ин тараф абрӯи чапаш мепарад, илоҳӣ якон дилсиёҳие нашавад.

— Ҳамаи кори занҳо чап! — гуфт модараш.— Абрӯи чапат парида бошад, насиб бошад хурсанд мешавӣ.

— Не,— гуфт Ойиша,— таи дилам сиёҳ аст. Илоҳӣ тағом сиҳат-саломат бошанд... Ман ба гапҳои Махсум дигар ҳеҷ бовар намекунам. Худи вай намехоҳад, ки мо тағомро бинем ва бинобар он бардурӯғ мегӯяд, ки гӯё тағом моро «оқ» карда бошанд.

— Занаки ошпаз мегӯяд, ки тағот аскарҳои Махсумро машқ медодааст, ба онҳо ваъз мегуфтааст,— гуфт Бибираҷаб.— Ноинсоф, намекунад, ки бо мо рӯ ба рӯ шуда, аҳволпурсӣ кунад.

— Махсум намемондагист...

— Вай аз Махсум наметарсад!

— Худо, илоҳи...— гуфта, Ойиша мехост, ки Махсумро дуои бад кунад, якбора чақмоқ заду пас овози раъд хонаро ларзонид. Модару духтар ба гиребонҳояшон туф-туф карда, тавба гуфтанд.

— Борони сел мезадагист? — гуфт Ойиша.

— Занад, борони раҳмат фоида дорад!

Пас аз фурсате борон гирифт. Модару духтар хомӯш, дар равшании лампаи сийӯм, яке чокдӯзӣ карда, дигаре кашида дӯхта, ба бому дар нақора задани боронро гӯш мекарданд.

Ойиша ин вақтҳо аз Асад Махсум тамом дилсард шуда буд. Хусусан дурӯггӯиҳои ӯ, дурӯягиҳои ӯ меҳру муҳаббати андакро аз дили Ойиша рӯфта партофта, ба ҷояш нафрат ва эътироз, алам ва дардро оварда ҷо карда буд. Ойиша пинҳон аз модараш гиръя мекард, ба ҳасрати Карим месӯхт, парту бирьён мешуд... Дар назди хаёли вай тавбаҳо мекард, зорию тавалло менамуд ва авфи гуноҳонашро мепурсид. Ман илоҷ надоштам, ман мушти пар, ман нотавон будам, мегуфт... Вай медонист, ки модари сарсахташ ҳам дилаш об шудааст.

Ваъдаҳои дурӯғи Махсум дар бораи оштӣ шудан бо Ҳайдарқул ӯро тамом хаста ва беҳол карда буданд. Гоҳо мехост, ки кас монда Ҳайдарқулро биёрад, ё ки

худаш берун баромада, ба хонаи додараш даромада, мунтазири омаданаш шавад. Ҳамин ки омад, ба пояш афтода, бахшоиш пурсад ва оштӣ шавад... Лекин илоҷ набуд. Аз худаш, аз тақдири духтараш метарсид... Мабодо Махсум фаҳмида монда, ба сари онҳо балои дигарро нахезонад...

Борон монд. Хурӯсҳо бори дуюм ва сеюм ҷеғ заданд. Хоби кампир омад.

— Хайр, ман рафта хоб кунам,— гуфт Бибираҷаб. — Имшаб ҳам Махсум бевақт меомадагӣ барин. Хез, ту ҳам ба ҷоят даромада хоб кун! Садақаи бедорхобиат кун!

— Рост гуфтед, оначон!— гуфт Ойиша ва як хамьёза кашида монду аз ҷо бархост, модарашро ба хонаи дигар гусел карда, аз ҳавои соф, ки онро борон шуста буд, нафас тоза кард ва боз гашта ба хона даромаду куртаи рӯяшро кашида монда, ба ҷогаҳ дароз кашид. Лекин хобаш набурд. Хаёлҳои тираи гуногун дар майнаи ӯ ҷавлон мезаданд. Дар бораи бахти номасъуди худ, дар бораи тақдири сиёҳи худ, дар бораи Карим, дар бораи Махсум ва кирдорҳои ношоями ӯ, дар бораи фиребу найрангҳои ӯ фикр мекард... Махсум бо ӯ, чун бо лӯхтаки ҷондор, чун бо кӯдак муомила мекунад. Ойиша барои ӯ фақат асбоби дилхушӣ... Як соат, ним соат бо вай мешавад ва дигар дар борааш фикре ҳам намекунад. Ҳамеша дурӯғ мегӯяд, ҳамеша найранг... Маълум ки ишқаш, сӯзу гудозаш ҳам дурӯғ будааст! Ишқи ба он ҳарорату ҷӯшу хурӯш намебоист ба ин зудӣ сард мегашт! Ойиша ҳанӯз ҳам духтар барин, аз ҳусну ҷамолу латофаташ накоста аст. Агар ишқи ҳақиқӣ мешуд, ба ин зудӣ маҳакаш намебаромад. Маълум ки ишқ набудааст, фиреб будааст... Кошкӣ Махсумро худо мегирифт! Он гоҳ вай ва модараш озод мешуданд, боз ба Ғиҷдувон, ба ҳавлии худашон бармегаштанд... Боз баҳорро хурсандона пешвоз мегирифтанд... Албатта, Қарим аз вай рӯй гардондагӣ, дигар дар бораи муҳаббати ғоибгашта, муҳаббати помолгашта фикр кардан ҳам ҳоҷат не! Майлаш, илоҳӣ саломат бошаду бахташро ёбад... Ойиша аз дур ҳам бошад, ӯро дӯст медорад ва аз хурсандии ӯ мамнун мешавад...

Ҷонсарак аз берун омада даромадани Махсум ҳаёҷҳони ӯро парешон кард.

— Хез! — гуфт вай аз дар даромада,— Очета бедор кун, чизҳои заруририю ғундоретон, аз ин ҷо меравем! Хез, вақт кам мондагӣ, баъд аз ним соат баромадан лозим.

— Ба куҷо меравем? — пурсид аз ҷо бархоста истода, Ойиша.

— Ба Ғиҷдувон меравем! — гуфт беихтиёр, Махсум.— Зуд бош, чизҳои зарур-заурурро гир, борро бисьёр накун! Сару рӯи тилловорӣ, як-ду сара либос, дигар чизҳои қимат доштa бошӣ мегирӣ!

Ойиша фаҳмид, ки «Ғиҷдувон» яке аз дурӯғҳои мукаррарӣ аст ва аз саросемагию парешонии Махсум аён аст, ки ӯро танг кардаанд ва акнун ба куҷое гурехта рафтан мехоҳад. Боз сарсонӣ, боз саргардонӣ...

— Мо ба ҳеҷ ҷо намеравем! — гуфт якбора Ойиша ба рӯи Асад бо хунсардӣ нигоҳ карда.— Худатон равед, коратонро карда, боз гашта биёед, мо дар ҳамин ҷо истодан мегирем:

Махсум дар ҳақиқат ҳайрон ва гаранг шуда ба рӯи Ойиша нигоҳ кард. Вай ба гӯшҳои худ бовар намекард, ки оё баростӣ зани вай ба ӯ ҳамин гапҳоро гуфт, ё каси дигар.

— Чиҳо мегӯӣ?! — гуфт вай дӯғ зада ба Ойиша.— Бе ман дар ин ҷо чӣ гӯҳ мехӯрӣ?!

— Шиштан мегирем! Аз мо беларво бошед!

— Ту!.. Ту, ба ростӣ гуфта истоди-мӣ, ё шӯхӣ мекунӣ?

— Чаро шӯхӣ кунам?! Бо кӣ?! — гуфт сахт карда, Ойиша ва аз канори кат нишаст.— Ман худам кӣ ки шӯхӣ кунам?! Як бозичаи беқадру қимат!

— Вақти нозу карашма не, мефаҳмӣ?! — гуфт Махсум, ба гумони он ки Ойиша ноз мекунад.— Босмачиҳо зер карда омада истодаи, зудтар аз ин ҷо рафтан лозим.

— Босмачӣ ба ин ҷо омада чӣ мекунад? Ман ба ҳеҷ ҷо намеравам!

— Ойиша! — гуфт наъра кашида Махсум.— Маро аз худ набарор! Э, ба арвоҳи дадет...

Ҳақорат ва наъраи Махсум то ба гӯши Бибираҷаб,

ки дар хонаи дигар хоб мекард, рафта расид ва ӯ саросемавор аз ҷояш хеста, гӯш ба қимор шуд, лекин Ойиша ҳатто абрӯ баланд накард.

— Дод задан гиред, овози худатон мегирад!

Махсум қариб буд, ки девона шавад. Дар ин тавр фурсати танг аз Ойиша ин хел саркаширо ҳеҷ умед надошт. Ойишае, ки овоз надошт, ҳар чӣ ки ӯ гӯяд бовар мекард, ба ҳар роҳе ки ӯ барад, рафтан мегирифт, яку якбора, дар чунин фурсати танг ва пурдаҳшат ба ӯ, ба Асад Махсум муқобилият карда истодааст. Ин аз ақл берун аст, ин девонагӣ, ин... хиёнат! Бале, бале, хиёнат ба Махсум, хиёнат ба шавҳари никоҳии худ! Ин суиқасд барин гап!

— Хайр,— гуфт Махсум дандон хоида истода,— Ҳоло ҳамин тавр гӯй?! Рафтан намехоҳӣ?!

Вай аз мех қамчини дастабақамро, ки овезон меистод, ба даст гирифт ва бо чашмони пурхун ба сӯи Ойиша қадам монд.

— Хез, фоҳиша! — фарьёд кард вай.

— Не, не, не! — Ойиша ҳам фарьёд кард, вале шартоси тозиёна садои ӯро бурид.

— Хез, хез, хез!

— Теғи қамчин ба китф, ба бозу ва ба тахти пушти Ойишаи гирьён шарт-шарт афтодан гирифт... Якбора дари хона кушода шуду модари сарсахт тохта омад ва худро ба болои Ойиша партофта, зарбаи қамчинро ба тани худ гирифт. Дар як дам чағонсирони занҳо баланд шуду Махсум камтар даст нигаҳ дошт:

— Мехезӣ, ё не? Мехезӣ, ё не?! — боз фарьёд кард вай.

— Мехезад, гардам Махсумҷон,— гуфт тавалло карда модар.— Ҳозир мехезад!

— Лаънатиҳои ношукр! — гуфт Махсум ҳарсосзанон.— Агар ҳозир хеста, чизу чораҳоятро нағундорӣ, ана ҳамин ист, сарлучу лолуч гирифта мебарам! Ҳаминро дон, ки агар мурдаатро аз дасти ман нагиранд, зинда халос шуда наметавонӣ!

Дар ин дам аз даруни боғ овози ду-се бор тирпаррони баланд шуду Махсум қамчинро партофт ва ба даст маузерро гирифта фарьёд кард:

— Лаънатии бехосият, ана омаданд!..

Вай давида ба рӯи ҳавлӣ баромад. Дар рӯи ҳавлӣ Исматҷон, ки саросема буд, ба вай дучор омад.

— Бандиҳо! — гуфт вай.— Бандиҳо девори таҳхонаро сӯрох карда гурехтаанд...

— Ҳайдаркул? Саид? — фарьёд кард Махсум.— Шумо дар кучо будед, каллахарҳо?! Чӣ кор кардед?!

— Оқилов аз пасашон одам гирифта тохт, ман ба ин сӯ омадам...

— Шумо бо ин занҳои падарлаънат машғул шавед, чизу чораҳояшонро ғундошта мебароянд, ба фойтун андохта, чор нафар одам катӣ ба тарафи Ғиҷдувон ронед! Дар Бӯстон вомехӯрем. Асло наистед!

— Хуб шудааст!

Махсум ба ҳавлии берун баромад.

Саидпаҳлавон ва Ҳайдаркул ба изтироб ва ҳаяҷони қалб ба калонтар шудани сӯрохӣ нигоҳ мекарданд. Ниҳоят як одам мебаромадагӣ сӯрохӣ кушода шуд ва аз он сари Тӯхтача намоён гашт:

— Рафиқ комиссар, ҳо, рафиқ комиссар! — гуфт вай.— Ҳастетон-мӣ?

— Тӯхта? Ин, ту-мӣ? — гуфт Ҳайдаркул ва зуд ба дами сӯрохӣ рафта, берун баромад. Дар берун се нафар,— Орзукул, Сангин ва Тӯхтача истода буданд. Вакте ки Саидпаҳлавон ҳам баромад, Орзукул гуфт:

— Қарор доданд, ки шумоёнро нобуд карда, гурехта раванд. Ҳозир аробаҳо, борҳоро узот карда истодаанд... Мо аз фурсат истифода бурдем. Зуд биёетон!

Орзукул ба дасти Саидпаҳлавон ва Ҳайдаркул яктой милтиқ дода, ба сӯи девори боғ роҳро сар кард.

— Дар ин ҷо девор рахна дорад,— гуфт Орзукул. — Лекин дар паси девор бояд посбон бошад...

— Истетон, ман баромада бинам! — гуфт Тӯхтача ва пеш даромад. Дар торикӣ оҳиста-оҳиста роҳ гашта ба тан девор расиданд. Дарахтҳои бисьёр ва ниҳолҳои нав барг кушодагӣ аз тарафи боғ онҳоро паноҳ мекарданд. Лекин дар паси девори боғ қадам монда гаштани посбонҳо ба гӯш расид. Ҳама нафас дарун кашида, ба қарибии сӯрохи девори боғ омада истоданд. Тӯхтача ки одамаки лӯб-лӯнда ва майда буд, аз

сӯрох оҳиста худро ба тарафи кӯча гирифт. Дар паси девори боғ роҳи борике ва дар он тарафи роҳ ҷӯи чуқури соҳилаш пур аз рег воқеъ буд. Тӯхта мисли муш лӯнда шуда, ба кӯча хазиду дид, ки як посбон дар ҳамон наздикӣ аз чизе шубҳа карда, дар канори ҷӯй, ба тарафи паттазори он сӯи ҷӯй диққат мекунад ва милтиқашро дар даст муҳайёи паррондан нигоҳ доштааст. Тӯхтача бо як хез худро ба посбон расониду бо лагад чунон ба пушташ зад, ки калламуаллақ ба даруни ҷӯи чуқур афтода рафт. Дар худи ҳамин дам Орзуқул ва дигарон аз сӯрохии девор баромада, ба воситаи чӯби болои ҷӯй гузашта, худро ба даруни паттазор гирифтанд. Лекин айнан дар ҳамин дам ҳам аз даруни боғ ва ҳам аз қаъри ҷӯй ду тир холӣ шуд. Посбонҳон атрофи боғ давида омаданд ва шарики худро аз ҷӯй кашида гирифтанд. То ба он дам аз даруни боғ Оқилов ва панҷ-шаш нафар милтиқнок баромада, воқеаро ҷӯё шуданд. Посбони аз ҷӯй баромада, ки миёнашро гирифта хоб мекард, гуфта дод, ки чанд кас аз болои чӯб гузашта рафтанд. Инро шунида Оқилов мехост фармон диҳад, ки худи Асад Махсум расида омад. Вай одамҳоро се тақсим карда, аз се тараф равона карду худаш далерона пеш гузашт.

Гурезаҳо аз байни паттазор баромада ба сӯи Бухоро, аз байни заминҳои корам давида рафтан гирифтанд. Лекин милтиқпарронии пурдаҳшат, ки аз қафои онҳо сар шуд, маҷбур кард, ки ба замин хазида, ба сӯи таъқибкунандагон тир холӣ карда, гурезро давом диҳанд. Саидпаҳлавон, ки мергани зӯр ҳам буд, ба рафиқонаш гуфт, ки хазида ақиб рафтан гиранд ва худаш ба паси буттае ҷо гирифта, омадаистодагонро дар торикӣ сояашонро дида, якта-якта зада меафтонд. Лекин ин дер накашид. Нохост тире ба сари китфи ӯ, ба қарибии дилаш расида аз по афтонд. Орзуқул, ки аз вай чандон дур набуд, давида омада Саидпаҳлавонро бардошт ва ба рафиқон расонид. Ҷасади паҳлавонро Ҳайдарқул гирифт, дигарон ба шинак нишаста, ҳуҷум карда омада истодагонро боздоштанд.

— Ҳайдарқул! — гуфт базӯр Саид.— Хайр, ман... мемурам... Ту... ту... саломат бош! Аз Мирак бохабар бош... Саробонӣ кун!..

— Ин тавр нагӯй чӯра! Тир расидан катӣ одам намемурад! Ман ҳозир захматро мебандам... Ба ин кор камтар таҷриба дорам... Дар Сибирь як духтури калон омӯхта буд... Ман, ҳозир...

Вай мехост, ки Саидпаҳлавонро ба замин хобонида, ҷароҳаташро бандад, лекин тирпарронии душман зӯр шуда, маҷбур кард, ки шинак нишастагон ба қафо гурезанд.

— Ақибтар, ху ана то ба паси он девори боғ рафта расидан лозим! — гуфт Орзуқул.

Онҳо дукаса Саидпаҳлавонро бардоштанд. Тӯхта ва Сангин якта-якта тир холӣ карда, аз паси онҳо мебахзиданд. Лекин одамони Асад хеле наздик шуда буданд. Орзуқул ва Ҳайдарқул Саидпаҳлавонро бардошта, бурда истода, хеле маъюс шуданд...

...Лекин ба ногоҳ аз тарафи Ғарб, аз тарафи роҳи калони Қогон тирпарронии шиддат баланд шуду одамони Асад Махсум якбора ба қафо гурехтанд.

— Аз Қогон...— гуфт Саидпаҳлавон ҳам рӯҳ гирифта,— аз Қогон ёрӣ расид... Козим-зода... Офарин!..

## 25.

Гирья карданҳои Миракро дида Ҳамроҳхон ғаму ғуссаи худро тамом фаромӯш кард. Фирӯза дид, ки аз телефон фоида нест, ба Мирак гуфт, ки биё ба Чека меравем.

— Ман ҳам бо шумо меравам,— гуфт Ҳамроҳхон —Насимҷон милицияи бисьёр дорад, мегӯем, рафта дадаи ин бачаро аз дасти вай золим халос карда биёяд.

— Майлаш, биёед,— гуфт Фирӯза ва онҳо ба сар фаранҷӣ гирифта аз клуб баромаданд.

Рӯз бегоҳ мешуд, дар кӯчаҳо одам кам монда буд. Онҳо аз пеши дари ҳаммоми Қафшолак гузашта-ногузашта, аз тарафи растаи челонгарӣ дар як фаэтони дуаспа Ҳоҷӣ Ҳасанбек гузашта рафт. Ӯро ки ҳанӯз ҳам савлат карда менишаст, дида, Ҳамроҳхон шах шуда монд. Гӯё ки аз тан фаранҷӣ ҳам бошад, мардак ӯро мешинохта бошад. Аммо Ҳоҷӣ Ҳасанбек бо хаёл-

хои худ машғул шуда, ҳатто ба тарафи занҳо нигоҳе ҳам накард.

— Афтата мурдашӯй шӯяд! — гуфт баъд аз гузашта рафтани фаэтон, Ҳамроҳхон.— Дидед, дугона, худи калхоти гушнаба монанд шуда мондааст. Дар куҷо кор мекарда бошад?

— Дар идораи таъминоти иҷтимоӣ,— гуфт Фирӯза. — Акнун ҷояша ёфт: ҳам худаша таъмин мекунад, ҳам ҷамъиятро!

— Ҳӯ — таъмин накарда равад!

Фирӯза хандид:

— Акнун дуои бад карда чӣ кор мекунед, вай ба шумо дахл надорад-ку!

— Чаро дахл надошта бошад? — эътироз кард Ҳамроҳхон.— Молу чизи мо кам буд-мӣ? Ҳамаашро гирифта хӯрд, ин носери ҳақ!

— Саратон саломат бошад, моли дунъё ёфт мешавад!

Дар ин дам онҳо ба таги тоқи Телпак расида буданд. Таги тоқ ва растаҳои ба он мечаспидагӣ торик ва фонусҳо даргиронда шуда буданд. Дар он вақти бегоҳӣ, ду зани ҷавонро, ки аз гашташон маълум буд, бо як нафар бачаи даҳ-дувоздаҳсола дар таги тоқ дида, ду ҷавони олуфта аз пасашон афтоданд. Ҷавонҳо бойбаччанамо ва андаке сархуш буданд.

— Балои сари шуморо гирам,— гуфт яктаи аз онҳо,— ин қадар тез нагардед, о, куштед-ку!

— Ҳар чӣ хоҳед муҳайё мекунем! — гуфт дигаре.— Аз мо нагурезетон!

Занҳо ба тарафи растаи Чинӣ баргаштанд. Ҷавонҳо низ аз дунболаи онҳо. Мирак дар ғазаб шуда, якду баргашта ба онҳо нигоҳ кард ва хост чизе гӯяд, Фирӯза аз дасташ гирифта кашид.

— Ой, балотона гирам! Аз мо нагурезед! Аз мо серпултарро ёфта наметавонед!

Ҳамроҳхон тоқат карда натавонист:

— Пулат сарата хӯрад, ту фалоката! — гуфт вай. — Агар ҳозир аз роҳатон гашта наравед, ҳар дуятонро ҳам бурда ба Чека ҳабс мекунонем! Медонед мо кӣ?!

Ҷавонҳо таққӣ истоданду ба ҳамдигар нигоҳ кар-

данд ва китф ҷунбонида, ба қафо баргашта рафтанд. Фирӯза киқиррос зада хандид:

— Шумо нобоб, дугона! — гуфт.— Намондед, ки ҷавонҳои содда камтар дилхушӣ кунанд.

— Ҳӯд-дилхушиашонба бало! — гуфт Ҳамроҳхон.— Моро чӣ гумон кардед?! Наход ҳамин хел занҳое ҳастанд, ки ба гапи ин аблаҳҳо бовар карда, аз пасашон меравандʔ!

— Ҳастанд,— гуфт Фирӯза.— Афсӯс, ки ҳастанд!

Ҳамроҳхон, ки аз ояндаи худ бехабар буд, ба нафрати тамом гуфт!

— Муранд, зан нашуда!

Дар дами дари Чека аскар ва милиционерҳои аспакӣ ва пиёдаи бисьёре ҷамъ шуда буданд. Занҳо аз байни аспҳо тарсида-тарсида базӯр гузаштанду ба комендантхона даромада, Асо ва Насимҷонро пурсиданд. Комендант ба куҷое телефон кард, пас аз соате Асо аз даруни иморат омада даромад. Фирӯзаро аз фаранҷиаш дида шинохту дар назди ӯ боз зани дигар ва Миракро дида ҳайрон шуд.

— Хӯш, монда нашаветон? — гуфт вай.— Дар ин вақти шаб чӣ хабар шуд?

— Ҳамин қадар телефон кардам, шуморо ёфта натавонистам,— гуфт Фирӯза.— Мирак омада, хабар дод, ки Асад Махсум ака Саидро гирифта ҳабс кардааст.

— Э, нағз нашудааст! — гуфт якбора парешонҳол шуда Асо ва аз комендант пурсид:— ака Ҳайдарқул рафтанд-мӣ?

— Як, ним соат пештар баромада буданд! — гуфт комендант.

— Набошад, ба шумо ҷавоб! — гуфт Асо.— Миракро ба хона гирифта баред. Имшаб кори мо бисьёр!

— Насимҷонро надидед-мӣ, ака Асо!— гуфта Ҳамроҳхон овоз баровард.

— Ҳа-а, ин шумо-мӣ? Ман нашинохтем,— гуфт Асо.— Насимҷон дар ҳамин ҷо, ҷеғ занам-мӣ?

— Не, хайр...— гуфт дудила шуда Ҳамроҳхон.— Майлаш, агар кор дошта бошанд... Мо меравем... Ҳамин, дадаи ин бачая халос мекардетон!

— Халос мекунем, хотирчамъ бошед! — гуфт Асо ва тангдилона ба соати деворӣ нигоҳ кард.— Хайр, ман равам, ин хабарро расонам...

Асо зуд ба даруни бино гузашта рафт, аммо занҳо аз ҷояшон наҷунбиданд.

Дар берун барқ зад ва раъд ҳама ҷоро ларзонид, баъд борон гирифт. Дар комендантхона даромад-баромад зиёдтар шуд. Одамони сар то по мусаллаҳ, шамшернок, қаторвазнадор тез-тез қадам монда медаромаданд, боз мебаромаданд. Дар берун, дар кӯча ҳам анбӯҳи аскарон зиёда шудагӣ барин намуд. Ниҳоят аз дарун Карим, Асо ва Насимҷон бо чанд нафар одамони босалобати дигар баромаданд. Асо занҳоро дар он ҷо дида як сония шах шуда монд ва баъд ба комендант чизе гуфту баромада рафт. Ойими Шоҳ шавҳари худ Насимҷонро дида беихтиёр аз ҷояш бархост, вале чизе нагуфт. Мардҳо баромада-баромада рафта буданд, ки комендант ба занҳо муроҷиат кард:

— Ман ҳозир мефармоям, фойтун тайёр мешавад, шуморо ба хона бурда мемонад. Дар ин ҷо истода чӣ кор мекунетон?!

— Ба мо фойтун даркор не,— гуфт Фирӯза ва аз ҷо бархост.— Мо дигар кор надорем, худамон меравем.

Онҳо берун баромаданд. Дар кӯча дастаҳои охирини аскарҳои аспакӣ гузашта мерафтанд. Аз паси онҳо чанд даста пиёдаҳо тез-тез қадам монда рафтанду кӯча холӣ шуда монд.

— Дар ин вақти шаб бе мардина рафтан хуб не! — гуфт камендант аз паси онҳо баромада.— Ана, ин бача шуморо бурда монда бармегардад.

Занҳо гап нозада ба роҳ даромаданд. Онҳо ба сӯи Говкушон равона шуданд. Аз паси онҳо Мирак ва як ҷавони таппончанок раҳсипор шуданд. Онҳо ҳанӯз ба Говкушон нарасида, аз беруни шаҳр, аз тарафи боғи Дилкушо овози тирпарронӣ шунида шуд...

— Ҷанг сар шуд, дугона!— гуфт беихтиёр Ҳамроҳхон. Фирӯза гап назад.

Кӯчаҳои шаҳри қадима, ки акнун аз нав ҷавон шудан мехост, дар он вақт тамом бе касу холӣ шуда монда буданд. Аз роҳи калони сангфарши тарафи

гузари Ғозиён ду нафар зан, як бача ва як ҷавон мерафтанд. Садои ба сангҳо расидани наъли кафш ва мӯзаҳои онҳо дар кӯча баланд мешуду бас! Дигар ҳеҷ садое набуд, магар ки дар беруни шаҳр ким-киҳо милтиқ мепаррониданд ким-киҳо талош мекарданд ва ҷон дода, ҷон меситониданд...

Мардуми шаҳр,— косибон, ҳунармандон, хизматчиёни идораҳо, савдогар ва дӯкондорҳо, мактаббача, муаллимҳо, мансабдорҳо, нозирҳо ва машкобҳо ҳама дар хоб буданд, гӯё ин гулдур-гулдури беруни шаҳрро намешунаванд. Агар шунаванд ҳам, чӣ кор мекарданд?! Бештарини онҳо ба ин хел милтиқпаррониҳои шабона одат карда монда буданд ва аксарият боварӣ доштанд, ки шаҳрро аз ҳуҷуми босмачиён дастаи фидокори комиссияи фавқулъоддаи атрофи Бухоро, милицияҳои даруни шаҳр ва ниҳоят Чека мудофиа мекунанд.

Аммо дар беруни шаҳр бо қӯшунҳои ба шӯромадаи ҳамин комиссия мубориза мерафт...

Ҳанӯз рӯз сафед нашуда аскарҳои Чекаи Бухоро ва Когон якбора ба ҳуҷум гузаштанд ва бе ҳеҷ мушкилӣ, дар айни сапедадам боғи Дилкушоро фатҳ карданд. Дар он ҷо, дар болои бом ва гирду пеши дарвозахона як — бист нафар аскарони пиёдаи Асад боқӣ монда буданд, ки аксарашон захмӣ ва ярадор шуда, бо вуҷиди он тирҳои охирини худро ба сӯи аскарони Чека мебориданд. Аммо аз худи Асад ва одамони асосии ӯ дарак набуд. Асирҳои ба дастафтода хабар доданд, ки вай (Асад) бо ҳамаи одамҳояш ҳанӯз дар ними шаб, як ҳуҷуми сахт карда, гурехта рафтааст.

Ҳайдарқул бо когониҳо расида омад. Дар меҳмонхонаи калон, ки боргоҳи Асад Махсум буд, Фёдоров ва дигарон ҷамъ шуданд.

— Асад аз ҳамаи кор ва нақшаҳои мо хабардор будааст! — гуфт Ҳайдарқул.— Саидпаҳлавонро ҳабс карда, баъд моро гирифта, зуд ба тараддуд даромад ва дар аввали шаб ба кӯчидан сар кард

— Вай дур рафта наметавонад! — гуфт Фёдоров.— Насимҷон ва Асо бо дастаҳои худ аз пасаш афтодагӣ, мо ҳам аз ин тарафи роҳи оҳан пеши роҳи ӯро

мегирем, ки ба тарафи Қаршӣ нагузарад. Хайр, худатон сиҳат-мӣ? Саидпаҳлавон чӣ шуд?

— Вай, аз сари кифташ сахт ярадор шуд. Қозимзода ӯро ба касалхонаи Когон бардошта бурд. Илоҳӣ намурад мӯсафед!

Ҳама маъюс шуданд.

Дар ин дам аз кадом як хона Наими Талхро дошта оварданд. Вай аз тарс меларзид, рангаш сафед канда, сару рӯяш, пешониаш кабуд, варам кардагӣ буданд.

— Ман тавба кардам! — мегуфт вай.— Ман ҳеч касеро куштанӣ набудам... Лекин... Лекин... Мана заданд... ба сарам кӯфтанд... Сари диламро, қабурғаҳоямро мачақ карданд... Ман касал... мемурдагем! Ман...

Ҳайдарқул пурсид, ки Махсум куҷо рафт.

— Махсум? — гуфт табассум карда, Наим.— Махсум дар ҳамин ҷо, дар ҳавлии дарун!

Ҳама ба ҳамдигар нигоҳ карданд. Карим давида аз ҷо бархост.

— Воқеан, мо ҳавлии дарунро надидем! — гуфт вай.— Шояд Ойишаино бошанд...

— Гумон! — гуфт Ҳайдарқул.

Не, не, ҳастанд, ҳастанд! — гуфт ва хандид Наими Талх.

— Майнааш беҷо шудагӣ! — гуфт Ҳайдарқул.

— Шояд бардурӯғ кунад? — гуфт Фёдоров.

— Не,— гуфт Ҳайдарқул.— Набошад ӯро монда, партофта намерафт. Ин, дасти рости Махсум буд. Зарбаи муштҳои Саидпаҳлавон кори худро кардааст! Баред, аз вай хабардор бошед!

Ҳайдарқул, Карим ва Фёдоров ба ҳавлии дарун даромаданд, ки дар он ҷо аллакай аскарбачаҳо кофтуков карда мегаштанд. Фёдоровро дида яке аз онҳо рапорт дод:

— Дар ҳавлии дарун ҳам касе нест, лекин чизу чораҳо ҳама ҷо бар ҷо... бурда натавониста мондааст.

Карим ба хона даромад. Дар мех калапӯш, сарбанд ва баъзе аз куртаҳои Ойиша овезон буд. Вай ба онҳо наздик шуда диққат кард, бӯи нафиси маҳбуба-

ашро шуниду дилаш ганда шуда ба чашмонаш об чарх зад... Вай медид, ки дар рӯи хона майда-суйда, курта, куйлакча, рӯмолчаҳои занона парешон афтода хобидаанд. Болои кат ғундошта нашудагӣ, дар рӯи болишти сафед чакраҳои хун ва дар қарибии кат қамчини дастабақам афтода мондааст...

Иро диду манзараи мудҳише ба пеши назари ҷавон ҷилвагар шуд: Ойниша ва модари ӯро мезананд, қамчинкорӣ мекунанд, азоб медиҳанд ва дасту по баста, кашон-кашон аз хона берун мебаранд... Оҳ, чӣ бадбахтӣ!

Вай зуд аз хона баромаду ба воситаи дари партав ба чорбоғ рафт. Дар он ҷо баҳори хуррам тантана мекард. Офтоб нав тулӯъ карда, нури худро, нурҳои заррин ва фараҳбахши худро ба чорбоғи наворо мепошид. Донаҳои шабнам, ки дар барги гулҳои садбарг пошида шуда буданд, аз шӯълаи офтоб мисли алмоспораҳо медурахшиданд. Дарахтҳои себу зардолу гули худро напартофта буданд. Бӯи муаттари гулу сабза димоғи касро менавохт. Манзараи дилрабои чорбоғи хуштарҳ чашмро вола мекард. Аммо Карим гӯё, ҳеҷ чизро намедид, ҳеҷ чизро ҳис намекард. Ақлу ҳуши ӯ ба Ойнишаи мазлума, ба Ойнишаи муштипар ва бепаноҳ банд буд...

— Баҳор шудаасту мо намедидем! — гуфт Ҳайдарқул ва паси Карим омада.— Чи тавр манзараи аҷоиб!

— Аҷоиб! — гуфта монд Карим ва оби чашмашро пок кард.

— Ғусса нахӯр, писар! — гуфт Ҳайдарқул.— Айёми ишқи ту акнун сар мешавад!

ОХИРИ КИТОБИ АВВАЛ.

---

## БА ҶОИ ОХИРСУХАН

Материали романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»-ро инқилоби соли 1920-уми Бухоро ва воқеаҳои хафтаю моҳҳои аввалини баъд аз инқилоб ташкил мекунанд. Ба замми ин ки нависанда худаш аз хурдсолӣ бо воқеаҳои инқилобӣ ва ҳаёти Бухорои баъд аз инқилоб бевосита ошност, боз таърих ва материалҳои архивро бо диққат омӯхтани ӯ ҳис карда мешавад. Персонажҳои асосии роман — мардҳо ва занҳо иштирокчиёни инқилоби соли 1920, фаъолони партиявӣ, советӣ ва ҷамъиятии республикаи советии навзоди Бухоро мебошанд. Қаҳрамонони романи пештараи нависанда «Духтари оташ» — Ҳайдаркул, Асо, Фирӯза, Оймуллои Танбӯрӣ ва чанде дигар дар ин роман ҳам амал мекунанд, бо душвориҳои сохтмони ҳаёти нав бар зидди аксулҳаракатчиҳо ва кӯҳнапарастҳо мубориза мебаранд ва дар ин мубориза шахсияти онҳо, шуур ва ҷаҳонбинии онҳо инкишоф мекунад, ташаккул меёбад. Инҳо ва як қатор персонажҳои дигари асар — Саидпаҳлавон, Карим, Анбари Ашк, Ойша, Аббос, инчунин персонажҳои манфӣ — Асад Махсум, Наими Талх, Низомиддин ва дигарон образҳои ҷоннок, ҳаётӣ, боварибахш мебошанд. Аз рӯи прототипҳо кашида шудани сурати онҳо ҳис карда мешавад.

Персонажи асосии асар — ҷадиди собиқ, шахси авантюрист ва ҷоҳпараст, ғаддор ва худрой Асад Махсум мебошад. Дар шароити ҳараҷу мараҷ ва дӯлобии рӯзҳои аввали баъд аз инқилоб ин шахс ба рӯяш ниқоби инқилобчигӣ кашида, ба майдон баро-

мада, мансаби сардории «Комиссияи атроф» — хайъати фавқулоддаи мубориза бар зидди аксулҳаракатчиёни атрофи Бухороро ба даст медарорад. Ӯ ба ҷои ин ки бо аксулҳаракатчиён, бо душманони ҳақиқӣ мубориза барад, теғи инқилобии ба дасташ додашударо ба муқобили меҳнаткашон, дӯстони ҳокимияти советӣ ва душманони шахсии худаш ба кор мебарад. Махсум панҷсад — шашсад нафар авбошон, дуздон, қотилон ва ҳатто босмачиёнро ба худ гирд оварда, қасди он дорад, ки дар республика ҳокимиятро ба даст бигирад ва диктатураи шахсии худро барқарор намояд. Образ ва характери ин авантюрист ва «бонапартист» барҷаставу аъло тасвир ёфтааст. Чунонки воқеаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ба инқилоби озодибахш, ки онро синфҳои меҳнаткаш бо роҳбарии партияи коммунистӣ ба амал меоваранд, ҳамингуна типҳои авантюристи ниқобпӯш низ ҳамроҳ шуда мемонанд. Бар зидди онҳо мубориза бурдан, онҳоро фош ва безарар гардонидан кори басе душвор ва мураккабест, ки аз инқилобчиён ҳушьёрии синфӣ, пухтагии сиёсӣ, дурандешӣ, ақлу тадбирро талаб менамояд. Нависанда бо романи худ ана ҳамин фикрро баён ва таблиғ менамояд. Дар айни вақт тасвири воқиаи Асад Махсум ва мубориза бо фитнаи ӯ ба нависанда имкон медиҳад, ки зиддиятҳои тезу тунди синфии дар ҷамъияти Бухорои солҳои 1920-ӯми баъд аз инқилоб будаpo ошкор намояд.

Муҳофизакунандагони инқилоб, бинокорони ҳаёти нав — Ҳайдарқул, Фирӯза, Асо, Қарим, Аббос ва дигарон дар оқибати муборизаи душвор ва шадид Асад Махсумро мағлуб, фитнаи хавфноки ӯро бартараф мекунанд, самараҳои инқилобро муҳофизат менамоянд. Инқилоб ҳарчанд душманҳои зӯр, маккор ва фитнаангез дошта бошад ҳам, мағлубиятнопазир аст, онро ҳеҷ қуввае боздошта наметавонад — ин аст хулосае, ки аз романи Ҷ. Икромӣ мебарояд.

*Сотим Улугзода*